ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАВОДИ

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ»
(26 марти соли 2022)

# МАТЕРИАЛЫ

РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «РАЗВИТИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И АУДИТА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ»
(26 марта 2022 года)

Душанбе-2022

**Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт** / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с.

**Развитие бухгалтерского учета и аудита в условиях цифровизации экономики** / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 26 марта 2022 года). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 276 с.

**Ҳайати таҳририя:**
**Асрорзода У.С., Хоркашов И.С., Каримов Б.Ҳ.**

Мавқеи муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад бо ҳам мувофиқат накунанд. Маводи нашршаванда аз ҷониби муаллифони мақолаҳо дар шакли таҳриршуда пешниҳод карда шудаанд. Аз ин хотир, барои дурустии ақидаҳои пешниҳодшуда ва воқеияти далелҳои овардашуда худи муаллифони мақолаҳо масъулият мебаранд.

**Редакционная коллегия:**
**Асрорзода У.С., Хоркашов И.С., Каримов Б.Х.**

Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. Публикуемые материалы представлены авторами статьей в отредактированном виде. Поэтому за правильность представленных взглядов и объективность приведенных фактов ответственность несут сами авторы.

©Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

# БАХШИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*“... Вазорати молия вазифадор аст, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, баланд бардоштани самаранокиву шаффофияти хароҷоти он, беҳтар намудани назорат, мукаммалсозии аудити берунӣ ва идоракунии неруи инсонӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд.*

*Илова бар ин, ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад.”*

*Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 декабри соли 2021*

***Асрорзода У.С., Баҳронов Ш.Ю. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## МЕТОДИКАИ АУДИТИ ДОХИЛИИ ДУРУСТИИ ҲИСОБУЗАМКУНӢ ВА ПАРДОХТ КАРДАНИ АНДОЗҲО

Имрӯз баҳисобгирии андозҳо яке аз самтҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки дар навбати худ ба роҳ мондани аудити дохилии баҳисобгирии андозҳо ва назорати дохилии масъалаҳои андозбандиро дар корхона талаб менамояд. Вазифаи асосии баҳисобгирии андоз - ин омодасозии ҳисоботи андоз, тартиб додани эъломияҳо ва пешниҳод кардани онҳо ба мақомоти андоз мебошад.

Ҳисоботи андоз маҷмӯи ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар асоси онҳо маблағҳои ӯҳдадориҳои андозии корхона ба буҷет пардохт карда мешаванд ва аз босамарӣ ва саҳеҳии тартибдиҳии он ҳаҷмҳои воридшавиҳои андозҳо вобаста мебошанд. Босамарии тартиб додани ҳисоботи андоз аз роҳандозӣ намудани баҳисобгирии алоҳидаи андозҳо ва амалиёти бо андозбандӣ алоқаманд муайян мегардад.

Корхона бояд баҳисобгирии андозҳоро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои тартиб додани ҳисоботи андоз ҷудо кунад. Дар навбати худ саҳеҳии ҳисоботи андоз аз ҷониби аудити дохилӣ тасдиқ карда мешавад. Бино бар ин, санҷиши дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо - аудити дохилии андоз яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ дар корхона мебошад.

Аудити андозҳо дар низоми илмҳои амалии иқтисодӣ методи худро бунёд намудааст. Методи аудит бо роҳи истифодабарии қоидаҳои умумиилмӣ ва худӣ, ки методикаи аудитро бунёд мекунанд, татбиқ мегардад. Дар навбати худ, қоидаҳои методӣ - методикаи аудит (усул ва тарзҳои баҷоории аудит) тавассути амалҳои санҷишии аудиторӣ татбиқ карда мешаванд [4, с. 237]. Амалҳои санҷишии аудиторӣ – корҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳо ва объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд, ки аудиторҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ба ҷо меоранд [1, с. 56].

Муҳимии аудити дохилии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо бо чунин омилҳо алоқаманд аст:

- зуд-зуд дигаршавии қонунгузории андоз;
- мураккабии тартиби ҳисобкунӣ ва пардохт кардани андозҳо;
- номувофиқӣ ва номуайянии муқаррароти қонунгузории андоз;

- салоҳияти нобасанадаи роҳбарият ва кормандони хадамоти муҳосибии корхонаҳо;
- тамоюлҳои баландшавии “сифати” даъвоҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, ки дар суд баррасӣ мешаванд (аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок ва хуб тарҳрезӣ шудани даъвоҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон).

Супориши аудитории дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо амалҳои санҷишиеро дар бар мегирад, ки ба ошкоркунӣ, таҳриркунӣ, бартараф кардани хатоҳо дар ҳисобузамкунии андозҳо, арзёбии паёмадҳои андозии амалиёти молиявӣ-хоҷагидории объекти аудити дохилӣ ва пешгирӣ кардани хавфҳои андоз нигаронида шудаанд. Ҳадафи асосии он тасдиқ намудани дурустии ҳисобузамкунии андозҳо, санҷиши пуррагӣ ва саривақтии ба буҷет супоридани андозҳо, инчунин таҳия намудани лоиҳаҳои қарорҳои идоракунии бо беҳгардонии сиёсати андозбандии объекти аудити дохилӣ алоқаманд (масалан, интихоби низоми андозбандӣ) мебошад. Вазифаи аввалии аудитори дохилӣ ҳангоми иҷрои супориши аудитории дурустии ҳаисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо арзёбии низоми назорати дохилӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани назорати дохилии андозбандӣ мебошад.

Аудитори дохилӣ бояд боэътимодии низоми назорати дохилиро бо роҳи санҷиши хостагирона арзёбӣ намояд. Назорати дохилии андозбандӣ бо чунин самтҳо гузаронида мешавад:

- санҷиши мувофиқати сиёсати баҳисобгирии корхона бо талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (санҷиши сиёсати баҳисобгирӣ ҷиҳати андозҳо);
- назорати даромадҳо ва хароҷоти бо мақсади андозбандӣ баҳисобгирифташаванда;
- назорати дурустии истифодабарии тарҳкуниҳои андозӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳисобузамкунии андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- назорати қонунӣ ва оқилона будани истифодаи низоми андозбандии муайян (низоми умумӣ ва низомҳои махсус – низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд; низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд; низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона); низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ), инчунин дурустии истифодаи якҷояи низомҳои гуногуни андозбандӣ.

Мувофиқан самтҳои асосии гузаронидани аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо дар расми 1 оварда шудаанд.




Расми 1. Самтҳои аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо

Раванди иҷрои супориши аудитории дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо аз якчанд марҳилаҳо иборат аст:

- арзёбии пешакӣ (экспертиза)-и низоми андозбандии дар объекти аудити дохилӣ амалкунанда;
- санҷиш ва тасдиқ кардани (тасдиқ накардани) дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳои бо фаъолияти объекти аудити дохилӣ алоқаманд;
- нигориш, барасмиятдарорӣ ва пешниҳод кардани натиҷаҳои супориши аудиторӣ.

Вазифаҳои мушаххаси аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо аз ҷумла инҳо мебошанд:

- кам кардани ҳамаи намудҳои хавфи андоз (аз ҷумла хавфи ҳисобузамкунии иловагӣ ва хавфи барзиёдпардохткунӣ);
- бунёд кардани низоми босамара ва шаффофи ҳисобкуниҳои андозҳо;
- пешгирӣ кардани хатоҳо ҳангоми ҳисобкунии андозҳо;
- омодасозии саривақтӣ, таъмини саҳеҳӣ ва пуррагии ҳамаи шаклҳои ҳисоботи андоз (эъломияҳои андоз).

Барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиб аз иҷрои вазифаҳои гузошташуда таҳия намудани методикаи аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо лозим аст. Методикаи мазкур ба ҷо овардани чунин амалҳоро пешбинӣ менамояд:

- бозҳисобкунӣ – ҳисобкунии нишондиҳандаҳои гирифташуда бо дигар тарзҳои имконӣ;
- тартиб додани санадҳои муқоисакунии ҳисобикуниҳои байниҳамдигарӣ бо мақомоти андоз;
- назорати тартиби истифодашавандаи ҳисобкунии андозҳо тибқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва сиёсати баҳисобгирӣ ҷиҳати андозбандӣ;
- санҷиши дурустии истифодабарии имтиёзҳои андозӣ, меъёрҳои махсуси андоз, тарҳкуниҳо;
- таҳқиқи шаклҳоии ҳисоботи андоз (эъломияҳои андоз)-и давраҳои пешин (назорати роҳ надодан ба хатоҳои дар солҳои пешин ошкоршуда);
- санҷиши дурустии нигориш ва пуркунии ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ (эъломияҳо ва ҳисобкуниҳо);
- санҷиши саҳеҳии баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ;
- санҷиши риоягардии мухлатҳои ба буҷет пардохт кардани андозҳо.

Ба ғайр аз методикаи умумии аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо инчунин барои ҳамаи намуди андозҳо таҳия намудани методикаҳои мушаххас мақбул аст.

Дар раванди тасдиқкунии дурустии ҳисобкунии андозҳои алоҳида аудитор ҳисобкунии манбаи андозбандиро ба ҷо оварда, нишондиҳандаҳои ҳисобкардашударо бо маълумоти дар феҳристҳои баҳисобгирии андозҳо ва эъломияҳои андоз овардашуда муқоиса менамояд. Аудитор дурустии истифодабарии меъёрҳои андозҳоро бо роҳи муқоиса намудани меъёрҳои воқеан истифодашуда бо қиматҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд [3, с. 525].

Дар аксари корхонаҳо вазни қиёсии бештарро дар маблағи умумии андозҳои пардохтшаванда андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва андоз аз даромаи шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Бино бар ин, методикаи аудити дохилии ин ду намуди муҳими андозҳоро баррасӣ мекунем.

1. Методикаи аудити дохилии андоз аз арзиши иловашуда (расми 2). Аудитори дохилӣ ҳуҷҷатҳои аввалӣ (ҳисобнома-фактураҳо), феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба ААИ, китобҳои бақайдгирии амалиёти фурӯш ва харид, инчунин маълумоти ҳисоботи молиявиро муқоиса мекунад. Манбаъҳои ахбории асосӣ барои гузаронидани аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунии ААИ сиёсати баҳисобгирии корхона, ҳуҷҷатҳои аввалӣ, феҳристҳои таҳлилӣ ва таркибии баҳисобгирии андоз, эъломияҳои андоз оид ба ААИ мебошанд.

Ҳангоми гузаронидани аудити дохилии андоз аз арзиши иловашуда аудитори дохилӣ бояд ба инобат гира, ки ААИ андози ғайримустақим буда, дар тамоми марҳилаҳои муомилоти мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] ҳисобузам ва

пардохт карда мешаваад. Шахсе, ки даромади умумии ӯ дар давраи на зиёда аз 12 моҳи тақвимии пурраи пайдарпай аз як миллион сомонӣ зиёд аст, супорандаи ААИ ҳисобида мешавад.




Расми 2. Методикаи аудити дохилии андоз аз арзиши иловашуда

Объектҳои андозбандӣ бо ААИ инҳо мебошанд:

- таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби ғайрирезидент дар Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воридоти молҳо ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Манбаи анозбандӣ бо ААИ арзиши амалиёти андозбандишаванда буда, дар асоси маблағе (аз ҷумла дар шакли арзиши аслӣ), ки андозсупоранда аз мизоҷ ё аз ҳар шахси дигар мегирад ё ҳуқуқи гирифтанро дорад, аз ҷумла ҳама гуна боҷҳо, андозҳо ва пардохтҳои дигар, вале бе назардошти ААИ, муайян карда мешавад. Маблағи тахфифҳои иҷозатдодашуда, ки аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми анҷоми амалиёти андозбандишаванда ба эътибор гирифта шудааст, аз арзиши амалиёти андозбандишаванда кам карда мешавад.

Агар бар ивази амалиёти андозбандишаванда ба андозсупоранда таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) анҷом дода шавад ё андозсупоранда ҳуқуқи гирифтани онҳоро дошта бошад, арзиши амалиёти андозбандишаванда нархи бозории ин мол (кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла ҳама гуна боҷҳо, андозҳо ё пардохтҳои дигарро бе назардошти ААИ дар бар мегирад. Агар андозсупоранда бар ивази амалиёти андозбандишаванда ягон доройӣ (мол, кор ё хизматрасонӣ)-ро қабул накунад, арзиши амалиёти андозбандишаванда нархи бозории ин мол (кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла ҳама гуна боҷҳо, андозҳо ё пардохтҳои дигарро бе назардошти ААИ дар бар мегирад.

Санаи анҷом додани амалиёти бо ААИ андозбандишаванда лаҳзаи пешниҳод гардидани ҳисобнома-фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дониста мешавад. Агар ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо то ё дар лаҳзаи (рӯзи) амалӣ шудани амалиёти андозбандишаванда пешниҳод карда нашавад, рӯзҳои зерин вақти анҷом додани амалиёти андозбандишаванда дониста мешаванд:

- рӯзи қабул, фурӯхтан ё супоридани мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ);
- рӯзи боркунии мол, агар таҳвили мол тибқи шартнома ҳамлу нақли молро дар бар гирад.

Барои амалиёт ва воридоти бо ААИ андозбандишаванда чунин меъёрҳои ААИ муқаррар карда шудаанд: меъёри стандартӣ – 15%; меъёри паст кардашуда, ба истиснои воридоти анозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воришуда, нисбат ба иҷрои корҳои сохтмонӣ, хизматрасонии мезмонхонавӣ ва хизмтрасониҳои хуроки умумӣ – 7% ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ – 5%; меъёри сифрӣ - содироти мол, ба истиснои содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои сарватҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда.

2. Методикаи аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (расми 3). Аудитори дохилӣ бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро бо феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, маълумоти Китоби асосӣ ва ҳисоботи молиявии корхона муқоиса мекунад. Диққати асосӣ ба муқоисакунии пардохтҳои пешакӣ ва маблағи ҷамъбастии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ дода мешавад.




Расми 3. Методикаи аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ

Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ яке аз уҳдадориҳои асосии корхонаҳои муосир мебошад. Ҳадафи аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ муайян кардани дурустии ҳисобузамкунии андоз, санҷиши мувофиқати амалиёти баҳисобгирии андоз ба қонунгузорӣ ва тасдиқи набудани хатоҳо ва таҳрифҳо дар шакли паст ё баланд нишон додани андозаи фоида мебошад. Аз натиҷаи аудити андоз аз даромаи шахсони ҳуқуқӣ аудитори дохилӣ барои беҳгардонии андозбандии фоида тавсияҳо таҳия менамояд.

Вазифаҳои асосии аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ҷиҳати чунин масъалаҳо мебошад:

- дурустии бунёдшавии манбаи андозбандии андоз аз даромад, ҷой надоштани моддаҳои даромад ва хароҷот, ки бе асос аз манбаи андозбандӣ хориҷ карда шудаанд;
- дар ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз инъикос кардани уҳдадориҳои андозии ҷорӣ;
- инъикос кардани маблағҳои андозҳои мавқуфгузошташуда дар ҳисоботи молиявӣ мутобиқи принсипҳои амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ;
- тасниф ва кушодадиҳии ахбор оид ба хароҷот аз рӯйи андоз аз даромад, уҳдадории андозии ҷорӣ, дороиҳо ва уҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда дар ҳисоботи молиявӣ;
- пуррагӣ ва саривақтии ба буҷет пардохт кардани андоз аз даромад.

Барои дуруст гузаронидани аудити дохилии андоз аз даромаи шахсони ҳуқуқӣ ба аудитор донистани қоидаҳои асосии баҳисобгирии андоз аз даромад зарур аст. Супорандагони андоз аз даромад шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки объектҳои андозбандӣ доранд, ба истиснои шахсоне, ки ҷавобгӯи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд.

Даромади андозбандишавандаи шахси ҳуқуқӣ бо чунин меъёрҳо андозбандӣ карда мешавад:

- фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – 13%;

- фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ – 20%;

- фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин ҳама намуди фаъолияти дигар – 18%.

Манбаи андозбандии андоз аз фоида даромади умумии ба маблағи хароҷоти барои тарҳкунӣ иҷозатшуда (хароҷоти тарҳшаванда) камкардашуда мебошад. Даромади умумӣ аз даромадҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он гирифташаванда (гирифта)-и корхона дар давоми давраи андозбандӣ иборат мебошад.

Барои ҳар як намуди даромадҳое, ки нисбат ба онҳо меъёрҳои гуногуни андоз аз фоида муқаррар карда шудаанд, манбаи андозбандӣ алоҳида муайян карда мешавад.

Даромад аз таҳвили молҳо, корҳо, хизматрасониҳо дар мавридҳои пурра ё қисман бозпас гардонидани молҳо, қабул накардани корҳо ё хизматрасониҳо ва тағйирёбии шартҳои аҳд, бояд таҳрир карда шавад. Таҳриркунии даромад андозаи даромади умумии ҳамон давраи андозбандиеро тағйир медиҳад, ки дар он бозпасгардонии молҳо ба амал омадааст ё шартҳои аҳд тағйир ёфтаанд.

Хароҷоти тарҳшаванда бо моддаҳои 190, 193-197 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд ва инҳоро дар бар мегиранд:

- хароҷоти бо гирифтани даромад алоқаманд (моддаи 190);
- хароҷоти пардохтҳои эҳсонкорӣ (моддаи 193);
- хароҷоти фоизҳои қарз (моддаи 194);
- хароҷоти қарзҳои беэътимод (моддаи 195);
- хароҷоти таҳқиқотҳои илмӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва корҳои таҷрибавӣ-созандагӣ (моддаи 196);
- зарарҳои аз давраҳои пешин ба давраҳои оянда гузаронидашуда, инчунин зарарҳои ҳангоми фурӯш ё супоридани амвол пайдошаванда (моддаи 197).
- хароҷоти истеҳлок ва тарҳҳои дигар аз рӯи дороиҳои истеҳлокшаванда (моддаҳои 198, 201, 203);
- хароҷоти таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда (моддаи 202);
- хароҷоти истифодабарии захираҳои табиӣ (модаи 209);

- зарар аз фарқияти мубодилаи асъор (моддаи 212).

Аз даромади умумӣ ҳамаи хароҷоти воқеан баҷоовардашудаи тасдиқшуда, ки ба давраи ҳисоботӣ тааллуқ доранд ва бо гирифтани чунин даромад алоқаманданд, тарҳ карда мешаванд, аз ҷумла:

- хароҷоти тасдиқшудаи уҳдадориҳои андозӣ бо баҳисобгирии маҳдудиятҳои нисбат ба андозҳо ва ҷаримаҳо муқаррарнамудаи зербанди н) қисми 8 модаи 192 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- хароҷоти бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи пардохти меҳнат, хароҷоти сафари хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои бо санадҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда (хароҷоти сафари хизматии зиёда аз меъёрҳои муқарраршуда дар асоси моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даромади корманд дохил карда мешаванд);
- хароҷоти тасдиқшуда барои ашёи хом, мавод, хароҷоти реклама, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда, ба истиснои хароҷоти вобаста ба сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва васлсозии онҳо (аз ҷумла хароҷоти фарқияти манфии қурби асъор, ҷаримаҳо ва фоизҳои қарз, ки ҳангоми сохтмон ва насб ба арзиши воситаҳои асосӣ мансуб дониста мешаванд), инчунин хароҷоти дигаре, ки мутобиқи модаи 214 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти асосӣ (капиталӣ) доранд ва хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 192 ва дигар муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тарҳ карда шаванд.

Ҳангоми гузаронидани аудити дохилӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи даромадҳо ва хароҷот, ки манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ба санҷиш фаро гирифта мешаванд.

Яке аз самтҳои асосии аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ санҷиши нигориши ҳуҷҷатии масрафҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мебошад. Барои санҷиши баҳисобгирии андоз ҳуҷҷатҳои аввалии муҳосибӣ истифода мешаванд. Ҳангоми санҷиш инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ҳайати кормандон ва сиёсати баҳисобгирӣ таҳқиқ карда мешаванд. Номгӯйи ҳуҷҷатҳои аввалии санҷидашаванда аз хусусиятҳои пешбурди фаъолияти корхона вобаста мебошад. Ҳангоми санҷиш хароҷоти ба ҳисобкунии манбаи андозбандии андоз аз аромади шахсони ҳуқуқӣ дохилнашаванда ба таҳқиқи хоса фаро гирифта мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Аренс А., Лоббек Дж. Аудит: Пер. С англ. – М.: Финансы и статистика, 2003. – 560 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__01-01-2022-RT_tj.pdf
3. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 582 с.
4. Хахонова Н.Н., Богатая И.Н. Аудит. Учебник. – М.: Кнорус, 2016. – 720 с.



***Хоркашов И.С., Алиева Л.Ю. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## МЕТОДИКАИ ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ДАР ИСТЕҲСОЛОТ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ МОДДӢ

Сарватҳои моддӣ дар раванди дар истеҳсолот истифода шудани худ ба хароҷоти моддӣ мубаддал гашта, арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро бунёд менамоянд. Аз ин хотир, истифодабарии оқилона ва сарфакоронаи масрафҳои моддӣ дар истеҳсолот арзиши аслии маҳсулотро кам мекунад.

Истифодаи самараноконаи сарватҳои моддӣ дар истеҳсолот, харҷи оқилонаи онҳо, истифодабарии масолеҳи арзон ва пурсамар – самтҳои муҳимтарини зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаи истеҳсолӣ мебошад.

Навкунии навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои анҷомдодашаванда, васеъгардонии иқтидорҳои истеҳсолӣ ба афзоиши талабот ба масолеҳ меоварад. Корхонаҳои муосир миқдори зиёди масолеҳи намуд, навъ, андозаҳои гуногунро дар раванди истеҳсолӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва анҷом додани корҳо (хизматрасониҳо)-и худ истифода мебаранд. Номгӯй ва навъҳои масолеҳи истифодашаванда аз номгӯйи навъҳо ва мураккабии маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста аст. Таҳқиқи номгӯйҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда имкон медиҳад, ки талабот бар ҳамон як масолеҳ дуруст ба низом даровarda ва гурӯҳбандӣ карда шавад.

Таҳқиқҳо дар корхонаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯи умумии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои саноатии муосир масрафҳои моддӣ тақрибан 70%-ро ташкил медиҳанд, ки ин шоҳиди масолеҳғунҷоиши баланди маҳсулоти саноатӣ мебошад. Паст кардани сатҳи масолеҳғунҷоиши маҳсулот самти муҳимтарини беҳгардонии кори корхона мебошад, чунки истифодаи сарфаноки тамоми намудҳои сарватҳо афзоиши истеҳсол ва пастшавии арзиши аслии маҳсулотро таъмин менамояд [2, с. 141].

Афзоиши талабот ба масолеҳ дар корхонаҳои истеҳсолӣ бо роҳҳои экстенсивӣ (миқдорӣ) ва интенсивӣ (сифатӣ) қонеъ гардонида мешавад.

Роҳи экстенсивии қонеъгардонии талабот истифода бурдани миқдори зиёди масолеҳро талаб менамояд. Арзиши аслии маҳсулот дар ин ҳолат паст шуда метавонад, агар ҳаҷми истеҳсолот зиёд шуда ва хароҷоти доимӣ кам шуда бошанд.

Роҳи интенсивии қонеъгардонии талабот харҷкунии сарфаноктари масолеҳро дар истеҳсолот талаб менамояд, ки ин бешак ба пастшавии арзиши аслии маҳсулот меоварад.

Идоракунии оқилонаи сарватҳои моддии корхонаи истеҳсолӣ фақат ҳангоми мавҷуд будани механизми босамари баҳодиҳӣ ва таҳлили масолеҳ имкон дорад. Ҳоло дар амалияи таҳлили иқтисодӣ методикаҳои зиёди таҳлил пешниҳод гардидаанд, ки ба ҳалли масъалаи идоракунии сарватҳои моддӣ мусоидат менамоянд.

Мақсади таҳлили сарватҳои моддӣ дар гирифтани ҳаҷми зарурии ахбори аниқ ва саривақт баҳодиҳандаи вазъи сарватҳои моддӣ, аз ҷумла ашёи хом ва масолеҳ, истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти тайёр, мувофиқати онҳо ба талаботи бозор ва ё талаботи истеҳсолот, муайян намудани захираҳои иловагии сарватҳо барои васеъгардонии иқтидори истеҳсолии корхона ифода меёбад.

Мувофиқи мақсади муқаррааргардида вазифаҳои асосии таҳлили сарватҳои моддиро ҷудо менамоем, ки инҳоанд [3, с. 378]:

- омӯзиши сатҳи таъминнокии истеҳсолот бо сарватҳои моддӣ (масолеҳ) ва муайян кардани таъсири ин омил ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот;
- баҳодиҳии вазъи сарватҳои моддии истеҳсолӣ, бозоргирӣ ва суръати гардонии онҳо;
- баҳодиҳии сатҳи самаранокии истифодабарии масолеҳ дар истеҳсолот;
- ошкор кардани захираҳои дохилихоҷагии сарфакунии сарватҳои моддӣ ва таҳия намудани чораҳои мушаххас барои истифодабарии онҳо.

Чун манбаъҳои ахборӣ барои гузаронидани таҳлили сарватҳои моддӣ (масолеҳ) дар корхонаҳои тиҷоратии истеҳсолӣ инҳо баромад менамоянд:

- бизнес-нақшаи корхона;
- маълумоти баҳисобгирии фаврӣ-техникӣ ва муҳосибӣ;
- дархостҳо, аҳдномаҳо ва шартномаҳо бо таъминкунандагон барои таҳвили ашёи хом ва масолеҳ;
- ҳисобот оиди бақияҳо, воридшавӣ ва харҷи ашёи хом ва масолеҳ;
- ҳисобот оиди харҷи сарватҳои сӯзишворӣ ва энергия;
- ҳисобот оиди масрафҳои истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо);
- маълумот дар бораи баҳисобгирии муҳосибии таркибӣ оиди воридшавӣ, харҷкунӣ ва бақияҳои сарватҳои моддӣ ва ғ.

Ҳоло дар корхонаҳои истеҳсолӣ таҳлили сарватҳои моддӣ бо чунин самтҳо ба ҷо оварда мешавад [1, с. 386]:

- таҳлили мавҷудият, сохтор ва ҳаракати масолеҳ дар корхона;
- таҳлили таъминнокии корхона бо масолеҳ;

- таҳлили нишондиҳандаҳои асосии истифодабарии масолеҳ дар истеҳсолот;

- таҳлили самаранокии истифодабрии масолеҳ дар истеҳсолот.

Акнун муҳтавои ҳар яке аз ин самтҳои таҳлиро шарҳ медиҳем.

1. Таҳлили мавҷудият (ҳайат), сохтор ва ҳаракати (динамикаи) масолеҳ дар муқоисакунӣ бо солҳои пешин бо мақсади ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии истифодабарии масолеҳ дар доираи унсурҳои таркибии онҳо гузаронида мешавад. Инчунин таҳлили сохтори масолеҳ барои ошкор намудани намудҳои бештар истифодашавандаи сарватҳои моддӣ дар фаъолияти хоҷагидории корхона ба ҷо оварда мешавад.

Натиҷаҳои таҳлили ҳайати масолеҳ барои таҳия намудани чорабиноиҳо оиди беҳгардонии сохтори масолеҳ ба хотири баландбардории самаранокии истифодабарии онҳо мусоидат менамоянд. Тағйирёбии андозаи савартҳои моддӣ бо роҳи муқоиса намудани мавҷудияти онҳо дар охири сол бо мавҷудияти онҳо дар аввали сол, инчунин муқоиса кардан бо маълумотҳои ҳисоботии солҳои пешин муайян карда мешавад.

2. Дар рафти таҳлили таъминнокии корхона бо масолеҳ инҳо баҳо дода мешаванд:

- сатҳи таъминнокии талабот бо масолеҳ бо аҳдномаҳо ва шартномаҳо бо таъминкунандагон барои таҳвили сарватҳои моддӣ ва иҷроиши воқеии онҳо;

- мавзунии таҳвили масолеҳ ва таъмири вайронкуниҳои тартиб ва муҳлатҳои таҳвил ба барориши маҳсулот;

- мувофиқати таъминнокии воқеӣ бо масолеҳ бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ;

- камкунии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо сабаби таъминнокии суст бо масолеҳ.

Барои таъмин намудани раванди муътадили истеҳсолот захираҳои масолеҳ бояд беҳтарин бошанд. Зиёдшавии ҳиссаи сарватҳои истеҳсолӣ дар сохтори дороиҳои гардони корхона метавонад гувоҳӣ диҳад аз:

- васеъгардии миқёсҳои фаъолияти корхона;

- ҷаҳд намудан барои ҳифзи воситаҳои пулӣ аз коҳишёбии нарх бо таъсири таваррум;

- идоракунии ғайрисамаранокорнаи захираи сарватҳои моддӣ.

Ҳамзамон норасогии масолеҳ метавонад ба мавзунӣ ва беистии раванди истеҳсолот таъсири манфӣ расонад. Аз ин хотир, ҳар як корхона бояд ба он ҷаҳд намояд, ки истеҳсолот саривақт ва бо ҳаҷми пурра бо сарватҳои моддии зарурӣ таъмин гардад ва ҳамзамон ин сарватҳо дар анборҳои корхона беҳуда ва муҳлатҳои тӯлонӣ хоб накунанд.

Сатҳи таъминнокии талаботи корхона бо саврватҳои моддӣ бо шартномаҳои таъминкунӣ бо ёрии чунин нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад [1, с. 312]:

А) Коэффисиенти таъминнокӣ бо масолеҳ аз рӯи нақша, ки бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$К_{таъм0} = \frac{\text{Арзиши масолеҳ тибқи шартномаҳои басташуда}}{\text{Талаботи нақшавӣ аз манбаъҳои берунӣ}} \qquad (1)$$

Б) Коэффисиенти таъминнокии воқеӣ бо масолеҳ, ки бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$К_{таъм1} = \frac{\text{Арзиши масолеҳи воқеан таҳвилшуда}}{\text{Талаботи нақшавӣ аз манбаъҳои берунӣ}} \qquad (2)$$

Дар мавриди номгӯйи навъҳои зиёди масолеҳ гузаронидани таҳлили саросарӣ барои ҳама намудҳо ва навъҳои масолеҳ душвор мебошад, бинобар ин, иҷроиши нақшаи таҳвили масолеҳ аз таъминкунандагон алоҳида аз рӯи намудҳои асосӣ ва камчини сарватҳои моддӣ таҳлил карда мешавад.

Таъмин набудан бо шартномаҳои таҳвили масолеҳ аз таъминкунандагон ва иҷроиши нопурраи онҳо ба вайронгардии номгӯйи навъҳои (ассортименти) молӣ оварда, инчунин ба косташавии сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда мусоидат менамояд.

Дар анҷоми таҳлили таъминнокии корхона бо масолеҳ баҳодиҳии миқдории талафот дар оқибати нопурра таҳвил гардидани масолеҳ, сифати пасти ашёи хом ва масолеҳ, тағйирёбии нархҳои масолеҳ, бекорхобиҳо бо сабаби саривақт нарасидани масолеҳ ба ҷо оварда мешавад.

Баландшавии самаранокии истифодабарии масолеҳ боиси камшавии масрафҳои моддӣ барои истеҳсоли маҳсулот, пастшавии арзиши аслии маҳсулот ва афзӯншавии фоидаи корхона мегардад. Вобаста ба ин ба ғайр аз дарки дурусти мантиқии ин робитаи сабабиву оқибатӣ, инчунин муайянкунии дурусти тамоилоти таъсири самаранокии истифодабарии масолеҳ ба бузургии масрафҳои моддӣ низ муҳим мебошад.

3. Дар рафти таҳлили истифодабарии масолеҳ пеш аз ҳама санҷиши дурустӣ ва асоснокии нақшаи таъминнокии моддӣ-техникӣ ба ҷо оварда шуда, пас иҷроиши он аз рӯи ҳаҷм, номгӯйи навъҳо ва мухлатҳо санҷида мешавад. Ба хотири таъмин намудани асоснокии иқтисодии талаботи нақшавӣ бо намудҳои масолеҳ, меъёрҳои харҷи масолеҳ барои воҳиди маҳсулот бо ифодаи аслӣ бо меъёрҳои ҳангоми муайянкунии нақшаи талабот ба масолеҳ истифодашаванда ва бо меъёрҳои дар арзиши аслии нақшавӣ ифодагардида муқоиса карда мешаванд. Талабот бо таҳвили масолеҳ дар асоси барномаи истеҳсолӣ ва меъёрҳои асоснокгардида муайян карда мешавад.

Барои ҳисобкуниҳо чунин формула истифода мешавад:

Талабот ба таҳвили масолеҳ = талабот аз рӯи меъёрҳо барои барнома + Захираи нақшавии масолеҳ дар охири сол – Бақияи масолеҳ дар аввали сол.

4. Барои тавсиф додани самаранокии истифодабарии масолеҳ дар истеҳсолот низоми нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ (умумӣ) ва ҷузъӣ истифода мешаванд. Истифодабарии нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ имкон медиҳад, ки тасаввуроти умумӣ оиди сатҳи самаранокии истифодабарии масолеҳ ҳосил гардад. Нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ – ин фоида бар як сомонӣ масрафҳои моддӣ, масолеҳбоздеҳӣ, масолеҳғунҷоиш, коэффисиенти таносуби суръатҳои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва масрафҳои моддӣ, ҳиссаи масрафҳои моддӣ дар асрзиши аслии маҳсулот, коэффисиенти истифодабарии масолеҳ мебошанд.

Дар ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии самаранокии истифодабарии масолеҳ оварда шудаанд [1, с. 328].

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии истифодабарии масолеҳ

| № | Нишондиҳанда | Формулаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Гардонии масолеҳ, гардиш | Арзиши аслии фурӯш / бузургии миёнасолонаи ашё | Нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ корхона чанд маротиба бақияи миёнаи мавҷудаи масолеҳро истифода бурдааст |
| 2 | Гардонии масолеҳ, рӯзҳо | 365 / гардонӣ | Нишон медиҳад, ки дар кадом микдори рӯзҳо масолеҳ дар дохили корхона истифода мешаванд |
| 3 | Фоида бар як сомонӣ масрафҳои моддӣ | Фоида аз фаъолияти асосӣ / масрафҳои моддӣ | Самаранокии истифодабарии масолеҳро нишон медиҳад |
| 4 | Масолеҳбоздеҳӣ | Маҳсулоти молӣ / масрафҳои моддӣ | Нишон медиҳад, ки аз ҳар як сомони масрафҳои моддӣ чӣ қадар маҳсулот истеҳсол шудааст |
| 5 | Масолеҳғунҷоиш | Масрафҳои моддӣ / маҳсулоти молӣ | Сатҳи масрафҳои моддии ба 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ ростояндаро нишон медиҳад |
| 6 | Ҳиссаи масрафҳо дар арзиши аслӣ | Масрафҳои моддӣ / арзиши аслии пурра | Динамикаи ин нишондиҳанда тағйирёбии масолеҳғунҷоиши маҳсулотро васф мекунад |

Ҳамин тавр, ҳоло мавзеи муҳим барои ҷӯстуҷӯ ва дарёфти роҳҳои баландбардории самаранокии фаъолияти корхона таҳлили сарватҳои моддӣ (ашёи хом, масолеҳ) мебошад. Тавассути чунин таҳлил роҳбарияти корхона имконият меёбад, ки ҳама маълумоти заруриро барои беҳгардонии нишондиҳандаҳои ниҳойии кори корхона дастрас намояд.

Фикр мекунем, ки таҳлили масолеҳ пеш аз ҳама барои истифодабарандагони дохилии ахбор нигаронида шудааст, вале ҳамзамон вай метавонад аз ҷониби истифодабарандагони берунӣ низ ба кор бурда шавад. Мебояд қайд кард, ки ахбори таҳлилӣ оиди масолеҳ имконияти саривақт муайян кардани талаботи корхонаро ба сарватҳои моддӣ пешкаш менамояд, самаранокии истифодабарии масолеҳро муайян мекунад, таҳлили гардонии сарватҳои моддиро ба ҷо меорад.

Таҳлил имконият медиҳад, ки моҳияти амалиёти хоҷагидорӣ оиди ҳаракати сарватҳои моддӣ ошкор карда шуда, баҳодиҳии ҳолатҳои хоҷагидорӣ бо масолеҳ ва дар натиҷҳоа, далелҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ асоснок карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Гиляровская Л.Т. Комплексный экономический анализ хозяйственной деятельности. - М: ТК «Велби»: Проспект, 2010. – 530 с.
2. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 220 с.
3. Стражев В.И. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: учебник - 6 издание. - Мн: Высш. шк, 2005 – 480 с.



***Каримов Б.Ҳ. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

***Нуров Б.А. - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***


## МУКАММАЛГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАТБИҚИ АУТСОРСИНГИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТОРӢ

Ҳоло тариқаҳои зиёди баланд бардоштани самаранокии кори корхона аз ҳисоби беҳгардонии кори хадамоти муҳосибӣ мавҷуд мебошад: пешбурди стандартикунонӣ дар истифодабарии хадамоти муҳосибӣ, низоми интихоб ва ҳавасмандгардонии кормандон, раванди дастгирии қарорҳои мавҷуда, низоми назорати дохилӣ, идоракунии стратегӣ. Яке аз тарзҳои мукаммалгардонии кори хадамоти муҳосибӣ IT-аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ мебошад, ки метавонад самаранокии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона, аз ҷумла рақобатпазириро ҳангоми риояи шароити муайян ба таври назаррас баланд бардорад.

Афзалияти IT-аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ нисбат ба дигар тариқаҳои пешниҳодшуда дар он аст, ки вай умумӣ мебошад, чунки татбиқи он дар корхона ба зарурати ба ҷо овардани дигар роҳҳои баландбардории самаранокии шуъбаи технологияҳои иттилоотиро аз байн мебарад, яъне дар доираи татбиқи лоиҳаи аутсорсинг дар бисёр самтҳои фаъолияти корхона самаранокии кор афзун мешавад.

Истилоҳи IT (“технологияҳои иттилоотӣ”) ба амалияи фаъолияти муҳосибӣ дар солҳои 60-70 асри бист ба таври всасеъ орид гардид. Дар он давра ин технология нав акнун ба низоми идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ ворид гардид. Имрӯз корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз навовариҳои технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ бархурдор гардида, тарзҳои муосири онро дар фаъолияти худ истифода мебаранд. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои техникии фаъолияти муҳосибӣ дар корхонаҳо ва бозори хизматрасониҳо низ рушд ёфтаанд. Корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи корхонаҳои хориҷиро зуд ба худ қабул менамоянд. Кормандони корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши технологияҳои компютерии муҳосибӣ фаъол мебошанд.

Низомҳои компютерии муҳосибӣ новобаста аз ҳаҷм, платформаи программавӣ ва арзиши худ бояд пешбурди босифат ва самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва ҳама амалиётҳои бо истифодабарии ахбори баҳисобгирӣ вобастабударо таъмин намоянд. Онҳо бояд ҳисобкуниҳои арифтметикиро ба ҷо оранд; омодасозӣ, пуркунӣ, санҷиш ва чопкунии ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва ҳуҷҷатҳоиҳисобоиро дар шаклҳои дилхоҳ таъмин намоянд; гузарониши бехатои маълумотҳоро аз як шакли ҳуҷҷат ба шаклҳои дигари ҳуҷҷатҳо ба ҷо оранд; ғункунии ҷамъбастҳо ва ҳисобкунии фоизҳои дорои дараҷаҳои гуногуни

мураккабиро иҷр намоянд; муроҷиат ба маълумотҳои солҳои пешин (бурдани бойгонӣ)-ро таъмин намоянд [1, с. 32].

Вобаста аз хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муҳосиботи корхона, системаҳои компютерии коркарди ахбори муҳосибӣ метавонанд дорои сохтори гуногун бошанд, вале ҳатман онҳо бояд ба сохтори нақшаи ҳисобҳои субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ бошанд. Нақшаи ҳисобҳо ҷуркунии асосии низоми компютериро барои коркарди иттиилооти баҳисобгирии муҳосибӣ муайян намуда, талаботи хосаро ба вай пешниҳод менамояд. Модулҳои низом, ки ба ҷо овардани ҳисобкуниҳо, баровардани ҷамъбастҳо ва натиҷаҳо, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва дигар амалиётҳои бо хизматрасониҳои муҳосибӣ алоқамандро таъмин менамоянд, бояд меъёрҳои ҳисобкуниро, ки дар айни замон дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ қабул шудаанд, истифода баранд.

Боэътимодии низом дар ҷиҳати компютерӣ ҳифз будани онро аз вайроншавӣ ва ноқисиҳои нобаҳангом ва дар баъзе ҳолатҳо аз вайронкунии қасдонаи маълумотҳо ифода менамояд. Тавре маълум аст, компютерҳои муосир ниҳоят кушода мебошанд, аз ин рӯ наметавон боэътимодона маълумотро дар сатҳи ҷисмӣ пурра муҳофизат намуд. Муҳим он аст, ки пас аз вайроншавии низом, ки пойгоҳи маълумотҳоро коста намудааст, тавонист, ки ба таври осон онро барқарор намуд ва коршоямии низомро дар муҳлатҳои зуд барқарор кард. Ҳоло дар технологияҳои компютерии муосир тарзҳои зиёди ҳифзи маълумот ва барқароркунии пойгоҳи маълумотҳо пас аз вайроншавӣ таҳия гардидаанд, ки боэътимодии ҳифзи ахбори муҳосибиро дар бонкҳо таъмин менамоянд.

Корхонаҳои тиҷоратӣ аз бозори програмаҳо ва воситаҳои компютерӣ барои худ бояд он истеҳсолкунандаеро интихоб намоянд, ки дар бозори маҳсулоти програмавии ҷаҳонӣ номдор буда, дорои шабакаи бонуфузи мизоҷон аз ҳисоби ташкилотҳои бонкӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ширкатҳои пешкашкунандаи технологияҳои компютерӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ фаъолият менамоянд (чун ҶДММ “Шанс”, “1 Сония”), ки маҳсулот ва хизматрасониҳои онҳо асосан барои субъектҳои хоҷагидории тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ нигаронида шудааст. Ин ширкатҳо барои корхонаҳои тиҷоратӣ ҳоло маҳсулоти гуногун пешниҳод мекунанд. Ин ширкатҳо асосан дастаи програмаҳои муҳосибии ширкати 1С-и Федератсияи Россияро ба мизоҷони худ пешкаш менамоянд.

Самти дигари мукаммалгардонии истифодабарии аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ин баҳодиҳии хавфҳо ваояндабинии вазъи молиявӣ, андешидани тадбирҳо барои ҳимояи худ аз таъсири ҳаргуна омилҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Барои ин корро анҷом додан дар корхона метавон аутсорсингро истифоа бурд. Дар ин маврид ба соҳибкор муҳим на канорагирӣ кардан аз  хавф, балки пешбинӣ кардан ва ҳамзамон паст кардани он то сатҳи мақбули имконӣ мебошад.

Яке аз воситаҳои таъсирнок, ки дар ошкор кардани имкониятҳои баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ, рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхона нақши муҳим бозида метавонад, ин назорати дохилӣ мебошад. Корҳои назорати дохилииро низ метавона ба зиммаи аутсорсинг гузошт. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ нақши назорати дохилӣ чун унсури ҷудонопазири низоми идоракунии сифат, ки тибқи стандартҳои сифат асоси таҳиясозӣ ва татбиқи амалҳои тасдиқи сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо мебошад ва ба таъмини сифати онҳо талаботи аникро пешниҳод менамояд, набояд аз назар дур монад (расми 1).

Ҳамин тавр, иқдоми аввалиндараҷа барои таъмин намудани сифати кори аутсорсинг, ки аз ташкилоти аудиторӣ даъват карда мешаавад, ин ба раванди аутсорсинг дохил намудани амалҳо оид ба назорати сифат аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ, яъне таъсис додани низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад. Назорати дохилии сифати аудит – низоми чорабиниҳои ташкилӣ, методикаҳо ва амалҳое мебошад, ки ташкилоти аудиторӣ онҳоро барои санҷиши аз ҷониби кормандони худ иҷро шудани талаботи бо санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, инчунин талаботи қоидаҳо ва стандартҳои дохилии ташкилот ба ҷо меорад.




Расми 1. Назорати дохилӣ дар низоми идоракунии сифат

Тавре моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" [4] муқаррар менамояд, ташкилоти аудиторӣ бояд амалҳои назорати сифати аудитро мутобиқи стандартҳои миллӣ ё байналмилалии аудит ва кодекси одоби касбии аудиторҳо таҳия карда ва иҷроиши онҳоро назорат намояд. Назорати дохилии сифати аудит аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ мустақилона тибқи стандартҳои миллӣ ё байналмилалии аудит ба ҷо оварда мешавад.

Барои дуруст сарфаҳм рафтан ба моҳияти мафҳуми назорати сифати аутсорсинг зарур мешуморем, ки ин ҷо дар бораи баъзе мафҳумҳои ба низоми назорат дар субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд, ба монанди "назорати дохилӣ" (низоми назорати дохилӣ) ва "аудити дохилӣ" дар вобастагӣ бо стандартҳои байналмилалии аудит, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти соҳа мулоҳизаронӣ кунем.

Дар СБА 315 "Ошкоркунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои таҳрифи муҳим тавассути омӯзиши ташкилот ва атрофи он" мафҳуми "низоми назорати дохилӣ" чун "равандҳои аз ҷониби шахсони ба идоракунии ташкилот масъул ва дигар кормандони ташкилот таҳиякардашуда, татбиққардашуда ва нигоҳдоришаванда барои таъмини боварии оқилона ҷиҳати ноилгардии ҳадафҳои ташкилот дар соҳаи омодакунии ҳисоботи молиявии боэътимод, натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолият ва риоягардии қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ" шарҳ дода шудааст [5].

Бо назардошти тавсияҳои СБА 315 "Ошкоркунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои таҳрифи муҳим тавассути омӯзиши ташкилот ва атрофи он" низоми назорати дохилии ташкилот унсурҳоеро дар бар мегирад, ки дар расми 2 оварда шудаанд.




Расми 2. Унсурҳои низоми назорати дохилии ташкилот

Дар рафти гирифтани иттилоот барои дарк кардани муҳити назоратӣ бояд ин ду ҷиҳати асосӣ баҳоиҳӣ карда шавад:

- роҳбарияти корхона аз болои шахсони барои идоракунии ташкилот масъулбуда назорат мебарад ё не;
- оё ҷонибҳои қавии унсурҳои муҳити назоратӣ дар маҷмуъ асоси муносибро барои дигар унсурҳои назорати дохилӣ таъмин мекунанд, инчунин камбудиҳои муҳити назоратӣ ба дигар унсурҳои назорати дохилӣ таъсири номатлуб намерасонанд.

Тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" дар субъектҳои хоҷагидории дорои манфиати умум амал намудани хадамоти аудити дохилӣ ҳатмӣ мебошад [3]. Моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" [4] муқаррар менамояд, ки аудити дохилӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ташкил карда шуда, ба манфиати соҳибмулкон амал мекунад ва тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳои дохилии дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияшуда, стандартҳои эътирофшудаи аудити дохилӣ ва талаботи кодекси одоби касбии аудиторҳо танзим карда мешавад.

Муалллиф Р.С. Тоҳирова қайд менамояд, ки аудити дохилӣ – низоми назорати риоякунии тартиби муқарраргардидаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии амалкунии хадамоти назорати дохилӣ мебошад, ки дар худи субъекти хоҷагидорӣ (муассисаи давлатӣ) ба манфиати соҳибмулкони вай ташкил карда шуда, бо санадҳои дохилии корхона (муассиса), ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои аудити дохилӣ ва талаботи кодекси одоби касбии аудитор таҳия шудаанд, танзим карда мешавад [6, с. 39].

Муаллифон Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён ва М.Б. Каримиён дар асоси омӯзиши адабиёт мафҳуми назорати дохилиро чун маҷмӯи сиёсат ва амалҳое шарҳ медиҳанд, ки аз ҷониби роҳбарияти корхона барои таъмини ҳифзи дороиҳои корхона ва эътимод доштан ба дақиқӣ ва саҳеҳии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд [2, с. 266].

Ҳадафи ташкил ва амалкунии низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аутсорсинги муҳосибӣ ин саривақт ошкор кардан ва бартараф намудани тамоилот, хатоҳо ва бесамарӣ дар кор барои ташаккули сифати кафолатдодашудаи аудит – таъмини эътимод ҷиҳати он ки фаъолияти аудиторӣ бо риоя гардидани санадҳои меъёрии амалкунанда, стандратҳои касбии аудит, меъёрҳои одоби касбии аудиторӣ ва мутобиқ бо интизориҳои гурӯҳҳои асосии истифодабарандагон ба ҷо оварда мешавад, мебошад. Ин низом вазифаи идоракунии назорати сифатро иҷро мекунад ва барои фаъолияти бомуваффақонаи аутсорсинг ниҳоят муҳим аст, ки ин вазифа босамарона ва сарфакорона иҷро шуда, тамоми фаъолиятро аз поён то боло фаро гирад.

Низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аутсорсинги муҳосибӣ дар ташкилоти аудиторӣ воситаи пешгирӣ намудани паҳншавии аудити "нуҳуфта" (ҳолате ки ба ҳисоботи молиявии бардурӯғ ва беэътимод бе гузаронидани санҷиши аудитории пурра ва воқеъбинонаи он хулосаи аудитории мусбат дода мешавад) мебошад. Ин ҳангоми ба ҷо овардани амалҳои назорати сифат дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои кории аудитор, ки ё ниҳоят камшуморанд, ё тамоман вуҷуд надоранд, ошкор карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Гохберг Г.С., Зафиевский А.В., Короткин А.А. Информационные технологии. – Издательство: Академия, 2004. – 360 с.
2. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. - Душанбе: Ирфон, 2020. - 444 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 169 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://base.mmk.tj/view
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 521 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://base.mmk.tj/view

5. Международный стандарт аудита 315 “Выявление и оценка рисков существенного искажения посредством изучения организации и ее окружения” [Электронный ресурс] / URL:/ https://www.audit-it.ru/terms/audit/msa_315
6. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 582 с.

***Абдурахимов А.А. – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова***

## ПРИМЕНЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ПРЕПОДАВАНИИ ДИСЦИПЛИНЫ «БУХГАЛТЕРСКИЙ (ФИНАНСОВЫЙ) УЧЕТ»

В образовательном процессе сложилось, утвердилось и широко распространилось три формы сотрудничества преподавателя - пассивных, активных и интерактивных методов. Каждый из них обладает своими особенностями [2].

Пассивные методики – преподаватель является главным руководителем и управляет ходом занятий, а учащиеся выступают пассивными слушателями. Взаимодействие преподавателя и студентов на пассивной работе осуществляется путем опроса, самостоятельной, контрольной работы, тестирования и так далее. По современным педагогическим технологиям и эффективности усвоения учениками учебных материалов пассивный метод неэффективен, хоть и обладает своими плюсами.

Это сравнительно легкое подготовленное к занятию от преподавателя, а также возможность преподносить относительно большое количество учебных материалов в ограниченной для занятия временной рамке.

Активные методики являются формой взаимодействия учеников и преподавателей, в которых они взаимодействуют в процессе занятия, и здесь студенты являются не пассивными слушателями, но активными участниками, студентами и преподавателями.

В отличие от других методов интерактивная ориентирована на более широкую связь студентов с преподавателями, а также на доминирование их активности в процессе подготовки. Удельный вес образовательных занятий, проводящийся в интерактивной форме, зависит от целей и задач основной учебной программы, содержания конкретных дисциплин и, в целом, в учебном процессе, должен быть не менее определенного процента от аудиторного объема занятий [1, с. 52].

Преимущества интерактивных методов обучения для профессиональной подготовки студентов в области учетных дисциплин определяются следующими приоритетами:

1.Студенты осваивают новый материал не в качестве пассивных слушателей, а в качестве активных участников процесса обучения.

2.Будущие специалисты получают навыки владения современными технологиями обработки информации.

3.Вырабатывается умение самостоятельно изучать и анализировать законодательные и нормативные документы, отслеживать вносимые в них изменения.

4.Оперативность и актуальность получаемой информации; студенты оказываются вовлеченными в решение сложных практических ситуаций, которые имеют место в бухгалтерской, экономической и аудиторской деятельности.

5.Доступность и гибкость. Студенты могут использовать в процессе обучения информационные законодательные и нормативные базы.

6.Интерактивные методы обучения позволяют осуществлять возможность постоянных контактов студентов с преподавателем. Они делают более профессиональным образовательный процесс [3, с.132].

В соответствии с вышеизложенным предлагается рассмотреть основные методы активной и интерактивной подготовки в обучении дисциплины «Бухгалтерский (финансовый) учет».

Особенности содержимого курса «Бухгалтерский (финансовый) учет» - следующее:

- *Большое значение уделяется нормативной базе*. Конституция Республики Таджикистан упоминает о бухгалтерском учете, в котором относятся официальные статистические и бухгалтерские учета к ведению Республики Таджикистан. Кодекс Республики Таджикистан – систематизированный законодательный акт устанавливает нормы о регулировании какой-либо определенной отрасли правовых отношений. Гражданский и налоговый кодекс Республики Таджикистан имеют важное значение для бухгалтеров. В организациях бухгалтерский учет осуществляется обязательно и четко в соответствии со требованиями Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» от 25 марта 2011г. № 702, Приказом Президента Республики Таджикистан, Постановления Правительства Республики Таджикистан, Нормативные документы Министерства и Министерств составляют основную массу конкретных норм о бухгалтерском учете. Именно опыт оперативной и грамотной обработки этих документов на практике дает студенту возможность стать специалистом по бухгалтерскому учёту;

- постоянное обновление содержания курсов в зависимости от тенденций развития бухгалтерского учета и финансовой отчетности в Республики Таджикистан и соответствующих изменений в нормативной базе, регулирующей его. Уметь следить за введением в действие подобных изменений, а также своевременно обновить уже полученный материал, студентам следует научиться ещё в процессе обучения в университете;

- *Прикладная природа этой науки*. Знания, полученные при изучении курса «Бухгалтерский (финансовый) учет», потом широко применяются экспертом в организации и бухгалтерской, и аналитической работы компании. Эффективность учета, полное наблюдение за законностью выполняемых операций, своевременность и полнота отражения их в бухгалтерской системе организации может обеспечить только высококвалифицированный персонал. Качество обучения специалистов в этой области знаний, уровень полученного опыта также оказывают прямое влияние на эффективность финансового и экономического развития организации. Одна из задач курса - формирование в студентах умения использовать необходимую информацию, чтобы предотвратить негативные результаты деятельности организации, выявлять внутрихозяйственные резервы финансовой стабильности организации и содействовать его экономическому росту. [2, с. 59].

В связи с специфическими особенностями содержания курса «Бухгалтерский (финансовый) учет» можно отметить следующие плюсы активного и интерактивного образования для профессионального обучения студентов в рамках этого курса:

1. Студенты учатся в новом материале не как пассивные слушатели, а как активные участники процесса подготовки. Это дает возможность выработать привычку и продолжать свою практическую деятельность постоянно улучшать свои навыки и повышать квалификацию в профессиональной сфере. Для бухгалтеров организации — это не только важно, но и неотъемлемая составляющая этой профессии является.

2. Студенты учатся решать сложные практические ситуации, которые возникают в бухгалтерском деле. Это дает им возможность овладеть навыками диалога с вышестоящими руководителями организации, выдвинуть и формулировать идеи и проекты, четко и уверенно излагать свою мысль, чувствовать себя участниками процесса управления.

3. Будущий специалист получает навыки использования современных технологий поиска нужной информации. Вырабатываются навыки самостоятельного изучения и анализирования законодательных и нормативных документов, отслеживания внесенных изменений. Без этого невозможна профессиональная работа бухгалтера.

4. Интерактивные, от англ. Interaction, взаимодействие, взаимодействие между собой, методы подготовки основаны на взаимодействиях обучающихся. Они помогают выработать навыки работы коллектива - умение адаптироваться в коллективе, способность устанавливать контакты с личными контактами, обменяться информацией и готовность отвечать за деятельность коллектива. Такие знания, конечно, будут полезны и главному бухгалтеру

организации, и рядовым специалистам бухгалтерского управления при осуществлении практических профессиональных обязанностей [4, с. 162].

Занятия для студентов по дисциплине «Бухгалтерский (финансовый) учет» включают лекцию и практикум. Рассмотрим методики активной и интерактивной подготовки, которые наиболее удобны для преподавания этой дисциплины, которые наиболее удобны для преподавания.

Интерактивные методы не заменяют лекционный материал, а способствуют лучшему его усвоению, а особенно важным образом формируют мнение, отношения и навыки поведения. Интерактивные методы лекций по дисциплине «Бухгалтерский (финансовый) учет» относятся к:

- Лекция-презентация с применением различных дополнительных средств: доска, книги, образцы документов, скриншоты, рекламные буклеты, компьютеры и др. с последующим обсуждением материала. Особенно удобна эта форма лекции, расширяя технические возможности самих учеников наличие ноутбука, планшета, смартфона и других технических устройств с возможностью доступа в Интернет. В ходе таких занятий студенты совершенствуются в поиске, обработке и предоставлении новых сведений, развиваются коммуникативные способности, происходит обновление и наглядность изучаемого содержимого на занятиях. Перед проведением лекции-презентации нужно поставить несколько основных вопросов перед обучающимся. После окончания лекции обязательно необходимо совместно с участниками лекции подвести результаты и представить выводы, сделанные студентами;

- Лекции с ошибками могут быть использованы для крепления изученного ранее материала, а также контроля за усвоением его. После того, как слушатели объявили тему лекции, они неожиданно сообщают о том, что в лекции будут выполнены определенные ошибки разного рода: содержательных, методических, арифметических и так далее. В конце занятия слушатели должны называть ошибки, совместно с преподавателем, или самостоятельно исправить их [3, с.28].

Для лекции с планируемыми ошибками требуется большое лекторское мастерство, кропотливый выбор материала, содержащего ошибки, а также маскировка их в тексте. Такие лекции заставляют слушателей не только запомнить информацию, но и анализировать, оценивать услышанный. Однако такая лекция не только является стимулирующей, но также и контрольной функцией, потому что позволяет учителю оценить качество освоения предыдущего материала, слушателям – проверить и демонстрировать свои знания дисциплины.

- Лекция-консультация Тип лекции «Пресс-конференция» по дисциплине «Бухгалтерский (финансовый) учет» может проводиться с привлечением специалистов-практиков по бухгалтерскому учёту. Такая лекция формирует у учащихся умение задать вопросы, углубляет кругозор аудитории, способствует их усвоению материала на практическое применение. Тема лекции и ее содержание определяются по запросу аудитории в соответствии с специализацией приглашенных бухгалтеров-экспертов. Студенты могут задать свои интересующие вопросы по изложенной тематике лекции письменно, а также устно после окончания лекции. Такая консультация способствует активизации внимания и практичного интереса слушателей к содержимому изучаемого предмета и его будущему делу. [5].

В процессе обучения интерактивная взаимосвязь возникает не только в том случае, если преподаватель не только нуждается в репродуктивном воспроизведении содержания первых источников, материала лекций, учебников, но и побуждает осмыслять и анализа полученной информации, использовать полученные знания во время обучения. На практике по дисциплине «Бухгалтерский (финансовый) учет» удобно применять метод совместной или самостоятельной решения задач ситуации или сквозности.

Чтобы развивать творческую активность студентов, вы можете предложить самостоятельно разрабатывать практическую задачу по каким-либо участкам учетной

деятельности. Также в процессе практики студенты небольших групп студентов могут использовать методы кооперативной подготовки в процессе практики. Студенты совместно работают, объединяя усилия, чтобы решить общую задачу. В то же время каждый выполняет определенную часть своей работы, и после ее окончания обменивает полученные знания с другими участниками Группы. Особенно эта методика удобна и эффективна при решении сложных задач на нескольких темах курса [6, с. 82].

Результатом кооперации является общее благо, потому что успех выполнения заданий является результатом деятельности каждого из членов группы, а результат деятельности каждого из членов группы является результатом деятельности каждого из них. Очевидно, что такая модель обучения является социальной: уделяется особое внимание роли каждого ученика в выполнении общих задач, формируется коллективное сознание, коммуникативные способности [1, с.53].

Рассматриваемые в статье активно-интерактивные методики обучения в ходе лекций и практики по дисциплине «Бухгалтерский (финансовый) учет» направлены на улучшение собственной деятельности учащихся и мотивацию их к учебной и профессиональной деятельности. Они помогают выработать у студентов умения применять полученные в университете знания в реальной ситуации профессионального общения. Это, конечно же, улучшает качество обучения будущих специалистов.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Банникова, Е. А. Использование активных методов обучения в образовательном процессе / Е. А. Банникова, Ю. Г. Хасанова. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2015. — № 11.1 (91.1). -С. 51-53. -URL: https://moluch.ru/archive/91/19336/ (дата обращения: 19.03.2022)
2. Инновационные методы в преподавании экономических дисциплин [Электронный ресурс] : материалы межвузовской конференции (Омск, 31 октября 2013 г.) / Л.Л. Дружинина [и др.]. - Электрон. текстовые данные. — Омск: Омская юридическая академия, 2014. — 74 с. — 978-5-98065-119-0. — Режим доступа: http://www.iprbookshop.ru/29830.html
3. Кашлев, С. С. Интерактивные методы обучения: учебно-методическое пособие: [16+] / С. С. Кашлев. – 2-е изд. – Минск: ТетраСистемс, 2013. – 223 с.
4. Федорченко О.И., Федорченко Т.А. Использование инновационных методов в преподавании дисциплины «Бухгалтерский учет». // Инновационные технологии в образовательном процессе. Сборник научных трудов Курского филиала Финуниверситета. [Текст] (21 ноября 2014 года) / Под редакцией к.э.н., доцента Л.А. Дремовой. – Курск: АПИИТ «ГИРОМ», 2015. – 316 с.
5. Федорченко О.И. Применение метода «case-study» в преподавании бухгалтерского учета. Сборник научных трудов по материалам VIII международной научно-методической конференции «Методика преподавания в заочном вузе. – Курск: ВЗФЭИ, 2010
6. Фомина М.И. Применение интерактивных методов обучения в преподавании экономических дисциплин. Ливенский филиал Госуниверситета-УНПК, г. Ливны, 2019 г, 123 с.



***Бобоев М.У. - Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд***


## БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ БИЗНЕС

Низоми муосири идоракунии бизнес вобаста ба рушди иқтисодиёт ҷорӣ намудан ва истифодабарии усулҳои самараноки идоракуниро тақозо мекунад. Масъалаҳои бо рушди стратегӣ ва қабули қарорҳои самараноки идоравӣ вобастабуда торафт мубрам мешаванд.

Барои низоми идоракунии ҳар як ташкилот иттилооти саривақтӣ ва боэътимод барои мақсадҳои идоравӣ зарур аст, ки таъминкунандаи чунин иттилоот ин низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, зарурияти пешбурди баҳисобгирии идоракуниро бори дигар пандемияи COVID-19 низ тасдиқ намуд, зеро ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳо яке аз омили самараноки рушди бизнес шуморида мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ин низомест, ки талаботи менеҷерони сатҳҳои гуногуни ташкилотро бо иттилоот барои таҳия ва қабули қарорҳои идоравӣ таъмин менамояд [1]. Дар раванди рушди худ баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун илм ва амалия ба ду қисм ҷудо шуд: баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ (ва ё классикӣ) ва баҳисобгирии идоракунии стратегӣ (ва ё муосир).

Масъалаҳои назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар корҳои илмии олимон ва мутахассисони давлатҳои хориҷа ба таври васеъ таҳқиқ карда шудааст. Вақтҳои охир бештар таҳқиқотҳо доир ба истифодабарии технологияҳо ё инструментҳои муосири баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар адабиётҳои илмӣ ба назар мерасад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи олимони ватанӣ низ муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Доир ба моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ байни олимон бо маънои кӯтоҳ ва васеъ фаҳмида мешавад. Ба андешаи мо, баҳисобгирии идоракунӣ ин низоми иттилоотие мебошад, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявиро бо мақсади пешниҳоди иттилооти зарурӣ ба менеҷерон барои қабули қарорҳои идоравии самараноки тактикӣ ва стратегӣ истифода мебарад. Баҳисобгирии идоракунӣ равандҳои дохилӣ ва беруниро дарбар мегирад.

Баҳисобгирии идоракунӣ аз тарафи баъзе олимон ҳамчун илми муҳосибии ҷаҳонӣ (глобалӣ) шарҳ дода шуда, баҳисобгирии молиявӣ ва андозӣ ҳамчун қисми таркибии он эътироф карда мешавад [5]. Ба назари мо, дар ин ҷо сухан дар бораи истифодабарии иттилооти баҳисобгирии молиявӣ барои мақсадҳои идоракунии бизнес меравад. Бо ибораи дигар, баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми таъминоти иттилоотии идоракунии бизнес, барои мақсадҳои қабули қарорҳо аз иттилооти молиявӣ истифода мебарад.

Самти нави рушди баҳисобгирии идоракунӣ ин баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мебошад, ки солҳои 80-уми асри XX дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ пайдо шуд. Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ як самти комплексии баҳисобгирии идоракунӣ буда, ба раванди қабули қарорҳои дарозмуддат нигаронида шудааст ва таҳлили ҳамаҷонибаи муҳити тиҷорати берунаро, ки дар он ташкилот фаъолият мекунад, дар бар мегирад [4].

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба дурнамои рушди бизнес равона карда шуда, мақсади он таъмини талаботи иттилоотии менеҷменти ташкилот дар раванди қабули қарорҳои идоравии стратегӣ мебошад.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар таъмини иттилоотӣ ва таҳлилии татбиқи стратегияи рушди устувори субъектҳои хоҷагидор нақши муайян дорад. Ба афзалиятҳои асосии он дар ин самт инҳо дохил мешаванд:

1) баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, дар муқоиса бо баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ, имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки фаъолият дар соҳаи рушди устувор муайян карда шавад;

2) иттилооти баҳисобгирии идоракунии стратегӣ баҳодиҳии ҳамаҷонибаи самаранокии қарорҳои қаблан қабулшуда дар соҳаи устувории иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро аз нуқтаи назари ҷонибҳои манфиатдор таъмин мекунад;

3) баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон ҳамчун воситаи ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдори асосӣ (стейкхолдерон) ва барқарор кардани алоқаи баръакс барои арзёбии оқибатҳои эҳтимолии қабули қарорҳои муайяни идоракунӣ барои муштариён, таъминкунандагон, рақибон ва ғайра истифода бурд;

4) иттилооти баҳисобгирии идоракунии стратегӣ имкон медиҳад, ки равандҳои таҳияи ҳисоботи даврии ғайримолиявӣ бо нишон додани расмиёти махсуси баҳисобгирӣ, ки баҳисобгирии экологӣ ва иҷтимоиро амалӣ мекунанд, танзим ва сохторбандӣ кунад [6].

Дар баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мафҳумҳои “биниш”, “рисолат”, “стратегия”, “мақсадҳои стратегӣ”, “нақшаи стратегӣ” истифода бурда мешаванд. Ба субъектони низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ соҳибмулкон ва инвесторон, роҳбарият, менеҷерони сатҳҳои гуногуни идоракунии ташкилот дохил мешаванд. Бизнес-равандҳои дохилӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолият, равандҳои берунӣ, нишондиҳандаҳои пешгӯийшаванда ҳамчун объектҳои низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ҳисобида мешаванд.

Технологияҳои (инструментҳои) баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон ба 3 гурӯҳ ҷудо кард: баҳисобгирӣ-калкулятсионӣ, таҳлилӣ (аналитикӣ), назоратӣ (расми 1).

Дар ташкилотҳои пешрафтаи давлатҳои хориҷи кишвар технологияҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бомуваффақият ҷорӣ карда шуда, низоми идоракунии бизнес самаранок ба роҳ монда шудааст. Аз технологияҳои номбаршуда бештар Benchmarking, ABC, BSC, буҷетикунонӣ дар таҷрибаи ширкатҳои хориҷӣ истифода бурда мешаванд, аммо технологияҳои дигар ҳам новобаста ба ҳиссаи ками ҷоришавӣ истифода мешаванд. Истифодаи ҳар як технологияи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба мақсад ва вазифаҳои идоракунии бизнес вобаста аст.

Барои амалияи ташкилотҳои ватанӣ истифодаи технологияҳои Benchmarking, BSC, Target costing, Kaizen costing, буҷети амалиётӣ, буҷети гардиши воситаҳои пулӣ, тавозуни пешгӯийшавандаро метавон тавсия намуд.

**Технологияҳои баҳисобгирӣ-калкулятсионӣ**

- ABC (Activity-Based Costing) – баҳисобгирии хароҷот аз рӯи намуди фаъолият
- JIT (Just in Time) – консепсияи идоракунии таҳвил ва захираҳо
- Target costing – системаи хароҷоти мақсаднок
- Kaizen costing – тарз барои паст кардани арзиши аслӣ
- TQM (Total Quality Management) - идоракунии умумии сифат
- Benchmarking – Бенчмаркинг

**Технологияҳои таҳлилӣ**

- BSC (Balanced Scorecard) – системаи нишондиҳандаҳои мувозинатӣ
- EVA (Economic Value Added) – консепсияи арзишии иловашудаи иқтисодӣ
- Life Cycle Costing (LCC) – калкулятсияи даврaҳои сикли ҳаётии мол
- Консепсияи занҷири арзишҳо (value chain)
- Таҳлили стратегӣ

**Технологияҳои назоратӣ**

- Буҷетикунонӣ
- Тавозуни пешгӯийшаванда
- Ҳисоботи фоида ва зарари пешгӯийшаванда

**Расми 1. Технологияҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ**

***Манбаъ: дар асоси адабиётҳои [2, 4] тартиб дода шудааст.***

Истифодаи технологияи Benchmarking, ки маънои таҳлили муқоисавӣ дар асоси нишондиҳандаҳои эталониро дорад, барои дарёфт, баҳодиҳӣ ва омӯхтани таҷрибаҳои беҳтарини пешбурди бизнес нигаронида шудааст. Технологияи мазкурро барои таҳлили таркиби хароҷот ва сифати маҳсулоти худ дар муқоиса бо маҳсулоти истеҳсолкунандагони

дигар, барои муқоисаи фаъолияти ширкатҳои рақиб ва ширкатҳои пешрафтаи дигар соҳаҳо истифода бурдан мумкин аст. Дар натиҷаи истифодабарӣ ташкилот сатҳи хароҷот паст ва фоидаро зиёд карда метавонад.

Ташкилотҳо барои паст кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ё арзиши аслии хизматрасонӣ метавонанд аз технологияи Kaizen costing (маънои беҳтарсозӣ, такмил додан бо қадамҳои хурдро дорад) самаранок истифода баранд. Бо истифодабарии технологияи мазкур ҳамаи кормандон барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ ва ташкилот ҷалб карда мешаванд, ки дар натиҷа сатҳи хароҷот паст карда мешавад. Маълум аст, ки дар аксарияти ташкилотҳои тиҷоратии ватанӣ ҳамасола сатҳи баъзе намуди хароҷот зиёд мешавад, аз қабили арзиши хариди ашёи хоми аз берун воридшаванда, хароҷоти марбут ба таъмири воситаҳои асосӣ, баъзе намуди хароҷоти маъмурӣ ва фурӯш. Зиёдшавии сатҳи хароҷот ба сатҳи нарх ва камшаваии фоидаи софи ташкилот оварда мерасонад. Ташкилотҳо метавонанд қадам ба қадам, ҳадди ақал ҳар семоҳа барои паст кардани сатҳи баъзе намуди хароҷоти назоратшаванда кӯшиш намоянд. Барои расидан ба ин мақсадҳо аз чунин роҳҳо истифода бурдан мумкин аст: зиёд кардани теъдоди таҳвилгарони масолеҳ, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, истифодаи аутсорсинг ва косорсинг, васеъ кардани бозори фурӯш, истифодаи технологияҳои каммасраф, ва ғ.

Дар идоракунии бизнес-равандҳои асосии марказҳои масъулияти ташкилот мувофиқи ҳадафҳои муқарраршуда, ки дар арзишҳои мақсадноки меъёрҳои арзёбӣ ҳам миқдорӣ ва сифатӣ ифода ёфтааст, технологияи BSC (Balanced Scorecard) мавқеи муайян дорад. Асоси системаи мазкурро нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ, яъне KPI (Key Performance Indicator) ташкил медиҳанд. BSC қисми ҷудонашавандаи низоми идоракунии ташкилот буда, ба нишондиҳандаҳои фаъолияти ғайримолиявӣ асос меёбад. Системаи BSC чаҳор блокро дар бар мегирад: молия, бизнес-равандҳо, бозор/муштарӣ ва омӯзиш/рушд. Бояд қайд кард, дар ташкилотҳои ватанӣ, хусусан бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои истеҳсолии пешрафта, унсурҳои системаи BSC ҷорӣ карда шудааст. Барои баҳодиҳии фаъолияти кормандон ва шӯъбаҳо нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI) таҳия карда шуда, бомуваффақият истифода бурда мешаванд. Аммо агар имкониятҳои системаи BSC нисбатан пурра истифода бурда шавад, идоракунии стратегии бизнес хуб ба роҳ монда шуда, самаранокии фаъолияти ташкилот баланд бардошта мешавад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии бизнес мавқеи муҳим дошта, истифодабарии технологияҳои он барои баланд бардоштани самаранокӣ, рақобатнокӣ, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва арзиши бизнес, беҳтар намудани сифати қарорҳои идоракунӣ ва таъмини рушди устувори ташкилот мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Бобоев, М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности / М.У. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.

2. Волошин Д.А. Стратегический управленческий учет // Экономический анализ: теория и практика. 2007. №16. С. 23-27.

3. Ким, Л.И. Стратегический управленческий учет / Л.И. Ким. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью «Научно-издательский центр ИНФРА-М», 2014. – 202 с.

4. Николаева, О.Е. Стратегический управленческий учет / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. – М.: ЛКИ, 2008. – 304 с.

5. Рожнова О.В. Управленческий учет как глобальная учетная наука // Учет. Анализ. Аудит. 2015. № 6. С. 17–25

6. Ушанов И.Г. Преимущества стратегического управленческого учета в качестве информационно-аналитического инструмента реализации стратегии устойчивого развития // Хуманитарни Балкански изследвания. 2019. №4 (6). С. 83-86. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/preimuschestva-strategicheskogo-upravlencheskogo-ucheta-v-kachestve-informatsionno-analiticheskogo-instrumenta-realizatsii (дата обращения: 16.03.2022).

*Маъдиев С., Раҳмонова С., Файзалов Ш. – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ ТАШАККУЛДИҲИИ ИМКОНИЯТҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ ИНДУСТРИАЛИКУНИИ МАМЛАКАТ

Дар шароити тулонӣ гардидани таъсисёбии низоми пурраи муносибатҳои бозорӣ, қисми бештари илмҳои соҳавӣ ҷиҳатҳои муҳими масъалагузориҳои тахассусиро тариқи қиёснамоӣ бо маълумотҳои оммавӣ пеш мебаранд. Чунин ҳолат пеш аз ҳама тақозои дарк карда гирифтани заминаҳои назариявӣ ва методии ташаккулёфтани фанҳои тахассусиро дар робита ба ҳаёти рузгордоии воқеӣ мегирад. Баҳравар шудан аз чунин заминаи маълумот дар бисёр мавридҳо боиси такони ҷиддии ақидаронӣ дар ин ё он ҷодаи илмҳои соҳавӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит, умуман тадбиқи сиёсати рушди минтақавӣ мегардад. Бинобар ин, такмилдиҳӣ ва самаранок ба роҳ мондани таркиби сохтории баҳисобгирӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои афкори мардумӣ ва ташаккули иттилооти шаҳрвандӣ ҳамчун зинаи сифатан нави маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Чунин меҳисобем, ки низоми амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, новобаста аз номусоидии вазъи моддӣ, тавонист, ки то ба имрӯз талаботи истеъмолкунандагони зиёди ташкилоту муассисаҳаро қонеъ гардонад. Моҳиятан мазмун ва мундариҷаи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ амалиётҳои гуногунҷабҳаи соҳаи кор ва фаъолиятро дар макон ва вақт бо ҷараёнгирии муайян дар бар мегирад [5, с, 142]. Чун анъана онҳо асосан ҳамчун ҷамъбасти вазъи молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳои уҳдадориҳои молиявӣ ва пешбурди фаъолияти истеҳсолию маъмурии субъектҳои хоҷагидор ва хизматрасонро тибқи муқарраротҳи ҷойдошта ифода карда мегиранд. Чунин маълумотҳо аз рӯи таъинот танҳо аз нигоҳи ин ё он субъекти истеҳсолӣ ва хизматрасон ва дар робита ба истеъмолкунандагон фаҳмида мешавад, ки ин аз назари мо хело маҳдуд аст.

Дар ин самт зарур аст, ки ба маълумот ва ахбори баррасишаванда тавассути сикли ҳаётии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Яъне маълумоте, ки бо ташаккулёбии ҷараёнгирии амалиёти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ҳамзамон дар вақт ва макон ифодагари миқдор ва сифати ҷараёнгирии амалиётҳои иҷтимои иқтисодӣ эътироф пайдо намояд. Чунин маълумот ҳамчун замина барои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти ҷараёнгирии амалиётҳои ҳаёти фаъоли шаҳрвандӣ,қабули қарори муфид дар ин самт аз ҳисоби менеҷменти муқоисавӣ истифода бурда шавад. Ҳамин тавр, қимати ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ дар баробари қабули қарори истеҳсолию хоҷагидорӣ ва дигар хизматрасониҳо,ки аслан ба соҳибкорон ва кулли коршиносон мансуб дониста мешавад,имконияти васеътар мегирад. Муносибат барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва иттилооти он давраи сифатан нави ташаккулёбӣ ворид мешавад. Масалан, аз руи майли мардумӣ дар самти аниқ интихоб карда тавонистани нафъу хароҷоти мардумӣ, дарк карда гирифтани танзими расму ойин ва дигар ҳолатҳои ҳаётан муҳим, ки онҳо дар макон ва вақти муайян инъикоскунандаи ҷараёни таъсиси маълумоти идоравӣ аз ҳисоби функсияи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ мавқеъ пайдо карданашон мумкин аст.

Шояд аз тарафи хонанда, ба хусус аз қабили мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод чунин тарзи баҳодиҳии паҳлуҳои объект ва мавзуи омузиши масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ қобили қабул набуда, пазируфта нашавад. Лекин мантиқан мо худ шоҳиди он ҳастем, ки тамоми ҳодиса ва ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодии баамаломадаи замони муосир хеле хуб ва донисташаванда тариқи нишондиҳандаҳои мушаххаси оммавӣ баррасӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ мегарданд. Мутобиқи маълумотҳои расмӣ қисми бештари аҳолии кишвар (73,7%) ба деҳот рост меояд. Чунин қимат ҳамчун натиҷаи даврии ташаккулёбӣ ва дараҷаи нисбатан баландтари ахборот буда, моҳиятан дар заминаи баҳисобгирии соҳавӣ, масалан ташашаккулёбӣ ва дарҷи миқдорию сифатии ҳаракати аҳолӣ ва

таркиби теъдоди хонаводаҳо мебошад. Фақат ҳамин, ки бо тариқи хосаи мардумӣ мавриди муаррифӣ ва пешниҳод қарор мегиранд. Аксари қиматҳои муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, аз қабили фаъолияти истеҳсолӣ, тақсимотӣ, муомилот ва истеъмолӣ ҳарчи бештар натиҷаи муҷассамгардидаи иқтисод ва молия аз тариқи мазмуни шаҳрвандӣ мавқеи устувор гирифта истодааст. Худи ҳамин ҳодиса ва зуҳуротҳо зарурати асоснокии илмию назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандиро ифода карда, зинаи омузиши илми баҳисобгирии муосирро ифода карда мегирад.

Даромад ва хароҷоти буҷет, истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохила, музди меҳнати номиналию воқеии кормандон ва ғайра, пайваста аз тариқи чорабиниҳои расмии давлатӣ алалхусус роҳбарияти давлат, ҳукумати кишвар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар мулоқотҳои дохилӣ ва берунӣ бо муаррифӣ ва фаҳмондадиҳии ҳаҷм, дараҷа ва динамикаи онҳо дар вақт ва макон, ин худ ифодаи як навъи сикли ҳаракати маълумоти мушаххаси баҳисобгирии муҳосибию таҳлилӣ, аудиторию назоратӣ мебошанд. Мазмун ва мундариҷаи иқтисодию молиявии онҳо дар давраи таъсисёбии худ бештар функсияи иҷтимоиро гирифта, ҳамзамон дар фазои шаҳрвандии худ аз руи сифатҳои нави тавсифдиҳандаи иқтисодию молиявӣ ҳамчун объект ва мавзуи махсуси баҳисобгирии молиявӣ баромад карда метавонанд. Бо баррасӣ ва муаррифии расмии онҳо, шаҳрвандон аз ҳолат, ҳаракат, вазъи ҳозира ва ояндаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хело хуб маълумот мегиранд [3, с, 79].

Аз муваффақият ва дастовардҳо огоҳ мешаванд. Камбудиҳои муайян ошкор шуда, таваҷҷуҳи омма ба хислати сар задании онҳо ҷалб мегарданд, чораҳои назоратию бартарафнамоии онҳо таъкид карда мешавад. Шафофияти ҳаётӣ, эътимоднокии воқеии онҳоро маҳаки баҳисобгирии шаҳрвандӣ қабул карда, бо назардошти аҳамиятнокии иҷтимоӣ метавонем, ки баҳисобгирии шаҳрвандиро ҳамчун соҳаи назария ва амалияи илми баҳисобгирии муҳосибӣ мақоми хоса диҳем. Ҷараёнгирии ҳаёти воқеии кишвар нишон медиҳад, ки баробари паҳн гардидани маълумотгирии шаҳрвандӣ, муҳити маънибардорӣ таъсис меёбад. Нишондиҳандаҳои баррасишаванда ҳамчун маводи хеле пурарзиш баромад мекунанд. Майдони васеи омузиширо ба миён меоранд. Чунин маълумотгирӣ аз тарафи хурду калони аҳолӣ мафкураи муайяни заруриро дар соҳаҳои гуногуни кор ва фаъолият, аз сатҳи оддӣ то мураккаб таъмин месозад. Ҳатто то дараҷае, ки барои шарҳу,арзёбии фарзияҳои нисбатан мураккаб дар байни дигар табақаҳои ҷамъиятӣ, масалан олимон ва коршиносони соҳавӣ мавриди истифода ва пажуҳиш қарор дода мешаванд. Ҳамин тавр ҷомеа бо маълумотҳое фарогир мешавад, ки истеъмолкунандаи маълумот шаҳрвандони мардумӣ буда, маълумоти таъсисёфта ба худ хос, мазмун ва мундариҷаи муҳосибиро аз тариқи рангу образи васеътар таҷассум карда мегирад. Маҳз ташаккулёфтани ҳамингуна малумоти умумӣ ифодагари розу ниёзи мардуми кишвар ба ҳисоб меравaнд. Онҳо чигунагии сиёсати иҷтимоию иқтисодиро дарк намуда, бо як самимияти хос аз пайи ноилшудан дар самти зиндагии шоиста мешаванд. Чунин маълумотҳо мақом ва мартабаи кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистонро чӣ дар дохил ва берун аз он, асоснокии муаррифӣ медиҳанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо метавонад ҳамчун заминаи мақоми илмию амалӣ пайдо карда гирифтани баҳисобгирии шаҳрвандӣ ва мардумиро дорад.

Барои мисол, таъсисёбии танҳо ҳамин гуна маълумотҳои муқоисавии рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, ё ин,ки таваррум дар сатҳи 5,4 % фоиз нигоҳ дошта шуда, ки ин нишондиҳандаҳо расмӣ ва барномавӣ пешниҳод гардидаанд,инҳо таҷассумгари рушд ва пешравӣ, заҳмати мардуми меҳнаткаши кишвар ва бо иттилооти мушаххаси маъмурӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ ифода меёбанд. Рақамҳои зикршуда натанҳо маълумоти миқдорӣ, балки ченаки муайяни майли ҷараёнгирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва идорашавндагии онҳо мебошанд [1]. Маҳз ҳамин нишондиҳанда ҳаст, ки кору фаъолияти ҷомеа арзёбии тасирбахш гирифта майли рушди иҷтимоиро дар байни мардум образи эътимоднокӣ ва саодатмандӣ медиҳад. Дар чаҳорчубаи муайяни ҳолати ҷорӣ ва стратегии фаъолияти кулли субъектҳои воқеъӣ ва ҳуқуқӣ заминаи обу ранги умедбахш медиҳад. Ахборе ба шумор меравад, ки дар робита бо дигар аломатҳои таҳтулнишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, мақоми сифатан нави онро дар шакли

афкори мардумӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии шаҳрвандӣ пайдо мекунад. Яъне арзишнокии амалиёти шаҳрвандӣ ва эътирофгардидани чунин ҳодисаҳо ҳамчун объект ва предмети омузиши касбӣ дараҷаи нисбатан баландтари таъсисёфтани ахбори баҳисобгирии муҳосибии заминавӣ мебошад. Дар маҷмуъ устувори давлати Тоҷиконро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ воқеан ва ҳаётӣ нишон дода метавонад. Аз ин ҷо, чӣ қадар, ки афкори ҷомеа фаъолона аз ҳисоби баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандӣ эътимоднок, пурра ва саривақтӣ ташаккул ёбад, ин ҳамон қадар қиммати омузишӣ ва чораандешии самараноки идоракунии давлатӣ гирифта метавонад. Алалхусус дар шароити навшавии вазифаҳо ва талаботҳои наве, ки ҳаёти воқеӣ онҳоро ба миён меоварад. Шароити имруза муҳити бозорӣ буда, албата аз бисёр ҳолатҳои эҳтимолӣ вобаста аст. Тамоми субъектҳо дар ин самт бояд, ки омода бошанд. Дар чунин шароит танҳо ахбори шаҳрвандии илман асоснок ва боварибахш метавонад, ки ҷараёнҳои эҳтимолиро маҷрои муфид ва самараноки идорашаванда диҳад. Барои ин лозим аст, ки пеш аз ҳама вазъи таҳлилии корҳои мақомоти махсусгардонидашудаи ташаккулдиҳии иттилооти мардумӣ ба талаботҳои нав бо ташаббус ва фаъолнокии мувофиқ таъсис ёбанд. Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки таъсисёбии малумотҳои шаҳрвандӣ бештар аз ҳисоби ташаббус ва навгониҳо ба тадқиқот ва пурсишҳои интихобӣ асос ёфта, бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони нуқтасанҷ зич алоқаманд мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки бисёре аз нишондиҳандаҳои таркибӣ, махсусан минтақавӣ моҳияти татбиқи саривақтӣ ва пуррагии барномаҳои рушди соҳаҳои воқеиро дар ноҳия ва минтақаҳои алоҳида пайдарпайии нишондиҳандавиро дар бар нагирифта истодаанд. Бинобар ҳамин, тамоюл ва қонуниятҳо, барои дарёфт ва сафарбар кардани захираҳои ҷойдоштаи маҳалҳо аз нигоҳи таваҷҷуҳзоҳирнамоӣ ба маҳдудияти захираҳо, мотиватсия ва ташаббускорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолият характери таҳлилии кам доранд. Мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида бояд тамоми сайъу кушиши худро барои дарёфти сабабҳои рушд ва нобароритҳои соҳавӣ, махсусан дар самти амалӣ гардонидани барномаҳои махсусгардонидашуда такмили баҳисобгирии мардумӣ равона созанд.

Нишондиҳандаҳои амалкунандаи омории ин самтҳо ҳоло низ бештар хислати миқдорӣ дошта, онҳо дар самти ҷамбасти натиҷавӣ аломатҳои сифатии маҳдуд доранд. Масалан рушди соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, ки хусусияти хоси таъсисёбии нишондиҳандаи муҳосибии шаҳрвандиро доро мебошанд, дар алоқамандӣ бо таъсиси нишондиҳандаҳои сифатӣ метавонанд иқтидори идоравии нисбатан самаранокро дар бар гиранд. Зарурияте дар пеш истодааст, ки амалиётҳои баҳисобгирии идоракунии молиявӣ бо таври услубияти саҳеҳ, ифодагари воқеият барои қабули қарори инноватсионӣ дар идоракунии давлатии мақомотҳои маҳалӣ бошанд.

Ҳар як субъекти ин минтақаҳо ва умуман шаҳрванди кишвар тавонад бо дарки мазмун ва мундариҷаи сифати баҳисобгирии молиявии омавиро ҳамчун нишондиҳандаҳои мушаххас, муқоиса ва хулосбарорӣ намуда, дар таъмини ҳадафҳои ҷорӣ ваояндавии минтақа ва умуман кишвар саҳми мувофиқ гузорад. Яъне истифодабарандагони баҳисобгирии шаҳрвандӣ худро бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидории бахшҳои воқеӣ ва идоракунандаи давлатӣ дар маҳалҳо эҳсос намоянд. Бартараф кардани диққати нокифоя дар тартиб додани ҳисоботҳои молиявӣ, қатъӣ риоя намудани тартиботи давлатӣ дар ин раванд, кафолати рушди босуботи минтақаҳо ва мунтазам арзёбӣ намудани сатҳи зиндагӣ ифода меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 21 декабри соли 2022.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", аз 25 марти соли 2011, №702.
3. Бабаев Ю. А. Бухгалтерский финансовый учет: Учебник для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Вузовский учебник.
4. Каримов Б.Ҳ, Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ., Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, Душанбе Ирфон, 2016. - 550 саҳ.

5. Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуэлл Д. Принципы бухгалтерского учета. Пер. с англ. / Под ред. Я.В Соколова. – 2-е изд. стереотип. – М.: Финансы и статистика, 2004. - 496 с.

***Каримов Б.Ҳ., Алиева Л.Ю. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## РУШДИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА ТАҲЛИЛИ МАСРАФҲО ДАР МУҲИТИ ИННОВАТСИОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ БОФАНДАГӢ

Рушди минбаъдаи баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо, пеш аз ҳама бо васеъ шудани доираи ваколат ва салоҳиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳо, таъминоти ахбории он ва муҳити инноватсионии имрӯзаи корхонаҳои саноатӣ алоқаманд аст. Ин гуна рушд ҳамзамон бо татбиқи технологияҳои ахбории муосир ба роҳ монда мешавад, ки имконоти зиёдеро барои такмили низоми пешкашкунии ахбор ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ муҳайё месозад [3, с. 20].

Дар натиҷаи дигаршавии шароити иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саноатии бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳои нав ба миён омаданд, ки пештар дар низоми идоракунии корхонаҳо баррасӣ намешуданд. Яке аз чунин масъалаҳо – баҳисобгирии хусусияти идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар шароити муосир мебошад. Инноватсияҳо чун сарвати бемаҳдуд унсури асосии рушди иқтидори истеҳсолӣ гардидаанд, бино бар ин, корбурди усулҳои илмии менеҷменти инноватсионӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ, фаъолияти бомуваффақона ва бобарор дар соҳибкории муосир баҳисоб меравад. Сарватҳои инноватсионӣ барои ба ҷо овардани фаъолияти инноватсионӣ зарур буда, тавонойии корхонаро барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ бунёд менамоянд. Вобаста ба ин, иқтидори инноватсионии корхона чун ифодаи ғоявии рушди равандҳои инноватсионӣ баромад намуда, тавонойии корхонаро ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ васф менамояд [7, с. 13].

Масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии корхонаҳои истеҳсолӣ дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, чун: Т.Б. Альгина ва Т.В. Смирнова [1], Н.А. Илюхина [4], В.Н. Нестеров [8], А.Е. Туктарова [10], Г.Р. Файзрахманова [11; 12] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Вале ин масъалаҳо дар адабиёти ватанӣ то ҳол таҳқиқи худро наёфтаанд.

Фаъолияти инноватсионӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳои ба бунёди шароити зарурӣ барои татбиқи бомуваффақонаи инноватсияҳо бо мақсади гирифтани самари муайян нигаронидашуда мебошад. Талаботи таъминоти ахбории фаъолияти инноватсионӣ зарурати таҳия намудан, татбиқ ва истифодаи олоти навтарини баҳисобгирии идоракуниро ба миён меоранд, ки объекти муҳими он дар соҳаи инноватсияҳо масрафҳои инноватсионӣ мебошанд.

Ҳоло дар фабрикаҳои ресандагии ҶДММ "ИИ Нассоҷии Тоҷик" барои истеҳсоли риштаи баландсифат хатҳои технологии инноватсионии истеҳсоли ширкати швейтсарии "Rieter" насб карда шудаанд. Дар фабрикаҳои бофандагии корхона дастгоҳҳои дорои ҳосилнокии баланди Picanol, ки дар асоси технологияи ҳавои фишурда кор мекунанд, насб карда шудаанд. Дастгоҳи бофандагии Picanol OMNI Plus (истеҳсоли Белгия) бо бунёди сифатан нави электронии худ, ки техникаи электронӣ ва таъминоти программавии пешрафтаро муттаҳид кардааст, низоми мукаммали инноватсионии гузоштани тор ва пудро таъмин менамояд. Платформаи идоракунии қатъиян нави электронии дар якҷоягӣ бо низоми мукаммали торгузорӣ амалкунанда аз ҳисоби истифодаи ками барқ, дараҷаи пасттарини ноқис ва сарфаи ашёи хом ба пастшавии арзиши аслӣ меоварад.

Дар фабрикаи рангомезӣ таҷҳизоти муосири инноватсионӣ барои сафедкунӣ, рангкунӣ ва пахшкунии матоъҳои пахтагин насб карда шудааст: барои ранг кардани матоъҳо дастгоҳҳои рангкунии Jigger (истеҳсоли Италия), барои чопи нақшҳо дастгоҳи чопкунии STORK RD-2 (истеҳсоли Голандия).

Ҳамин тавр, дар коргоҳҳои истеҳсолии ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сифати баланд истеҳсол мешавад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ роҳбарияти корхонаро водор месозад, ки дар низоми идоракунӣ услулҳои нави баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслиро татбиқ намояд.

Бозори маҳсулоти бофандагӣ тез дигар мешавад, технологияҳои истеҳсолӣ пеш мераванд. Истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ бояд пеш аз ҳама ба истеъмолкунандаи ниҳойӣ нигаронида шавад. Вобаста ба ин олоти мувофиқи банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорати масрафҳо, ки дар низоми идоракунии масрафҳо муттаҳид мегарданд, таҳия карда мешавад. Агар маҳсулоти корхона бо нархи аз нархҳои рақибон пасттар фурӯхта шавад, масъалаи гирифтани фоидаи бештар зери шубҳа мемонад. Дарк кардани худи масъала ва дарёфти роҳҳои ҳалли вай ба он меоварад, ки барои аввал бояд маҳсулот нисбатан арзонтар истеҳсол карда шавад, вале, тасаввур кардан, ки рақибон низ ба паст кардани арзиши аслӣ ҷаҳд намекунанд, - фикри солим нест. Роҳи анъанавии ҳалли масъалаи мазкур - кам кардани масрафҳои истеҳсолӣ мебошад.

Тавре аз омӯзиши амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар ҶДММ “ИИ Нассоҷии Тоҷик” ва дигар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, проблемаҳои асосии ташкил ва бароҳмонии баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар шароити фаъолият дар муҳити инноватсионӣ, ба пиндори мо чунинанд:

- ҳолати имрӯзаи баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо ба талабот ва имконоти имрӯзаи муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки маҳз майлон ба истеъмолкунандаи ниҳойии маҳсулоти саноати бофандагӣ, баландбардории сатҳи рақобати маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дорад, ҷавобгӯ нест;

- баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо бештар ба баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили амалиёти истеҳсолӣ-хоҷагидории дохилии корхонаҳо нигронида шудааст, ки дар натиҷа ба баҳодиҳии нобасандаи таъсири омилҳо дар шароити инноватсионии муҳити фаъолияти корхона меоварад.

Дар шароити муҳити рақибонаи бозор фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати бофандагӣ олоти муҳими мустаҳкамгардонӣ ва васеъкунии мавқеъҳои бозории онҳо баҳисоб меравад. Илова бар ин, фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ метавонад кафили фаъолгардии фаъолияти иқтисодии берунии корхонаҳои саноати бофандагӣ шавад. Ба рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳо бунёди низоми мувофиқи баҳисобгирии идоракунии масрафҳо мусоидат мекунад.

Пештар усулҳои анъанавии баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ барои истифодабарӣ мубрам буданд. Акнун шароити фаъолият дар муҳити инноватсионӣ корхонаҳои саноати бофандагиро водор менамояд, ки амсилаҳои нисбатан навтари баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслиро ба кор баранд. Дар ин маврид яке аз вазифаҳои муҳим навкунии методологияи баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти инноватсионӣ мебошад.

Чандин солҳо пештар, яъне дар давраҳои то охири асри ХХ, усулҳои дар аксари корхонаҳои мамлакат истифодашавандаи банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати масрафҳо барои бунёдкунӣ ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот имкон намедоданд, ки натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ бо дараҷаи зарурии аниқӣ пешбинӣ карда шаванд. Он замон барои ин зарурати ҳам мавҷуд набуд, чунки манбаи асосии маблағгузории барномаҳои илмӣ-техникӣ асосан фондҳои ҳадафноки давлатӣ буданд. Дар шароити муосир, вақте ки манбаи асосии пӯшонидани масрафҳо барои инноватсия арзиши аслии худи маҳсулоти нав ё мукаммалкардашуда мебошад, бояд ки номуайянии иқтисодӣ аллакай то оғози азхудкунии саноатии маҳсулот бо мақсади беҳгардонии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ бартараф карда шавад. Ин таҳия намудани низомҳо ва усулҳои нав ё мукаммалкардашудаи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, назорат ва таҳлилро дар низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ талаб менамояд [11, с. 253].

Олимон, муҳаққиқон ва мутахассисони хориҷӣ дар соҳаи идоракунии истеҳсолот олоти мафҳумӣ ва механизмҳои асосии идоракунии равандҳои инноватсионии корхонаҳоро таҳия намудаанд, вале асосҳои ғоявӣ ва методии баҳисобгирӣ ва таҳлили масрафҳо дар низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо аз доираи таҳқиқи амалӣ берун мондаанд. Набудани тарзи муносибати ягонаи бонизом ва маҷмӯӣ ба масъалаи мазкур аз калонҳаҷмии муҳтавои фаъолияти инноватсионӣ, инчунин бисёртариқагӣ ва бисёрҷабҳагии худи инноватсияҳо бармеояд. Ҳамзамон рушди фаъоли низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлил, пайдо шудани ғояҳо ва усулҳои нав мутобиқгардонии онҳоро ба равандҳои рушди инноватсионии корхона тақозо менамоянд.

Назария ва амалияи муосири баҳисобгирии идоракунӣ рушд ёфта, дигар мешаванд ва амсилаҳои нави рушди худро пешкаш менамояд. Вазифаи баҳисобгирӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир бо рушди усулҳои нави баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ, чун директ-костинг, таргет-костинг ва дигарҳо таъмин мегардад.

Амсилаи баҳисобгирии “директ-костинг” аз ҷониби олими америкоӣ Ҷ. Гаррисон дар соли 1936 таҳия гардидааст. Тибқи амсилаи мазкур дар ҳайати арзиши аслӣ бояд танҳо хароҷоти мустақим баҳисоб гирифта шаванд. Ғояи асосии ин усули баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар ҳисоб кардани арзиши аслии ихтисоршудаи маҳсулот ва муайян кардани даромади маржиналӣ ифода меёбад [14, с. 68].

Даромади маржиналӣ – фарқи байни маблағи фурӯш (бе баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) ва масрафҳои тағйирёбанда мебошад, ки баъзан чун маблағи пӯшонидан (ҳиссаи маблағи фурӯш, ки барои пӯшонидани масрафҳои доимӣ ва бунёдшавии фоида боқӣ мемонад) номида мешавад.

Ҳиссаи масрафҳо, ки дар арзиши аслии маҳсулот баҳисоб гирифта нашудааст, чун хароҷоти давра эътироф карда шуда, ба камшавии даромад дар давраи пайдоиши онҳо соқит карда мешавад. Ин зарурати ҷудо кардани масрафҳо ва муайян кардани он намудеро, ки ба арзиши аслии маҳсулот гузаронидани он мувофиқи мақсад аст, талаб менамояд.

Ҳоло амсилаи “директ-костинг” дар ҳама мамлакатҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ истифода мешавад: дар Германия ин амсила “баҳисобгирии масрафҳои ҷузъӣ”, дар Британии Кабир – “баҳисобгирии масрафҳои маржиналӣ”, дар Франсия – “муҳосиботи маржиналӣ” ном дорад [2, с. 98].

Ба ақидаи мо, дар ҳайати масрафҳои шартан доимии бо фаъолияти инноватсионӣ алоқамандбуда инҳоро метавон дохил кард: ҳама масрафҳои ахборӣ; масрафҳои бунёдкунии сармояи зеҳнии корхона, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ лозим мебошанд; масрафҳои бо омодакунӣ ва хариди ҳуҷҷатҳои технологӣ алоқаманд (иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳо); масрафҳои иҷораи майдонҳои барои баҷоории фаъолияти инноватсионӣ зарурӣ. Мувофиқан ҳама намудҳои боқимондаи масрафҳои фаъолияти инноватсионии корхона (хариди таҷҳизот, ашёи хом ва мавод, хомаҳо; иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-созандагӣ, масрафҳои истеҳсолӣ ва ғ.)-ро метавон чун масрафҳои шартан тағйирёбанда ҳисобид.

Баҳисобгирии идоракунии намудҳои масрафҳои мазкури соҳаи фаъолияти инноватсиониро метавон дар доираи амсилаи якдзинагии нақшаи ҳисобҳо ташкил намуд. Барои ин бояд ҳисобҳои акскунанда, ки барои байни ҳамдигар гузаронидани ахбор аз низоми баҳисобгирии молиявӣ ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва баръакс таъин гардидаанд, ҷудо карда шаванд.

Аз ҳайати ҳисобҳои мазкур дар доираи усули директ-костинг бояд ҳисобҳои баҳисобгирии масрафҳои доимӣ ва тағйирёбандаи фаъолияти инноватсионӣ ҷудо карда шаванд. Зимнан дар доираи ҳисобҳои мазкур бояд зерҳисобҳо барои самтҳои мушаххаси масрафҳо кушода шаванд.

Дар амалия аксари корхонаҳои саноати бофандагӣ воқеан барои кам кардани сатҳи масрафҳо фақат он гаҳе сари кор мегиранд, ки аллакай маҳсулот таҳия гардида ва ба истеҳсолот ҳавола дода шудааст. Маҳз дар анҷоми даври истеҳсолӣ маълум мегардад, ки арзиши аслии маҳсулоти нав ниҳоят баланд аст ва вай шояд фоидаовар набошад. Барои чӣ ин

гуна хатоҳо содир мешаванд? Оё метавон онҳоро пешакӣ ояндабинӣ кард ва мувофиқан тадбирҳое андешид, ки онҳо бартараф карда шаванд?

Ба ин саволҳо аллакай дар солҳои 1960 мутахассисони ҷопонӣ оид ба менеҷменти истеҳсолӣ ҷавоб пайдо карда буданд. Онҳо бо таҳия намудани ғояи идоракунӣ аз рӯи арзиши аслии ҳадафӣ – низоми "таргет-костинг" (бо ҷопонӣ - genka kikaku) роҳи ҳалли сода ва босамараи ин масъаларо пайдо намуданд [5, с. 70]. Бори аввал ин амсила дар ширкати Toyota дар соли 1965 ба истифода дода шуд. Баъзе шаклҳои барвақттари он аллакай дар соли 1947 аз ҷониби гурӯҳи муҳандисон бо сардории Л. Майс (ширкати америкоии Ҷенерал электрик) таҳия гардида буданд. Низоми пешниҳодшудаи идоракунии масрафҳои ҳадафӣ (target cost management) танҳо тариқаи содакардашудаи ғояи муосир буд, вале ба ҳар ҳол вай чун асоси бунёдгардии амсилаи "таргет-костинг" хизмат кардааст.

Амсилаи "таргет-костинг" (ҳисобкунии масрафҳои ҳадафӣ) омӯзиши нафънокӣ ва таҳлили таносуби муҳимии нархи ҳар як унсури таркибии маҳсулоти истеҳсолшавандаро дар назар дорад. Усули мазкур ба стратегияи пасткунии масрафҳо дар асоси назорати пешакии хароҷот ва ноилгардии рақобатпазирӣ дар шароити бозории нарх мутобиқ аст [6, с. 32]. Диққати асосӣ ба омӯзиши нафънокии дастаи вазифавии маҳсулоти таҳияшаванда ва таҳлили таносуби муҳимӣ/нарх барои ҳар як аломати васфкунандаи маҳсулоти нав равона карда мешавад.

Корбурди амсилаи "таргет-костинг" дар низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои муосир фақат он гаҳе босамара мегардад, ки агар вай дар маҷмуъ бо усулҳои кайзен-костинг, усулҳои муосири тақсимкунии масрафҳои ғайримустақим (масалан, АВС) ва дигарҳо ба кор бурда шавад [12, с. 77]. Масалан, муттаҳидкунии усули АВС дар низоми таргет-костинг имкон медиҳад, ки бузургии масрафҳо тавассути ҳисобкунии нисбатан аниқтари арзиши аслии маҳсулот самараноктар идора карда шавад.

Агар аз натиҷаи таҳлили масрафҳои ғайримустақим ва ҷустуҷӯи роҳҳои камкунии онҳо сатҳи арзиши аслии ҳадафӣ ба даст омада бошад, пас қарор дар бораи оғози истеҳсоли маҳсулоти нав қабул карда мешавад, дар акси ҳол - масрафҳои мутақим, ки аз хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ иборат мебошанд, ба таҳқиқ фаро гирифта мешаванд. Тариқаҳои гуногуни камкунии масрафҳои мустақим мавҷуд аст. Мо ду тарзи муносибати асосиро ба масъалаи мазкур ҷудо намудем: таҳлили масрафҳои мустақими моддӣ ва меҳнатӣ аз рӯи омили меъёрӣ ва таҳлили арзишнокии маҳсулот. Кам кардани масрафҳои мустақим аз ҳисоби омили меъёрӣ таҳқиқи муфассали меъёрҳои ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслии меъёрии маҳсулоти нав истифодашаванда, баҳодиҳии асоснокии онҳо, мувофиқат ба технологияҳои пешрафтаи саноати бофандагӣ, инчунин имконияти мукаммалгардонии технологияи истеҳсолотро бо мақсади паст кардани меъёрҳои харҷи сарватҳо пешбинӣ менамояд.

Омили арзиширо нисбат ба масрафҳои мустақими моддӣ ба кор бурдан авлотар аст, чунки вай ихтисор кардани масрафҳои мустақимро аз ҳисоби арзиши сарватҳо дар назар дорад. Дар ин маврид кам шудани пардохти меҳнати коргарон на ба сарфаи масрафҳо, балки ба паёмадҳои номатлубе оварда метавонад, ки бар асари пастшавии сифати маҳсулот, аз кор рафтани коргарон, вайроншавии раванди истеҳсолот ба миён меоянд ва дар натиҷа корхона ба талафоте гирифтор мешавад, ки аз сарфаи бадастомада зиёд буда метавонанд.

Паст кардани арзиши хариди ашёи хом ва мавод метавонад аз ҳисоби чунин чорабиниҳо ба даст ояд: дигар кардани графики таҳвили мавод (имкони аз ҳисоби зиёд кардани ҳаҷми таҳвили якдафъагӣ истифодаи тахфифҳои таъминкунанда); истифода аз низоми тахфифҳои таъминкунанда ба шарти пардохти пешакии таҳвили мавод; бо қувваи худӣ истеҳсол намудани намудҳои алоҳидаи мавод; дарёфти таъминкунандагони нави мавод; иваз кардани як намуди мавод ба намуди дигар бе талаф ба сифати маҳсулот ва ғ.

Занҷираи арзиш дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷустуҷӯи сарватҳои зарурӣ дар байни таъминкунандагони дохилӣ ва берунии ашёи хом оғоз мегардад. Корхонаҳои саноати бофандагӣ аз таҳвилҳои дохилии пахтаи тозакардашуда (корхонаҳои пахтатозакунии вилоятҳои Суғд ва Хатлон), барқ ва об, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва қувваи корӣ вобаста мебошанд. Ҳама дигар сарватҳои моддӣ аз хориҷи мамлакат

(аз Швейтсария ва Чин), таҷҳизот (аз Белгия, Германия, Италия, Чин), лавозимот-аксессуар (аз Италия, Чин, Туркия) ва моддаҳои кимиёвӣ (аз Италия, Швейтсария, Чин, Қирғизистон) ворид карда мешаванд. Дар натиҷаи масрафҳои зиёд барои истеҳсоли маҳсулот ва муҳлатҳои тӯлонии расонидани ашёи хом ва мавод аксари корхонаҳои соҳа дастаҳои калони маводро фармоиш дода, минбаъд дар муддати якчанд моҳҳо истеҳсоли маҳсулотро аз ин ҳисоб ба роҳ мемонанд. Ин усули таҳвили маҳсулот, гарчанде нархи таҳвилро паст кунад ҳам, хароҷоти нигоҳдории ашёи хом ва маводро зиёд мекунад.

Агар аз натиҷаи таҳлили гузаронидашуда сатҳи зарурии камкунии масрафҳо ба даст ояд, пас чорабиниҳо оиди ҷустуҷӯи захираҳои камкунии масрафҳо дар ҳамин марҳила қатъ карда мешаванд ва раванди омодагӣ ва азхудкунии истеҳсоли маҳсулоти нав оғоз мешавад, дар акси ҳол имкониятҳои тариқаи дуюм истифода мешаванд, яъне таҳлили арзишнокии маҳсулот гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити инноватсионӣ (баҳисобгирии идоракунии инноватсияҳо, баҳисобгирии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ) – самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки дар доираи он таъминоти ахбории қабули қарорҳои идоракунии асоснок дар мавриди идоракунии инноватсияҳо бунёд мегардад.

Ба заруруати ҷудо кардани фаъолияти инноватсионӣ ба сифати объекти баҳисобгирии идоракунӣ ҷой доштани сатҳҳои микро ва макрои идоракунии раванди мазкур боис шудааст. Дар сатҳи микро дар низоми идоракунии инноватсияҳо мақоми нисбатан муҳим бояд ба баҳисобгирии идоракунӣ ҷудо карда шавад. Барои ҳалли масъалаҳои асосии макроиқтисодии рушди инноватсионӣ ба уҳдадориҳои менеҷерҳо оид ба инноватсияҳо таҳлили муҳити макроиқтисодӣ, омӯзиши навовариҳои маркетингӣ ва техникӣ дохил мешаванд. Вобаста ба ин, талаботи ахбории онҳо бунёд карда мешаванд, ки зарурати пойдоршавӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунии фаъолияти инноватсиониро муайян мекунанд [9, с. 23].

Тафовути асосии баҳисобгирии идоракунии инноватсияҳо аз баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ ин тамаркуз ба омилҳои сифатии ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсиррасонанда мебошад. Ғайр аз ин, ба хусусиятҳои хоси баҳисобгирии идоракунии инноватсияҳо метавон зарурати баҳисобгирӣ ва таҳлили омилҳои ғайримолиявиро мансуб донист.

Ақидаҳои дар адабиёт мавҷудбуда моҳияти баҳисобгирии идоракуниро чун бахши баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳамчунин унсурҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андозро дар бар мегирад, муайян менамоянд. Вале диди мазкур имкони баҳисобгирии ахбори хосаи ғайримиқдорӣ, яъне ахбори сифатиро, ки ҳангоми бунёдкунии баҳисобгирии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ муҳим аст, истисно мекунад.

Бино бар ин, баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити инновастионии корхонаҳои муосир бояд низоми щамгирои баҳисобгирӣ ва таҳлили ахбори миқдорӣ ва сифатӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ дар доираи таҳлилии басанда ба хотири қабули қарорҳои идоракунии кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат бошад. Дар ин маврид хосияти маҷмӯии ин гуна низоми баҳисобгирӣ бояд ба зуҳуроти пешин, ҳозира ва оянда асос ёбад. Мушкили аксари маҳакҳои баҳодиҳии самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ дар он аст, ки онҳо ба зуҳуроти гузашта нигарон буда, бу рушди ояндаи фаъолият мусоидат намекунанд. Дар ҳақиқат, корбурди нишондиҳандаҳои пешин ва ҳозира нисбатан осон аст, чунки дар корхонаҳо ҳамеша ин гуна ахбор мавҷуд аст. Ҳамзамон маҳакҳои баҳодиҳии рӯйдодҳои оянда имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои кори корхона барои муҳлати тӯлонитар пешбинӣ карда шаванд.

Идоракунии босамараи фаъолияти истеҳсолӣ дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ бо истифодаи пояи ягонагии методӣ, ки талаботи ягона ба таъминоти ахборӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлилро дар корхона дар назар дорад, таъмин мегардад. Маҳз ҳаминро низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ки ҳама ҷузъҳои номбаршударо дар муҳити ягонаи методологӣ ва методӣ муттаҳид месозад, таъмин менамояд ва чун таҳқиқи маҷмӯӣ ва бонизоми масрафҳои истеҳсол ва фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунад. Дар ин маврид нақши муҳим ба таҳлили масрафҳо тааллуқ дорад.

Дар раванди таҳлили масрафҳо ва фаъолияти инноватсионӣ баҳодиҳии самаранокии масрафҳо ба ҷо оварда мешавад. Самаранокии масрафҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳам барои истеҳсолкунандагон ва ҳам барои харидорон ҳисоб карда мешавад. Ба сифати маҳаки асосии асосноккунии самаранокии иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти нав бояд натиҷаи вай баррасӣ карда шавад: даромади софи тахфиф (дисконт)-кардашуда, ки бо роҳи муқоиса кардани масрафҳои баҷоовардашуда ва натиҷаҳои гирифташуда муайян карда шуда, барои ҳама асосноккуниҳои минбаъдаи самаранокии иқтисодии лоиҳаи мушаххаси инноватсионӣ чун асос қабул карда мешавад. Илова бар ин, самаранокии иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ муайян кардани индекси даромаднокӣ, муҳлати пӯшонидани масрафҳои асосӣ ва меъёри дохилии даромаднокии лоиҳаро дар бар мегирад. Баҳодиҳӣ бо муайян кардани устуворӣ ва таассурнокии хосиятҳои асосии иқтисодии лоиҳа ба тағйирёбии аломатҳои дохилӣ ва берунӣ ба анҷом мерасад.

Самаранокии иқтисодии фаъолияти инноватсиониро барои харидорон (истеъмолкунандагон)-и маҳсулоти нав бояд аз ҷиҳати дигар баррасӣ кард. Харидор маҳсулот (ё таҷҳизот)-и навро харид карда, пояҳои моддӣ-техникӣ, технологияи истеҳсолӣ ва идоракунии худро мукаммал мегардонад. Вай масрафҳои бо хариди инноватсия, кашонидан ва азхуд кардани он алоқамандро ба ҷо меорад. Самаранокии масрафҳои харидор барои истифодаи инноватсияро метавон таввасути муқоиса кардани чунин нишондиҳандаҳо бо қиматҳои то ва пас аз татбиқи инноватсия муайян намуд: масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот; маблағи фурӯши маҳсулот; арзиши сарватҳои истеъмолшуда.

Ноилгардӣ ба самаранокӣ ва натиҷанокии баландтарини фаъолияти инноватсионӣ бевосита аз идоракунии босамараи масрафҳо барои фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад. Идоракунии ин масрафҳо иҷрои чунин вазифаҳои ба идоракунии ҳама объектҳо хосро дар назар дорад: таҳия кардани қарор, татбиқ ва назорати он. Вазифаҳои идоракунии масрафҳо тавассути ҷузъҳои даври идоракунӣ – ояндабинӣ ва банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва танзимкунӣ, фаъолгардонӣ ва ҳавасмандгардонӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлил амалӣ карда мешаванд. Нақши хосаро дар низоми идоракунӣ баҳисобгирӣ ва таҳлили масрафҳо мебозад, ки назоратро дар фаъолияти инноватсионӣ вобаста ба дараҷаи баланди хавфҳо таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Альгина Т.Б., Смирнова Т.В. Инновационные методы управления затратами на основе стратегического подхода // Инновации. – 2010. - № 1 (135). – С. 92-96
2. Гагиев Р.С., Чупров Р.Н., Симоненко В.Н. Применение зарубежного опыта системы директ-костинг в экономике современной России // Науки о человеке, обществе и культуре. Ученые записки КнАГТУ. - 2017. - № 1-2 (29). – С. 98-101
3. Демина И.Д. Основные направления совершенствования учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в соответствии с МСФО // Экономика и современный менеджмент: теория и практика. - 2014. - № 43. - С. 20–25
4. Илюхина Н.А. Инновационные модели управленческого учета затрат в условиях адаптации к международным стандартам финансовой отчетности // Материалы Международной заочной научно-практической конференции «Человеческое развитие: вызовы и перспективы» / Human Progress. – 2016. – Том 2. - № 3. [Сарчашмаи электронӣ]. Низоми дастрасӣ: http://progress-human.com/
5. Керимов В.Э. Таргет-костинг как инструмент определения целевой себестоимости // Вестник Финансовой академии. – 2007. - № 4. – С. 70-76
6. Косторный И.Ю., Феськова М.В. Современные системы учета затрат и калькулирования // Наука и образование: сохраняя прошлое, создаем будущее: сборник статей Международной научно-практической конференции. - 2016. - С. 32-35
7. Мирзоева Е.Ш. Совершенствование управления инновационноинвестиционной деятельностью предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан. Дисс. На соиск. уч.степени канд. экон. Наук. – Душанбе, 2019. – 167 с.

8. Нестеров В.Н. Анализ издержек в инновационном развитии организации. – Казань: Изд-во КФЭИ, 2001. – 180 с.
9. Саранцева Е.Г., Давыдова В.В. Инновационная деятельность как объект управленческого учета // Международный бухгалтерский учет. – 2012. – № 24 (222). - С. 23-29
10. Туктарова А.Е. Учет и анализ инновационных издержек в системе контроллинга: дис. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. – Саратов, 2004. – 223 с.
11. Файзрахманова Г.Р., Янковская Д.Г. Интегрированная модель управленческого учета инновационных затрат // АНИ: Экономика и управление. – 2016. – Т. 5. - № 2 (15). – С. 253-257
12. Файзрахманова Г.Р. Учетно-аналитическая модель инновационной деятельности // Вестник Казанского государственного аграрного университета. – 2010. – № 1 (15). – С. 77-82
13. Косторный И.Ю., Феськова М.В. Современные системы учета затрат и калькулирования // Наука и образование: сохраняя прошлое, создаем будущее: сборник статей Международной научно-практической конференции. - 2016. - С. 32-35
14. Храмова Е.А., Гришанова К.А. Современные системы учета затрат на производство // Проблемы науки. - 2017. - № 4 (17). - С. 68-69

***Қодирова Г.Т. - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР НИЗОМҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

Рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ ва равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ ба он оварданд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ акнун аз ҳудуди низомҳои хоҷагидорӣ - корхонаҳои алоҳида баромада, ҳарчӣ бештар ба доираи густурдаи муносибатҳои муоширати тиҷоратӣ ворид мешавад. Ба хотири ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасткунӣ ва ба шахсони манфиатдор пешкаш намудани иттилооти зарурӣ оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар корхона бунёд намудани низоми муносиб ва босамараи баҳисобгирии муҳосибӣ тақозои марҳилаи нави рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф шахсони дар бунёдсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ масъул бояд оид ба заминаҳои таърихӣ ва методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ маълумот дошта бошанд ва онро дар фаъолияти худ ба кор баранд. Пеш аз ҳама онҳо бояд дарк кунанд, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибии имрӯз дар субъектҳои хоҷагидорӣ амалкунанда барои ҳамаи мамлакатҳо ягона нестанд, дар ҳар як мамлакат равишҳои барои худ хос ба инъикоси падидаҳо ва далелҳои хоҷагидорӣ коркард шудаву дар стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ гардидаанд. Вале дар солҳои охир дар мамлакатҳои алоҳида тамоюли аз ҳамдигар ба худ гирифтани бештари муқаррароти низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба назар мерасад.

То имрӯз заминаҳои таърихии пайдошавии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ пурра ба таҳқиқ фаро гирифта нашудаанд, равишҳои методологии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ ба як шакли мукаммал оварда нашудаанд. Дар байни олимон ва муҳаққиқон ақидаҳои гуногун оид ба ҷанбаҳои таърихӣ, принсипҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуд мебошанд. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки таҷрибаи дар самти роҳандозӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ғунгардида ба низом дароварда шуда, самтҳои рушди минбаъдаи амалкунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда шаванд.

Масъалаҳои мубрами омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ мавриди таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Муҳаққиқони ватанӣ - М.У. Бобоев [1; 2], Б.Ҳ. Каримов [5; 6], Д.А. Розиев [12], Қ.Х. Хушвахтзода [15] ва дигарон дар таҳқиқоти худ заминаҳои ташаккул ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибиро баррасӣ намудаанд.

Таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ қариб шаш ҳазор солро дар бар мегирад. Барои арзи ҳастӣ намудани он фаъолияти хоҷагидории инсон боис шудааст. Дар аввал объектҳои баҳисобгирӣ, техника ва усулҳои баҳисобгирии онҳо ниҳоят сода буданд. Дар рафти таҳаввули зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии замонҳои гуногун хоҷагидории инсонӣ рушд мекард, миқёсҳои фаъолияти иқтисодии одамон густариш меёфтанд, таркиби амволи хоҷагидорӣ васеъ мешуд ва ҳамаи ин ба такомули мавзӯи баҳисобгирии муҳосибӣ ва методологияи он овард. Вале ҳадафи он – ба таври муносиб инъикос кардани амвол ва ҳисобикуниҳои байни иштирокчиёни муомилоти хоҷагӣ дигар нашуд [8, с.12].

Ҳарчанд олимону муҳаққиқон кӯшиш намудаанд, аниқ муқаррар намудани замони пайдошавии баҳисобгирӣ ба онҳо муяссар нашудааст. «Сарчашмаҳои баҳисобгирӣ, ғунчаҳои аввалини он ба ҳамешагӣ аз мо ниҳонанд. Мо онҳоро намедонем ва дониста ҳам наметавонем. Онҳо ба ҳазорсолаҳои зиёде аз назари мо нопадид шудаанд. Ҳама он чӣ, ки мо тасдиқ карда метавонем, ҳамин аст, ки баҳисобгирӣ яку якбора пайдо нашудааст. Замоне буд, ки он лозим набуд, он вақт ҳамаи маълумот оид ба хоҷагидориро як инсон дар сари худ ҷой медод, вале на аз сабабе, ки хотираи ӯ хуб буд, балки хоҷагӣ калон набуд ва маълумот дар бораи он низ зиёд набуд» [13, с.27].

Дар бештари асарҳои дастрас, ки дар онҳо таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷ гардидааст, оғози фаъолияти баҳисобгирӣ бо замони пайдо шудани хат ҳамрадиф ҳисобида мешавад. Бале, бо пайдо шудани хат барои нигориши падидаҳои фаъолияти хоҷагидории инсон ашёи гуногун истифода мешуданд: дар Мисри Қадим – бардӣ (як навъ гиёҳи обӣ, ки дар забонҳои қадимии лотинӣ ва юнонӣ папирус ном дошт), дар Рими Қадим – тахтачаҳои мумӣ, дар Бобилистон – тахтачаҳои сафолӣ. Бо пайдо шудани қоғаз дар баҳисобгирӣ низ таҳаввулоти муҳим рӯй дод. Авалин қоғаз дар сарзамини Чин дар асри II солшумории куҳна пайдо шуда, вале сирри истеҳсоли он то асри VI солшумори нав махфӣ нигоҳ дошта мешуд. Пас аз ифшо шудани сирри истеҳсоли худ қоғаз дар аввал ба Япония, сипас ба Олами Ислом ва дар асри X-XI ба Европа паҳн гардид.

Ҳастии якҷояи қоғаз ва ҳисоб – шарти асосии пешбурди баҳисобгирӣ буд. Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки низоми мукаммали ҳисоби даҳӣ, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон истифода мешавад, асолати шарқӣ дорад. Китобҳои машҳури намояндаи миллати тоҷик Ал-Хоразмӣ, ки дар давраи солҳои 819-847 дар маркази тамаддуни Ислом – шаҳри Бағдод фаъолият кардааст, - «Китоби мухтасар дар бораи алгебра ва муодилаҳо» («Китоб-ул-мухтасар-фи-ҳисоб-ул-ҷабр-вал-муқобала») ва «Китоб дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» («Китоб-ул-ҷамъ-ва-т-тафриқ би ҳисоб-ул-Ҳинд») заминаи низоми муосири ҳисоби даҳӣ мебошанд.

Ворид шудани қоғаз ва низоми даҳии ҳисоб ба Европа ба пайдошавии баҳисобгирии муҳосибии бонизом боис шуданд. Тавре муҳаққиқон Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда дар китоби худ «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ» («Accounting Theory») қайд мекунанд, «Ҳеҷ кас намедонад, ки кошифи баҳисобгирии муҳосибӣ кист. Танҳо метавон тасдиқ кард, ки низоми навишти дутарафа ботадриҷ дар асрҳои XIII-XIV дар марказҳои тиҷоратии Италияи Шимолӣ пайдо шудааст. Шаҳодати аввалии низоми муҳосиботи дугонии пурра соли 1340 дар нигоришҳои маҳаллии Генуя кашф гардиааст» [14, с.27].

Аввалин маротиба баҳисобгирии муҳосибиро роҳиб ва риёзидони италиёвӣ Лука Пачоли ба низом даровардааст. Вай дар боби нуҳуми китоби худ «Ҷамъи арифметика, геометрия, таносуб ва мутаносибиҳо» (Summa de Arithmetica, Geometrica, Proportioni et Proportionalita), ки «Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо» («Particularis de Computis et Scripturis») ном дошт (соли 1494) маънии навиштаҷоти муҳосибиро шарҳ додааст. Гарчанде ин корро Лука Пачоли 527 сол муқаддам ба ҷо оварда бошад ҳам, маънидодкуниҳои истилоҳҳои асосии

баҳисобгирии муҳосибӣ, чун ҳисоб, тавозун, дебет, кредит ва дигарҳо то имрӯз аҳамияти хуро гум накардаанд. Ба андешаи Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда тафовутҳои имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз баҳисобгирии муҳосибии замони Лука Пачоли на он қадар назаррас буда, чунин ҷиҳатҳои асосиро дар бар мегиранд [14, с.28]:

1) то асри XVI ҳадафи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ бо иттилоот таъмин намудани соҳибмулки ягона буд, бино бар ин, маълумоти ҳисобҳои муҳосибӣ махфӣ нигоҳ дошта мешуданд, стандартҳои танзимкунандаи ҳисобот, ки барои замони мо хос мебошанд, вуҷуд надоштанд;

2) сарҳади аниқи байни моликияти шахсии соҳибмулк ва амволи корхона вуҷуд надошт, ба қавли дигар, принсипи воҳиди хоҷагидорӣ ба таври васеъ паҳн нагардида буд, гарчанде баъзан тоҷир китобҳои алоҳидаро барои баҳисобгирии хоҷагии хона ва барои дӯкони худ мебурд;

3) мафҳумҳои «давраи ҳисоботӣ» ва «корхонаи амалкунанда» вуҷуд надоштанд. Аксари корхонаҳо фаъолияти худро фақат то ноил гардидан ба ҳадафи тиҷоратии муайян идома медоданд, бино бар ин, фоидаи корхона низ дар анҷоми фаъолият ҳисоб карда мешуд, бе мафҳуми фоидаи давраи ҳисоботӣ зарурат барои иҷрои амалиёти ҳисобузамкунӣ ва мавқуфгузорӣ низ набуд. Азбаски воситаҳои асосӣ дар фаъолияти тоҷир нақши назаррас надоштанд, барои ҳисобкунии истеҳлок низ зарурат набуд. Дар корхонаҳои барои муддатҳои тӯлонитар таъсисдодашуда зарурати начандон муҳими ҳисобкунии даврагии фоида вуҷуд дошт, чунки соҳибмулк дар робитаи бевосита бо фаъолияти корхона қарор дошт;

4) он замон воҳидҳои пулии зиёд мавҷуд буданд, ки истифодабарии муҳосиботи дугониро душвор мегардониданд, бино бар ин, нигоришот дар феҳристи ба ном «мемориал» («ёддошт») хосияти тасвирӣ доштанд ва маълумоти муфассалро дар бораи мол, вазн, ҳаҷм, воҳиди ченак ва нархи он дар бар мегирифтанд.

Таҳаввули баҳисобгирии муҳосибӣ дар оғози асри XX бошиддат суръат гирифт. Маҳз дар ҳамин давра вай мартабаи касбиро ба худ гирифтааст, ки бо чунин ҷиҳатҳо зоҳир мегардид [7, с.13]:

- расидан ба сатҳи баланди муошират ва бонизомӣ;

- нигаронидани диққат аз манфиати муҳосибон ё соҳибмулкони алоҳида ба манфиати тамоми омма (доираи васеи истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ);

- татбиқи ғояи кодекси одоби муҳосиб чун олоти назорати босамараи рафтори муҳосиби касбӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ.

Имрӯз бо вусъат ёфтани равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ васеъ шуда, ҳадафи он низ ба шароити иқтисодии замони нав мутобиқ мегардад. Акнун дар баҳисобгирии муҳосибӣ майлон ба қоидаҳои ҳамамақбули ҷаҳонӣ – стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), ки принсипҳои асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро муайян мекунанд, бештар ба назар мерасад. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидории алоҳида ба мувофиқа омада, бо қоидаҳои ягона роҳандозӣ карда мешавад.

Равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ нигоҳи навро ба моҳият ва нақши баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамоянд. Акнун баҳисобгирии муҳосибӣ на чун амали техникии барои ташкили назорати фаъолияти хоҷагидории субъекти иқтисодӣ зарурӣ, балки чун воситаи муҳими иртибот дар муҳити тиҷоратии густурда ва доираи зиёди иштирокчиён ва манфиатдорони натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дарк карда мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ чун илм ба илмҳои иқтисодӣ мансуб аст, яъне дар қатори илмҳои дигари илмҳои ҷамъиятӣ мақом дорад. Бино бар ин, рушди баҳисобгирии муҳосибӣ бо равандҳои рушди ҷамъият алоқаи ногусастанӣ дорад. Чун илми ҷамъиятӣ баҳисобгирии муҳосибӣ равандҳои иқтисодӣ (хоҷагидорӣ)-и корхонаҳо (субъектҳои хоҷагидорӣ)-ро дар низоми иттилоотии ягона инъикос менамояд. Объекти омӯзиши баҳисобгирии муҳосибӣ равандҳои иқтисодие, ки дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо рух медиҳанд, инчунин натиҷаҳои ин равандҳо мебошанд.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ки равандҳои иқтисодии дар субъектҳои хоҷагидорӣ рухдиҳанда онҳоро васф мекунанд, бо дигаршавии таркиби субъектҳо ва объектҳо, инчунин хосият ва муҳтавои худи муносибатҳои иқтисодӣ ҳамрадиф аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ чун илми инъикоскунандаи ин равандҳо, ҳадди ақал омӯзиши муҳтавои иқтисодии равандҳоеро, ки дар доираи онҳо корхона амал мекунад, муайян кардани усулҳои инъикоси нисбатан воқеъбинонаи ин равандҳо ва таҳия намудани тарзҳои пешниҳод намудани иттилооти гирифташударо дар бар мегирад. Ҳамин тавр, «рушди баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ҳам бо ҷиҳати техникӣ (усулҳои баҳисобгирӣ ва тарзҳои пешниҳод кардани иттилоот) ва ҳам бо муҳтаво ва маънии иқтисодии иттилооти бунёднамуда ва пешниҳоднамудаи худ алоқаманд бошад» [11, с.183]. Ғайр аз ин, далелҳое ба миён меоянд, ки новобаста аз ворид шудани субъектҳои хоҷагидорӣ ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо иштирокчиёни дигари муносибатҳои иқтисодӣ ба вазъи иқтисодии онҳо таъсир мерасонанд. Ин гуна рӯйдодҳо низ дар баҳисобгирии муҳосибӣ бояд инъикос карда шаванд. Ҳамаи ин зарурати мукаммалгардонии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро ба миён меорад.

Зарурати ба ҷо овардани корҳо оид ба мукаммалгардонии низоми имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ пеш аз ҳама аз дигаршавии муҳити фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, густариши муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо субъектҳои бозори ҷаҳонӣ, пайдо шудани объектҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ ва дигаршавии пояҳои ҳуқуқӣ бармеояд. Профессори рус В.Ф. Палий дуруст қайд менамояд, ки «аллакай ҳама равишҳои анъанавӣ ба муайян кардани мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ, роҳҳои рушди он ва имконияти рушди назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба итмом расидаанд. Сохтори баҳисобгирии муҳосибӣ барои тиҷорат чун омили боздоранда ва аз ҷиҳати иқтисодӣ беасос мегардад. Мушкилоти ҷиддии моҳиятӣ ва истилоҳотии бо хосиятҳои сифатии мафҳумҳои дороиҳо, ӯҳдадориҳо, сармоя, захираҳо, даромадҳо ва хароҷот алоқаманд (хосиятҳо, тамоюлҳо, қонуниятҳои нав) пайдо шудаанд» [10, с.45].

Муҳаққиқони рус И.Н. Богатая ва Е.М. Евстафева низоми имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро таҳқиқ намуда, аз ҷумла чунин камбудиҳои онро ошкор кардаанд [3, с.2-3]:

- сатҳи пасти мубрамӣ (баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аксаран барои қарорҳои идоракунӣ иттилоотеро пешниҳод менамоянд, ки на ҳамеша мақбул аст);
- хосияти таърихӣ доштани иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ (аз санаи рухдиҳии далелҳои хоҷагидорӣ дур будани санаи тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва ба истифодабарандагони манфиатдор пешниҳод кардани он);
- таҳрифи маълумоти дар баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёбанда ва дар ҳисоботи молиявӣ дарҷгардида, масалан оид ба натиҷаҳои молиявӣ ва арзиши дороиҳои софи корхона бар асари шароити муайян (баҳодиҳӣ бо арзиши таърихӣ, захиракунӣ, истеҳлок ва дигарҳо);
- қиёспазирии нобасандаи маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бар асари истифодабарии тариқаҳои гуногуни дар сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ муқарраршудаи баҳисобгирии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо;
- дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба омилҳои берунии муҳити макроиқтисодӣ диққат дода намешавад, танҳо ҷиҳатҳои дохилии фаъолияти корхона ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, метавон тасдиқ кард, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии имрӯз амалкунанда сифат ва эътимоднокии муносиби иттилооти дар худ бунёдшавандаро ба андозаи басанда таъмин наменамояд, инчунин имконияти истифодаи муфиди ин иттилоотро маҳдуд мекунад.

Дар шароити имрӯза ҷустуҷӯ ва дарёфти шарики иқтисодии боэътимод барои барпо намудани ҳамкории минбаъда бо он метавонад танҳо бо шарти истифодабарии иттилооти воқеъбинонаи аз низоми баҳисобгирии муҳосибӣ гирифташаванда оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории ин субъект ба ҷо оварда шавад. Ин бештар аз эътимод ба маълумоти

тавассути ҳисоботи молиявии шарики иқтисодии имконӣ гирифташуа вобаста аст. Ҳатто дар марҳилаи аввалии шиносоӣ бо нишондиҳандаҳои иқтисодии шарики имконӣ дар асоси таҳлил ва ташхиси ҳисоботи молиявии дастрас, ки дар воситаҳои ахбори омма (бахусус интернет) нашр мешавад, эътимод ва кафолати пурра оид ба дурустии дарк кардани ин иттилоот вуҷуд надорад. Ин аз сабаби ҷиҳатҳои методологии ҳалнашуда на танҳо оид ба корбурди қоидаҳо ва тарзҳои гуногуни ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ ва пешкашкунии маълумот оид ба фаъолияти субъекти иқтисодӣ, инчунин азбоиси ихтилофҳои появӣ дар дарки воқеъбинонаи қонунҳои иқтисодӣ ва корбурди амалии онҳо ба миён меояд.

Ба хотири аз нав пойдор намудани боварии истифодабарандагон ба иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ пешкашшаванда мукаммалсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар самти рушди равишҳои муттасили назариявӣ ва методологие зарур аст, ки бо ёрии онҳо тассаввуроти аллакай маъмулбуда ва ҳам навпайдошудаи баҳисобгирии муҳосибиро метавон арзёбӣ намуд ва дар ин асос таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ ва методии раванди баҳисобгирии муҳосибиро таҳия кард.

Дар адабиёти илмии соҳа ду равиши асосӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ муайян карда шудааст: ҳамоҳангсозӣ ва стандартикунонӣ [4, с.27].

Ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як мамлакат мавҷуд будани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии ба СБҲМ асосёфтаро пешбинӣ менамояд. Равиши мазкур дар аксари мамлакатҳои Европа ва дар Россия қабул карда шудааст. Дар ин маврид қоидаҳо (стандартҳо)-и миллии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ бо роҳи ба онҳо ворид намудани нуктаҳои асосии СБҲМ тадриҷан мукаммал карда мешаванд. Дар натиҷаи мутобиқсозии қоидаҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ қиёспазирии маълумоти ҳисоботи молиявии корхонаҳои миллӣ бо корхонаҳои хориҷӣ ба даст меояд.

Стандартикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҳия намудани дастаи ҳамсонкардашудаи стандартҳо (СБҲМ), ки дар ҳама ҳолатҳо ва дар ҳар як мамлакат истифода шуда метавонанд, нигаронида шудааст. Дар ин маврид зарурати таҳия намудани стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ аз байн меравад. Аммо татбиқи стандартҳои ҳамсонкардашуда дар ҳар як мамлакат бояд на дар асоси қонунгузорӣ, балки ихтиёрӣ, бо роҳи давра ба давра ворид намудани стандартҳои алоҳида ба ҷо оварда шавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон СБҲМ пурра барои истифодабарӣ қабул карда шудаанд ва тавре муҳаққиқ Б.Ҳ. Каримов қайд менамояд, инро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар солҳои охир қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд [5, с.176]. Корбурди равиши мазкурро дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ низ дастгирӣ намудаанд [2; 9].

Ҳамин тавр, вазъи муосири рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон водор менамояд, ки шахсони ба бунёдсозии асосҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин қабули равишҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ масъул ба сарчашмаҳои пайдошавӣ ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи фаъолият ва илм муроҷиат намоянд ва дар асоси таҳқиқи онҳо муҳити муносибро барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ фароҳам оваранд.

## АДАБИЁТ


1. Бобоев М.У., Ғайбуллоева Д.А. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ / М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева // Паёми Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон. – 2021. - № 1 (44). – С. 125-135
2. Бобоев М.У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан [Текст] / М.У. Бобоев / Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики / Сборник статей VI Международной научно-практической конференции (Екатеринбург, 24 апреля 2015

года). – Екатеринбург: Издательство Уральский государственный экономический университет, 2015. – С. 126-133
3. Богатая И.Н., Евстафьева Е.М. Исследование современных тенденций развития бухгалтерского учета и отчетности в Российской Федерации [Текст] / И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева // Бухгалтерский учет в издательстве и полиграфии. – 2013. - № 5 (167). – С. 2-16
4. Зырянова Т.В., Скребкова Ж.Р. Методологические и методические подходы к гармонизации бухгалтерского учета в условиях автоматизации и перехода на МСФО [Текст] / Т.В. Зырянова, Ж.Р. Скребкова // Международный бухгалтерский учет. – 2008. - № 7 (115). – С. 26-39
5. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 4. – С. 169-179
6. Каримов Б.Х., Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49
7. Ковалев В.В. Развитие бухгалтерского учета и бухгалтерского образования [Текст] / В.В. Ковалев // Бухгалтерский учет. – 2012. - № 8. – С. 13-17
8. Кутер М.И. Теория бухгалтерского учета. Учебник [Текст] / М.И. Кутер / 3-е изд. доп. и перераб. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 592 с.
9. Низомов С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития [Текст] / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. - № 2. – С. 73-76
10. Палий В.Ф. Актуальные вопросы теории бухгалтерского учета [Текст] / В.Ф. Палий // Бухгалтерский учет. - 2005. - № 3. - С. 45-49
11. Пащенко Т.В. Бухгалтерский учет: трансформация назначения и содержания [Текст] / Т.В. Пащенко // Вестник Пермского университета. Серия: Экономика. – 2016. - № 3 (30). – С. 182-192
12. Розиев Д.А. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ / Д.А. Розиев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 4. - С. 98-103
13. Соколов Я.В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней [Текст] / Я.В. Соколов. - М.: Аудит, ЮНИТИ, 1996. - 638 с.
14. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета [Текст] / Э.С. Хендриксен, М.Ф. Ван Бреда / Пер с англ. / Под ред. проф. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 2000. – 576 с.
15. Хушвахтзода Қ.Х. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами ислом / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10-2. - С. 66-71

***Бобомуродов Б.Э., Муҳаммади М., Толибова Ҳ. – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## АҚИДАҲОИ ОЛИМОН ОИД БА ИЛМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Баҳисобгирӣ фаъолиятест, ки ба бисёр паҳлӯҳои ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа таъсир мерасонад. Пешрафтҳо дар пешрафти илмӣ ва техникӣ тамоми паҳлӯҳои баҳисобгириро тағйир медиҳанд. Наздикии ҷуғрофии қитъаҳо ва кишварҳо, робитаҳои наздики иқтисодӣ, иштироки фаъоли ширкатҳои хориҷӣ дар фаъолиятҳои сармоягузорӣ, васеъшавии сармояи хориҷӣ ва ғайра. Дар айни замон, барои пурзӯр кардани баҳисобгирии милли олимони ин соҳа кушиш ба харҷ медиҳанд ва бояд водор созанд, ки барои низоми баҳисобгирӣ фаҳмиши баланд лозим аст, ки сифати муҳими ҳама гуна маълумоти баҳисобгириро муайян мекунад.

Ин меъёри муҳим дар ҳамаи стандартҳои байналмилалии ҳисобот инъикос ёфтааст. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи системаи (аз юнонӣ. Система - як маҷмӯи қисмҳо, пайвастшавӣ) ягонагӣ яъне муайян намудани маҷмӯи унсурҳои баҳисобгирӣ, ки бо ҳамдигар алоқамананд ҳастанд ва инчунин ба ҳамдигар далх дорад. Яке аз системаҳо ситемаи оптималии баҳисобгирӣ аст, ки барои талаботи дақиқ, саривақтӣ, арзиши кам ҷавоб дода, имкони дуздӣ ё қаллобӣ ва ғайраро бартараф мекунад [2, с. 17].

Рушди ҳисобдорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи ҷомеаи инсонӣ мебошад. Манфиатҳои ихтилофӣ, мушкилии ташкили ҳаёти иқтисодӣ, нақши афзояндаи давлат ва ҳуқуқ аҳамияти баҳисобгирии муҳосибиро тақвият медиҳанд [6, с.75].

**Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илм.** Истилоҳи "Муҳосиб" (ҳаммаъно бо калимаи олмонии "buchhalter") дар асри XV пайдо шудааст. Марҳилаи чоруми рушди баҳисобгирии муҳосибӣ тавсиф мекунад, ки он ба илм табдил ёфтааст. Ҳадди аққал панҷ шарҳи илмӣ мавҷуданд ва баҳисобгирӣ ба ҳар яки онҳо мувофиқат мекунад.

**G.V.F. Гегел** (1770 - 1831) ва пас аз марксистҳо тасдиқ карданд, ки донишро танҳо илмӣ ҳисобидан мумкин аст, агар он қонунҳои объективиро тасвир кунад. Рушди ҳисобдорӣ дар тӯли асрҳо диалектикаи ин рушдро нишон медиҳад.

**О. Комте** (1798 - 1857) дониши систематикиро ҳамчун илм медонист ва далели он, ки баҳисобгирӣ дар принсипҳои дохилшавии дукарата, бешубҳа, ба ин критерия мувофиқ аст. К.Поппер (1902 - 1994) таснифи изҳоротро ҳамчун назарияи илмӣ ду меъёр пешкаш намуд: анъанаи қадим ин амалияи меъёри ҳақиқат (верифика) мебошад, ва навтарин, ҳама гуна назария, агар вай худро илмӣ эълон кунад, бояд бисёр вазъиятҳои амалиро шарҳ диҳад, аммо на ҳама онҳо (қаллобӣ). Ҳамин тариқ, назарияи тавозун баҳисобгирии суратҳисобҳои манбаъҳои сармояро хуб шарҳ медиҳад, аммо наметавонад баҳисобгирии ҳисоби суратҳисобҳоро дуруст шарҳ диҳад ва баръакс назарияи мубодила, баҳисобгирии суратҳисобҳои ҳисобҳоро хуб шарҳ медиҳад, табиати баҳисобгирии ҳисоби маблағҳои худ, яъне аз нуқтаи назари Меъёрҳои баҳисобгирии баҳисобгирии Поппер албатта илм мебошанд.

**Т.Кун** (1922 - 1995) идеяи парадигма, яъне маҷмӯи донишҳои маъмулро пешниҳод кард. Гузариш аз як парадигма ба дигараш инқилоби илмӣ мебошад. Агар ба марҳилаҳои рушди баҳисобгирӣ гузарем, мебинем, ки ҳар яке аз марҳилаҳои дар боло зикршуда парадигмаи муайян доранд ва тағйири парадигма маънои сатҳи нави абстраксияро дар дониши далелҳои ҳаёти иқтисодӣ ва инқилоби интеллектуалӣ дар рушди баҳисобгирӣ дошт.

**П.Фейерабенд** (1924 - 1994) далел овард, ки илм мувофиқи ивазшавии насли олимон рушд мекунад. Ҳар як насли нав нуқтаи назари насли пешинро инкор мекунад, он як илми рушдкунанда аст.

**Усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**. Усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз шаш марҳилаи асосӣ гузаштааст:

**1. Натуралистӣ** (4000 пеш аз милод - 500 то милод). Тафаккур дар бораи муҳосибии ибтидоӣ аст, дар ин усул қайд кардаанд, чигуна бо баҳисобгирии бухгалтерӣ коркардан мумкин. Ҳамин тавр як консепсияи марказии баҳисобгирӣ мавҷуд аст яъне далели ҳаёти иқтисодӣ. Дар шакли умумӣ, воқеияти ҳаёти иқтисодӣ он аст, ки муҳосиб тибқи барномаи мониторинг (дастурҳо) бояд ба қайд гирифта шавад. Ҳар як воҳиди амволи воқеъ дар ташкилот бояд сабт карда шавад. Ҳамин тариқ, инвентаризатсия (тавтишот)таваллуд мешавад ва бо он маводи инвентаризатсияи баҳисобгирӣ сурат мегирад.

Ҳар як ҳақиқати ҳаёти иқтисодӣ, ки ӯҳдадориҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад, бояд дар баҳисобгирии муҳосибӣ низ инъикос ёбад ва ин ба чунин усули баҳисобгирӣ ҳамчун муқоисавӣ (муқоисаи ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила) оварда мерасонад ва дар худи муҳосибот ҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ пайдо мешаванд [3]. Ҳама далелҳо ба далелҳои давлат, амал ва ҳодиса тақсим мешаванд. Далелҳои давлат усулҳои аввалини баҳисобгириро муайян карданд - инвентаризатсия – изҳорот дар бораи он, ва даъват - муайян кардани шахсе, ки аз кӣ қарздор аст. Онҷо далелҳои амал (кори муқаррарӣ) ва далелҳои ҳодиса (форс-мажор) дар ҳамон тартиби муайянкунӣ инъикос мешуданд. Барои бақайдгирии далелҳои ҳаёти иқтисодӣ аввалин ҳисобҳо пайдо шуданд: ҳисобҳои захираҳо ва ҳисоббаробаркунӣ.

**2. Арзиш** (500 пеш аз милод - 1300). Пайдоиши пул (тангаҳои аввалин дар асри V пеш аз милод пайдо шуданд) ба пайдоиши техникаи нав - баҳодиҳӣ оварда расониданд, ки он дар ҳама ҳолатҳо, вақте ки пул ҳамчун нишондиҳандаи арзиш баромад мекард, гузаронида мешуд. Аз он вақт инҷониб, объекти баҳисобгирӣ (воқеияти ҳаёти иқтисодӣ) дучанд шуд, зеро дар аввал он дар андозаҳои физикӣ ва баъдан (ё ҳамзамон) дар шакли пул инъикос мешуд.

Пайдоиши пул боз як натиҷаи дигар дошт: тақсимоти баҳисобгирӣ ба меросӣ ва камралӣ. Дар якум, диққати махсус ба баҳисобгирии молу мулк, дуюм, ба инъикоси даромад ва хароҷоти пул дода мешуд. Ҳангоми баҳисобгирии меросӣ пул ҳамчун нишондиҳандаи арзиш, дар баҳисобгирии камералӣ ҳамчун воситаи пардохт амал мекунад. Дар ин марҳила дар рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, чи дар шакли асл ва ҳам аз рӯи арзиши он нигоҳ дошта мешуд.

**3. Диаграмма** (1300 - 1850). Хоҳиш ва зарурати муайян кардани натиҷаи молиявии фаъолияти хоҷагӣ ба тақсимоти баҳисобгирии меросӣ ба униграфӣ (сабти оддӣ) ва диграфрафӣ (сабти дутарафа) оварда расонид.Ҳарду ин шохаи баҳисобгирӣ имрӯз вуҷуд доранд, аммо дар маҷмӯъ, баҳисобгирӣ (аз рӯи сабти дукарата) рушди бештар рушд кардааст. Бо вуҷуди ин, паҳншавии тиҷорати хурд ва пайдоиши технологияҳои компютерӣ ба таври возеҳ имкониятҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар асоси сабти оддӣ эҳё карданд [4,с215]. Аз рӯи ҳисобҳо, инқилоб ба амал омад, зеро суратҳисобҳои шартӣ (ҳисобҳои тартиб ва усул) пайдо шуданд; суратҳисобҳои сармоягузорӣ - ҳисоби сармоя ва ҳисоби иловагӣ дар бораи фоида ва зиён.

**4. Назариявӣ ва амалиявӣ** (1850-1900). Рушди минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ду самт ҷудо шуданд. Баъзе ҳисобдорон кӯшиш карданд, ки далелҳои ҳаёти иқтисодиро аз нуқтаи назари ҳуқуқшиносӣ шарҳ диҳанд, дигарон бошанд, онро иқтисодӣ ҳисобиданд ва савол дар бораи ин шаклҳо ба миён омад. Пайдоиши категорияҳои шартӣ (тавозун, фоида, арзиши аслӣ, хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилот ва ғайра) рух медиҳад ва амалияи баҳисобгирӣ аз воқеияти мушаххас дуртар аст, аммо барои беҳтар фаҳмидан ва самараноктар кардани он. Ин дар тафовути нави ҳисобҳо инъикос ёфтааст.

**5. Илмӣ** (1900 - 1950). Дар тӯли асрҳо ҳисобдорӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ вуҷуд дошт (муҳосибот). Он як қатор тартиботро дар бар мегирифт, ки интихоби он тавассути озмоиш ва хатогӣ ба амал оварда шуда буд. Дар миёнаи асри XIX. заминаи илми баҳисобгирӣ (ҳисобдорӣ) гузошта шуд, дастгоҳи категорияи он ташаккул ва асоснок карда шуд. То охири асри XIX. Тафсири ҳуқуқии баҳисобгирӣ аз аввали асри XX бартарӣ дошт. Фаҳмиши иқтисодии ӯ эътироф шуд. Ҳарду самти илмӣ якҷоя буданд, гоҳ-гоҳ таъсири яке аз онҳо шиддат мегирифт, дигаре суст шуд, аммо ҳеҷ яке аз таълимот бартарӣ надошт ва ҳеҷ яке аз онҳо аз байн нарафт. Аммо дар як лаҳзаи муайян барои фаҳмиши онҳо ниёз вуҷуд дошт. Он аз шарҳи категорияи марказии тавозун оғоз ёфт [2, с. 9].

Баъзеҳо инро дар натиҷаи сабти дутарафа, (интерпретатсияи динамикӣ), дигарон ҳамчун рӯйхати соддакардашудаи инвентаризатсия (интерпретатсияи статикӣ) медонистанд. Охирин тасдиқотро талаб мекард, ки боиси пайдоиши аудити муосир гардид.

Дар ин марҳила баҳисобгирии хароҷот ва арзон кардани арзиши корҳо ва хизматрасониҳо аҳамияти калон дорад. Дар баҳисобгирии хароҷот, баҳисобгирии меросӣ бо камералӣ алоқаманд аст. Хароҷоти охирин мувофиқи смета сабт карда мешавад, якум - дар сурати хароҷот. Назарияи арзиш дар аввали асри XX ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо ҳисоб кардани хароҷоти умумиро ба назар мегиранд, яъне дохил намудани хароҷоти мустақим ва ғайримустақим. Таъсири дигари баҳисобгирии мизҳо тавассути системаи стандартии хароҷот эҷод шуд, ки нархгузории пешакӣ ва ба танзими дақиқи хароҷоти ояндаро пешбинӣ менамояд. Ин яке аз табаддулоти баҳисобгирӣ буд.

Дар нимаи солҳои 30-ум принсипҳои арзиши мустақим таҳия карда шуданд - усуле, ки танҳо ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда танҳо хароҷоти мустақим дохил карда мешаванд, ки имкон медод ҳаҷми истеҳсолотро васеъ намуда, нархи фурӯшро то арзиши қисман ҳисобшуда коҳиш диҳад. Дар аввали солҳои 1950, барои марказҳои масъулият усули баҳисобгирии хароҷот пешниҳод шудааст, яъне баҳисобгирии арзиши ва ҷойгиршавии онҳо.

Ва ниҳоят, дар охири асри XX.  усули ABC ба вуҷуд меояд, ки барои ҳисоби хароҷот барои ҳар як функсияи идоракунӣ истифода бурда мешавад.

Аз миёнаи асри XIX.  паҳншавии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва тағирот дар андозбандӣ ба якбора баланд шудани қонунгузории андоз оварда расонд.  Дар як қатор кишварҳои Аврупо (Олмон, Фаронса, Шветсия, Бельгия, Дания, Люксембург ва ғайра), танзими дақиқ ва дақиқ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки дар ҷамъият интизориҳои шохаи махсуси ҳуқуқ - баҳисобгириро ба вуҷуд овардааст [5, с. 35].

**6. Марҳилаи муосир** (аз соли 1950) ба таҳияи тафсирҳои динамикӣ ва статикӣ дар тавозун ва кӯшиши синтез кардани баъзеи онҳо оварда расонд. Шарҳи динамикӣ ва эволютсияи усулҳои ҳисоб ба таваллуди баҳисобгирии идоракунӣ оварда расонид ва тафсири статикӣ пайдоиши стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро - СБҲМ ва баҳисобгирии миллиро пешакӣ муайян карданд. Ҳарду тафсир ба ташаккули баҳисобгирии андоз таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, ҳамаи тафсирҳои дар боло зикршударо метавон ба баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат дод.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25 марти соли 2011, № 702
2. Шерназаров А. ,  Умаров З., Ҳайдаров А. Назарияи ҳисобдорӣ. - Душанбе – 2002 с.
3. Раҳимов С.Х. «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», Душанбе – 2011
4. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар  муассисаҳои буҷетӣ. - Душанбе: «Ирфон», 2015. - 316 саҳ.;
5. Бобомуродов П. Стандартҳоибайналмилалииҳисоботимолиявӣ. – Душанбе: «ЭР-граф»- 2012. – 216 с.
6. Раҳимов С.Х., Олимов Д.А. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе: «ЭР-граф»- 2014. – 265 с.



***Ғаниев У.Ф. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## МЕТОДИКАИ ТАҲЛИЛИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ

Методика маҷмӯи тарзҳо ва қоидаҳои иҷроиши ба мақсад мувофиқтари ин ё он кор мебошад. Методика ҳамеша мушаххас аст. Вай аз ҳадафҳо, вазифаҳо, объектҳои тадқиқот, аз муҳтавои барномаи омӯзиш, намуди таҳлили иқтисодӣ, пайдарпайӣ ва муҳлатҳои гузаронидани таҳлил вобаста аст [2, с. 36].

Дар адабиёти иқтисодӣ қоидаҳо, тарзҳо ва усулҳои таҳлил бо аломатҳои гуногун тасниф карда мешаванд. Яке аз чунин тарзҳои таснифи аз ҷиҳати иттилоотонӣ мукаммалтар ин ҷудо намудани қоида ва усулҳои таҳлил аз ҷиҳати дараҷаи тасвиршавандагӣ (формалӣ будан) мебошад, яъне вобаста ба он ки, оё усули мазкурро метавон бо ёрии амалҳои риёзӣ (формулаҳо, муодилаҳо) тасвир намуд. Вобаста аз маҳаки тасвиршавандагӣ ҳама усулҳои таҳлилиро метавон ба намудҳои тасвиршаванда (формалӣ) ва тасвирнашаванда (ғайриформалӣ) ҷудо намуд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки усулҳои ғайриформалӣ низ ба андозае метавонанд бо ёрии амалҳои риёзӣ тасвир карда шаванд, вале ин кор ниҳоят душвор астт. Бинобар ин, усулҳои ғайриформалиро баъзан усулҳои душвортасвиршаванда низ меноманд.

Моҳияти усулҳои ғайриформалӣ аз он иборат аст, ки бо ёрии онҳо метавон амалҳоро аз диди мантиқӣ, яъне бе истифода аз вобастагиҳои таҳлилии аниқ тасвир намуд, бинобар ин онҳоро усулҳои мантиқии таҳлил низ меноманд. Дар корбурди усулҳои ғайриформалӣ таҷриба, касбият ва идроки таҳлилчӣ нақши муҳим дорад.

Усулҳои формалӣ, ки аксаран онҳоро усулҳои риёзӣ низ меноманд, бо қоидаҳо ва вобастагиҳои қатъии пешакӣ додашуда асос меёбанд. Онҳо вобаста аз мураккабии олоти риёзӣ, имконияти дар амалия татбиқ шудан ва дараҷаи паҳншавии худ дар фаъолияти таҳлилии хадамоти таҳлилии корхонаҳо тафовут доранд.

Дар амалияи корҳои таҳлилӣ дар корхонаҳои муосир бештар усулҳои ғайриформалӣ, инчунин усулҳои анъанавии таҳлили иқтисодӣ ва омор ба кор бурда мешаванд. Дар ин маврид ҳамаи қоидаҳои таҳлили иқтисодӣ бо ҳам алоқаманд буда, ҳамзамон бо якҷоягиҳои гуногун ба кор бурда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти корхонаҳои таҳлилшаванда ҳамаҷониба ва ба таври амиқ таҳқиқ карда шуда, захираҳои имконии баландбардории самаранокии фаъолияти онҳо ошкор карда шаванд.

Нисбат ба таҳлили идоракунӣ методика гуфта маҷмӯи қоида ва тарзҳои (аз ҷумла аз дигар илмҳо гирифташудаи) таҳқиқи равандҳои хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои онҳо ро бояд фаҳмид [4, с. 32].

Методикаи таҳлили идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ бояд пеш аз ҳама хусусиятҳои соҳавии фаъолияти корхонаро ба инобат гирад ва дар ҳамбастагии таҳлили дохилии идоракунӣ бо таҳлили берунии молиявӣ дар низоми ягонаи баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро бунёд карда шавад.

Ҳар як методикаи таҳлил ин нишондод ё маслиҳатҳои методӣ ҷиҳати иҷрои таҳқиқоти таҳлилӣ мебошад [7, с. 21]. Бинобар ин, мо минбаъд дар таҳқиқоти худ, ҳангоми баррасии методикаи таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ ба ҳамин тарзи маънидод кардани мафҳуми методикаи таҳлили идоракунӣ такя намуда, раванди таҳқиқоти худ ва натиҷаҳои онро ифода менамоем. Вобаста ба ин, методикаи таҳлили идоракунӣ ҷиҳатҳо (унсурҳо)-еро дарбар мегирад, ки дар расми 1 тасвир карда шудаанд.




Расми 1. Унсурҳои таркибии методикаи таҳлили идоракунӣ

Аз диди таҳлили идоракунӣ фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ чун низоми аз чор унсур – давраҳои бо ҳам алоқаманди раванди истеҳсолӣ иборатбуда баррасӣ карда мешавад: истифодабарии сарватҳо (1 – омодасозии истеҳсолот), раванди истеҳсолӣ (2 - истеҳсолот), барориши масолеҳи сохтмонӣ (3 – нигоҳдории маҳсулоти тайёр) ва фурӯши масолеҳи сохтмонӣ (4 – фурӯши маҳсулоти тайёр). Унсурҳои мазкур объектҳои таҳлили идоракунӣ мебошанд. Дар ин маврид сарватҳои моддӣ (воситаҳои истеҳсолӣ ва ашё), меҳнатӣ (қувваи корӣ) ва молиявӣ (сармоя) – бахши даромад ба низом ва фурӯши маҳсулоти тайёр (бо гирифтани даромади дахлдор) – бахши баромад аз низомро ифода менамоянд. Раванди истеҳсолӣ пайвастагии даромад ва баромадро таъмин мекунад, яъне дар раванди истеҳсоли маҳсулоти тайёр – натиҷаи фаъолияти истеҳсолии корхона ҳосил

мешавад, ки фурӯхтани он расидан ба ҳадафи асосии фаъолияти корхона – гирифтани даромадро таъмин мекунад (расми 2).

Корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ дар давраи омодасозии истеҳсолот (таъминот) асосан ашёи хомро дастрас ва онро барои истеҳсолот омода мекунанд. Дар ин давра асосан идоракунии самаранокии истифодабарии ашё муҳим аст, чунки вай бузургии арзиши аслии маҳсулотро муайян мекунад. Бояд қайд кард, ки аксари корхонаҳое, ки мо фаъолияти онҳоро таҳқиқ намудем (чун ҶДММ «АФРА» – истеҳсоли хишт, ҶДММ «Рухшона» ва ҶДММ «Амрон» – истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ғайрифулузӣ), ашёи хом (гил, қум, сангпора ва дигар ҷинсҳои кухӣ)-и барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ заруриро дар карйерҳои худ истихроҷ намуда, танҳо баъзе маводи иловагии таркиби кимиёвӣ доштаро харидорӣ мекунанд. Бинобар ин, давраи таъминот (омодасозии истеҳсолот) пурра дар дохили худи корхона роҳандозӣ карда мешавад.




**Расми 2. Тарҳи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ**

Ҳамин тавр, дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ дар давраи омодасозии истеҳсолот асосан ҳолатҳое ба миён меоянд, ки онҳоро мутахассисони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ (муҳосибон) якҷоя бо менеҷерҳои шуъбаи таъминот ва коргоҳҳои истеҳсолӣ ҳал менамоянд, чун: таҳия ва арзёбӣ намудани низомҳои таҳвили ашёи хом ва фурӯши маҳсулоти тайёр; шартномаҳои таҳвили ашёи хом ва фурӯши маҳсулот; самаранокии бунёдсозии занҷираи мантиқӣ оид ба ҳаракати ашёи хом; таҳлили сифати сарватҳои истеҳсолӣ; ташкили баҳисобгирии анборӣ, ташаккули низоми назорати воридшавии ашёи хом ва мавод; таҳлили ҳайати таҳвилкунандагон ва назорати ҳисобикуниҳо бо онҳо, таҳлили сифати таҳвил ва қарздории кредиторӣ.

Дар рафти таҳлил дар давраи таъминот ҳадафи асосии таҳлили идоракунӣ муайян кардани эҳтиёҷоти корхона ба сарватҳои истеҳсолӣ ва кам кардани хароҷоти моддӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур дар рафти таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ ба ҷо овардани чунин вазифаҳо зарур аст:

- ҷустуҷӯ ва интихоби кони ҷинсҳои кухӣ;
- таҳлили сифати ҷинсҳои кухӣ ва ашёи хом;
- муайян намудани ҳаҷми барои иҷрои нақшаи истеҳсолӣ зарурии ашёи хом;
- таҳлил ва арзёбии бузургии хароҷоти нақлиётӣ-омодасозӣ барои аз карйер истихроҷ кардани ҷинсҳои кухӣ ва ба коргоҳҳои омодасозӣ расонидани ашёи хом;
- муайян кардани бузургии муносиби захираҳои анбории ашёи хом.

Дар давраҳои истеҳсолот ва нигоҳдории маҳсулоти тайёр ҳадафи асосии таҳлили идоракунӣ дар омодасозии қарорҳои идоракунии ба паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва таъмини кори мавзун ва беисти корхона ифода меёбад. Вобаста ба ин, иҷрои чунин вазифаҳо зарур аст:

- муайян кардани эҳтиёҷоти истеҳсолот ба сарватҳои моддии зарурӣ;
- ҷудо намудани хароҷоти истеҳсолӣ ба намудҳои доимӣ ва тағйирёбанда;
- таҳлили меъёрҳои хароҷоти истеҳсолӣ ва тамоилоти онҳо аз меъёрҳо бо ошкор намудани сабабҳои пайдошавии тамоилот;
- таҳлили сифати маҳсулоти тайёр;
- таъмини ҳифзи маҳсулоти тайёр то лаҳзаи таҳвил намудан ба харидорон (дар анборҳои кушода) ва дигарҳо.

Ҳадафи таҳлили идоракунӣ дар давраи фурӯши маҳсулоти тайёр омодасозии иттилооти ба зиёд намудани ҳаҷмҳои фурӯш ва мизоҷони боэътимод ва озмудашуда, кам кардани хароҷоти тиҷоратӣ нигароншуда мебошад. Ноилгардии ҳадафи мазкур бо иҷрои чунин вазифаҳо имкон дорад:

- таҳлили бақияҳои маҳсулоти тайёр дар анборҳо бо ошкор намудани сабабҳои ба харидорон таҳвил накардани онҳо;
- банақшагирӣ ва ҳисобкунии нуқтаи безарарӣ;
- таҳлили талабот ва пешниҳодот дар бозор ҷиҳати намудҳои алоҳидаи масолеҳи сохтмонии дар корхона истеҳсолшаванда;
- таҳлили имконияти ба харидорон пешниҳод намудани қарзи молӣ;
- таҳлили таркиб ва сохтори қарздории дебиторӣ;
- таҳлили сатҳи фоида аз фурӯш;
- таҳлили даромаднокии фурӯш умуман ва барои намудҳои муайяни масолеҳи сохтмонӣ ва дигарҳо.

Мусаллам аст, ки дар шароити имрӯзаи рақобат дар бозори масолеҳи сохтмонӣ ва таъсири зуҳуроти бӯҳронӣ ба фаъолияти корхонаҳо саноати масолеҳи сохтмонӣ, бар асари тез-тез дигаршавии омилҳои зиёд тағйирёбии муҳимми арзиши аслии масолеҳи сохтмонӣ ба амал меояд. Бинобар ин, ба роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ зарур аст, ки раванди тағйирёбии хароҷотро назора кунанд ва то ҳадди имкон сабабҳои ин тағйирёбиҳоро ояндабинӣ ва ошкор кунанд, бе дермонӣ қарорҳое қабул намоянд, ки ба таъмини даромаднокӣ ва устувории молиявии корхона мусоидат намоянд.

Дар марҳилаи дуюми ташкилии таҳлили идоракунӣ интихоби манбаъҳои иттилоотӣ ва омодакунии онҳо барои таҳлил, муайян намудани нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи фаъолияти корхонаи истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ, ки бояд таҳлил карда шаванд, ба ҷо оварда мешавад. Диққати асосӣ ба саривақтӣ, саҳеҳӣ ва бамавридии иттилоот дода мешавад. Дар ин маврид низоми нишондиҳандаҳои таркибӣ (натиҷавӣ, ҷамъбастӣ) ва таҳлилӣ (ҷузъӣ, омилӣ) таҳия карда мешавад, масалан: ҳаҷми маҳсулот – нишондиҳандаи ҷамъбастӣ; шумораи кормандон, коркарди миёнаи ҳар як коргар – нишондиҳандаҳои ҷузъӣ (омилӣ) [6, с. 14].

Дар марҳилаи мазкури таҳлили идоракунӣ ҳамчунин тарҳи умумии раванди таҳлили идоракунӣ дар шакли амсилаи ташаккулёбии нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда ва алоқаҳои байни онҳо тартиб дода шуда, алоқамандиҳои байни омилҳои ба тағйирёбии нишондиҳандаи ҷамъбастӣ таъсиррасон муайян карда мешаванд.

Пас аз ташаккули пойгоҳи иттилоотӣ барои гузаронидани таҳлил марҳилаи сеюм - интихоб ва корбурди методикаи мушаххаси таҳлил, усулҳо, қоидаҳои таҳлил ва амалҳои таҳлилӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар ин маврид корбурди методикаи мушаххаси таҳлил бо назардошти вазифаҳои дар назди он гузошташуда, муайян кардани низоми нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда ва иҷрои ҳисобкуниҳои таҳлилӣ мақбул аст.

Ҳангоми ба ҷо овардани таҳлили идоракунии раванди таъминот (омодасозии истеҳсолот) барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда истифода бурдани чунин усулҳои ғайриформалӣ (мантиқӣ) мақбул аст: муқоисакунӣ (масалан, ҳангоми таҳлили нархи

харидкунии ашёи хом ё омодасозии он ба хотири интихоб намудани таҳвилкунанда ё интихоби кони ҷинсҳои кӯҳӣ, ки аз онҳо корхона худ ашёи хомро истихроҷ мекунад), бунёди ҷадвалҳои таҳлилӣ, усулҳои графикӣ, гурӯҳбандӣ ва дигарҳо. Ғайр аз ин, барои ҳалли масъалаи мазкур дар раванди таҳлили идоракунӣ метавонанд усулҳои формалӣ (риёзӣ), чун барномасозии хаттӣ, масъалаи нақлиётӣ ва дигарҳо ба кор бурда шаванд. Ҳамчунин усулҳои таҳлили омилӣ, ки барои муайян кардани таъсири омилҳои тағйирёбии муҳити берунӣ ба нишондиҳандаи натиҷавӣ имкон медиҳанд, масалан ҳангоми таҳлили нархҳои ашёи хом ё арзиши истихроҷи худии он, метавонанд ба кор бурда шаванд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили раванди истеҳсолот усулҳои омори иқтисодӣ, масалан, усули индексӣ ба хотири муайян кардани тамоилоти ҳаҷмҳои воқеии фурӯши маҳсулот аз ҳаҷмҳои банақшагирифташуда; усулҳои таҳлили омилӣ барои муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба бузургии ҳаҷми фурӯш ва фоида, инчунин қоидаҳои таҳлили ҳолатҳо – масалан амсиласозии имитатсионӣ барои таҳиясозии буҷетҳои чандир ва банақшагирии андозӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳангоми банақшагирии истеҳсолот дар баъзе мавридҳо метавонад норасогии иқтидорҳои истеҳсолӣ ба миён ояд, бинобар ин, диққати муҳим ба қоидаҳо ва усулҳои таҳлили сармоягузорӣ барои арзёбии ҷолибияти лоиҳаи сармоягузорӣ дода мешавад (дар мавриди ба миён омадани зарурати нав кардани иқтидори истеҳсолии корхона).

Дар раванди гузаронидани таҳлили идоракунии фурӯш барои ба ҷо овардани таҳлил ва ояндабинии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши маҳсулот корбурди усулҳои таҳлили маржиналӣ имкон дорад. Ҳангоми муайян кардан ва ҳисоб кардани даромаднокии маҳсулот ва намудҳои алоҳидаи масолеҳи сохтмонӣ истифодабарии қоидаҳои таҳлили омилӣ мақбул аст, ҳангоми муайян кардани талабот ба масолеҳи сохтмонии фурӯхташаванда метавон қоидаҳои таҳлили коэффисиентиро ба кор бурд (ҳисобкунии коэффисиентҳои чандирии талабот ва пешниҳодот). Ғайр аз ин, ҳангоми ба ҷо овардани таҳлили идоракунии раванди фурӯши маҳсулот корбурди усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ чун таҳлили кластерӣ низ мақбул аст, ки имкон медиҳад, аз шумораи зиёди тағйирёбандаҳои бо ҳам алоқаманд, тағйирёбандаҳои нисбатан муҳим интихоб карда шаванд. Дар мавриди корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ бо ёрии усули мазкур метавон ҳаҷми фурӯши маҳсулотро вобаста аз нарх, рақобатпазирии маҳсулот, хароҷоти таблиғ ва дигарҳо муайян кард.

Дар марҳилаи чорум – марҳилаи ташкилии ниҳойии таҳлили идоракунӣ маълумоти микдории ҳосилшуда таҳлил ва арзёбӣ гардида, натиҷаҳои таҳлил ҷамъбаст карда мешаванд, ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхона ва захираҳои мавҷудбудаи рушди он баҳои воқеъбинона дода мешавад, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба истифодабарии захираҳои ошкоргардида ва баландбардории самаранокии истеҳсолот таҳия карда мешаванд.

Бо назардошти намудҳои гуногуни корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ, гуногунии ҳаҷмҳои онҳо, ҳамчунин намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонии истеҳсолшаванда ба як шакл даровардани методикаи таҳлили идоракунӣ, дуруст муқаррар кардани мухтаво ва шакли ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти истеҳсолӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ амали ниҳоят душвор аст. Аммо бо вуҷуди душвории ин кор бе иҷрои он таъмин намудани фаъолияти бобарори истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, бояд муносибат ба масъалаи интихоб ва роҳандозӣ намудани методикаи таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои соҳа содатар карда шавад ва маҳз дар марҳилаҳои аввалии ташкилӣ нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда барои ҳар як намуди алоҳидаи масолеҳи сохтмонӣ ҷамъоварӣ, коркард ва барои ҳадафҳои таҳлили идоракунӣ ба кор бурда шавад. Назорати мунтазами хароҷоти тағйирёбанда ва доимӣ, арзёбӣ намудани фоида (ё зарар) аз ҳар як намуди масолеҳи сохтмонии истеҳсол ва фурӯхташуда ба роҳбарият ва менеҷменти корхона барои асосноккунӣ ва омодасозии қарорҳои идоракунӣ оид ба идоракунии иқтисодии фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхона зарур мебошанд.

Дар асосноккунии қарорҳои идоракунӣ ва бунёди низоми босамараи таҳлили идоракунӣ дар корхона таҳлили маржиналӣ нақши муҳим дорад, ки методикаи он ба омӯзиши таносубҳои байни се гурӯҳи нишондиҳандаҳои иқтисодии муҳим - хароҷот, ҳаҷми фурӯш ва

фоида, ояндабинӣ намудани бузургии ҳар кадоме аз ин нишондиҳандаҳо дар ҳолати қиматҳои додашудаи нишондиҳандаҳои дигар асос меёбад. Аз ин рӯ, ин намуди таҳлил чун таҳлили «хароҷот-ҳаҷм-фоида» (cost-volume-profit - таҳлили CVP) низ номбар карда мешавад.

Асоси методикаи таҳлили маржиналӣ ҷудо кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ вобаста аз тағйирёбии ҳаҷми истеҳсол ба намудҳои тағйирёбанда ва доимӣ, инчунин истифодаи мафҳуми даромади маржиналӣ мебошад. Вай ба муқаррар намудани вобастагии кӯтоҳмуҳлати байни ҳаҷми истеҳсол ва воридшавиҳо, хароҷот ва фоида такя менамояд. Албатта дар муддати кӯтоҳи то як сол метавонад ба таври илова мавод ё меҳнати кормандони дорои дараҷаи пасти касбӣ истифода шаванд, вале ворид намудани иқтидорҳои истеҳсолии иловагӣ дар ин маврид дар назар нест. Ҳамин тавр, дар муддати кӯтоҳи вақт ҳаҷми бароришии маҳсулот муқарраршуда аст, чунки иқтидорҳои истеҳсолии корхона зиёд шуда наметавонанд. Барои кам кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ низ вақти муайян лозим аст, бинобар ин, дар тамоми муддати давраи кӯтоҳ корхона бояд бо захираи нисбатан доимии сарватҳои истеҳсолӣ кор кунад. Гузашта аз ин, аксари хароҷот ва нархҳои маҳсулоти корхона пешакӣ муайян карда мешаванд ва номуайянии асосӣ ин ҳаҷми фурӯши маҳсулот мебошад. Маълум мешавад, ки даромаднокии кӯтоҳмуҳлат бештар аз ҳаҷми фурӯши маҳсулот вобаста аст. Ҳамин тавр, таҳлили CVP имкон медиҳад пеш аз ҳама нишон дода шавад, ки чӣ тавр тағйирёбии ҳаҷми истеҳсол дар давраи кӯтоҳ ба сатҳи фоида таъсир мерасонад [5, с. 62].

Дар рафти таҳлили CVP нишондиҳандаҳои барои қабули қарорҳои идоракунӣ калидӣ муайян карда мешаванд, чун: даромади маржиналӣ, нуқтаи безарарӣ, фишанги амалиётӣ, як қатор нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии самаранокии фаъолияти амалиётӣ. Даромади маржиналӣ моҳиятан саҳми корхонаро дар пӯшонидани хароҷоти доимӣ тавсиф медиҳад.

Ба методикаи таҳлили идоракунӣ равандҳои таваррум, ки аксаран дар паёмади буҳрони иқтисодӣ ба миён меоянд ва маълумоти ҳисоботи молиявӣ ва идоракуниро чанде таҳриф мекунанд, таъсири муҳим мерасонанд [1, с. 24-25].

Аз диди қабули қарорҳои идоракунӣ таъсири номатлуби таваррум дар носаҳеҳии маълумоти алоҳидаи ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ ва идоракунӣ) зоҳир мегардад, ҳатто дар шароите, ки вай пурра мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда тартиб дода шудааст. Ғайр аз ин, таваррум ба нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва бузургии амволи корхона таъсир мерасонад, чунки ҳамаи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо пул баҳо дода мешаванд, ки он дар таҳти таъсири таваррум қобилияти харидории худро гум мекунад. Ин қиёскунии далелҳои фаъолияти хоҷагидориро дар давраҳои вақт ба қадри муҳим душвор намуда, ба ҳамаи унсурҳои низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти корхонаҳо таъсир мерасонад [3, с. 20].

Таваррум ҳам ба иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳам ба методологияи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти корхона таъсир расонида, дар ин маврид таъсири он вобаста аз гурӯҳҳои мухталифи истифодабарандагон ва объектҳои таҳлили идоракунӣ гуногун аст. Дар шароити таваррум унсурҳои гуногуни ҳисобот арзиши худро бо суръатҳои гуногун талаф медиҳанд, яъне таваррум ба моддаҳои гуногуни ҳисобот (тавозуни муҳосибӣ) таъсири ҳархела мерасонад, аз ҷумла бо сабабе, ки суръатҳои афзоиши нархҳои ашёи хом ва мавод метавонанд ба суръатҳои афзоиши нархҳои маҳсулоти тайёр мувофиқат накунанд. Дар ин ҳолат динамикаи даромадҳо ва хароҷот номутаносиб мегардад, ки ин дар навбати худ ба зиёдшавии назарраси хароҷоти корхона боис мешавад.

Қайд менамоем, ки дар амалия таҳлили CVP аз раводиде оғоз меёбад, ки бузургии хароҷот ва ҳаҷми истеҳсол аз нигоҳи аввал дар шакли функсияи хаттӣ тағйир меёбанд, ҳосилнокӣ дар доираи фосилаи додашудаи тағйирёбии ҳаҷмҳои истеҳсол доимӣ буда, нархҳо низ тағйир намеёбанд, захираҳои маҳсулоти тайёр начандон зиёд мебошанд.

Вобаста ба ин методикаи таҳлили безарарӣ дар қаринаи таъсири омили таваррум метавонад натиҷаҳои аниқ надиҳад, чунки маълумот барои гузаронидани амалҳои таҳлилӣ аз давраи гузашта гирифта мешаванд, ҳисобкуниҳо бошанд, хосияти ояндабинӣ ва эҳтимолӣ доранд. Бинобар ин, дар назди таҳлилчӣ масъалаи ба мувофиқа овардани маълумоти гузашта

(таърихӣ, ретроспективӣ) бо маълумоти ҷорӣ ва мувофиқ намудани маълумоти ояндабинӣ бо назардоши сатҳи пешгӯишавандаи таваррум гузошта мешавад.

Ба андешаи мо, яке аз ҷанбаҳои калидӣ ин саривақт ҳамтосозии фосилаи вақте мебошад, ки дар он таҳлилчӣ гирифтани маълумотро ҷиҳати нуқтаи безарарии маҳсулот ба нақша гирифтааст. Ҷанбаи мазкур ба он хотир муҳим аст, ки худи амсилаи таҳлили CVP омилҳои объективиеро дарбар мегирад, ки тағйирёбии онҳо дар муддати давраи ҳисоботӣ метавонад ба натиҷаҳои таҳлили CVP-и пешакӣ гузаронидашуда таъсир расонад:

1) Нишондиҳандаи боркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ. Вобаста аз хусусияти раванди истеҳсолӣ нишондиҳандаи мазкур метавонад бо таъсири омили мавсимият, ки барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ хос аст, ё бар асари шароити технологӣ тағйир ёбад. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили CVP донистани фоизи боркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар давраи мушаххаси вақт зарур аст.

2) Омили мавсимиятро метавон ба омилҳои объективӣ мансуб донист, чунки масалан, корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ нисбати баъзе намудҳои масолеҳи сохтмонӣ маблағи фурӯшро дар давоми сол баробарандоза намегиранд, зиёда аз он, фосилаи вақти тахминии гирифтани он пешакӣ маълум аст. Вобаста аз ин, нуқтаи безарариро нисбат ба давраи вақти мазкур (мушаххас) ҳисоб кардан лозим аст. Барои намудҳои дигари маҳсулот истеҳсол метавонад ба давраи вақти мушаххас ҳамбаста набошад ва дар ин маврид омилҳои маҳдудкунанда дар амсила метавонанд танҳо ҳаҷми талабот ва бузургии боркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ бошанд, ки ҳамчунин метавонанд пешакӣ бо баинобатгирии маълумот оид ба фосилаи вақте, ки нисбат ба он ҳисобкуниҳо ба ҷо оварда мешаванд, ояндабинӣ карда шаванд.

3) Бешак, яке аз омилҳои асосии ба нишондиҳандаҳои амсилаи безарарӣ таъсиррасон ин омили таваррум мебошад. Дар ин маврид таваррум ҳам ба маълумоти гузашта ва ҳам ба маълумоти дурнамо оид ба нарх дахл мекунад.

4) Ба омилҳои объективии тағйирёбанда ҳамчунин сохтори фурӯш низ тааллуқ дорад. Албатта, ба сохтори фурӯш омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, аз ҷумла омилҳои пешбининашаванд, вале агар имкони пешакӣ муайян намудани сохтори фурӯш бошад, пас бамавридии маълумоти дар рафти таҳлили безарарӣ гирифташуда зиёд мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили CVP дар шароити истеҳсоли якчанд намудҳои масолеҳи сохтмонӣ дар амсила муқаррар намудани таносубҳои ояндабинишудаи маҳсулоти фурӯхташуда дар фосилаи муайяни вақт мақбул аст. Дин ин гуна ҳолат нуқтаи безарарӣ бо воҳидҳои шартии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки сохтори он то оғози давраи ҳисоботӣ муайян карда шудааст, ифода карда мешавад.

Ҳамин тавр, бо донистани он ки, амсила нисбат ба нишондиҳандаҳои ояндабинӣ бунёд карда мешавад, таҳлилчӣ имконияти ояндабинӣ намудани вазъи бозории мушаххасро дар давраи вақти муайян ба даст меорад.

## АДАБИЁТ


1. Андрианов, В.Д. Инфляция: причины возникновения и методы регулирования: монография / В.Д. Андрианов. - М: Экономика, 2010. – 184 с.
2. Барфиев, Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Қ.Х. Барфиев. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 400 с.
3. Бобрышев, А.Н. Методические аспекты применения концепции CVP-анализа в условиях кризисных процессов в экономике / А.Н. Бобрышев // Международный бухгалтерский учет. – 2015. - № 43. – С. 18-35
4. Вахрушина, М.А., Самарина, Л.Б. Управленческий анализ деятельности промышленного предприятия / М.А. Вахрушина, Л.Б. Самарина // Экономический анализ: теория и практика. – 2010. - № 16 (181). – С. 29-35
5. Друри, К. Управленческий учет для бизнес-решений: учебник / К. Друри / Пер. с англ. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. – 655 с.
6. Романова, Л.Е., Давыдова, Л.В., Коршунова, Г.Е. Экономический анализ: учебное пособие / Л.Е. Романова, Л.В. Давыдова, Г.В. Коршунова. – СПб.: Питер, 2011. – 336 с.

7. Савицкая, Г.В. Анализ хозяйственной деятельности: учебник / Г.В. Савицкая. – Минск: РИГТО, 2012. – 367 с.

***Миршарипов Э.Қ. – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт***

## АҲАМИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти иқтисодиест, ки дар асоси татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, идоракунӣ, муҳосибӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар соҳаҳои амалкунанда, бо мақсади таъмини манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла баланд бардоштани стҳу сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ, давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат, ташкил шудааст.

Мусаллам аст, ки имрӯз дар ҷаҳон низоми иқтисодии комилан нав бунёд гардидааст ва дар он мартабаи маҳз иттилоот муҳим аст. Дар ин маврид барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ коркарди миқдори зиёди маълумотиададӣ бо иҷрои амалҳои мураккаби арифметикӣ ва мантиқии муқоисакунӣ, таҳлил ва тафсир зарур аст. Иҷрои амалҳои мазкур танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ба даст меояд. Корбурди технологияҳои рақамӣ баландшавии рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи баланди зиндагии аҳолиро таъмин намуда, дар ниҳоят соҳибихтиёрии мамлакат ва истиқлоли миллиро ҳифз менамояд[3,саҳ.26].

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳо, ба монанди “Консепсияи ташкили Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барномаи таъмини бехатарии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консепсияи бехатарии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 642 аз 30 декабри соли 2019 оиди қабул намудани “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ғайра, ки ҳамаи ин асос барои заминаи ташкили Ҳукумати электронӣ дар кишвар, хусусан рақамикунонии бахши муҳосибии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ чунин зикр гардидааст: “Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем”[1].

Бояд зикр кард, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ кори саҳлу осон набуда, барои иҷрои ин ҳадаф муҳлати зиёд лозим аст. Бо назардоши ин ҳолат Консепсияи иқтисоди рақамӣ се марҳилаи амалисозии иқтисодиёти рақамиро то соли 2040 дар бар мегирад. Амалишавии марҳилаи якуми Консепсия[4] то соли 2025 муайян гардидааст, ки дар ин давра бояд мутахассисони кордон омода гардида, модели идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои калидӣ муайян карда шуда, ҳолати воқеии рушди иқтисодиёти рақамӣ баҳогузорӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории он муайян карда шавад. Дар марҳилаи дуюм, ки солҳои 2026-2030 –ро дар бар мегирад, дар назар аст, ки дастрасии фарохмавҷи амнияти иттилоотӣ таъмин гардад, платформаҳои рушди хизматрасонии рақамӣ ва марказҳои пешқадами таҷрибавӣ таъсис ва ташаккул ёбанд ва инчунин нахустин лоиҳаҳои пилотӣ амалӣ карда шаванд. Марҳилаи сеюм солҳои 2031-2040 –ро фарогир буда, дар ин давра мутобиқи Консепсия бояд дастовардҳои иқтисодиёти рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ҷори карда шаванд.

Вобаста ба амалишавии марҳилаҳои дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ нишондодашуда ва татбиқ намудани барномаҳое, ки дар ин самт қабул гардидаанд, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 бори дигар чунин ишора намудаанд, ки “Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд” [2].

Пешвои миллат бисёр эроди саривақтӣ гирифтанд, ки татбиқи барномаҳои қабулгардида дар кишвар ҷиҳати тақвият бахшидани соҳаи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ қонеъкунанда нестанд. Онҳо бояд такмил дода шаванд. Дар ин замина стратегияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳои танзимкунанда ва такмилдиҳандаи ин соҳа дар ҳама бахшҳо бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда бояд ба роҳ монда шавад. Чуноне, ки огоҳ ҳастем айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои савдо, бонкдорӣ, алоқа ва қисми хизматрасонӣ бештар рушд кардаанд, аммо истифодаи онҳо дар бахши муҳосибӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз инҷост, ки иловатан Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар санаи 21 декабри соли 2021 ба Вазорати молия супориш доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ “... ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад” [5].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо барномаҳои компютерии муҳосибӣ ба монанди – “1С: Бухгалтерия” ва “1С: Предприятие” истифода мегардад, ки он ҳам на дар ҳама корхонаву ташкилот ва идораҳои давлатӣ балки дар қисме аз ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ ва корхонаҳои бузурги тиҷоратӣ-саноатӣ истифода мешаванд. Дар бахши муассисаҳои буҷетӣ, ба мисли мактабҳои миёнаи умумӣ, мактабҳои олӣ ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ бошад барномаи SGB.NET мавриди истифода қарор дорад. Аслан истифодаи барномаҳои рақамӣ кори муҳосибро осон месозад, вале аз тарафи дигар мушкилоти асосии ба таври васеъ истифода набурдани барномаҳои рақамӣ ин надонистани тарзу усулҳои истифодаи ин барномаҳо аз ҷониби муҳосибони бахши амал дар корхона ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳангоми мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки мутахасисони соҳаи муҳосибии мамлакат қисми зиёдашон аз истифодаи технологияҳои рақамӣ ва барномаҳои компютерии муҳосибӣ огоҳӣ надоранд. Сабаби асосии инро дар муҷаҳаз набудани мактабҳои олии кишвар бо барномаҳои компютерии муҳосибӣ, ба монанди “1С: Бухгалтерия” ва “1С: Предприятие”, инчунин барномаи SGB.NET дидан мумкин аст, ки дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар ба донишҷӯёни равияи иқтисодӣ, хусусан муҳосибӣ омӯзонидани ин барномаҳо аз ҷониби мутахасисони соҳа ба таври назарас мушоҳида намегардад. Мушкилоти дигарро дар суръати пасти хизматрасониҳои интернетӣ дар минтақаҳои кишвар дидан мумкин аст, ки барои иҷрои як амалиёт дар ин барномаҳо вақти зиёд сарф мегардад.

Дастаҳои программаҳои муҳосибӣ (асосан 1С: Бухгалтерия)-ро муҳосибони корхонаҳо чун як воситаи сода барои сабук кардани фаъолияти худ ба кор мебаранду халос. Сабаби асосии чунин ҳолат пеш аз ҳама сатҳи пасти дониши муҳосибони аҳли амал дар соҳаи СБҲМ ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Мутобиқ набудани барномаҳо ба санадҳои меъёрӣ-қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба пурра истифода набурдани имкониятҳои барномаҳои компютерии муҳосибии муосир боис мешавад[3,саҳ.27]..

Ҳолати мазкур сабаб шуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 махсусан таъкид намуданд: “... масъалаҳои гузариши пурра ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва низоми маблағгузории электронӣ, аз ҷумла низоми хариди электронии давлатӣ то ҳанӯз ҳал нагардидаанд ва мо дар ин самт аз талаботи замона қафо монда истодаем. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ

ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд” [2].

Аслан гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ хело қулай буда, моҳияти он дар аст, ки кори муҳосибонро хеле осон намуда, нисбат ба коркарди дастии ахборот афзалиятҳои зеринро медиҳад: 1) ба таври автоматӣ пур кардани реквизитҳо дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ; 2) коркарди босуръати миқдори зиёди иттилоот; 3) пешниҳоди маълумоти таҳлилӣ дар шакли барои даркнамоӣ қулай (диаграммаҳо, графикҳо, ҷадвалҳо); 4) ташаккул додани реестрҳои ҳисоботӣ; 5) кам кардани шумораи воситаҳои коғазӣ; 6) мубодилаи фаврии ахбор байни роҳбарият ва тобеон, инчунин шуъбаҳои ташкилот; 7) барҳам додани хатогиҳои арифметикӣ; 8) муошırати онлайнӣ бо мақомоти танзимкунандаи давлатӣ ва бонкҳо; 9) қобилияти вокуниши зуд ба тағйироти қонунгузорӣ ва ғ.

Дар замони рақамикунонии босуръати иқтисодиёт, хусусан бахши баҳисобгирии муҳосибии кишварҳои тараққикардаи саноатӣ ва рӯ ба инкишоф дар баробари барномаҳои 1С-бухгалтерия яке аз технологияҳои нав ва машҳуртарини рақамӣ имрӯз технологияҳои абрӣ (облачные технологии) мебошад. Технологияҳои абрӣ ба пешниҳоди захираҳои компютерӣ ба монанди хотира ё қудрати ҳисоббарорӣ ҳамчун хизматрасониии интернетӣ дахл дорад. Хусусияти истифодаи ин технология дар он аст, ки ташкилот ба харидани таҷҳизоти гаронбаҳо, киро кардани мутахассисон барои хизматрасонии он ё насб кардани таъминоти барномавии (программное обеспечение) махсус ниёз надорад. Барои истифодаи хизматрасониҳои абрӣ дастрасӣ ба интернет кофӣ аст. Намунаи оддитарини технологияҳои абрӣ хотираи виртуалӣ мебошад, масалан, Yandex-Disk, Drop-Box, Google-drive [6, саҳ. 110].

Аз инҷост, ки ширкати 1С чаҳор роҳи имконпазири истифодаи технологияҳои абриро пешниҳод кардааст: абр барои кор бевосита дар дохили ширкат, абр барои нигоҳдорӣ, абр барои муошират бо муштарӣ, инчунин технологияи 1CFresh барои кор тавассути интернет бидуни насби таъминоти барномавӣ. Аслан, бартариятҳои истифодаи "абр" дар ҳисобдорӣ инҳо ба шумор меравнд: 1) кам кардани хароҷот; 2) имконияти дастрасии дурдаст; 3) эътимоднокӣ (хатари нокомии техникӣ ҳадди ақалл кам карда мешавад); 4) қобилияти кор кардан дар система дар вақти дилхоҳ [6, саҳ. 111].

Яке аз муҳимияти баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт дар он аст, ки рушди соҳаҳои болозикр пеш аз ҳама аз баҳисобгирии дурусту саҳеҳи амалиётҳои гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ баҳисоб меравад. Аз ин рӯ истифодаи технологияҳо ва барномаҳои рақамӣ дар фаъолияти муҳосибӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Чунки тавасути барномаҳои рақамии зикргардида корӣ муҳосиб осон ва қулай гардида, дурустӣ ва саҳеҳияти амалиётҳои хоҷагидорӣ танзим карда мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018 // Ҷумҳурият. – 2018. – 26 декабр. - № 256.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021 // Ҷумҳурият. – 2021. – 27 январ. - № 18.
3. Каримов Б.Ҳ., Миршарипов Э.Қ. / Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Текст]: шаҳри Душанбе, 27 марти соли 2021 // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Саҳ. 26-27.
4. Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 30 декабри соли 2019 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабр. - № 642.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 2021// https:www.president.tj.
6. Евсюкова О. В., Юрьева О. А. / Роль и значение бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики [Текст]: Молодой исследователь Дона №6 (21) 2019. – Саҳ. 110-111.

*Каримиён М.Б. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

## ДИГАРГУНИҲО ДАР БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ МУТОБИҚИ КОДЕКСИ АНДОЗИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳолати имрӯзаи муносибатҳои иқтисодӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои навро дар назди ҷомеаи касбии муҳосибон оид ба дигаркунии низоми муносибатҳои байни иштирокчиёни равандҳои иқтисодӣ ба миён меоварад. Дар паёмади гузориши чунин ҳадафҳо ва вазифаҳо таҳия ва роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо ёрии он гузариш ба низоми стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) амалӣ мешавад, аҳамияти муҳим пайдо менамояд.

Раванди роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва натиҷаҳои он аз хусусиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ муайян мегарданд. Дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушдёфта низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ниҳоят мураккаб буда, ҳамзамон воқеияти иқтисодиро нисбатан аниқ инъикос менамоянд. Дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо мансуб аст, баръакс, низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ нисбатан сода буда, на ҳамеша вазъи воқеии ҳаёти хоҷагидориро дар мамлакат инъикос менамоянд [5, с. 40].

Солҳои охир дар адабиёти ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ интишороти зиёде арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар онҳо проблемаҳои асосии ислоҳоти низоми миллӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар асоси СБҲМ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд [1; 2; 4; 5; 7; 9]. Ҳамчунин дар мамлакат маъракаи муҳим оид ба таҳияи санадҳои меъёрии қонунгузорӣ дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ роҳандозӣ шудааст. Санадҳои мазкур ба ҷиҳатҳои мухталифи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва баҳисобгирии андоз дахл мекунанд.

Бояд қайд кард, ки яке аз паҳлуҳои муҳим ва мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир ин баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мебошад. Воситаҳои асосӣ мутобиқи СБҲМ чун дороиҳои моддие фаҳмида мешаванд, ки барои истифода дар раванди истеҳсоли маҳсулот ё таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо, ҳангоми ба иҷора додан ё бо мақсадҳои маъмурӣ таъин шудаанд ва истифодаи онҳо дар давоми зиёда аз як давраи ҳисоботӣ (сол) дар назар аст. Хусусияти асосии воситаҳои асосӣ чун дороӣ дар он ифода меёбад, ки арзиши онҳо на яку якбора, балки мунтазам, дар давраи истифодаи нафъовари худ ба хароҷоти корхона соқит карда мешавад. Раванди ба хароҷоти корхона гузаронидани арзиши воситаҳои асосӣ дар давоми муҳлати истифодаи нафъовари онҳо бо мафҳуми истеҳлок ифода меёбад.

Дар мафҳуми истеҳлок якчанд нуктаҳои муҳим ҳастанд, ки ба раванди ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ таъсир мерасонанд [3, с. 114]. Якум, ҳама воситаҳои асосӣ дорои муҳлати истифодаи нафъовари маҳдуд мебошанд. Бо сабаби маҳдуд будани муҳлати истифодаи нафъовар арзиши ин дороиҳо бояд чун хароҷот ба давраҳое, ки онҳо нафъ меоранд, тақсим карда шавад. Дуюм, мафҳуми истеҳлок, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба кор бурда мешавад, на чун фарсудашавии ҷисмонӣ ё маънавӣ, балки чун тақсим кардани арзиши воситаҳои асосӣ ба давраҳое, ки истифодаи ин дороӣ ба корхона нафъ меоварад, фаҳмида мешавад. Яъне, дар баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳуми «истеҳлок» барои ифода намудани мунтазам ба хароҷот табдил ёфтани арзиши дороӣ ба кор бурда мешавад. Сеюм, ҳисобузамкунии истеҳлок – раванди тақсимкунии арзиш аст, на раванди баҳодиҳӣ. Ҳамчунин ҳисобузам кардани истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба пайдо шудани тафовут дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз меоварад ва инро бояд дар раванди роҳандозӣ намудани ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба инобат гирифт.

Мафҳуми истеҳлок бо мафҳуми фарсудашавии воситаҳои асосӣ ҳамрадиф буда, вале ҳаммаъно нест. Ба хотири дуруст дарк намудани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мебояд тафовутҳои ин мафҳумҳоро донист. Фарсудашавии воситаҳои асосӣ раванди ҷисмонӣ ё маънавӣ буда, маҳдудшавии имконияти дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурдани онҳоро

ифода менамояд. Яъне, агар дорой аз ҷиҳати ҷисмонӣ фарсуда шавад, вай минбаъд наметавонад бо шароити аввалии худ дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шавад. Барои барқарор намудани шароити аввалии истифодабарӣ объекти воситаҳои асосии аз ҷиҳати ҷисмонӣ фарсудашуда таъмир карда мешавад. Агар объекти воситаҳои асосӣ аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда шуда бошад, корхона бо истифода аз вай дар фаъолияти соҳибкории худ рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳо, хизматрасониҳо)-и худро паст менамояд. Яъне, дар бозор ҳамин гуна объекти воситаҳои асосӣ пайдо шудааст, ки дорои хусусиятҳои сифатии нав ва шакли мукаммалтар буда, корхона бо истифода аз он дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ҳам миқдор ва ҳам сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои худро баланд бардорад ва ҳамзамон арзиши аслии онҳоро кам кунад.

Аз таърифи овардашудаи мафҳуми "истеҳлок" бармеояд, ки вай на раванди ҷисмонӣ (чун фарсудашавии ҷисмонӣ) ва на раванди маънавӣ (чун фарсудашавии маънавӣ), балки раванди молиявӣ буда, имкон медиҳад, то корхона хароҷоти бадастории объекти воситаҳои асосиро ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) зам намуда, тавассути нарх (маблағи фурӯш) онро бозпас гирад. Бинобар ин, ба фикри мо ҳаммаъно ҳисобидани мафҳумҳои истеҳлок ва фарсудашавии воситаҳои асосӣ нодуруст аст.

Тибқи нишондоди СБҲМ корхонаҳо дар тавозуни муҳосибӣ арзиши воситаҳои асосиро бо тарҳи маблағи истеҳлоки ғуншуда нишон медиҳанд [8]. Ба ин хотир, дар баҳисобгирии муҳосибӣ бузургии истеҳлокшавандаи объекти воситаҳои асосӣ ҳисоб карда мешавад. Ин бузургӣ ҳангоми дар тавозуни муҳосибӣ инъикос кардани объекти воситаҳои асосӣ бо ёрии ҳисобкуниҳои пешакӣ муайян карда мешавад. Дар ин маврид аз арзиши аслии бадастории объекти воситаҳои асосӣ арзиши барҳамдиҳии он тарҳ карда мешавад. Арзиши барҳамиҳии объекти воситаҳои асосӣ маблағи пешакӣ ҳисобшавандае мебошад, ки корхона онро дар анҷоми муҳлати истифодабарӣ ҳангоми аз тавозун соқит кардани ин объект ва фурӯхтани он пас аз тарҳ кардани масрафҳои пешбинишуда барои хориҷкунӣ (фурӯхтан) метавонад ба даст орад.

Азбаски маблағҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба хароҷоти корхона зам карда мешаванд, дар ин маврид бузургии андоз аз даромади корхона низ кам мешавад. Аз ин хотир, давлат тавассути пайгирии сиёсати андозии худ баҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои истеҳлокшавандаро танзим менамояд.

Сиёсати баҳисобгирии истеҳлок ҷузъи таркибии сиёсати баҳисобгирии корхона буда, маҷмӯи тарзҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилиро оид ба вазъ ва истифодабарии воситаҳои асосӣ, равандҳои ғункунӣ ва истифодабарии маблағҳои истеҳлок чун манбаи худии навкунии воситаҳои асосӣ ифода менамояд. Сиёсати дуруст таҳияшудаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва ҳисобузамкунии истеҳлоки онҳо бо ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ба корхона имкон медиҳад, ки вазъи молиявии муосири худро дуруст танзим намояд.

Бояд қайд кард, ки шароити фаъолияти корхонаҳо дар бозор водор менамояд, ки корбурди мафҳуми истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба таври ҷиддӣ бозбинӣ карда шавад. Пештар, ки ҳама корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлатӣ буданд, давлат бо пайгирӣ намудани сиёсати баҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асосӣ намегузошт, ки маблағҳои ғуншудаи истеҳлок (фонди истеҳлок) ба мақсадҳои дигар истифода шаванд. Фонди истеҳлоки воситаҳои асосии дар корхона бунёдгардида дастнорас буд ва фақат барои таъмири куллӣ ва навкунии объектҳои воситаҳои асосӣ сафарбар мешуд. Дар шароити муосири бозор бошад, мафҳуми «фонди истеҳлок» аҳамияти худро гум кардааст. Акнун корхонаҳои тиҷоратӣ дар баҳисобгирии муҳосибии худ ҳисоби махсусеро барои инъикос намудани «фонди истеҳлок» ба кор намебаранд. Маблағҳои ғунгардидаи истеҳлок дар ҳисобҳои мутақобили барои намудҳои муҳими воситаҳои асосӣ кушодашуда инъикос карда шуда, дар анҷоми давраи ҳисоботӣ бо ёрии гузаронишҳои таҳриркунанда аз арзиши тавозунии воситаҳои асосии намуди дахлдор тарҳ карда мешаванд. Имрӯз маблағҳои ғунгардидаи истеҳлок дар баробари дигар даромадҳои корхона ба суратҳисоби корхона ворид мешаванд ва корхона бо хоҳиши худ

онҳоро метавонад бе ягон маҳдудияти ҳадафӣ истифода барад (на фақат барои таъмир ва навкунии воситаҳои асосӣ).

Аз диди беҳгардонии пардохтҳо ба буҷет оид ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ корхона бояд дар сиёсати баҳисобгирии худ тарзҳоеро истифода барад, ки барои баланд нишон додани арзиши аслии воситаҳои асосӣ имкон диҳанд ва дар навбати худ ба кам кардани манбаи андозбандишавандаи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ мусоидат намоянд. Барои корхона ҳангоми андозбандӣ баланд нишон додани арзиши аслӣ ва кам кардани пардохтҳои андоз интихоби беҳтарин мебошад, ки ба гирифтани маблағи иловагии фоидаи соф меорад. Корхонаҳо бо такя ба муқаррароти қонунгузории андоз ҳангоми ҳисобузам кардани андоз аз даромад маблағи истеҳлокро аз манбаи андозбандӣ тарҳ мекунанд.

Дар сиёсати баҳисобгирии истеҳлок барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бояд тариқаҳои раводонисташудаи инъикоскунии воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки онҳо бо санадҳои меъёрии танзимкунандаи тартиби ташкил ва пешбурди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои истеҳлокшаванда ҳамоҳанг карда шаванд. Вале барои мақсадҳои баҳисобгирии андоз, ба хотири ҳисобкунии дурусти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ҳатман дар бахши сиёсати баҳисобгирии истеҳлок иттилооти муфассалро доир ба бунёдгардии даромадҳо ва хароҷот вобаста ба дороиҳои истеҳлокшаванда ворид бояд намуд.

Баҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асосӣ яке аз самтҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки дар он масъалаи тафовутҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ба таври возеҳ дида мешаванд. Ин тафовутҳо пеш аз ҳама бо он алоқаманд мебошанд, ки истеҳлок дар баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи қоидаҳои бо стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ё СБҲМ муайяншаванда ҳисобузам карда мешавад, дар баҳисобгирии андоз бошад – бо меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар тафовут аз амалияи байналмилалӣ баҳисобгирии истеҳлок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар хосияти расмиётӣ дорад, чунки вай на раванди воқеии истеҳлоки воситаҳои асосӣ, балки корбурди маҳдудиятҳои ҳисобузамкунии маблағи истеҳлоки бо қонунгузорӣ муқарраршударо ифода мекунад, ки имконият медиҳанд, то манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ таҳрир карда шавад.

Аксари корхонаҳои тиҷоратии мамлакат дар доираи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пас аз қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2002, № 428 «Доир ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ», ки расман оғози раванди ислоҳоти соҳа ҳисобида мешавад, баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти соҳибкории худро дар асоси СБҲМ мебаранд.

Бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2014, № 24 «Меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохил мегарданд» тасдиқ шудаанд. Тибқи санадҳои мазкур корхонаҳое, ки барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявии худ стандартҳои байналмилалиро истифода намебаранд, бо мақсади бунёд намудани манбаъҳои дохилии барқароркунии воситаҳои асосӣ меъёрҳои муқарраршудаи ҳисобузамкунии истеҳлокро истифода мебаранд. Барои корхонаҳои истифодабарандаи СБҲМ санадҳои мазкур тавсиявӣ мебошанд. Ин гуна корхонаҳо усулҳои ҳисобузамкунии истеҳлоки объектҳои воситаҳои асосиро дар сиёсати баҳисобгирии худ бояд инъикос намоянд. Корхонаҳои мамлакат то қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди истифода қарор гирифтааст [6], новобаста аз усулҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ (ба истисноӣ муассисаҳои буҷетӣ) барои мақсадҳои баҳисобгирии андоз корбурди меъёрҳои ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосиро тибқи муқаррароти моддаи 118 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (қабули соли 2012) амалӣ менамуданд. Муқаррароти моддаи мазкур бо муҳтавои СБҲМ ва дигар санадҳои меъёрии аз ҷониби вазорати молия ва дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалисозии ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ қабулгардида мувофиқат намекард. Корхонаҳо ба сифати тарзи ягонаи ҳисобузамкунии истеҳлок метавонистанд фақат як усулро интихоб намоянд, ки ин усул ҳам дар моддаи мазкур пурра мушаххас нашуда буд: ба кадоме

аз усулҳои маъмули ҳисобузамкунии истеҳлок дахл доштани нишондодҳои моддаи мазкур равшан зикр нашуда буданд, аниқ намудан ғайриимкон буд, ки муқаррарот ба усули баробарандоза тааллуқ доштанд ва ё ба усули бақияи камшаванда. Истифодаи дигар усулҳои ҳисобузамкунии истеҳлок (масалан, усули истеҳсолӣ) раво даниста намешуд. Вобаста ба ин, дар амалия тафовутҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии андоз зиёд ба назар мерасиданд.

Мутобиқи стандарти миллӣ – Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» [10] ҳисобузамкунии истеҳлоки объектҳои воситаҳои асосӣ бо яке аз ин усулҳо ба ҷо оварда мешавад: баробарандоза, бақияи камшаванда, вобаста ба ҷамъи шумораи солҳои муҳлати истифодабарии нафъовар, мутаносибан ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ё иҷрои корҳо (усули истеҳсолӣ). СБҲМ 16 «Воситаҳои асосӣ» усулҳои баробарандоза, бақияи камшаванда ва тарзи истеҳсолии ҳисобузамкунии истеҳлокро тавсия медиҳад. Интихоби ин ё он усули ҳисобузамкунии истеҳлок дар баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба ҳар як объекти (гурӯҳи) дороиҳои истеҳлокшаванда алоҳида дар лаҳзаи ба баҳисобгирӣ қабул кардани он ба ҷо оварда мешавад.

Пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ мантиқан бозбинӣ намудани муҳтавои дигар санадҳои қонунгузории бо танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла бо баҳисобгирии андоз алоқамандро талаб менамуд. Вале тавре амалия нишон медиҳад, дар мамлакат ин корҳо ба ҷо оварда нашудаанд, аксар санадҳои меъёриву қонунгузории мамлакат байни ҳамдигар ҳамоҳангсозӣ нашудаанд.

Акнун Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 23 декабри соли 2021) барои ҳисобузам кардани маблағи истеҳлок истифодаи усули хаттӣ (баробарандоза)-ро муқаррар намудааст (модаи 198, қисми 6). Дар ин маврид ҳисобузамкунии маблағи солонаи истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар асоси арзиши тавозунии (аввалии) воситаҳои асосӣ ва меъёри истеҳлок, ки дар моддаи 198, қисми 5 кодекси мазкур оварда шудааст, анҷом дода мешавад. Тибқи муқаррароти моддаи мазкур воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ба шаш гурӯҳ бо меъёрҳои муқарраршудаи ҳисобузамкунии истеҳлок ҷудо карда шудаанд. Дар давоми давраи ҳисоботӣ ҳисобузамкунии истеҳлок барои объектҳои воситаҳои асосӣ ҳармоҳа ба андозаи 1/12 ҳиссаи маблағи солона ба ҷо оварда мешавад.

Ҳисобузам кардани маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои истеҳлокшаванда (дороиҳои ғайримоддӣ)-и дар давоми соли тақвимӣ воридшуда (хориҷшуда) аз моҳи тақвимии пас аз истифодаи воқеии (аз истифодаи воқеӣ баровардани) онҳо оғоз (қатъ) карда мешавад, аммо дар мавриди бино на пештар аз он, ки мақоми танзимкунанда шаҳодатномаи ба итмом расонидани сохтмони мазкурро медиҳад. Арзиши воситаҳои асосӣ, ки дар асоси шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) гирифта шудаанд, дар тавозуни арзишии гурӯҳи дахлдори воситаҳои асосии иҷорагир дохил карда шуда, маблағи истеҳлок вобаста ба меъёрҳои барои гурӯҳи дахлдор муайяншуда ҳисобузам карда мешавад.

Маблағи асосие, ки барои воситаҳои асосии ба иҷораи молиявӣ додашуда ба иҷорадеҳ пардохт шудааст, агар воситаҳои асосӣ ба тавозуни арзишии гурӯҳ то интиқоли онҳо ба иҷораи молиявӣ дохил карда шуда бошанд, ҳамчун маблағе дониста мешавад, ки ҳангоми фурӯши чунин объектҳои воситаҳои асосӣ гирифта мешавад. Барои иҷорагир маблағи асосие, ки он ба иҷорадеҳ пардохт мекунад, ҳамчун нархи хариди воситаҳои асосӣ баррасӣ мешавад.

Қисми 11 моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхона иҷозат медиҳад, ки ҳангоми ҳисобузам кардани андоз аз даромад илова ба тарҳи маблағи истеҳлок ҳамчунин аз манбаи андозбандӣ тарҳи сармоягузорӣ (ҳиссаҷудокуниҳои сармоягузорӣ)-ро низ ба ҷо орад.

Тарҳи сармоягузорӣ бо чунин меъёрҳо ба ҷо оварда мешавад:

- 10% аз арзиши: таҷҳизоти технологии нав, ки корхона дар раванди истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) истифода мебарад ва аз рӯзи барориши онҳо муддати аз се сол зиёд нагузаштааст; азнавтаҷҳизонӣ (навкунӣ) ва муҷаҳҳазкунии техникӣ ё технологии воситаҳои асосӣ; воситаҳо барои пешниҳод намудани барномаҳои компютерии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низомҳои иттилоотӣ;

- 5% аз арзиши: азнавсозии бино ва иншоот, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд; азнавсозии бино ва иншооти мавҷудаи дар раванди истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) истифодашаванда (беш аз 50% навкунии бино ва иншоот аз рӯи масоҳат), ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии воситаҳои асосӣ дар доираи лоиҳаи таҷдид ва азнавтаҷҳизонии иқтидори истеҳсолӣ равона гардидаанд; васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав.

Ҳиссаҷудокуниҳои сармоягузорӣ дар давраи ҳисоботие ба ҷо оварда мешаванд, ки дар он таҷҳизоти технологии нав ба истифода дода шудааст ё азнавтаҷҳизонӣ (навкунӣ), муҷаҳҳазкунии техникӣ ё технологии истеҳсолоти худӣ, васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав, азнавсозии бино ва иншооте, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд ва пешниҳоди таъминоти барномавии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низоми иттилоотӣ сурат гирифтааст.

Ҳамин тавр, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав имконияти бештарро барои мутобиқсозии раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ бо қоидаҳои байналмилалӣ пешкаш менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Барфиев Қ.Х., Ҳасанова Н.Ҷ. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот мувофиқи СБҲМ дар сектори аграрии иқтисоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Барфиев, Н.Ҷ. Ҳасанова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2020. – Т. 52. - № 1. – С. 182-186
2. Бобоев М.У., Ғайбуллоева Д.А. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ / М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2021. - № 1 (44). – С. 125-135
3. Каримиён М.Б. Хусусиятҳои воситаҳои асосӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (37). - С. 108-115
4. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (34). - С. 115-119
5. Каримов Б.Х., Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__01-01-2022-RT_tj.pdf
7. Кодирова Г.Т. Анализ хода реформ системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Г.Т. Кодирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. - № 2/8- (215). – С. 157-161
8. Международный стандарт финансовой отчетности (IAS) 16 «Основные средства» [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://finotchet.ru/articles/138/
9. Низомов С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. - № 2. – С. 73-76
10. Положение по бухгалтерскому учету «Учет основных средств» ПБУ 4/2002 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://minfin.tj/downloads/prikaz17.pdf

*Маҳмадова М.Ш. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*Маҳмадова Ф.Ш. – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## ТАШКИЛИ КОРҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ, аз нигоҳи мо, дар шуъбаҳои маориф аз инҳо иборат мебошанд:

– ҷамъоварӣ ва тартиб додани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба фаъолияти муассиса ва вазъи амволи он, ки барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботи молиявӣ - менеҷерон, муассисон, иштирокчиён ва соҳибмулкон, инчунин, сармоягузорони хориҷӣ, кредиторон ва дигар истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ заруранд;

– пешниҳоди иттилоот барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ дар бораи ҳисоботи молиявӣ бо риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани амалиётҳои иқтисодӣ ва муносибати ба он алоқаманди онҳо, дастрасӣ ва ҳаракати молу мулк, истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мутобиқи аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муқарраршуда, стандартҳо ва ҳисоботҳо;

– пешгирӣ намудани натиҷаҳои манфии фаъолияти молиявӣ-иқтисодии муассисаҳо ва муайян намудани захираҳои дохилихоҷагӣ барои таъмини устувории ҳолати молиявии он;

– назорати мавҷудият ва ҳаракати молу мулки муассисаҳо;

– назорати истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар муассиса;

– назорати фаъолияти муассиса мувофиқи меъёрҳои қабулшуда ва ба роҳ мондани хароҷот аз рӯи харҷномаи қабулшуда;

Дар амалия шуъбаи баҳисобгирии муассисаи маориф ба андешаи мо бояд вазифаҳои зеринро анҷом диҳад:

➢ пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси риояи талаботҳои аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулгардида, қонунгузории ҷорӣ;

➢ бо маълумотҳо таъмин намудани роҳбари муассиса оид ба андоза ва истифодабарии мақсадноки харҷномаи (смета) тасдиқшуда ва ҳисоботҳои вобаста ба манбаъҳои маблағгузорӣ;

➢ назорати риояи дурустии ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии иҷрои харҷномаи (смета) тасдиқшуда ва ҳисобҳои муассисаҳои тобеи он;

➢ ҳисоб намудан ва пардохти музди меҳнат ба кормандон мутобиқи қонунҳои амалкунанда, ҳуҷҷатҳои дохилии корӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии вақти корӣ;

➢ ҳисоб намудани боздориҳои пардохти музди меҳнат ва пардохти суғуртавӣ тибқи қонунгузории андоз ва қонунгузории суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

➢ баҳисобгирии муҳосибии даромад, хароҷот, дороиҳо, уҳдадориҳо, дороиҳои соф, воситаҳои пулӣ дар заминаи манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ (маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсус);

➢ омодасозии ҳамаи намудҳои ҳисоботҳо (ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷет, ҳисоботи андозӣ, ҳисобот оид ба пардохтҳои суғуртавӣ, ҳисоботҳои оморӣ);

➢ нигоҳдории феҳристи санадҳои меъёрии танзимкунандаи масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ [1].

Яке аз қоидаҳои асосии ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар муасссисаҳои маориф ин ҳуҷҷатнок кардани амалиётҳои хоҷагӣ мебошад.

Бо ёрии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ҳамаи амалиётҳои хоҷагидорӣ аз рӯи он тартиби муайяне, ки онҳо ба вуҷуд меоянд, ба қайд гирифта мешаванд, ки ин:

а) баҳисобгирии муттасил ва бетанаффус (бефосилагӣ) ҳамаи объектҳои баҳисобгириро таъмин мегардонад;

б) асоси ҳуқуқии сабтҳои муҳосибиро, ки дар асоси ҳуҷҷатҳо қувваи исботкунӣ доранд, таъмин месозад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва миёнаи касбӣ баҳисобгирии муҳосибӣ бо шакли мемориал-ордерии баҳисобгирӣ ба роҳ монда мешавад [2].

Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи хароҷот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва миёнаи касбӣ тибқи Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ бо шакли мемориал-ордерӣ сурат мегирад. Дар шакли мемориал-ордерии баҳисобгирӣ ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ мувофиқи санаи ба амал омадани амалиётҳои хоҷагӣ ба танзим даровarda мешаванд ва бо маҷмӯаи зерини мемориал-ордерҳо ва варақаҳои ҷамъбастӣ ҳуҷҷатнок карда мешаванд:

Масалан, "Ордери мемориалии 1 (варақаи ҷамъбастӣ аз рӯи амалиётҳои хазинавӣ (шакли 381", ё шакли дигар "Ордери мемориалии 15 (маҷмӯаи варақаҳо аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо волидон барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои то мактабӣ) шакли 406". Ҳамаи ордерҳои мемориалӣ дар китоби «Журнали асосӣ» шакли 308 ба қайд гирифта мешаванд. Баҳисобгирӣ дар китоби «Журнали асосӣ» ҳамчун қоида аз рӯи зерҳисобҳо бурда мешавад.

Даромад ва хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ё миёнаи касбӣ дар сметаи даромад ва хароҷот нишон дода шудааст. Даромадҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ аз қисми даромади буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ ва инчунин, аз расонидани хизматрасониҳои таълимии пулакӣ ба аҳолӣ ва дигар даромадҳо аз истифодаи моликияти давлатӣ ташкил меёбанд.

Маҳкамкунии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои муассисаҳо дар охири сол бо тартиби зерин ба амал бароварда мешавад:

- ✓ ба дебети ҳисобҳои иловагии (зерҳисобҳои) 211971 "Даромадҳои давраҳои оянда (уҳдадорӣ дар назди буҷети ҷумҳуриявӣ)", 211972 "Даромадҳои давраҳои оянда (уҳдадорӣ дар назди буҷети маҳаллӣ)" ва аз рӯи кредити ҳисобҳои иловагии 418310 "Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ" доир ба эътирофи даромад ва кам кардани уҳдадорӣ ба ҷамъи маблағҳои азхудкардашуда дар доираи молиягузории гирифташуда гузориш тартиб дода мешавад;
- ✓ инчунин, дар кредити ҳисоби иловагии 418310 "Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ" дохилшавиҳо аз сарчашмаҳои иловагии молиягузорӣ эътироф карда мешавад;
- ✓ дар кредити ҳисоби иловагии 310130 "Маблағҳои махсуси ҷудокардашуда ба сохтмони асосӣ" маблағҳои аз буҷет барои сохтмони асосӣ ҷудокардашуда инъикос карда мешаванд. Хароҷот аз рӯи объектҳои сохтмонии ба итмомнарасида ва таҷдид дар ҳисоби иловагии 146000 "Сохтмони нотамом" боқӣ мемонанд [3].

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблағҳои буҷетӣ аз рӯи амалиётҳои гирифтани молиягузорӣ аз хазинадорӣ, ба дебети ҳисоби иловагии 111253 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БҶ муассисаҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ё ки дебети ҳисоби иловагии 111254 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ва кредити ҳисоби иловагии 211950 "Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ" навиштаҷот тартиб медиҳанд [2].

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблағҳои буҷетӣ ҳангоми гузаронидани маблағҳои ташкилоти дар тобеи худ қарордошта дар дебети ҳисоби 211950 "Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ" ва кредити ҳисоби 111253 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БҶ муассисаҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ва ё кредити ҳисоби иловагии 111254 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" навиштаҷот тартиб медиҳанд.

Аз рӯи муассисаҳои маблағҳои мақсаднокдошта, баъди ба охир расидани сол хароҷотҳои воқеӣ ба камшавии маблағҳои дахлдор аз ҳисоб бароварда мешавад ва дар кредити ҳисобҳои иловагии 510000 "Пардохти музди меҳнати кормандон", 511000 "Аъзоҳаққиҳо /маблағҳои ҳисобкардашуда барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ" 512000 "Истифодаи молу хизматрасониҳо" ва дигар ҳисобҳои иловагии мувофиқи хароҷотҳо инъикос карда мешавад.

Барои даромадҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифташуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз дар дебети ҳисоби иловагии 522540 “Пардохтҳо ба буҷет аз даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ” ва кредити ҳисоби иловагии 211690 “Дигар андозҳо барои пардохт” андозҳо ҳисоб карда мешаванд.

Баъди ба охир расидани давраи ҳисоботӣ натиҷаҳои молиявӣ (фоида ё зарар) аз иҷроиши корҳо, расонидани хизматҳо ва дигар амалиётҳо муайян карда мешавад-зиёдшавии даромадҳо аз хароҷотҳо ё ки хароҷотҳо аз даромадҳо. Ҳамаи ҳисобҳои хароҷотҳо ба кредит пӯшида мешаванд ва ба дебети ҳисоби иловагии 610000 “Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо” гузаронида мешаванд. Ҳамаи ҳисобҳои даромадҳо ба дебет маҳкам карда мешаванд ва ба кредити ҳисоби иловагии 610000 “Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо” гузаронида мешаванд.

Хулоса, баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи низоми баҳисогирии иқтисодиёти давлат ба шумор меравад ва низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар муассисаҳои буҷетӣ таъмин менамояд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсаднок истифодабарӣ ва азхудкунии маблағҳои буҷетӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо сабаб шуда, имконият медиҳад, ки ҳисоббаробаркуниро бо мақомоти молия, андози маҳаллӣ, мақомотҳои молтаъминкунанда, пудратчиён ва ғайра дуруст бароҳ монанд.

1. Дар рафти омӯзиши масъала маълум гардид, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои маориф хусусиятҳои хоси худро дошта, аз баҳисобгирии муҳосибӣ дар дигар корхонаҳои хоҷагии халқ фарқ мекунад, аммо истифодабарии ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, принсипҳои баҳисобгирии муҳосибии қабулшуда ва қоидаҳои баҳисобгирии амволи муассиса, воситаҳои гардишӣ, воситаҳои пулӣ ва дигар уҳдадориҳо дар ҳамаи муассисаҳои хоҷагии халқ як хел мебошанд.

2. Муассисаҳои буҷетӣ аз ҷумла маориф ҳисоботҳои худро бояд мувофиқи шаклҳои муайян ва дастурҳо оид ба пур кардани онҳо, ки тартиби онро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, тартиб диҳанд. Ҳисоботи муассисаҳои маориф бояд таркиби амвол ва ҳисоботи сарчашмаҳои ташкилёбии онҳоро пурра ифода ва дар бар гирад.

3. Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти воситаҳои буҷетӣ ва воситаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи нақшаи ҳисобҳои “Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ”, амалӣ карда мешавад. Барои воситаҳои буҷетӣ тавозуни алоҳида бо нишондоди воситаҳо ва тавозуни алоҳида барои воситаҳои аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ дохилгардида бояд тартиб дода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000-ум, № 157
2. Дастурамал оид ба бурдани ҳисобдории бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011
3. Дастурамал оид ба Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалҳои истифодабарии онҳо. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 173 аз 26 январи соли 2015
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702
5. Шарифов З.Р., Исмонов Ф.Б. Дастур оид ба бурдани Ҳисобгирии бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2007



***Ҳафизов А.З. - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт***


## ТАТБИҚИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Амалияи идоракунии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, ки таъминкунандаи асосии иттилооти молиявӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ бахши калидии

низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ - баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Вале баҳисобгирии молиявӣ далелҳо ва зуҳуроти фаъолияти хоҷагидории корхонаро танҳо дар доираи замони гузашта ба қайд мегирад. Дар оқибати ин, иттилооти омоданамудаи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ имкон намедиҳад, ки натиҷаҳои зуҳуроти хоҷагидории дар оянда рухдиҳанда пешбинӣ карда шаванд. Вобаста ба ин, метавон бо боварии басанда тасдиқ намуд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ) ҳамаи ҷиҳатҳои барои қабули қарорҳои стратегӣ заруриро фаро гирифта наметавонад.

Татбиқи бобарори вазифаҳои стратегии корхонаҳои муосир бе мукаммалсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ чун асоси таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ ғайриимкон аст. Арзи ҳастӣ намудани намудҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ, чун баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи далелҳои фаъолияти хоҷагидории на танҳо дар даврахои ҳисоботии гузашта ҷойдошта, инчунин дар даврахои ҳисоботии оянда рухдиҳанда низ ҷамъбаст ва муфассал карда шавад [2, с. 35].

Дар адабиёти илмии ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқот дар самти баҳисобгирии идоракунӣ ва бахши барои корхонаҳои ватанӣ нави он – баҳисобгирии стратегӣ танҳо дар интишороти солҳои охир ба назар мерасанд. Дар баробари асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ки ба таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳидаи саноат бахшида шудаанд [5; 6], баъзе муҳаққиқони ватанӣ ба баррасии масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои бахши кишоварзӣ низ диққати муҳим медиҳанд [3; 4]. Албатта ин асос дорад, чунки соҳаи кишоварзӣ – соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ буда, асоси фаъолияти корхонаҳои саноати сабук ва хӯроквории мамлакатро ташкил медиҳад. Рушди ояндаи корхонаҳои саноатии мамлакат аз фаъолияти бобарори корхонаҳои кишоварзӣ вобаста мебошад.

Бояд тасдиқ кард, ки вазъи имрӯзаи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити рақобати бозорӣ ба қавле “на он қадар солим” фаъолият мекунанд, дар таҳти таъсири якчанд омилҳои асосӣ қарор дорад, чун:

- вазъи умумии бӯҳронии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, ки бо пастравии амиқ ва тӯлонии ҳаҷмҳои истеҳсоли маҳсулот, таваррум, набудани алоқаҳои устувори хоҷагидорӣ алоқаманд аст;

- пош хурдани комплекси кишоварзию саноатӣ, аз байн рафтани корхонаҳои бузурги кишоварзию саноатӣ;

- набудани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши рафтори корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити иқтисодии тез-тез дигаршаванда ва чун натиҷа – набудани тавсияҳои амалӣ барои такмили усулҳои идоракунӣ ва мутобиқсозии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар шароити рақобат, хавф ва номуайянӣ дар бозор.

Илова ба омилҳои номбаршуда, пурзӯршавии вобастагии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ аз миёнаравҳо, ташкилотҳои савдо, хизматрасонии техника ва мошинолоти кишоварзӣ, маъмурони бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида мешавад.

Истеҳсолоти кишоварзӣ аз нархҳо дар бозори воситаҳои истеҳсолот, сӯзишворӣ, нӯриҳои минералӣ ва дигар маҳсулоти саноатӣ вобастагии қавӣ дорад. Ҳангоми якхела набудани суръатҳои баландшавии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, арзиши барқ ва хизматрасониҳо номутаносибии якчандкаратаи онҳо ба миён меояд. Корхонаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот ва сӯзишворӣ нисбат ба корхонаҳои кишоварзӣ шароити инҳисории худро водор менамоянд, ки ин ба пастшавии сатҳи таъминоти моддию техникӣ ва муҷҷаҳазии техникии корхонаҳои кишоварзӣ оварда, устувории онҳоро ба муқобили таъсири номатлуби муҳити берунӣ коҳиш медиҳад.

Шароити фаъолияти аксар корхонаҳои кишоварзиро таҳлил намуда, ҳатто метавон тасдиқ намуд, ки имрӯз фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ба маънии асили он мансуб нест, чунки ангезандаи ин гуна фаъолият барои субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ пеш аз ҳама ҳадафҳое мебошанд, ки барои нигоҳ доштани худ,

кормандон ва истеъмолкунандагон (харидорон) ва баъд аз ин, барои баланд намудани фоида, ҳаҷмҳои истеҳсолот, меъёри фоида ва дигар ҳадафҳои рушди хоҷагидорӣ равона гардидаанд.

Ба раванди ташкил ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ як қатор хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ чун соҳаи истеҳсолоти моддӣ таъсир мерасонанд. Ин хусусиятҳо асосан бо таъсири омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ муайян мешаванд. Таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ корхонаҳои намудҳои гуногуни моликият фаъолият мекунанд. Бино бар ин, такшкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар ташкилотҳои хоҷагидории давлатӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ аз сабаби хусусиятҳои шаклҳои моликияти дахлдор яксон нест.

Соҳаи кишоварзӣ бо тинати худ аз дигар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ба куллӣ тафовут дорад. Пеш аз ҳама, ин тафовут аз хусусиятҳои худи истеҳсолоти кишоварзӣ бармеоянд, ки хоси дигар соҳаҳои иқтисодиёт нестанд.

Қайд бояд кард, ки ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ шароити табиӣ-иқлимӣ таъсири назаррас мерасонанд - бо таъсири боришот, хушксолӣ, сармо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ ҳосилғундорӣ дар соҳаи растанипарварӣ, ҳосилнокии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд ба андозаи назаррас паст шаванд.

Ба соҳаи кишоварзӣ мавсимӣ будани истеҳсолот хос аст, ки оқибати он истифодабарии номавзуни сарватҳои меҳнатӣ, техника, фурӯши номавзуни маҳсулот дар давраҳои алоҳида ва воридшавии нобаробари маблағи фурӯш мебошад. Хосияти мавсимӣ бештар дар растанипарварӣ зоҳир мегардад. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд хусусияти мазкурро дар корҳои кишоварзӣ ва масрафҳои истеҳсолӣ инъикос намояд. Дар навбати худ, ин ба худи раванди баҳисобгирӣ таъсир мерасонад, масалан, ҳаҷми корҳои баҳисобгирии масрафҳо дар давраи иҷрои корҳои асосии кишоварзӣ (тухмишинонӣ ва коркарди зироат) ва ҳосилғундорӣ зиёд мешавад, дар давраҳои камшавии корҳои мавсимӣ – кам мешавад.

Воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ замин мебошад, ки хусусиятҳои табии он асосан бо шароити иқлимӣ алоқаманд мебошанд. Инчунин замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат мебошад, ки ин дар раванди истифодабарии замин ва сарватҳои табиӣ маҳдудиятҳои муайянро ҷорӣ менамояд. Вобаста ба ин масъалаи таъмини баҳисобгирии аниқи заминҳои корам ва маблағгузориҳо барои беҳгардонии қитъаҳои замин ба миён меояд. Дар ин маврид, ҳаҷми қитъаҳои замин бо нишондиҳандаҳои табиӣ (гектар) ва маблағгузориҳои иловагӣ барои беҳгардонӣ ва иҷораи қитъаҳои замин - бо ифодаи пулӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ на танҳо аз қонунҳои иқтисодӣ, инчунин аз қонунҳои биологӣ, кимиёвӣ ва ҷисмонӣ вобаста аст, ки ин раванди чен кардани таъсири омилҳоро ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ душвор мегардонад.

Раванди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ бо организмҳои зинда – дороиҳои биологӣ (растанӣ ва ҳайвонот) алоқаманд аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ бояд баҳисобгирии саршумори ҳайвонот ва дигаргуниҳои дар онҳо рухдода (афзоиши вазни зинда, афзоиши насл), инчунин баҳисобгирии равандҳои истеҳсолии дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорвопарварӣ ҷоришавандаро таъмин намояд.

Маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ қисман ба сифати ашёи хом ва воситаҳои истеҳсолот барои эҳтиёҷоти худӣ истифода мешавад: дар растанипарварӣ – тухмӣ, хуроки чорво, барои коркарди мобайнӣ; дар чорвопарварӣ – ҳайвоноти наслдеҳ, нӯриҳои органикӣ. Ҳамаи ин инъикоси аниқи маҳсулотро дар тамоми марҳилаҳои гардиши дохилӣ талаб менамояд. Ҳамчунин вобаста аз ин, маҳсулоти молии кишоварзӣ аз маҳсулоти умумии он бо ченаки аслӣ ва ҳам бо нархҳои қиёсшаванда ҳамеша кам аст.

Аксаран дар соҳаи кишоварзӣ аз як намуди дороии биологӣ (намудҳои зироат ё чорво) на як намуди маҳсулот, балки якчанд намудҳои маҳсулот гирифта мешавад. Дар ин маврид яке аз намудҳо маҳсулоти асосӣ ва намудҳои дигар – маҳсулоти иловагӣ (ҳамроҳ) ном дорад. Ин

ба зарурати ҷудокунии масрафҳои дахлдор дар баҳисобгирии идоракунӣ меоварад. Гирифтани маҳсулоти тайёр дар соҳаи кишоварзӣ аз муҳлатҳои пухта расидани растаниҳо ва парвариши ҳайвонот вобаста аст. Бино бар ин, дар соҳаи растанипарварӣ тайёр шудани маҳсулот ҳамзамон ба давраи ҳосилғундорӣ рост меояд. Ин дар навбати худ ба ташкили баҳисобгирии гирифтани маҳсулот талаботи қатъӣ пешниҳод менамояд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ барои арзёбӣ намудани фаъолияти корхонаҳои соҳа нишондиҳанадҳои гуногуни махсус ба кор бурда мешаванд, чун ҳосилнокии зироат, маҳсулнокии чорво ва дигарҳо. Нишондиҳандаҳои умумии дар тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёт истифодашаванда хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзиро пурра ифода карда наметавонанд.

Аз боиси таъсири омилҳои табиӣ барои истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ давомнокии тӯлонии раванди истеҳсолот хос мебошад. Равандҳои истеҳсолии кишоварзӣ бо давраҳои кории муқаррарӣ рост намеоянд, қиматҳои бештари нишондиҳандаҳо танҳо дар анҷоми сол муайян карда мешаванд. Баъзе равандҳои истеҳсолӣ аз доираи як соли ҳисоботӣ берун мебароянд. Масалан, равандҳои истеҳсоли гӯшти чорво ва парвариши дарахтони мева дар давоми якчанд солҳо тӯл мекашанд. Бино бар ин, дар баҳисобгирӣ ҷудокунии хароҷот ба давраҳои истеҳсолии бо соли тақвимӣ ростнаоянда ба ҷо оварда мешавад: хароҷоти солҳои пешин барои ҳосили соли ҷорӣ, хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили солҳои оянда ва хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили ҳамин сол ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ фаъолияти корхонаҳои соҳаи мазкурро метавон чун маҷмӯи равандҳои хоҷагидории бо ҳам алоқаманд баррасӣ намуд, ки ба он омилҳои гуногун ва сершумори аз ҷумла аз ҷониби инсон идоранашаванда таъсир мерасонанд. Агар ягон хел омил берун аз доираи баррасӣ монад, пас арзёбии таъсири омилҳои дигар ва ҳам хулосаҳои ҷамъбастӣ аз чунин арзёбӣ метавонанд нодуруст бароянд.

Аҳамияти иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб доир ба идоракунии стратегӣ ва фаврии корхонаи кишоварзии муосир наметавон нодида гузашт. Акнун шарти муҳими рушди босуботи истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакат гузариш ба сатҳи нави ташкили технологияи истеҳсоли маҳсулот ва роҳандозӣ намудани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудани низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба идоракунии босамараи фаъолияти ҷорӣ ваояндаи онҳо мусоидат намояд, ба миён меояд. Албатта ҳамаи ин танҳо дар мавриди дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ татбиқ намудани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мебошад.

Таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунии стратегӣ меҳвари низоми иттилоотии корхонаҳо буда, барои асосноккунии қарорҳои идоракунии ҳам кӯтоҳмуҳлат (ҷорӣ) ва ҳам дарозмуҳлат (стратегӣ) хизмат мекунад. Ба андешаи мо, дар корхонаҳои кишоварзӣ баҳисобгирии идоракунӣ бояд чуноне ташкил карда шавад, ки дар зинаҳои гуногуни масъулият ҳамон ҳиссаи масрафҳо инъикос карда шавад, ки аз рӯи он шахси масъули мушаххас воқеан ҷавобгар аст, ҳама дигар хароҷот ва даромадҳо дар марказҳои масъулияти дахлдор ба ҳисоб гирифта ва назорат карда мешаванд. Дар ин маврид бахши таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳар як зинаи идоракунӣ алоҳида иҷро карда мешавад.

Татбиқи бобарори баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама омӯзиши вазъи худи низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ва арзёбии имкониятҳои онро барои ба таври муносиб амал кардани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ талаб менамояд.

Ҳангоми таҳқиқи хосиятҳои муҳим ва муайян кардани самтнокии стратегии тамоми самтҳои идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама бояд ба хусусиятҳои муҳими бо чунин ҷиҳатҳо алоқаманд диққат дод [1, с. 107]:

- омилҳои берунии муҳити фаъолияти корхона;
- нигарониш ба баҳисобгирии номуайянӣ, стратегияи идоракунии хавфҳо;

- асоснокии қарорҳои идоракунӣ ва дигарҳо.

Дар идоракунии корхонаи кишоварзии муосир ҳамаи функсияҳо (вазифаҳо)-и идоракунӣ, чун банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, ангезиш, танзимкунӣ бо стратегияи рушди корхона ва вазифаҳои ҷории идоракунӣ бо ҳам омада ба таври намоён ҷудо мегарданд. Барои ҳар як функсияи идоракунӣ метавон муҳити иттилоотиеро таҳия намуд, ки нишондиҳандаҳои он маҳсули амалисозии вазифаҳо мебошанд. Ҳамин тавр, банақшагирии фаъолияти корхонаи кишоварзӣ бо баинобатгирии тамоми намудҳо, бахшҳо, хусусиятҳои соҳавӣ, мавсимият, талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор, аз як ҷониб дар асоси имкониятҳои корхона ба ҷо оварда мешавад, аз ҷониби дигар - дар асоси рақобатпазирии субъекти хоҷагидорӣ. Нақшаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат, тактикӣ, стратегӣ ва фаврии корхонаи кишоварзӣ ба давраи мушаххаси рушд нигарон мебошанд. Ҳар чӣ қадаре ки ин давра кӯтоҳ бошад, нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда ба нишондиҳандаҳои воқеии фаъолият, ки онҳоро баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ муайян мекунад, наздик мебошанд. Ҳар қадаре ки давраи банақшагирӣ тӯлонӣ бошад, муайян кардани нишондиҳанда ё низоми нишондиҳандаҳои васфкунандаи фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявӣ-хоҷагидории корхонаи кишоварзӣ барои оянда душвортар аст. Сатҳи имрӯзаи рушди баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар амалияи ҷаҳонӣ пойдор гардидааст, имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мазкур барои давраҳои муайяни банақшагирӣ амсилабандӣ карда шаванд.

Аниқии нишондиҳандаҳои банақшагирифташаванда на танҳо аз шароите, ки дар он фаъолияти корхонаи кишоварзӣ ба ҷо оварда мешавад, балки бештар аз устувории ин шароит вобаста мебошад. Ҳангоми шароити якхела дар давраҳои мухталифи фаъолияти корхонаи кишоварзӣ амсилабандии нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ нисбатан аниқтар ба ҷо оварда мешавад.

Ба омилҳои асосии таъсирасон ба шароити фаъолияти кишоварзӣ – мавсимият, хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодабарии дороиҳои биологӣ, инчунин омилҳоеро низ бояд илова намуд, ки азбоиси муносибатҳои гуногуни байни корхонаи кишоварзӣ ва ҷонибҳои алоқаманд ба миён меоянд, чун бо таъминкунандагони ашёи хом, харидорон ва фармоишгарони маҳсулоти тайёр, бо сармоягузорон, мақомоти андоз ва дигар мақомоти назораткунанда (мақомоти назорати санитарӣ, ветеринарӣ, экологӣ, сифати маҳсулот).

Низоми баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзии муосир – мавзеи марказии кори муҳосибот ва умуман тамоми низоми идоракунии стратегии корхона баҳисоб меравад, чунки ин ҷо иттилоот дар бораи масрафҳои воқеӣ ҷамъоварӣ карда мешавад ва бино бар ин, асосҳо барои ҳисобкунии фоидаи воқеӣ – нишондиҳандае, ки корхона ба хотири ноил шудан ба он фаъолият мекунад, ташаккул меёбанд [7, с. 2].

Паст кардани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки баҳисоб гирифтани онҳо вазифаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мебошад. Омилҳои мазкурро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: омилҳои бевосита аз корхона вобастабуда (дохилӣ) ва омилҳои берунӣ, ки аз корхона вобаста нестанд. Омилҳои берунӣ – пеш аз ҳама, ин таваррум, афзоиши нархҳои ашёи хом, сӯзишворӣ, тухмӣ, нӯриҳои маъданӣ ва ғайримаъданӣ (органикӣ) ва дигар сарватҳо мебошанд. Бо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои ба харҷи нисбатан сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ равонагардида метавон омилҳои дохилиро танзим кард. Сатҳи арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бо сабаби баланд шудани нархҳои молҳои саноатии ба соҳаи кишоварзӣ воридшаванда ба қадри муҳим баланд мешавад.

Паст кардани сатҳи масрафҳо – шарти зарурӣ, вале нобасанда барои рушди фаъолияти тиҷоратии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Барои ғолиб омадан дар мубориза рақибона ба корхонаи кишоварзӣ лозим аст, ки афзоиши фоидаи худро бо баҳисобгирии равандҳои таваррум таъмин намояд. Ғайр аз ин, бояд дар самти беҳгардонии нишондиҳандаҳои ғайримолиявии сифатии фаъолият, чун маҳсулнокӣ, сифати маҳсулоти тайёр, муҳлатҳо ва суръати иҷрои фармоишҳо, сатҳи қаноатмандии харидорон ва фармоишгарон, тадбирҳо андешида шаванд. Ин нишондиҳандаҳо ҳамчунин дарк кардани моҳият, такмил ва арзёбии худро талаб менамоянд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, дар низомҳои муосири менеҷмент ва баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба онҳо диққати хоса ҷудо карда мешавад. Бино бар ин,

марҳилаҳои ташаккули қарорҳои стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз сатҳи иттилооти баҳисобгирии идоракунии стратегӣ вобастагии қавӣ доранд.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон чун низоми маҷмӯии баҳисобгирӣ-таҳлилии таъминоти иттилоотии раванди идоракунии стратегии корхона муайян намуд, ки барои мусоидат кардан ба таҳия ва татбиқи стратегияи рушди ояндаи корхона нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, мақсади асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил, маънидодкунӣ ва истифодабарии иттилооти иқтисодӣ барои ошкор намудани тамоюлҳои рушди фаъолият, интихоби тарзҳои гуногуни алтернативӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бояд дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси қоидаҳои бо сиёсати баҳисобгирии корхона муайяншаванда роҳандозӣ карда шавад. Вазифаи асосии сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бунёд намудани дастаи амиқи дастурамалҳо, муқаррарот ва усулҳое мебошад, ки имкон медиҳанд мавзеъҳои асосии баҳисобгирӣ дар корхона ба тартиб даровarda шаванд, амалҳои баҳисобгирӣ ҳамсон, ҳамоҳангсозӣ ва танзим карда шаванд ва дар ин асос дар корхона низоми ягонаи иттилоотӣ барои дастгирии таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ бунёд карда шавад.

Ташкил ва роҳандозӣ намудани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ вазифаи идоракунӣ, самти воқеан зарурии фаъолияти идоракунӣ буда, дар шароити истифодабарии ҳамгироёнаи унсурҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ – баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, арзёбӣ ва дигар вазифаҳои идоракунии корхонаи кишоварзӣ ифода меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Дятлова А.Ф. Методические особенности организации стратегического управленческого учета в аграрных формированиях / А.Ф. Дятлова // Экономика и земельные ресурсы. - 20 . - № . – С. 107-113
2. Ким Л.И. Стратегический управленческий учет: теория и тенденции внедрения / Л.И. Ким // Вестник Российского университета кооперации. – 2012. - № 2 (8). – С. 35-44
3. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.У. Икромова // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. - № 2. – С. 51-60
4. Ойев Н.А. Ташаккули баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Ойев // Паёми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 3. – С. 9-16
5. Хушвахтзода Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. - № 4 (72). – С. 108-118
6. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев, М.А. Бобохонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 5. – С. 5-11
7. Шогенов Б.А., Жемухов А.Х. Стратегический управленческий учет и анализ затрат на производство сельскохозяйственной продукцуии / Б.А. Шогенов, А.Х. Жемухов // Экономический анализ: теория и практика. – 2008. - № 10 (115). – С. 2-6



***Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ДОХИЛИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Аудити дохилии воситаҳои асосӣ низоми мураккаби чорабиноиҳои санҷишӣ мебошад. Дар доираи банақшагирии супориши аудиторӣ амалҳои зиёде анҷом дода мешаванд, ки шарти зарурии тартиб додани ҳуҷҷати асосии аудиторӣ – барномаи аудити дохилии воситаҳои асосӣ мебошанд. Яке аз чунин амалҳо арзёбии низоми назорати дохилӣ мебошад, ки барои ошкор ва

арзёбӣ намудани хавфҳои таҳрифҳои муҳим ҳам дар ҳисоботи молиявӣ ва ҳам ҳангоми иҷрои супориши аудиторӣ мусоидат мекунад. Дар доираи арзёбии низоми назорати дохилӣ нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхона ҷиҳати мавҷуд будани бахшҳои бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ алоқаманд таҳқиқ карда мешаванд.

Аудити дохилии воситаҳои асосӣ бо чунин самтҳои асосӣ гузаронида мешавад (расми 1):




Расми 34. Самтҳои асосии гузаронидани аудити дохилии воситаҳои асосӣ

- арзёбии низоми назорати дохилии воситаҳои асосӣ;
- санҷиши мавҷудият, шароити нигоҳдорӣ ва истифодабарии воситаҳои асосӣ;
- санҷиши дурустии баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ;
- санҷиши амалиёти воридшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои асосӣ;
- санҷиши ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ;
- санҷиши баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ;
- санҷиши баҳисобгирии амалиёти иҷораи воситаҳои асосӣ.

Ба хотири таҳия намудани муносибати босамара ба аудити дохилии воситаҳои асосӣ дар марҳилаи авввалии иҷрои супориши аудиторӣ арзёбии низоми назорати дохилии нигоҳдорӣ ва истифодабарии воситаҳои асосӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар ин маврид аудитори дохилӣ:

- мавҷудият ва амалкунии ҳуҷҷатҳои фармоишии муқарраркунандаи тарзҳои пешбурди баҳисобгирии амалиёти бо ҳаракати воситаҳои асосӣ алоқамандро таҳқиқ мекунад;
- экспертизаи тартиби ҳуҷҷатнигории далелҳои фаъолияти хоҷагидории бо воситаҳои асосӣ алоқамандро мегузаронад;
- нақшаҳо ва тарҳҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатгардишро таҳқиқ мекунад;
- мувофиқати шаклҳои истифодашавандаи ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро таҳлил мекунад;
- риоя гардидани тартиби муқарраршудаи омодасозӣ ва пешниҳод кардани ҳисоботи дохилӣ оид ба воситаҳои асосиро муқаррар мекунад, ахбор оид ба таркиб, ҳаҷмҳо ва хосияти амалиёт бо воситаҳои асосиро, ки дар давраи ҳисоботӣ рух додаанд, ҷамъбаст мекунад.

Аудитори дохилӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши мавҷудият, шароити нигоҳдорӣ ва истифодабарии воситаҳои асосӣ таркиб ва сохтори воситаҳои асосиро дар асоси маълумоти феҳристҳои баҳисобгирии таҳлилӣ таҳқиқ мекунад. Дар ин маврид дурустии муносиб донистани объектҳо ба воситаҳои асосӣ, таснифи онҳо, инчунин ташаккули объектҳои инвентарии воситаҳои асосӣ муқаррар карда мешавад. Дурустии муносиб донистани объектҳо ба ин ё он гурӯҳи баҳисобгирӣ дар асоси шиносномаҳо, дастурамалҳо барои истифодабарӣ, шарҳҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои техникӣ муайян карда мешавад. Дар рафти санҷиши мавҷудияти воситаҳои асосӣ ҳамчунин дурустии ҷудо намудани объектҳои воситаҳои асосӣ вобаста аз дараҷа ва ҳадафҳои истифодабарии онҳо, ҳуқуқҳо ба объектҳои воситаҳои асосӣ арзёбӣ карда мешавад.

Риоя гардидани тартиби амалкунандаи нигоҳдорӣ ва ҳифзи воситаҳои асосӣ дар рафти санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ошкор карда мешавад. Дар ин маврид аудитори дохилӣ инҳоро муқаррар мекунад:

- шахсони масъули моддӣ ва мавҷудияти шартномаҳои бо онҳо басташуда оид ба масъулияти моддии пурра;
- ташкили ҳифзи объектҳои воситаҳои асосӣ ва тартиби нигоҳдории онҳо;
- ташаккули баҳисобгирии таҳлилӣ, аз ҷумла дар муҳосибот бурдани баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар карточкаҳои инвентарии шакли № ВА-6 ё ҳуҷҷатҳои электронии баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ ҳангоми бо истифодаи воситаҳои компютерӣ бурдани баҳисобгирӣ;
- нигоҳдорӣ шудани карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар доираи гурӯҳҳои таснифӣ, дар дохили гурӯҳҳо – дар ҷойҳои истифодабарӣ.

Хусусан бояд пуррагӣ ва саривақтии гузаронидани барӯйхатгириҳои воситаҳои асосӣ ва дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани натиҷаҳои барӯйхатгирӣ таҳқиқи амиқ карда шавад. Дар рафти аудити дохилӣ гузаронидани барӯйхатгирии назоратӣ, ақаллан назораи объектҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ тавсия дода мешавад. Барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ аз ҷониби комиссия бо иштироки ҳатмии шахсони масъули моддӣ гузаронида мешавад. То оғози барӯйхатгирӣ аудитори дохилӣ мавҷудият ва вазъи феҳристҳои баҳисобгирии таҳлилӣ, шиносномаҳои техникӣ, мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо оид ба воситаҳои асосии ба иҷора ва нигоҳдорӣ додашуда (гирифташуда)-ро месанҷад; аз ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсони барои ҳифзи воситаҳои асосӣ масъул дастхат гирифта мешавад. Аз натиҷаҳои барӯйхатгирӣ феҳрист ва санади барӯйхатгирӣ тартиб дода мешавад. Ҳангоми ошкор кардани тамоилоти байни маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва маълумоти феҳристҳо ва санадҳои барӯйхатгирӣ варақаи ҳамтокунии натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тартиб дода мешавад. Ҳангоми ошкор шудани барзиёдиҳо ё камомадҳои воситаҳои асосӣ аз шахсони масъули моддӣ баёнот гирифта мешавад. Натиҷаҳои барӯйхатгирӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ бо тартиби умумӣ (чун ҳангоми барӯйхатгирии сарватҳои моддӣ) инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми гузаронидани аудити дохилии воситаҳои асосӣ аудитор бояд эътимод ҳосил намояд, ки воситаҳои асосӣ дуруст баҳодиҳӣ карда шудаанд, чунки беасос баланд нишон додани арзиши воситаҳои асосӣ ба зиёдшавии арзиши аслии маҳсулот (тавассути истеҳлок) ва таҳрифи натиҷаҳои молиявии фаъолият меоварад. Ҳангоми санҷиши бунёдшавии арзиши аввалии воситаҳои асосӣ аудитор бояд тарзҳои ба корхона воридшавии онҳоро ба инобат гирад. Вай бояд санҷиши арифметикии нишондиҳандаҳои аудитшавандаро ба ҷо оварда, ҳамчунин дурустии нигориши ҳуҷҷатҳои аввалии асосноккунандаи арзиши воситаҳои асосӣ (фармоишҳо, протоколҳо, қарордодҳо)-ро тасдиқ кунад.

Агар дар рафти аудит муайян карда шавад, ки дар корхона азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ гузаронида мешавад, пас аудитор бояд методикаи азнавбаҳодиҳии арзиши ҷории воситаҳои асосӣ ва мунтазамии гузаронидани азнавбаҳодиҳиҳоро таҳқиқ кунад. Дар ин маврид аудитор бояд ба инобат гирад, ки бар асари талаботи моддаи 199 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағи дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ зиёдшудаи арзиши воситаҳои асосӣ ба арзиши истеҳлокшавандаи воситаҳои асосӣ дохил карда намешавад.

Яке аз самтҳои муҳими аудити дохилии воситаҳои асосӣ ин санҷиши амалиёти воридшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои асосӣ мебошад. Аудитори дохилӣ бояд тарзҳои воридшавӣ ва сабабҳои соқиткунии объектҳои воситаҳои асосӣ, қонунӣ ва мақсаднок будани ин амалиётро муқаррар кунад. Вай бояд шартномаҳои хариду фурӯш, шартномаҳои ҳадя, санадҳои қабулу супоридан ва санадҳои соқиткунии воситаҳои асосӣ, борхатҳо, ҳисобномаҳо, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ-ҳисобикунӣ, феҳристҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии воситаҳои асосиро таҳқиқ кунад. Дар раванди таҳқиқ дуруст пур кардани ҳуҷҷатҳо ва дар онҳо инъикос шудани ҳамаи лозимиҳо, дурустии иҷрои ҳисобкуниҳои арифметикӣ, мувофиқати амалиёт бо қонунгузории амалкунанда ва ҳадафнокии иҷрои онҳо муайян карда мешавад. Ҳамчунин дурустии дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани амалиёт санҷида мешавад.

Воситаҳои асосии ба корхона воридшавандаро комиссияи таъиннамудаи роҳбари корхона қабул мекунад. Барои нигориши қабул комиссия алоҳида барои ҳар як объект дар як нусха *санади қабулу супоридани воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-1) тартиб медиҳад. Санади умумӣ барои гурӯҳи объектҳо дар мавриде тартиб дода мешавад, ки агар объектҳо ҳамсон бошанд, арзиши якхела дошта бошанд ва ҳамзамон дар таҳти масъулияти ҳамон як шахс қабул шуда бошанд. Дар санад номи объект, соли сохтан ё барориш, тавсифи мухтасари объект, арзиши аввалӣ, рақами инвентарии ба объект додашуда, макони истифодаи объект ва дигар маълумоти барои баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ зарурӣ нишон дода мешавад.

Таҷҳизоти барои насб кардан ба анбор воридшуда бо *санади қабулу супоридани таҷҳизот ба насбкунӣ* нигориш карда мешавад. Дар санад номи таҷҳизот, намуд, навъ, миқдори воҳидҳо, арзиш, ноқисиҳои ошкоршуда нишон дода мешаванд.

Агар таҷҳизоти воридшударо корхона худ мустақилона насб кунад, қабулкунии вай бо *санади қабулу супоридани таҷҳизот ба насбкунӣ* нигориш карда мешавад. Ин санад дар як нусха тартиб дода мешавад. Агар корҳои насбкуниро корхонаи паймонкор иҷро кунад, дар ин маврид санади алоҳида барои ба насбкунӣ супоридани объект тартиб дода намешавад.

Барои объектҳои молу мулки ғайриманқул *санади қабулу супоридани бино* (*иншоот*) тартиб дода мешавад. Ин гуна объектҳо танҳо он гаҳе ба баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд, ки агар онҳо ба феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ворид карда шуда бошанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он", моддаи 22) [3]. Санад барои ҳар як объекти алоҳида, новобаста аз тарзи воридшавии он тартиб дода мешавад.

Ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ аз як қисмати сохторӣ ба қисмати сохтории дигар, инчунин аз захира (анбор) ба истифода супоридани онҳо бо *борхат барои ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-2) нигориш карда мешавад.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои номбаршуда ва дар мавриди хариди воситаи нақлиёт – шиносномаи техникӣ ва рақами давлатии аз Бозрасии давлатии автомобилӣ гирифташуда, дар муҳосибот *карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-6) кушода мешавад. Барои объектҳои гурӯҳии воситаҳои асосӣ *карточкаи инвентарии баҳисобгирии гурӯҳии объектҳои воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-9) кушода мешавад.

Карточкаҳои инвентарии пуркардашуда дар *рӯйхати карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-10) ба қайд гирифта мешаванд. Рӯйхати мазкур дар муҳосибот барои ҳар як гурӯҳи таснифии объектҳои воситаҳои асосӣ алоҳида бурда мешавад. Корхонаҳои хурд метавонанд воситаҳои асосиро дар китоби инвентарӣ баҳисоб гиранд ва рӯйхатҳоро набаранд.

Дар маконҳои ҷойгиршавӣ (истифода)-и воситаҳои асосӣ барои назорати ҳифзи онҳо *рӯйхати инвентарии воситаҳои асосӣ* (шакли № ВА-13) бурда мешавад. Дар ин рӯйхатҳо рақам ва санаи карточкаи инвентарӣ, рақами инвентарии объект, номи пурраи он, арзиши аввалӣ ва маълумот оид ба хориҷшавӣ (ҷойивазкунӣ) – сана ва рақами ҳуҷҷат ва сабаби хориҷшавӣ навишта мешавад. Бурдани баҳисобгирии объектҳо дар маконҳои ҷойгиршавӣ дар карточкаҳои инвентарӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин маврид карточкаҳои инвентарӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд ва нусхаи дуюм ба макони ҷойгиршавии объект дода мешавад.

Баҳисобгирии объектҳои воситаҳои асосӣ дар маконҳои ҷойгиршавӣ аз ҷониби шахсони барои ҳифзи онҳо масъулбуда ба ҷо оварда мешавад.

Дар асоси санадҳои қабули корҳо дар баҳисобгирӣ гузарониш бо дебети ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” (11010 “Бино ва иншоот”, 11020 “Мошин ва таҷҳизот”, 11030 “Таҷҳизоти идоравӣ”, 11040 “Мебел ва лавозимот”, 11050 “Воситаҳои нақлиёт”, 11060 “Ободонии моликияти иҷоравӣ”, 11070 “Ободонии қитъаҳои замин”, 11080 “Дигар воситаҳои асосӣ”) ва кредити ҳисоби 22040 “Дигар ҳисобҳо барои пардохт” карда мешавад. Маблағи гузарониши мазкур андоз аз арзиши иловашударо низ дар бар мегирад. Арзиши харидкунӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода гардидааст, бо дебети ҳисобҳои гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” бо сомонӣ, бо қурби барои санаи рухдиҳии амалиёт муқаррарнамудаи БМТ инъикос карда мешавад [1, с. 291].

Бояд қайд кард, ки дар гузарониши муҳосибии мазкур ҳисоби 10540 “Андозҳои подошшаванда” иштирок намекунад, чунки сархати 6 қисми 6 моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон намегузорад, ки андоз аз арзиши иловашудаи дар мавриди хароҷоти харид, истеҳсол, сохтмон, васлкунӣ ва насбкунӣ, инчунин барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда пардохтшуда ҷуброн карда (баҳисоб гирифта) шавад. Мутобиқи муқаррароти қисми 6 моддаи 190 кодекси мазкур, андоз аз арзиши иловашудае, ки баҳисоб гирифтанаш (ҷуброн карданаш) мумкин нест, дар арзиши дороиҳо (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо)-и харидашуда баҳисоб гирифта мешавад. Аз ин бармеояд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми бадастории объектҳои воситаҳои асосӣ пардохткардашуда ба арзиши аввалии онҳо зам карда шуда, тавассути истеҳлок ҷуброн карда мешавад.

Ҳангоми мустақилона иҷро намудани корҳои сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ масрафҳои воқеӣ дар дебети ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” дар гузарониш бо ҳисобҳои воситаҳои пулӣ, сарватҳои молию моддӣ, ҳисобҳо барои пардохт, уҳдадориҳои ҳисобузамшудаи кӯтоҳмуҳлат ва дигар ҳисобҳо ғун карда мешаванд. Ҳангоми ба истифода супоридани объект ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” кредит карда мешавад.

Дар ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” инчунин объектҳои воситаҳои асосии васлшаванда низ баҳисоб гирифта мешаванд. Дар анҷоми корҳои васлкунӣ ҳисоби 11090 “Сохтмонӣ нотамом” дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” кредит карда мешавад.

Бо дебети ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” инчунин масрафҳои сохтмон (азнавсозӣ)-и объекти сохтмони нотамом, ки дар оянда истифодаи вай чун сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул дар назар аст, инъикос карда мешаванд. Дар анҷоми сохтмон (азнавсозӣ) ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” дар робита бо ҳисобҳои гурӯҳи 11500 “Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул” кредит карда мешавад.

Воридшавии объектҳои воситаҳои асосӣ чун саҳм ба сармояи оинномавии корхона бо баҳои пулии бо муассисон мувофиқашудаи дар шартномаи муассисӣ муқарраршуда инъикос карда мешавад. Ба шартнома метавонад хулосаи баҳодиҳанда ё аудитори холис замима карда шавад. Дар ин маврид воридшавии объектҳо бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

- муайян кардани андозаи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ:

*Дт 10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд”*

*Кт 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)”*

- қабул кардан (ба истифода супоридан)-и воситаҳои асосии ба ҳисоби саҳмҳои худ ба сармояи ойиномавӣ гузоштаи муассисон:

*Дт 11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд”*

Маблағи барзиёдии арзиши воситаҳои асосии гузошташуда аз маблағи исмии қарздории муассисон бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:

*Дт 11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 33030 “Сармояи барилова пардохтшуда”*

Хароҷоти бо кашонидан ва насб кардани объектҳои воситаҳои асосии гирифташуда алоқаманд бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва кредити ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти дахлдор (асосан музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ) ва 22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт" инъикос карда мешаванд.

Харид кардани воситаҳои асосӣ аз таҳвилкунандагон бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

- ҳангоми пардохти ҳамзамон аз суратҳисоб:

*Дт 11010 "Бино ва иншоот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 10210 "Ҳисобҳо бо асъори миллӣ"*

- ҳангоми харид бо мавқуфгузории пардохт:

*Дт 11010 "Бино ва иншоот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт"*

Объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд бо роҳи ивазкунӣ (бартер) ба даст оварда шаванд. Ҳангоми дар баҳисобгирӣ инъикос кардани амалиёти ивазкунӣ ва дар дигар ҳолатҳо баъзе талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифтан муҳим аст. Ҳамин тавр, қисми 34 моддаи 2 кодекси мазкур муқаррар мекунад, ки таҳвили молҳо – супоридани ҳуқуқи моликият ба молҳо, аз ҷумла фурӯхтан, иваз ё ҳадя кардан, ройгон додан ё додан бо пардохти қисман, дар шакли аслӣ (бо молҳо) пардохт кардани музди меҳнат ва дигар пардохткуниҳо дар шакли аслӣ (молӣ), инчунин ба гаравгиранда додани ҳуқуқи моликият ба молҳои ба гарав мондашуда мебошад. Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 90 ҳамин кодекс амалиёти мубодилаи молҳо, пардохт тавассути додани мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) ва ба гаравгир додани ашёи гарав дар ҳолати иҷро накардани ухдадории бо гарав таъминшуда барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) эътироф мешаванд [2].

Воситаҳои асосии ройгон (чун ҳадя, бебозгашт) гирифтаи корхона бо арзиши одилонаашон дар санаи қабулкунӣ баҳо дода мешаванд. Қабул кардани ин гуна воситаҳои асосӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешавад:

*Дт 11010 "Бино ва иншоот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 33150 "Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда"*

Тавре дар нишондодҳои методӣ оид ба истифодаи нақшаи ҳисобҳо пешбинӣ шудааст, минбаъд бо мурури ҳисобузамкунии истеҳлоки объекти воситаҳои асосии ройгон гирифташуда, бақияи ҳисоби 33150 "Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда" бояд бо роҳи соқит кардан ба кредити ҳисоби 66070 "Дигар даромадҳои ғайриамалиёӣ" ба маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда таҳрир карда шавад. Вале Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобузам кардани истеҳлокро барои воситаҳои асосии ройгон гирифташуда иҷозат намедиҳад (моддаи 198, қисми 4, сархати 3) [2].

Хароҷоти расонидан ва васлкунии объекти воситаҳои асосии бо шартномаи ҳадя ба корхона пешкашгардида аксаран аз ҳисоби ҷониби қабулкунанда ба ҷо оварда мешаванд. Онҳо дар баҳисобгирӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешаванд:

*Дт 11020 "Мошин ва таҷҳизот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ*

*Кт 22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт"*

*Кт 22210 "Музди меҳнати пардохтшаванда"*

*Кт 22240 "Андози иҷтимоии пардохтшаванда"*

Арзиши объекти воситаҳои асосӣ, ки хориҷ мешавад, ё дигар барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва мақсадҳои идоракунии корхона истифода намешавад, бояд аз тавозуни муҳосибӣ соқит карда шавад.

Мутобиқи муқаррароти банди 30 НБМ 4/2002 "Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ", агар соқит кардани объекти воситаҳои асосӣ дар натиҷаи фурӯши вай ба ҷо оварда шавад, пас маблағи фурӯш баробар ба маблағи дар шартнома мувофиқагардидаи тарафҳо ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул карда мешавад. Банди 31 НБМ 4/2002 "Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ" муқаррар менамояд, ки даромадҳо ва хароҷот аз соқиткунии объектҳои

воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳамон даврае инъикос карда мешаванд, ки онҳо ба вай мансуб мебошанд [4]. Даромадҳо ва хароҷот аз соқиткунии воситаҳои асосӣ ба ҳисоби фоида ё зарар чун даромадҳо ва хароҷоти ғайриамалиётӣ гузаронида мешаванд.

Дар асоси санади барои соқиткунии объекти воситаҳои асосӣ тартибдодашуда, ки ба муҳосибот супорида мешавад, дар карточкаи инвентарии объекти воситаҳои асосӣ, инчунин дар ҳуҷҷати дар макони ҷойгиршавии он кушодашуда оид ба хориҷ шудани объект қайд карда мешавад. Карточкаҳои инвентарии объектҳои воситаҳои асосии хориҷшуда дар муддати на кам аз панҷ сол нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳангоми соқит кардани объекти воситаҳои асосӣ ҳисобҳои баҳисобгирии арзиш ва истеҳлоки ғуншудаи он маҳкам карда мешаванд ва арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосии хориҷшаванда бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:

*Дт 11100 "Фарсудашавии ҷамъшуда – бино ва иншоот" (ҳисоби ҷудогона)*

*Кт 11000 "Воситаҳои асосӣ" (ҳисоби ҷудогона)*

Агар объекти воситаҳои асосии соқитшаванда арзиши барҳамдиҳӣ дошта бошад, пас ин арзиш бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:

*Дт 66160 "Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат"*

*Кт 11000 "Воситаҳои асосӣ" (ҳисоби ҷудогона)*

Хароҷоти барҳамдиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешаванд:

*Дт 66160 "Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат"*

*Кт 22210 "Музди меҳнати пардохтшаванда"*

*Кт 22240 "Андози иҷтимоии пардохтшаванда" ва дигар ҳисобҳо*

Маводи аз барҳамдиҳии объекти воситаҳои асосӣ гирифташаванда бо дебети ҳисобҳои 10720 "Ашёи хом ва маводҳо", 10770 "Қисмҳои эҳтиётӣ" ва дар ҳолати ғайриимкон будани ҳамтокунии мушаххаси онҳо бо дебети ҳисоби 10790 "Дигар захираҳо" ба баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд.

Агар дар натиҷаи хориҷшавии ё фурӯши объекти воситаҳои асосӣ фоида ба миён ояд, вай бо кредити ҳисоби 66060 "Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат" инъикос карда мешавад, зарар бошад, - бо дебети ҳисоби 66160 "Зарар аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат" инъикос карда мешавад. Натиҷаи молиявӣ (фоида ё зарар) ба ҳисоби 70000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷот" соқит карда мешавад.

Дар нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо пешбинӣ гардидааст, ки маблағи аз фурӯши объекти воситаҳои асосӣ гирифташуда бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ё ҳисоби 10590 "Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо" ва кредити ҳисобҳои 66060 "Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат" ва 22320 "ААИ барои пардохт" инъикос карда мешавад. Мутобиқи талаботи сархати 6 қисми 6 моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо ҳақ надоранд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди дороиҳои истеҳлокшаванда, инчунин дар ҳолати ба ҷо овардани дигар хароҷоти бо харид, истеҳсол, сохтан, насбкунӣ, васлкунӣ ва барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда алоқаманд пардохтшударо барои ҷуброн кардан баҳисоб гиранд. Қисми 5 моддаи 246 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки таҳвили молҳо аз ҷониби супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои истифодаи меъёри пасткардашуда, ки ин молҳоро дар натиҷаи амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда харид кардааст, вале мутобиқи моддаи 266 кодекси мазкур барои баҳисоб гирифтани (ҷуброн кардани) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди ин молҳо пардохткардаи худ ҳақ надошт, амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда ҳисобида намешавад. Агар ҳангоми хариди молҳо баҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда қисман иҷозат нашуда бошад, пас андозаи амалиёти андозбандишаванда мутаносибан ба ҳиссаи баҳисоб гирифтанаш иҷозатнашуда кам карда мешавад. Вобаста ба ин, фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ (ва ҳама гуна дигар дороиҳои истеҳлокшаванда), ки дар истифодаи корхона қарор доштанд, бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намешавад. Аз ин бармеояд, ки дастури дар нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо овардашуда

ҷиҳати дар гузарониш оид ба инъикос кардани маблағи фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ нишон додани ҳисоби 22320 "ААИ барои пардохт" дар ин мавридд нодуруст аст.

Аммо, ҳангоми фурӯхтани объекти воситаҳои асосӣ ё дигар дороии дарозмуҳлат, агар корхонаи фурӯшанда истеҳсолкунандаи он бошад, ё корхона объектро барои минбаъд фурӯхтан харида бошад, пас дар корхона уҳдадорӣ барои пардохт кардани андоз аз арзиши иловашуда ба миён меояд. Дар ин маврид маблағи фурӯш бо дебети ҳисобҳои воситаҳои пулӣ ё ҳисоби 10410 "Ҳисобҳо барои қабул" (на ҳисоби 10590 "Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо") ва кредити ҳисобҳои 44010 "Даромад аз фурӯш" ва 22320 "ААИ барои пардохт" инъикос карда мешавад.

Дар рафти санҷиш аудитори дохилӣ саҳеҳии ҳисобузамкунии маблағҳои истеҳлокро муқаррар менамояд. Барои гузаронидани санҷиш объектҳои воситаҳои асосӣ хостагирӣ карда мешаванд, ки дар он объектҳо аз гурӯҳҳои таснифии гуногуни дар ҷойҳои истифодабарии гуногун қарордошта дохил карда мешаванд; барои ҳар як объект меъёри ҷудокунии истеҳлок ва арзиши истеҳлокшаванда, дурустии методикаи истифодашавандаи ҳисобкунии истеҳлок муайян карда мешавад; санҷиши арифтметикии маблағи истеҳлоки дар моҳи ҳисоботӣ ҳисобузамшуда ба ҷо оварда мешавад (маблағҳои дар ҳисобкунӣ иштирокдошта бо роҳи муқоисаи байниҳамдигарии онҳо бо маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалии инъикоскунандаи ҳаракати воситаҳои асосӣ тасдиқ карда мешаванд); саҳеҳии дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дороиҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ истифоданашаванда истеҳлок ҳисобузам карда намешавад ва ба хароҷоти корхона соқит карда намешавад.

Ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддии дар давоми соли тақвимӣ воридшуда (хориҷшуда) аз моҳи тақвимии пас аз истифодаи воқеии (аз истифодаи воқеӣ баровардани) онҳо анҷом дода (қатъ карда) мешавад, аммо дар мавриди бино на пештар аз он, ки мақоми танзимкунанда шаҳодатномаи ба итмом расонидани сохтмони онро медиҳад.

Мутобиқи муқаррароти банди 23 НБМ 4/2002 "Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ" дар давоми муҳлати истифодаи нафъовари объекти воситаҳои асосӣ ҳисобузамкунии истеҳлок таваққуф намекунад, ғайр аз ҳолатҳое, ки объекти мазкур бо қарори роҳбарияти корхона аз истеҳсолот гирифта, ба муҳлати зиёда аз 6 моҳ хобонида мешавад, инчунин дар давраи барқарорсозӣ (таъмир)-и объект, ки давомнокиаш аз 12 моҳ зиёд аст.

Ҳисобузамкунии истеҳлок барои объектҳои воситаҳои асосӣ новобаста аз натиҷаҳои фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ ба ҷо оварда мешавад ва дар баҳисобгирии муҳосибии ҳамон давраи ҳисоботие инъикос карда мешавад, ки ба он тааллуқ дорад.

Барои мақсадҳои андозбандӣ дороиҳои истеҳлокшаванда (ба истисноӣ дороиҳои ғайримоддӣ) ба 6 гурӯҳ бо нишон додани меъёри солонаи истеҳлок бо фоизҳо ҷудо карда мешаванд (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 198):

1) Асбобу анҷом ва лавозимоти махсус; дастгоҳҳо ва воситаҳои маҳаллии коркарди маълумот; таҷҳизоти электронӣ ва серверҳо – 12,5%.

2) Автомобилҳои боркаш, автобусҳо, техникаи автотракторин роҳсозӣ, автомобилҳои махсус ва ядакҳо; мошинаҳо ва таҷҳизот барои тамоми соҳаҳои саноат, истеҳсолоти рехтагарӣ, таҷҳизоти оҳангарию прессҳо, таҷҳизоти сохтмон, мошинаҳо ва таҷҳизоти кишоварзӣ, воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, баҳрӣ, дарёӣ ва ҳавоӣ; контейнерҳо – 9%.

3) Автомобилҳои сабукрав; мебели идора, компютерҳо, таҷҳизоти пайваста ва қисмҳои он – 10%.

4) Мошинаҳо ва таҷҳизоти қуввадиҳанда, таҷҳизоти техникӣ, таҷҳизоти турбинавӣ, муҳаррикҳои барқӣ ва генераторҳои дизелӣ; таҷҳизот барои интиқоли барқ; таҷҳизоти электронӣ ва воситаҳои алоқа; хатҳои қубур – 8%.

5) Биноҳо, иншоот ва конструксияҳо – 7%.

6) Дороиҳои истеҳлокшавандае, ки ба гурӯҳҳои дигар мансуб нестанд – 4%.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усулҳои гуногуни ҳисобузамкунии истеҳлокро иҷозат намедиҳад. Аз муқаррароти моддаи 198 кодекси мазкур бармеояд, ки

корхонаҳо бо мақсади ҳисобузамкунии истеҳлоки дороиҳо усули баробарандозаи хаттиро ба кор мебаранд. Маблағи истеҳлоки ҳисобузамшаванда барои ҳамаи гурӯҳҳои воситаҳои асосӣ дар асоси дороиҳои алоҳида муайян карда мешавад. Ҳисобузамкунии истеҳлок барои ҳар як воситаи асосии гурӯҳи 5 дар алоҳидагӣ барои тамоми давраи истифодабарӣ ба ҷо оварда мешавад.

Арзиши воситаҳои асосӣ, ки дар асоси шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) гирифта шудаанд, дар тавозуни арзишии гурӯҳи дахлдори воситаҳои асосии иҷорагир дохил карда шуда, ҳисобузамкунии истеҳлок вобаста ба меъёрҳои барои гурӯҳҳои дахлдор муайяншуда ҳисоб карда мешавад. Маблағи асосие, ки барои воситаҳои асосии ба иҷораи молиявӣ додашуда ба иҷорадеҳ пардохт шудааст, агар воситаҳои асосӣ ба тавозуни молиявии гурӯҳ то интиқоли онҳо ба иҷораи молиявӣ дохил карда шуда бошанд, ҳамчун маблағе ҳисобида мешавад, ки ҳангоми фурӯши чунин воситаҳои асосӣ гирифта мешавад. Барои иҷорагир маблағи асосие, ки он ба иҷорадеҳ пардохт мекунад, ҳамчун нархи хариди воситаҳои асосӣ баррасӣ мешавад.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ маблағҳои истеҳлок ба андозаи 1/12 ҳиссаи меъёри (маблағи) солона ҳисобузам карда мешаванд.

Мутобиқи муқаррароти қисми 11 моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисобузамкунии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки нисбат ба дороиҳои алоҳида илова ба ҳисобузамкунии истеҳлок, инчунин тарҳкуниҳои сармоягузориро истифода намояд.

Тарҳкуниҳои сармоягузорӣ бо чунин меъёрҳо ба ҷо оварда мешаванд:

1) 10 фоиз аз арзиши:

- таҷҳизоти технологии нав – таҷҳизот, дастгоҳҳо, қисмҳо ва механизмҳое, ки андозсупоранда дар раванди истеҳсоли молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) истифода мебарад ва аз рӯзи барориши онҳо на беш аз се сол гузаштааст;

- азнавтаҷҳизонӣ (навкунӣ) – корҳои вобаста ба тағйир додани таъиноти технологӣ ё хизматии воситаҳои асосие, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ё беҳгардонии дигар хусусиятҳои сифатии онҳо равона гардидааст;

- азнавтаҷҳизонии техникӣ ва технологӣ - маҷмӯи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии воситаҳои асосӣ ё қисмҳои алоҳидаи онҳо бо роҳи татбиқи техника ва технологияи пешқадам, механизатсия ва автоматикунонии истеҳсолот, иваз намудани таҷҳизоти кӯҳнашуда ва фарсудашуда ба таҷҳизоти нави маҳсулноктар, инчунин ташкил ва васеъ кардани истеҳсолоти амалкунанда;

- маблағи барои пешниҳоди таъминоти барномавии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низоми иттилоотӣ;

2) 5 фоиз аз арзиши:

- азнавсозии бино ва иншоот, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд;

- азнавсозии бино ва иншооти мавҷудаи дар истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо истифодашаванда (зиёда аз 50 фоиз навкунии биною иншоот аз рӯи масоҳат), ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии воситаҳои асосӣ дар доираи лоиҳаи таҷдид ва азнавтаҷҳизонии иқтидори истеҳсолӣ равона гардидаанд;

- васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав – сохтмони бино ва иншооти нав бо мақсади истифодаи онҳо дар раванди истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо.

Тарҳкуниҳои сармоягузорӣ дар давраи ҳисоботие ба ҷо оварда мешаванд, ки дар он таҷҳизоти технологии нав ба истифода дода шудааст ё азнавтаҷҳизонӣ (навкунӣ), азнавтаҷҳизонии техникӣ ва технологии истеҳсолоти худӣ, васеъ кардани истеҳсолот дар шакли сохтмони нав, азнавсозии бино ва иншооте, ки дар раванди истеҳлот истифода мешаванд ва пешниҳоди таъминоти барномавии истеҳсоли ватанӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ташкили низоми иттилоотӣ сурат гирифтааст.

Ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва ба хароҷоти корхона соқит кардани он бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

- воситаҳои асосии дар истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо истифодашаванда:

*Дт 10730 “Истеҳсолоти нотамом”*

*Кт 11100 “Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ”*

- воситаҳои асосии дар раванди фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо истифодашаванда:

*Дт 55270 “Хароҷоти фарсудашавӣ ва истеҳлок”*

*Кт 11100 “Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ”*

- воситаҳои асосии бо мақсадҳои маъмурӣ истифодашаванда:

*Дт 55321 “Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ”*

*Кт 11100 “Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ”*

Дар рафти санҷиши ҳисобузамкунии истеҳлок барои ҳадафҳои андозбандӣ мувофиқати усулҳои истифодашавандаи ҳисобузамкунии истеҳлок, ки дар сиёсати баҳисобгирӣ муқаррар карда шудаанд, бо муқаррароти моддаҳои 198-203 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар рафти гузаронидани санҷиши баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ аудитор аз ҷумла бояд муқаррар кунад:

- тарзи гузаронидани корҳои таъмирӣ (паймонкорӣ ва мустақилона);
- дурустӣ ва саривақтии тартибдиҳии ҳуҷҷатҳо;
- бехато гузаронидани масрафҳои таъмир ба моддаҳои хароҷот;
- инъикос кардани масрафҳои таъмири воситаҳои асосӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

Ҳангоми иҷрои супориши аудиторӣ бояд санҷиши мутақобили ҳуҷҷатҳо, назораи амалиёт, пурсиши шифоҳии шахсони масъул, амалҳои таҳлилии самаранокии хароҷоти таъмир ба кор бурда шавад. Дар мавриди зарурат аудитор метавонад барӯйхатгирии санҷишии иҷрои корҳоро барои объектҳои алоҳида, аз ҷумла бо ҷалби коршинос гузаронад.

**АДАБИЁТ**


1. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. - Душанбе: Ирфон, 2020. - 444 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__01-01-2022-RT_tj.pdf
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”
4. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии “Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ” НБМ 4/2002 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL:http://minfin.tj


***Ҳоҷиева Ш.А. - Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара***

## ТАЪСИРИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ БА ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ РАВАНДҲОИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛӢ

Равандҳои бухронӣ дар иқтисодиёт, зиёд шудани хавфҳои соҳибкорӣ, дигаргуниҳои муҳим дар технологияҳои истеҳсолӣ, татбиқи технологияҳои компютерӣ дар равандҳои идоракунӣ ба баланд шудани мақоми иттилоот дар идоракунии корхонаҳои муосир оварда, таҳия намудани тадбирҳои заруриро оид ба идоракунии корхона ва равандҳои истеҳсолии он талаб менамояд. Гузашта аз ин, имрӯз дар ҷаҳон низоми иқтисодии комилан нав бунёд гардидааст, ки «дар он мартабаи маҳз иттилоот муҳим аст. Дар ин маврид барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ коркарди миқдори зиёди маълумоти ададӣ бо иҷрои амалҳои мураккаби арифметикӣ ва мантиқии муқоисакунӣ, таҳлил ва тафсир зарур аст. Иҷрои амалҳои мазкур танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ба даст меояд» [6, с. 116].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба муҳимии масъалаи рақамикунонии иқтисодиёт борҳо таъкид намудаанд. Аҳ ҷумла, дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 таъкид карда шудааст, ки «Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад» [1].

Фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир дар назди роҳбарият ва менеҷменти онҳо вазифаҳои муҳимро ҷиҳати дарёфти роҳҳои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозор тавассути иҷрои корҳои таҳлилӣ ва таҳия намудани тадбирҳои стратегӣ мегузорад. Дар навбати худ ба ҷо овардани корҳои таҳлилӣ ва дар асоси онҳо қабул кардани қарорҳои идоракунии таъсирбахш ва босамара аз сифати иттилооти дар низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона бунёдгардида вобаста мебошад. Таъмин намудани равандҳои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ бо иттилооти зарурӣ шарти асосии фаъолияти босамараи низоми идоракунии корхона мебошад, чунки натиҷанокии фаъолияти корхонаҳои муосир дар асоси омӯзиши вазъи молиявӣ ва устувории молиявии онҳо арзёбӣ карда мешавад ва асоси чунин омӯзишро иттилооти баҳисобгирии муҳосибии дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) овардашуда ташкил медиҳад.

Барои арзёбӣ намудани вазъи молиявӣ ва устувории молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ омӯзиши маҷмӯи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагидорӣ зарур аст. Тавассути таҳлили вазъи молиявӣ тариқаҳои мушаххаси мукаммалсозии далелҳои ҳаёти хоҷагидории корхона муайян карда мешаванд. Ба хотири арзёбӣ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхона таҳлили вазъи технологӣ ба ҷо оварда мешавад, ки маҷмӯи чорабиниҳо барои муайян намудани афзалиятҳо ва камбудиҳо дар ташкили истеҳсолот ва ташаккули самтҳои мушаххаси мукаммалсозии онро дар бар мегирад.

Ҳангоми ба ҷо овардани таҳлил маълумоти ҳисоботи муҳосибии молиявӣ ва идоракунӣ, инчунин иттилооти фаврӣ истифода мешавад. Рушди имрӯзаи технологияҳои иттилоотӣ ва имкониятҳои барномаҳои компютерии коркарди иттилоот имкон медиҳанд, ки ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирии далелҳои хоҷагидорӣ, ба феҳристҳои муҳосибӣ гузаронидани ин маълумот ва ташаккули ҳисоботи молиявии инъикоскунандаи натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи молиявии корхона бо сифати баланд ва муҳтавои басанда ба ҷо оварда шавад.

Масъалаҳои таъминоти иттилоотии равандҳои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҷумла дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (иқтисодиёти рақамӣ) дар асарҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ба таври басанда баррасӣ шудаанд [3; 4; 7]. Солҳои охир дар адабиёти илмии ватанӣ низ баъзе масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуаанд [5; 6].

Рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо имкон медиҳад, ки дар онҳо на танҳо шаклҳои нави додугирифти иттилоотӣ истифода шаванд, инчунин талаботи навро ба ҳамтосозии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлил пеш мегузорад. Коркарди ҳаҷмҳои калони иттилоот ва таҳлили он дар шароити нави хоҷагидорӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки самаранокии намудҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизот, равндҳои нигоҳдорӣ, таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо ба андозаи назаррас баланд бардошта шавад.

Иқтисодиёти рақамӣ ба рушди таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаи тиҷоратӣ таъсири муҳим мерасонад, аз ҷумла [3, с. 36]:

- объектҳои нави баҳисобгирӣ пайдо мешаванд ва объектҳои пешин намуди худро дигар мекунанд;

- технологияҳои иттилоотии мавҷудбуда табил меёбанд ва технологияҳои иттилоотии нави барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ истифодашаванда бунёд мешаванд;

- технология ва тартиби пешкашкунии ҳисоботи муҳосибӣ дигар мешавад;

- барномаҳо барои таҳлили молиявӣ-иқтисодии фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ мукаммал гардида, барномаҳои нав пайдо мешаванд.

Объектҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар паёмади корбурди технологияҳои рақамии муосир пайдо мешаванд, аз ҷумла инҳо мебошанд: дороиҳои рақамӣ, пулҳои электронӣ, амволи маҷозии рақамӣ, блокчейн ва дигарҳо. Рӯйхати мазкур бо рушди технологияҳои иттилоотӣ мунтазам нав мешавад.

Дороии рақамӣ – дороие мебошад, ки танҳо дар шакли рақамӣ пешкаш гардида ба муомилот бароварда мешавад ё ифодаи электронии дороии дигар (масалан, дороии ҷисмонӣ) мебошад. Масъалаи мушкил дар баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои рақамӣ ин баҳодиҳӣ ва эътирофкунии онҳо дар санаи рух додани амалиёт дар ҳисоботи молиявӣ мебошад, чунки қоидаҳои ҳамтосозии намуди мазкури дороиҳо на дар стандартҳои миллӣ ва на дар стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) шарҳ дода нашудаанд. Ҷомеаи муҳосибони касбии Канада (CPA Canada) кӯшиш намудааст, ки стандарти мушаххаси СБҲМ-ро барои баҳодиҳии асъори маҷозӣ (асъори маҷозӣ ё криптоасъор - воситаи мубодила, ки чун асъор дар баъзе соҳаҳо амал мекунад, вале на ҳама нишонаҳои асъори воқеиро дорад) ҳамбаста намояд. Аз ҷумла, коршиносҳои канадагӣ имконияти баҳисобгирии асъори маҷозиро бо чунин тарзҳо дар СБҲМ баррасӣ намудаанд [8, с. 64]:

- ҳамчун пулҳои нақд (IAS 7 «Ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ», IFRS 9 «Олоти молиявӣ»);

- ҳамчун дороиҳои ғайрипулӣ (IAS 32 «Олоти молиявӣ: пешкашкунӣ», IFRS 9 «Олоти молиявӣ»);

- моликияти сармоягузорӣ (IAS 40 «Моликияти сармоягузорӣ»);

- дороиҳои ғайримоддӣ (IAS 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ»);

- ашё (IAS 2 «Ашё»).

Пулҳои электронӣ воситаҳои пулии ғайринақдие мебошанд, ки бо асъори миллӣ ё хориҷӣ ифода ёфтаанд ва бо истифодаи воситаҳои пардохти электронӣ интиқол дода мешаванд. Тафовути асосии байни пулҳои электронӣ ва пулҳои оддӣ дар он ифода меёбад, ки пулҳои электронӣ воситаҳои пардохтӣ (ивазкунандаи пул)-и аз ҷониби ягон корхона ё ташкилот баровардашуда мебошанд, пулҳои оддиро бонки марказии ин ё он мамлакат ба муомилот мебарорад. Пулҳои электронӣ моҳиятан на пул, балки низомҳои пардохтӣ мебошанд.

Ба амволи маҷозии рақамӣ одатан он объектҳои ғайримоддие мансуб мебошанд, ки арзиши иқтисодӣ доранд, вале танҳо дар муҳити маҷозӣ метавонанд истифода шаванд ва нафъ оваранд, масалан: унвонҳои доменӣ; аккаунтҳои истифодабарандагон, корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар сохторҳои тиҷоратӣ; моликият дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Блокчейн – намуди пойгоҳи додаҳо (маълумот) мебошад, ки аз занҷираи блок (бахш)-ҳои ҳамбаста иборат аст. Вай феҳристи рақамӣ, пойгоҳи додаҳои ғайримарказонидае мебошад, ки дар он иттилоот ҳамзамон дар якчанд компютерҳои шабака нигоҳ дошта мешавад, яъне иттилоот тақсим карда шудааст ва ҳар як истифодабаранда ба он дастрасии озод дорад. Дар ин маврид блокҳо рамзи рақамии муайян доранд ва ҳар як блоки минбаъда иттилооти блоки пешинро дар худ нигоҳ медорад. Ҳар як амали истифодабарандаи алоҳида дар занҷираи блокҳо дастраси тамоми истифодабарандагони дигар мегардад. Вале ҳеҷ ягон истифодабаранда (блок) иттилооти блоки дигарро тағйир дода наметавонад. Ба ин хотир, блокчейнро метавон чун технологияи иттилоотии бехатари тақсимшуда номбар кард.

Аз оғоз блокчейн барои асъори маҷозии биткоин бунёд гардида буд, вале акнун вай бомуваффақона дар тамоми соҳаҳои фаъолият ва бахусус дар баҳисобгирии муҳосибӣ татбиқ мешавад. Корхонаҳо дар тамоми ҷаҳон онро ба равандҳои тиҷоратии худ дохил мекунанд.

Блокчейнро метавон бо феҳрист (китоб)-и муҳосибие шабеҳ кард, ки дар он тамоми амалиёти дар шабакаи дорои мартабаи ягона рухдиҳанда бурда мешаванд. Истифодабарандагоне, ки барои дастрасӣ ба он калидҳои боэътимод доранд, метавонанд маълумот оид ба амалиётро дар пойгоҳи додаҳо ҷой диҳанд. Ҳар як блок нишонаи вақтӣ дорад ва пас аз санҷиши маълумоти волридгардида онҳоро наметавон нест кард ё тағйир дод.

Дар амалияи муҳосибӣ ҳолатҳои зиёди гум шудани ҳуҷҷатҳо рух медиҳанд, ки дар паёмади онҳо барзиёдҳисобузамкунии андозҳо, ҷаримаҳо ва дигар таҳримҳои беасос ба миён меоянд. Блокчейн ҳифзи иттилоотро кафолат медиҳад, чунки иттилоот дар як ҷой нигоҳ дошта намешавад ва ҳолатҳои гум шудани иттилоот умуман ба миён омада наметавонанд.

Баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ навиштҳои муҳосибиро дар як макон ба таври марказонидашуда, одатан дар пойгоҳи додаҳои таъминоти барномавии баҳисобгирии муҳосибӣ нигоҳ медорад. Ин амсила ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо навишти дутарафа асос меёбад, ки аллакай мудати зиёде вуҷуд дорад ва асоси баҳисобгирии муҳосибии муосир мебошад. Муҳосиб ҳама маълумотро оид ба амалиёти рухдода ба низом ворид мекунад ва агар лозим бошад, ба онҳо тағйироти заруриро низ медарорад. Вақте ки иттилоот барои мизоҷ ё мақомоти танзимкунанда лозим мешавад, муҳосиб маълумотро аз он мегирад – танҳо муҳосиб ба феҳристи марказонидашудаи муҳосибӣ дастрасии мустақим дорад. Вале блокчейн барои тамоми ҷонибҳои манфиатдор (муҳосиб, аудитор, мизоҷ, мақомоти танзимкунанда) дастрас мебошад. Онҳо ҳамеша нусхаи асили феҳристи муҳосибиро ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ истифода бурда метавонанд. Барои дигар кардани иттилоот дар феҳрист иҷозати тамоми иштирокчиён лозим аст, ки ин эътимодро ба иттилооти дар занҷираи блокҳо мавҷудбуда собит мекунад.

Ҳамин тавр, татбиқи технологияи блокчейн дар баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ба баландшавии самаранокии амалиёт оварад. Баҳисобгирии муҳосибӣ манбаи ягонаи иттилоот дар бораи фаъолияти корхонаҳо мебошад, ки ҳам субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳам мақомоти давлатии танзимкунанда ва назораткунанда онро эътироф кардаанд. Дар ҷаҳони муосир кам кардани масрафҳои вақт барои коркарди маълумот ва натиҷабарорӣ аз он вазифаи калидии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки ҳалли он бо истифода аз технологияи блокчейн имкон дорад.

Истифодаи технологияи блокчейн ва дигар технологияҳои нави иқтисодиёти рақамӣ барои рушди корхонаҳо имконияти зиёд пешкаш менамояд. Вале барои татбиқи бобарори технологияҳои рақамӣ бояд як қатор тағйирот ва иловаҳо ба сиёсати баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ ворид карда шавад, инчунин бунёди пойгоҳи ҳуқуқии танзимкунандаи амалкунии блокчейн зарур мебошад.

Рақамикунонии иқтисодиёт бешак аҳамият ва муҳтавои баҳисобгирии муҳосибиро дигар мекунад. Аллакай вай барои баъзе ҷиҳатҳои фаъолияти муҳосибӣ таҳдид ҳам эҷод кардааст, вале на барои касби муҳосибӣ. Технологияҳои рақамӣ барои касби муҳосибӣ – ин имконияте мебошад, ки обурӯ ва мартабаи муҳосибро боз ҳам баланд мебардорад. Ҷаҳони муосир тариқаҳои зиёди таъминоти барномавиро барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ пешкаш менамояд, вале аз ҳамаи онҳо имрӯз маҳз технологияи блокчейн барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ нисбатан мақбул мебошад. Муҳосибонро мебояд салоҳиятнокӣ ва дониши худро дар соҳаи технологияҳои иттилоотии рақамӣ рушд диҳанд, дар акси ҳол онҳо метавонанд бо куҳнашавии маънавии касби худ дучор шаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021 // Ҷумҳурият. – 2021. – 27 январ. - № 18
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи иттилоотӣ] / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/tsifrovaya-ekonomika
3. Богатая И.Н. Влияние цифровизации экономики на развитие учетно-аналитического обеспечения управления коммерческой организацией / И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева // Учет и статистика. – 2019. - № 3 (55). – С. 34-42
4. Бодяко А.В. Развитие метолологии учетно-контрольных процессов в условиях цифровой экономики / А.В. Бодяко // Управление. – 2020. - № 1. – С. 47-56
5. Давлатзода Д.А., Низомов С.Ф. Совершенствование расчетно-аналитических методов посредством технологии блокчейн / Д.А. Давлатзода, С.Ф. Низомов // Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. - № 4. – С. 20-26
6. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (37). - С. 115-119
7. Одинцова Т.М. Развитие бухгалтерского учета в условиях цифровизации экономики / Т.М. Одинцова // Современная экономика: проблемы и решения. – 2021. - № 4 (136). – С. 190-208
8. Пожарицкая И.М. Проблемы идентификации и признания цифровых финансовых активов в учете / И.М. Пожарицкая // Учет, анализ, аудит. – 2018. – Т. 5. - № 6. – С. 61-66

***Ғуломова З.З., Назаров М.Х. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## НИЗОМИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ БАХШИ ХУСУСӢ

Дар шароитҳои муосири фаъолияти иқтисодӣ яке аз бахшҳои муҳими идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ ин низоми назорати дохилӣ мебошад. Низоми назорати дохилӣ чун маҷмӯи сохтори ташкилӣ, методикаи амалҳои баҷоорандаи роҳбарияти корхона ба сифати воситаҳо барои мураттабсозӣ ва пешбурди босамарари фаъолияти хоҷагидорӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҷумла унсурҳои назоратӣ ва санҷишии дар дохили худи корхона ташкилшударо дар бар мегирад. Воситаҳои назорати дохилӣ назорати риоягардии қонунгузории амалкунанда, аниқӣ ва пуррагии ҳуҷҷатгузории баҳисобгирии муҳосибӣ, саривақтии омодасозӣ ва пешкашкунии ҳисоботи муҳосибии (молиявии) боэътимод, пешгирикунии хатогиҳо ва таҳрифҳо, иҷроиши фармонҳо ва қарорҳои роҳбарият, таъмин намудани ҳифзи амволи корхонаро ба ҷо меоранд [1, с. 28].

Мақсади низоми назорати дохилӣ – саривақт пешгирӣ намудани амалҳои ноoқилона ва нодуруст, инчунин пешгирӣ ва бартарафсозии хатогиҳо ҳангоми коркарди ахбор мебошад [6, с. 112].

Низоми назорати дохилӣ метавонад дар худ инҳоро дар бар гирад:

- назорати мутобиқати фаъолияти корхона бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорати ҳифз ва нигоҳдории дороиҳои корхона;
- назорати харҷкунии оқилоно ва сарфакоронаи сарватҳои корхона;
- назорати раванди таъминоти моддӣ-техникӣ;
- назорати раванди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот;
- аудити дохилӣ;
- назорати иҷроиши фармонҳо ва қарорҳои роҳбарият;

Назораи (мониторинги) муҳити дохилӣ ва берунии корхона нисбати ошкоркунии тадидҳо ба бехатарии иқтисодии корхона;

- дигар самтҳои назорат вобаста аз эҳтиёҷоти корхона.

Ҳамин тариқа, чунин намудҳои назорати дохилӣ маъмуланд [6, с. 136]:

1) назорати автоматониданашуда – бевосита аз ҷониби субъектҳои назорат бе истифодабарии воситаҳои техникии автоматикунонӣ ба ҷо оварда мешавад;

2) назорати автоматонидашудаи нопурра – аз ҷониби субъектҳои назорат бо истифодабарии воситаҳои техникии бақайдгирӣ, коркард, ченкунӣ ва ҳаминсонҳо ба ҷо оварда мешавад (масалан, назорати сифати кори таҷҳизоти истеҳсолӣ бо ёрии технологияи рамздиҳии штрихии коркарди ашёи хом ва маводҳо);

3) назорати пурра автоматонидашуда – ба таври бутун дар реҷаи автоматӣ дар таҳти идораи субъектҳои назорати дохилӣ ба ҷо оварда мешавад.

Кадом мақомоти назоратӣ ва чӣ қадари онҳоро метавонад ширкат ихтиёрдорӣ кунад – пеш аз ҳама аз талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии худи корхона муайян мегардад. Соҳибмулкон ва роҳбарони ширкат, вобаста аз эҳтиёҷоти худ, метавонанд дигар мақомоти

назоратиро таъсис диҳанд, ба монанди: хадамоти назоратӣ-тафтишотӣ (ревизионӣ), хадамоти назорати дохилӣ, хадамоти бехатарӣ, шуъбаи назорати сифат.

Кор ранги дигар мегирад, агар ки мақомоти назоратии бо номҳои гуногун амалкунанда ҳамдигарро такрор намоянд. Ин чун қоида ба бесамарагии иқтисодии фаъолияти онҳо меоварад. Нақши калон ва муҳимро дар қабулкунии қарорҳо оид ба сохтори мақомоти назорат вазъи муҳити назоратии ширкат мебозад, агар нисбатан васеътар карда изҳор намоем, сатҳи рушди маданияти корпоративии ширкат инро муайян менамояд. Азбаски бунёд намудани низоми назорати дохилӣ – ин раванди меҳнатталаб ва тӯлонӣ мебошад, дар ширкат мавҷуд будани зерсохтори алоҳидаи назоратӣ-тафтишотӣ (хадамоти назоратӣ-тафтишотӣ) зарурати воқеӣ мебошад. Зерсохтори мазкур аҳамияти муҳимро ба худ мегирад, агар роҳбарияти ширкат имконият ва хоҳиши созмон додани низоми босамараи назорат ва бунёд намудани маданияти баланди корпоративиро дошта бошад. Дар ин маврид зерсохтори назоратӣ-тафтишотӣ диққати муҳимро ба ошкоркунии хатогиҳо ва суйиистеъмоли вазифаҳо равона месозад.

Вале бояд дар хотир дошт, ки фаъолияти тафтишотӣ, бо моҳияти худ, ба гузашта нигаронида шудааст, яъне вай зуҳуроти алакай рухдода ва оқибатҳои онҳоро назорат менамояд. Яке аз вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти муҳими низоми назорати дохилии корхона ин аудити дохилӣ мебошад, ки ба ҳодисаву зуҳуроти дар оянда рухдиҳанда нигаронида мешавад, яъне таҳлили ҳодисаҳои оянда, ки метавонанд ба фаъолияти зерсохторҳои алоҳидаи корхона таъсири номатлуб расонанд [5, с. 12].

Ба гуфти дигар, ревизия (тафтишот) оқибатҳои хавфу таваккалҳои алакай моддигаштаро баҳо медиҳад, аудити дохилӣ бошад имкониятҳоро баҳо дода, роҳҳои паст намудани хавфҳо ё самарҳои номатлуби таъсири онҳоро пешниҳод менамояд. Дар корхона мавҷуд будани зерсохторӣ назоратӣ-тафтишотӣ ҳеҷ гоҳ ва бо ягон дараҷа зарурат надоштан ба аудити дохилӣ ва дигар шаклҳои назоратро ифода намекунад. Ҳама бо он муайян мегардад, ки корхона дар кадом марҳилаи рушди худ қарор дорад ва кадом самтҳои фаъолиятро пеша кардааст, аз диди маданияти корпоративии дохилӣ вай чи гуна пеш меравад [5, с. 18].

Ғайр аз ин, фаъолияти назоратӣ-тафтишотӣ ва аудити дохилӣ самтҳои боқимондаи назоратро фаро намегиранд, аз ҷумла: назорати технологӣ, назорати идоракунӣ; назорати таҳдидҳои бехатарӣ ва ғ. Ҳамин тариқ, тарзи муомила ба ташкили низоми назорати дохилии корхона бояд дорои хусусиятҳои маҷмӯӣ бошад.

Бояд қайд кард, ки сиёсати корхона дар соҳаи назорати дохилӣ муносибати соҳибмулкро ба вай иъикос менамояд. Низоми назорати дохилӣ дар корхона бахши муҳимтарини низоми муосири идоракунӣ мебошад, ки имкон медиҳад мақсадҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона муқаррааргардида бо харҷи камтарини масрафҳо ба даст оварда шаванд.

Вазифаи асосии низоми назорати дохилӣ дар таъмин намудани назора ва санҷиши амалкунии ҳамагуна объекти назорати дохилӣ нисбати мутобиқати онҳо ба қонунгузорӣ, стандартҳо, нақшаҳо, меъёрҳо, қоидаҳо, фармонҳо, қарорҳои идоракунии қабулшуда ифода меёбад. Тамоилотро аз талаботи санадҳои қонунгузорӣ муқаррар намуда ва сабабҳои пайдоиши онҳоро ошкор карда, низоми назорати дохилии корхона ба таҳияи саривақтии тадбирҳо барои бартарафсозии онҳо аз ҷониби соҳибмулкон ва иҷроиши онҳоро аз ҷониби мақомоти идоракунии корхона мусоидат менамояд.

Мавҷудияти низоми назорати дохилии босамарона фаъолияткунанда дар корхона омили муҳими баландшавии рақобатпазирии корхона мебошад. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, мавҷудияти низоми назорати дохилӣ заминаҳои воқеии рушди босуботи тиҷоратро бунёд менамояд, ки вобастаанд ба [3, с. 118]:

- пайдошавии нерӯи идоракунии босамараи истифодабарии сарватҳои моддӣ ва меҳнатии субъекти хоҷагидорӣ ва гузаронидани сиёсати нархгузории босамара;

- пайдошавии имконот барои шароитҳои муфиди ҷалбкунии сармоягузориҳо бо роҳи баландбардории сифати ҳисоботи молиявии корхона;

- дар соҳибмулкон пайдошавии эҳтимолияти назорат намудани фаъолияти менеҷменти болоӣ (топ менеҷмент) барои мувофиқати амалҳои он ба ҳадафҳои соҳибкории субъекти

хоҷагидорӣ, дар менеҷмент боша, - самаранокии кори филиалҳо ва зерсохторҳои субъекти хоҷагидорӣ.

Боз як тарзи амалкунии низоми назорати дохилӣ – ин аутсорсинг ё ко-сорсинг мебошад. Аутсорсинг ин пурра вазифаҳои назорати дохилиро супоридан ба ширкати махсугардонидашуда ва ё мушовири берунӣ мебошад. Ко-сорсинг дар он ифода меёбад, ки низоми аудити дохилӣ дар доираҳои корхона созмон дода мешавад, вале дар баъзе мавридҳо экспертҳои берунӣ ё машваратчии берунӣ барои иҷрои баъзе вазифаҳои назоратӣ ҷалб карда мешавад.

Афзалиятҳои имконии истифодабарии аутсорсинг ва ко-сорсинг дар инҳо ифода мегарданд:

- имконоти истифодабарии хизматҳои экспертҳо дар соҳаҳои гуногун, қаишӣ дар масъалаҳои ҷалбкунии онҳо;

- дастрасӣ ба технологияҳои пешқадам ва методикаҳои гузаронидани санҷишҳо ва ба ҷо овардани хизматрасониҳои машваратӣ.

Камбудии асосии аутсорсинг ва ко-сорсинг ин мебошад, ки ба шахси барои корхона беруна душвор аст, ки ҳодисаву зуҳуроти корхонаро аз дохил сарфаҳм равад. Мутахассисони субъекти хоҷагидорӣ ҳамеша ба ин шахс чун ба шахси бегона муомила менамоянд ва на ҳама ахбори баладбудаи худро ба вай майли додан доранд.

Интихоби шаклҳои мушаххаси низоми назорати дохилӣ, чун қоида, бо баҳисобгирии хусусиятҳои соҳибкории субъекти хоҷагидрӣ бо кори маҷмӯии гурӯҳи корӣ дар рафти лоиҳаи оид ба бунёдсозии низоми назорати дохилӣ ба ҷо оварда мешавад. Ба ин гурӯҳ метавонанд намояндаҳои манфиатдори субъекти хоҷагидорӣ, инчунин машавaратчиёни берунӣ, ки дорои таҷрибаи басанда оид ба машваратдиҳӣ дар мавриди баландбардории самаранокии кори низоми назорати дохилӣ мебошанд, дохил шаванд. Ёрии назаррасро дар бунёдсозӣ ва баландбардории самаранокии кори низоми назорати дохилии субъекти хоҷагидорӣ, дар рушди касбияти аудитори дохилӣ ва назоратчӣ шарикони ғайритиҷоратӣ, ки дар худ мутахассисони бо аудити дохилӣ ва дигар шаклҳои назорати дохилӣ машғулбударо муттаҳид месозанд, метавонанд расонанд [4, с. 36].

Ҳамин тариқ, ҳадафи ниҳойии ташкили низоми назорат ва аудити дохилӣ – иҷро намудани вазифаҳои назоратӣ бевосита дар корхона ва таъмин намудани омодагӣ ба ревизияҳо ва санҷишҳое, ки аз ҷониби мақомоти назоратии берунӣ ба ҷо оварда мешаванд, баҳисоб меравад. Ба ин хотир, зарур аст, ки низоми қаиши чорабиниҳои зиддитафтишотӣ, назорати молиявии дохилие бунёд карда шавад, ки чунин вазифаҳои муҳими назорат ва чорабиниҳои зидди тафтишотиро дар назар дошта бошад [2, с. 24]:

- ташкил ва баҷоории назорати доимӣ аз болои фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва иқтисодии берунии корхона дар ҳама мавзеъҳои он, инчунин назорат аз болои саривақтият ва пурраги фурӯши маҳсулот, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо;

- ташкил ва таъмин кардани ҳифзи воситаҳои моддӣ ва пулӣ дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти корхона;

- саривақт ба роҳбарият ва дигар шахсони мансабдори корхона пешкаш намуданиа хбори зарурӣ барои роҳбарӣ, мутобиқсозӣ ва баҷоории фаъолиятҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва молиявӣ-иқтисодии корхона;

- ташкил ва гузаронидани барӯйхатгириҳо (инвентаризатсияҳо)-и нақшавӣ ва ғайринақшавии дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ ва роҳбарикунанда;

- ташкили назорат аз болои иҷроиши вазифаҳои худии сохторҳо ва хадамоти корхона;

- ноилгардии боҳамалоқамандии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз, инчунин муосидат намудани шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ, муҳосибӣ ва андозӣ;

- таҳия ва беҳгардонии ҳуҷҷатгардиш бо баҳисобгирии хусусиятҳои фаъолиятҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва молиявӣ-иқтисодии корхона;

- ташкил ва саривақт гузаронидани назораи (мониторинги) ҳама ҷанбаҳои фаъолияти корхона, инчунин натиҷаҳои ревизияҳо ва санҷишҳои гузаронидаи мақомоти назоратӣ-тафтишотӣ ва мақомоти дохилии назоратии корхона;

- саривақт пешниҳодкунии ахбори боэътимод оид ба вазъи фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва молиявӣ-иқтисодии корхона ба истифодабарандагони берунӣ;

- омодасозии нақшавии корхона барои гузаронидани ревизияҳо ва санҷишҳо, ҳамкории самаранок бо аудиторҳои берунӣ, пешгирӣ намудани таҳримҳо (санксияҳо) аз ҷониби мақомоти андоз ва дигар мақомоти назоратӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳгардонии фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ-иқтисодӣ ва хоҷагидории корхона;

- созмон додани хадамоти аудити дохилӣ ва дигар мақомоти назоратӣ дар корхона.

Ҳамин тариқ, метавон се марҳилаи ташкили низоми аудити дохилиро метавон ҷудо намуд. Дар марҳилаи аввалӣ, ки аз ҷониби кормандони корхона иҷро мегардад, ҷамъоварӣ, ғункунӣ, коркард ва таҳлили пешакии ахбор оиди кори корхона ба ҷо оварда мешавад. Дар марҳилаи дуюм, ки аксаран аз ҷониби ташкилотҳои дигар ба ҷо оварда мешавад, лоиҳаи низоми назорати дохилӣ таҳия карда мешавад. Ба ин хотир, бояд дараввал вазъи ҳозираи корхона муайян карда мешавад – маҳакҳои назоратии воқеии кори корхона бо маҳакҳои нақшавӣ қиёс карда мешаванд. Тамоилот ошкор карда мешаванд, дараҷаи таъсири тамоилоти бақайдгирифташуда ба фаъолияти корхона баҳо дода мешавад ва сабабҳои пайдошавии тамоилот муайян карда мешаванд.минбаъд аз рӯи тамоилоти бақайдгирифташуда амалҳои назоратӣ гузаронида мешаванд. Он тамоилоте, ки корхонаро ба хавфи бештар гирифтор мекунанд, пеш аз ҳама ба автоматикунонӣ фаро гирифта мешаванд. Дар марҳилаи сеюм назорати дохилӣ дар тамоми зинаҳои идоракунии корхона татбиқ карда мешавад. Зарурати азнавдидабарорӣ ва иловакунии ин ё он амали назоратӣ дар марҳилаи истифодабарии низоми назорати дохилӣ муайян карда мешавад. Корҳои марҳилаи мазкур аз ҷониби кормандони худи корхона дар ҳамҷоягӣ бо ташкилоти дигар иҷро карда мешаванд. Бахши ҷудонопазири низоми назорати дохилии самаранок ин низоми мониторинг мебошад. Дар шароитҳои доимо тағйирёбанда вай имконият медиҳад, ки на фақат амалкунии бести амалҳои назоратӣ таъмин гарданд, балки инчунин механизмҳои ошкоркунии хавфҳои нав, таҳия ва татбиқи воситаҳои назорат барпо карда шаванд. Ба натиҷаҳои беҳтарин ҳамҷоясозии назораи беист ва санҷишҳои давравӣ меоваранд. Ин имкон медиҳад, ки таносуби беҳтарини байни дараҷаи эътимоднокӣ, масрафҳои гузаронидани санҷишҳо, сатҳи воқеият ва сифати назорат дарёфт карда шавад.

Лозим ба қайдкунист, ки ташкил, мақсадҳо, нақш ва вазифаҳои аудити дохилӣ аз ҷониби рҳбарият ё соҳибмулки корхона вобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва низоми идоракунии барпогардидаи корхона ва вазъи назорати дохилии он муайян карда мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Внутренний контроль и аудит: Учебное пособие / Богатая И.Н., Н.Т. Лабынцев, Н.Н. Хахонова. – 3-е изд., перераб. И доп. – М.: ОАО «Московские учебники» - Ростов н/Д: Феникс,2008. - 475 с.
2. Михайленко В. Создание и реформирование службы внутреннего контроля / сетевой журнал «Хранитель»), 2009. – 112 с.
3. Рекс С. Холмс. Состояние внутреннего аудита в России и СНГ. –М: Филинъ, 2005. – 218 с.
4. Соколов Б. Внутренний аудит и контроль. Перспективы развития. [Электронный ресурс].: Режим доступа http:/ /www.ippnou.ru/.,
5. Сонин А. Внутренний аудит как важнейший элемент системы управления компанией/ [Электронный ресурс] : Режим доступа - http://www.iia-ru.ru.
6. Сусин В.К. Контроль и ревизия: учеб. пособие / В. К. Сусин, В. П. Шегурова, О. В. Шибилева. – Саранск, 2010. – 220 с.

*Оқилов Ф.М., Исупов А.Қ. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар мамлакатҳои иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) танзимкунии фаъолияти аудиторӣ мувофиқи қонун дар бораи фаъолияти аудиторӣ ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ вогузор карда мешавад. Чунин мақоми ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои муассисаҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ – Бонки миллии Тоҷикистон) мебошад. Дар сохтори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду раёсат масъалаҳои танзимкунии фаъолияти аудиториро анҷом медиҳанд:

- Раёсати равишомӯзии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва удит (шуъбаи таҳиякунии санадҳои меъёрӣ дар соҳаи иқтисодиёт, бахши омодасозии санадҳои меъёрӣ оид ба фаъолияти аудиторӣ);
- Раёсати аудит ва назорати дохилӣ (шуъбаи марказии аудит ва назорати дохилӣ, шуъбаи ҳамоҳангсозии марказии идоракунии молиявӣ, назорат ва аудит ва шуъбаи аудити дохилии вазорати молия).

Мақоми ваколатдори танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ чунин корҳоро анҷом медиҳад.

- дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти аудиториро қабул менамояд;
- стандартҳои аудитро таҳия ва тасдиқ менамояд;
- аз тарафи ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ риоя шудани шарту талаботи иҷозатномаро назорат менамояд;
- риоя шудани стандартҳои аудитро аз ҷониби ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ назорат мекунад;
- барои аудиторҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ шакл, ҳаҷм ва тартиби ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод кардани ҳисоботро муайян мекунад;
- қоидаҳои аккредитатсияи ташкилотҳои касбии аудиторҳоро таҳия ва тасдиқ менамояд;
- аккредитатсияи ташкилотҳои касбии аудиторҳоро мегузаронад;
- пешбурди Феҳристи давлатии бақайдгирии аудиторҳои шаҳодатномаи тахассусии аудиторӣ ва иҷозатнома доштаро анҷом медиҳад;
- пешбурди Феҳристи аккредитатсияи ташкилотҳои касбии аудиторҳоро анҷом медиҳад;
- нашри феҳристҳоро дар сомонаи расмии худ таъмин менамояд;
- тартиби пешбурди Феҳристи бақайдгирии давлатии аудиторҳо ва аккредитатсияи ташкилотҳои касбии аудиторҳоро тасдиқ менамояд;
- қоидаҳои санҷиши ташкилотҳои касбии аудиторҳоро муайян менамояд;
- бо дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои аудиторӣ, ташкилотҳои касбии аудиторҳо ва дигар ташкилотҳои дахлдор оид ба масъалаҳои фаъолияти аудиторӣ ҳамкорӣ менамояд;
- Кодекси одоби касбии аудиторҳоро тасдиқ менамояд;
- дигар ваколатҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Дар тамоми мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон палатаҳои мустақили аудиторҳо амал мекунанд, ки вазифаҳои асосии онҳо таҳияи стандартҳои фаъолияти аудиторӣ, баҷоории назорати сифати кори аудиторҳо, гузаронидани аттестатсия ва додани ҳуҷҷатҳо барои машғул шудан ба фаъолияти аудиторӣ (дар мамлакатҳое, ки ин ба салоҳияти давлат дохил намешавад) мебошанд. Палатаҳои аудиторҳо инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти аудиторҳоро анҷом

медиҳанд, меъёрҳои одоб ва рафтори аудиторҳоро дар ҷамъият муайян менамоянд ва ба шахсони вайронкунандаи ин меъёрҳо тадбирҳои интизомӣ роҳандозӣ мекунанд. Вале чунин палата ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода нашудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои касбии аудиторҳо таъсис дода мешаванд. Ташкилоти касбии аудиторҳо ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, дар асоси ойинномa фаъолият менамояд. Ойинномаи ташкилоти касбии аудиторҳо дар маҷлиси умумии аъзоёни ташкилот қабул карда мешавад.

Ташкилоти касбии аудиторҳо чунин корҳоро анҷом медиҳад.

- дар асоси шартнома бо ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ назорати берунии сифати хизматрасониҳои ташкилоти аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродиро ба ҷо меорад;
- таҷрибаи кории аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиториро таҳлил, ҷамъбаст ва паҳн менамояд;
- манфиатҳои аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиториро дар ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ ҳимоя менамояд;
- баҳсҳои бо фаъолияти аудиторӣ вобастабудаи ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои аъзои онҳо бударо баррасӣ менамояд;
- мартабабандии ташкилотҳои аудиторӣ (омӯзиши дараҷаи эътимоднокӣ ва бартарияти онҳо)-ро ба ҷо оварда, натиҷаҳои онро дар нашрияҳои даврӣ интишор менамояд;
- дар кори ташкилотҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит иштирок менамояд;
- оид ба стандартҳои аудит ва дигар масъалаҳои фаъолияти аудиторӣ тавсияҳо пешниҳод менамояд;
- дигар амалҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидашударо иҷро менамояд.

Ташкилоти касбии аудиторҳо бояд:

- аъзои худро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти аудиторӣ таъмин намояд;
- ба рушди аудит, афзун кардани самари он, ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ мусоидат намояд;
- оид ба такмили ихтисоси аудиторҳо бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор курсҳои омӯзишӣ ташкил намуда, ба шунавандагони онҳо дар бораи хатми чунин курсҳо сертификат диҳад;
- ба риоя намудани талаботи Кодекси одоби касбии аудиторҳо ва стандартҳои аудит аз ҷониби аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ мусоидат намояд;
- бо тартиби муқарраршуда дар бораи фаъолияти худ ба мақомати ваколатдор ахбор пешниҳод намояд.

Дар миқёси байналмилалӣ ташкилотҳои аудитории касбӣ тавассути ФБМ ҳамкорӣ менамоянд, ки вай тавсияҳои ба ҷиҳатҳои мухталифи фаъолияти аудиторӣ тааллуқдоштаро таҳия менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ аз се зина иборатанд. Дар зинаи аввалӣ мавқеи асосиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ишғол менамояд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии баҷоории фаъолияти аудиториро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, инчунин муносибатҳои дар раванди баҷоории фаъолияти аудиторӣ бамиёномадаро танзим менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” (аз 21 июли соли 2010, № 631) маҷмуи муносибатҳои марбут ба муқаррар намудани принсипҳо, асосҳои бунёдкунӣ, банақшагирӣ, гузаронидан ва тартибдиҳии ҳисоботи аудити дохилиро дар бахши давлатӣ танзим менамояд.

Ба зинаи дуюми низоми танзимкунии меъёрии фаъолияти аудиторӣ стандартҳои байналмилалӣ ва миллии фаъолияти аудиторӣ мансубанд. Стандартҳои аудит талаботи ягонаи появиро бунёд менамоянд, ки меъёрҳои сифат ва саҳеҳии аудитро муқаррар намуда, дараҷаи

муайяни кафолати натиҷаҳои санҷиши аудиториро дар мавриди риоякунии ин талабот таъмин менамоянд. Онҳо талаботи ягонаро ба санҷиши аудиторӣ, хулосаи аудиторӣ ва худи аудит муқаррар менамоянд. Бо тағйирёбии вазъи иқтисодӣ ба хотири қонеъгардонии бештари талаботи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ стандартҳои аудит азнав дида мешаванд.

Дар асоси стандартҳои аудит барномаҳо барои омодасозии касбии аудиторҳо, инчунин талабот ба гузаронидани имтиҳонҳо барои гирифтани ҳуқуқи машғулшавӣ ба фаъолияти аудиторӣ бунёд карда мешаванд. Стандартҳои аудит барои дар суд собит кардани сифати гузаронидани аудит ва муайян кардани масъулияти аудиторҳо чун асос хизмат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои байналмилалии аудит стандартҳои миллӣ таҳия шуда, мавриди истифода қарор доранд. Ҳоло як қисми стандартҳои миллӣ таҳия шуда, қисми дигарашон дар марҳилаи омодасозӣ қарор доранд.

Зинаи сеюм – санадҳои меъёрии дохилии корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо мебошанд, ки барои татбиқи амалии стандартҳои аудит дар ҳолатҳои мушаххас нигаронида шудаанд. Мақсади асосии онҳо – ёрдам додан дар татбиқи талаботи стандартҳои аудит, таҳия намудани қоида ва тарзҳои пешқадами ташкили фаъолияти аудиторӣ мебошад.

Ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ метавонанд барои эҳтиёҷоти худ низомнома (регламент), дастурамал, стандартҳои худии фаъолияти аудиториро таҳия намуда истифода баранд, вале онҳо набояд ба талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф бошанд.

Ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ мутобиқи талаботи қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ ва миллии фаъолияти аудиторӣ ҳуқуқ доранд, ки усулҳо ва қоидаҳои кори худро мустақилона интихоб намоянд, ба истисноии банақшагирӣ ва ҳуҷҷатнигории аудит, тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои кории аудитор, хулосаи аудиторӣ, ки мутобиқи қоидаҳои умумии (стандартҳои) фаъолияти аудиторӣ ба ҷо оварда мешаванд.


**АДАБИЁТ**

1. Булыга Р.П. Аудит: учебник для бакалавров / под ред. Р.П. Булыги. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – 431 с.
2. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69. – http://minfin.tj.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 25 марти соли 2011, № 702. – http://mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, № 37. – http://mmk.tj.
7. Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия барои ҳуқуқи анҷомдиҳии фаъолияти аудиторӣ. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, № 230. – http://minfin.tj.



***Акрамова Ҳ.А., Дустмуродов А.Х. - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## МАСЪАЛАҲОИ ЭЪТИРОФ, БАҲОДИҲӢ ВА ФАРСУДАШАВИИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ ТИБҚИ СБҲМ

Дороиҳои ғайримоддӣ вситаҳои хоҷагие мебошанд, ки шакли моддию физикӣ надошта дорои арзишанд ва дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ муддати тӯлонӣ истифода бурда шуда, ширкат аз истифодабарии онҳо дар оянда нафъҳои иқтисодиро интизор аст.

Масъалаҳои эътироф, баҳодиҳӣ, истифодабарии дороиҳои ғайримоддӣ дар СБҲМ 38 «Дороиҳои гайримоддӣ» баррасӣ гардидааст.

Тибқи СБҲМ 38, ширкат бояд дороиҳои ғайримоддиро танҳо дар сурате эътироф кунад, ки онҳо ба меъёрҳои муайян мувофиқат кунанд. Тавре дар СБҲМ IAS 38 “Дороиҳои ғайримоддӣ” омадааст, дороии ғайримоддӣ – ин дороии ғайрипулии ҳамтошаванда мебошад, ки асоси ҷисмонӣ надорад.

Тавре аз таърифи дороии ғайримоддӣ бармеояд, маҳаки асосии фарқкунандаи чун дороӣ эътироф шудани дороии ғайримоддӣ ин ҳамтошавандагӣ мебошад. Ҳамтошавандагии дороӣ чунин маъно дорад, ки вай ҳамчун дороии алоҳида бояд аз дигар дороиҳо ҷудо шуда тавонад [4, с. 355].

СБҲМ 38 инчунин тарзи чен кардани арзиши твозунии дороиҳои гайримоддиро муайян мекунад ва талаботро оид ба ошкоркунии маълумот дар бораи дороиҳои ғайримоддӣ дар ҳисоботи молиявӣ муқаррар мекунад.

СБҲМ 38 аз субъектҳои иқтисодӣ талаб мекунад, ки дороиҳои ғайримоддӣ (бо арзиши ибтидоӣ) танҳо дар ҳолатҳои зер эътироф карда шаванд:

(а) боварӣ дорад, ки ширкат дар оянда аз дороиҳои ғайримоддӣ фоидаи иқтисодӣ ба даст меорад;

(б) арзиши дороии ғайримоддӣ ба таври боэътимод чен карда мешавад.

Ин талабот ҳам ба дороиҳои ғайримоддии ба даст овардашуда ва ҳам ба дороиҳои ғайримоддии дар дохили ширкат офаридашуда дахл дорад. СБМ 38 меъёрҳои иловагии эътирофи дороиҳои ғайримоддии дар дохили ширкат бунёдшударо дар бар мегирад.

Арзиши аслии дороии ғайримоддии мустақилона дар худи корхона сохташуда ба маблағи масрафҳое баробар аст, ки аз санаи аввалин маротиба ба маҳакҳои эътирофкунӣ ҷавобгӯ шудани дороии ғайримоддӣ ба ҷо оварда шудаанд. Ба арзиши аслии дороии ғайримоддии мустақилона сохташуда ҳама масрафҳои мустақими барои сохтан, истеҳсол ва омодакунии ин дороӣ барои истифодабарии мувофиқи нияти роҳбарият зарурбуда зам карда мешаванд [1, с.399].

Агар объекти ғайримоддӣ ҳам ба маҳакҳои таъриф ва ҳам ба меъёрҳои эътирофи дороии ғайримоддӣ мувофиқат накунад, СБМҲ 38 талаб мекунад, ки хароҷоти бо ин мақсад равонашуда ҳамчун хароҷоти корхона ҳангоми пайдоиш эътироф карда шаванд.

Аммо, агар ин объект дар натиҷаи якҷояшавии ду ширкат (харидкунии як ширкат аз ҷониби ширкати дигар) ба даст оварда шуда бошад, фарқияти ҳосилшуда бояд ҳамчун гудвил эътироф карда шавад ва хароҷоти дар ин самт амалишуда ба арзиши гудвил зам карда шавад.

Оид ба дигар самти хуроҷот СБҲМ 38 чунин муқаррарот пешбинӣ намудааст[2]:

СБҲМ 38 тамоми хароҷоти тадқиқотиро талаб мекунад, ки ҳамчун хароҷот ҳангоми пайдоиш эътироф карда шавад.

Намунаҳои хароҷоти дигаре, ки бояд ҳангоми ба миён омадан ҳамчун хароҷот эътироф карда шаванд, инҳоянд:

(а) хароҷот барои ташкил ва рушди фаъолияти нави истеҳсолӣ ё тиҷоратӣ (хароҷоти ибтидоӣ);

(б) хароҷоти омӯзиши кормандон;

(в) хароҷоти таблиғ ва/ё пешбарии молҳо ва хизматрасониҳо ба бозор;

(г) хароҷоти кӯчонидан ё азнавташкилдиҳии қисм ё тамоми ширкат.

СБҲМ 38 тамоми хароҷотеро, ки пас аз ба даст овардан ё офарида шудани дороиҳои ғайримоддӣ ба амал меояд, тавсия медиҳад, ки ба арзиши дороиҳои гайримоддӣ сармоя нашуда, ҳамчун хароҷот  эътироф карда шаванд, ба истиснои ҳолатхое ки:

(а) ширкат мутмаин аст, ки дар натиҷаи ин хароҷот ташкилот фоидаи иқтисодии ояндаро бештар аз он ки дар аввал муайяншуда буд бо сабаби истифодаи ин дороии гайримоддӣ ба даст меорад;

(б) ин хароҷотро метавон боэътимод чен кард ва ба дороиҳои ғайримоддӣ тақсим кард.

Агар ин шартҳо риоя шаванд, хароҷоти минбаъдаи марбут ба дороии ғайримоддӣ пас аз эътирофи он бояд ба арзиши тавозунии он дохил карда шаванд.

Пас аз эътирофи аввалия, СБҲМ 38 дороиҳои ғайримоддӣ талаб мекунад, ки бо истифода аз яке аз ду усули зерин баҳисоб гирифта шаванд [3]:

(а) аз рӯи усули арзиши таърихӣ: бо назардошти амортизатсияи ғуншуда ва талафоти ғуншуда аз коҳишёбии нарх; ё

(б) аз рӯи усули азнавнархгузорӣ: маблағи аз нав арзёбишуда бо назардошти истеҳлоки ғуншуда ва талафоти ғуншуда аз коҳишёбии нарх.

Арзиши аз нав гузошташуда бояд ба арзиши одилонаи дороии ғайримоддӣ мувофиқ бошад. Ин усули баҳисобгирӣ танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки арзиши одилонаи дороии ғайримоддӣ ба таври боэътимод чен карда шавад, агар бозори фаъол барои фурӯши ин намуди дороиҳо мавҷуд бошад.

Мутобиқи СБҲМ 38, бо интихоби усули алтернативии баҳисобгирӣ, ташкилот бояд мунтазам азнавбаҳодиҳӣ гузаронад, то боварӣ ҳосил кунад, ки байни арзиши тавозунии дороиҳои ғайримоддӣ ва арзиши одилонаи он дар санаи ҳисоботӣ фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад.

Яке аз масъалаҳои муҳими баҳисобгирии дороиҳои дарозмуддат, аз он ҷумла дороиҳои ғайримоддӣ хисобкунии фарсудашавӣ мебошад.

Дороиҳои ғайримоддӣ ба монанди воситаҳои асосӣ дар давоми муҳлати истифодабарии худ арзишашонро тавассути истеҳлок ба арзиши аслии маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо) мегузаронанд [1, с. 394].

Ҳангоми ба корхона ворид шудани дороии ғайримоддӣ роҳбарият ва сармуҳосиби корхона бо мулоҳизарониҳои касбӣ бояд муайян кунанд, ки муҳлати истифодабарии дороии ғайримоддӣ ниҳойӣ (муайян, анҷомёбанда) аст, ё номуайян. Агар ин муҳлат ниҳойӣ бошад, пас давомнокии вай ё миқдори маҳсулотҳое, ки истеҳсоли онҳо муҳлати истифодабарии дороиро ташкил медиҳад, муайян карда мешавад [1, с. 403].

Муҳлати истифодабарии дороии ғайримоддии аз ҳуқуқҳои шартномавӣ ё дигар ҳуқуқҳо пайдошуда набояд аз муҳлати амалкунии ин ҳуқуқҳо зиёд бошад, вале вобаста аз даврае, ки дар давоми он корхона истифодабарии дороии мазкурро дар назар дорад, ин муҳлат метавонад кам бошад.

Муҳлати истифодабарии дороии ғайримоддӣ аз омилҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст. Омилҳои иқтисодӣ давраеро муайян мекунанд, ки дар давоми он корхона аз доройӣ нафъи иқтисодӣ мегирад. Омилҳои хуқуқӣ давраи дар таҳти назорат нигоҳ доштани дастрасӣ ба ин нафъҳоро метавонанд маҳдуд намоянд. Муҳлати истифодабарии дороии ғайримоддӣ чун давраи камтарин аз давраҳои муайяннамудаи омилҳои зикршуда қабул карда мешавад.

Тибқи СБҲМ 38 ҳисобкунии фарсудашавӣ вақте оғоз мешавад, ки дороиҳо барои истифода омодаанд.

Агар мӯҳлати фоиданоки дороии ғайримоддӣ номуайян бошад, СБҲМ 38 талаб мекунад:

(а) маблағи ҷуброншавандаи дороии ғайримоддӣ на камтар аз як сол барои муайян кардани талафоти беқурбшавӣ арзёбӣ мешавад; ва

(б) сабабҳои номуайян ҳисобида шудани мӯҳлати фоиданоки дороии ғайримоддӣ ва омилҳои асосие, ки ҳангоми муайян кардани мӯҳлати фоиданоки дороиҳо ба назар гирифта шудаанд, ошкор намояд.

СБҲМ 38 талаб мекунад, ки усули ҳисобкунии фарсудашавӣ бояд ҷадвали гирифтани фоидаи иқтисодӣ аз истифодабарии объектро дар корхона инъикос намояд.

Одатан барои дороиҳои гайримоддӣ истифодаи усули ҷадвалии ҳисобкунии фарсудашавӣ тавсия дода мешавад. Ҳиссачудокуниҳои амортизатсионӣ бояд ҳамчун хароҷот эътироф карда шаванд, агар Стандарти дигар ворид намудани ин ҳиссачудокуниҳои амортизатсиониро ба арзиши балансии дороии дигар иҷозат надиҳад ё талаб накунад.

СБҲМ 38 талаб мекунад, ки арзиши бақиявии дороиҳои ғайримоддӣ ба сифр баробар карда шавад, агар:

(а) ӯҳдадории шахси сеюм баро даст овардани дороии ғайримоддӣ бо фарорасии мӯҳлати охири истифодаи он вуҷуд дорад; ё

(б) бозори фаъол барои ин намуди дороиҳои ғайримоддӣ мавҷуд аст ва эҳтимол дорад, ки ин бозор дар охири мӯҳлати фоиданоки дороиҳо боқӣ мемонад.

Барои арзёбии коҳишёбии эҳтимолии нархи дороиҳои ғайримоддӣ, ширкат бояд аз муқаррароти СБҲМ 36 «Беқурбшавии дороиҳо» истифода барад. СБҲМ 38 инчунин аз ташкилот талаб мекунад, ки маблағи ҷуброншавандаи дороии ғайримоддӣ, ки ҳанӯз на камтар аз як маротиба дар як сол барои истифода дастрас нест, ҳисоб кунад.

Ҳангоми хориҷшавӣ ё аз истифодабарӣ баровардани дороии ғайримоддӣ эътирофкунии вай қатъ мегардад. Дар ин маврид дороии ғайримоддӣ аз тавозуни муҳосибии корхона соқит карда мешавад. Фоида ё зарари аз соқиткунии дороии ғайримоддӣ пайдошуда чун фарқи байни воридшавиҳои соф аз хориҷшавӣ (агар онҳо бошанд) ва арзиши тавозунии дороии мазкур муайян карда шуда, дар лаҳзаи қатъгардии эътирофкунӣ дар ҳайати фоида ё зарар эътироф карда мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ. // Б.Ҳ. Каримов ва диг./ Душанбе, Ирфон: – 2016, – 550 с.
2. СБҲМ 36 «Беқурбшавии дороиҳо». https://finotchet.ru/articles/153/
3. СБҲМ 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ». https://finotchet.ru/articles/1271/
4. Хушвахтзода Қ.Х. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ: китоби дарсӣ / Қ.Х. Хушвахтзода ва диг. //Душанбе Ирфон, – 2021. – 478 с.



***Бобомуродов П.Х., Файзов М., Абдуллоева Д. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***


## СБҲМ: ТАЪЙИНОТ, ЗАМИНАҲОИ ТАШАКУЛ ВА РУШДИ ОН

Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) - дастурамалҳои ба манфиати ҷамъиятӣ қабулгардида оид ба тартиби омодакунӣ ва пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ мебошанд. Аксарияти ширкатҳо ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии худ ба СБҲМ такя менамоянд. Мақомоти таҳиякунандаи стандартҳои байналмилалӣ - Кумита оид ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (КСББМ) - International Accounting Standards Committee (IASC) бо бошишгоҳаш дар Лондон 29 июни соли 1973 бо қарори ташкилотҳои касбии муҳосибони Австралия, Англия, Германия, Ирландия, Канада, Мексика, ИМА, Франсия, Ҳоланд, Ҷопон созмон ёфта буд. Кумита моҳиятан ташкилоти хусусиест, ки соҳиби ҳукумат ва салоҳияти қонунгузорӣ нест ва аз ягон мақомоти ҳукуматӣ ва хадамоти давлатӣ вобастагӣ надорад. Бо ҳамин хусусият вай аз дигар ташкилотҳои миллии танзимкунанда ва стандартикунанда (чун идораи методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки дар доираи хадамоти давлатӣ амал мекунанд, фарқ мекунад.

Соли 1975 аввалин СБҲМ - (IAS) 1 “Кушодадиҳии сиёсати баҳисобгирӣ”, (IAS) 2 “Баҳодиҳӣ ва пешкашкунии ашёҳо дар системаи баҳисобгирӣ бо арзиши таърихӣ” нашр гардиданд. Соли 1977 федератсияи байналмилалии муҳосибон (ФБМ) - International Federation of Accountants (IFAC) созмон дода шуд, ки ба он ташкилотҳои муҳосибии тамоми ҷаҳон ворид шуданд. Ин ташкилот аз назорати ҳукуматӣ ва давлатӣ дур аст. Ҳадафи фаъолияти вай – густариши касбияти муҳосибон дар мамлакатҳои мухталиф дар асоси ҳамоҳангсозии умумиҷаҳонӣ ва ҳамоҳангсозии стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад [4, с, 158].

Дар соли 1984 натиҷаҳои аввалини кори КСББМ намоён гардиданд: биржаи қоғазҳои қиматноки (фондии) Лондон ба ҳама ширкатҳои хориҷии қоғазҳои қиматнокашонро ба Лондон бароваранда тавсия дод, ки СБҲМ-ро ҳангоми тартибдиҳӣ ва пешкашкунии ҳисоботи молиявии худ риоя кунанд. Дар соли 1985 яке аз ширкатҳои калонтарини америкоӣ - General Electric ҳисоботи молиявии худро на факат бо стандартҳои миллии GAAP, инчунин мутобиқи СБҲМ тартиб дод.

Минбаъд яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти КСББМ таҳияи тафсирот ба СБҲМ буд, ки вобаста ба он дар соли 1997 комитети доимӣ оиди тафсирот (КДТ) - Standing

Interpretations Committee (SIC) созмон дода шуд. Дар моҳи декабри соли 1998 КСББМ барномаи омодакунии стандартҳои асосиро ба анҷом расонид.

Дар ибтидои солҳои 2000-ум зиёда аз 50 мамлакати бузург нақшаи махсуси гузариш ва ё наздиккунии принсипҳои миллии баҳисобгириашонро бо СБҲМ қабул намуданд. Иттиҳоди Аврупо ширкатҳоеро, ки қоғазҳои қиматнокашон дар биржаҳои аврупоӣ додугирифт мешаванд, водор намуд, ки аз соли 2005 шурӯъ карда СБҲМ-ро ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии муттаҳидаи худ истифода баранд [4, с. 73].

Дар моҳи апрели соли 2001 дар сохтори КСББМ тағйирот ба амал омад. Акнун вай ба *фонди кумитаи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ* (ФКСББМ) – International Accounting Standards Committee foundation (IASCF) мубаддал гардид. Соли 2010 ин ташкилот фонди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (ФСБҲМ) - International Financial Reporting Standards Foundation (IFRSF) ном гирифт. ФСБҲМ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, дар иёлоти Деловери ИМА ба қайд гирифта шудааст.

Ҳадафи ФСБҲМ ин аст:

1.Барои манфиати ҷамъиятӣ таҳия намудани дастаи ягонаи стандартҳои умумиҷаҳонии баландсифат, оммафаҳм ва татбиқпазири баҳисобгирии муҳосибие, ки пешкашкунии ахбори баландсифат, шаффоф ва қиёспазирро дар ҳисоботи молиявӣ талаб мекунанд;

2.Пешбарии татбиқкунӣ ва назорати риоякунии ин стандартҳо;

3.Ҳамкорӣ бо мақомоти миллии барои таҳия ва татбиқкунии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ масъул бо мақсади ҳарчӣ бештар наздиккунии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷаҳон.

СБҲМ маҷмӯъи чунин санадҳоро дар бар мегиранд (расми 1):

Санадҳои дар расми 1 нишондодашуда бо ҳам алоқаманд буда, низомии ягонаро тартиб медиҳанд. Онҳо алоҳида истифода шуда наметавонанд, гарчанде ҳар кадомаш таъиноти худро дорад.

| | |
|---|---|
| 1 | Сарсухан ба СБҲМ |
| 2 | Принсипҳои омодакунӣ ва пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ |
| 3 | Стандартҳо |
| 4 | Тафсирот ба стандартҳо |

Расми 1. Сохтори СБҲМ

Манбаъ: Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Каюмова Ф.А., Набиев Б.Ҳ. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Васоити таълимӣ. Душанбе, Ирфон, 2014, саҳ. 26.

Ҳоло дар сохтори ФСБҲМ ин мақомот амал менамоянд (расми 2): шӯрои нозирон, шӯрои ваколатдорон, шӯрои (раёсати) стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (ШСББМ), шӯрои машваратӣ оиди СБҲМ (ШМСБҲМ) ва комитет оиди тафсироти ҳисоботи молиявии байналмилалӣ (КТҲМБ) [3, с. 19].

*Шӯрои нозирон* ҳамкории расмии байни танзимгарони бозорҳои сармоя ва фонди СБҲМ-ро таъмин менамояд, ваколатдоронро таъин намуда, фаъолияти онҳоро назорат мекунад.

Дар ҳайати шӯрои нозирони ФСБҲМ намояндагони Комиссияи аврупоӣ, Агентии хадамоти молиявии Япония, Комиссия оиди қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои ИМА, Ташкилоти байналмилалии комиссияҳо оиди қоғазҳои қиматнок ва дигар ташкилотҳои бонуфузи молиявӣ аъзоанд.

*Шӯрои ваколатдорон* 22 нафар аъзоён-ваколатдорон (trustees)-ро дар бар мегирад, ки дорои таҷрибаи бойи кор дар соҳаҳои мухталиф буда, дорандаи донишҳои зарурӣ баҳри таҳияи стандартҳои ҳисоботи молиявии баландсифати дар бозорҳои ҷаҳонии сармоя истифодашаванда мебошанд.




Расми 2. Шӯрои муҳосибот ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ

Манбаъ: Тавсири муаллифон тибқи Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазири молияти ҶТ аз 27.05. 2011 таҳти №42.

Яке аз ваколатдорон раиси шӯро ва ду нафар – ҷойнишинони раис таъин карда мешаванд. Ваколатдорон ба мӯҳлати се сол таъин гашта, метавонанд боз як маротибаи дигар азнав таъин шаванд. Новобаста аз муҳлати пешини хизмат ваколатдор метавонад ду маротиба ба муҳлати се солӣ ба вазифаи раис ё ҷойнишини раиси шӯро таъин гардад, лекин муҳлати умумии хизмати вай дар вазифаи ваколатдор на бояд аз нӯҳ сол зиёд шавад [2, с. 41].

*Шӯрои (раёсати) стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ* (ШСББМ) - International Accounting Standards Board (IASB) 16 нафар аъзоёнро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо раис ва ду нафарашон – ҷойнишинони раис таъин карда мешаванд. Шумораи ҳамкорон на бояд аз се нафар зиёд бошад. Аъзоёни ШСББМ ба муҳлати 5 сол таъин мегарданд ва ин муҳлат метавонад боз се соли дигар тамдид карда шавад. Раис ва ҷойнишинони раис метавонанд ба муҳлати дуюм (панҷ сол) азнав таъин карда шаванд.

*Кумита оид ба тафсироти ҳисоботи молиявии байналмилалӣ (*КТҲМБ) - *International Financial Reporting Interpretations Committee (IFRIC*) 14 нафар аъзоён–коршиносони соҳаи баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад. Коршиносон ба таҳия намудани тафсирот бар стандартҳо сарукор доранд. Тафсироти таҳиянамудаи КТҲМБ-ро ШСББМ тасдиқ менамояд. 30 августи соли 2006 байни ШСББМ ва вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шартнома-дасткашӣ аз ҳуқуқҳои муаллифӣ дар марзу буми маҳдуд" ба имзо расид, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҳуқуқи истифодабарии тарҷумаи расмии русии СБҲМ гардид.

СБҲМ тавсияшаванда мебошанд. На ШСББМ ва на ҷамоъаҳои муҳосибон ваколат надоранд, ки истифодабарии ҳамагонаи СБҲМ-ро талаб намоянд. Ин стандартҳо ба он хотир истифода мешаванд, ки дар тамоми ҷаҳон мақомоти танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ онҳоро эътироф намудаанд. Истифодаи СБҲМ ба ширкатҳо имконият фароҳам меорад, ки ба бозори байналмилалии сармоя ворид шаванд.

СБҲМ доимо мукаммал мегарданд. Солҳои охир аксарияти стандартҳо азнав дида баромада шуданд ва стандартҳои нав таҳия гардиданд. Ҳоло стандартҳо бо ифодаи– стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ нашр мешаванд. Пештар, яъне то соли 2001 онҳо бо ифодаи IAS (International Accounting Standards) – стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ нашр мешуданд.

Аз соли 2001 то имрӯз 13 адад стандарти IFRS қабул ва нашр гардида, таҳияи стандартҳои дигари IFRS давом дорад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Номгӯи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ки дар бахши хусусӣ мавриди истифода қарор мегиранд

| Рақами стандарт | Номи стандартҳо |
|---|---|
| IAS 1 | Пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ |
| IAS 2 | Ашёҳо |
| IAS 7 | Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ |
| IAS 8 | Сиёсати баҳисобгирӣ |
| IAS 10 | Рӯйдодҳо пас аз давраи ҳисоботӣ |
| IAS 11 | Шартномаҳои сохтмонӣ |
| IAS 12 | Андозҳо аз фоида |
| IAS 16 | Воситаҳои асосӣ |
| IAS 17 | Иҷора |
| IAS 18 | Даромад аз фурӯш |
| IAS 19 | Подошҳо ба кормандон |
| IAS 20 | Баҳисобгирии грантҳои давлатӣ ва кушодадиҳии ахбор оиди ёрдами давлатӣ |
| IAS 21 | Таъсири тағйирёбии қурбҳои ивазкунии асъори хориҷӣ |
| IAS 23 | Масрафҳои қарз |
| IAS 24 | Кушодадиҳии ахбор оиди ҷонибҳои вобаста |
| IAS 26 | Баҳисобгирӣ ва ҳисобот оиди нақшаҳои нафақа |
| IAS 27 | Ҳисоботи молиявии алоҳида |
| IAS 28 | Инвеститсияҳо ба ширкатҳои ҳамбаста |
| IAS 29 | Ҳисоботи молиявӣ дар иқтисодиёти бузургтаваррумӣ |
| IAS 32 | Олотҳои молиявӣ: пешкашкунии ахбор |
| IAS 33 | Фоида бар як саҳмия |
| IAS 34 | Ҳисоботи молиявии фосилавӣ |
| IAS 36 | Коҳишёбии нархи дороиҳо |
| IAS 37 | Захираҳо, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ |
| IAS 38 | Дороиҳои ғайримоддӣ |
| IAS 39 | Олотҳои молиявӣ: эътирофкунӣ ва баҳодиҳӣ |
| IAS 40 | Моликияти инвеститсионӣ |
| IAS 41 | Хоҷагии қишлоқ |

Манбаъ: Шуъбаи методологияи муҳосибот ва аудити Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

СБҲМ асосан барои ширкатҳои бузурге таҳия гардидаанд, ки қоғазҳои қиматнокашон дар биржаҳои фондӣ додугирифт мешаванд. Аз ин хотир ШСББМ тасмим гирифт, ки барои корхонаҳои бизнеси миёна ва хурд стандарти содагардидаро таҳия намояд. Ин стандарти нашрнамудаи ШСББМ санади аз 230 саҳифа иборат буда мебошад, ки 35 мавзуъро фаро мегирад. Аз ҷумла дар ин стандарт баррасӣ мешавад: воситаҳои асосӣ; дороиҳои ғайримоддӣ; моликияти инвеститсионӣ; масрафҳои қарз; масрафҳои истихроҷ; грантҳои давлатӣ; олотҳои молиявӣ; инвеститсияҳо ба ширкатҳои ҳамбаста ва муштаракона назоратшаванда; баҳисобгирии гузоришҳо ба ширкатҳои фаръӣ.

ШСББМ ҳангоми тартибдиҳии СБҲМ ба принсипҳои умумии омодакунии онҳо такя менамояд, ки дар санади алоҳида дар ҳайати дастаи СБҲМ бо номи “Принсипҳои омодакунӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ” (Framework for the Preparation and Presentation of Financial Statements) (минбаъд – “Принсипҳо”) ифода ёфтаанд. “Принсипҳо” муомилаҳои умумии ШСББМ-ро ба мундариҷаи СБҲМ кушода медиҳанд, ба истифодабарандагону тартибдиҳандагони ҳисоботи молиявӣ ва аудиторон ёрдам мерасонанд, ки ҷиҳатҳои алоҳидаи СБҲМ-ро дуруст тафсир кунанд ва амалиётҳоеро, ки то ҳол ба стандартикунонӣ гирифтор нашудаанд дар ҳисобот дуруст инъикос намоянд.

Хулоса, аз таҳлилу омӯзиши моҳият ва заминаҳои таърихии ташакулёбӣ ва рушди он ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои ҳалли масъалаҳои мазкур ба эътибор гирифтани чунин нуқтаҳо зарур мебошанд:

1.Баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамчун соҳаи илм дар солҳои истиқлолияти ҷумҳурӣ вобаста ба ташаккулёбии муносибатҳои бозории иқтисодиёт ва рушди муносибатҳои хориҷии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳот ниёз дошт. Ин ислоҳот аз охирҳои солҳои 90-уми асри гузашта сар карда шуда, то имрӯз низоми баҳисобгирии ватанӣ ба стандартҳои байналмиллалӣ мувофиқ кунонида шуд.

2.Харидорон, саҳмиядорон ва дорандагони дигар қоғазҳои қиматноки ширкат устувории молиявии ширкатро бештар аз рӯи коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ баҳо медиҳанд, чунки ин коэффисиент нишон медиҳад, ки дороиҳои ҷории ширкат бо кадом дараҷа метавонанд қарзҳои ҷории онро пӯшонанд.

3.Ҳангоми тағйирёбии сиёсати баҳисобгирӣ, баҳодиҳӣ ба намуди пулӣ гузаронида мешавад ва ин маълумот бояд дар ҳисоботи молиявӣ нишон дода шавад. Ҳамзамон маълумоти солҳои гузашта, дар ҳисобот нишон дода шуда, бояд аз рӯйи қоидаҳои нави қабулшуда аз нав ҳисоб карда шаванд. Ин барои муқоисаи маълумоти соли гузашта ва давраи ҳисоботӣ шароит фароҳам меорад.

**АДАБИЁТ**

1. Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазири молияти ҶТ аз 27.05. 2011 таҳти №42;
2. Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Каюмова Ф.А., Набиев Б.Ҳ. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Васоити таълимӣ. Душанбе, Ирфон, 2014, саҳ. 26.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011;
4. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011, № 41;

***Ғайбуллоева Д.А. - Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд***

## XBRL-ФОРМАТ ДАР НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ

Тамоюли рақамикунонии иқтисодиёти муосир тағйир додани тарзу усулҳоро дар пешбурди бизнес дарбар мегирад. Бо дарназардошти пурзӯршавии рақобат дар бозор, менеҷерони ташкилотҳо ба технологияҳои нав ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо таваҷҷӯҳ медиҳанд, ки дар натиҷа моҳият, мазмун ва имкониятҳои истифодаи технологияи блокчейн, зеҳни сунъӣ, омӯзиши мошинӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар айни замон масъалаи истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла, дар баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҷузъи марказии низоми идоракунии ҳар як объект мебошад, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Рушди иқтисодиёти рақамӣ такмили технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро тақозо мекунад, ки барои баҳисобгирии муҳосибӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳо тавассути кам кардани хароҷот, коҳиш додани таъсири омили инсонӣ ва суръатбахшии кор мусоидат мекунад.

Рушди бемайлони технологияҳои информатсионӣ талаб мекунад, ки раванди баҳисобгирии молиявӣ дар ташкилотҳо пурра автоматизатсия карда шавад. Автоматизатсияи

равандҳои ҳисобдорӣ самаранокии кори муҳосибро баланд мебардорад, инчунин дурустии инъикоси иттилоот ва назорати саривақтии онро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, автоматизатсия проблемаҳои эътимоднокии нигоҳдории иттилоот ва амнияти онро ба миён меорад, ки дар ин самт корҳои зиёдеро дар ташкилотҳо бояд анҷом дод [1].

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи истифодабарии технологияҳои информатсионӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва таҳияи ҳисоботҳо дар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст (расми 1).

| | |
|---|---|
| **1**. аз 1991 то 2000 сол | • Ҷадвалҳои электронӣ |
| **2**. аз 2001 то 2020 сол | • Барномаҳои махсус |
| **3**. аз 2021 то 2025 сол | • Низоми интегронии идоракунии ташкилот |
| **4**. аз 2026 то 2030 сол | • Технологияҳои абрӣ |
| **5**. аз 2031 -.... | • Зеҳни сунъӣ |

Расми 1. Марҳилаҳои автоматизатсияи низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чӣ тавре, ки дар расми 1 нишон дода шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи дуюми автоматизатсияи пешбурди баҳисобгирии молиявиро паси сар намуда гузариш ба марҳилаи сеюм, яъне низоми интегронии идоракунии ташкилот оғоз намудааст. То имрӯз истифодабарии барномаҳои автоматикии махсус дар пешбурди баҳисобгирӣ (бештар барномаи 1 С), фаъол гардидани таҳқиқоти илмӣ дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), ташаккул ва рушди таҷрибаи амалии муҳосибон доир ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ зери таҳқиқот қарор мегирифт. Имрӯзҳо аллакай олимони ватанӣ татбиқи натиҷаҳои омӯзиши худро дар пешбурди баҳисобгирии молиявӣ оғоз намуданд.

Ба андешаи мо, технологияҳои муосири пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дорои чунин норасогиҳо мебошанд:

- хавфи аз даст додан ва таҳрифи иттилооти молиявӣ;
- нопуррагӣ ва сифати пасти иттилооти молиявӣ;
- набудани имкони автоматикунонидашудаи ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ бо назардошти арзиши муваққатии пул;
- таваҷҷӯҳ ба эҳтиёҷоти усулҳои мавҷудаи баҳисобгирӣ;
- набудани ҳамгироӣ бо низомии байналмилалии ҳисобдорӣ.

Марҳилаи нави рушди автоматизатсияи низоми баҳисобгирӣ ин истифодабараи технологияҳои блокчейн, зеҳни сунъӣ, роботҳо ва монанди инҳо мебошад, ки проблемаҳои дар боло гуфташударо бартараф мекунанд.

Бо баробари рушди раванди автоматизатсияи низоми баҳисобгирии молиявӣ марҳилаҳои рушди форматҳои (шаклҳои) таҳияи ҳисоботҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Таҳаввулоти форматҳои (шаклҳои) таҳияи ҳисоботи молиявӣ, усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди он, танзим ва назорат посух ба чолишҳои суръати баланди рушди низоми молиявии давлат, иқтисодиёт, технологияҳои иттилоотӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеа мебошад. Тағйир додани шаклҳои ҳисоботдиҳӣ низ дар робита ба зарурати қонеъ гардонидани манфиатҳои тағйирёбандаи истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи он талаботи доимӣ мебошад. Таъмини дақиқ ва шаффофияти иттилооти баҳисобгирии молиявӣ барои истифодабарандагони беруна ва кам кардани хароҷоти омодасозии он барои мураттибон натиҷаи имконпазири гузариш ба формати ҳисоботи XBRL (EXtensible Business Reporting Language) мебошад, ки метавонад нуқтаи оғози давраи нави баҳисобгирии молиявӣ бошад.

Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди форматҳои таҳияи ҳисоботи молиявӣ

<table>
<tr><th>Марҳила</th><th>Солҳо</th><th>Форматҳо</th><th>Макони истифодабарӣ</th><th>Афзалият ва норасогӣ</th></tr>
<tr><td rowspan="3">1</td><td colspan="4">Барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва бизнес формати махсус нест</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1991-2000</td><td>Қоғазӣ (Word, Pdf)-Формати сохтори нест</td><td rowspan="2">Барои пешниҳоди ҳисобот ба мақомотҳо истифода мешавад</td><td rowspan="2">Барои гузаронидани таҳлил аз тарафи истифодабарандагон осон, аммо гузаронидани таҳлил дар низом мушкил</td></tr>
<tr><td>Формат дар асоси CSV (Excel)- барои сатр ба сатр тавсифи маълумоти ҷадвалбандии сохторӣ</td></tr>
<tr><td>2</td><td>2001-2020</td><td>Формат дар асоси стандарти EDIFACT- барои тавсифи сохтории маълумотҳо (забони аломатгузории васеъношаванда)</td><td>Барои таҳияи ҳисобот аз рӯи амалиётҳои байнибонкӣ (доду гирифти маълумот ба тариқи электронӣ)</td><td rowspan="2">Барои гузаронидани таҳлил аз тарафи истифодабарандагон мушкил, аммо гузаронидани таҳлил дар низом осон</td></tr>
<tr><td>3</td><td>2021-2025 (марҳилаи ҷоришавӣ) 2025-2030 (марҳилаи истифодабарӣ)</td><td>Формат дар асоси стандарти XML- барои тавсифи сохтории маълумотҳо (забони аломатгузории васеъношаванда)</td><td>Таҳияи ҳисобот барои мақомотҳо ба тариқи автоматикӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="4">4</td><td colspan="4">Барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва бизнес формати махсусӣ аст</td></tr>
<tr><td rowspan="3">2030 (пешгӯйӣ)</td><td>FpML - Формати аломатгузории инструментҳои молиявӣ</td><td>Барои иштироккунандагони бозорҳои молиявӣ пешбинӣ шудааст</td><td rowspan="3">Барои гузаронидани таҳлил аз тарафи истифодабарандагон дар низом бо воситаи барномаҳои махсус осон (асосан барномаҳои Rivet, IMetrix, Corefilling, Fujitsu, Simplex, Hitachi)</td></tr>
<tr><td>SDMX- Формати аломатгузории маълумотҳои оморӣ</td><td>Ба мақомотҳои давлатӣ бо мақсади ҷамъовароии маълумоти омории саҳеҳ пешбинӣ шудааси</td></tr>
<tr><td>XBRL- Формати аломатгузории маълумотҳои молиявӣ ва бизнес</td><td>Барои мақомотҳои танзимкунанда ва ташкилотҳои назораткунанда пешбинӣ шудааст</td></tr>
</table>

XBRL (EXtensible Reporting Business Language, аз забони англисӣ – забони васеъшавандаи ҳисоботи тиҷоратӣ) як стандарти байналмилалии ифшои гузориши тиҷоратӣ мебошад, ки ҳадафи он танзими табодули иттилооти тиҷоратӣ ва молиявӣ мебошад [5].

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар Аврупо ва ИМА таҷрибаи татбиқи бомуваффақияти XBRL 8-10 сол боз идома дорад. Дар кишварҳое, ки чунин формат барои истифода ҳатмӣ шудааст, дидан мумкин аст, ки ин бо иштироки мустақими юрисдиксияҳои миллии XBRL рух додааст, ки дар навбати худ дар зери чатри ассотсиатсияи глобалии XBRL International Inc мебошанд. Чунин амалияи ташкили созмонҳои ғайритиҷоратӣ барои ҷамъоварии дониш, усулҳои истифода ва паҳн кардани стандарти нав на танҳо дар кишварҳои G8, балки дар кишварҳои БРИКС (аз ҷумла, дар Бразилия, Чин ва Ҳиндустон) низ натиҷаҳои назарраси худро нишон додааст (ҷадвали 2).

Аз ҷадвали 2 маълум аст, ки дар аксарияти давлатҳо формати мазкур аллакай барои истифодабарӣ ҳатмӣ гардидааст. Инчунин бояд қайд кард, ки дар якчанд ташкилотҳои Руссия формати мазкур бинобар пешниҳод намудани ҳисоботҳо ба биржаҳои байналмилалӣ шакли истифодабарии ҳатмиро фаро гирифтааст [4].

Сабаби асосии зуд мутобиқшавии формати мазкур ин бартараф намудани проблемаи асосии ҳисоботи молиявӣ мебошад, дар ин ҷо сухан дар бораи бартарафшавии проблемаи сатҳи пасти иттилооти молиявӣ дар ҳисоботи молиявӣ меравад. Зеро афзалиятҳои асосии ин

формат барои бартарафкунии проблемаи мазкур нигаронида шудааст, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Мутобиқшавии XBRL-формат дар ҷаҳон [3]

| *Ҳолати мутобиқшавии XBRL-формат* | *Номи мамлакат ва минтақаҳо* |
|---|---|
| XBRL-формат барои истифодабарӣ ҳатмӣ аст | Бразилия, Канада, Чин, Фаронса, Олмон, Ҳиндустон, Индонезия, Италия, Ҷопон, Арабистони Саудӣ, Британияи Кабир, ИМА, Дания, Полша |
| Стандарт дар раванди таҳияшавӣ ё ҳамчун истифодабарӣ бо хоҳиши худ қарор дорад | Мексика, Аргентина, Руссия, Республикаи Африкаи Ҷанубӣ, Иттиҳоди Аврупо, Малайзия, Руминия, Тайланд, Тайванд, Швейцария |

Манбаъ: Кашкин И. XBRL – новый формат представления отчетности // Журнал “Актуальная бухгалтерия” №7-2013. С. 98-100. / https://media.garantexpress.ru/content/Free/AB/2013/05/ab.pdf

Бо дарназардошти афзалиятҳое, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст, мо дар он ақидаем, ки ҷорӣ намудани XBRL-формат дар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати ҳисоботҳои молиявӣ, роҳ надодан ба таҳрифи нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Ҷадвали 3. Афзалиятҳои XBRL- формат дар таҳияи ҳисоботи молиявӣ [2]

| *№* | *Афзалиятҳо* | *Шарҳ* |
|---|---|---|
| 1 | Сифати маълумот | - бартарафшавии дубора сабтшавии маълумотҳои ҳисобот бо роҳи ҷорӣ намудани низоми ягонаи ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисобот дар асоси СБҲМ;<br>- баландшавии саҳеҳии маълумотҳои ҳисобот бо роҳи унификатсияшавӣ ва автоматизатсияи раванди баҳисобгирӣ. |
| 2 | Баландшавии самаранокии менеҷменти амалиётӣ, молиявӣ ва инвеститсонӣ | - баландшавии суръати дастрасшавии маълумот. |
| 3 | Суръати мубодилаи маълумот | - чандирии шакли ҳисобот;<br>- формати ягона. |
| 4 | Интегратсияи байналмилалӣ | - унификатсияи мубодилаи маълумотҳои электронии байни мақомотӣ ва байналмилалӣ |
| 5 | Пастшавии арзиши вазнинии таҳияи ҳисобот | - унификатсияи услуби технологӣ ва форматҳо;<br>- баландшавии мутобиқатии форматҳои гуногуни низомҳо;<br>- оптимизатсияи таҳлили маълумотҳо;<br>- интегратсияи баҳисобгирӣ ва ҳисобот. |
| 6 | Баландшавии шаффофият ва кушодашавии маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ | - баландшавии дараҷаи таҳлил;<br>- дода тавонистани истинодҳо ба талаботҳои қонунгузориҳо ва шарҳҳо;<br>- бизнес-қоидаҳо, формулаҳо ва алоқамандиҳо |
| 7 | Аутсорсинг | - ягонагии услубҳо дар асоси XBRL дар ҳолати корхона калон набудан ҷалби муттахассисонро имкония медиҳад |
| 8 | Васеъшавӣ | - ба ғайр аз стандартҳои дар таксиноми мавҷуд буда имконият дохил намудани стандартҳои иловагӣ вобаста ба соҳа ва сатҳи бизнес имконпазир аст |

Манбаъ: Булыга, Р.П. XBRL как цифровой формат отчетности экономических субъектов: международный опыт и российская практика / Р.П. Булыга, И.В. Сафонова // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Т. 7. – № 3. – С. 6-17. – DOI 10.26794/2408-9303-2020-7-3-6-17.

Ба андешаи мо, барои ҷорӣ намудани формати мазкур гузаронидани чунин чорабиниҳо зарур аст:

1) ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ бо танзимкунандагони хориҷӣ;

2) муқаррар намудани муносибатҳо бо ҷамъиятҳои касбӣ;

3) ташкили муносибатҳои доимоамалкунанда байни мақомотҳо;

4) таҳия ва ҷорӣ намудани барнома доир ба мавзӯи XBRL дар муассисаҳои олии касбӣ;

5) таҳия намудани нақшаи ягонаи ҳисобҳо мутобиқи СБҲМ ва стандартҳои соҳавӣ;

6) унификатсияи талаботҳо ба назорат ва ҳисоботҳои оморӣ вобаста ба талаботҳои СБҲМ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем хулоса барорем, ки тамоюли асосии таҳаввулоти ҳисоботи молиявӣ, усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди онҳо дар марҳилаи кунунӣ гузариш ба формати байналмилалии ифшои ҳисоботи молиявии тиҷоратӣ XBRL мебошад. Дар оянда XBRL як лаҳзаи калидӣ дар татбиқи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ – платформаи ягонаи табодули иттилооти тиҷоратӣ хоҳад шуд. Формати XBRL сифати ҳисоботи молиявиро ба сатҳи нав мебарорад ва ба стандартизатсия ва муттаҳидсозии форматҳои ҳисобот дар миқёси байналмилалӣ мусоидат мекунад, ки ба шарофати он ҷолибияти сармоягузории ташкилотҳо ҳам барои сармоягузорони миллӣ ва ҳам байналмилалӣ меафзояд ва ба истифодабарандагони хориҷӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисоботҳо самараноктар ба роҳ монда шавад.

Дар умум дастгирии иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ин ягонагии глобалии баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва ташкилӣ мебошад, ки тавассути ҷараёнҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар ҳама ҷо, дар саросари ҷаҳон муттаҳид шудааст. Таъсири шароити объективии иқтисодии марҳилаи кунунии рушди соҳибкорӣ аз нав дида баромадани заминаи меъёрии ҳуқуқиеро тақозо мекунад, ки тартиби баҳисобгирии молиявӣ ва таҳияи ҳисоботҳои молиявиро дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотиро танзим мекунад. Ин ба рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, таҳлил ва менеҷмент такони нав бахшида, дар натиҷа самаранокии фаъолияти идоракунӣ, сифат ва асоснокии қарорҳои идоракунӣ афзоиш меёбад ва дар навбати худ имкониятҳои нав барои субъектҳои соҳибкорӣ барои рушд ва муайян намудани мавқеъ худ дар бозори ҷаҳонӣ медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Бобоев М.У. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ / М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – № 1(44). – С. 125-135.
2. Булыга Р.П., Сафонова И.В. XBRL как цифровой формат отчетности экономических субъектов: международный опыт и российская практика / Р.П. Булыга, И.В. Сафонова // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Т. 7. – № 3. – С. 6-17. – DOI 10.26794/2408-9303-2020-7-3-6-17.
3. Кашкин И. XBRL – новый формат представления отчетности // Журнал “Актуальная бухгалтерия” №7-2013. С. 98-100. / https://media.garantexpress.ru/content/Free/AB/2013/05/ab.pdf
4. Лялькова Е.Е. Международный и российский опыт использования формата XBRL / Е.Е. Лялькова // Экономические науки. – 2020. – № 182. – С. 137-143. – DOI 10.14451/1.182.137.
5. Халитова Альбина Закарьяновна, Растегаева Фания Саитовна XBRL – как новый формат цифровой отчетности экономических субъектов // Современные технологии управления. 2020. №3 (93). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/xbrl-kak-novyy-format-tsifrovoy-otchetnosti-ekonomicheskih-subektov (дата обращения: 15.03.2022).



***Назаров М.Х. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## НАҚШИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРИИ КОРХОНА

Ҳадафҳои ташкили хадамоти аудити дохилӣ дар корхона инҳо мебошанд [6, с. 88]:

- ба ҷо овардани фаъолияти ботартиб ва босамараи корхона бо дарбаргирии даромаднокӣ ва ҳимоя аз зарарҳо;
- таъмин намудани риоягардии сиёсати пешгирифтаи роҳбарият аз ҷониби ҳар як корманди корхона;
- таъмини ҳифзи амволи корхона;
- нигоҳдории муносибатҳои некбинона бо мақомоти танзимкунанда.

Муносибатҳои бозории дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдоршуда пеш аз ҳама мустақилияти иқтисодии корхонаҳоро ифода менамоянд. Мустақилияти як субъекти хоҷагидорӣ ҳамзамон мустақилияти дигар субъектҳои хоҷагидориро ҳамроҳӣ намуда, корхонаҳо имкон пайдо менамоянд, ки маҳсулоти ҳамдигарро озодона харидорӣ намоянд, ба дигар корхонаҳо маҳсулот ва хизматрасониҳои худро пешкаш намоянд, ба молу маҳсулот ва хизматрасониҳои худ нархҳои муносибро гузоранд, шароитҳои худии додугирфтҳоро муқаррар менамоянд. Дар ин маврид, ҳама иштирокчиёни бозор, ки дар муносибатҳои хоҷагидорӣ баромад менамоянд, ба он рағбат доранд, ки пеш аз ҳама манфиатҳои иқтисодии худро ба эътибор гиранд, фоидаи худро афзӯн кунанд, ки ин барои корхонаҳои дигар метавонад боиси зарарҳо гардад.

Аз гуфтаҳои боло қоидаи муҳими муносибати соҳибкорон бармеояд: хавф ногузир аст, аз хавф гурехта намешавад, вайро бояд пешбинӣ намуд, ҷаҳд бояд кард, ки ин хавф ба сатҳи пасттарин расонида шавад. Барои ин зарур аст, ки назорати доимӣ, таъсирбахш ва саривақтии фаъолияти кормандони корхона, муҳосибот ва ҳисоботи молиявӣ ва умуман ҳама намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва воҳидҳои сохтории корхона ба ҷо оварда шавад.

Назорат – ин раванди муайянкунии сифат ва тащриркунии аз ыониби зертобеъон иҷро гардидани корҳо ба хотири таъмин намудани иҷроиши масъалаҳои дар назди корхна гузошташуда мебошад. Мақсади назорат - ошкоркунии ҷойҳои суст ва қарорҳои хато, саривақт ислоҳкунии онҳо ва роҳ надодан ба такроршавии онҳо мебошад. Ҳама маводҳо ва амалҳои кормандони корхона назрат карда мешаванд. Назорат имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолият муайян карда шавад, тадбирҳои зарурӣ барои таъмин намудани иҷроиши супришҳо андешида шаванд. Ҳангоми пешбурди назорат бояд донист, ки дар корхона кӣ барои тамоилоти нишондиҳандаҳо аз қиматҳои меърӣ масъулият мебарад.

Назорати фаъолият аз ҷониби одамон – кормандони корхона ба ҷо оварда мешавад. Барои донистани он ки бари нигоҳдории сарватҳои моддӣ ва пулӣ, нигҳдории нҳо, харҷкунӣ, баҳисобгирӣ ва барӯйхатгир, нигориши хуҷҷатии кӣ масъулият мебарад, мебояд ки рӯшанӣ дар нисбати тақсимкунии масъулиятҳо дар доираи тамоми корхона мавҷуд бошад [7, с. 87].

Шарти зарурии пешакии самаранокии назорат ин дар корхона мавҷуд будани сохтори ташкилӣ мебошад, ки аз таъсис додан дар дастгоҳи идоракунии корхона хадамоти аудити дохилӣ замина мегирад. Ба вазифаҳои аудити дохилӣ бунёд намудани низоми назорати дохилии барои иҷро намудани салоҳиятҳо, ҳуқуқ ва масъулиятҳои мақомоти идоракунӣ ва шахсони мансабдор, инчунин низоми дақиқи масъулияти иқтисодии шахсони мансабдор ва мутахассисони корхона дохил мешавад.

Аудити дохилӣ дар корхона вазифаи муҳими идоракуниро ифода менамояд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили молиявӣ ва назорати молиявӣ, мқоиса намудан ва баҳодиҳии натиҷаҳои воқеан бадастомадаро аз мақсадҳои гузошташуда ва вазифаҳои корхонаро фаро мегирад. Аудити дохилӣ мунтазамона фаъолияти ҳама объектҳои идоракуниро назорат мекунад, сабабҳои қафомониҳоро аз стандартҳо, тамоилотро аз ҳадафҳои дар назди объекти назоратшаванда гузоштшуда ошкор менамояд, ки ин ба фаврияти бартарафсозии қоидавайронкуниҳои ошкоргардида меоварад. Ташкили аудити дохилӣ чун вазифаи идоракунии корхона танзимкунии қатъии фаъолияти худ, муайянкунии ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва масъулияти мутахассисон, талаботҳои касбӣ / муносибатҳои байниҳамдигарии воҳидҳои сохторӣ ва кормандони корхонаро дар назар дорад.

Кори хадамоти аудити дохилӣ дар корхонаи муосир тибқи гнақшаҳои кории фардӣ ва тақвимӣ ташкил карда мешавад, ки роҳбари корхона онҳоро тасдиқ менамояд. Дар анҷоми ҳамагуна намудҳои корҳо аудитори дохилӣ ба роҳбарияти корхона ҳисобот пешниҳод менамояд, ки вай имкон медиҳад, то диққати роҳбарият ба камбудиҳои ошкоршуда ва норасогиҳои рухдиҳиашон эҳтимолӣ ҷалб карда шавад. Кор он гаҳе иҷрогардида ҳисобида мешавад, ки ҳама масъалаҳои дар ҳисоботҳои аудиторҳои дохилӣ гузоштшуда аз ҷониби роҳбарияти корхона баррасӣ гардида шаванд ва оид ба қабули қарорҳои идоракунӣ аз пешниҳодҳои аудиторон ба нашр расонида шаванд.

Муваффақияти санҷиши аудиторӣ бо мавҷудияти тавсия ва пешниҳодҳо оид ба мушкилоти мавҷуда ва оянда баҳодиҳӣ карда мешавад, нишондиҳандаҳои сифати аудити дохилӣ бошанд, ин пуррагӣ, масрафҳои кам барои гузаронидани аудит ва самаранокии он ба ҳисоб мераванд. Самаранокии иқтисодии аудити дохилӣ аз ҳисоби пешгирикунӣ ва огоҳсозии қоидавайронкуниҳо, саривақт даровардани ислоҳот ва таҳриркуниҳо ба ҳисобкуниҳои андозӣ, корбурди имтиёзҳои андозбандӣ, сиёсати баҳисобгирии беҳтарин, ба таври назаррас камшавии таҳримҳои андозӣ ноил мегардад.

Аудити дохилӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт аз аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ фарқ менамояд.

Аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ба тақсимкунандахои асосӣ, тақсимкунандаҳо ва маблаггирандагони буҷети давлатӣ дар иҷрои босамара ва натиҷабахши вазифаҳои худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои зерин мусоидат мекунад [4]:

1) Ошкор намудан ва баҳодиҳии таваккал дар ташкилотҳои бахши давлатӣ;

2) Баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорат аз нуқтаи назари:

- ҳаммонандкунй, баҳодиҳй ва идоракунии таваккал аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатй;

- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;

- боэътимод ва ҳаматарафа будани иттилооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ;

- нафънокӣ, босамарагӣ ва сарфакорӣ;

- таъмини ҳифз ва нигоҳдории дороиҳо ва ҳуҷҷатҳо;

- иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда.

3) Таҳияи намудани тавсияҳо оид ба такмили фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин анҷом додани мушоҳидаи иҷрои мувофиқи онҳо.

Хадамоти аудити дохилӣ чун як воситаи ба ҷо овардани назорати босамарии фаъолияти воҳидҳои сохтории корхонаҳои муосири тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҷо овардани аудити дохилӣ вай барои роҳбарият ва соҳибмулкони субъекти хоҷагидорӣ аҳамияти муҳими иттилоотӣ ва машваратӣ дорад, чунки вай ба хубгардонии фаъолияти корхона ва иҷрокунии уҳдадориҳо аз ҷониби роҳбарияти корхона мусоидат менамояд.

Эҳтиёҷ барои ташкили хадамоти аудити дохилӣ асосан дар корхонаҳои бузург аз сабабе пайдо мешавад, ки роҳбарияти баланди ин гуна корхонаҳо барои ба ҷо овардани назорати ҳамарӯзаи фаъолияти корхона ва хадамоти поёнии идоракунӣ машғул намешавад. Аудити дохилӣ дар бораи ингуна фаъолият ахбор пайдо карда, саҳеҳии ҳисоботҳои тартибдодаи менеҷерҳоро тасдиқ менамояд. Аудити дохилӣ асосан барои пешгирикунии талафёбии сарватҳо ва даровардани тағйироти лозимӣ дар дохили корхона зарур аст.

Ташкилкунӣ, аҳамият ва вазифаҳои аудити дохилӣ аз ҷониби маъмурият ва соҳибмулкони корхона бо баинорбатгирии чунин ҷиҳатҳо муайян карда мешаванд [1, с. 158]:

- муҳтаво ва хусусиятҳои фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ;

- ҳаҷмҳои нишондиҳандаҳои молиявӣ-хоҷагидории фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ;

- низоми идоракунии қабулшудаи субъекти хоҷагидорӣ;

- вазъи назорати дохилӣ дар субъекти хоҷагидорӣ.

Вазифаҳои аудити дохилиро хадамоти махсус ё аудиторҳои алоҳида дар ҳайати кормандони субъекти хоҷагидорӣ, комиссияҳои тафтишотӣ (ревизорҳо), ширкатҳои аудиторӣ ё аудиторҳои берунии даъватшуда иҷро менамоянд.

Тибқи қонунгузорӣ дар ҷамъиятҳои дрои масъулияти маҳдуди зиёда аз понздаҳ иштирокчӣ (муассис) дошта таъсис додани комиссияи тафтишотӣ (таъин намудани ревизор) ҳатмӣ мебошад. Вазифаҳои комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро аудитори мустақили таъинкардаи ҷалласаи умумии муассисони ҷамъият, ки бо шахси пешбарандаи вазифаҳои мақоми иҷроияи яккасардории ҷамъият, аъзоёни мақоми иҷроияи дастаҷамъии ҷамъият ва иштирокчиёни ҷамъият муносибатҳои амволӣ надорад, метавонад ба ҷо орад. Ба кор ҷалб намудани аудитор барои санҷиш ва тасдиқ намудани

дурустии ҳисоботи молиявии солонаи ширкат дар мавридҳои бо қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳатмӣ мебошад [3].

Барои ба ҷо овардани назорати фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ҷамъияти саҳомӣ аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмиядорон комиссияи тафтишотӣ (ревизор) интихоб карда мешавад. Тартиби фаъолияти комиссияи тафтишотӣ (ревизор) бо санадҳои дохилии ҷамъият муайян карда мешавад [5].

Ревизияи (тафтишоти) фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ҷамъияти саҳомӣ вобаста ба натиҷаи фаъолияти солонаи ҷамъият, инчунин дар ҳар замони дигар бо ташаббуси комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъият, қарори маҷлиси умумии саҳмиядорон, шӯрои директорон (шӯрои нозирон)-и ҷамъият ё бо ташаббуси саҳомони дар маҷмӯъ дорандаи на кам аз 10%-и саҳмияҳои дорои овози ҷамъият иҷро карда мешавад.

Бо дархости комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъияти саҳомӣ шахсони ишғолкунандаи мансабҳо дар мақомоти идоракунии ҷамъият уҳдадоранд, ки ҳуҷҷатҳоро оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ҷамъияти саҳомӣ пешниҳод намоянд.

Аъзои комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъияти саҳомӣ наметавонад ҳамзамон аъзои шӯрои директорон (шӯрои нозирон)-и ҷамъият бошад, инчунин вай наметавонад дигар мансабҳоро дар мақомоти идоракунии ҷамъият ишғол намояд.

Аз натиҷаи санҷиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ҷамъияти саҳомӣ комиссияи тафтишотӣ (ревизор) хулосаи аудиторӣ тартиб медиҳад.

Фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ дар тобеияти сармуҳосиб ё директори молиявии ширкат қарор дорад, вале вазифаҳои аудити дохилӣ васеътар буда, метавонанд аз доираи тобеияти муҳосибот ва бахши молияи корхона бароянд.

Аудити дохилӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад [2, с. 20]:

- ба ҷо овардани санҷиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, гузаронидани мониторинг ва таҳия намудани пешниҳоду тавсияҳо барои хубгардонии онҳо;
- аз санҷиш гузаронидани ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаврӣ, бо шумори экспертизаи воситаҳо ва тарзҳои барои ҳамтокунӣ, баҳодиҳӣ, таснифоти чунин ахбор истифодашаванда ва дар асоси он тартиб додани ҳисобот, инчунин омӯзиши тахассусии моддаҳои алоҳидаи ҳисобот, аз ҷумла санҷишҳои муфассали амалиёти хоҷагидорӣ, бақияҳои ҳисобҳои муҳосибӣ;
- гузаронидани санҷиши риоягардии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҳамчунин талаботи сиёсати баҳисобгирӣ, низомномаҳо, қарорҳо ва дастурҳои роҳбарият ва соҳибмулкон;
- санҷиши фаъолияти бахшҳои гуногуни низоми идоракунӣ;
- баҳодиҳии самаранокии хадамоти назорати дохилӣ, омӯзиш ва баҳодиҳии санҷишҳои назоратӣ дар филиалҳо ва воҳидҳои сохтории субъекти хоҷагидорӣ;
- санҷиши мавҷудият, вазъ ва таъмини ҳифзи амволи субъекти хоҷагидорӣ;
- баҳодиҳии маҳсулоти программавии (компютерии) истифодамебурдаи субъекти хоҷагидорӣ;
- тафтишоти махсуси ҳолатҳои алоҳида, масалан, гумони суйиистеъмол;
- таҳия намудан ва пешниҳод кардани таклифҳо оид ба бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ва тавсиядиҳӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ.

Ахбори тайёркардаи хадамоти аудити дохилиро истифода бурда, роҳбарияти корхона метавонад ба таври фаврӣ ва саривақт тағиротҳоро дар дохили корхона иҷро намояд. Воқеияти аудити дохилӣ бо дараҷаи мустақилияти вай дар сохтори идоракунии субъекти хоҷагидорӣ таъмин мегардад. Вай фақат ба роҳбарият ё соҳибмулк, ки вайро таъин намудааст, тобеъ буда, ба вай ҳисобот медиҳад ва аз роҳбарияти филиалҳо, воҳидҳои сохторӣ, мақомоти назорати дохилии санҷидашаванда вобаста нест.

**АДАБИЁТ**

1. Богатая И.Н., Лабынцев Н.Т., Хахонова Н.Н. Внутренний контроль и аудит: Учебное пособие - М.: ОАО «Московские учебники» - Ростов н/Д: Феникс, 2008. - 475 с.

2. Бурцев В.В. Общие аспекты организации внутреннего аудита на предприятии и основные требования к деятельности внутренних аудиторов. // Аудитор. -1998. - №11
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд”
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Давр бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ”
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”
6. Мерзликина Е.М., Никольская Ю.П. Система внутреннего контроля- М.: ИНФРА-М, 2008. -368 с.
7. Сусин В.К. Контроль и ревизия: учеб. пособие / В. К. Сусин, В. П. Шегурова, О. В. Шибилева. – Саранск, 2010. – 220 с.

***Оев А.Д. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## РУШДИ АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ва ниёзҳои нав ба миён омаданд, ки боиси пайдоиши ихтисосҳои нав ва фанҳои нави назариявӣ ва амалия, аз ҷумла аудит ва санҷишҳои аудиторӣ гардиданд.

Дар шароити муосир, дар ҳоле ки ба роҳ мондани робитаҳои иқтисодии байни корхонаву ташкилотҳо аксар вақт аз набудани боварии шарикон нисбати ҳисоботҳои молиявӣ ба якдигар халал мерасонанд, ниёз ба иттилооти боэътимод, махсусан баёни ақидаи беғараз, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни низоми иқтисодӣ, новобаста аз шакли моликият, манфиатдоранд диди тозаеро ба худ касб намуд. Ҳамин тариқ, зарурати фаврии назорати мустақили тамоми сохторҳои тиҷоратӣ, яъне санҷишҳои аудиторӣ ба миён омад.

Таърихи пайдоиши аудит дар Тоҷикистон бевосита ба пайдоиши аудит дар Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд аст. Гарчанде, он дар замони Шӯравӣ ҳамчун шакли мустақили назорати молиявӣ сирфан ташаккул наёфт, метавон гуфт, ки бозори хизматрасонии он охирҳои солҳои 80-ум асри гузашта бо таъсисёбии аввалин ширкати аудиторӣ дар соли 1987 бо номи “Инаудит” ба миён омада [1, с. 21]. Ҳадафи фаъолияти он бо ташкилкунии филиалҳои хизматрасонӣ дар ҳар мамлакати собиқ, ин аз гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ ва хизматрасониҳои ба он марбут, иборат буд.

Бо гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ дар ҳаёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аудит ҳамчун падидаи нав рӯи кор омада то ба расмият шинохтани он характери ташаббусиро доро буд, яъне аз ҷониби муттахассисони соҳаи ҳисобдорӣ бо доштани таҷрибаи касбӣ чунин фаъолият роҳандозӣ мешуд. Ин аст, ки аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ нахустин ширкати аудитории ватанӣ бо номи Фарас (1992-1998) ба фаъолият шурӯъ намуда, баъзе аз намудҳои хизматрасониҳои аудиториро иҷро мекард.

Масъалаҳои фароҳамории асосҳои институтсионалии фаъолияти аудиториро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 ба миён гузошта, сараввал Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 21-уми майи соли 1998 таҳти №601 қабул карда шуд, ки аз ин баъд фаъолияти аудиториро он расман эътироф ва танзими онро ба уҳда гирифт. Вобаста аз низоми танзими фаъолияти аудиторӣ дар сатҳи байналмилалӣ ду модел амал менамояд: намунае, ки ба *танзими давлатӣ* асос ёфтааст ва намунае, ки ба *худтанзимкунӣ* аз ҷониби ассотсиатсияҳои касбии ширкатҳои аудиторӣ ва ё аудиторони инфиродӣ асос ёфтааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар ибтидо ва то коркарду таҷдиди қонуни соҳа дар навбати дуюм (моҳи марти 2006) модели худтанзимкунии фаъолияти аудиторӣ дар мамлакати мо амал мекард ва баъдан гузариш ба модели дигар, яъне танзими давлатӣ бо муқаррар намудани мақоми ваколатдори соҳа фаъолияти аудиторӣ ба низом дароварда мешвад.

Марҳилаҳои барҷастаи ташаккули аудити Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди муайяни гузариш, ҳамгироии онро ба таҷрибаи байналмилалии рушди аудиторӣ тавсиф мекунанд. Дар маҷмӯъ барои фарқ кардан, се марҳилаи таърихии рушд пазируфта шудааст: аудити тасдиқкунанда, аудити ба низом нигаронидашуда ва аудити ба хавф асосёфта[1, с. 16].

Муссаллам аст, ки ташаккули аудити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи охирин рост меояд. Аммо, бояд эътироф кард, ки низоми танзими давлатии фаъолияти аудиторӣ наметавонад ба тavri худкор фаҳмиши мувофиқи мақсад ва усулҳои аудитро таъмин кунад, аз ин рӯ, ҳангоми тавсиф кардани марҳилаҳо, пайгирии динамикаи онҳо муҳим аст (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди аудит ва қабули қонунгузорӣ соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Давра | Марҳила | Дарки ҳадафи аудит ва истифодаи усулҳои аудит |
|---|---|---|
| **I марҳила** (1992 то 1997) **давраи таърихӣ** | Таъсиси аввалин ташкилотҳои аудитории шаклҳои гуногун моликият ва бо иштироки давлат. Камбуди заминаи меъёрӣ ва стандартҳои аудит. | Афзалияти ҳадафҳои назорати молиявӣ. Истифодаи усулҳои аудити комплексӣ ва назорати молиявии ҳуҷҷатӣ. |
| **II марҳила-** (майи соли 1998 то марти соли 2006)- **ташаккули аудити касбӣ** | Ташаккули аудит ҳамчун фаъолияти касбӣ. Барасмиятдарории заминаи меъёрӣ. Қабули аввалин қонун “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” таҳти №601. Таъсиси ташкилотҳои касбии ҷамъиятӣ. Эътирофи стандартҳои миллии аудит. | Гузариш ба СБҲМ, ташкили марказҳои таълимӣ- методӣ, эътирофи бозори хизматрасонии аудиторӣ, мавриди аудити ҳатми қарор гирифтани ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғуртавӣ вғ. |
| **III марҳила-** (марти соли 2006 то июли соли 2013)- **татбиқи модели танзими давлатӣ** | Қабули қонун “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” таҳти №170. Муайян кардани нақши ташкилотҳои касбии аудиторӣ. | Ташкили ширкатҳои аудиторӣ ва пазирӯфтани ширкатҳои хориҷӣ. Стандартикунонии ҳисоботҳои молиявии корхонаву ташкилотҳо |
| **IV марҳила-** (июли 2013 то ин ҷониб) **татбиқи модели қатъии танзими давлатӣ** | Қабули қонун “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” таҳти №993. Эътирофи расмии стандартҳои байналмилалии аудит. Муайян кардани рисолат ва аҳамияти ичтимоии аудит. | Такмил додани стандартҳои байналмилалӣ ва миллии аудит.Роҳандозии усулҳо ва расмиёти аудит барои муайян ва арзёбии хавфи аудиторӣ |

***Сарчашма:*** коркарди муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” (солҳои 1998 таҳти №601, 2006 таҳти №170 ва 2013 таҳти №993)

Чуноне дар ҷадвал аён аст, аудитро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи инкишоф ба чор марҳила гуруҳбандӣ намудаем, ки онҳо ҳадаф ва усулҳои хоси худро доро мебошанд. Бар замми ин новобаста аз давраи инкишоф раванди ташкили асосҳои институтсионалӣ ва таъсиси муассисаи аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба якчанд марҳилаҳо ва унсурҳои асосии пайдарпай ва ба ҳам алоқаманд тақсим кард:

• пайдоиши талаботи объективии аудит ҳамчун шакли мустақили назорати молиявӣ;

• таълими мутахассисон дар соҳаи ҳисобдорӣ ва аудит (дар сатҳи донишгоҳҳои олӣ, ташкилотҳои касбӣ ва худомӯзӣ);

• қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" ва тағироти марҳила ба он;

• ташкили марказҳои омузишӣ ба монандӣ ИҶМАКҶТ;

• қабули Кодекси ахлоқи касбии аудиторон;

• қабули стандартҳо;

• муқаррар намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оиди фаъолияти аудиторӣ;

• таъмини иҷозатнома ва шаҳодатномаи аудиторӣ ба аудиторон ва ташкилотҳои аудиторӣ;

• ташкили Коллегияи аудиторони Тоҷикистон;

• қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ”;

• қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи аудити экологӣ”;

• таъсиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар тӯли зиёда аз 20 соли ташаккул, аудит дар Тоҷикистон касби нави мустақил, як намуди фаъолияти соҳибкорӣ гаштааст ва нишонаҳои равшани як муассисаи алоҳидаи

иқтисоди бозаргониро ба даст овардааст. Таъсиси ҳар як муассиса ба маънои умумӣ (аз ҷумла муассисаи аудит) таҳкими меъёрҳо ва расму оинҳоро дар шакли қонунҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо пешбинӣ мекунад. Мувофиқи ақидаи олими рус В.В. Панков, ки яке аз аввалинҳо шуда мушкилоти ташаккули назарияи институтсионалии баҳисобгириро баррасӣ кардааст, «муассисаи аудит”-ро ҳамчун маҷмӯи мафҳумҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои фундаменталӣ баррасӣ кардан лозим аст, ки мазмуни асосии фаъолияти аудиториро муайян мекунанд [2]. Бо ҷонибдорӣ ба андешаи олими рус мо муассисаи аудитро чунин баён менамоем: “Муассисаи аудит - ин маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ки заминаи ҳамкории ҷонибҳои манфиатдорро дар самти татбиқи фаъолияти аудит муайян мекунанд”. Қоидаи мазкур ба мо имкон медиҳанд тасдиқ намоем, ки муассисаи аудит бояд дар се самт баррасӣ карда шавад (расми 1):




Расми 1. Низоми танзими аудит дар мисоли муассиса

Сарчашма: аз муаллиф

1) аудит ҳамчун илм;

2) аудит ҳамчун фаъолияти касбӣ;

3) аудит ҳамчун самти тайёр кардани мутахассисон;

Нақши институти аудит ҷиҳати коркард, омодакунӣ ва пешниҳоди махфумҳо, қоидаҳо, қонунҳо, стандартҳову меъёрҳо ва тавсияҳо мақоми хосаро касб намуда, он мавқеи худро ҳачун илм, касб ва самти омодакунии муттахассисони соҳа дар маҷмуи институти аудит ифодагар аст.

Аз натиҷаи омӯзишу таҳлилҳои гузаронидашуда метавон хулоса намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол имрӯзҳо барои рушду нумӯ ёфтани фаъолиятҳои наву замонавӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба монанди санҷишҳои аудиторӣ ҷонибдорӣ намуда, ҳамаҷониба фароҳам овардани асосҳои институтсионалии мувофиқу муносиби фаъолиятро барои истифодабарандагони низоми иқтисодӣ дар мадди аввал қарор медиҳад. Истифодаи оқилонаву дурусти меъёрҳои аснодӣ таъмини сифатнокӣ ва самаранокии дилхоҳ фаъолиятро ҳифз менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Низомов С.Ф. Аудит ва ибрози эътимод. С.Ф. Низомов ва дигарон. Китоби дарсӣ. Мега-принт-Душанбе 2020. С.364
2. Оев А.Д. Фаъолияти аудитори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - мушкилоти ҷойдошта ва имкониятҳои рушд.Маҷалаи молия ва ҳисобдории Вазорати молияи ҶТ. Душанбе 2021. С.41

3. Панков В.В. Институциональный подход и теория учета // Бухгалтерскый учет. Текст научной статьи по специальности *«Экономика и бизнес»*, - 2008. - №1
4. Тоҳирова Р.С. Аудит. Р.С. Тоҳирова. Китоби дарсӣ. Ирфон- Душанбе 2017. – 582 с.

***Раҷабов С.Р., Қурбонов С., Қурбонов Т. -***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ МУВОФИҚИ СБҲМ ДАР КОРХОНАҲО

Нақшаи ҳисобҳо тибқи меъёрҳои байналхалқи ҳисоботи молиявӣ барои таъмин ахбори пурраи ҳисобгирии молиявӣ ва фаъолияти хочагидорию молиявии субъектҳо пешниҳод карда шудааст.

Нақшаи ҳисобҳои ҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ ба формулаи сохтори ҳисобҳои ростхатта мансуб мебошад. Умуман сохтори ҳисобҳо якчанд намуд доранд. Аз ҳамма намудҳои паҳнгардида ин нақшаи матрисавӣ ва ростхаттае мебошанд, ки дар ҷадвал дида мебароем. Вале нақшаи ҳисобҳои ростхатта хеле машҳур буда дар бидуни давлатҳои Аврипою, ИМА, Шарк истифода мебурдан, ки дар ҷадвали зерин дидан мумкин: (ниг. ба ҷалвали 1.)

Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ташкили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, дуруст ба роҳ мондану ба ҳуҷҷатгирии ахбор ва коркарди ахбори ҳисобгирӣ аҳамияти аввалиндараҷаро дорад. Бо ёрии нақшаи ҳисобҳо дар субъектҳои хоҷагидори корҳои зерин иҷро карда мешавад:

1. Коркарди мунтазами ахбор, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасткунии он фоидаи фаъолияти молиявию хоҷагӣдории корхона;
2. Истифодаи метадологияи ягона дар хоҷагии халки ҷумҳурӣ;
3. Ҷамъбасткунӣ ва ташкили назорати нишондиҳандаҳои фаолияти хоҷагидорӣ дар асосӣ истифодаи усулҳои пешкадам ва шаклҳои маъмули ташкили ҳисобгирӣ дар мамлакат;
4. Гирифтани ахборот барои саҳмгузорону маблағгузорон оиди ҳолати дороиҳо, ӯҳдадориҳо, сармояи худӣ, даромаду хароҷотҳои корхона;
5. ташкили забони ягонаи байналмилалӣ оиди тартибу низоми ҳисоботи молиявӣ ва нишондиҳандаҳои он [1, с. 187].

Бо пешниҳоди Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.01. 2004 сар карда, новобаста ба шакли моликият ҳар субъекти хоҷагидорӣ бо хоҳиши худ метавонад ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар асосӣ нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ ташкил кунад.

Гузариш ба нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ тибқи СБҲМ ҳар як субъекти хоҷагидорӣ дар асосӣ графики тасдиқ кардаи Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад.

Нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ аз 6 боб иборат мебошад :

Боби 1. Дороиҳо (10 100 – 11 840).
Боби 2. Ӯҳдадориҳо (22 000 – 22 800).
Боби 3. Сармояи хусусӣ (33 000 – 33 900).
Боби 4. Даромадҳои амалиётӣ (44 000 – 44 130).
Боби 5. Хароҷотҳои амалиётӣ (55 000 – 55 600).
Боби 6. Даромад ва хароҷотҳо аз фаъолияти ғайри амалиётӣ (66 000 – 6).

**Ҷадвали 1. Номи ҳисобҳои ҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ**

| № п/п | Номи ҳисобҳои ҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ | Ҳисоби асосӣ | Зерҳисоб |
|---|---|---|---|
| | **Дороиҳои гардон** | | |
| **1.** | Воситаҳои пули дар хазина | 10100 | 110-140 |
| **2.** | Воситаҳои пули дар бонк буда | 10200 | 220-240 |
| **3.** | Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат | 10300 | 310-400 |
| **4.** | Ҳисобҳо барои қабул кардан | 10400 | 410-420 |
| **5.** | Дигар қарзҳои дебиторӣ | 10500 | 510-590 |
| **6.** | Қарзҳои муассисон оиди гузориш ба фонди оиномавӣ | 10600 | ---------- |
| **7.** | Захираҳои молию масолеҳӣ | 10700 | 710-750 |
| **8.** | Захираҳои масолеҳи ёрирасон | 10800 | 810-861 |
| **9.** | Хароҷотҳое, ки бо тарзи бунаки пардохта шудаанд. | 10900 | 910-940 |
| | **Дороиҳои ғайригардон** | | |
| **10.** | Воситаҳои асосӣ | 11000 | 010-100 |
| **11.** | Ғункунии фарсудашавӣ | 11100 | 110-460 |
| **12.** | Маблағгузори ба амволи ғайримоддӣ | 11500 | 510-530 |
| **13.** | Маблағгузории дарозмуддат | 11600 | 610-840 |
| | **Ӯҳдадориҳо** | | |
| **14.** | Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | 22000 | 010-410 |
| **15.** | Ӯҳдадориҳои дарозмуддат | 22600 | 610-800 |
| | **Сармоя** | | |
| **16.** | Сармояи оиномавӣ | 33000 | 010-900 |
| **17.** | Даромадҳои амалиётӣ | --------- | ----------- |
| **18.** | Даромад аз фаъолияти амалиётӣ | 44000 | 010-130 |
| | **Хароҷоти амалиётӣ** | | |
| **19.** | Арзиши аслии маҳсулоти, кору хизматҳои фурӯхташуда | 55000 | 010-600 |
| **20.** | Даромадҳо ва хароҷотҳо аз фаъолияти ғайри амалиётӣ | 66000 | 010-300 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон аз руи маълумотҳои маҷмуаи мақолаҳои ДМТ, Душанбе, 2014. 208 саҳ; Ойев Н.А., Саидов Р., «Моҳияти ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мубофиқи СБҲМ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ».

Тавассути низоми асосии сифрии кодгузаронии ҳисобҳо инҳо мебошанд:

Бо мақсади муайян кардани категорияи ҳисоб бо коди сифрӣ ба ҳисобҳои зерини ККБ рақамҳои зерин ба сифати сифри якум гузошта шуданд: (ниг. ҷадвали 2)

Байни кодҳои сифрии пайдарҳамӣ ҳисобҳои асосӣ вас чёти амалиётӣ ва навиштаҷотҳо, ҷойҳои холӣ барои ҳисобҳои истифоданашуда гузошта шудааст. Ин ба он мақсад гузошта шудааст, ки дар оянда бе тағйири сифри коди ҳисобҳои мавҷуда, дохил кардани ҳисобҳои нав имкон бошад.

**Ҷадвали 2. Таснифоти ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**

| Якум сифри коди ҳисоб | Категорияи ҳисоб | | Гурӯҳи ҳисоб | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 100 | Дорои | 100-1990 | |
| 2 | 200 | Ухдадорӣ | 1000-2800 | |
| 3 | 300 | Сармояи хусусӣ | 3000-3900 | |
| 4 | 400 | Даромад | 4000-4100 | |
| 5 | 500 | Хароҷот | 5000-5600 | |
| 6 | 600 | Даромаду хароҷотҳои ғайриамалиётӣ | 6000-6300 | |

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон аз руи маълумотҳои нақшаи ҳисобҳо ва амалиётҳои муҳосибӣ, Каримов Н.Я., Раҳматов Б.Қ. Дастури методӣ. Душанбе, «ДДМИТ» 2021, 318.саҳ.

Ба мақсади дуруст хондани коди ҳисоб, ҳисобҳои навро бо тарзи зерин омӯхтан зарур аст:

- ✓ ҳисоби дороиҳо 1. 10. 10 (як, даҳ, даҳ) – боби 1, ҳисоби 10, зерҳисоби 10
- ✓ ҳисоби ӯҳдадорҳо 2.20. 10 (ду, бист, даҳ) – боби 2, ҳисоби 20, зерҳисоби
- ✓ 10
- ✓ ҳисоби сармоя 3. 30. 10 (се, сӣ, даҳ) – боби 3, ҳисоби 30, зерҳисоби 10
- ✓ ҳисоби даромад 4. 40. 10 (чор, чил, даҳ) – боби 4, ҳисоби 40,
- ✓ зерҳисоби 10
- ✓ ҳисоби хароҷот 5. 50. 10 (Панч, панчоҳ, даҳ) – боби 5, ҳисоби 50,
- ✓ зерҳисоби 10
- ✓ ҳисоби даромаду хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ 6. 60. 10 (шаш, шаст, даҳ) – боби 6, ҳисоби 60, зерҳисоби 10 (ба нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз рӯи СБҲМ сохта шудааст.

Дар нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ чуноне, ки дар боло гуфта гузаштем, таснифи ҳисобҳо аз дороиҳои муассиса сар карда бо даромаду хароҷотҳои фаъолияти ғайриамалиёти ба итмом мерасад. Хусусияти истифодаи нақшаи нави ҳисобҳо аз он иборат мебошад, ки мафҳуми бисёр амалиётҳои хоҷагие, ки дар шароити имрӯза дар фаъолияти корхонаҳои шакли моликияташон гуногун бармеояд ба мафҳуми ҳисобҳо мувофиқ карда шудаанд. Сабаби асосии чунин мувофиққунӣ инҳо мебошад:

1) Корхонаҳое ташаккул ёфтаанд, ки бо иштироки маблағгузаронии хориҷӣ фаъолият мекунанд. Омӯзиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ на балки ба манфиати соҳибмулк, балки манфиати маблағгузор зарур мебошад. Сармоягузор танҳо бо умеде ба фаъолияти ин корхона иштирок мекунад, то, ки аз сармояи худ фоида (дивиденд) гирад. Ба ин мақсад ӯ бояд оиди ахбори молиявию хоҷагии корхона шинос бошад.

2) Корхонаҳое ташаккул мееёбанд, ки сармоягузор танҳо аз беруни марзи мамлакат мебошад, ё худ дар асоси гирифтани қарзҳои техникӣ иҷро карда мешавад.

3) Бурдани муомилоти байналмиллалӣ (воридот, содирот), муносибатҳои додугирифти байни коорпаратсияҳои байналхалқӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ умуман бо мақсади бояд нишондодҳои ҳисоботи молиявии корхонаҳо шафоф, оммафаҳм, холис ва реалӣ бошанд.

Ба мақсади таҳлили моҳияти қабули нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ тарзи таснифоти активҳои муассисаро, аз он ҷумла, дороиҳои гардишро дар мисоли ин нақшаи ҳисобҳо дида мебароем.

Гурӯҳи авали ҳисобҳои дороиҳои гардишӣ бо рақами 1.10.00 «Воситаҳои пулии дар хазина буда» менигарем.

Гурӯҳи авали ҳисобҳои «Воситаҳои пули дар хазинабуда» ба мақсади ҷамъбасткунии ахбор оиди ҳолати накд ва гардиши воситаҳои нақди пулӣ бо арзи миллӣ ва хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои пулӣ истифода мебаранд.

Дар гурӯҳи ҳисобҳои 11000 пулӣ маблағҳои накдие, ки субъектҳои хоҷагӣ ҳуқуқи нигаҳдории онҳоро доранд ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мисол, воситаҳои пулие, ки ҳамчун депозит дар ҷевонҳои бонкҳо нигоҳ дошта мешаванд бояд ҳамчун маблағҳои хазинавӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар нақшаи нави ҳисобҳои ҳисобгирӣ барои ҳисобгирии маблағҳои пулӣ дар хазина ҳисобҳои зерин истифода бурда мешаванд.

10110 Воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ.

10120 Воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ.

10130 Ҳуҷҷатҳои пулӣ.

10140 Эквивалентҳои пулӣ.

Дар ҳисоби 10110 «Воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ» воридшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ танҳо бо арзи миллӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Баҳисобгирии арзи миллӣ бо арзи хориҷа дар як ҳисоб роҳ дода намешаванд. Аз ҳамин сабаб воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ дар ҳисоби 110 20 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар ҳар як давраи ҳисоботи бақияи ҳисоби 101 20, бо ифодаи арзи хориҷӣ ба курси БМТ аз нав ҳисоб кардашуда, дар ҳамин рӯз фарқияти курсӣ ба кредити ҳисоби 44070 «Дигар хароҷотҳои истеҳсолӣ» хориҷ карда мешаванд.

Дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда хусусиятҳои ташкилёбию тағирёбии амволи муассиса, ӯҳдадориҳо ва сармоя бо назардошти талаботи нақшаи ахбори ҳисобгирӣ ба назар гирифта шудааст. Яке аз камбудиҳои нақшаи амалкунанда ин набудани синфи ҳисобҳои даромадҳою хароҷотҳои амалиётӣ (фаъолияти асосии корхона) ва ғайриамалиётӣ (ғайри фурӯш) мебошад. Бояд дар назар дошт, ки солҳои 70 – 80 – уми асри XX олимони иқтисодшинос проф. Ивашкович В. Б., Гильде Е. А., Палий В. Ф., Нарибаев Р., Ӯроқов Д. У., ва дигарон истифодаи нақшаи ҳисобҳои ростхаттаро, ки адади панҷрақама дошт пешниҳод карда буданд.

Дар мисоли зерин бартари ва камбудиҳои нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ва нақшаи ҳисобҳо мутобиқи СБҲМ дар ҷадвали 3 дида мебароем.

**Ҷадвали 3.Қоидаҳои пешбурди ҳисобҳо**

| Ҳисобҳои амалкунанда | Коди ҳисобҳо | Ҳисобҳои мутобиқи СБҲМ | Коди ҳисобхо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Асосӣ | Зерҳисоб |
| 1. Воситаҳои асосӣ | 01 – 09 | 1. Дороиҳо | 100 | 1990 |
| 2. Захираҳои истеҳсолӣ | 10 – 19 | | | |
| 3. Хароҷотҳои истеҳсолӣ | 20 – 30 | 2. Ӯҳдадориҳо | 200 | 2800 |
| 4. Маҳсулоти тайёр, молҳо ва фурӯш | 37 – 48 | 3. Сармояи худӣ | 300 | 3900 |
| 5. Воситаҳои пулӣ | 50 – 58 | | | |
| 6. Ҳисобаробаркуниҳо | 60 – 84 | | | |
| 7. Натиҷаҳои молиявӣ ва истифодаи фоида | 80 – 88 | 4. Даромадҳо | 400 | 4100 |
| 8. Сармоя ва захираҳо | 85 – 89 | 5. Хароҷотҳо | 500 | 5600 |
| 9. Қарзҳои бонк ва маблағгузориҳо | 90 – 97 | 6. Даромаду хароҷотҳои ғайриамалиётӣ | 600 | 6300 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон аз руи маълумотҳои нақшаи ҳисобҳо ва амалиётҳои муҳосибӣ, Каримов Н.Я., Раҳматов Б.Қ. Дастури методӣ. Душанбе, «ДДМИТ» 2021, 318.саҳ.

Чуноне, ки муассисаи дар ҷадвали №3 овардашуда мефаҳмонад нақшаи ҳисобҳои амалкунанда бештар аз рӯи объектҳои ҳисобгири тартиб дода щудаанд. Нақшаи ҳисобҳо мутобиқи СБҲМ бошад аз рӯи ҷараёнҳои гирдгардиши амвол, ӯҳдадорӣ, сармояи хусуси ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидори тартиб дода шудаанд. Дар нақшаи ҳисобҳои СБҲМ се баробариро дидан мумкин:

1) А – У = Сармоя
2) У + С = Дорои
3) А + С = Ӯҳдадорӣ

Барои муайян кардани натиҷаҳои молияви аз фаъолияти хоҷагидори чунин формуларо истифода мебарем.

$$Д – Х \pm Д_{Хам} = \text{фоида ва ё зарар.}$$

Чунин хулоса мебарорем, ки бо ёрии нақшаи ҳисобҳои СБҲМ метавонем дар асоси нишондиҳандаҳои баланс ҳайат ва ҷойгиршавии амвол, ӯҳдадориҳо ва сармояи худдиро ва тағирёбии онҳоро бо нишондоди натиҷаҳои молиявӣ муайян созем.

Омӯзиши адабиётҳои давраҷӣ, дастурамалҳо оиди ҷори кардани СБҲМ дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва муассисаҳои тилотӣ ҷумҳурӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷори кардани СБҲМ ва қабули нақшаи ҳисобҳои ҳисобгрии муҳосибӣ (солҳои 2000, 2004, 2006, 2009) дар мақолаи илмӣ чунин хулосаҳо бароварда шуд.

1. Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва дохил шудан ба бозори ҷаҳони зарурияти ҷори кардани СБҲМ тезонида, вазифаи муҳими сиёсиро иқтисодӣ мешуморем.

2. Таҷрибаҳои аввалини ҷори кардани СБҲМ дар субъетҳои хоҷагидории мамлакат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин соҳа ҳоло муттахасисони касби хеле хам буда, рӯз аз рӯз ба онҳо эҳтиёҷ пайдо мешавад.

3. Омилҳои асосии зарурият пурра гузаштан ба СБҲМ бисёранд. Пеш аз ҳама ин ба ҷалби сармоя, фаҳмиши ҳолати молиявию хоҷагидории субъектҳо, бозоргирии амвол, қобилияти пардохти доштани муассиса ва қағазҳо. Вобаста ба иқтидори корхона муассиса пешниҳод менамоем, ки нақшаи ҳисобҳои СБҲМ дар ду вариант – пурра ва оддикардашуда ва ҳисоботи молияви ҳам бо ҳамин мазмун тартиб дода шуда, пешниҳод карда шавад.

Хулосаю пешниҳодҳои дар боло овардашуда ҷораёни мавриди ба амал овардани СБҲМ дар субъектҳои хоҷагидори тезонида, сифати ахбори субъектҳои хоҷагидориро нисбати фаъолияти молиявию хоҷагидори баланд мебардорад.

**АДАБИЁТ**


1. Бобиев И.А. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: бартарӣ, камбудӣ ва пешниҳод // Худжанд: Политехнический институт ТТУ им. М.С. Осими. Нашир-2013, стр. 186-189
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25.03.2011 № 702
3. Каримов Н.Я., Раҳматов Б.Қ. Нақшаи ҳисобҳо ва амалиётҳои муҳосибӣ. Дастури методӣ. Душанбе, «ДМИТ» 2021. – 318 с.
4. Ойев Н.А., Саидов Р., «Моҳияти ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мубофиқи СБҲМ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ» // Маҷмуаи мақолаҳои ДМТ, Душанбе, 2014. 208 саҳ;
5. Бобомуродов П.Х. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ - Душанбе, «ЭР-граф» 2012. - 216 с.



***Солиҷонов Ҳ.И. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## ТЕХНОЛОГИЯИ БАНАҚШАГИРИИ САНҶИШИ АУДИТОРИИ ҲИСОБИКУНИҲО БО БУҶЕТ ДОИР БА АНДОЗҲО

Тартиби банақшагирии аудит бо СБА 300 "Банақшагирии аудити ҳисоботии молиявӣ" (Planning an Audit of Financial Statements) ва стандарти миллии ФА 1/2001 "Банақшагирии аудит" муайян карда мешавад [1, с. 78].

Аудитор раванди банақшагирии аудитро то тартибдиҳии мактуб-уҳдадорӣ ва то бастани шартнома бо шахси санҷидашаванда оид ба гузаронидани аудити андоз оғоз менамояд.

Банақшагирӣ марҳилаи аввалии гузаронидани аудити андозӣ буда, таҳия кардани нақшаи умумӣ ва барномаи аудитро дар бар мегирад. Дар нақшаи умумии аудити андозӣ ҳаҷм, нақша ва мӯҳлати пешбинишудаи гузаронидани аудит нишон дода мешаванд. Барномаи аудит ҳаҷмҳо, намудҳо ва пайдарпайии баҷоории амалҳои аудитории барои аз ҷониби аудитор (ташкилоти аудиторӣ) бунёд гардидани ақидаи воқеъбинона ва асоснок оид ба ҳисоботи молиявии шахси санҷидашаванда (мизоҷ) зарурбударо муайян менамояд [2, с. 112].

Ба таҳия кардани нақшаи умумӣ ва барномаи аудити андозӣ шурӯъ намуда, аудитор бояд ба донишҳои пешакӣ доир ба субъекти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои амалҳои таҳлилии гузаронидаи худ такя намояд. Вай мебояд нақшаи аудитро чуноне тартиб диҳад, ки санҷиши аудиторӣ самаранок гузаронида шавад.

Масъалаҳои асосии ташкилии бо гузаронидани аудити андозӣ алоқаманд мебояд бо роҳбарияти шахси санҷидашаванда мувофиқа карда шаванд.

Банақшагирии аудити андозӣ ба он мусоидат мекунад, ки аудитор ба соҳаҳои муҳими аудит диққати лозимӣ диҳад, мушкилоти имконӣ ошкор карда шаванд ва санҷиши аудиторӣ бо масрафҳои муносиб, босифат ва саривақт анҷом дода шавад. Банақшагирӣ имконият медиҳад, ки корҳо дар байни аъзоёни гурӯҳи мутахассисони дар санҷиши аудиторӣ

иштироккунанда самаранок ва оқилона тақсим карда шаванд ва ин корҳо дар ҳамоҳангӣ анҷом дода шаванд.

Масрафҳои вақт барои банақшагирии корҳо аз миқёси фаъолияти шахси санҷидашаванда, мураккабии аудит, таҷрибаи кор бо шахси санҷидашавандаи мазкур ва донистани хосагиҳои фаъолияти вай вобаста мебошанд.

Гирифтани ахбор оид ба фаъолияти шахси санҷидашаванда бахши муҳими банақшагирии корҳо буда, ба аудитор барои ошкор кардани рӯйдодҳо, амалиёт ва дигар хосагиҳое, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсири муҳим расонанд, ёрдам мерасонад.

Бо гузаронидани амалҳои таҳлилӣ ташкилоти аудиторӣ бояд ҷиҳатҳои барои аудит муҳимро ошкор намояд. Мураккабӣ, ҳаҷм ва муҳлатҳои гузаронидани амалҳои таҳлилии ташкилоти аудиториро мебояд вобаста аз ҳаҷм ва мураккабии маълумоти ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидорӣ дигаргун намуд.

Дар раванди омодасозии нақшаи умумӣ ва барномаи аудити андозӣ самаранокии низоми назорати дохилии дар субъекти хоҷагидорӣ амалкунанда, инчунин хавфи низоми назорати дохилӣ (хавфи назорат) баҳо дода мешавад. Низоми назорати дохилӣ самаранок ҳисобида мешавад, агар вай роҳбарияти корхонаро оид ба пайдошавии ахбори беэътимод саривақт огоҳ созад ва ахбори беэътимодро ошкор намояд. Самаранокии низоми назорати дохилиро баҳодиҳӣ карда, аудитор бояд миқдори басандаи шаҳодатҳои аудиториро ҷамъ оварад. Агар аудитор барои ҳосил намудани дараҷаи басандаи боварӣ ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ хоҳад ки ба низоми назорати дохилӣ умед бандад, вай бояд ҳаҷми аудити дарпешбударо ба таври муносиб тасҳеҳ кунад [2, с. 116].

Дар мавриди омодасозии нақшаи умумӣ ва барномаи аудити андозӣ аудиторро мебояд дараҷаи ба худ мақбули муҳимият ва хавфи аудиториро, ки барои саҳеҳ ҳисобидани ҳисоботи молиявӣ имконият медиҳанд, муқаррар намояд. Хавфи аудиториро банақшагирӣ намуда, аудитор хавфи ногузири дохилихоҷагии ҳисоботи молиявӣ ва хавфи назоратро, ки новобаста аз аудити субъекти хоҷагидорӣ ба ҳамин ҳисоботи молиявӣ хосанд, муайян менамояд. Бо баинобатгирии хавфҳо ва дараҷаи муҳимии муқарраршуда аудитор соҳаҳои барои аудит муҳимро ошкор менамояд ва амалҳои аудитории заруриро ба нақша мегирад. Дар раванди аудит метавонанд ҳолатҳое пайдо шаванд, ки ба тағйирдиҳии хавфи аудиторӣ ва дараҷаи муҳимии дар мавриди банақшагирӣ муқарраршуда таъсир расонанд.

Ҳангоми тартибдиҳии нақшаи умумӣ ва барномаи аудити андозӣ мебояд сатҳи автоматикунонии коркарди ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ ба инобат гирифта шавад, ки ин ҳам барои аниқтар муайян кардани ҳаҷм ва хосияти амалҳои аудиторӣ мусоидат мекунад.

Агар аудитор зарур шуморад, вай метавонад муқаррароти алоҳидаи нақшаи умумӣ ва барномаи аудитро бо роҳбарияти шахси санҷидашаванда мувофиқа намояд. Дар ин маврид аудитор дар интихоби қоидаҳо ва усулҳои аудит, ки дар нақшаи умумӣ ва барномаи аудит ифода ёфтаанд, мустақил мебошад, вале барои натиҷаҳои кори худ мутобиқи ҳамин нақшаи умумӣ ва барнома масъулияти пурра мебарад [3, с. 314].

Натиҷаҳои амалиёте, ки аудитор ҳангоми омодасозии нақшаи умумӣ ва барнома мегузаронад, мебояд ба таври муфассал ҳуҷҷатнигорӣ карда шаванд, чунки ин натиҷаҳо барои банақшагирии аудит асос ба ҳисоб рафта ва метавонанд дар тамоми раванди гузаронидани санҷишҳои аудитории бахшҳо ва ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ истифода шаванд.

Дар анҷоми раванди банақшагирии аудит нақшаи умумӣ ва барномаи аудит бояд бо тартиби дар ташкилоти аудиторӣ муқарраргардида ҳуҷҷатнигорӣ ва раводид карда шаванд.

Банақшагирии аудит чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад: аввалӣ; омодасозӣ ва тартибдиҳии нақшаи умумии аудит; омодасозӣ ва тартибдиҳии барномаи аудит.

Марҳилаи аввалии банақшагирии аудит. Дар марҳилаи аввалии банақшагирӣ ташкилоти аудиторӣ (аудитор) бояд бо фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории шахси санҷидашаванда шинос шуда, доир ба чунин ҷиҳатҳо ахбор гирад [3, с. 322]:

- омилҳои берунии ба фаъолияти хоҷагидории шахси санҷидашаванда таъсиррасонанда, ки вазъи иқтисодиро умуман дар мамлакат (ноҳия) ва хусусиятҳои соҳавии вайро инъикос менамоянд;

- омилҳои дохилии ба фаъолияти хоҷагидории шахси санҷидашаванда таъсиррасонанда, ки бо хусусиятҳои инфиродии вай алоқаманданд;
- сохтори ташкилӣ-маъмурии субъекти хоҷагидорӣ;
- намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳо, хизматрасониҳо);
- сохтори сармоя ва қурби саҳмияҳо;
- хусусиятҳои технологӣ;
- сатҳи даромаднокӣ;
- шариконии асосии субъекти хоҷагидорӣ (харидорон, таъминкунандагон);
- тартиби тақсимкунии фоидаи соф (фоидаи дар ихтиёри субъекти хоҷагидорӣ монда);
- мавҷудияти корхонаҳои фаръӣ ва вобаста;
- низоми назорати дохилӣ;
- принсипҳои ташкили пардохти меҳнати кормандон.

Манбаъҳои асосии ахбор доир ба субъекти хоҷагидорӣ инҳоанд:

- оинномаи субъекти хоҷагидорӣ;
- ҳуҷҷатҳои бақайдгирии субъекти хоҷагидорӣ;
- суратҷаласаҳои маҷлисҳои шӯрои директорон, муассисон, маҷлисҳои саҳмиядорон ё ҳамин гуна мақомоти дигари идоракунии субъекти хоҷагидорӣ;
- ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи сиёсати баҳисобгирӣ ва тағйиротдорорӣ ба он;
- ҳисоботи молиявӣ ва омории субъекти хоҷагидорӣ;
- ҳуҷҷатҳои банақшагирии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ (нақшаҳо, сметаҳо, лоиҳаҳо);
- қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳои субъекти хоҷагидорӣ;
- ҳисоботҳои дохилии аудиторҳо, машваратчиён;
- дастурамалҳои дохилиширкатӣ;
- маводҳои санҷишҳои андоз;
- маводҳои даъвоҳои судӣ ва арбитражӣ;
- ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи сохтори истеҳсолӣ ва ташкилии субъекти хоҷагидорӣ, рӯйхати филиалҳо ва корхонаҳои фаръии он;
- маълумоти аз суҳбатҳо бо роҳбарият ва кормандони мақомоти иҷроияи субъекти хоҷагидорӣ гирифташуда;
- ахбори ҳангоми азназаргузаронии субъекти хоҷагидорӣ, мавзеъҳои асосӣ ва анборҳои он гирифташуда.

Дар марҳилаи аввалии банақшагирӣ аудитор имкониятҳои гузаронидани аудитро баҳо медиҳад. Гузаронидани аудитро имконпазир ҳисобида, ташкилоти аудиторӣ мактуб-уҳдадорӣ оид ба гузаронидани аудитро тартиб дода, ба суроғаи субъекти хоҷагидории санҷидашаванда мефиристонад. Сипас гурӯҳи аудиторҳо барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ таъсис дода шуда, бо субъекти хоҷагидорӣ шартнома оид ба гузаронидани аудит баста мешавад.

Агар аудитор гузаронидани аудитро имконпазир наҳисобад, ба суроғаи субъекти хоҷагидорӣ раддия барои гузаронидани аудит фиристода мешавад.

Дар раванди шиносоӣ бо мизоҷ аудиторро зарур аст, ки устувории молиявии мизоҷ, мавқеи мизоҷ дар муҳити иқтисодӣ, муносибати вай бо аудитори пешин (агар бошад)-ро баҳо диҳад.

Аудитори навро мебояд бо аудитори собиқ робита карда, аз вай ахборро оид ба ниятҳои роҳбарият, масъалаҳои баҳснок доир ба истифодабарии принсипҳои баҳисобгирӣ, амалҳои аудиторӣ ва пардохти хизматрасониҳои аудиторӣ гирад. Вале, пешакӣ аудитор бояд имконияти чунин робитаро бо мизоҷ мувофиқа намояд.

Дар мавриде ки агар байни аудитори собиқ ва мизоҷ мурофиаҳои судӣ ё масъалаҳои баҳснок рух дода бошанд, аудитори нав бояд огоҳонида шавад, ки ба вай баъзе ахбор

метавонад пешниҳод карда нашавад. Агар мизоҷ ба вай барои гирифтани ахбор аз аудитори собиқ иҷозат надиҳад, ё аудитори собиқ аз додани ахбор саркашӣ кунад, аудиторро мебояд вазъро дақиқона баҳо диҳад.

Ғайр аз ин, аудитор метавонад аз ахбори пешниҳоднамудаи ҳуқуқшиносон, дигар ташкилотҳои аудиторӣ ва соҳибкорон истифода барад.

Баҳодиҳии имконпазирии давомдиҳии ҳамкориро ширкатҳои аудиторие низ мегузаронанд, ки на маротибаи аввал бо ҳамин мизоҷ ҳамкорӣ доранд. Пайдо шудани масъалаҳои баҳснок метавонад ба қатъкунии ҳамкорӣ оварад.

Ахбори умумӣ дар бораи корхона барои он зарур аст, ки минбаъд оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ хулосаи асоснок бароварда шавад. Хусусан, мебояд хосагии фаъолият ва хусусиятҳои соҳавии корхона равшан карда шаванд, сохтори ташкилии вай дарк карда шавад, робитаҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва дигар робитаҳои корхона муайян карда шаванд, бо ӯҳдадориҳои ҳуқуқии корхона шинос бояд шуд. Дар ин маврид аудитор бояд ахборро аз манбаъҳои гуногун гирад.

Музокираҳо бо кормандони идоракунанда, вохӯриҳо бо роҳбарияти олӣ ва кормандони мақомоти иҷроия, суҳбатҳо бо менеҷерҳо ва кормандони бо пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд набуда ба гирифтани ахбори воқеӣ мусоидат мекунанд.

Ташриф овардан ба мавзеъҳои асосӣ, воҳидҳои истеҳсолӣ, анборҳои корхона ва азназаргузаронии онҳо имконият медиҳад, ки аудитор аз мавҷудият ва ҳифзи дороиҳо боварӣ пайдо карда, шароитҳои истеҳсолотро дарк намояд.

Муҳим аст, ки ҳисобот ва интишороти берунӣ ва дохилӣ истифода шаванд. Ҳисоботи берунӣ – матбуот ва рӯзномаҳои тиҷоратӣ, ҳисоботҳои таҳлилии соҳавӣ, муқоисакуниҳо бо нишондиҳандаҳои кории рақибони асосӣ ва нишондиҳандаҳои байнисоҳавӣ, қонунгузории андозбандӣ ва дигар қонунгузориҳои танзимкунандаи иқтисодиёт, изҳоротҳои расмӣ мебошанд. Ҳисоботи дохилӣ – ҳисоботҳои молиявӣ, ахбори молиявии ҳармоҳа, суратҷаласаҳои шӯрои директорон, раёсат, саҳмиядорон, ҳисоботҳои идоракунандагон, аз ҷумла буҷетҳо, ояндабиниҳо, лоиҳаҳо, ҳисоботҳои аудиторҳои дохилӣ, мушовирон, дастурамалҳо оид ба амалиёт, сиёсати дохилиширкатӣ мебошанд.

Мебояд бо таърихи рушди корхона, намудҳои фаъолият ва сиёсати баҳисобгирии дар солҳои пешин мавҷудбуда шинос шуд, адабиёти махсусро омӯхт, бо аудиторҳои собиқи мизоҷ вохӯрд.

Гирифтани ахбор доир ба сиёсати корхона дар соҳаҳои гуногун, сатҳи масъулият ва ҳуқуқҳои роҳбарони зинаҳои гуногун, доираи шахсони ҳуқуқи дигар кардани сиёсати корхонаро дошта муҳим мебошад.

Дар анҷоми раванди банақшагирии аудит нақшаи умумӣ ва барномаи аудит бояд бо тартиби дар ташкилоти аудиторӣ муқарраргардида ҳуҷҷатнигорӣ ва раводид карда шаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Макальская М.Л., Ковалева Н.И. Международные стандарты аудита. – М.: Дело и сервис, 2013. – 112 с.
2. Подольский В.И. Аудит: учебник / В.И. Подольский, А.А. Савин. – М.: Издательство Юрайт, 2011. – 605 с.
3. Хахонова Н.Н., Богатая И.Н. Аудит. Учебник. – М.: Кнорус, 2016. – 720 с.


***Файзализода М.М. - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## АСОСҲОИ ТАШКИЛИЮ МЕТОДИИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

Яке аз унсурҳои калидии низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таъминоти иттилоотӣ мебошад, ки таъиноти он дар саривақт омода ва пешниҳод кардани иттилооти пурра ва саҳеҳ барои иҷрои амалҳои зарурӣ

ба хотири табдили маълумот ва муносиб гардонидани иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ ифода меёбад.

Дар ҳақиқат, имрӯз дар ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва низомҳои идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ технологияҳои иттилоотии нав бомуваффақона татбиқ мешаванд. Иттилоот акнун дар фаъолияти корхонаҳои муосир чун сарвати стратегие баромад менамояд, ки рушди минбаъдаи иқтисодии корхонаҳоро муайян намуда, рақобатпасирии босуботи онҳоро дарояндаи тӯлонӣ таъмин менамояд. Технологияҳои иттилоотӣ тиҷоратро бо воситаҳое таъмин менамоянд, ки барои коркардӣ саривақтӣ ва босифати иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ асосшаванда имкон медиҳанд [9, с. 50]. Бино бар ин, технологияҳои иттилоотии муосир ба сифати таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳо таъсири муҳим мерасонанд.

Таъминоти иттилоотӣ аз маҷмӯи захираҳои иттилоотӣ ва тарзҳои гуногуни ташкили онҳо иборат буда, низоми ягонаи тасниф ва барамздарории иттилоот, ҳуҷҷатҳои якхелакардашуда, тарҳҳои ҷараёнҳои иттилоотии корхона, таъминоти методии ташкили пойгоҳи маълумотҳои барои амалисозии корҳои идоракунӣ ва таҳлилии таъминкунандаи раванди идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолиро ифода менамояд. Балад будан ба иттилооти зарурии мукаммал ва истифодабарии оқилонаи унсурҳои таъминоти иттилоотӣ ба роҳбарият ва менеҷменти корхона имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии асоснок қабул намоянд ва ба кори босамара ва муносиби тамоми зинаҳои низоми идоракунӣ ноил гарданд [7, с. 141].

Таъминоти иттилоотии корхона, ки ба рушди устувофри фаъолияти он нигаронида шудааст, низоми ягонаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат (аудит)-ро ифода менамояд, ки бо ҷараёнҳои иттилоотӣ барои идоракунии равандҳои иқтисодӣ ҳангоми интихоб (ё амалисозӣ)-и самтҳои рушди устувор ва тариқаҳои маблағгузории онҳо муттаҳид карда мешавад [11, с. 320].

Ба низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона дохил намуани таъминоти иттилоотӣ асоснок ва мақбул аст, чунки маҳз ҳамин шароити лозимии амалкунии низоми идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаро фароҳам меоварад, воситаҳои гирифтан, ҷустуҷӯ, нигоҳдорӣ, ғункунӣ, интиқол, коркарди иттилоот, ташкили пойгоҳҳои маълумоти баҳисобгирӣ ва ғайрибаҳисобгириро таъмин менамояд.

Ҳар як зернизоми низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии рушди устувори корхона аз чунин се бахши ҳамсони ифодакунандаи хусусиятҳои хоси намуди мушаххаси таъминот иборат мебошад: методика, сохтори ташкилӣ ва амалҳои идоракунӣ, технология. Унсурҳои ҳамаи ин бахшҳои зикргардида бо ёрии таъминоти иттилоотӣ муттаҳид ва ҷамъбаст карда мешаванд. Таъминоти иттилоотӣ таъминоти баҳисобгирӣ, таҳлилӣ, назоратиро фаро гирифта, маълумоти баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ, инчунин барандагони онҳоро ҳамгиро намуда, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, баровардан ва паҳн намудани иттилоотро тавассути истифодабарии технологияҳои иттилоотии чандир, воситаҳои техникӣ ва барномавӣ таъмин менамояд, ки ин ба ҳаракати муътадили ҷараёнҳои иттилоотӣ имкон медиҳад.

Зернизоми иттилоотии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии рушди устувори корхона маҷмӯи сарватҳои иттилоотӣ, низомҳои коркард ва нигоҳдории онҳо ва ҷараёнҳои бо ҷалб намудани иттилоот ба фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхона алоқамандро дар бар мегирад ва сатҳи донишҳои объективии менеҷерҳоро оид ба вазъ ва пешомадҳои рушди муҳити фаъолияти тиҷоратӣ муайян мекунад [11, с. 322].

Таҳлили маънидодкуниҳои дар адабиёт ва интишороти илмӣ ҷойдоштаи мафҳуми «таъминоти иттилоотӣ» нишон медиҳад, ки муҳаққиқони гуногун аҳамияти мафҳуми мазкурро ҳархела тавсиф менамоянд (ҷадвали 1).

Тавре таҳқиқоти фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва омӯзиши адабиёти илмии соҳаи баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ нишон медиҳанд, мутахассисон ақидаҳои мухталифро ҷиҳати моҳияти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти корхона арз менамоянд. Ҳамин тавр, З.В. Удалова мафҳуми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилиро чун "раванди ҷамъоварӣ ва коркард, таҳлил ва интиқоли иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ оид ба вазъи объектҳои идорашаванда ва муҳити берунии дар низоми баҳисобгирӣ-идоракунии корхона

ташаккулёфта, инчунин маҷмӯи усулҳо ва методикаҳои таҳлили иқтисодиро барои тасдиқ намудани муфидии ҳисоботи муҳосибӣ дар ташаккули иттилооти аз ҷониби менеҷерҳо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ва арзёбӣ намудани натиҷаҳои бадастомада" маънидод мекунад [12, с. 15]. Ба ақидаи О.А. Зубарева "таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ намудҳои гуногуни иттилоот, инчунин намудҳои дигаркардашудаи он ва натиҷаҳои гузаронидани амалҳои таҳлилиро бо истифодаи усулҳо ва методикаҳои гуногуни таҳлил дар бар мегирад [5, с. 34]".

Ҷадвали 1. Маънидодкуниҳои мафҳуми «таъминоти иттилоотӣ» дар интишороти илмӣ

| | |
|---|---|
| И.С. Богомолова [2, с. 78] | Таъминоти иттилоотии идоракунӣ – ин алоқаи иттилоот бо низомҳои идоракунии корхона ва умуман раванди идоракунӣ мебошад. Он метавонад на танҳо умуман, бо фарогирии ҳамаи вазифаҳои идоракунӣ, балки аз рӯи корҳои вазифавии алоҳидаи идоракунӣ баррасӣ шавад, масалан, пешомадбинӣ ва банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлил. |
| А.М. Бочкарев [4, с. 121 | Низоми таъминоти иттилоотии фаъолияти истеҳсолӣ маҷмӯи батартибдаровардашудаи унсурҳоеро ифода менамояд, ки истифодабарии якҷояи онҳо ба ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, навкунӣ ва пешниҳод намудани маълумоти барои таҳия ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ зарурӣ равона гардидааст. |
| Л.Н. Мазур [8, с. 6] | Таъминоти иттилотти идоракунӣ –ин намуди мураккаби фаъолият мебошад, ки ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, коркард ва додугирифти иттилоотро бо мақсади истифодабарии он барои гузориш ва ҳалли масъалаҳои идоракунӣ дар бар мегирад. |
| З.Р. Исламова [6, с. 483] | Таъминоти иттилоотии низоми идоракунӣ – ин маҷмӯи иттилооти зарурии бо ҳам алоқаманд, шаклҳо ва тарзҳои пешниҳодкунӣ ва ташкили он дар фазо ва вақт мебошад, ки ҳалли маъалаҳои заруриро таъмин мекунад. |
| Р.А. Щинова [15, с. 36] | Таъминоти иттилоотӣ – ин раванди қонеъ намудани талаботи истифодабарандагони мушаххас ба иттилоот мебошад, ки ба корбурди усулҳо ва воситаҳои махсуси гирифтан, коркар, ғункунӣ ва супоридани он дар намуди барои истифодабарӣ муносиб асос ёфтааст. Барои ба ҷо оварани раванди таъминоти иттилоотӣ мавҷуд будани низоми иттилоотӣ зарур аст. Низоми иттилоотӣ – ин низоме мебошад, ки мубодилаи иттилоотро таъмин менамояд. |
| А. Трубилин [10, с. 23] | Таъминоти иттилоотии идоракунии корхона гуфта, саривақт пешниҳод кардани иттилооти мукаммал ва саҳеҳ оид ба ҳолати объектҳои идорашаванда ва муҳити берунӣ ба шахсони қабулкунандаи қарорҳо дар соҳаи идоракунӣ фаҳмида мешавад |

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки то имрӯз ақидаи ягона ҷиҳати тартиби ташкилёбии таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ-таҳлилии ҷараёнҳои истеҳсолӣ вуҷу надорад. Бо ақидаҳои дар боло овардашудаи мутхассисон розӣ шуда, мо чунин меҳисобем, ки имрӯз маънидодкунии ягонаи мафҳуми "таъминоти иттилоотӣ" дар қаринаи вазифаҳои баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ пойдор нагардидааст. Мусаллам аст, ки мафҳумҳои "таъминоти иттилоотӣ" ва "таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ"-и идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаро асосан метавон ҳаммаъно ҳисобид. Вале дар мавриди шароити муайян (масалан, ҳангоми қисман истифодабарии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ) таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ метавонад дар астҳи камтари иттилоотдиҳӣ қарор дошта бошад. Бино бар ин, метавон тасдиқ намуд, ки назики 90%-и таъминоти иттилоотт менеҷментро таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ташкил медиҳад [1, с. 73]. Дар алоқамандӣ бо ҳадафҳои таҳқиқоти мазкур таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона гуфта иттилооти маҷмӯӣ ва

бонизом оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, ки дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ ва дигар манбаъҳо инъикос гардидааст ва ба истифодабарандагон имкон медиҳад, ки тавассути усулҳо ва методикаҳои таҳлили идоракунӣ ақидаро оид ба вазъи молиявии корхона барои асоснок кардани қарорҳои идоракунӣ бунёд намояд, фаҳмида мешавад. Фикр мекунем, ки таърифи мазкур барои густариши иасаввуроти назариявӣ оид ба моҳият ва муҳтавои ин мафҳум ва таҳия намудани хулоса ва пешниҳодҳои асоснок доир ба ташкили таъминоти иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Таъминоти иттилоотие, ки дар фазои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ташаккул меёбад ва барои таъмини қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ва босамара нигаронида шудааст, асосан аз амалҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти муҳим иборат аст. Тавре муҳаққиқ С.А. Бороненкова қайд мекунад, қабули қарорҳои идоракунӣ дар тамоми зинаҳо чун унсури ҷараёни идоракунӣ дар фазои иттилоотӣ мутобиқи чунин марҳилаҳо ба ҷо оварда мешавад [3, с. 32]:

- таҳлили муҳити дохилӣ ва берунӣ, яъне омӯзиши муқарраroти аввалӣ, ҷамъоварӣ ва додугирифти иттилоот оид ба ҳолати воқеии объекти идоракунӣ (низоми идорашаванда);

- коркарди таҳлилии иттилоот, омодасозӣ ва қабули қарорҳо (коркарди ҳамаҷонибаи иттилоот, муқоисакунӣ, ошкоркунии сабабҳо, таҳияи тарзҳои алтернативӣ);

- ташкил ва амалисозии қарорҳо, додани фармонҳо ба объекти идоракунӣ барои бартараф намудани тамоилоти ошкоргардида;

- назорати иҷрои қарорҳо.

Дарвоқеъ, барои идора кардани ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхона муайян намудани ҳадафҳои роҳандозӣ намудани истеҳсолот ва ба нақша гирифтани роҳҳои ноилгардӣ ба онҳо, гирифтани маълумот оид ба рафт ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолии корхона, қабул намудани қарорҳо оид ба танзимкунии тамоилоти ошкоргардида, назорати иҷрои қарорҳо ва нақшаҳо, инчунин ба ҷо овардани дигар амалҳо зарур мебошад. Дар ин маврид, идоракунӣ чун раванди гузориши масъалаҳои мушаххас, қабули қарорҳои беҳтарин ва ташкили назорат, танзимкунии фаврӣ ва баҳоиҳии натиҷаҳои бадастовардаи истеҳсолӣ фаҳмида мешавад [14, с. 184].

Асоси ташкили таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона баҳисобгириим уҳосибӣ мебошад. Низомҳои иттилоотии баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат ба истифодабарии муносиби сарватҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, хароҷотро ба сатҳи камтарин мерасонанд, рақобатпазирии корхонаро баланд бардошта, бо ҳамин рушди устувори онро таъмин менамоянд.

Тавре мутахассисони аҳли амал тасдиқ менамоянд, сатҳи иттилоотнокии шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ барои ҳадафҳои идоракунии фаъолияти истеҳсолии корхона паст мебошад. Дар шароити муосир ҳангоми ҳалли масъалаҳои стратегии руши устувори корхона, барои роҳбарияти он вазифаи назораи нишондиҳандаҳои ҷорӣ ва стратегӣ ниҳоят мубрам аст. Сарчашмаҳои дохилӣ ва берунии рушди минбаъдаи корхонаро баррасӣ намуда, проблемаи баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии самтҳои истифодабарии онҳо ба миён меояд. Бо вуҷуди он ки солҳои охир масъалаҳои ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ ва идоракунӣ) дар маркази диққати муҳосибон ва истифодабарандагони ҳисобот қарор доранд, то ҳол муяссар нагаштааст, ки равишҳои ягона ба пешбури баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи муҳосибӣ коркард карда шаванд. Сабаи ин ҳолат пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки густариши доимии муносибатҳои иқтисодӣ вазифаҳои нав ба навро оид ба идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаҳо мегузорад, ки дар навбати худ водор месозанд, ки талаботи нав ба тартиби ташаккул ва пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибӣ барои ҳадафҳои идоракунӣ пешниҳод карда шаванд. Дар чунин шароит зарур аст, ки талаботи нав ба равандҳои ташаккули маълумот дар баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шаванд.

Сифати идоракунӣ бештар аз мукаммалии кор бо иттилоот вобаста буда, ташкили амиқи ҷараёнҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди иттилоотро талаб менамоя. Вале барои интихоб карда гирифтани танҳо иттилооти барои идоракунӣ зарурӣ, корхона бояд муҳимӣ ва

дуюмдарача будани иттилооти коркардшавандаро муайян карда тавонад. Ҳамчунин ҷараёнҳои батартибдарории иртибот ва додугирифти иттилоот дар доираи корхона муҳим мебошанд.

Ҳангоми алоқамандӣ ва додугирифти байниҳамдигарии иттилооти даврии субъектҳо (сохторҳои идоракунанда ва иҷрокунандаи корхона) идоракунии соҳаи муайяне ба амал меояд, ки ба сифати онҳо метавонанд ҷараёнҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, фурӯш, кормандон ва дигар ҷараёнҳо дар доираи фаъолияти хоҷагидорӣ-истеҳсолии корхона баромад намоянд. Идоракунии ин соҳаҳо дар доираи раванди идоракунӣ ба ҷо оварда мешавад, ки новобаста аз объекти идоракунӣ сохтори умумӣ дорад.

Ҳангоми иҷро намудани раванди мазкур дар аввал ҳадафҳо муайян карда мешаванд, сипас амалҳо барои ноилгардии онҳо банақшагирӣ карда мешаванд. Вақте ки нақшаҳо тасдиқ ва мувофиқа карда мешаванд, давраи иҷрои орҳо шуруъ мешавад. Натиҷаҳои иҷрои нақшаҳо назорат ва таҳлил карда мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил амалҳои таъсиррасони идоракунӣ таҳия карда мешапван, ки нақшаи нави амалҳо, ё ҳадафҳои нав мебошанд. Сипас раванд боз такрор меёбад.

Сатҳи муосири рушди ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пайдошавӣ ва суръати баланди иттилооти нав ва куҳнашавии маълумоти пешин, афзуншавии ҳаҷмҳои иттилооти барои идоракунии равандҳои истеҳсолӣ зарурӣ, густариши сарчашмаҳо ва тарзҳои додугирифти иттилоот, рушди низомҳои автоматонидашудаи идоракунӣ, мукаммалгардии низомҳо ва технологияҳои иттилоотии идоракунии корхонаҳо алоқаманд мебошад. Ҳамаи нуктаҳои номбаршуда талаботи навро ба ташаккул ва рушди таъминоти иттилоотии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои муосир пешниҳод менамоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Аббасова С.А. Учетно-аналитическое обеспечение управления организацией / С.А. Аббасова // Статистика Украины. – 2016. - № 1. – С. 72-78
2. Богомолова И.С. Проблемы информационного обеспечения процесса управления современными предприятиями / И.С. Богомолова // Известия Южного Федерального университета. Технические науки. – 2008. - № 10 (87). – С. 78-82
3. Бороненкова С.А. Управленческий анализ: учеб. Пособие / С.А. Бороненкова. – Москва: Финансы и статистика, 2004. – 384 с.
4. Бочкарев А.М. Структура ситстемы инфрормационного обеспечения производственной деятельности предприятия / А.М. Бочкарев // Вестник РЭУ им. Г.В. Плеханова. – 2018. - № 6 (102). – С. 121-129
5. Зубарева О.А. Сущность дефиниции “учетное обеспечение управления затратами в сельскохозяйственных организациях” / О.А. Зубарева // Проблемы учета, финансов, анализа и аудита в условиях глобализации экономики / Материалы международной научно-практической конференции (Тюмень, 29 октября 2009 года). - Тюмень: Тюменская государственная академия мировой экономики, управления и права (ТГАМЭУП), 2009. - С. 34-40
6. Исламова З.Р., Гарифуллина Э.Ф. Проблемы информационного обеспечения управления предприятиями АПК / З.Р. Исламова, Э.Ф. Гарифуллина // нахимовские чтения, - 2008. - № 13. – С. 483-485
7. Лосева А.С. Информационное обеспечение бухгалтерского учета в коммерческих организациях / А.С. Лосева, Е.В. Королева // Научно-образовательный журнал «StudNet». – 2020. – Т. 3. - № 11. – С. 140-150
8. Мазур Л.Н.Информационное обеспречение управления: основные тенденции развития / Л.Н. Мазур. – Екатеринбург: УрГУ, 1999. – 188 с.
9. Сидорова М.И. Управленческий учет как элемент единого информационного пространства организации / М.И. Сидорова, А.А. Гуляева // Учет, анализ, аудит. – 2016. - № 5. – С. 50-65

10. Трубилин А. Повышение эффективности компьютерных информационных технологий в управлении предприятиями / А. Трубилин, Н. Колесников, С. Воротилин // АПК: Экономика и управление. – 2000. – № 7. – С. 23–30
11. Тычинина Н.А. Учетно-аналитическое обеспечение как элемент механизма управления устойчивым развитием предприятия / Н.А. Тычинина// Вестник Государственного университета управления. – 2008.- № 15 (25) - С. 319-325
12. Удалова З.В. Формирование учетно-аналитического обеспечения управления сельскохозяйственными
13. организациями: теория и методология / Дисс.на соиск. учен. степ. доктора экон. наук / З.В. Удалова. - Ростов на Дону, 2011. - 400 с.
14. Хахонова Н.Н. Место учета в системе единого информационного пространства организации / Н.Н. Хахонова // Финансовые исследования. – 2015. - № 1 (46). – С. 184-191
15. Щинова Р.А. Методология формирования маркетингового информационного обеспечения промышленного предприятия / Р.А. Щинова // Известия Санкт-Петербургского университета экономики и финансов. – 2010. - № 3 (63). – С. 35-41

***Саидов Р.Н., Гулобова Н.С. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## ТАКМИЛИ АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

Институти байналмилалии аудиторони дохилӣ фаҳмиши аудити дохилиро фаъолияте муаррифӣ кардааст, ки оид ба пешниҳоди кафолати мустақилу воқеӣ ва додани машваратҳо дар самти такмили корҳои ташкилот нигаронида мешавад [3]. Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ», аудити дохилӣ ин фаъолияти мустақил ва объективӣ мебошад, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ гузаронидани санҷишҳо, баҳодиҳӣ, машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳоро анҷом медиҳад [1, с.1].

Аз қоидаҳои болозикр нисбат ба мазмуни аудити дохилӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аудити дохилӣ фаъолияте мебошад, ки ба пешниҳоди иттилооти воқеӣ оиди ҳолати низоми идоракунии таваккалҳо, инчунин коркарди тавсияҳо оиди такмили низоми идоракунии сохторҳои санҷидашаванда нигаронида шудааст.

Методологияи аудити дохилӣ маҷмуи методҳоеро дар бар мегирад, ки тартиби гузаронидани аудити дохилиро шуруъ аз корҳои омодагӣ то ҷамъбаст ва қабули қарорҳои идоракунӣ муайян менамояд. Моҳияти аудити дохилӣ аз методологияи мукаммали он вобаста мебошад. Татбиқи чорабиниҳои санҷишӣ ва таҳлилию баҳодиҳие, ки дар маҷмӯъ методологияи аудити дохилиро ташкил медиҳанд, бояд барои таъмини ҳолатҳои зерин ҷавобгуй бошанд: а) ихтисор намудани талафоти захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ; б) кафолати нигоҳдории амволи моликон ва огоҳонидан барои пайдоиши қаллобӣ; в) муайян намудани захираҳое, ки барои баландбардории самаранокии фаъолияти асосӣ ва иловагӣ мусоидат менамоянд; г) тибқи меъёр истифода намудани захираҳои иқтисодӣ; ғ) истифодаи мақсаднок ва самараноки дороиҳои муассиса; д) баланд бардоштани сатҳи шуҳрати корӣ ва ҷолибияти сармоягузории ташкилот; е) муайян намудани устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилот дар дилхоҳ вақт.

Методологияи аудит дохилӣ дар ҳар як давру замон вобаста ба фарогирии объектҳои санҷидашаванда ва самти фаъолияти аудити дохилӣ хусусиятҳои хосро доро буд. Самти рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ шуруъ аз ибтидо то кунун, ки мусбӣ арзёбӣ мегардад, аз ин рӯ, методологияи аудити дохилӣ низ пайваста такмил ёфтааст. Барои исботи ин гуфтаҳо рушди заминаҳои методологии аудити дохилиро дар ҷадвали 1. пешниҳод менамоем.

Аз маълумоти ҷадвали 1 бар меояд, ки рушди заминаҳои методологии аудити дохилӣ дар ҳар як давра хусусияти хосро дорад. Яъне дар ҳар як давра таркибдиҳандагони

методологияи аудити дохилӣ миқдоран зиёд карда шуда, онҳо бо назардошти талаботи давраи муайян устувор гардонида шудаанд.

Ҷадвали 1. Рушди заминаҳои методологии аудити дохилӣ

| | Солҳои 40-50-уми асри XX | Охири солҳои 50 ва солҳои 90 –уми асри XX | Охири солҳои 90-уми асри XX то замони муосир |
|---|---|---|---|
| Мақсади аудити дохилӣ | – эътимоднокии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ<br>– назорати нигоҳдории дороиҳо<br>– ошкоркунии қоидавайронкуниҳо | – эътимоднокии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ<br>– назорати нигоҳдории дороиҳо<br>– самаранокии низоми назорат;<br>– иттилоотдиҳӣ ба моликон<br>– ошкоркунии қоидавайронкуниҳо | – баҳодиҳии самаранокии низоми назорат, идоракунии таваккал ва идоракунии корпоративӣ<br>– пешниҳоди машваратҳои мустақил ва ба даст овардани боварии моликон нисбати фаъолияти низоми назорат, идоракунии таваккал ва идоракунии корпоративӣ<br>– пешгирии қоидавайронкуниҳо |
| Субъектҳои аудити дохилӣ | – менеҷмент | – менеҷмент;<br>– моликон. | – моликон |
| Объекти аудити дохилӣ | – амалиётҳо;<br>– кормандон. | – амалиётҳо;<br>– кормандон;<br>–воситаҳои назорат. | – низоми идоракунии таваккалҳо;<br>– назорати дохилӣ;<br>– низоми идоракуни корпоративӣ |
| Методҳои аудити дохилӣ | – санҷиш;<br>– ревизия. | – санҷиш;<br>– ревизия;<br>– баҳодиҳӣ. | – санҷиш<br>– ревизия<br>– баҳодиҳӣ<br>– таҳлил<br>– мониторинг |

Сарчашма: Муаллиф дар асоси адабиёти 5 тартиб додааст.

Аз нигоҳи мо методологияи аудити дохилӣ мукаммал ҳисобида мешавад, агар он барои расидан ба мақсадҳои зерин мусоидат намояд:

1.Баҳодиҳии самаранокӣ ва устувории низоми идоракунии таваккалҳо, назорати дохилӣ, аз ҷумла назорати молиявии дохилӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо баҳри мукаммалгардонии низомҳои зикршуда.

2.Баҳодиҳии устувории назорати молиявии дохилӣ дар рафти омодакунии ҳисоботҳо ва мувофиқати фаъолият бо тартиботи муайяншуда, методология ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин коркарди тавсияҳо оиди мукаммалгардонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисобот.

3.Коркарди пешниҳодҳо оиди баландбардории сарфанокию натиҷанокии истифодабарии захираҳои иқтисодӣ.

Дар шароити мураккаб гардидани фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва зиёд шудани объектҳои аудитшаванда методологияи аудит бояд такмил дода шавад. Хусусан дар рафти аудити низоми назорати дохилӣ, ки ба назорати бизнес-ҷараёнҳои ташкилот нигаронида шудааст, аудити дохилӣ ҳадди аққал 12 вазифаи муҳимро бояд иҷро кунад [2, с.48]:

1.Омузиши бизнес-ҷараёнҳо;

2.Баҳодиҳии назорати сатҳи корпоративӣ;

3.Ба низом даровардани қоидаҳои муҳими назоратӣ;

4.Баробаргузории таваккалҳо;

5.Баҳодиҳии таваккалҳо;

6.Интихоби таваккалҳои муҳим;
7.Коркарди супоришҳои техникӣ;
8.Коркарди барномаи аудит;
9.Баҳодиҳии самаранокии дизайни назорат;
10.Баҳодиҳии самаранокии амалиётии назорат;
11.Тартиб додани хулосаи аудиторӣ;
12.Коркарди нақшаи тасҳеҳшудаи чорабиниҳо.

Яке аз принсипҳои заминавие, ки барои баланд бардоштани шафофияти аудити дохилӣ мусоидат намуда, рушди минбаъдаи соҳаро таъмин менамояд, мустақилияти аудиторони дохилӣ мебошад. Аммо мутаассифона принсипи мазкур дар амалия дар сатҳи лозимӣ риоя намегардад, ки монеаи рушди аудити дохилӣ шуда метавонад. Вазифаҳои ба зиммаи шуъбаи аудити дохилӣ гузошташуда дар ҳамон ҳолат воқеона ва босамар иҷро карда мешаванд, ки агар сохтори мазкур ва кормандони он нисбат ба санҷидашавандагони ташкилот мустақил ва аз таъсири тарафи сеюм ҳимояшаванда бошад. Воқеан ҳама ҷиҳатҳои вобаста ба таъмини мустақилияти аудиторони дохилӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа оварда шудааст.

Новобаста аз он ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи аудит мустақилияти аудиторони дохилиро муайян кардаанд, аммо дар натиҷаи омӯзиши адабиёти дастрасшуда дигар омилҳои таъмини мустақилияти аудиторони дохилӣ низ маълум карда шуд, аз ҷумла: а) итоат ва дастрасии мустақим ба роҳбари ташкилот; б) фарқият дар салоҳият ва уҳдадориҳои аудити дохилӣ нисбат ба фаъолияти дигар зерсохторҳои ташкилот; в) дастрасии комил ва бемонеа ба дороиҳо, ҳуҷҷатҳо, сабтҳои муҳосибӣ ва дигар иттилоот; г) набудани маҳдудият дар рафти муайян намудани ҳаҷми кор, ки ба тартибдиҳии нақшаи фаъолият ва иҷрои санҷишҳо вобаста мебошад; ғ) мавҷуд набудани маҳдудият нисбат ба захираҳои молиявӣ ва дигар намуди захираҳо; д) таъмини объективнокии инфиродӣ ва мустақилияти аудиторон.

Мисоли мустақилияти сохтори аудити дохилӣ вобаста ба низоми назорати дохилии субъектҳои иқтисодӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Мустақилияти сохтори аудити дохилӣ вобаста ба низоми назорати дохилӣ

| **Ташкилоти дорои низоми назорати дохилии рушднакарда** | **Ташкилоти дорои низоми назорати дохилии рушдкарда** |
|---|---|
| – шуъбаи аудити дохилӣ дар таркиби сохтори назорати дохилӣ ва аудити ташкилот:<br>– тафовути фаъолияти шуъбаи аудити дохилӣ нисбат ба фаъолияти дигар зерсохторҳо;<br>– роҳбари шуъбаи аудити дохилӣ ба роҳбари сохтори назорати дохилӣ ва аудити ташкилот ва дар навбати худ ба роҳбари ташкилот ҳисоботдиҳанда мебошад;<br>– роҳбари шуъбаи аудити дохилӣ салоҳиятҳои худро тақсим кардааст ва ба идоракунии объекти аудит таъсир расонида наметавонад. | – шуъбаи аудити дохилӣ ҳамчун сохтори мустақили ташкилот:<br>– роҳбари шуъбаи аудити дохилӣ ба таври мустақим ба роҳбари ташкилот ҳисоботдиҳанда мебошад;<br>– фаъолияти шуъбаи аудити дохилӣ ба қарорҳои идоракунӣ алоқаманд нест. |

Сарчашма: Муаллиф дар асоси адабиёти 4 тартиб додааст.

Аз маълумоти ҷадвали 2 маълум мегардад, ки дар низоми назорати дохилии рушднакарда аудити дохилӣ имконияти ба таври мустақил ва бевосита иҷро намудани вазифаҳои худро надорад. Аммо дар низоми назорати дохилии рушдкарда бошад аудити дохилӣ аз салоҳияти худ ба пуррагӣ истифода менамояд, ки ҳолати мазкур таъсиррасонии фаъолияти сохтори аудити дохилиро дар пешрафти кори субъекти иқтисодӣ бараъло ифода менамояд.

Дар адабиёти илмӣ ва соҳавӣ унсурҳои мухталифи методологияи аудити дохилӣ оварда шудааст, ки онҳо вобаста ба мазмун ва таъйинот ба ҳамдигар наздик мебошанд. Вобаста ба ин, дар расми 1 унсурҳои методологии аудити дохилӣ дар шакли мухтасар ба низом даровarда шудааст.




Расми 1. Унсурҳои нисбатан маъмули методологияи аудити дохилӣ.

Сарчашма: муаллиф тартиб додааст.

Унсурҳои методологияи аудити дохилӣ дар алоқамандӣ амал намуда, яке дигареро пурра менамоянд. Масалан дар ҳоле, ки чорабиниҳои марҳилаи банақшагирӣ дар сатҳи лозимӣ татбиқ карда нашаванд, аз дигар марҳилаҳои дар расм нишондодашуда натиҷаҳои мусбиро интизор шудан ғайриимкон мебошад.

Усулҳои аудити дохилӣ, ки дар рафти санҷиш мавриди истифода қарор мегиранд, дар расми 2 оварда шудааст.




Расми 2. Усулҳои гузаронидани аудити дохилӣ

Сарчашма: муаллиф тартиб додааст

Тавре маълумоти расми 2 нишон медиҳад, чорабиниҳои аудити дохилӣ бо истифодаи низоми усулҳои санҷишӣ ва таҳлилӣ-баҳодиҳӣ амалӣ карда мешаванд. Қабул ва истифодаи усулҳои болозикр вобаста ба зарурате, ки дар рафти аудити объектҳо пайдо мегардад, ба роҳ монда мешавад. Истифодаи дуруст ва бомавриди усулҳои мазкур имконият медиҳад, то аудитор объектҳоро дар сатҳи баланди касбӣ зери санҷиши амиқ қарор диҳад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши маводи гирдовардашуда оиди такмили асосҳои методологии аудити дохилӣ ба мо муяссар шуд, то пешниҳодҳои зеринро коркард намоем:

1.Мутобиқ гардонидани фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ ба талаботи стандартҳо ва дар ин замина коркарди методологияи мукаммали аудити дохилӣ.

2.Ташкили банақшагирии саривақтӣ ва таҳлили натиҷаҳои санҷишҳои аудити дохилӣ бо мақсади ошкоркунии норасоиҳо ва қоидавайронкуниҳо.

3.Зарурати коркарди тавсияҳо оиди мукаммалгардонии низоми идоракунии таваккалҳо ва назорати дохилӣ, инчунин бартарафкунии норасоиҳо ва қоидавайронкуниҳои ошкоршуда.

4.Машваратдиҳии роҳбарони сохторҳои ташкилот, мутахассисон, кормандони мутасаддии масъалаҳои мукаммалгардонии назорати дохилӣ, қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баландбардории самаранок истифодабарии дороиҳо.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631.-http://mmk.tj
2. Растамханова, Л.Н. Методология и организационные особенности систем внутреннего контроля в управлении организациями: Монография / Л.Н.Растамханова. – Йошкар-Ола: ООО "Стринг", 2009. -185 с.
3. Сайт Института внутренних аудиторов URL: http://www.iia-ru.ru URL https://moluch.ru/archive/146/41026/ (дата обращения: 10.03.2022).
4. Сафонова Т. И. Понятие и сущность внутреннего аудита в системе управления предприятием // Независимый аудитор, 2013. — № 4. — С. 64–66.
5. Сонин А.М. Внутренний аудит: Современный подход. / А.М. Сонин – М.: Финансы и статистика, 2007. – С. 7-13.



***Мирзозода А.Д. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***


## ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ФАРСУДАШАВӢ ВА ТАРТИБИ АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ НАМУДАНИ ВОСИТАҲОИ АСОСИИ МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТӢ

Воситаи асосӣ ин маҷмӯии ашёи моддии арзишӣ, ки чун воситаи меҳнат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, расонидани хадамот ё ин ки барои идоракунии муассиса зиёда аз 12 моҳ дар истифода қарор доранд дохил мешавад.

Воситаҳои асосӣ мавриди истифодаи дуру дароз бо мурури замон фарсуда мегарданд. Фарсудашавӣ ин ҷараёни талафёбии хусусиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии воситаҳои асосӣ мебошад.

Фарсудашавии ҷисмонӣ дар натиҷаи истифодаи дуру дарози объектҳои ғайриманқул, биноҳо ва таҷҳизотҳо ва таъсири омилҳои берунӣ ба амал меояд.

Фарсудашавии маънавӣ ин ҷараёне мебошад, ки тавассути рушди илм ва техника воситахои асосӣ тез-тез такмил ёфта, воситаҳои асосии қаблӣ ба талаботи замон мутобиқат намекунанд.

Истеҳлок ин раванди объективии иқтисодии тадриҷан подоши арзиши воситаҳои асосӣ дар давраи истифодаи онҳо дар истеҳсолот, бо мақсади азнавкунӣ то давраи ба охир расидани мухлати истифодаи онҳо мебошад, ки аз фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии объект вобастагӣ дорад.

Воситаҳои асосӣ дар вақти баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши аввала, барқароркунӣ, ва бақиявӣ ба ҳисобгирифта мешаванд. Арзиши аввала аз хароҷотҳои ҳақиқӣ барои сохтмон ё хариди воситаҳои асосӣ, хароҷотҳо оид ба дастрас кардан иборат аст. Арзиши барқароркунӣ арзишӣ такрористеҳсолкунии воситаҳои асосӣ дар вақти аз нав нарх мондан аст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Арзиши бақиявӣ ҳамчун фарқи байни арзиши аввала ва хӯрдашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ аст [6, с. 139-140].

Яке аз вазифаҳои асосии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ин сари вақт ҳисобкардани истеҳлок ва ба объектҳои колкулятсионӣ будани он мебошад.

Муассисаҳои буҷетӣ метавонад ҷузъи объектро дар алоҳидагӣ истеҳлок намояд, дар ҳолате, ки арзишашон нисбати маблағи умумии объект ночиз бошад. Ҳиссаҷудокунии

истеҳлоки барои ҳар як давра бояд дар фоида ё зарар эътироф шавад, агар онҳо ба арзиши тавозунии дигар дороиҳо дохил нашуда бошанд. Арзиши истеҳлокшавандаи дороӣ дар асоси тартибӣ вобаста ба мӯҳлати фоидаовари хизматии дорои тақсим карда мешавад.

Истеҳлоки дороӣ аз давраи барои истифода дастрас шудани он шурӯъ мешавад. Дар ҳолати қатъӣ эътироф кардан ҳамчун дороӣ истеҳлоки дороӣ низ қатъ карда мешавад. Ҳамин тариқ истеҳлок қатъ карда намешавад, ҳангоми боздоштани истифодаи дороӣ, ва ё аз истифодаи мунтазам гирифта шуда, ба хориҷшавӣ пешбинӣ шуда бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дорои пурра истеҳлок шуда бошад. Ҳамзамон, ҳангоми истифодаи усули истеҳлок, ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ дар вақти набудани ягон истеҳсолот метавонад ба сифр баробар бошад.

Ҳисоби 1 42 000 «Истеҳлоки ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ» барои инъикоси маблағи истеҳлоки ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ ва дараҷаи фарсудагии онҳо пешбинӣ шудааст. Ин ҳисоб ба ҳисобҳои зерини фаръӣ тибқи табақабандии воситаҳои асосӣ тақсим мешавад [1, с. 168]:

→ 1 42 100 Истеҳлоки ҷамъшуда -биноҳо;

→ 1 42 200 Истеҳлоки ҷамъшуда - иншоот;

→ 1 42 300 Истеҳлоки ҷамъшуда -мошинҳо ва таҷҳизот;

→ 1 42 400 Истеҳлоки ҷамъшуда - мебел, лавозимоти идоравӣ, асбобҳо, инвентари истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ;

→ 1 42 500 Истеҳлоки ҷамъшуда - ободонии замин.

Муҳлати истифодабарии объектҳои воситаҳои асосӣ ҳангоми қабулкунии онҳо мувофиқи таснифоти объекҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳисоби истеҳлоки ҷамъшуда ин ҳисоби таҳлилии тасҳеҳкунандаи ҳисоби воситаҳои асосӣ мебошад. Зимни хариди воситаи асосӣ мӯҳлати хизмати муфиди дороӣ ва арзиши мавриди истеҳлоки он, ки дар оянда бар асоси системавӣ ба шакли хароҷот дар тӯли тамоми мӯҳлати истифодаи муфиди дороӣ тақсим мегардад, муайян карда мешавад. Баҳисобгирии истеҳлоки воситаи асосӣ аз лаҳзае оғоз меёбад, ки дороӣ барои истифода дастрас ва то аз тавозун хориҷ карда шудан, ҳатто агар он дар тӯли ин давра истифода нагардад, давом мекунад. Масалан баҳисобгирии истеҳлоки бинои истиқоматӣ бо қайди зерин сурат мегирад:

$Д_{т.}$ 5 13 100 Хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ;

$К_{т.}$ 1 42 110 Истеҳлоки ҷамъшуда –биноҳои истиқоматӣ.

Замин ва биноҳо дороиҳо алоҳида буда, дар ҳолати хариди якҷояи онҳо аз якдигар ҷудо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ғайр аз баъзе ҳолатҳо, масалан партовгоҳҳо ва майдончаҳои барои партов истифода шаванда, замин муҳлати маҳдуди истифодаи фоидаоварро надорад ва аз ин хотир истеҳлок ҳисоб карда намешавад [1].

Усули ҳиссаҷудокунии истеҳлок бояд нақшаи истеъмоли манфиати иқтисодии муассисаи буҷетиро ё иқтидори хизматии дороиро тасвир намояд. Ҳиссаҷудокунии истеҳлоки барои дороиҳо истифода шаванда, ба ҳадди ақал ҳар сол ба рӯзи ҳисоботӣ дида баромада шавад, ва агар дигаргуниҳои ҷиддӣ дар нақшаи истеъмолии манфиати иқтисодии оянда ва иқтидори хизматии дороиҳо шуда бошад, усули барои ин дигаргуниҳоро тасвир кардан дигар карда мешавад. Ин гуна таъғирот ҳамчун тағирёбии баҳодиҳии муҳосибӣ, дар асоси Стандарти ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон №3 «Сиёсати ҳисоботи молиявӣ, таъғирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ ва хатогиҳо» бояд ба ҳисоб гирифта шавад [10].

Муассисаҳои буҷетӣ метавонанд аз усулҳои гуногуни ҳиссаҷудокунии истеҳлоки барои тақсимоти ботартиби маблағи истеҳлокии дороӣ дар давоми муҳлати хизматии манфиатдори дороӣ истифода баранд. Усулҳои маъмули истеҳлок ин усули оддӣ (росхата), усули камшавии бақия ва усули истеҳсолӣ мебошад.

Аз лаҳзаи харид, арзиши ибтидоии воситаҳои асосиро ба воситаи истеҳлок ба маҳсулоти тайёр мегузаронанд. Истеҳлок ё фарсудашавӣ ин тақсимкунии арзиши воситаҳои асосӣ дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди онҳо мебошад. Ҳангоми тақсимкунӣ қисми арзиши

воситаҳои асосӣ ҳамчун хароҷот дониста шуда, асоси андозситониро кам мекунад. Аз ин рӯ, дуруст муайян кардани маблағи истеҳлок ниҳоят муҳим аст.

Барои корхонаҳои истифодабарандаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ Меъёрҳои ягонаи ҳисобнамудани истеҳлоки (хурдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохил мегарданд, хусусияти тавсиявӣ дода шудааст. Дар банди 4-уми ин фармоиш омадааст, ки корхонаҳо, новобаста аз усулҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ (ба истисной муассисаҳои буҷетӣ) барои мақсадҳои баҳисобгирии андозӣ ҳисобкунии меъёрҳои ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокии воситаҳои асосиро тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд.

Усули ростхаттаи истеҳлок усулест, ки ҳангоми истифодаи он бузургии истеҳлок барои ҳамаи давраи хизмати дороӣ доимӣ мемонад. Ҳангоми ҳисобкунии истеҳлок бо ин усул арзиши истеҳлокшаванда ба давраҳои ҳисоботӣ, ки ба мӯҳлати хизмати дороӣ рост меоянд, тақсим карда мешавад.

Дар ташкилотҳои буҷети ҳисобкунии истеҳлок аз руйи Меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки (хурдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гуруҳҳои истеҳлокӣ дохил мегарданд истифода бурда мешавад.

Ҳангоме, ки истеҳлоки (хурдашавии) воситаҳои асосӣ ба муҳлати охир мерасад ва маблағи зарӯрӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, имконият ба вуҷуд меояд, ки молики он воситаи асосиро ба фурӯш мегузорад ё онро таъмир менамояд. Дар ин ҳолат метавон воситаи асосие, ки моликияти давлатӣ мебошанд ва муҳлати хизматаш ба охиррасидааст, аз эътибор соқит намуд.

Меъёрҳои тартиб нисбат ба воситаҳои асосии аз эътибор соқитшавандаи воситаҳои асосӣ мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ, корхона, ташкилот, муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидоре, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат 50 фоиз ё аз он зиёд аст ва дорандаи тавозун мебошанд, татбиқ гардидааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, № 184, тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосие, ки моликияти давлатӣ мебошанд тасдиқ карда шудааст. Бо мақсади ҷорӣ намудани низоми ягонаи аз эътибор соқит намудан ва аз ҳисоб баровардани воситаҳои асосии давлатие, ки аз лиҳози ҷисмонӣ фарсуда шудаанд, инчунин истифодабарии минбаъдаи қисмҳои онҳо ғайриимкон аст, таҳия гардидааст.

Дар ҷамъиятҳои хоҷагидоре, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат аз 50 фоиз кам аст, қарор дар бораи аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон ё иштирокчиёни ин ҷамъиятҳо қабул карда мешавад.

Объектҳои воситаҳои асосӣ бинобар сабабҳои зерин аз эътибор соқит карда мешаванд[9, с. 4]:

→ дар ҳолате, ки аз лиҳози ҷисмонӣ пурра фарсуда шуда, корношоям гардидаанд;
→ дар ҳолате, ки барқарорсозии онҳо имконнопазир гардидааст;
→ дар ҳолате, ки нигоҳдории ояндаи онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ба муассисаҳои буҷетӣ фоидаовар намебошад ва арзиши бақиявии тавозунӣ надоранд;
→ дар ҳолате, ки эҳтимолияти ба тавозуни дигар корхонаю ташкилот ва мақомоти давлатӣ гузаронидан ва ё фурӯхтани онҳо ҳамчун объекти хусусигардонӣ вуҷуд надорад;
→ дар ҳолате, ки дар мавқеи ҷойгиршавии онҳо сохтмони иншооти дигар ба нақша гирифта шудааст;
→ дар ҳолати дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор ва садама нобуд гардидан;
→ дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ воситаҳои асосиро дар мавриди моликияти ҷумҳуриявӣ тибқи розигии хаттии мақоми ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори ҳайати мушовара ба расмият дароварда мешавад ва дар мавриди моликияти коммуналӣ бо розигии хаттии маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ ва ё дар доираи салоҳият бо розигии хаттии раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (Мақоми ваколатдор ) аз эътибор соқит менамояд.

Ҳамзамон, ҷамъиятҳои хоҷагидоре, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат 50 фоиз ё аз он зиёдро ташкил медиҳад, баъди гирифтани розигии Мақоми ваколатдор бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон ё иштирокчиёни ин ҷамъиятҳо воситаҳои асосиро аз эътибор соқит менамоянд.

Барои гирифтани розигӣ дар бораи аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ аз тарафи муассисаи дорандаи тавозун ба Мақоми ваколатдор ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд[9, с. 5]:

◊ дархости муассисаи буҷетӣ дар бораи аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ;

◊ розигии мақомоти марказии соҳавии муассисаи буҷетӣ (дар шакли фармоиш ё қарор бо дарҷи ном ва нишондиҳандаҳои техникии воситаҳои асосӣ);

◊ нусхаи фармоиши муассисаи буҷетӣ дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунанда оид ба муайян намудани ҳолати воқеии воситаҳои асосии аз эътибор соқитшаванда ва додани хулоса дар бораи аз эътибор соқит намудани онҳо;

◊ маълумотнома дар бораи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ бо дарҷи хулосаи Комиссияи доимоамалкунанда (мутобиқи замима);

◊ аксҳои (суратҳои) воситаҳои асосии аз эътибор соқитшаванда, ки ҳолати воқеии онҳоро пурра нишон медиҳанд (дар қафои суратҳо ном ва нишондиҳандаҳои техникии воситаҳои асосӣ навишта шуда, имзои роҳбар ва мӯҳри муассисаи дорандаи тавозун гузошта мешавад).

Муассисаи буҷетӣ дар асоси фармоиш бо мақсади муайян намудани ҳолати корношоямӣ ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои муҳосибавии воситаҳои асосии барои аз эътибор соқит намудан пешниҳодшаванда Комиссияи доимоамалкунанда дар ҳайати на кам аз 5 нафар аз ҳисоби мутахассисони дахлдор, ки ба он метавонанд муовини роҳбар, сармуҳандис, сармуҳосиб, муҳандис, механик, технолог, мутахассиси соҳаи барқ, молшинос, муҳосиб, мудири хоҷагидорӣ ва дигар кормандон ворид шаванд, таъсис медиҳанд.

Ҳамзамон, вазифаи Комиссияи доимоамалкунанда аз иҷрои корҳои зерин иборат мебошад:

♦ тафтиш ва азназаргузаронии бевоситаи воситаҳои асосӣ ҷиҳати муайян намудани корношоямӣ ва мувофиқ набудани онҳо барои истифодабарӣ дар фаъолияти минбаъдаи хоҷагидории муассисаи дорандаи тавозун;

♦ муайян намудани омилҳои корношоям гардидани воситаҳои асосӣ;

♦ муайян намудани қисмҳои коршоями воситаҳои асосӣ, бо мақсади истифода намудани онҳо дар фаъолияти хоҷагидории муассисаи дорандаи тавозун.

Мақоми ваколатдор вобаста аз ҳолати воқеӣ ва бо дарназардошти эҳтимолияти ба фурӯш рафтан ҳуқуқ дорад воситаҳои асосии барои аз эътибор соқит намудан пешниҳодгардидаро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба фурӯш барорад. Хулосаи Мақоми ваколатдор дар ин хусус бо қарори ҳайати мушовара ба расмият дароварда мешавад.

Аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосие, ки мӯҳлати меъёрии истифодабариашон пурра ба охир нарасидааст ва арзиши бақиявии тавозунӣ доранд, ба истисноии ҳолатҳои дар ҳолати сохтмони нав дар мавқеи ҷойгиршавии воситаҳои асосӣ арзиши бақиявии тавозунии воситаҳои асосии барҳамдодашуда, ба арзиши воситаҳои асосии нави сохташаванда дохил карда мешавад ё дар ҳолати корношоям ва нобуд гардидан дар натиҷаи садама, ғорат ва дуздӣ бо ситонидани- товони зиён ба буҷети дахлдор - тибқи хулосаи мақомоти тафтишотӣ ё қарори мақомоти судӣ тартиб нишондодашуда манъ мебошад.

Ба қисмҳо ҷудо кардан ва таҷзияи воситаҳои асосии давлатӣ то гирифтани розигии Мақоми ваколатдор ва тасдиқи санадҳои барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ манъ мебошад. Муассисаҳои буҷетӣ воситаҳои асосиро новобаста аз мӯҳлати муқарраргардидаи истифодабарӣ ва арзиши бақиявии тавозунии онҳо дар ҳолатҳои зерин метавонад мустақиман аз эътибор соқит намояд [9, с. 6]:

▪ дар ҳолати нобуд гардидан дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор ва ҳолатҳои дигари фавқулодда;

▪ тибқи хулосаи мақомоти дахлдори давлатӣ.

Муассисаҳои буҷетӣ ҳуҷҷатҳои дохилии муҳосибиро барои аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандае, ки соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба танзим медароранд, омода менамояд ва ба расмият медарорад.

Ҳамзамон, муассисаи буҷетӣ вазифадор аст дар муддати 3 моҳ баъд аз гирифтани розигии Мақоми ваколатдор иҷрои корҳои зеринро таъмин намояд [9, с.7]:

- Воситаҳои асосии аз эътибор соқитшударо ба қисмҳо ҷудо ва таҷзия намояд;
- Пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга, қисмҳои эҳтиётӣ, ҳезум ва масолеҳи сохтмонии аз ин ҳисоб бадастомадаро муайян ва ба анборҳо даромад намуда, ҳаҷму арзиши онҳоро дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ сабт намояд;
- Қисмҳои корношоями дорои металлҳои қимматбаҳоро дар мувофиқа бо Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воситаҳои асосии соқитгардида ҷудо ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳурӣ дар корхонаҳое, ки барои коркарди металлҳои қимматбаҳо иҷозатномаи дахлдор доранд, холискорӣ намуда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супорад;
- Воситаҳои асосии аз эътибор соқитшударо аз баланс хориҷ намояд;
- Оид ба натиҷаи барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ ба Мақоми ваколатдор ҳисобот пешниҳод намояд.

Роҳбарияти муассисаи буҷетӣ барои риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосие, ки моликияти давлатӣ мебошанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Маълумотнома дар бораи воситаҳои асосии аз эътибор соқитшавандаи

________________________________________

(номи пурраи муассисаи буҷетӣ)

ба ҳолати “____”____________соли 202___

| №т/р | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Миқдор | Меъёри хурдашавии солона (бо фоиз) | Рақами инвентарӣ, рақами давлатӣ барои воситаҳои нақлиётӣ | Соли баориш ё баистифодадиҳӣ | Арзиши баркароршуда бо сомонӣ | Фарсудаша-вии ҳақиқӣ дар тамоми мӯҳлати ис-тифодабарӣ | | Арзиши бақиявии балансӣ | Хулосаи Комиссияи доимамалкунандаи дорандаи баланс (аз эътибор соқит карда шавад ё ба фурӯш бароварда шавад ё таъмир карда, истифодааш идома дода шавад) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Маблағ (сомонӣ) | Фоиз | | |
| 1 | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | |

Роҳбари муассисаи буҷетӣ ________________________________

(имзо, ному насаб)

Сармуҳосиби муассисаи буҷетӣ ___________________________

(имзо, ному насаб)

Аъзоёни комиссияи доимамалкунандаи муассисаи буҷетӣ

____________________________________________________________

(имзо, ному насаб)

Маълумотнома бо муҳри мудаввари муассисаи буҷетӣ тасдиқ карда мешавад.

Барои минбаъд такмил додани баҳисобгирӣ ва саҳеҳ ҳисоб кардани фарсудашавӣ, тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосие, ки моликияти давлат мебошанд, хулосаву пешниҳодоти зерин арзёбӣ карда мешаванд:

- дар заминаи санадҳои меъёрии сатҳи аввал ташкил кардани баҳисобгирии муҳосибии истеҳлок дар соҳаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва таҷдиди назар кардани ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавӣ вобаста ба танзими баҳисобгирӣ аз ҷониби зерсохторҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар сатҳи корхона таъсис додани ҳуҷҷатҳои корӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибии фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва дар сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ намудани онҳо;
- барои боз ҳам дуруст ва саҳеҳ ҳисоб кардани истеҳлок ва муайян кардани арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ дуруст таснифот кардани он дар вақти ҳисобкунӣ;
- дуруст ва мақсаднок интихоб кардани базаи тақсимкунии хароҷоти фарсудашавӣ барои тақсим кардани ин истеҳлок байни объектҳои воситаҳои асосии дар муассиса мавҷудбуда;
- вобаста ба гурӯҳи объекти воситаи асосӣ дуруст интихоб кардани меъёри ҳисобкунии истеҳлок дар баҳисобгирӣ;
- ҷорӣ кардани барномаҳои компютерӣ барои баҳисобгирии истеҳлок ва автоматикунонии низоми баҳисобгирии сметаи даромад ва хароҷот дар ташкилотҳои буҷетӣ;
- таъсис додани гурӯҳи назоратӣ ва тафтишотӣ оид ба ташкили баҳисобгирии муҳосибии фарсудашавии объектҳои воситаҳои асосӣ ва арзишмуайянкунии бақияи дар охири давраи ҳисоботӣ;
- соданамои раванди тартиби аз эътибор соқинамоии объектҳои воситаҳои асосии дар муассисаҳои буҷетӣ;
- сари вақт аз тарафи муассисаҳои буҷетӣ пешниҳод намудани объектҳои воситаҳои асосие, ки фарсудашудаанд ва аз ҳисоби тавозуни муҳосибӣ хориҷнамойи он.

## АДАБИЁТ


1. Дастурамал оид ба тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандарти ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ. Бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2015, № 204., 84 саҳ.
2. Дастурамал «Оид ба истифодаи нақшаи ягонаи ҳисобҳо барои субъектҳои бахши идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин иҷрои хазинадории будҷаи давлатӣ дар ташкилотҳои будҷавӣ», фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2014 с., 238 саҳ.
3. Дастурамал оиди бурдани ҳисобдории бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011с., 110 саҳ.
4. Дастурамал «Оид ба тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) барои ташкилотҳои буҷетӣ», фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2015, № 204., 84 саҳ.
5. Дастурамал «Оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ (муттаҳидшуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ», фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2015, № 204., 84 саҳ.
6. Шарифов З. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. - Душанбе, 2016. - 416 с.
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017)- Душанбе, 2017.- 239 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” 25.03.2011, №702. -17 с.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосии моликияти давлатӣ” аз 30 апрели соли 2012, № 184. – 15 с.
10. Стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон, фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014, №40.
11. Табаров А.Д. “Баҳисобгрии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ” Душанбе, 2019 с., 300 саҳ.

*Ҳукматов Д.Ч. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## САМТҲОИ РУШДИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Ба ҳолати имрӯз, аксари корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти на он қадар хуб доранд. Сабабҳои асосии он масрафҳои зиёд ва натиҷаҳои молиявии начандон баланди фаъолияти корхонаҳои КАС ин талафи дороиҳо мебошад, ки бо корбурди низоми бесамараи назорати молиявии дохилӣ дар ин корхонаҳо алоқаманд аст.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дигаршавии шароитҳои хоҷагидорӣ, вазифаҳои афзалиятноки баландбардории рақобатпазирии маҳсулот дигарсозии усулҳои идоракунӣ ва ошкоркунии захираҳои истифоданашударо талаб менамоянд, ки бояд ба принсипҳои қонуният асос ёфта, ба саривақт муайян кардани зарарҳо ва ошкор кардани сабабҳо ва айбдорони талафот ва хароҷоти бесамара мусоидат намоянд. Зарурати таҳия намудани ғояи нави идоракунӣ ва назорати дохилӣ ба миён меояд, ки ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлил, контроллинг ва ҳамоҳангсозии ҳама воҳидҳои сохтории корхонаҳои комплекси агросаноатӣ асос меёбанд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2002 № 428 “Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ”, ки бо ташаббуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ба роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии корхонаҳои мамлакат, аз ҷумла корхонаҳои КАС равона гардидааст. Қарори мазкур ва дигар чорабиниҳои дар доираи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ анҷомдодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати муҳимро ба баланд бардоштани сифати ахбор, муҳайё сохтани шароитҳо барои татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, баландбардории сифатҳои касбии аудиторҳо ва муҳосибон равона менамоянд.

Яке аз шароитҳои асосӣ барои баландбардории фоиданокии корхонаҳои КАС ин бунёд намудани низоми босамара ва таъсирноки назорати молиявӣ мебошад, ки ба камкунии хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва талафоти дороиҳо дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили механизми ба ошкоркунии захираҳо равонакардашуда мусоидат намуда, ба зиёдшавии натиҷаҳои молиявӣ ва рушди ҳосилнокии корхонаҳои кишоварзӣ меоварад.

Ғояи ташкили назорати дохилиро дар корхонаҳои КАС баррасӣ намуда, қайд менамоем, ки зери мафҳуми “ғоя” тарзи муайяни фаҳмиш, маънидодкунӣ ва шарҳдиҳии ягон хел зуҳурот, равандҳо фаҳмида мешавад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ғоя чун мақсади ниҳоӣ ва асосӣ аз кардани коре, мурод, армон, шакли ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии инсонҳо, ақида, фикр маънидод карда шудааст [8, с. 400].

Дигарсозии сохтори хоҷагидорӣ ба чунин принсипҳои қавӣ асос меёбад: баландбардории ҳуқуқ ва мустақилияти хоҷагиҳо, гузариши онҳо ба усулҳои иқтисодии идоракунӣ, пешбурди пурраи ҳисоби хоҷагӣ, зиёдкунии манфиатнокии моддии кормандон дар ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии нав. Шароитҳои нави фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба низоми таъсирноки идоракунӣ, ки бахши асосии он назорати молиявии дохилӣ мебошад, ниёз доранд. Ин ҷо низ нақши муҳим ба корҳои назоратӣ-ревизионӣ ҷудо карда мешавад.

Масъалаи аввалиндараҷаи назоратӣ дохилӣ – пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо ва дуздиҳо дар раванди фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Татбиқи бомуваффақи назорат танҳо дар мавриди низоми дуруст ташкилгардидаи мақомоти назораткунанда, истифодаи усулҳо ва қоидаҳои иқтисодии ҳавасмандкаунандаи сифати баланди меҳнат ба даст меояд.

Назорати молиявӣ гуфта, назораи беисти мақомоти назоратӣ ва коллективҳои меҳнатӣ аз болои фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо, инчунин назоратиаз ҷонибишахсони мансабдор риоягардидани санадҳои қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Иҷроиши нақшаҳо ва уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба

истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ғункуниҳо ва рушди ҳосилнокии меҳнат, ошкоркунии захираҳои истифоданашудаи баландбардории ҳаҷмҳои истеҳсоли маҳсулот ва пастшавии арзиши аслии маҳсулот ва дигар соҳаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бояд назорат карда шаванд.

Боиси таассуф аст, ки амалияи пойдоргардидаи ташкили корҳои назоратӣ-ревизионӣ дар корхонаҳои КАС бо ҳадди пурра ба талаботи баландбардории натиҷанокии идораи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷавобгӯ нест, ошкоркунии камбудиҳои мавҷуда ва сафарбаркунии захираҳои рупӯшкардашударо таъмин намекунад.

Аксаран нишондиҳандаҳои мобайнӣ (асосан расман), иҷрои талаботи дастурамалҳо ва нишондодҳои сершумори фақат ғайримустақимона бо фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ алоқамандназорат карда мешаванд. Дар шароитҳои иқтисодии нав маркази гаронвазнӣ бояд бевосита ба коллективҳои меҳнатӣ равона шуда бошад. Ҷиҳати назорати берунӣ агар сухан иброз кунем, пас ин фаъолияти мақомоти аудит ва иттифоқҳои ревизионӣ бояд ҳамчунин самти худро дигар кунад: санҷишҳои ҳифзи моликияти корхонаҳо, асосноккунӣ ва саривақтии ҳисобикуниҳо бо буҷет ва дигар самтҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зарур мебошанд. Дар ин маврид назорати дохилиро метавон чун раванди муҳаррике амсилабандӣ намуд, ки дорои марҳилаҳои ташкилӣ-омодасозӣ, равандӣ-назоратӣ ва ниҳойӣ мебошад.

Марҳилаи ташкилӣ-омодасозӣ таҳия намудан ва муносиб гардонидани нақша ва барномаи назорат, инчунин ҳама намудҳои ҳуҷҷатҳои танзимкукнии дохилии он; таъминоти меъёрӣ-маълумотномавӣ, методӣ ва техникии раванди назоратро дар бар мегирад.

Марҳилаи равандӣ-назоратӣ дар назораи аввалӣ, муқоисакунӣ ва ҳуҷҷатноккунии зуҳуроти хоҷагидорӣ; ошкоркунии тамоилот аз меъёрҳо, нақшаҳо, буҷетҳо; муқаррар кардани қонунвайронкуниҳо, корбурди ғайримақсадонаи воситаҳо ва дигарҳо ифода меёбад.

Марҳилаи ниҳойии раванди назорат ҷамъбасткунии маълумоти гирифташуда оид ба дороиҳо, уҳдадориҳо ва равандҳои хоҷагидорӣ, инчунин маънидодкунии ахбори ҷамъоваришуда ва табдил додани он ба хулосаҳо, қарорҳои идоракунӣ, санадҳо, маълумотномаҳои гуногун; супоридани ахбор ва натиҷаҳо ба роҳбарияти корхона ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад [7].

Дар шароитҳои муосири рушди пуравҷи низоми идоракунии корхонаҳо ва дигаргуншавиҳои муҳити берунии фаъолияти соҳибкорӣ назорати дохилӣ ба таъмин намудани иҷроиши ҳама вазифаҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои стратегӣ дар низоми идоракунии субъекти хоҷагидорӣ равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар амалия раванди назоратро низоми бо корбурди сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва зеҳнӣ истифодашаванда ифода мегардад. Бино бар ин, вай бояд босамарона бунёд карда шуда бошад, ҳама унсурҳои он ба ҳолати ягонаи том оварда шуда бошанд. Ин ҷо бояд оид ба асоснокии илмии раванди назорат дар кишоварзӣ зикр намуд. Дар адабиёти илмӣ ва амалия аксаран ин мафҳум бо таҳия ва татбиқ кардани унсурҳои ташкили илмии меҳнат (ТИМ) маҳдуд мешавад. Ин гуна тарзи муомила ба татбиқи прогресси техникӣ дар худи раванд ва методологияи назорат, навовариҳои дар стандартҳои байналмилалии аудит дарҷгардида мусоидат намекунад [7].

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 25 марти с.2011, № 702.
2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерии фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаву муассисаҳо ва дастурамал оиди истифодабарии он. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2011с. № 28
3. Низомнома оиди ҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // аз 30 декабри 1999с. № 163
4. Низомнома оиди калкулятсияи маҳсулот (кор, хадамот) дар корхонаву муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи 1999с. № 210.
5. Сиёсати ҳисобдории корхона.

6. Алборов Р. А., Бодриков В. В., Бодрикова С. В., Камышев А. Л. Организация внутреннего аудита в системе управления сельскохозяйственным производством. - Ижевск, 2008. – 160 с.
7. Методические рекомендации по переходу на ведение бухгалтерского учета в соответствии с требованиями МСФО. Утвержден приказом Минфина РТ от 27 мая 2004г. № 68. 72с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. Душанбе, 2010. – 996 с.

***Ғуломова З.З. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

Баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии ахборро дар бораи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо бо роҳи баҳисобгирии яклухт, беист ва ҳуҷҷатнокгардидаи тамоми амалиёти хоҷагидорӣ бо ченаки ягонаи пулӣ ба ҷо меорад [1, с. 7].

Дар навбати худ баҳисобгирии муҳосибӣ ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ҷудо мешавад.

Баҳисобгирии молиявӣ омодакунӣ ва пешкашкунии ахбори муҳосибиро барои истифодабарандагони берунӣ ба ҷо меорад. Баҳисобгирии идоракунӣ бошад ахборро барои истифодабарандагони дохилӣ омода ва пешкаш мекунад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ба эҳтиёҷоти менеҷерҳои зинаҳои болоӣ ва миёнаи корхона алоқаманд аст. Мақсади умумии он – ёрдам додан ба менеҷерҳо ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият ва қабули қарорҳо дар асоси ахбори воқеӣ мебошад.

Баҳисобгирии молиявӣ ҳатмӣ буда, вале баҳисобгирии идоракунӣ ихтиёрӣ аст. Барои баҳисобгирии идоракунӣ қоидаҳои қабулгардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳатмӣ нестанд. Дар баҳисобгирии идоракунӣ бештар ба баҳодиҳии давраҳои оянда аҳамият дода мешавад; бештари ахбор дар шакли ғайрипулӣ ифода мешавад; ба аниқии ахбор кам диққат дода мешавад; ҳисобот тез-тез ва ба санаи воқеии рӯхдиҳии зуҳуроти дар ҳисобот дарҷшаванда наздиктар пешкаш карда мешавад [3, с. 12].

Баҳисобгирии андоз – раванди аз ҷониби соҳибкор тибқи талаботи қонунгузории андоз пеш бурдани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ бо мақсадҳои ҷамъбаст ва мураттаб кардани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, инчунин ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андоз мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибиро тамоми корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шаклҳои ташкиливу ҳуқуқиашон ҳатман мебаранд. Инчунин ташкилотҳои хориҷие, ки дар қаламрави мамлакат фаъолият мекунанд баҳисобгирии муҳосибиро мебаранд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар талабот нагузошта бошанд. Соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро бе ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд баҳисобгирии даромаду хароҷоти худро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекзи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебаранд.

Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (аз 25 марти соли 2011, № 702) ба шахсони манфиатдор пешкаш намудани ахбори пурра ва боэътимод оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона, тағирёбиҳо дар вазъи молиявии вай мебошад [5].

Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ бо чунин бандҳо мушаххас ва пурра мегардад [2, с. 16]:

- бунёд намудани ахбори пурра ва боэътимод оиди фаъолияти корхона ва вазъи амволии он, ки ба истифодабарандагони дохилии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) – роҳбарон, муассисон, иштирокдорон ва соҳибмулкони амволи корхона, инчунин ба истифодабарандагони берунии ҳисоботи молиявӣ – сармоягузорҳо, қарздиҳандагон ва дигар ҷонибҳо лозим аст;
- пешкаш намудани ахбори зарурӣ ба истифодабарандагони дохиливу берунии ҳисоботи муҳосибӣ барои назорати риоягардии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми

иҷрокунии амалиёти хоҷагидории корхона, мақсаднокии ин амалиётҳо, мавҷудият ва ҳаракати амволу уҳдадориҳои корхона, истифодабарии манбаъҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мутобиқи меъёр ва нархномаҳои (сметаҳои) тасдиқшуда;

- пешгирӣ кардани натиҷаҳои номатлуби фаъолияти хоҷагидории корхона ва ошкоркунии захираҳои дохилихоҷагии таъминкунии устувории молиявии он.

Ҷиҳати ба ҷо овардани вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” чунин талаботро муайян намудааст [5]:

- бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории корхона;
- баҳисобгирии алоҳидаи молу мулк, дороиҳо ва уҳдадориҳои худии корхона аз молу мулки шахсони ҳуқуқии дигари ба ҳайати ин корхона дохилшаванда;
- пешбурди муттасили баҳисобгирии муҳосибӣ аз лаҳзаи чун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудани корхона;
- пешбурди баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории корхона бо роҳи навишти дутарафа дар ҳисобҳои боҳамалоқаманди баҳисобгирии муҳосибӣ;
- мувофиқат намудани маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ;
- бақайдгирии саривақтӣ ва пурраи ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои барӯйхатгирӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;
- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби субъектҳои дорои манфиати умум тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкил намудани хадамоти доимамалкунандаи аудити дохилӣ аз ҷониби роҳбарони субъектҳои дорои манфиати умум;
- тибқи стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоби молиявӣ аз ҷониби корхонаҳо, ба истиснои субъектҳои дорои манфиати умум;
- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби корхонаҳои хурди истифодабарандаи низоми содакардашудаи андозсупорӣ дар шакли содакардашуда.

Дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона ба ҷо оварда шуда, қарорҳои идоракунии зарурӣ қабул карда мешаванд.

Принсип – мафҳуми бунёдии фаъолият (раванд) мебошад, ки ҳама амалҳои минбаъда аз он поя мегиранд. Принсип – сароғози кор аст. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси назария, амалия ва анъанаҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд гардидаанд. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибиро одамон – мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд менамоянд.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти амалияи байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ чун принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳоро метавон ҳисобид: мухторӣ, навишти дутарафа, корхонаи амалкунанда, объективӣ (воқеият), эҳтиёткорӣ (мулоҳизакорӣ), ҳисобузамкунӣ, даврагии баҳисобгирӣ, махфигии маълумот, ченаки пулӣ, давомоти анъанаҳо [2, с. 22].

Мухторӣ - ин ё он корхона чун шахси ҳуқуқии мустақил вуҷуд дошта, фаъолият менамояд; молу мулки он аз молу мулки соҳибмулкон ва кормандони он, инчунин аз молу мулки корхонаҳои дигар ҷудо мебошад. Маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ низоми ягонаеро ифода менамоянд, ки ба вазифаҳои идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷоти корхона ҷавобгӯ мебошад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва тавозуни муҳосибии корхона фақат он дороиҳое инъикос мегарданд, ки моликияти маҳз ҳамин

корхонаи мушаххас мебошанд. Дороиҳои корхонаҳои дигар берун аз тавозуни корхона баҳисоб гирифта мешаванд.

Навишти дутарафа – ифодакунии думаротибагии беисти зуҳурот, далелҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ аст, ки аз истифодабарии навишти думаротибагӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бармеояд. Дар ин мавврид натиҷаи амалиёти хоҷагидорӣ ҳамзамон ва бо маблағи ягона дар дебети як ҳисоби муҳосибӣ ва кредити ҳисоби дигари ба вай алоқаманд нишон дода мешавад.

Корхонаи амалкунанда - корхона доимо дар бозор ба таври муътадил амал намуда, мавқеъҳои худро нигоҳ медорад, уҳдадориҳои худро дар назди таъминкунандагон, харидорон ва дигар шарикони корӣ бо тартиби муқарраргардида ба ҷо меорад. Дороиҳои корхона бо даромади он ҳамбаста мебошанд. Соҳибмулки корхона ҳеҷ гоҳ ният намекунад, ки фаъолияти онро қатъ намояд ва ё корхонаро ба вазъи муфлисшавӣ орад.

Объективӣ (воқеият, бақайдгирӣ) - ҳама амалиёти хоҷагидорӣ дар давоми ҳама давраҳои ҳисоботӣ бояд дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос ёбанд, ба қайд гирифта шаванд ва бо ҳуҷҷатҳои аввалии муҳосибӣ тасдиқ карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои аввалӣ дар лаҳзаи иҷрошавии амалиёти хоҷагидорӣ ва ё ҳамзамон пас аз анҷоми онҳо тартиб дода мешаванд. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобти молиявӣ фақат он амалиёте ба қайд гирифта мешаванд, ки воқеан рӯх додаанд ва натиҷаҳои арзишии онҳо муайян мебошанд.

Эҳтиёткорӣ (мулоҳизакорӣ) - муҳосиб ҳангоми хулосаву ақидарониҳое, ки барои ҳисобкуниҳо дар шароитҳои номуайянӣ заруранд эҳтиёткор ва бомулоҳиза бояд бошад, чунон бояд рафтор кунад, ки дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ зиёднишондиҳии дороиҳо ва даромад, камнишондиҳии уҳдадориҳо ва хароҷот ба миён наояд.

Ҳисобузамкунӣ – тамоми амалиёт бо мурури рӯхдиҳиашон дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба қайд гирифта мешаванд, натиҷаҳои арзишии онҳо эътироф карда шуда, дар феҳристҳои муҳосибӣ сабт карда мешаванд, на дар лаҳзаи пардохти маблағи дахлдор; натиҷаҳои арзишии амалиёт ба ҳамон давраи ҳисоботие мансуб диниста мешаванд, ки дар он амалиёти мазкур рӯх додааст. Принсипи ҳисобузамкунӣ аз ду ҷиҳат иборат мебошад: бақайдгирии даромад (маблағи фурӯш) – даромад дар ҳамон даврае эътироф карда мешавад, ки корхона ҳуқуқи гирифтани вайро пайдо намудааст, на дар он даврае, ки маблағи он ба хазина ё ҳисоби бонкии корхона воқеан ворид шудааст; мувофиқат – даромадҳои давраи ҳисоботӣ бояд бо хароҷотҳои худ рост оянд, хароҷот (даромад)-ҳои ба даромад (хароҷот)-и дахлдор мансуббуда, ки дар давраи дигари ҳисоботӣ эътироф шудаанд, алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Даврагии баҳисобгирӣ муқаррар мекунад, ки тартиб додани тавозуни муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисоботи молиявӣ мунтазам, давра ба давра такрор мешавад (тартибдиҳии ҳисоботи солона, нимсола, семоҳа, моҳона). Ин принсип қиёспазирии маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ овардашавандаро таъмин намуда, имконт медиҳад, ки бо анҷоми давраҳои муайяни вақт натиҷаҳои молиявии фаъолият ҳисоб карда шаванд.

Махфигии маълумот – мундариҷаи ахбори баҳисобгирии муҳосибии дохилӣ сирри тиҷоратии корхона буда, барои ошкор кардани вай ва зарар расонидан ба манфиатҳои корхона қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар намудааст.

Ченаки пулӣ - ченкунии миқдорӣ ва ҳисобкунии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва равандҳои истеҳсолӣ; ба сифати воҳиди ченак воҳиди пулии миллӣ - сомонӣ баромад мекунад. Баҳодиҳии дороӣ бо роҳи ҷамъкунии масрафҳои воқеии барои харидкунии он харҷшуда ба ҷо оварда мешавад; дороиҳои ба таври ройгон гирифташуда - бо нархи бозориашон дар санаи воридшавӣ; дороиҳои дар худи корхона истеҳсолшуда – бо арзиши истеҳсолиаашон баҳо дода мешавад (чен карда мешаванд). Истифодабарии тарзҳои дигари баҳодиҳӣ дар мавридҳое иҷозат дода мешавад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

Давомоти анъанаҳо – такя намудан ба анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илму амалияи хоҷагидорӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ.

Дар ширкатҳои сайёҳӣ баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷаъияти дорои масъулияти маҳдуд”, “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, “Дар бораи сайёҳӣ”, “Дар

бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият”, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва пеш бурда мешавад.

Ширкатҳои сайёҳӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ сиёсати баҳисобгирии худро таҳия менамоянд. Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ – маҷмӯи тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки ширкати сайёҳӣ онҳоро барои баҷоории назораи аввалӣ, ченкунии арзишӣ, гуруҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии далелҳои фаъолияти хоҷагидории худ интихоб кардааст.

Ба тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мансубанд: тарзҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, подош кардани арзиши дороиҳо, ташкили ҳуҷҷатгардиш, барӯйхатгирӣ, тарзҳои корбурди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди ахбор ва дигар тарзу қоидаҳои дахлдор [6].

Сиёсати баҳисобгириро сармуҳосиби ширкати сайёҳӣ таҳия намуда, роҳбари ширкат онро бо фармони худ тасдиқ менамояд. Дар ин маврид чунин унсурҳои сиёсати баҳисобгирии корхона тасдиқ карда мешаванд:

- нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкати сайёҳӣ заруриро дар бар мегирад;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалии нигориши амалиёти хоҷагидорие, ки барои онҳо шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалӣ дар назар дошта нашудаанд, инчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи дохилии муҳосибии ширкати сайёҳӣ;
- тартиби гузаронидани барӯйхатгирии дороиҳо ва уҳдадориҳои ширкати сайёҳӣ;
- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ширкати сайёҳӣ;
- тартиби ҳуҷҷатгардиш ва технологияи коркарди ахбори баҳисобгирӣ дар ширкати сайёҳӣ;
- тартиби назорат аз болои амалиёти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ;
- дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибии ширкати сайёҳӣ зарурбуда.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ то оғози соли ҳисоботӣ тасдиқ шуда, аз 1 январи соли ҳисоботӣ амалӣ карда мешавад. Ширкатҳои сайёҳии навташкил сиёсати баҳисобгирии интихобкардаи худро то аввалин маротиба пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ, вале на дер аз 90 рӯзи пас аз санаи чун шахси ҳуқуқӣ бақайдгирии худ ба расмият медароранд.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ бояд ин ҷиҳатҳоро таъмин намояд:

- пуррагии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоскунии ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ (пуррагӣ);
- саривақт инъикос намудани далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ (саривақтӣ);
- омодагии муҳим барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф кардани хароҷот ва уҳдадориҳои ширкати сайёҳӣ нисбат ба эҳтимолияти даромадҳо ва дороиҳо, роҳ надодан ба пайдо шудани захираҳои ниҳонӣ (эҳтиёткорӣ);
- инъикос намудани далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз муҳтавои иқтисодӣ ва шароитҳои хоҷагидорӣ, на бо дарназардошти шакли ҳуқуқии онҳо (бартарияти муҳтаво аз шакл);
- мувофиқати маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои таркибӣ ба санаи охири ҳар моҳ (набудани таззодҳо);
- ба таври оқилона бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, вобаста аз шароитҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ ва бузургии он (оқилонагӣ).

Ҳангоми таҳиясозии сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ барои самти мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз тарзҳо (усулҳо) аз маҷмӯи раводонистаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ интихоб карда мешавад. Агар барои масъалаи мушаххасе дар санадҳои меъёрӣ тарз ё усули пешбурди баҳисобгирӣ муқаррар нашуда бошад, пас ҳангоми бунёдкунии сиёсати баҳисобгирӣ ширкати сайёҳӣ тарз (усул)-и худро бо баназардошти принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаҳмишҳои касбии (донишу таҷриба, тахассуси) муҳосибон таҳия мекунад.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар ширкати сайёҳӣ ба таври муттасил ҳамасола қабул ва истифода мешавад. Тағирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ фақат дар ҳолатҳои тағирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз тарафи ширкати сайёҳӣ таҳия шудани тарзҳои нави пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тағирёбии арзандаи шароитҳои фаъолияти ширкат раво дониста мешавад.

Оқибатҳои тағирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ, ки ба вазъи молиявии ширкати сайёҳӣ таъсири арзанда расонидаанд бо шакли арзишӣ баҳо дода мешаванд ва маълумоти ҳисоботи молиявии давраи дахлдор ба андозаи онҳо таҳрир карда мешаванд. Тамоми тағиротҳои сиёсати баҳисобгирӣ ҳатман дар замима ба ҳисоботи молиявии ширкати сайёҳӣ шарҳ дода мешаванд.

Ширкатҳои сайёҳӣ дорои хусусиятҳои хоси пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Бинобар ин дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ низ хусусиятҳо зоҳир мегарданд. Ин хусусиятҳо асосан аз шакли гирифтани даромад ва хароҷотҳои ширкатҳои сайёҳӣ вобаста мебошанд.

Хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд: истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ. Хароҷоти истеҳсолӣ бо истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ вобаста буда, хароҷоти тиҷоратӣ – масрафҳои пешниҳодкунӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд, масалан, хароҷоти таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ [4].

Ғайр аз ин, ширкати сайёҳӣ – туроператор бо мақсадҳои андозбандӣ ба хароҷоти мустақими худ он масрафҳоеро мансуб медонанд, ки бевосита дар ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” инъикос карда мешаванд.

Азбаски ширкатҳои сайёҳӣ ба ширкатҳои соҳаи хизматрасонӣ мансуб мебошанд, онҳо ҳама хароҷоти бевосита ба баҷоорӣ ва пешкашкунии хизматрасониҳо вобастаро дар ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” инъикос менамоянд. Бақияи ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” арзиши хароҷот оид ба кор ва хизматрасониҳоеро ифода мекунад, ки ширкати сайёҳӣ то санаи ҳисоботӣ даромади ба онҳо ростояндаро нагирифтааст. Ҳангоми пардохт кардани хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашгардида ҳисоби 44010 “Даромад аз фурӯши маҳсулот” дебетонӣ карда мешавад ва ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” – кредитонӣ карда мешавад.

Ширкати сайёҳӣ номгӯйи хароҷоти мустақими худро бояд дар сиёсати баҳисобгирии худ дарҷ намояд, чунки андозбандии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ аз намуди хароҷотҳои ширкат вобастагӣ дорад. Хароҷоти бологузошташуда (накладные расходы) ба сифати хароҷоти ғайримустақим пурра ба хароҷоти давраи ҳисоботии ширкати сайёҳӣ мансуб дониста мешаванд.

Тамоми хароҷоти ширкати сайёҳӣ дар маблағи роҳхати сайёҳӣ дарҷ меёбанд. Роҳхати сайёҳӣ ҳамзамон бо бастани шартнома бо сайёҳ ва дар асоси он пардохт карда мешавад. Барои баҳисобгирии аввалии хароҷоти ширкати сайёҳӣ рҳхат чун ҳуҷҷати аввалӣ хизмат менамояд. Бе бастани шартнома ва мавҷудияти роҳхат арзиши хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ асоснок нестанд. Ин талабот ҳангоми андозбандии фаъолиятиширкати сайёҳӣ ҳатмӣ мебошад.

Дар роҳхате, ки ба сайёҳ дода мешавад, шароитҳои мушаххсаи сайёҳат ва нархи чаканаи роҳхат нишон дода мешаванд. Тартиб додани роҳхатро бевосита ширкати сайёҳӣ – туроператор ба ҷо меорад. Барои барасмиятдарорӣ ва нигориши роҳхати сайёҳӣ оператор бо ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродии баҷоорандаи ин ё он намуди хизматрасониҳои сайёҳӣ шартнома мебандад. Туроператоре, ки роҳхати сайёҳиро мефурӯшад, бо истифодаи дастгоҳи хазинавии дорои хотираи фискалӣ ба роҳхат чеки пардохтро замима менамояд. Шакли роҳхати сайёҳиро ширкати сайёҳӣ – туроператор метавонад худ мустақилона таҳия намояд, вале дар ин маврид вай бояд ҳама нишондиҳандаҳои заруриро, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” бармеоянд, дар бар гирад [5].

Аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар мақомоти давлатӣ шаклҳои махсуси роҳхати сайёҳӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ибтидоии инъикоскунии амалиёти хоҷагидории ширкатҳои сайёҳӣ то ҳол таҳия нагардидаанд. Бинобар ин ширкати сайёҳи метавонад шаклҳои ҳуҷҷатҳои дигари инъикоскунандаи амалиёти хоҷагидории фаъолияти худро низ таҳия намояд. Ин шаклҳо ҳатман дар сиёсати баҳисобгирии ширктаи сайёҳӣ муқаррар карда мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 220 с.
2. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.
3. Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, Ирфон, 2016. – 550 с.
4. Курбангалеева О. Туризм по правилам бухучета // Расчет. – 2006. - №7
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, аз 25 марти соли 2011, № 702
6. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии НБМ 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона”

***Нуров Б.А. - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***

## БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ АУТСОРСИНГИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МУҲОСИБИИ ТАШКИЛОТИ АУДИТОРӢ

Самаранокии иқтисодии ҳама гуна амал ё барномаи амалҳо бо низоми нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии инъикоскунандаи таносуби хароҷот ва натиҷаҳо васф карда мешавад. Вобаста ба ин, мафҳуми “самаранокӣ” дар илми иқтисодӣ мафҳуми маҷмӯӣ мебошад. Назарияи таҳлили самаранокии иқтисодӣ мафҳумҳои самари иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиро истифода мебарад. Дар ин маврид, самари иқтисодӣ гуфта нишондиҳандаи мутлақи тавсифдиҳандаи натиҷаи амалҳои иҷрошуда фаҳмида мешавад. Самаранокии иқтисодӣ бошад, чун нишондиҳандаи нисбии қиёскунандаи самари иқтисодӣ бо масрафҳои барои ба даст овардани ин самар истифодашуда фаҳмида мешавад.

Барои дуруст дарк кардани мафҳуми самаранокии иқтисодии аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар аввал ба фарҳанги забони тоҷикӣ муроҷиат менамоем. Ҳамин тавр, дар фарҳанги мазкур самар (самара) чун мева, ҳосил, натиҷа, натиҷа бахшидан маънидод карда шудааст. Маънии самаранокӣ - боровварӣ, фоидаовар будан мебошад [10, с. 203].

Ба андешаи мо, самаранокии иқтисодӣ – бороварӣ, фоидаовар будани амалҳои тиҷоратӣ мебошад. Фаъолияти аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ин худ фаъолияти тиҷоратӣ мебошад ва ҳадафи он гирифтани фоида аст. Ҳар як хизматрасонии аутсорсингӣ барои гирифтани фоида равона гардидааст ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии аутсорсинг барои идоракунии самаранокии умуман ташкилоти аудиторӣ аҳамияти таҳлилии муҳим дорад.

Масъалаҳои самаранокии аутсорсинг борҳо дар адабиёт ва амалия бардошта шуда ва таҳқиқ карда шудаанд, вале мубрамии онҳо то ҳол аз байн нарафтааст. Ҷиҳати муайян кардан ва баҳодиҳии самаранокии аутсорсинг дар доираи фаъолияти ауиторӣ тарзи равиш ва рафтори ягона вуҷуд надорад. Масалан, як тарзи равиши бонизом ба баҳодиҳии самаранокии фаъолияти аудиториро О.С. Сухарев пешниҳод кардааст. Тавре муҳаққиқи мазкур меҳисобад, таъиноти вазифавии баҳодиҳии фаъолияти аудиторӣ “дар он аст, ки гузашта баҳо дода шавад, оянда пешбинӣ карда шавад, кормандон ҳавасманд ва подош карда шаванд ва дигарҳо”. Дар ин маврид зарур аст, ки ҳангоми интихоб кардани маҳаки самаранокии фаъолияти аудиторӣ, “ҳам нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ҳам нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ муттаҳид карда шаванд”, “маҳакҳои асосии баҳодиҳиро дар сатҳи макро-, мезо- ва микроиқтисодии низомҳои таҳқиқшаванда ба ҷо овардан мақбул аст” [8, с. 112].

Н.В. Астрахантсев самаранокиро тавассути нишондиҳандаҳои баландтарини имконии даромаднокии фаъолияти асосӣ, даромаднокии хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит, ҳосилнокӣ ҳангоми масрафҳои камтарини вақт (арзиши аслӣ) муайян менамояд. Ҳамчунин барои баҳодиҳии самаранокӣ истифодаи низоми анъанавии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад. Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти мазкур омилҳои истеҳсолии хизматрасониҳои аудиторӣ кормандон, донишҳо ва мизоҷон ҳисобида мешаванд, ки ин ба асоси зеҳнӣ доштани фаъолияти аудиторӣ ишорат мекунад [3, с. 88].

Таҳқиқотчии дигар - М.А. Азарская ҷиҳати методологии санҷиши аудиториро таҳлил намуда, чунин меҳисобад, ки “интихоби амалҳои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ва таносуби онҳо дар раванди гузаронидани аудит масъалаи методологии муҳиме мебошад, ки самаранокии санҷиш ва сифати аудитро таъмин менамояд” [1, с. 28].

Э.А. Аренс ва Ҷ.К. Лоббек низ таҳлили афзоиши арзиши гирифтани шаҳодатҳои аудиториро таҳқиқ кардаанд ва дар раванди он чунин пайдарпайиро вобаста аз афзоиши арзиши амалҳои аудиторӣ таҳия намудаанд [2, с. 311]:

- амалҳои таҳлилӣ;
- амалҳои шиносоӣ бо низоми назорати дохилихоҷагии мизоҷ;
- “санҷиши ҷузъҳои алоҳидаи бақияи ҳисоб”.

Дар ҳолати дигар, вақте ки аудитор наметавонад ба низоми назорати дохилии мизоҷ такя намояд, вай миқдори зиёди тестҳои амалиёт аз рӯи моҳият ва ҷузъҳои бақияҳои ҳисобҳоро ба кор мебарад, ки ин арзиши аудитро ба таври назаррас зиёд мекунад. Вале аудитор ба низоми назорати дохилии мизоҷ бо мақсади истифодаи имкони паст кардани масрафҳо барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ва мувофиқан ба паст кардани арзиши аслии аудит таъсир расонида наметавонад.

Барои баҳо додани самаранокии хизматрасонии аудиторӣ М.А. Азарская низ корбурди тарзҳои анъанавиро бо истифодаи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва фоиданокии хизматрасонӣ ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷ дар муҳлатҳои тӯлониро тавсия медиҳад [1, с. 180]. Метавон розӣ шуд, ки агар натиҷаҳои аудит барои мизоҷе, ки ба ошкоркунӣ ва ислоҳкунии хатоҳо ҳавасманд аст ва дар натиҷа шартномаи аудитро ба давраҳои минбаъда тамдид додааст, дар ҳақиқат нафъовар шуда бошанд, пас ин гуна аудит барои ташкилоти аудиторӣ самаранок ҳисобида мешавад. Дар шароити рақобати баланд нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷ барои ташкилоти аудиторӣ самари мусбати иловагӣ аз хизматрасониҳо пешниҳодгардида мебошад, вале дар ин маврид худи далели тамдид накардани шартномаи аудит барои соли оянда наметавонад чун самари манфӣ ҳисобида шавад (масалан, дар ҳолати ба таври тендерӣ иҷро намудани фармоиши давлатӣ).

Ба андешаи мо, ҳангоми баҳодиҳии самаранокии санҷиши аудиторӣ корбурди усулҳои стандартии дар таҳлили иқтисодӣ истифодашаванда мақбул мебошад. Равиши маҷмӯӣ ба таҳлили фаъолияти корхона, ки Ж. Ришар таҳия намудааст, метавонад дар ҳолати мазкур ба таври муносиб ба кор бурда шавад. “Корхона бояд босамара фаъолият намояд: даромаднок бошад, ҳосилнокиро баланд бардорад, даромаднокӣ ва фоидаро зиёд кунад” [7, с. 248].

Даромаднокии санҷиши аудиториро метавон чун нишондиҳандаи асосии самаранокӣ эътироф намуд, ки вай таносуби натиҷаи молиявӣ (фарқи байни даромад ва хароҷот аз рӯи шартнома)-ро бар маблағи фурӯш аз шартнома ифода менамояд. Ба ҷо овардани ҳисобкунии масрафҳоро бо баҳисобгирии на танҳо хароҷоти мустақим, балки чун ҳиссаи масрафҳои умумихоҷагии ба лоиҳа (санҷиши аудиторӣ)-и мазкур ростоянда ва мутаносибан ба музди кори кормандони истеҳсолии асосӣ (аудиторҳо) тақсимшуда мақбул аст.

Нишондиҳандаҳои муҳим ҳосилнокии меҳнат ва меҳнатғунҷоиш мебошанд. Меҳнатғунҷоиш чун таносуби маблағи фурӯш аз рӯи шартнома бар масрафҳои пардохти меҳнати кормандони истеҳсолӣ (аудиторҳо)-и дар санҷиши аудиторӣ машғул аз рӯи шартнома ҳисоб карда мешавад. Тавре Ж. Ришар қайд кардааст, “душвории асосӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои мазкур аз ҳисоби тахассуснокии қувваи корӣ ба миён меояд”, чунки “дар амалия вақти корӣ вобаста аз ҷадвали музди кори дар корхона мавҷудбуда чен карда мешавад”, ва “ин тарз аксаран аз сабаби тафовутҳо дар намудҳои гуногуни подошҳо зери танқид гирифта мешавад” [7, с. 251].

Омили ба самаранокии аудит таъсиррасонан, ки банақшагирии муносиби муҳлатҳо ва ҳаҷмҳои санҷиш, донистан ва корбурди дурусти стандартҳои аудит, таъмини гирифтани шаҳодатҳои аудитории муносиби басанда бо масрафҳои камтарин аз он вобаста мебошанд, мо чун омили инсонӣ муайян намудем.

Омили дигари ба самаранокии аутсорсинг таъсиррасон омили ташкилӣ-идоракунӣ мебошад, ки бо банақшагирии сарбории корӣ ба кормандон, таъмини саривақтии бутункунии

ҳайати кормандон, мавҷудияти сарватҳои техникӣ, барномавӣ, ахборӣ ва дигарҳо алоқаманд аст. Омили ташкилӣ-идоракунӣ, ба ақидаи М.А. Азарская инҳоро дар бар мегирад [1, с. 192]:

- таъминоти методологӣ (стандартҳои дохилӣ, методикаҳо, қолибҳо);
- сиёсати кормандон (таъминнокӣ бо кормандони баландихтисос);
- мувофиқакунии шартҳои шартнома оид ба арзиш, ҳаҷм ва муҳлатҳои санҷиши аудиторӣ;
- муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо намояндагони хадамоти муҳосибии мизоҷ.

Ҳамҷоякунӣ (ҳамкорӣ) ҳамчунин метавонад чун омиле эътироф карда шавад, ки ба баландбардории самаранокии аудит аз ҳисоби истисно кардани амалҳои такрорӣ дар кори аудиторҳо мусоидат намояд, чунки махсусгардонӣ босамар аст, то он гаҳе ки такроршавии вазифаҳо ба миён наояд.

Барои таҳия намудани методикаи ҳисобкунии самаранокии иқтисодии хизматрасониҳои аутсорсинг дар доираи фаъолияти аудиторӣ мо низоми таъмини сифати аудитро чун механизме баррасӣ менамоем, ки имкон медиҳад, то ахбор қабул карда ва дигар карда шавад ва бо ин ба ташкилоти аудиторӣ имкон диҳад, ки воқеияти корҳоро инъикос намояд, дар муҳити атроф роҳёб бошад, ба натиҷаҳои беҳтарини фаъолият ва сатҳи баланди сифат ноил гардад. Мафҳуми мазкур имкон медиҳад, ки самаранокии низом аз диди нишондиҳандаҳои сифатии тавсифдиҳандаи иқтидори низом барои ба таври чандирӣ мутаассир шудан ба ҳамагуна дигаргуниҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба ҷоришавии босамараи равандҳои дохилӣ баҳо дода шавад.

Ҷиҳати муҳим дар методикаи ҳисобкунии самаранокии иқтисодии хизматрасониҳои аудиторӣ, ба андешаи мо муайян намудани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ мебошад.

Зарурати таҳия намудани методикаи муайян кардани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ, ки аксари ташкилотҳои аудиторӣ дар фаъолияти худ метавонанд онро татбиқ намоянд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кайҳо ба миён омадааст. Таҳия шудани методикаи ягона ба мукаммалгардии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ мусоидат менамояд, ҳамзамон ин методика метавонад чун тадбири самарабахш барои муқовимат бар зидди амали аз ҷониби рақибон ба таври сунъӣ паст кардани нарх бо мақсадҳои ғаразнок баромад намояд. Арзиши аслии санҷиши аудиторӣ, ки бо ёрии методикаи мазкур муайян карда мешавад, ба ташкилотҳои аудиторӣ имкон медиҳад, ки қимати камтарини арзиши ин гуна санҷишро ҳисоб кунанд ва ин дар рафти баргузор намудани муколамаҳо бо мизоҷони имконӣ лаҳзаи муҳим ҳисобида мешавад.

Пеш аз он ки ба таҳия намудани методикаи ҳисобкунии арзиши аслии санҷиши аудиторӣ шуруъ намоем, бояд муайян кунем, ки ҳадафи таҳия намудани ин гуна методика чист, соҳаи корбурди он чӣ ба ҳисоб меравад, кадоме аз иштирокчиёни бозори хизматраосниҳои аудиторӣ методикаи мазкурро ба кор мебаранд, дар асоси кадом санадҳои меъёрӣ вай таҳия карда мешавад. Ҷаҳд менамоем, ки ба ин саволҳо посух диҳем.

Ҳангоми таҳия намудани методикаи номбаршуда, муносибат бевосита ба аудитро ба инобат гирифта, бояд муқаррарот ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” [5], Кодекси одоби касбии аудиторҳо [4], стандартҳои миллӣ ва байналмилалии фаъолияти аудиторӣ ва дигар санадҳо баҳисоб гирифта шаванд. Инчунин, ҳангоми таҳияи методикаи мазкур бояд сохтори иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои аудиторӣ баҳисоб гирифта шавад.

Мақсади таҳияи методикаи муайянкунии арзиши аслии санҷиши аудиторӣ ин муқаррар намудани тартиби муайян кардани арзиши аслии хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад, соҳаи корбурди методикаи мазкур бошад, - муайян кардани арзиши аслии аудити ҳатмӣ ва ташаббусии ҳисоботи молиявии шахсони санҷидашаванда мебошад. Истифодабарандагони методика ҳам ташкилотҳои аудиторӣ, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва ҳам аудиторҳои инфиродӣ баҳисоб рафта метавонанд.

Ба хотири он ки худи методика ва раванди таҳия намудани он мураккаб нагардад, бояд як қатор маҳдудиятҳо ва раводидҳо қабул карда шаванд. Ин методика, масалан, хусусиятҳои гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии муттаҳидгардида, инчунин ҳисоботи ташкилотҳои

қарзӣ, иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ, биржаҳои молӣ ва фондӣ, ташкилотҳои саҳомии сармоягузориро баҳисоб намегирад.

Ҳангоми таҳия намудани методика дар назар дошта мешавад, ки ташкилоти аудитшаванда: а) баҳисобгирии муҳосибиро бо қувваи худӣ ба ҷо меорад; б) филиалҳо ва бахшҳои алоҳида надорад; в) хадамоти назорати дохилиро ташкил намекунад; г) ҳисоботи молиявиро тибқи қоидаҳои муқаррарӣ (стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ) ва риоя гардидани қонунгузорӣ тартиб медиҳад; д) ҳисоботи молиявии худро ба пуррагӣ барои санҷиш пешкаш менамояд. Инчунин дар назар дошта мешавад, ки ташкилоти аудиторӣ нисбат ба шахси аудитшаванда аудити аввалӣ мегузаронад ва дар рафти аудит дигар ташкилоти аудиторӣ ва (ё) коршиносро ҷалб намекунад.

Дар методикаи таҳияшаванда чунин тартиби муайян кардани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ дар назар дошта мешавад.

Тибқи Низомномааи баҳисобгирии муҳосибии (НБМ) 7/2001 "Хароҷоти корхона", хароҷоти намудҳои муқаррарии фаъолият хароҷоте мебошанд, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, харид кардан ва фурӯхтани молҳо алоқаманд мебошанд ва бо чунин аломатҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд [6]: масрафҳои моддӣ, марафҳои пардохти меҳнат, суғуртаи иҷтимоӣ, истеҳлок, дигар масрафҳо. Хароҷоти ташкилоти аудиторӣ барои гузаронидани аудит низ бояд ҳамчунин гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар ин маврид аҳамияти муҳимтарро ҳангоми ташаккули арзиши аслии санҷиши аудиторӣ масрафҳои пардохти меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ доранд, чунки маҳз хароҷоти пардохти меҳнат асосан арзиши аслии санҷиши аудиториро муайян менамоянд.

Хароҷоти пардохти меҳнат ҷиҳати санҷиши аудитории мушаххас дар навбати худ аз масрафҳои меҳнатии барои гузаронидани вай зарурбуда вобаста мебошанд. Қимати дарёфтшавандаи масрафҳои меҳнатӣ аз меҳнатғунҷоиши ҳама намудҳои корҳои ба санҷиши мушаххас хосбуда ташаккул меёбад. Зимнан, вай на танҳо аз намудҳои асосии корҳои бевосита бо гузаронидани санҷиши аудиторӣ алоқаманд, инчунин аз намудҳои корҳои назоратӣ, ки иҷроиши онҳо аз таъмини сифати муносиби аудит боис мешавад, таркиб меёбад. Муайян намудани ҳама намудҳои корҳо дар асоси дарк кардани фаъолияти шахси аудитшаванда, омӯзиши феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили ҳисоботи молиявӣ, баҷоории амалҳои аудитории дигар имкон дорад. Меҳнатталабии ҳар як намуди корҳо бошад, метавонад вобаста аз ҳаҷми воқеии намуди мазкури корҳо ва қимати муқарраргардидаи меъёри вақт барои иҷрои он муайян гардад.

Ин ҷо бояд шарҳ дод, ки ҳаҷми намудҳои корҳои аудиторӣ гуфта чӣ фаҳмида мешавад. Дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "ҳаҷми намудҳои корҳо" баррасӣ нашудааст. Вале дар стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ мафҳуми "ҳаҷми санҷиши аудиторӣ" шарҳ дода шудааст. Дар ин маврид чун мафҳуми асосӣ барои дарк намудани ҳаҷми аудит амали санҷишии аудиторӣ ба кор бурда мешавад. Маҳз амалҳои санҷишии аудиторӣ, миқдори онҳо, ҳайат ва амиқии гузаронидани санҷиши аудиторӣ меҳнатғунҷоиши санҷиши аудиториро муайян менамоянд. Амалҳои санҷишии аудиторӣ - корҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳо ва объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд, ки аудиторҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ба ҷо меоранд. Ба сифати субъекти (ба лотинӣ - subjectum) фаъолияти хоҷагидорӣ соҳибкорон (шахсони ҳуқуқӣ – корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шахсони воқеӣ – соҳибкорони инфиродӣ) ва кормандони онҳо баромад менамоянд, объекти хоҷагидорӣ - чизҳо (зуҳурот, равандҳо)-е мебошанд, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо равона шудааст. Фаъолияти хоҷагидориро субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқаррагардида мебаранд ва роҳбарӣ мекунанд [9, с. 147].

Амалҳои аудиторӣ сершумор ва гуногуншакл мебошанд, техникаи иҷроиши онҳо ва усулҳои истифодашавандаи гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ низ гуногун мебошанд. Ҳар як амали аудитории алоҳида мавҷудияти объектҳои таҳқиқотро дар назар дорад, ки миқдори онҳо дар ниҳоят меҳнатғунҷоиши амали аудитории мазкур ва меҳнатғунҷоиши намуди дахлдори корро муайян менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Азарская М.А. Методология аудита и развитие методического обеспечения его качества: монография / М.А. Азарская. - Йошкар-Ола: ООО «Стринг», 2009. - 190 с.
2. Аренс Э.А., Лоббек Дж.К. Аудит / Э.А. Аренс, Дж.К. Лоббек / Пер. с англ. - М.: Финансы и статистика, 2003. - 560 с.
3. Астраханцев Н.В. Повышение эффективности и качества аудиторских услуг в России / Дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук / Н.В.Астраханцев. - Москва, 2007. - 167 с.
4. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://minfin.tj/
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://mmk.tjj/content/
6. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 7/2001 “Хароҷоти корхона”. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2001, № 118 [Сарчашмаи электронӣ] / URL: http://minfin.tj/
7. Ришар Ж. Аудит и анализ хозяйственной деятельности предприятия / Ж. Ришар / Пер. с франц. / Под ред. Л.П. Белых. - М.: Аудит, ЮНИТИ, 1997. - 375 с.
8. Сухарев О.С. Теория эффективности экономики / О.С. Сухарев. - М.: Финансы и статистика, 2009. - 368 с.
9. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 582 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2 / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. (нашри дувум). - Душанбе, 2010. - 1095 с.

***Мусулмони А. - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав***
***Давлатов Р.Ҷ. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР МУҲОСИБОТ

Технологияҳои иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир мавқеи беназирро ишғол мекунанд. Баръакси дигар дастовардҳои илмию техникӣ, техникаи компютерӣ ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) қариб дар тамоми соҳаҳои фаъолияти зеҳнии инсон истифода шуда, ба пешрафти техника ва технология мусоидат мекунанд. Азбаски дар айни замон фаъолияти истеҳсолию хоҷагии ҳар як ташкилот бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, дар ташкили баҳисобгирии ин объектхо масъалахои бахсталаб зиёданд. Ба маънои васеъ мафҳуми «технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» маҷмӯи равандҳои технологӣ, усулҳо ва роҳҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, интиқол, коркард ва паҳнкунии иттилоот ва пешниҳоди маҳсулот ва хидматҳо барои қонеъ гардонидани талаботи иттилоотӣ дар асоси истифодаи техникаи ҳисоббарор мебошад.

Ҷиҳати муҳимияти ТИ дар фаъолияти иқтисодчиён ва ё донишҷӯни соҳаи иқтисодӣ олимони зиёде андешаронӣ намудаанд. Аз он ҷумла, ба ақидаи А.А. Скорнякова «Дар айни замон ягон ширкат бе барномаҳои компютерӣ кор карда наметавонад. Онҳо дар кори на танхо муҳосибон, балки дигар коргарон — анборчиён, кормандони раёсати кадрҳо, таъминоти моддию техникӣ низ ёрдамчиёни ивазнашаванда мебошанд. Дар баробари ин, дар бозор мунтазам барномаҳои нав ва мукаммалтар пайдо мешаванд, аз ин рӯ масъалаи дурусти баҳисобгирии онҳо, чи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам андоз барои муҳосибон махсусан муҳиманд» [3, с. 33].

Ба андешаи Нефедова Н.А. ва Капралова Е.В. «Барои ҳалли раванди таълим мавҷуд будани омӯзгор ва китоби дарсӣ кифоя нест, ки якчанд нуқтаи назари масъаларо инъикос намояд. Барои густариши фаъолияти маърифатии хонандагон, сарчашмаҳои гуногуни иттилоот, ки ақидаҳо, нуқтаҳо оид ба як масъаларо муттаҳид мекунанд, хонандагонро ба

андешаи мустақилона, мубоҳиса кардан, ҷустуҷӯи мавқеъи асосноки худ ҳавасманд кардан майдони васеи иттилоотӣ лозим аст. Ин талаб мекунад, ки технологияи навоварона, воситаҳои техникӣ, шаклу усулҳои нави таълим ҷорӣ карда шавад» [2, с. 30].

Баҳисобгирии муҳосибӣ асоси тиҷорат аст, ки аз пешбурди дурусти он некӯаҳволии молиявии ширкат вобаста аст.

Баҳисобгирии муҳосибӣ кори мураккаб, гуногунчабҳа ва вазнини муҳосибонро дар бар мегирад, ки шумораи зиёди амалиётҳои муқаррарӣ, такрори такрории ҳамон амалҳои пайдарпай ва ҳисоббарорӣ, инчунин тартиб додани ҳуҷҷатҳои гуногун, реестрҳо, журналҳои фармоишӣ ва ҳисоботҳоро дар бар мегирад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ имкон медиҳад, ки меҳнати дастӣ ба кори худкор иваз карда шавад, дар ҳоле ки кори муҳосибӣ нисбат ба операторҳо барои ворид кардан ва коркарди иттилоот ҳамчун таҳлилгар ва назоратчӣ бештар истифода мешавад. Албатта, нармафзор сармуҳосибро иваз намекунад, аммо он метавонад кори ӯро сарфа кунад, ҳама хатогиҳои математикиро дар баҳисобгирии муҳосибӣ дарёфт ва бартараф созад, вазъи молиявии ҷории ширкат ва дурнамои онро арзёбӣ кунад, ба муҳосиб вақт диҳад, то тағйиротро ӯ омӯзад.

Агар хатогиҳои имконпазирро дар ҳисобгирии муҳосибӣ ба назар гирем, онҳо метавонанд чунин бошанд:

- аз беэҳтиётӣ (масалан, хатоҳои арифметикӣ);
- набудани таҷриба ва малака (мушкилоти кадрӣ);
- амалиёти дидаю донистаи ғайриқонунӣ.




**Расми 1. Системаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ дар системаи ҳамгирошудаи идоракунии корхона**

Хатогие, ки аз хунукназарӣ содир шудааст, бо роҳи ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси баҳисобгирии коркарди иттилоот бартараф карда мешавад, албатта, 100% бартараф намудани хатогиҳо имконнопазир аст, аммо бо эҳтимолияти баланди он имконпазир аст.

Гарчанде ки дар ҷаҳон зиёда аз ҳазор нармафзори компютерӣ барои муҳосибон мавҷуд аст, аз рӯи самт ва хароҷоти соҳа, дар бештари давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон муҳосибон ва соҳибкорон бастаҳои ватаниро бартарӣ медиҳанд, ки барои иқтисодиёти имрӯза, тиҷорат ва имконоти тағйир додани қонунгузории танзимкунандаи расмиёти баҳисобгирӣ муҳиманд.

Худкорсозии баҳисобгирии босифат ва сохторнок асоси идоракунии самарабахши корхона мебошад.

Маълумоти босалоҳият коркардшуда, низомнокшуда ва сохторӣ кафолати идоракунии самараноки ташкилот мебошад. Баръакс, набудани маълумоти дурусти боэътимод метавонад ба қабули қарори нодуруст ва эҳтимолан ба талафоти назаррас оварда расонад.

Системаи ҳисоби хоҷагӣ фаъолона инкишоф ёфта, мунтазам такмил меёбад. Муҳосиб имконият дорад, ки ба кори дастӣ роҳ надиҳад, ҳарчи зудтар ҳар гуна маълумотро гирад.

Тартиби гурӯҳбандии маълумот дар нармафзори компютерӣ аз усулҳои дастӣ бо он фарқ мекунад, ки як маълумот дар шаклҳои гуногуни ҳисобот борҳо намоиш дода мешавад ва ин барои осон ва хеле тезонидани раванди ҳисобдорӣ мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Гончарова Г.Н. Практика использования междисциплинарного электронного методического комплекса по специальности 38.02.01 Экономика и бухгалтерский учет (по отраслям) / Г.Н. Гончарова, В.П. Лапп // Среднее профессиональное образование в информационном обществе. Материалы I Междунар. науч.-практ. конф. (Челябинск, 10 дек. 2015 г.) / М-во образования и науки РФ; М-во образования и науки Челяб. обл.; М-во информационных технологий и связи Челяб. обл. (Челябинск). — Челябинск, 2015. - С. 106–107
2. Нефедова Н.А., Капралова Е.В. Информационные технологии в обучении бухгалтеров//Образовательные технологии: наука и практика. Инновационное развитие профессионального образования. 2015. – С. 30
3. Скорнякова А. А. Проблемы бухгалтерского учета использования информационно-коммуникационных технологий// Международный бухгалтерский учет. Проблемы учета. 9 (159) – 2011. - С. 33
4. Сташкевич, И.Р. Информационно-образовательная среда профессиональной образовательной организации — смена образовательной парадигмы / И.Р. Сташкевич // Профессиональное образование и рынок труда. - 2014. - № 9 (13). - С. 26–28
5. Сташкевич, И. Р. Использование информационных и телекоммуникационных технологий в системе среднего профессионального образования [Текст] / И.Р. Сташкевич, О.В. Башарина // Развитие информационно-образовательной среды в организациях среднего профессионального образования: Теория и практика: материалы II Междунар. науч.-практ. конф. «Среднее профессиональное образование в информационном обществе» (Челябинск, 26 янв. 2017 г.). — Челябинск, 2017. - С. 9–13



***Бобиев И.А., Ҳайдаров П.Я. - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## НИЗОМИ ТАНЗИМИ МЕЪЁРИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷӯҳи истифодабарандагони ахбори баҳисобгириро ба эътибор гирифта, ташкилотҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ ба кишварҳои пасошӯравӣ, хоса ба ҶТ ва ФР тавсия медоданд, ки ҳар чӣ тезтар ба меъёрҳову қоидаҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ гузашта, СБҲМ-ро ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии корхонаҳо татбиқ намоянд. Ҳамин тариқа, дар ин мамлакатҳо ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ оғоз гардид.

Вобаста ба шароитҳои зикргардида, таҳқиқи мушкилоти раванди батанзимдарории меъёрии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ масъалаи рӯзмарра ва ҳалталаб гардид. Дар кишварҳои зикршуда низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар якчанд зина амалӣ гардидааст. Мақсад аз танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ як аст: аз рӯи қоида ва принсипҳои муқарраркардашуда пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқи талаботи стандартҳои байналмиллалӣ тартиб додани ҳисоботи молиявии барои ҳамаи истифодабарандагон новобаста аз макони ҳастӣ ва хусусиятҳои миллию забониашон мебошад. Бо вуҷуди ин дар ФР танзими меъёрӣ-ҳуқуқии

баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ вобаста ба хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии дар он кишвар амалкунанда ба роҳ монда шудааст.

Низоми танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) асосҳои ягонаи қонунгузорӣ ва методологиро барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) дар Федератсияи Русия муқаррар мекунад [12].

Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) дар Федератсияи Россия дорои ҳуҷҷатҳои чор сатҳи зерин мебошад:

1. Қонунгузорӣ. Конститутсияи Федератсияи Русия, Қонунҳои федеролӣ, фармонҳои Президенти Федератсияи Россия ва қарорҳои Ҳукумати Федератсияи Россияро дар бар мегирад;

2. Меъёрӣ. Аз низомномаҳои (стандартҳои) баҳисобгирии муҳосибӣ иборат аст (НБМ);

3. Методӣ. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (ғайр аз НБМ), роҳнамоҳо (нишондодҳои методӣ);

4. Ташкилӣ. Ҳуҷҷатҳорое дар бар мегиранд, ки заминаи асосии он сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои кории муҳосибот мебошанд.

Чи хеле ки қайд кардем, ба ҳуҷҷатҳои меъёрии сатҳи якуми танзими баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне хуҷҷатҳои сатҳи олӣ, санадҳои қонунгузорӣ, қонунҳои федеролӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ (Фармонҳои президент, Қарорҳои Ҳукумати ФР), ки ба таври мустақим ё ғайримустақим ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар ташкилотҳо танзим мекунанд, дохил мешаванд. Ба инҳо дохил мешавад: Конститутсияи Федератсияи Русия [1], Кодекси граждании ФР [2,3], Кодекси меҳнати ФР [4], Кодекси буҷети ФР [5], Кодекси андоз [6-7], Қарори Ҳукумати ФР оид ба «Барномаи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи СБҲМ, қонунҳои федералии «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Федератсияи Русия», «Дар бораи ширкатҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи ширкатҳои масъулияташон маҳдуд» ва дигарҳо. Мавқеи махсусро дар ин сатҳ Қонуни федералӣ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» [9] ва «Низомнома дар бораи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Федератсияи Россия» ишғол менамоянд. Баъзе аз муҳимтарини инҳоро дида мебароем.

*Конститутсияи Федератсияи Россия* [1] қонуни асосии кишвар буда, унсурҳои муҳими ҳаёти иқтисодии ҷомеаро ҳамчунин ҳисобдориро шарҳ додааст. Аз нишондоди моддаи 71 (сархатҳои "ж", "р") дар якҷоягӣ бо моддаҳои 8 (қисми 1), 34 ва 114 (сархати "б") ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот ҳамчун воситаи танзими молиявӣ ва сиёсати ягонаи молиявӣ (аз ҷумла салоҳият), кафолат додани ҳуқуқи конститутсионии давлатро бар иттилоот дар соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт дар заминаи принсипҳои баробарии ҳуқуқии ҷонибҳо ва муносибатҳои шартномавӣ, рақобат ва хатар пазируфта шудааст; баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз кафолатҳои конститутсионӣ барои бозори ягона, фазои иқтисодии ягона ҳамчун яке аз асосҳои низоми конститутсионии Федератсияи Русия эътироф шудааст. Дар асоси ин муқаррароти Қонуни конститутсионӣ қонунҳои федеролӣ иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ ва дигар субъектҳои иқтисодиро ӯҳдадор менамоянд, ки баҳисобгирии муҳосибии расмиро дар корхона ташкил кунанд ва ба баъзе иштирокчиёни бозор ва шахсонеро, ки фаъолияти расмии давлатӣ доранд, (аз ҷумла мақомоти андоз) дастрасии иттилооти заруриро дар бораи баҳисобгирӣ ва санҷиши эътимоднокии он таъмин кунанад [1].

*Кодекси шаҳрвандии Федератсияи Русия.* Дар қисми аввали он [2], масъалаҳои бисёре оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ қонунгузорӣ шудааст. Дар байни онҳо: мавҷудияти тавозуни муҳосибии мустақил ҳамчун ҷузъи муҳими шахси ҳуқуқӣ [2, мод. 48]; тасдиқи ҳатмии ҳисоботи молиявии солона [2, С. 91, 97, 103, 110]; ҳолатҳои ҳатмии ҳисоботи аудиторӣ [2, м. 91, 103]; консепсияи дороиҳои соф, ширкатҳои тобеъ ва зерсохторҳо (филлиалҳо) [2, м. 105, 106]; тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии намудҳои гуногуни шахсони ҳуқуқӣ [2, м. 57-64]. Дар қисми дуюми Кодекси мазкур асосҳои корҳои шартномавӣ, ки заминаи ташаккули ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобгирии ибтидоӣ мебошад, ошкор карда шудааст ва равишҳои

асосӣ барои инъикоси амалиётҳои тиҷоратии мушаххас дар баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода шудааст.

Яке аз ҳуҷҷати асоситарини сатҳи якум Қонуни федеролӣ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» №402-ФЗ аз 06.12.2011 мебошад. Дар он усулҳои умумии методологии баҳисобгирии муҳосибӣ, талаботҳои асосии пешбурди он, хусусан талабот ба таҳияи ҳуҷҷатҳои аввалии ҳисобдорӣ, феҳристҳои баҳисобгирӣ, баҳодиҳии амвол ва ӯҳдадориҳо, баруйхатгирӣ, ҳисоботи молиявӣ ва масъулият барои вайрон кардани қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод гардидааст [5].

Кодекси андози ФР дорои қоидаҳои асоснок ва меъёрии андоз ва андозбандӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ масъалаҳои андозсупорӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупорандагон, сохтор ва мақоми ҳуқуқии мақомоти андоз, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо, тартиботи мониторинги дурустии ҳисобкунӣ, пурра ва саривақтии пардохти андозҳо, амалҳои шикоятӣ ва қарорҳои мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо, масъулият барои вайрон кардани қонунгузории андозро муайян мекунад. [6,7]

Ҳадафи Кодекси меҳнати Федератсияи Русия фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ барои расидан ба ҳамоҳангсозии муносиби манфиатҳои тарафайни меҳнатӣ ва манфиатҳои давлат, инчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои дигар мебошад [4].

Низоми махсус дар системаи танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ Низомномаҳо дар бораи ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявӣ (НБМ) дар Федератсияи Россия мебошанд, ки тартиби ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии шахсони ҳуқуқӣ, инчунин муносибати ташкилот бо истифодабарандагони берунаи иттилооти ҳисобдориро муайян мекунанд [6].

Мақсади асосии НБМ - таҳияи мундариҷаи ягонаи принсипҳои асосӣ ва консепсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ноил шудан ба мундариҷаи ягонаи мафҳумҳои баҳисобгирӣ, равиши ягона ба гузориши шаклҳо ва тафсири ҳисоботи молиявӣ мебошад. НБМ, ҳамчун ҳуҷҷатҳои сатҳи якум низ ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи ҳатмӣ мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюми танзими меъёрӣ-хуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дастурҳои методологии баҳисобгирӣ, тавсияҳо ва ғ. дохил мешаванд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои асосии ин сатҳ Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастурамал оид ба истифодаи он мебошад. Дастурамали мазкур барои татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгириии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии ташкилотҳо ва инъикос намудани далелҳои фаъолияти иқтисодиро дар ҳисобҳо тавсия медиҳад. Дар он тавсифи мухтасари ҳисобҳои таркибӣ ва зергурӯҳҳо барои онҳо ҷой дода шудааст: сохтор ва таъиноти ҳисобҳо ошкор карда шудааст, мазмуни иқтисодии рӯйдодҳои фаъолияти иқтисодӣ ва тартиби инъикоскунии онҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ кушода дода шудааст [12].

Гурӯҳи чорум ҳуҷҷатҳои кории корпоративиро дар бар мегирад, ки сиёсати ҳисобдории ширкатро ташкил медиҳанд ва аз ҷанбаҳои методӣ, техникӣ ва ташкилӣ иборат аст. Ҳуҷҷатҳои асосии кории корхона инҳоянд:

1. Ҳуҷҷат дар бораи сиёсати ҳисобдории корхона;
2. Шакли бо фармони роҳбар тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои муҳосибии ибтидоӣ;
3. Реҷаи гардиши хуҷҷатҳо;
4. Нақшаи ҳисобҳои муҳосибии тасдиқшуда аз ҷониби роҳбар;
5. Шаклҳои ҳисоботи дохилии бо фармони роҳбари ташкилот тасдиқшуда.

Яъне, дар ин сатҳ, қоидаҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) барои корхонаи алоҳида бо назардошти хусусиятҳои он, гӯё ки лоиҳакашӣ карда мешавад. Аммо инҷо бояд қайд кард, ки аксарияти корхонаҳо танҳо сиёсати ҳисобдориро бо фармоиши роҳбар тасдиқ менамоянд ва ба дигар ҷанбаҳои методологию техникӣ ва ташклии он диққат намедиҳанд, ки ин амал қоидавайронкунии ҷиддии ҳисобдорӣ мебошад.

Ин ҷо баъзе муқаррароти Қонуни ФР "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ"-ро баррасӣ менамоем. Қонуни Федералӣ №402-ФЗ "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ"» [9], ки 6 декабри соли 2011 қабул гардидааст, унсури муҳими қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ дар

Федератсияи Россия мебошад. Он таҷрибаи ҳисобдорӣ дар иқтисодиёти бозориро дар робита ба анъанаҳои русиягӣ ва қонунгузории шаҳрвандӣ ва молиявӣ дар қаламрави Русия ҷамъбаст мекунад [13, с.72].

Объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи Қонуни федеролӣ №402-ФЗ, ки руйхати васеътарро ташкил медиҳанд, инҳоянд:

- руйдодҳои ҳаёти иқтисодӣ;
- дороиҳо;
- ӯҳдадориҳо;
- манбаъҳои маблағгузории фаъолияти ширкат;
- даромадҳо;
- хароҷот;
- инчунин объектҳои дигар, агар онҳо бо дигар меъёрҳои федералӣ муқаррар карда шаванд.

Чуноне ки маълум аст, ҳайати объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ФР ба объектҳои баҳисобгирӣ дар ҶТ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) наздик мебошад.

Мафҳуми "рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагӣ" дар муқоиса бо истилоҳи қаблӣ "амалиёти хоҷагӣ" васеътар аст, зеро он ҳамчунин, ба ғайр аз амалиётҳои хоҷагӣ, рӯйдод ва чорабиниҳоеро дар бар мегиранд, ки ба вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва гардиши воситаҳои пулии ташкилот таъсир мерасонанд [14].

Қонуни нав «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» №402-ФЗ дар бораи танзими баҳисобгирӣ маълумоти зеринро пешниҳод мекунад:

- принсипҳо;
- ҳуҷҷатҳо;
- субъектҳои танзими баҳисобгирӣ.

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни №402-ФЗ, танзими баҳисобгирии муҳосибӣ бояд дар асоси принсипҳои умумии зерин амалӣ карда шавад:

1) мутобиқати стандартҳои федералию соҳавӣ ба талаботи истифодабарандагони маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), инчунин сатҳи рушди илмӣ ва амалии ҳисобдорӣ;

2) ягонагии низоми талабот барои баҳисобгирии муҳосибӣ;

3) истифодаи СБҲМ ҳамчун асоси коркард ва рушди стандартҳои федералию соҳавӣ;

4) таъмини шароит барои истифодаи якхелаи стандартҳои федералию соҳавӣ;

5) роҳ надодан ба мувофиқатии ваколатҳо оид ба тасдиқкунии стандартҳои федералии давлатӣ ва назорати давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Хуллас, дар қонуни зикршуда муқаррароти консептуалӣ ва принсипҳои умумӣ оид ба ташкил ва бешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони алоҳида, кормандони идоракунӣ, чораҳо барои таъмини дақиқии

маълумоти ҳисобдорӣ, тартиби нашри ҳисобот ва танзими давлатии тамоми системаи ҳисобдорӣ қайд гардидааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993);
2. Гражданский Кодекс Российской Федерации (Часть первая) от 30.11.1994 № 51-ФЗ (ред. от 18.12.2006);
3. Гражданский Кодекс Российской Федерации (Часть вторая) от 05.08.2000 №14-ФЗ;
4. Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ;
5. Бюджетный Кодекс Российской Федерации от 31.07.1998 № 145-ФЗ;
6. Налоговый Кодекс Российской Федерации (Часть первая) от 31.07.1998 № 146-ФЗ;
7. Налоговый Кодекс Российской Федерации (Часть вторая) от 05.08.2000 № 117-ФЗ;
8. Федеральный Закон «Об аудиторской деятельности» от 30.12.2008г. № 307 – ФЗ;
9. Федеральный закон «О бухгалтерском учете» (06 декабря 2011 г., ред. от 04.11.2014) от 06.12.2011 №402-ФЗ;
10. Постановление Правительства РФ от 12.06.2002 №409 «О мерах по обеспечению проведения обязательного аудита»;
11. Приказ Минфина РФ «Об утверждении Положения по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Российской Федерации» от 29.07.1998 №34н;
12. Арефкина Е.И. Перспективы совершенствования правового регулирования бухгалтерского учета в Российской Федерации // Lex Russica. – 2012. - № 1. - С. 81-85.
13. Вахрушина М.А. Международные стандарты финансовой отчетности. Учебник. – М.: Рид Групп, 2011. – 656 с.
14. Василевич И.П., Уткин Ф.А. Вопросы трансформации бухгалтерской отчетности в соответствии с МСФО// Бухгалтерский учет, N 12, июнь 2003 г. – С.22-35.


***Шоймардонов Ҳ.Қ., Ҳусайнова Н.Н., Асомудинов Ф.Н. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛИ САРМОЯИ ХУДӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

Системаи баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои идоракунии сармояи худии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Ин система бояд ба ҳама талабот ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҷавобгӯ бошад.

Баҳисобгирии сармояи худӣ ба ҳамаи истифодабарандагони манфиатдор дар бораи он маълумот медиҳад, ки ба онҳо имкон медиҳад, устувории молиявии корхона, гардиш ва фоиданокии сармоя, инчунин вобастагӣ аз манбаъҳои берунии маблағгузорӣ баҳо дода шавад.

Мақсади баҳисобгирии сармоя ин инъикоси саривақтӣ ва боэътимод дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи манбаъҳои маблағгузории худи ташкилот мебошад.

Вазифаҳои баҳисобгирии сармояи худии корхона инҳоянд:

- дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоси ташаккул ва ҳаракати ҳамаи унсурҳои сармояи худӣ;

- дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани маблағи фоидаи гирифтаи корхона ва тақсими он;

- сари вақт ва дуруст ташкил намудани маълумот дар бораи сармояи худии корхона дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ).

Баҳисобгирии сармояи худӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки 25-уми марти соли 2011 тахти рақами 702 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо пеш бурда мешавад. Барои баҳисобгирии сармояи худии корхона дар нақшаи ҳисобҳо, ҳисобҳои зерин пешбинӣ шудаанд: 33000, 33100, 33200 ва 33300. Баҳисобгирии

сармояи худӣ аз рӯи унсурҳои алоҳидаи ба таркиби он дохилшуда, ки аз рӯи ҳар кадоми онҳо нақшаи ҳисобдорӣ гузаронида мешавад, аз ҳисобҳо ҳисоби худро пешниҳод мекунад.

Баҳисобгирии сармояи оинномавии корхона дар ҳисоби 33000 «Сармояи оинномавӣ» гузаронида мешавад. Афзоиши андозаи сармояи оинномавӣ дар кредити ҳисоб ва камшавӣ дар дебети ҳисоб инъикос меёбад.

Арзиши сармояи оинномавӣ аз ҳисоби саҳмҳое, ки аз муассисони корхона ҳамчун саҳм ба сармояи оинномавӣ гирифтаанд, ташаккул меёбад. Ба сифати ҳиссагузорӣ муассисон метавонанд: маблағи пулӣ, амвол ё дороиҳои ғайримоддиеро, ки маблағи онҳо дар ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона нишон дода шудааст, гузоранд.

Барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани саҳмҳои муассисон ҳисоби 10600 «Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ» истифода мешавад.

Дар ҷадвали 1 сабтҳои амалиётҳои муҳосибӣ барои баҳисобгирии муомилоти марбут ба сармояи оинномавии корхона оварда шудаанд.

Баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯи счети 33000 барои ҳар як муассиси корхона ва марҳилаҳои ташаккули сармоя амалӣ карда мешавад.

Корхонаҳое, ки дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳангоми баҳисобгирии сармояи худӣ аз ҳисоби 33000 «Сармояи худӣ» истифода мебаранд.

Ҷадвали 1. Журнали қайди амалиёти хоҷагидорӣ оид ба сармояи оинномавӣ

| № | Мазмуни амалиёти хоҷагидорӣ | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 1. | Афзоиши сармояи оинномавӣ аз ҳисоби саҳмҳои аз муассисон гирифташуда | 10600 | 33000 |
| 2. | Афзоиши сармояи оинномавӣ аз ҳисоби маблағҳои фоидаи тақсимнашуда | 33200 | 33000 |
| 3. | Афзоиши сармояи оинномавӣ аз ҳисоби маблағҳои сармояи иловагӣ | 33100 | 33000 |
| 4. | Камшавии сармояи оинномавӣ бо сабаби баромадани яке аз иштирокчиён | 33000 | 10600 |

Ҳисоби 33000 «Сармояи худӣ» фаъол буда, дар дебети ҳисоб хариди саҳмияҳои худро аз саҳмдорон ва дар кредити ҳисоб бекор кардан ё аз нав фурӯши саҳмияҳои харидашударо инъикос мекунанд.

Ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ» дар нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии сармояи захиравӣ пешбинӣ шудааст. Дар кредити ҳисоб ташаккули сармоя ва дар дебети он самти истифодабарӣ инъикос меёбад.

Сармояи захиравии корхона мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва истифода мешавад.

Дар ҷадвали 2 самтҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ барои баҳисобгирии сармояи захиравӣ оварда шудаанд.

Ҷадвали 2. Журнали қайди амалиёти хоҷагидорӣ оид ба сармояи захиравӣ

| № | Мазмуни амалиёти хоҷагидорӣ | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. | Афзоиши сармояи захиравӣ аз ҳисоби маблағҳои фоидаи тақсимнашуда | 33200 | 33300 |
| 2. | Пӯшонидани зараре, ки дар натиҷаи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ аз ҳисоби маблағҳои сармояи захиравӣ ба даст омадааст | 33300 | 33200 |
| 3. | Ҷудо кардани маблағи сармояи захиравӣ барои бозхаридани вомбаргҳо ё бозхаридани саҳмияҳои худӣ | 33300 | 33000 |

Баҳисобгирии таҳлилӣ мувофиқи самтҳои имконпазири истифодаи маблағҳо, ки дар сиёсати баҳисобгирии корхона пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Дар суратхисоби 33100 «Сармояи иловагӣ» ҳамаи амалиёти ба ин сармоя вобастабуда ба ҳисоб гирифта мешавад, аз ҷумла азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайримоддӣ, ки дар тавозунси корхона инъикос меёбад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ барои баҳисобгирии сармояи иловагӣ дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Мутобиқи ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» дар ҳолати аз байн рафтани дороии ғайригардон, ки маблағи азнавбаҳодиҳии он қаблан ба сармояи иловагӣ мансуб буд, ба кредити ҳисоби 33200 “Фоидаи тақсимнашуда” аз ҳисоб бароварда мешавад.

Ҷадвали 3. Журнали қайди амалиёти хоҷагидорӣ оид ба сармояи иловагӣ

| № | Мазмуни амалиёти хоҷагидорӣ | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 1. | Афзоиши сармояи иловагӣ аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайригардон | 11000 | 33100 |
| 2. | Афзоиши сармояи иловагӣ тавассути барориши саҳмияҳо | 10600 | 33100 |
| 3. | Камшавии сармояи иловагӣ дар натиҷаи камшавии амортизатсияи дороиҳои ғайригардон | 33100 | 11000 |
| 4. | Афзоиши сармояи оинномавӣ бо ёрии сармояи иловагӣ | 33100 | 33000 |
| 5. | Тақсимоти сармояи иловагӣ дар байни моликон ҳангоми барҳам додани корхона | 33100 | 10600 |
| 6. | Камшавии сармояи иловагӣ дар натиҷаи аз ҳисоб баровардани маблағи азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайригардон ба фоидаи тақсимнашуда | 33100 | 33200 |

Баҳисобгирии таҳлилӣ ҳангоми ташаккул додани сармояи иловагӣ ва самтҳои истифодаи он дар ҳисоби 33100 ”Сармояи иловагӣ” дар заминаи манбаъҳо гузаронида мешавад.

Фоидаи тақсимнашуда дар баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи нақшаи ҳисобҳо дар ҳисоби 33200 “Фоидаи тақсимнашуда” инъикос карда мешавад.

Аз руи кредити 33200 “Фоидаи тақсимнашуда” ҳисоби фоидаи таксимнашудае, ки корхона гирифтааст ва аз руи дебет — зарари пушондашуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҷадвали 4 самтҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои баҳисобгирии фоидаи тақсимнашуда (зарари пушониданашуда) оварда шудаанд.

Ҷадвали 4. Журнали қайди амалиёти хоҷагидорӣ оид фоидаи тақсимнушада (зарари пушиниданашуда)

| № | Мазмуни амалиётҳои хоҷагидорӣ | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи фоидаи тақсимнашудаи гирифташударо инъикос мекунад | 70000 | 33200 |
| 2. | Маблаги зарари гирифташуда инъикос меёбад | 33200 | 70000 |
| 3. | Як қисми фоида ба ташаккули сармояи иловагӣ равона карда мешавад | 33200 | 33100 |
| 4. | Як кисми фоида барои додани дивиденд ба муассисони корхона равона карда мешавад | 33200 | 10600 |
| 5. | Маблағи markerзнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайриҷорӣ аз ҳисоби сармояи иловагӣ ба фоидаи тақсимнашуда аз ҳисоб бароварда мешавад. | 33100 | 33200 |
| 6. | Пӯшонидани зарари расонидашуда аз ҳисоби сармояи захиравӣ | 33300 | 33200 |
| 7. | Пӯшонидани зарари расонидашуда аз ҳисоби фоидаи ҷамъшудаи тақсимнашуда | 33200 | 33210 |

Роҳҳои зиёде барои истифодаи фоидаи тақсимнашудаи гирифташуда мавҷуданд. Масалан, ин фоида метавонад ба таъсис ё зиёд кардани сармояи захиравӣ, додани дивидендҳо ба муассисон ва дигар мақсадҳое, ки сиёсати баҳисобгирии корхона пешбинӣ кардааст, равона карда шавад.

Зарари дар охири сол ба даст овардаи корхона метавонад аз ҳисоби сармояи захиравӣ ва фоидаи тақсимнашудаи ҷамъшуда пушонида шавад.

Баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯи ҳисоби 33200 “Фоидаи тақсимнашуда» дар соҳаҳое, ки маблағҳо барои онҳо истифода шудаанд, гузаронида мешавад.

Ҳисобгирии сармояи худӣ дар ташкилот аз рӯи ҳисоби сармоягузорӣ ва бозгирифти сармояи ҳар як иштирокчии ташкилот ва байни онҳо тақсим намудани фоида ба роҳ монда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар фасли ҳисоботи балансии «Сармояи шарикон» алоҳида бақияи ҳар ҳисоб нишон дода мешавад.

Таҳлили сармояи худӣ ба роҳбар ва моликони корхона имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии сохтори сармояи худро муайян намуда, таъсири онҳоро ба вазъи молиявии ташкилоти қарзӣ ва фаъолияти он арзёбӣ намоянд. Ва инчунин таҳлил кардани он, ки ташкилоти қарзӣ сармояи худро то чӣ андоза самаранок истифода мебарад. Бо истифода аз таҳлили уфуқӣ ва амудӣ сохтори сармояи худии ташкилоти қарзӣ ва динамикаи тағирёбии нишондиҳандаҳои онро таҳлил кардан мумкин аст.

Таҳлили уфуқӣ (динамикӣ) яке аз усулҳои таҳлили сармоя мебошад, ки ба ташкилот имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои сармояи мазкурро барои давраҳои баробарарзиш (семоҳа, сол) муқоиса карда, тағйироти онҳоро дар динамика арзёбӣ кунанд.

Таҳлили амудӣ (структурӣ) яке аз усулҳои таҳлилест, ки имкон медиҳад ҳиссаи ҳамаи нишондиҳандаҳоро дар сохтори умумии сармояи худӣ муайян намуда, тағйироти онҳоро дар давраи баррасишаванда арзёбӣ намояд. Арзиши нишондиҳандаҳо дар ин таҳлил бо фоиз ифода карда мешавад.

Усули дигари таҳлили сармоя, ки имкон медиҳад самаранокии истифодаи он баҳо дода шавад, таҳлили таносуб мебошад.

Бо истифода аз таҳлили таносуб, самаранокии сармояи худро тавассути ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

- таносуби сармояи худӣ ва қарзӣ;
- коэффисиенти озоди молиявӣ;
- коэффисиенти устувории молиявӣ;
- таносуби маблағгузорӣ;
- даромаднокии сармоя;
- коэффисиенти вобастагии молиявӣ;
- коэффисиенти таъминот бо манбаъхои маблаггузории худӣ;
- коэффисиенти пардохтпазирии сармояи худӣ;
- коэффитсиенти гардиши сармоя;
- суръати афзоиши сармояи худӣ.

Таносуби сармояи худӣ ва қарзӣ ҳаҷми маблағҳои қарзиро, ки ба 1 сомонӣ маблағҳои худӣ дар корхона гузошта шудааст, нишон медиҳад. Он дараҷаи вобастагии корхонаро аз маблағгузорӣ аз манбаъҳои беруна тавсиф мекунад. Ин коэффицент бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$К_{СХ}$= (ӮД+ӮК)×СХ, дар ин ҷо:

$К_{СХ}$ - таносуби сармояи худӣ ва қарзӣ;

ӮД - ӯҳдадориҳои дарозмуддат;

ӮК - ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат;

СХ - сармояи худӣ.

Коэффисиенти мустақилияти молиявӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии корхона мебошад. Он ҳиссаи дороиҳои ташкилоти қарзиро, ки бо сармояи худӣ фаро гирифта шудааст, нишон медиҳад, яъне дараҷаи мустақилияти ташкилотро аз кредиторон тавсиф мекунад. Коэффисиенти мустақилияти молиявӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$К_{мм}$ = СХ× ТА, ки дар ин ҷо,

$К_{мм}$ - коэффисиенти мустақилияти молиявӣ;

СХ – сармояи худӣ;

ТА – тағйиёбии асъор.

Коэффитсенти устувории молиявӣ барои устувории вазъи молиявии корхона ва қобилияти пардохтпазирии он вобаста аст. Он ҳиссаи дороиҳои ташкилоти қарзиро, ки бо сарчашмаҳои маблағгузорӣ фаро гирифта шудааст, нишон медиҳад ва бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$К_{ум}$ = (СХ+ӮД) ×ТА

Дар ин ҷо:

$К_{ум}$ - коэффитсенти устувории молиявӣ;

СХ – сармояи худӣ;

ӮД - ӯҳдадориҳои дарозмуддат;

ТА - тағйиёбии асъор.

Коэффисиенти молиявии корхона, мустақилияти онро аз маблағгузорӣ ва манбаъҳои беруна тавсиф мекунад. Ин нишондиҳанда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$К_{мк}$= СХ× (ӮД+ӮК);

Дар ин ҷо:

$К_{мк}$ - коэффисиенти молиявии корхона.

Даромаднокии сармоя самаранокии истифодаи сармояи худиро муайян намуда, яке аз нишондиҳандаҳои асосии соҳибмулкони корхона ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳанда

маблағи фоидаеро, ки корхона ба 1 сомонӣ сармояи худӣ гирифтааст, нишон медиҳад. Даромади сармояро метавон бо чанд роҳ ҳисоб кард:

1) Даромади сармояи худӣ аз фоида пеш аз андоз. Ин нишондиҳанда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$Д = Ф_{та}$ СХ × 100%,

ки дар он, Д - даромади сармояи худӣ;

$Ф_{та}$ - фоидаи то андозбандишаванда;

СХ – сармояи худӣ.

2) Бозгашти сармояи худӣ дар асоси фоидаи соф. Формулаи ҳисоб:

Д= ФС СХ ×100%,

ки дар он,

Д - даромади сармояи худӣ;

ФС - фоидаи соф;

СХ – сармояи худӣ.

Коэффисенти вобастагии молиявӣ дараҷаи корхонаро аз маблағгузории берунӣ инъикос намуда, ҳаҷми маблағҳои қарзиро, ки корхона ба 1 сомонӣ сармояи худӣ ҷалб кардааст, нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$К_{вм}$= ТА× СХ;

Дар ин ҷо:

$К_{вм}$ - коэффисенти вобастагии молиявӣ;

Ҳамин тариқ афзоиши сармояи худӣ омили мусбатест, ки афзоиши маблағҳои худиро тавсиф намуда, суръати афзоиши сармояи худӣ нисбат ба суръати афзоиши сармояи қарзии корхонаро аз манбаъҳои берунии маблағгузорӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаҳои дар боло зикрёфта аҳамияти калони сармояи худиро дар фаъолияти молиявию хоҷагии ҳар як корхона тасдиқ менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоикистон “Дар бораи ба ҳисобгирии муҳосӣ ва ҳисоботӣ молиявӣ”, ш.Душанбе, 25 мапти соли 2011 №702.
2. Натепрова, Т.Я., Трубицына, О.В. Бухгалтерская (финансовая) отчетность - М.: Дашков и Ко, 2021 - 292с.
3. Новодворский, В.Д., Салабанин, Р.Л. Бухгалтерский учет на малых предприятиях - М.: Проспект, 2021 - 248с.
4. Пошерстник, Н.В. Бухгалтерский учет на современном предприятии - М.: Проспект, 2021 - 560с.

# БАХШИ II. НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Давлатзода М.Х. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Ғуломова З.З. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

## САЙЁҲӢ ЧУН СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ояндадори иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Аз рӯи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ (ТУС) вазни қиёсии сайёҳӣ (туризм) дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ наздики 10% буда, суръатҳои афзоиши миёнасолонаи он тақрибан ба 4-5% мерасанд. Агар хоса дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намоем, ин ҷо пешомадҳои бузурге дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ чун бахши афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасанд.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳои худ дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, дар вохӯриҳои худ бо аҳли ҷамъиятӣ ва соҳибкорони мамлакат ба рушди сайёҳӣ диққати муҳим медиҳанд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2017 ба имконоти рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишорат намуда, соли 2018-ро дар мамлакат чун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд [6].

Ҳамчунин, ба хотири вусъат бахшидан ва бо дарназардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот муҳтарам Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ аз 26 декабри соли 2018 солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд. Тавре Сарвари давлат зикр намуданд, барои бунёд намудани инфрасохтори соҳаи туризм ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва донандаи ҳунарҳои мардумӣ як сол кифоя нест. Ба ҳамин хотир, барои рушди инфрасохтори соҳаи туризм дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои зарурию иловагӣ андешида шаванд [7].

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат бахши сайёҳии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асари шароитҳои ҷуғрофӣ ва иқлимиву табиии мамлакат ба яке аз соҳаҳои ояндадори рушди иқтисодиёти миллӣ мубаддал мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имконот ва иқтидори азиме барои рушди сайёҳӣ дорад. Ин ҷо сарватҳои табиӣ-иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ дар ҳамбастагӣ ҳувайдо гардидаанд. Азбаски қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосан кӯҳҳо иҳота кардаанд (қариб 93%-и қаламрави мамлакатро маҳалҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд), маҳз онҳо сайёҳони хориҷиро ҷалб ба худ менамоянд. Дар маҳалҳои кӯҳии мамлакат шумораи зиёди дарёҳо, рӯдхонаҳо, кӯлҳо, пиряххо, чашамҳои обҳои гарм ва обҳои шифоӣ ҷойгир шудаанд. Ландшафт, олами наботот ва ҳайвоноти кӯҳистон ниҳоят назаррабо, диққатор ва гуногуншакл мебошад. Чунин сарватҳоро истифода бурда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон соҳибкориро дар соҳаи сайёҳии хориҷии воридотӣ ба таври бомуваффақона ташкил намуд. Бартариҳои сайёҳии хориҷии воридотӣ ин самтҳои экологӣ, сайёҳии тандурустӣ, беҳгардонӣ ва барқароркунии саломатӣ ва қобилияти корӣ (осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо), варзиши кӯҳӣ, лижаронии кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ ва саргузаштӣ мебошанд.

Рушди сайёҳии воридотӣ ба чунин падидаҳо меоварад [2]:

- ба мамлкат воридшавии асъори хориҷӣ аз ҳисоби роҳхатҳои сайёҳӣ, хариди молҳо ва маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳо дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишӣ-тандурустӣ, нақлиёт);
- пайдо шудани ҷойҳои кории иловагӣ.

Мавҷудияти сарватҳо худ ба худ ба рушди бомуваффақонаи соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳии воридотӣ намеоварад. Дар шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси рушди ин соҳаро чунин омилҳо бунёд менамоянд:

- камшавии номутаносибиҳои байни имконоти сарватҳо (манбаъҳо) ва дараҷаи истифодабарии онҳо;

- таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои ҷалб намудани истеъмолкунандагони онҳо (шаҳрвандони хориҷӣ);

- дастгирии давлатии сайёҳии воридотӣ.

Тибқи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ ва муҳаққиқони алоҳида, имконоти захираҳои сайёҳии воридотӣ дар мамлакат амалан бемаҳдуд мебошанд. Вале аксари объектҳои дорои имконоти сайёҳӣ ва инфрасохтори воқеан амалкунандаи сайёҳӣ дар маҳалҳои душвордастраси куҳӣ ҷойгиранд, роҳҳои автомобилгард ба онҳо дар вазъи хӯб қарор надоранд, нақлиёти ҳавоӣ умуман маҳдуд ва барои баъзе объектҳо дастнорас аст. Пояҳои моддии объектҳои ҷойгиркунии сайёҳони хориҷӣ (пансионатҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо) аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда шудаанд, чунки аксари онҳо дар замони шӯравӣ бунёд шуда буданд (санаторияҳои Хоҷа-Оби гарм, Зумрад, Шоҳамбарӣ, Обигарм, Гармчашма ва ғ.) [3].

Сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ва дар ҳайати гурӯҳи сайёҳон бо роҳхатҳо ташриф меоранд, бо мушкилоти гаштугузор дар қаламрави мамлакат, низоми пардохтҳои бонкии номукаммал, муомилоти пулӣ ва назорати асъор, таъмини амн ва саломатӣ дучор мешаванд. Дар мамлакат то ҳол маҳсулоти сайёҳии пурра мукаммалгардида вуҷуд надорад, сатҳи хизматрасонӣ (сервис) паст аст, мушкилоти гигиена ва санитарӣ дар муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дучор меоянд [1, с. 135].

Рушди бомуваффақонаи сайёҳӣ пеш аз ҳама аз муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар мамлакат вобаста мебошад. Дар соли ҷорӣ дар паёмади дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ хӯб гардида истодааст. Барои ҳарчӣ бештар истифода бурдани имконоти захираҳои соҳибкории сайёҳӣ сармоягузориҳои муайяне зарур мебошанд. Мебояд шароитҳои созгорро доир ба ҷалб намудани сармояи хусусӣ барои бунёд намудани санаторияҳо, истироҳатгоҳҳо, маҷмааҳои варзишӣ-тандурустӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ муҳайё намуд.

Дар шароитҳои муосири буҳрони молиявӣ, вақте ки бисёри ширкатҳои сайёҳӣ - туроператорҳо ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ аз нарасидани воситаҳои молиявӣ азият мекашанд, ба онҳо пешкаш намудани имкониятҳои иловагӣ ва шароитҳои афзалиятдор доир ба ҷалбкунии қарзи бонкӣ яке аз шароитҳои ниҳоят муҳим барои ташкили рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва маҳсули ҳунарҳои мардумӣ, омодасозии кормандони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ, сохтмони роҳҳо ва меҳмонхонаҳо барои ҷойгиркунии сайёҳони хориҷӣ ба шумор меравад.

Шарти дигари муҳими рушди сайёҳии воридотӣ ин бунёд намудани ақидаҳо ва ташаббусҳои созгори одамони дар соҳибкории хурд машғул баҳисоб меравад. Дар мамлакат зиёда аз 100 ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо) фаъолият менамоянд. Миқдори туроператорҳои ба сайёҳии воридотӣ машғулбуда сол ба сол меафзояд.

Ширкатҳои сайёҳии асосан ба сайёҳии воридотӣ машғулбуда, чун ҶДММ “Саёҳати Роҳи абрешим”, ҶСП “Интурист-Тоҷикистон”, ҶДММ “Сайри Олам” (ш. Душанбе), ҶДММ “Саёҳати куҳии Помир”, ҶДММ “Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон”, ҶДММ “Панҷакент-интур”, ҶДММ “ Базаи куҳнавардии “Артуч”, ҶДММ “Ҳафткӯл” (ш. Панҷакент), ҶДММ “Помир Силк Тревел”, ҶДММ “Бадахшон Тревел” (ш. Хоруғ) дорои хатсайрҳои худии сайёҳӣ мебошанд. Чанде аз хатсайрҳои сайёҳӣ ниҳоят диққатрабо ва ягона мебошанд.

Ба фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам соҳибкорони инфиродӣ машғул шаванд. Фаъолияти онҳо бо иҷозатнома (литсензия) ба роҳ монда мешавад. Асоси ҳуқуқии иҷозатномадиҳии фаъолияти сайёҳӣ ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият” мебошанд. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Агентии сайёҳии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад.

Арзиши иҷозатнома чунин аст [4]:

- пардохт ҳақ барои баррасии ариза оид ба гиритани иҷозатнома – чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (як нишондиҳанда барои ҳисоб дар соли 2018 – 50 сомонӣ);

- пардохти ҳақ барои пешкашкунии худи иҷозатнома – даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- пардохи ҳақ барои азнавбарасмиятдарории ҳуҷати тасдиқкунандаи мавҷудияти иҷозатнома – ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Муҳлати баррасии ариза ва пешкашкунии иҷозатнома – то 30 рӯз аз санаи воридшавии ариза оид ба гирифтани иҷозатнома бо ҳама ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз ҷумла баррасии ҳуҷҷатҳо, гузаронидани экспертизаҳо ва дигар амалҳои зарурӣ. Азнавбарасмиятдарории иҷозатнома дар муддати 10 рӯз аз воридшавии аризаи дахлдор ба ҷо оварда мешавад. Муҳлати амали иҷозатнома аз 1 то 5 сол мебошад.

Талаботи иҷозатномавӣ ва шароитҳои баҷоории фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ барои шахсони ҳуқуқӣ чунинанд:

- мавҷуд будани на кам аз як корманди дорои таҳсилоти махсус дар соҳаи сайёҳӣ ё собиқаи корӣ дар ҳамин соҳа на кам аз 3 сол;

- на кам аз як маротиба дар се сол баландбардории тахассуси кормандони бевосита ба ташкили сайёҳат, экскурсияҳо ва хизматрасониҳои бо онҳо алоқаманд машғулбуда;

- мавҷуд будани иморати худӣ ё баиҷорагирифташудаи дорои таҷҳизоти мувофиқи сайёҳӣ;

- пешкаш намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ танҳо пас аз бастани шартнома (қарордод)-и мувофиқ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба ҳар як сайёҳ расонидани ахбори пурра оид ба хусусиятҳои воридот, будубош ва хориҷшавӣ дар мамлакати хориҷӣ, оид ба қоидаҳои рафтор ҳангоми сайёҳат дар хориҷа;

- ба истеъмолкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ пешкаш намудани ахбори пурра оид ба реҷаи кории ташкилкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ, суроғаи ҳуқуқии он, мавҷудияти иҷозатнома, сертификат барои хизматрасониҳо, насаб ва номи шахсони масъули ба пешбурди самтои мушаххаси фаъолияти сайёҳӣ масъулбуда;

- нусхаи шартнома бо ташкилоти суғуртавӣ оид ба суғуртаи сайёҳон;

- мавҷудияти низоми таъмини бехатарии сайёҳон, расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми зарбхӯриҳо ва дигар ҳодисаҳои нохӯш.

Ба соҳибкорони инфиродӣ чунин талаботи иҷозатномавӣ пешниҳод карда мешавад:

- омодагии махсус, ҳуҷҷати тахассусӣ ва таҷрибаи ташкилкунии роҳҳои сайёҳӣ;

- роҳҳои (хатсайрҳои) сайёҳии таҳиягардида;

- маълумотномаи тиббӣ доир ба вазъи саломатӣ.

Шарти дигари муҳими рушди сайёҳии воридотӣ ин мавҷуд будани кормандони касбӣ мебошад. Ба корхонаҳои хурди дар соҳаи сайёҳии воридотӣ машғулбуда зарур аст, ки диққати зиёдро ба масъалаҳои омодасозӣ ва омӯзиши кормандони худ ҷудо намоянд. Менеҷерҳо ва ходимони ширкатҳои сайёҳӣ бояд донишҳо дар соҳаи ҷуғрофия, забоншиносӣ, маданиятшиносӣ, равоншиносӣ, муомилаи корӣ, тиб ва дигар илмҳои махсус дошта бошанд. Кормандони хизматрасони ширкатҳои сайёҳӣ бояд на фақат забонҳоро донанд, омодагии хӯби ҷисмонӣ, малакаҳои тобоварӣ, имконоти варзишӣ дошта бошанд, инчунин қоидаҳо ва усулҳои расонидани ёрии аввалии тиббиро донанд ва чунин ёриро ба сайёҳон расонида тавонанд.

Бо мақсадҳои пешкаш намудани барномаҳои иловагии таҳсилоти касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, рушди сайёҳии экологӣ, инчунин таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои миллӣ, пурзӯргардонии намои (имиҷи) сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии Шуъбаи байналмилалии ташкилоти “Ҷамъияти кӯшода” оғоз аз соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маркази рушди сайёҳӣ” фаъолият менамояд. Бо дастгирии маркази мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон маркази таълимӣ-методӣ бунёд гардидааст, ки дар он курсҳои кӯтоҳмуддати омодакунии менеҷерҳои бизнеси меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва турооператорӣ ташкил карда шудаанд. Марказ инчунин роҳнамоҳо ва дигар маводҳои таблиғотӣ нашр намуда, паҳн мекунад.

Дар шаш муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат омӯзиш ва омодакунии кормандони сайёҳӣ ташкил карда шудааст: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ш. Хорӯғ).

Дар шаҳрҳои Душанбе, Хорӯғ, Панҷакент ва ноҳияи Варзоб як қатор марказҳои таълимӣ доир ба омӯзиши кормандони тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо ташкил карда шудааст. Хулосаҳои роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ ва менеҷерҳои онҳо оид ба коршоямии касбии хатмкунандагони чунин марказҳои таълимӣ дар аксари мавридҳо мусбат мебошад.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, № 738 "Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2015-2017" қабул гардида, иҷроиши он ба анҷом расидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол шумораи сайёҳони хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифоварда зиёд мешавад.

Дар семоҳаи аввали соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз 89,1 ҳаҳор шаҳрвандони хориҷӣ дидан намуданд, ки аз онҳо ба сифати сайёҳ 73200 нафар ташриф овардаанд. Даромади умумӣ, ки аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст, дар семоҳаи аввали соли 2020 36 миллион доллари америкоиро ташкил додааст. Хотиррасон менамоем, ки дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистонро 413834 нафар шаҳрвандони хориҷӣ дидан намудаанд. Даромади умумии аз ҳисоби ташриф овардани шаҳрвандони хориҷӣ 206 миллиону 917 ҳазор доллари америкоиро ташкил додааст [5].

Нигоҳ накарда ба он ки иқтидори сайёҳии мамлакат ба таври зарурӣ истифода нашудааст ва ба стандартҳои байналмилалии сайёҳӣ ҷавобгӯ нест, инчунин шароитҳои мусоид барои будубоши сайёҳони хориҷӣ муҳайё нестанд, шумораи сайёҳони хориҷӣ меафзояд. Вобаста ба ин бояд ислоҳоти ин соҳа гузаронида шавад ва аз ин ҳисоб пешравиҳои назаррас дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ба даст оварда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Акназаров К.К. Развитие предпринимательства в сфере лечебно-оздоровительного туризма. // Материалы Республиканской научно-практической конференции "Проблемы государственной поддержки и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан (4 июня 2016.).- Душанбе, 2016. – ст. 135-140
2. Елеева З. Тенденции развития международного туризма в 2005 - 2015 // Туризм. – 2005. - № 9
3. Курорты и санатории Таджикистана. [Электронный ресурс]: Travelca.Ru-туристический портал. URL: http://travelca.ru. (Дата обращения: 15.07.2016)
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият". – http://mmk.tj
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. [Сарчашмаи электронӣ]. Низоми дастрасӣ: http: //www.stat.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2019)
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 22 декабри соли 2017. – Ҷумҳурият, № 258, 22 декабри соли 2017
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018. – Ҷумҳурият, № 256, 26 декабри соли 2018

*Бобохонова Ш.Х. - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир, ки бо зуҳуроти ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт алоқаманд аст, рушди бозори намуди махсус – бозори хизматрасониҳо мушоҳида мешавад. Хусусиятҳои хизматрасониҳо тафовути бозори хизматрасониҳоро аз бозорҳои молӣ ва дигар намудҳои бозор (сармоя, меҳнат ва ғ.) муайян менамоянд. Ҳоло нақши хизматрасониҳо дар қонеъ намудани эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии аҳолӣ, эҳтиёҷоти соҳаҳои появӣ ва инфрасохтори иқтисодиёт афзӯн мешавад.

Бозори хизматрасониҳо дар ягонагӣ бо бозори молҳо чун яке аз намудҳои он, ки ба қонунҳои умумии иқтисоди бозорӣ итоат мекунад, баррасӣ мешавад. Ҳоло дар таркиби бозори хизматрасониҳо ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосӣ ва дорои нуфузи баланд бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мебошад.

Аз нигоҳи таърифи мафҳуми бозор, ки классикони илми иқтисодӣ пешниҳод намудаанд, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ сохтори муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони энергияи электрикӣ (фурӯшандагон) ва истеъмолкунандагон (харидорон)-и онро ифода менамояд, ки дар он раванди хариду фурӯши моли асосии бозори мазкур – энергияи электрикӣ амалӣ мешавад. Яъне, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ макони савдое мебошад, ки дар он харид ва фурӯши энергияи электрикӣ, ба ҷо овардани хизматрасониҳои бо тақсимкунӣ ва интиқоли энергияи электрикӣ, таъмини амалкунии босамари шабакаҳои электрикӣ ва риоя гардидани талаботи меъёрии таъмини энергияи электрикӣ, баланд бардоштани самаранокии энергияи ба истеъмолкунандагон пешниҳодшаванда алоқаманд ба амал меояд [1, с.42].

Ҳамин тавр, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ маҷмӯи амалиётеро ифода менамояд, ки бо харид ва фурӯши энергияи электрикӣ, хизматрасониҳо оид ба интиқол ва тақсим кардани энергияи электрикӣ, хизматрасониҳои технологии бо амалкунии боэътимоди шабакаи электрикӣ ва дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои сифатии таъмини энергияи электрикӣ, хизматрасониҳо оид ба фурӯши он, баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергияи электрикии ба истеъмолкунандагон пешкашшаванда алоқаманд мебошанд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муосири бо энергияи электрикӣ таъмин намудани соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва аҳолии мамлакат амал менамояд, ки дар асоси омӯзиши таърихи он заминаҳои ташаккул ва хусусиятҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муайян мегарданд.

Танзими давлатии нарх (тариф)-ҳои энергияи электрикӣ ба ҳукумат имкон медиҳад, ки ба ин васила ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат таъсир расонад. Сиёсати нарх дар соҳаи электроэнергетика аз ҷониби ҳукумат ба сифати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, механизми рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти минтақаҳо ба кор бурда мешавад.

Дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муносибатҳои бозорӣ танҳо дар он доираҳое амал мекунанд, ки худи давлат онҳоро муқаррар мекунад. Дар ин маврид вазифаи муҳими ҳар як давлат – дарёфти он ҳадди таъсири худ мебошад, ки барои амалкунии босамари бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ зарур аст. Давлат қоидаҳои амалкунӣ ва рушди бозор, тартиби бастан ва иҷрои шартнома ва қарордодҳоро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва умуман ҷамъиятро дар самти пешкаш ва истеъмол намудани энергияи электрикӣ ҳимоя мекунад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳо электроэнергетика соҳаи появии иқтисодиёт ба шумор меравад. Фаъолияти боэътимод ва босамари соҳаи электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ

асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини зиндагии муътадили аҳолӣ мебошад.

Тавре таърихшинос А.Қ. Ҳусайнов қайд мекунад, дар таърихи пайдошавӣ ва рушди электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон се марҳилаи асосӣ ҷудо карда мешавад [5, с.48]:

1) аз оғози солҳои 30-юм то охири солҳои 50-уми асри XX, - замони ғалабаи пурраи сотсиализм дар Иттиҳоди Шӯравӣ;

2) аз оғози солҳои 60-ум то солҳои 90-уми асри XX, - айёми комёбиҳои назарраси таърихӣ дар рушди электроэнергетика;

3) аз оғози солҳои 90-уми асри XX то имрӯз, ки бо рукуди Иттиҳоди Шӯравӣ ва пойдоршавии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби давлат инҳисор шуда буд. Бино бар ин, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ба маънии асил дар мамлакат вуҷуд надошт. Электриконӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ дар асоси нақшаҳои директивӣ дар шароити набудани ягон хел рақобат ба ҷо оварда мешуд.

Дар раванди ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ҳамаи мамлакатҳои пасошӯравӣ бо мушкилоти муайяне дучор гардиданд, чунки ин бозор аз дигар намудҳои бозор ба куллӣ тафовут дорад. Хусусиятҳои энергияи электрикӣ чун мол, шароити технологии истеҳсол ва истеъмоли он, ҳамчунин иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида асари хуро ба амсилаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мегузоранд [3, с.48].

Иқтисоддонҳо амсилаи бозори комилро, ки барои истифодабарӣ дар шароити хизматрасониҳои электроэнергетикӣ низ тавсия дода мешавад, ба таври басанда таҳқиқ намудаанд. Вале ин амсила бо моли абстрактӣ сарукор дорад. Дар амалия бошад, бозори комил дучор намеояд, вале вайро метавон чун амсилаи идеалӣ барои дарки механизмҳои умумии бозорӣ истифода бурд. Дар бозорҳои воқеӣ намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо ҷой доранд, ки ба ташаккули нархҳо дар асоси қоидаҳои бозори комил монеа мешаванд. Дар чунин шароит зарурат барои таҳия намудани усулҳо, қоидаҳо ва тарзҳои махсусе ба миён меояд, ки ба иштирокчиён барои бо қоидаҳои бозор фаъолият кардан имкон диҳанд. Бино бар ин, ҳангоми бунёд намудани бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таҳия намудани тарзҳои хосаи тиҷорат зарур аст, ки хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро баҳисоб гиранд.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бо ҳаҷми васеи худ ва ҷараёнҳои бузурги сарватҳои молиявӣ фарқ мекунад, ки ба соҳаи мазкур хосияти устувории сохторӣ медиҳанд ва ба ин васила сатҳи ҷолибияти соҳибкорӣ дар он баланд аст. Маҳсулоти дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ пешниҳодшаванда ягона буда, ҳамчун мол ҳамеша харидори худро дорад, намудҳои хизматрасониҳои бо ба истеъмолкунанда пешниҳод намудани энергияи электрикӣ алоқаманд низ аксаран дигаргун нашуда, доимӣ мемонанд.

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мол – объекти ҳуқуқҳои гражданӣ (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани он пешбинӣ шудааст [2]. Энергияи электрикӣ маҳсулоти дорои дараҷаи баланди стандартикунонӣ буда, аз рӯи ҷараён, басомад, шиддат ва дигар нишондиҳандаҳо қатъиян назоратшаванда мебошад. Кӯшишҳои иқтисодчиён барои татбиқ намудани рақобат дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ба он асос меёбанд, ки ҳамаи нерӯгоҳҳо энергияи электрикии дорои сифати ягонаро истеҳсол мекунанд. Ҳисобида мешавад, ки ин барои ташкили бозори рақибонаи энергияи электрикӣ басанда аст. Вале дар асл ин тавр нест.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ қодир нест, ки худро пурра ва ба таври босамар танзим кунад. Агар ин бозор ба худ ҳавола карда шавад, метавонад дар ниҳоят фаъолияти худро ба танзим дарорад, вале раванди тӯлонии энергияи электрикӣ ва баландшавии бошиддати нархи он ҳамрадиф мегардад. Албатта, ҳеҷ гоҳ давлат чунин ҳолатро раво намедонад, чунки суръати рушди соҳаи электроэнергетика ҳамчун муҳаррики рушди

саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат бояд ҳамеша аз суръати рушди соҳаҳои дигар пештар бошад.

Бо вуҷуди он ки энергияи электрикӣ ҳоло дар бозор аксаран ҷойгузини худро надорад, нархи он, ки аз ҷониби давлат танзим карда мешавад, барои истеъмолкунандагони асосӣ мақбул аст. Ҳамин тавр, агар нархи энергияи электрикӣ аз бузургии арзиши қобили қабул баланд шавад, пас як ҳиссаи истеъмолкунандагон онро истифода мебаранд, вале ҳаққи онро пардохт намекунанд. Ҳиссаи дигари истеъмолкунандагон тадбирҳои нисбатан оқилонаро роҳандозӣ намуда, ба таъминоти мухтори энергияи электрикӣ тавассути тавлиди он бо истифода аз манбаъҳои дигар мегузаранд.

Энергияи электрикие, ки истеъмолкунанда аз шабакаи электрикии умумӣ мегирад, моли авриди ниёзи аввалиндараҷа аст ва танҳо дар баъзе ҳолатҳо вайро метавон бо моли дигар иваз кард (масалан, бо гузариш ба дастгоҳи дизелӣ ё низоми гармкунӣ бо истифодаи ангишт). Вобаста ба ин истеъмолкунандагон ба танаффусҳои таъмини энергияи электрикӣ бештар ҳассосият доранд, на ба нархи он. Талафот аз танаффусҳо дар таъмини энергияи электрикӣ барои истеъмолкунанда чандин маротиба аз нархи он зиёд мебошанд. Бино бар ин, истеъмолкунанда ҳамеша барои бо нархи баланд харид кардани энергияи электрикӣ омода аст [4, с.12].

Ғайриимкон будани ивазкунии энергияи электрикӣ бо дигар намудҳои сарватҳои сӯзишворию энергетикӣ вобастагии истеъмоли энергияи электрикиро аз нархи он коҳиш медиҳад, ки ин барои истеҳсолкунанда шароити фишори инҳисорӣ овардан ба истеъмолкунандаро муҳайё месозад. Дар ин маврид истеъмолкунанда ба энергияи электрикӣ чун ба сарвати ягонаи энергетикӣ вобаста шуда, аз вай даст кашида наметавонад ва бо ҳамагуна нархи муқаррарнамудаи таҳвилкунанда созиш мекунад [3, с.6].

Азбаски истеъмолкунанда наметавонад, ки энергияи электрикиро бо дигар намуди энергия иваз намояд, барои таҳвилкунандагон имкон пайдо мешавад, ки нархро мувофиқи табъ ва ба нафъи худ муқаррар кунанд. Ҳамин тавр, таҳвилкунандагони энергияи электрикӣ рақобатро намепазиранд. Истеҳсолкунандагон метавонанд миқдори камтари энергияи электрикиро истеҳсол карда, ҳамзамон нархи онро баланд бардоранд, то ки маблағи фурӯши зиёдтар ба даст оранд, истеъмолкунандагон ноилоҷ энергияи электрикиро бо миқдори камтар ва нархи баландтар истифода мебаранд. Яъне таҳвилкунандагони энергияи электрикӣ харидоронро водор менамоянд, ки шароити пешниҳоднамудаи онҳоро қабул намоянд.

Нерӯгоҳҳо – истеҳсолкунандагони энергияи электрикӣ аз сабаби тафовутҳои хосиятҳои иқтисодӣ барои ивазкунии ҳамдигарӣ қодир нестанд. Мусаллам аст, ки ҳама гуна бозор танҳо он гаҳе фаъолияти босамар менамояд, ки агар дар он шумораи зиёди истеҳсолкунандагони дорои хосиятҳои иқтисодии якхела фаъолият кунанд ва моли дорои хосиятҳои истеъмолии якхела истеҳсол кунанд. Роиоя шудани шарти мазкур имкон медиҳад, ки ҳангоми зарурат як таҳвилкунанда бо таҳвилкунандаи дигар бе талафоти назаррас барои бозор иваз карда шавад. Вале нерӯгоҳҳои истеҳсолкунандаи энергияи электрикӣ аз сабаби тафовутҳои хосиятҳои иқтисодии худ ҳамдигарро иваз карда наметавонанд. Эҳтиёҷи истеъмолкунандагон ба энергияи электрикӣ беист тағйир меёбад ва низоми реҷаи кори нерӯгоҳҳоро дар низоми энергетикӣ муайян мекунад. Ин далелро графикҳои корӣи истеъмолкунандагон ва низоми энергетикӣ инъикос менамоянд.

Дар давоми шабонарӯз нобаробарии назарраси истеъмоли энергияи электрикӣ мушоҳида мешавад. Ғайр аз ин, нобаробарии истеъмоли энергияи электрикӣ вобаста ба рӯзҳои ҳафта ва фаслҳои сол низ ба назар мерасад. Ин далелҳо низ ба вазъи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таъсир мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки корхонаҳо – субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки дар соҳаи таъмини энергияи электрикӣ фаъолият мекунанд, ба истеъмолкунандагон моли худро бо шароити пешпардохт ё паспардохт пешниҳод менамоянд, ки замони истеъмоли он бо муҳлатҳои пардохти дахлдор рост намеояд. Вобаста ба ин дар раванди ташаккули нарх дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бояд сатҳи

пардохттавонии аҳолӣ ва таҳдиди хавфи пардохт нашудани маблағҳои назаррас аз ҷониби корхонаҳо баҳисоб гирифта шавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ин аст, ки он бо тинати худ бештар технологӣ аст, на молиявӣ. Дар ҳар як лаҳзаи вақт, ки нерӯгоҳҳо энергияи электрикӣ истеҳсол мекунанд ва истеъмолкунандагон онро истифода мебаранд, ҳаҷми истеҳсолшудаи энергияи электрикӣ бояд бо ҳаҷми истеъмоли он баробар бошад. Оид ба номутаносибӣ дар байни пешниҳод ва талабот қиматҳои басомад ва шиддат дар нуқтаҳои гиреҳии низоми электроэнергетикӣ шаҳодат медиҳанд. Агар нишондиҳандаҳои мазкур аз қиматҳои меъёрӣ паст бошанд, талабот аз пешниҳодот зиёд аст ва баръакс – ҳангоми баланд будани қиматҳои мазкур талабот ба энергияи электрикӣ камтар аст.

Дар ҳамагуна дигар бозори молҳо номутаносибии байни истеҳсол ва истеъмол ба талафи устувории он намеоварад, дар ин маврид номутаносибӣ аз ҳисоби захираҳои анбории мол ё ивазкунии як мол бо моли дигар бартараф карда мешавад. Вале оҷилии раванди истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикӣ кори мувофиқашудаи тамоми иштирокчиёни муносибатҳои бозориро тақозо менамояд, гарчанде манфиатҳои онҳо мухталиф мебошанд. Идоракунии реҷаи истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро танзимгари низом (танзимгари технологӣ) ба ҷо меорад. Бино бар ин, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бештар хосияти технологӣ дорад, на молиявӣ. Набояд идоракунии раванди мураккаби истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро ба зиммаи танзимгари тиҷоратӣ вогузор намуд, ин равандро бояд танзимгари технологӣ идора кунад.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ягона бозоре мебошад, ки дар он ноустувории низоми энергетикӣ ниҳоят тез – дар мудати аз як сония ҳам камтар авҷ мегирад ва метавонад садҳо иштирокчиёни истифодабарандаи ҳамон як мол, ҳамон як инфрасохтори дар як бозор муттаҳидшударо фаро гирад. Дар ин маврид агар барои бартараф намудани сабабҳои рух додани садама чораҳои зарурӣ роҳандозӣ карда нашаванд, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ метавонад хароб шавад. Масъулияти танзимгари низом барои таъмини боэътимодӣ ва сифати таъмини энергияи электрикӣ ниҳоят баланд аст ва он наметавонад ба иштирокчиёни тиҷоратии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ вогузор карда шавад.

Танзимгари низом бояд тарҳи тиҷоратии аз ҷониби маъмури низоми тиҷоратӣ (танзимгари тиҷоратӣ) тартибдодашударо иҷро намояд, вале дар ин маврид вазифаи асосии ӯ таъмин намудани сифати баланди энергияи электрикӣ ва боэътимодии кори низом мебошад. Агар таъмини боэътимодӣ ва сифати таҳвили энергияи электрикӣ бо графики тиҷоратӣ мувофиқ наояд, танзимгари низом ҳамеша боэътимодиро интихоб менамояд.

Хусусиятҳои баррасишудаи энергияи электрикӣ чун мол ва рушди соҳаи электроэнергетика аз ҷониби ҳукуматҳои давлатҳо дар мавриди ташкили бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ баҳисоб гирифта мешаванд. Дар натиҷа дар аксари давлатҳои мутараққӣ дар соҳаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муносибатҳои бозории маҳдуд татбиқ шуда, мамлакатҳои дигар пас аз роҳандозӣ намудани баъзе ислоҳот дар соҳа умуман аз бунёди бозори асили хизматрасониҳои электоэнергетикӣ даст кашида, дар шароити танзими давлатии таъмини энергияи электрикӣ қарор гирифтаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи ҳамингуна давлатҳо мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Гительман Л.Д., Ратников Б.Е. Энергетический бизнес: учебное пособие / Л.Д. Гительман, Б.Е. Ратников. - М.: Дело, 2006. - 600 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” [Сарчашмаи электронӣ] / / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. - № 5 / Низоми дастрасӣ: URL: http://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 06.03.2021)
3. Максимов Б.К. Теоретические и практические основы рынка электроэнергии / Б.К. Максимов, В.В. Молодюк. - М.: Издательство МЭИ, 2008. - 291 с.

4. Максимов, Б.К., Молодюк, В.В. Организация работы электроэнергетических систем на рынке электроэнергии: учебное пособие / Б.К. Максимов, В.В. Молодюк. – М.: Издательство МЭИ, 2016. – 56 с.
5. Хусайнов А.К. Формирование и развитие топливно-энергетического комплекса Таджикистана (1929-2010 гг.) / А.К. Хусайнов / Дисс. на соис. уч. степ. докт. истор. наук. - Душанбе, 2018. - 370 с.

***Рустам Абдуқаюм - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Имрӯз маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ рушд ёфтааст, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вай чун намуди нисбатан нави маблағгузорӣ шинохта мешавад. Ташкилотҳои қарзии бузурги ҷаҳонӣ ҳиссаи назарраси воситаҳои пулии худро ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ сафарбар менамоянд. Дар ин маврид онҳо на танҳо чун иштирокчии лоиҳаҳои мазкур, балки чун ташкилотчии раванди маблағгузории лоиҳавӣ баромад менамоянд. Ҳолати мазкур барои ташкилотҳои қарзӣ гирифтани фоидаи ҳарчӣ зиёдтарро таъмин намуда, ба беҳгардонии мақоми онҳо дар бозори молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Маблағгузории лоиҳавӣ – ин чорабинии ҳадафнок, коркардкардашуда ва маҷмӯии аз ҷиҳати вақт ва сарватҳо маҳдуд буда, чун қоида ба бунёд намудан ё навкунии объектҳои ҷисмонӣ, равандҳои технологӣ нигаронида шудааст. Вай ба олоте мубадал гардидааст, ки метавонад самаранокии баландтарини фаъолиятро бо истифода аз масрафҳои камтарини вақт барои азхудкунӣ ва истифодабарии объектҳо таъмин намояд [5, с. 70]. Таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми идоракунии оқилонаи лоиҳаҳо воситаи тавонои баромад аз буҳрони иқтисодӣ ва усули ҳалли проблемаҳои бузурги илмӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз хусусиятҳои намуди мазкури маблағгузорӣ, ки онро аз дигар намудҳои сармоягузорӣ фарқ мекунонад, ин аст, ки дар мавриди он хавфҳо дар байни тамоми иштирокяиёни лоиҳа тақсим мешаванд ва бо шгарофати ин хавфҳо ба андозаи муҳим кам мешаванд. Аҳди маблағгузории лоиҳавӣ аз лаҳзаи ташаккули ғоя то маблағгузории он метавонад якчанд солҳоро дар бар гирад, чунки он намуди дарозмуҳлати фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Инчунин ҷиҳати муҳими раванди сармоягузорӣ ин аст, ки маблағгузории лоиҳавӣ ба овардани даромад дар тамоми давраи амали худ қоир аст. Маҳз ба ҳамин хотир ҳам қарздиҳандагон ва ҳам қарзгирандагон манфиатдор ҳастанд, ки лоиҳа аз ҷиҳати техникӣ ва иқтисодӣ иҷрошаванда бошад.

Лаҳзаи муҳим дар раванди маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ интихоби шакл ва усули маблағгузорӣ мебошад.

Шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: анъанавӣ ва муосир [4, с. 39]. Шаклҳои анъанавии маблағгузории сармоягузориҳо бо истифодабарии воситаҳои худии корхонаҳо (сарчашмаҳои дохилӣ), воситаҳои қарзӣ, ҷалбгардида ва сарчашмаҳои марказонидашудаи воситаҳои пулӣ (сарчашмаҳои берунӣ) амалӣ карда мешаванд. Шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – маблағгузории лоиҳавӣ, маблағгузории венчурӣ, маблағгузорӣ бо истифода аз хати қарзии сармоягузорӣ, қарзи инноватсионӣ, вомҳои ҳадафнок, лизинг, инчунин шаклҳои омехтаи маблағгузорӣ мебошанд.

Интихоби усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ вазифаи калидии идоракунии лоиҳа мебошад, ки чун таъмини лоиҳа бо сарчашмаҳои смармоягузорӣ, шароит барои амалисозӣ бо харҷи ками масрафҳо ва сатҳи пасттарини хавфҳо тавассути истифодаи муносиби сарчашмаҳои маблағгузорӣ дарк карда мешавад.

Ташкили маблағгузории лоиҳа аз муайян намудан ва ошкор кардани ҳаҷми барои баҷоории лоиҳа зарурии сармоягузориҳо оғоз мегардад. Дар марҳилаи гузаронидани таҳлили

молиявӣ-иқтисодии лоиҳа тарзи ҷалб намудани сарватҳо, яъне кадом усули маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ беҳтарин аст, муайян карда мешавад. Низоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз маҷмӯи сарчашмаҳои гуногуни маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва усулҳои маблағгузорӣ таркиб меёбад.

Дар адабиёт ба сифати усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ инҳо баррасӣ мешаванд [1]:

- худмаблағгузорӣ, яъне сармоягузорӣ намудан танҳо аз ҳисоби воситаҳои худӣ;
- саҳомикунӣ ва дигар шаклҳои маблағгузории саҳмӣ;
- маблағгузории қарзӣ (қарзҳои сармоягузории бонкҳо, барориши вомбаргҳо);
- лизинг;
- маблағгузории буҷетӣ;
- маблағгузории омехта дар асоси якҷоягиҳои мухталифи тарзҳои баррасишуда;
- маблағгузории лоиҳавӣ.

Дар амалияи сармоягузорӣ соҳаҳои истифодаи афзалиятноки усулҳои зикргардида маъмул гардидаанд.

Худмаблағгузорӣ баҷоории сармоягузориро аз ҳисоби сарчашмаҳои молиявии худӣ дар назар дорад. Дар ин маврид яке аз сарчашмаҳои муҳими худии маблағгузорӣ – воситаҳои аз истеҳлоки воситаҳои асосӣ ғунгардидаи корхонаҳо мебошанд. Давлат барои танзим намудани равандҳои ҳисобузам кардани истеҳлок сиёсати махсусро тавассути муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ менамояд. Азбаски маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда ба ҳаҷми андоз аз даромади шахсони воқеӣ таъсир мерасонанд, давлат ба танзимкунии равандҳои истеҳлок манфиатдор аст. Усулҳои ҳисобузамкунӣ ва истифодабарии маблағҳои истеҳлок дар якҷоягӣ бо муқаррароти қонунимконияти корхонаҳо ҷиҳати истифодаи фоида барои рушди истеҳсолот худмаблағгузориро ба яке аз сарчашмаҳои муҳими маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба навкунӣ ва муҷаҳҳазонии техникии истеҳсолоти амалкунанда мубаддал менамояд. Барои баланд бардоштани аҳамияти худмаблағгузорӣ дар иқтисодиёти рушд зарур аст, ки даврияти азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ бо роҳи ба худи корхонаҳо ҳавола намудани ин гуна салоҳият тағйир дода шавад. Бояд дар назар дошт, ки дар шароити суръатҳои баланди таваррум коҳишёбии ҳам арзиши воситаҳои асосӣ ва ҳам маблағҳои истеҳлоки ғуншуда чун сарчашмаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо суръати тезтар ба амал меояд.

Бояд қайд кард, ки худмаблағгузорӣ шакли нисбатан боэътимоди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, вале вай аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд буда, барои сармоягузориҳои дарозмуҳлат мақбул нест. Бино бар ин, истифодаи вай барои амалисозии лоиҳаҳои хурди кӯтоҳмуҳлат ва ҳангоми дастрас набудани сарчашмаҳои берунии сармоя мақбул аст.

Ҷалб намудани сармоя тавассути барориши саҳмияҳо чун усули маблағгузорӣ асосан барои амалисозии лоиҳаҳои андозаашон калон ба кор бурда мешавад. Маблағгузории қарзӣ ҳангоми сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои дорои самаранокии баланд ва зудамалишаванда ба кор бурда мешавад. Лизинг (иҷораи молиявӣ), ки як шакли қарзи дар намуди моддӣ пешниҳодшаванда мебошад, ҳамчунин бо сабаби шабеҳ бо маблағгузории қарзӣ истифода мешавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лизинг асосан дар мавриди хариди воситаҳои нақлиёт ва дастгоҳҳои истеҳсолӣ бештар ба кор бурда мешавад.

Маблағгузории буҷетии лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан тавассути маблағгузорӣ дар доираҳои барномаҳои ҳадафӣ ва дастгирии молиявӣ ба ҷо оварда мешавад. Он истифодабарии воситаҳои буҷети давлатиро дар чунин шаклҳои асосӣ пешбинӣ менамояд: сармоягузориҳо ба сармояҳои оинномавии корхонаҳои амалкунанда ва навтаъсис, қарзҳои буҷетӣ (аз ҷумла қарзи андозии сармоягузорӣ), пешниҳод кардани кафолатҳо, мусоидатҳо (субсидия). Барномаҳои ҳадафии давлатӣ олоти амалисозии вазифаҳои афзалиятнок дар соҳаҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди давлатӣ мебошанд. Онҳо аз ҳисоби воситаҳои буҷетҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ мешаванд. Бахшҳои афзалиятнок, ки барои онҳо дастгирии давлатӣ дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз

ҳисоби буҷети давлатӣ зарур аст, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ва Вазоати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд.

Маблағгузории омехта ба намудҳои мухталифи якҷоягии усулҳои дар боло зикргардида асос ёфта, метавонад барои тамоми намудҳои сармоягузорӣ истифода шавад.

Яке аз механизмҳои босамараи ҷалб намудани сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки солҳои охир корбурди он дар амалияи ҷаҳонӣ густариш ёфтааст, маблағгузории лоиҳавӣ мебошад. Маблағгузории лоиҳавӣ чун олоти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба андешаи мо барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вобаста ба самаранокии иқтисодӣ, инчунин азбоиси хосияти фарққунандаи худ - таъмини шаффофии истифодабарии воситаҳои молиявӣ, ки ҳангоми иҷрои фармоишҳои давлатӣ ва барномаҳои миллӣ ниҳоят муҳим аст, зарур мебошад.

Дар тафовут аз қарзи бонкии анъанавӣ ва дигар усулҳои ҷалб намудани воситаҳо барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ якчанд хусусиятҳо дорад, ки асосиашонро муаллиф номбар кардааст [2, с. 235]:

- гуногуншаклии сарчашмаҳои воситаҳо – миллӣ ва хориҷӣ, хусусӣ ва давлатӣ, миёнаравҳои молиявии бонкӣ ва ғайрибонкӣ;

- истифодаи шаклҳои гуногуни қарз (бонкӣ, тиҷоратӣ, лизинг) ва маблағгузорӣ (бароришии қоғазҳои қиматнок, мусоидати буҷетӣ дар шакли кафолати давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, баъзан сармояи худии корхонаҳо – иштирокчиёни маблағгузории лоиҳавӣ);

- ҷалб намудани шумораи зиёди иштирокчиён - бонкҳо, сарпарастони лоиҳа, ташкилоти лоиҳавӣ, ташаббускори лоиҳа (яке аз сарпарастон), ки ба бонк дархост барои қарз пешниҳод намудааст, сармоягузороне, ки қоғазҳои қиматноки нашрнамудаи ташкилоти лоиҳавиро мехаранд, бонкҳои сармоягузорӣ ва брокерҳо-миёнаравҳо дар ҷойгиркунии ин қоғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ, мушовирон (молиявӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ), паймонкорон ва таҳвилкунандагони молҳои сармоягузорӣ, харидорони маҳсулоти лоиҳавӣ;

- чун таъмини қарзӣ бонкӣ хизмат намудани маблағи фурӯши ояндаи қарзгир аз амалисозии лоиҳа, на гарави анъанавӣ.

Ташкилотчии асосии маблағгузории лоиҳавӣ – ташкилоти лоиҳавӣ мебошад, ки чун қарзгири қарзи лоиҳавӣ, фармоишгари корҳо оид ба лоиҳаи сармоягузорӣ, танзимгари объекти фаъолияти сармоягузорӣ баромад мекунад. Тавассути он ҷараёнҳои молиявии асосии бо қарзиҳӣ ва маблағгузорӣ, бо баргардонидани қарз ва иҷрои уҳдадориҳо дар назди муассисони он алоқаманд мегузаранд. Ба сифати қарздиҳандаи асосии лоиҳаи сармоягузорӣ бонк баромад менамояд. Дар ин маврид чун объекти аз ҷониби бонк баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ баромад мекунанд:

- лоиҳаи сармоягузорӣ;

- таъмини қарзи лоиҳавӣ (дороиҳои ташкилоти лоиҳавӣ, кафолат, замонат).

Робитаи маблағгузории лоиҳавиро бо қарзи бонкӣ мутахассисони дигар низ тасдиқ менамоянд. А.Л. Смирнов ва Л.Н. Красавина низ тасдиқ менамоянд, ки асоси маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – «маблағгузории лоиҳавӣ» - қарзи бонкӣ мебошад [6, с. 23]. Ба қавли муаллифи дигар В.А. Москвин мафҳумҳои «қарзи лоиҳавӣ» ва «маблағгузории лоиҳавӣ» ҳарду ҳаммаъно мебошанд [3, с. 53].

Ҳамин тавр, дар аксари интишороти ба мо дастрас ишорат мешавад, ки ҳангоми маблағгузории лоиҳавӣ сухан дар бораи қарздиҳӣ (қарз) меравад.

Барои асоснок кардани ба мақсад мувофиқ будани ҳар як усул (шакл)-и маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити иқтисодии мушаххас корбурди олоти методии махсус лозим аст. Барои худмаблағгузорӣ усулҳои ҳисобузамкунии истеҳлок, аз ҷумла усулҳои истеҳлоки босуръат, заминаҳои методии кам кардани коҳишёбии арзиши маблағҳои истеҳлоки ғуншуда мақбул мебошанд. Барои маблағгузории қарзӣ – усулҳои баҳодиҳӣ (асосноккунӣ)-и ҳудуди болоии нархи қарз, усулҳои бунёди масирҳои қарз ва тарҳҳои баргардонидани қарз ва фоизҳои қарз; барои маблағгузории омехта – усулҳои беҳгардонии сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба кор бура мешаванд.

**АДАБИЁТ:**

1. Игонина Л.Л. Инвестиции: учебник / Л.Л. Игонина. – М.: Издательство «Экономистъ», 2005. – 478 с.
2. Международные валютно-кредитные и финансовые отношения / Под ред. Л.Н. Красавиной. – М.: Финансы и статистика, 2005. – 573 с.
3. Москвин В.А. Кредитование инвестиционных проектов / В.А. Москвин. – М.: Финансы и статистика, 2001 – 238 с.
4. Наточеева Н.Н. Финансирование инвестиционных проектов: формы, критерии, приоритеты / Н.Н. Наточеева // Экономика. Налоги. Право. – 2013. - № 5. – С. 38-43
5. Орехов С.А. Формы и методы финансирования инвестиционных проектов / С.А. Орехов // Экономика, статистика, информатика. – 2012. - № 2. – С. 70-76
6. Смирнов А.Л., Красавина Л.Н. Международный кредит: формы и условия / А.Л. Смирнов, Л.Н. Красавина. - М.: Консалтбанкир, 1995. – 86 с.


***Обидов Ф.Ф. – Таджикский национальный университет***

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ И РЕСУРСЫ РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ В ПРОСТРАНСТВЕННОМ АСПЕКТЕ

В экономике Республики Таджикистана в последние тридцть лет произошли глубокие изменения, связанные со сменой общественного производства и механизма функционирования экономики регионов. Переход на рыночные отношения предопределил изменение всего механизма развития регионов. Изменилась система финансового обеспечения регионов, структура валового регионального продукта, в регионах преобладает частная собственность, что коренным образом меняет систему взаимоотношений субъектов экономики регионов. Приобретение относительной (в большинстве случаев условной) самостоятельности в принятии решений инвестиционного характера на уровне регионов страны значительно повысила роль органов административного управления регионов в процессе использования ресурсной базы своего региона.

При этом процессы глобализации экономики, усиление конкурентных отношений между странами содействуют возрастанию диспропорций и противоречий в отношении регионального развития. Объективные различия человеческих, природных и экономических ресурсов регионов страны способствовали еще большему усилению экономического и социального неравенства населения, привели к возникновению ряда проблем, которые осложняют социальные отношения в стране, ухудшают среду обитания людей, обостряют межрегиональные и территориальные диспропорции.

Основным показателем, характеризующим экономическое развитие региона, является ВРП, который представляет собой обобщающий показатель экономической деятельности региона, характеризующий процесс производства товаров и услуг. ВРП по своему экономическому содержанию является весьма близким к показателю ВВП.

В рамках исследования мы проанализировали поведение показателя ВРП в период 2012-2018 гг. и выявили относительно стабильный его рост. Так, данный показатель за рассматриваемый период ежегодно имел положительный рост и в общем по стране (рисунок 1) и по отдельным регионам (рисунок 2). Однако, удельный вес ВРП в составе ВВП страны не показал свою определенную тенденцию роста за этот период (рисунок 3).




**Рисунок 1. Рост показателя ВРП в Республике Таджикистан за 2012-2018 годы [9]**

На ВРП оказывают влияние различные факторы и ресурсы, основные из которых, конечно же, труд и капитал. К этим факторам можно так же отнести наличие природных ресурсов, финансовых средств, трудовых ресурсов, квалификацию трудового персонала, наличие производственной и рыночной инфраструктуры и т.п. Однако, в настоящее время особую актуальность приобретают вопросы учета пространственных факторов и ресурсов в развитии регионов.




**Рисунок 2. Рост показателя ВРП по регионам Республики Таджикистан за 2012-2018 годы [9]**

в процентах




**Рисунок 3. Удельный вес ВРП в ВВП Республики Таджикистан за 2012-2018 годы [9]**

Правительство Республики Таджикистан разрабатывая концепции, стратегии и программы социально-экономического развития страны уделяет внимание развитию регионов. Однако, как показывает анализ содержания принятых в последнее время многочисленных подобного рода стратегических документов, в них не в должном уровне затрагиваются вопросы влияния факторов развития регионов в пространственном аспекте. Несмотря на некоторые попытки рассмотреть данные вопросы, единого подхода и понимания к изучению пространственных факторов при разработке указанных документов не существует. Документы содержат лишь формальное упоминание о необходимости учета природных ресурсов и пространственных факторов. Такая точка зрение упоминается и в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года: «Основой обеспечения устойчивого сбалансированного развития любой страны является развитие ее регионов. Анализ показал, что проводимые Правительством Республики Таджикистан реформы были в большей степени сосредоточены на центральном уровне, в связи с чем «на местах» (в регионах страны) накопилось множество нерешенных проблем, что негативно сказывается на показателях сводных индексов социально–экономического положения районов страны. Ярким подтверждением этому является тот факт, что большинство Целей Развития Тысячелетия (ЦРТ) по Таджикистану были в основном достигнуты только в столице – городе Душанбе» [4].

Учет влияния пространственных факторов и ресурсов может способствовать развитию инвестиционной деятельности в регионах, поскольку нацелен на рациональное распределение инвестиционного потенциала в регионах, рациональное использование имеющихся ресурсов инвестиционной деятельности. Влияние пространственных факторов и ресурсов на развитие инвестиционной деятельности еще недостаточно изучено, а потому является предметом дискуссии в научной литературе.

В научной экономической литературе не существует единого мнения относительно факторов регионального развития. В работах выделяются их различные группы и виды. Факторы (от лат. factor – делающий, производящий) – «причина, движущая сила какого-либо процесса, явления, определяющая его характер или отдельные его черты». Следовательно, «под фактором регионального развития понимается совокупность движущих сил, определяющих процесс социально-экономического развития региона» [5, с. 78].

Т.В. Усакова с пространственной позиции разделяет факторы развития регионов на две группы: «внешние (за счет внешних источников) и внутренние (за счет внутренних источников)» [10, с. 58]. Мы согласны с автором, так как такое деление сочетается с характеристикой региона – неполная открытость. Внешние факторы проявляются во внешней среде и при открытой передаче по свободным маршрутам между экономическими субъектами региона и экономических компонентов внешней среды. Внутренние факторы проявляются во внутренней среде экономического пространства региона, которая представляется множеством экономических подсистем и элементов.

С учетом данных характеристик можно осуществить разделение факторов развития региона по признаку «ограниченность» на две группы: ограниченные и неограниченные. Внешние факторы не ограничены, а внутренние – либо ограничены (если они возникают в закрытом или частично закрытом распознаваемом экономическом, территориальном или организационном пространстве), либо не ограничены (если они возникают в открытом распознаваемом пространстве, осуществляющее взаимодействие с внешней средой по свободным маршрутам).

Равным образом, внешние и внутренние факторы регионального развития могут быть разделены на контролируемые, частично контролируемые и неконтролируемые. Контролируемость факторов указывает на то, что региональные органы власти в процессе управления регионом используя некоторые средства могут повлиять на эти факторы. Контролируемыми могут быть как внешние, так и внутренние факторы. Неконтролируемые факторы могут быть только внешними.

Характеристики и влияние факторов регионального развития в пространственном аспекте исследуются в научных работах достаточно. Например, к числу основных пространственных факторов экономического развития региона отдельные исследователи относят: А.О. Полынев – «современное геоэкономическое (в том числе транспортно-географическое) положение региона; обеспеченность региона важнейшими видами минерально-сырьевых, топливно-энергетических, лесных и водных ресурсов, сельскохозяйственных угодий и др.» [6, с. 21]; Е.В. Харченко и Ю.В. Вертакова – «степень обеспеченности региона ресурсами и геополитическое положение региона» [11, с. 76] А.В. Андреев – «транспортно-географическое положение» [1, 141]; А.Г. Гранберг – «экономико-географическое положение» [2, с. 16].

Р.С. Гринберг в качестве факторов пространственного развития выделяет такие [3, с. 27]:

- разногласье сложившихся структур экономик стран бывшего СССР потребностям их становления и развития как независимых государств;
- низкий технический уровень производства, продукции, выпускаемой внутри страны, приводящий к ее неконкурентоспособности по сравнению с импортируемой из стран дальнего зарубежья продукции;
- нехватка передовых технологий, повлекшей к поиску внешних партнеров для вновь образованных государств и др.

Российский исследователь проблем региональной экономической интеграции А.Н. Спартак в качестве факторов, способствующих развитию регионов в пространственном аспекте, в том числе выделяет [8, с. 32]:

- достаточно емкий рынок сбыта;
- соизмеримый уровень доходов населения и покупательную способность широких слоев населения в основных государствах интеграционного пространства;
- достаточно высокая социокультурная общность населения, оставшаяся в наследство от советского периода;
- примерно одинаковый уровень продвинутости трансформационных процессов, что делает достаточно однородной общую экономическую среду.

Следует отметить, что вышеперечисленные факторы влияют в основном на положение отдельных стран интеграционного пространства и не могут способствовать учету изменений экономических условий регионов страны.

Пространственное развитие регионов Республики Таджикистан обусловлено неким сочетанием факторов и ресурсов, дифференцирующих экономическое пространство страны и регионов, в числе которых:

- невысокая обеспеченность регионов природными ресурсами (земли, руда, леса, и прочие) для своего социально-экономического развития;
- отсутствие выхода на глобальный рынок, повышающее транспортно-логистические расходы экономических единиц;
- неразвитая производственная, транспортная и социальная инфраструктура, особенно в дальних от центра регионах;
- высокие темпы прироста населения в регионах (в среднем 2,2% ежегодно);
- снижающийся человеческий капитал (уровень образования, здоровье, трудовые мотивации), особенно высокий уровень трудовой миграции среди молодежи, рабочих и профессиональных кадров;
- пространственная поляризация расселения, многолетний процесс стягивания населения из периферий к центру и городам;
- плохие социально-экономические институты и неблагоприятный предпринимательский климат (незащищенность прав собственности, захват собственности и бизнеса, массовая коррупция и др.), отсутствие совершенной конкуренции на рынке в региональном и общереспубликанском масштабе.

Тенденции развития социально-экономического пространства в Республике Таджикистан и его регионах показывают, что страна и дальше будет развиваться в условиях заметной социально-экономической дискриминации и несбалансированности развития, продолжатся проблемы использования экономического пространства регионами вследствие отсутствия конкурентных отношений на рынке.

Несмотря на научную обоснованность важности применения принципов пространственной экономики в практической деятельности, в принятых в стране концепциях, стратегиях и программах стратегического социально-экономического развития страны и отдельных регионов факторы и ресурсы пространственного развития регионов не отмечены. В системе управления регионами отсутствуют инструменты согласованного использования ключевых ресурсов: финансовых, человеческих, природных и прочих. Реформы производственных и рыночных инфраструктур и в целом последствия реализации реформ социально-экономического развития на региональном уровне не согласованны и не скоординированы.

Ключевыми элементами регионального развития являются создание привлекательного предпринимательского и инвестиционного климата.

До сих пор инвестиционные проекты разрабатывались без учета региональных ресурсов на конкретный объект, сферу (образование, здравоохранение, построение школы, больницы и т.п.), а также инвестиционные проекты, связанные с расширением действующих предприятий, по выпуску новой продукции, новую технологию с целью привлечения иностранных инвестиций, недостаточно разрабатывались региональные комплексные инвестиционные проекты с учетом всех региональных ресурсов. В развитие региональной экономики важную роль играют как комплексные региональные проекты, которые основаны на наиболее полное и эффективное использование всех региональных ресурсов, так и региональные инвестиционные проекты, использующие отдельные ресурсы, направленные на конкретные объекты для создания небольших производств и малых инновационных предприятий. Целесообразно выделить, те региональные инвестиционные проекты, которые обеспечивают интересы региона, создают благоприятные условия реализации проекта, направленные на мобилизацию источников финансирования проекта.

В связи с этим региональный инвестиционный проект должен создать:

- условия для пропорционального развития региона, формирования производства в различных отраслях, с учетом внешних и внутренних факторов региона;

- создать условия для выравнивания экономического потенциала, социальной сферы регионов, обеспечить занятость населения.

Государственное регулирование регионов осуществляется посредством принятия концепций, стратегий развития регионов, стимулирования, установления налоговых льгот и преференций привлечения иностранных инвестиций. Оно предусматривает совершенствование системы налогов, механизма начисления амортизационных отчислений, защиты интересов инвесторов и проведения других мероприятий по формированию благоприятных условий инвестиционного развития региона.

Подытоживая вышесказанное прийти к выводу, что учет влияния пространственных факторов и ресурсов способствует развитию региональных инвестиционных процессов, так как обращен на разумное распределение инвестиционного потенциала в регионах, разумное использование имеющихся в регионе инвестиционных ресурсов. Влияние пространственных факторов и ресурсов на развитие инвестиционных процессов недостаточно изучено и является предметом научных дискуссий.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Андреев А.В. Основы региональной экономики: учебное пособие / А.В. Андреев, Л.М. Борисова, Э.В. Плучевская. – М.: КНОРУС, 2016. – 334 с.
2. Гранберг А.Г. Стратегия территориального социально-экономического развития России: от идеи к реализации / А.Г. Гранберг // Вопросы экономики. - 2001. - № 9. - С. 15–27
3. Гринберг Р.С. Стратегия интеграционных процессов на постсоветском пространстве / Р.С. Гринберг // Экономические обозрение. – 2004. – № 4. – С. 27–31
4. Закон Республики Таджикистан «О концессиях» от 15 мая 1997 года, № 430 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2011. - № 12 - ст. 847
5. Невейкина Н.В. Факторы развития региона / Н.В. Невейкина // Ученые записи Орловского государственного университета. Серия: гуманитарные и социальные науки. – 2014. - № 1 (57). – С. 78-85
6. Полынев А.О. Конкурентные возможности регионов: методология исследования и пути повышения / А.О. Полынев. - М.: КРАСАНД, 2010. - 208 с.
7. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы / Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2016 года, № 678
8. Спартак А.Н. Россия и постсоветское пространство / А.Н. Спартак // Мировая экономика и международные отношения. - 2010. - № 8. - С. 32–45
9. Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2019 / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2020
10. Ускова Т.В. Управление устойчивым развитием региона: монография / Т.В. Ускова. - Вологда: ИСЭРТ РАН, 2009. – 141 с.
11. Харченко Е.В. Государственное регулирование национальной экономики: учебное пособие / 5-е изд., перераб. и доп. / Е.В. Харченко, Ю.В. Вертакова. - М.: КНОРУС, 2017. - 326 с.



***Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р. - Донишгоҳи байналмиллалии сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## БОЗОРИ СУҒУРТА ВА ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, дар тарбияи мутахассисони варзидаю касбии соҳаи иқтисодиёт, бахусус бахши молиёт омӯзишу истифодаи амали илмии суғурта, нақши

бузург дорад. Дар Тоҷикистон суғурта ҳамчун илми иқтисодӣ дар арафаи ташаккул аст. Тағйиротҳои кулии дар системаи суғуртаи давлатӣ, иҷтимоӣ ва хусусан тибқи таъиноти нафакавӣ шуда истодаанд, ки ин барои ҳар як шаҳрванди Ҷумхурии Тоҷикистон хело муҳим ва зарур аст.

Дар шароити гузариш аз иқтисоди нақшавии давлатӣ ба иқтисоди иҷтимоии бозорӣ механизми бозории худташкили такрористеҳсолро пурмаҳсул истифода намуда, ба чунин соҳаи соҳибкорӣ, ҳамчун суғурта, баҳо додан ва имконоти суғуртаро барои ҳифзи манфиатҳои амволии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат истифода намудан зарур мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат 16 намуди суғуртаи ҳатмӣ фаъолият менамояд, ки аз ин 14 намудро ҳукумат ба зимаи ташкилоти давлатии КВД «Тоҷиксуғурта» гузошта, ду намуди боқимондаро ба ташкилоти давлатии КВД«Тоҷиксармоягузор» ҳавола намудааст. Захираҳои суғуртавӣ низ яке аз нишондодҳои устуворӣ ё қобилиятнокии ташкилотҳои суғуртавӣ буда, дар соли 2016 - 6453,7 ҳазор сомониро ташкил дод ва нисбати соли 2015 - 1,6 маротиба зиёд аст. Аз ин маблағ «Тоҷиксуғурта» 5,7 миллион ё 2,4 маротиба, «Тоҷиксармоягузор» 113,2 ҳазор сомонӣ ё 9,9 маротиба, «Муин» 3,1 маротиба, «Ҷамъияти суғуртаи байнибонкӣ» 6,8 маротиба зиёд гардидаанд.

**Афзоиши захираҳои суғуртавӣ дар соли 2019**

**Диаграммаи №2**




**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Аз диаграмма бар меояд, ки дар соли 2019 ширкатҳои суғуртакунандаи ҷумҳурӣ бад фаъолият накарданд, аммо фоида нисбати соли 2015 - 6,5 ҳазор сомонӣ кам ба даст оварда шуд.

Ҳамчунин, зиёдшавии фонди оинномавӣ дида мешавад ва он 1,2 маротиба (1,9 млн. сомонӣ) нисбати соли 2015 зиёд гардидааст. Аз ҷумла: «Тоҷиксуғурта» - 1,1 маротиба, «Тоҷиксармоягузор» - 1,5 маротиба, «Муин» - 1,5 маротиба.

**Рушди ташкилотҳои суғурта дар соли 2020**

Диаграммаи №3




**Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон.**

Ҳаминтавр чунин аст натиҷаи фаъолияти кори ташкилотҳои суғуртакунандаи Ҷумҳурӣ таи солҳои охир. Ҳамзамон бояд камбудиҳо ва норасогиҳоро низ баён намоем. Норасогиҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ чунин мебошанд:

- зарарнок фаъолият намудани шуъбаҳо, аз ҷумла шуъбаҳои «Тоҷиксуғурта»;
- сатҳи зиёди хароҷотҳо барои пешбурди кор ё дафтардорӣ;
- норасогии рекламаҳо тавассути ахбори умум: телевизион, радио, маҷаллаву рузномаҳо;
- нарасидани мутахасисони соҳаи суғурта дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла муҳосибони касби дар фаъолияти суғуртагузорӣ ва ғайраҳо.

Масалан хароҷотҳо барои пешбурди кор дар соли 2020 - 20826 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2019 2,6 маротиба, ё аз рӯи пардохтҳои умумӣ ин хароҷот 20,3 % - ро ташкил дод.

Объекти хариду фуруш дар бораи суғрута хизматрасониҳои суғуртавӣ ба шумор меравaнд.

Ташкилотхои суғуртавӣ дар бозори суғурта ба хариду фурӯши хизматрасниҳои суғуртавӣ машғул мешаванд.

Ташкилотҳои дар боло номбаршуда аз давраҳои гуногун фаъолияти худро оғоз намуда дар каламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни аҳолӣ мавқеъ ва нуфузи гуногунро соҳибанд.

Дар байни онҳо ташкилоте, ки фаъолияти дарозтаринро соҳиб аст ташкилоти давлатии Тоҷикисуғурта мебошад. Ин ташкилоти бонуфузи суғуртавӣ аз рӯи 45 – литсензияҳо оиди номгӯйҳои суғуртавӣ амал намуда дар соли 2020 ба як қатор муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Масалан агар дар соли 2019 - ум ба маблағи 4783,3 ҳазор сомонӣ аз намуди суғуртаҳои ихтиёрӣ ба даст оварда бошад дар соли 2018- ум инро ба 7191, 1 ҳазор сомонӣ расонидааст.

Бояд қайд намуд, ки ташкилоти давлатии «Тоҷиксуғурта»-и Ҷумхурии Тоҷикистон 15 - номгӯйи суғуртаи ҳатмӣ ва зиёда аз 28 номгӯйи суғуртаи ихтиёриро хуқуқи гузаронидан дорад.

Аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ Тоҷиксармоягузор – 2 литсензияи суғуртаи ҳатмӣ ва 18 литсензияи суғуртаи ихтиёрӣ дорад.

Аз ин муқоиса маълум мешавад, ки фаъолияти ташкилоти мазкур ҳаракат ба поён дорад:

Ин сабабҳои объективӣ дорад.

Ташкилоти Ориёи Иншуранс ташкилоти суғуртавие мебошад, ки дар солҳои охир нуфуз ва мақоми махсусро дар байни аҳолии мамлакат пайдо намудааст. Ин ташкилот ғайридавлатӣ буда ба баъзан қоидаҳои ташкилоти бозор риоя менамояд. Таблиғоти фаъолияти худро тавассути садо ва симо ва инчунин дигар воситаҳои ахбори умум ба роҳ монда аз ин ҳисоб муштариёни зиёдеро пайдо намудааст. Махсусан дар вилояти Суғд обру ва мақоми махсусро дар байни аҳолӣ ва корхонаҳо соҳиб аст.

Дар соли 2020 воридоти умумии маблагҳои воситаҳои пулӣ ба ҳисобҳои ташкилоти мазкур 633,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки ин ташкилот дар соли гузашта барои гузаронидани 9 - номгӯйи суғурта литсензия дошт ва ҳамаи литсензияҳо барои суғуртаи ихтиёрӣ буданд.

Имсол бошад ташкилоти Ориёи Иншуранс дар асоси 16 – литсензия фаъолияти худро ба роҳ монда маблағи калони пулиро аз муштариён гирд овардааст. Маблағи умумие, ки аз ҳисоби воридотҳои пулӣ ба даст овардааст дар соли 2020 - ум ба 15,361 ҳазор сомонӣ мерасад, ки ин нисбати соли гузашта зиёда аз 32 - маротиба зиёд аст.

Аз ин маблағ барои ҳодисаҳои суғуртавӣ ба муштариён 731,7 ҳазор сомонӣ сарф намудааст.

Аз маблағи дар боло баён шуда 827,1 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлат ҳамчун андоз ворид намуда аз ҳисоби фоидаи худ активҳои ташкилотро афзудааст.

Маблағи умумии захираҳои суғуртавии ташкилот дар аввали соли равон ба 10 ҳазор сомонӣ мерасад.

Маблағи умумии аз нав суғуртакунии ташкилот то аввали соли равон ба 9450,3 ҳазор сомонӣ мерасад.

Фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии мамлакат дар муқоиса бо солҳои гузашта умуман боло рафтааст.

Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ то соли 2020 дар ҳисоби ташкилотҳои суғуртавӣ 9998,8 ҳазор сомонӣ аз ташкилотҳои ҳатмӣ дар маҷмуъ 36719,2 ҳазор сомонӣ маблағҳои пулӣ ворид шудаанд.

Дар соли 2019 - ум бошад, маблағи умумии воридоти пулӣ ба ҳисобҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 69,528,8 ҳазор сомонӣ мерасад, ки ин таҷрибан 3,5 маротиба зиёд аст.

Маблағи умумии хароҷотҳо барои ҳодисаҳои суғутавӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 - ум ба 12,861,7 ҳазор сомонӣ мебошад, ки ин нисбати соли 2017 таҷрибан 2,6 маротиба зиёд аст. Дар соли 2019 пардохтҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба буҷет агар дар ҷумҳури 12829 ҳазор сомонӣ бошад, ин рақам дар соли 2020 ба 5,227,0 ҳазор сомонӣ расидааст, ки ин нисбати соли гузашта 864,7 ҳазор сомонӣ ё 3,8 маротиба зиёд аст.

Агар ба натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ назар афканем рушди онҳоро ҳамасола мушоҳида кардан мумкин аст.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ равнақ ёфта истодааст.

Дар маҷмӯъ фаъолияти суғурта дар шароити бозор ба омилҳои дигари хоҷагидорӣ алоқаманд аст.

Вобастагии калони суғурта аз рушди иқтсиодиёти мамлакат чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ эҳсос карда мешавад. Воқеан ҳам фаъолияти самараноки корхонаҳо дар шароити бозор аз омилҳои гуногун чун рақобати озод, нарх, мӯҳлати муштариён вобаста аст. Барои он, ки корхона аз ин хатарҳо доимо эмин бошад, бо тариқи ҳатмӣ бояд ба худ заминаҳои молиявӣ барпо намояд. Яке аз муҳимтарин заминаи молиявӣ, суғурта мебошад. Корхона метавонад, маблағҳои худро воситаҳои асосӣ ва гардони худро, сармояҳои асосӣ ва пулии худро суғурта намоед.

Агар бо корхона дар мавриди суғурта намудан ҳодисаи суғуртавӣ рӯх надиҳад, корхона «зарар» мебинад.

Агар аз нигоҳи таҳлилӣ баҳо диҳем, фаъолияти суғурта чунин фаъолияти таваккалиест, ки дар натиҷаи он ҳатман як тараф манфиат мебинад.

Дар мавриде, ки бо корхона ҳодисаи суғуртавӣ руй диҳад тибқи шартномаи суғуртавӣ ташкилоти суғурта ба ӯҳда мегирад, ки масъалаи ба ҷои 1 сомонӣ то 15 - 20 сомонӣ пардохт менамояд. Номгӯйҳои суғуртае мавҷуданд, ки ташкилоти суғурта ба ҷои 1 сомонӣ то 15 - 100 сомонӣ ба ӯҳда мегирад.

Тибқи маълумотҳои фаврӣ дар соли 2020 Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» бо 1 миллиону 79 ҳазору 224 нафар ашхоси воқеиву ҳуқуқӣ шартномаи суғуртавӣ бастанд, ки 307 ҳазортоаш шартномаи намудҳои ҳатмии суғурта ва 759 ҳазортоаш шартномаи намудҳои ихтиёрии суғурта мебошад. Нисбати соли 2017 оид ба ҳамаи намудҳои суғурта 9,3 ҳазор шартнома ё 0,9 фоиз, аз ҷумла оиди намудҳои ҳатмии суғурта 0,1 ҳазор шартнома ё 0,1 фоиз ва оид ба намудҳои ихтиёрии суғурта 9,2 ҳазор шартнома ё 1,2 фоиз бештар шартнома баста шуд.

Оид ба ҳамаи намудҳои суғурта мувофиқи маълумотҳои фаврӣ 50 миллиону 828 ҳазору 800 сомонӣ ҳаққи суғуртавӣ ворид гардид ва нақшаи пешбинишуда 118,8 фоиз иҷро шуд. Аз ҳаққи суғуртавии воридгардида 37 миллиону 322 ҳазору 800 сомонӣ ба намудҳои ҳатмии суғурта ва 13 миллиону 505 ҳазору 900 сомонӣ ба намудҳои ихтиёрии суғурта тааллуқ дошта, нақшаҳои пешбинишуда мутаносибан 112,4 ва 141,1 фоиз иҷро гардиданд.

Аз диаграмма бармеояд, ки аз ҳаққи суғуртавии воридшуда тақрибан 73 фоиз ба намудҳои ҳатмии суғурта ва 27 фоиз ба намудҳои ихтиёрии суғурта рост меояд. Ин нишондиҳанда дар давраи муқоисавӣ мутаносибан 77,6 ва 22,4 фоиз буд.

Сохтори ҳаққи суғурта дар соли 2019 ( ҳаз. сомонӣ)

Диаграмаи № 4.




**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Тавре бармеояд, ҳаҷми умумии маблағҳои ҳаққи суғуртавии ҷамъоваришуда дар соли 2020 ба 139,3 миллион сомонӣ (тақрибан 28,2 миллион доллари ИМА) ва дар давоми соли 2017 ҳамагӣ ба 135,1 миллион сомонӣ (қариб 28,3 миллион доллари ИМА) баробар мебошанд. Таҳлили динамикаи рушди нишодиҳандаҳои асосии бахши суғурта дар мамлакат тамоюли рушди устувори бахши суғуртаро дар маҷмӯъ нишон медиҳад. Аммо саҳми бахши суғурта дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат 0,3%-ро ташкил медиҳад, ки нишондиҳанда назар ба мамлакатҳои минтақа хеле ночиз аст. Аз ҷумла саҳми бахши суғурта дар Арманистон-0,6%, Белорус -1,04%, Озарбойҷон – 0,63%, Қазоқистон -0,74% а Федератсияи Россия-1,35%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали №4.**

**Динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бозори суғурта дар солҳои 2018-2020.** (млн. сомонӣ)

| № р/т | Нишондиҳандаҳо | соли 2018 | соли 2019 | соли 2020 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Микдори шартномаҳои басташуда (адад) | 1113665 | 1240872 | 1393662 |
| 2 | Ҳаққи суғуртавии воридшуда | 101,7 | 134,6 | 135,1 |
| 3 | Ҳаққи суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ додашуда | 33,2 | 69,3 | 48,9 |
| 4 | Ӯҳдадориҳои суғуртавӣ | 24162,5 | 45333,0 | 51277,1 |
| 5 | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ | 14,5 | 15,8 | 15,2 |
| 6 | Пардохтҳо ба буҷет | 36,3 | 29,4 | 46,9 |
| 7 | Сармоя | 29,4 | 62,8 | 65,1 |
| | - аз ҷумла фонди оинномавӣ | 17,0 | 44,6 | 42,1 |

**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ 20 ширкати суғуртавӣ ва 1 ширкати брокерии суғуртавӣ ба аҳолии кишвар хизмат расонида истодаанд. Аз ин теъдод 2 ширкати суғуртавӣ давлатӣ ва 17 ширкати боқимонда ширкатҳои хусусии суғуртавӣ ба ҳисоб меравaнд.

Дар мамлакат як ширкати хусусии махсусгаронидашудаи суғуртавӣ ҶДММ «Суғуртаи миллӣ» аз соли 2012 инҷониб фаъолияти худро дар самти суғуртаи тиббӣ дар назди Беморхонаи “Ибни Сино” ба роҳ мондааст. Ҳарчанд Беморхонаи “Ибни Сино” бо

иштироки сармояи хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон ташкил шуда бошад ҳам, муассисони ширкати «Суғуртаи миллӣ» соҳибкорони ватанӣ мебошанд.

Ягона ширкати брокерӣ дар мамлакат ҶДММ Брокери суғурта «Ариё» ба ҳисоб меравад, ки фаъолияти он ба миёнаравӣ дар бахши суғурта равона шудааст. (Маълумот доир ба фаъолияти ширкатҳои суғуртавии ватанӣ замима мегардад).

Ду ширкати давлатии суғуртавӣ ҳамчун корхонаи воҳиди давлатӣ ташкил ёфтаанд, ки ин гуна шакли ташкил шабеҳи шакли ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Ин ду ширкат моликияти давлатӣ буда, ҳамзамон шахси ҳуқуқии алоҳида мебошанд. Гарчанде онҳо ба давлат тааллуқ дошта бошанд ҳам, давлат барои қарзҳои онҳо масъулият надорад.

Таҳлили шумораи шартномаҳои суғуртавии басташуда нишон медиҳад, ки 97%-и онҳо ба КВД «Тоҷиксуғурта», 0,5% ба КВД ШДС «Тоҷиксармоягузор», 1,5 % ба ҶДММ «ТС «Муин», боқимонда 1,5% ба 14 ширкати дигари суғуртавӣ рост меояд.

Дар соли 2020 аз ҳаққи суғуртавии умумии дар Ҷумҳурӣ ворид шуда 26,6 фоиз ба намудҳои ихтиёрии суғурта мансуб мебошад. Вазни қиёсии ҳаққи суғуртавии намудҳои ихтиёрии суғурта дар ҳаҷми умумии ҳаққи суғуртавии дар соли 2020 воридшуда дар филиалҳои шаҳру ноҳияҳои Нуробод 31,9, Роғун 34,7, Тавилдара 45,1,Тоҷикобод 44,0, Ҷиргатол 43,8, ВМКБ 66,1ва вилояти Хатлон 34,5 фоизро ташкил намояд ҳам, вале дар аксар филиалҳо ҳиссаи пардохтҳои намудҳои ихтиёрии суғурта нисбати ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ хеле паст мебошад.

**Нишондиҳандаҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2020**

**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди БМТ**

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Дороиҳо | Уҳдадориҳо | Сармояи оинномавӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД «Тоҷиксуғурта» | 56 703,8 | 50 142,1 | 5 200 |
| 2 | КВДС «Тоҷиксармоягузор» | 33 620,7 | 13 349,3 | 15 675 |
| 3 | ҶСДММ «Спитамен-Суғурта» | 93 651,5 | 2 477,4 | 87 742,1 |
| 4 | ҶДММ «ТС «Муин» | 15 075,8 | 10 557,8 | 2 414,06 |
| 5 | ҶДММ «Суғуртаи асри 21» | 13 691 | 10 585 | 1 216 |
| 6 | ҶСП «ТС«Кафил» | 1 528 | 479 | 1 000 |
| 7 | ҶСП «ТС «М-Полис» | 1 095 | 24 | 1 000 |
| 8 | ҶДММ«ТС «Суғуртаи авалини миллӣ» | 128 393,4 | 83 764,1 | 500 |
| 9 | ҶДММ «ТС Бима» | 13 438,3 | 12 408,8 | 500 |
| 10 | ҶДММ «ТС Лидер Иншуранс» | 2 607,1 | 913,9 | 500 |
| 11 | ҶДММ ТС «Эсхата-Суғурта» | 2 389,9 | 977,6 | 500 |
| 12 | ҶДММ «ТС Боварӣ» | 2 309,5 | 1 511,6 | 500 |
| 13 | ҶДММ «ТС «Меҳнат» | 1 774,4 | 1 011,5 | 500 |
| 14 | ҶДММ «ТС Итминон» | 1 743,4 | 579,5 | 500 |
| 15 | ҶДММ «Суғуртаи Шарқ» | 1 735,3 | 720,7 | 500 |
| 16 | ҶДММ «ТС Сипаҳр» | 508,4 | 20,6 | 500 |
| 17 | ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин» | 287,6 | 275 | 500 |
| 18 | ҶСП «ТС Лондон-Душанбе» | 153 | 0 | 500 |
| 19 | ҶДММ «Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила» | 1 248,8 | 1 165,6 | 15,6 |
| **Ҳамагӣ** | | **371 954,9** | **190 963,5** | **119 762,76** |

Дар филиалҳои шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 23,6,Турсунзода 19,3, Файзобод 18,6, шаҳри Душанбе 23,7ва вилояти Суғд 22,3 фоизашро ҳаққи суғуртавии намудҳои ихтиёрии суғурта ташкил медиҳаду халос.

**Вазни қиёсии ҳаққи суғуртавии намудҳои ихтиёрӣ дар филиалҳо дар соли 2019 бо фоиз**

Диаграммаи № 5.




**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Аз ҳаққи суғуртавии воридгардида ба 14,1 ҳазор ашхоси молу амволашон нобуд ва ё вайрон гардида, инчунин ба шаҳрвандони ба ҳаёту саломатиашон осеб расида 10 миллиону 137 ҳазору 200 сомонӣ, ё 19,9 фоизаш пардохт карда шуд. Оиди ҳамаи намудҳои суғурта нисбати соли 2017 ҳамагӣ 1миллиону 232 ҳазору 600 сомонӣ, ё 10,8 фоиз камтар, аз ҷумла оид ба намудҳои ҳатмии суғурта 775ҳазору 900 сомонӣ, ё 15,4 фоиз бештар ва оид ба намудҳои ихтиёрии суғурта 2 миллиону 8 ҳазору 500 сомонӣ ё 31,7 фоиз камтар маблағ пардохт карда шуд. Аз маблағи умумии дар соли 2020 ба суғурташавандагон пардохт кардашуда ба суғуртаи ҳатмии амволи ташкилотҳои кишоварзӣ 6,2 , суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт 45,3, суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ 4,0 фоиз, суғуртаи ихтиёрии амволи шаҳрвандон 30,5, суғуртаи ихтиёрии ҳаёт 7,5 фоиз рост меояд. Дар соли 2018 воридшавии ҳаққи суғуртавӣ оид ба ҳамаи намудҳои суғурта ба андозаи 44 миллиону 524 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла оид ба намудҳои ҳатмӣ 33 миллиону 468 ҳазор сомонӣ ва намудҳои ихтиёрӣ 11миллиону 56 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати нақшаи воридшавии ҳаққи суғуртавии соли пешин оид ба ҳамаи намудҳои суғурта 1 миллиону 739 ҳазор сомонӣ, ё 4,1 фоиз; аз ҷумла оид ба намудҳои ҳатмӣ 258,0 ҳазор сомонӣ, ё 0,8 фоиз ва оиди намудҳои ихтиёрӣ 1миллиону 481 ҳазор сомонӣ, ё 15,5 фоиз бештар мебошад.

**Воридшавии ҳаққи суғуртавӣ бо намудҳои суғурта.**

**Диаграммаи № 6.**



**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Суғуртаи ҳатмии амволи ташкилотҳои кишоварзӣ 600,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии мусофирон 3 миллиону 200 ҳазор сомонӣ, ҳатмии ҳодисаҳои нохуш 540,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт 28 миллион сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии вакилони халқ 15,0 ҳазор сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ 425,0 ҳазор сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии Президент 20,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии сӯхтор 668,0 ҳазор сомонӣ; ихтиёрии амволи шахсиятҳои ҳуқуқӣ 1миллиону 895 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии амволи шаҳрвандон 4 миллиону114 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳаёт 805,0 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳодисаҳои нохуш 3 миллиону 986 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳавопаймоҳо 100,0 ҳазор сомонӣ ва ихтиёрии тиббӣ 156,0 ҳазор сомонӣ.

Дар ин замина масъалаҳои кам ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртакунониро мушоҳида намудан мумкин аст.

Яке аз масъалаи ҳалталаби бахши суғурта дар маҷмӯъ норасоии мутахассисони баландихтисоси бахши суғуртавӣ мебошад, ки вобаста ба амалигардонии ҳисобҳои иқтисодии тарифи суғурта ва ҳаҷми захираҳои суғуртавӣ барои таъмини сатҳи зарурии пардохтпазирӣ ва устувории молиявии ширкати суғуртавӣ фаъолият менамоянд.

Кифоя набудани мутахассисони соҳибихтисос ва таҷрибаи кории гузаронидани ҳисобҳои иқтисодии таваккалҳои ширкатҳои суғуртавӣ боиси паст шудани самаранокии фаъолияти ширкатҳо ва рақобатпазирии онҳо мегардад.

Ҳамчунин ба таври зарурӣ ба роҳ намондани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии аҳолӣ ва корхонаҳо оид ба истифодаи васеи имкониятҳои суғурта, ба рушди бозори суғурта таъсири манфӣ мерасонад.

Дар заминаи ҳисоботи мазкур лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои номбурда як қатор тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистонро вобаста ба беҳтаргардонии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта, аз ҷумла фароҳам овардани имконият барои рушди рақобати озод дар бахши суғурта, мукаммал гардонидани қонунгузории танзимкунандаи соҳа, таҳкими назорат ва баланд бардоштани рақобатпазирии бахши мазкурро дар бар мегирад.

Дар заминаи амалӣ гардидани масъалаҳои мазкур танзими бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам мавриди амал қарор мегирад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»; Душанбе-23 июли соли 2016, №1349.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», шаҳри Душанбе 13 декабри соли 1997 № 517.
3. Ҷабборов А., Алимов К.К., Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Душанбе «Ирфон»- 2016. 316 с.
4. Акобиров Ҳ.Н., Ашӯров Ғ.Д. «Суғурта». Дастури таълимӣ – Душанбе, «Шарқи озод» 2006.156 с.
5. Акобиров Ҳ.Н., ОдинаевД. Н., Молия, китоби дарсӣ Душанбе-2011сол. 312 с.
6. Алинчев В.В. Страхование валютных рисков, банковских и экономических коммерческих кредитов. –М. ЮКИС, 1993.

*Алишоев Х.Ҳ., Юсупова З.И. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

## ДУРНАМО ВА МУШКИЛОТИ МОЛИЯИ ИСЛОМӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

Аз замони пайдоишаш дар солҳои 1970-ум ҳамчун як бахши навбунёд асосан ба низомҳои бонкии мутобиқи шариат фаъолияткунанда, низоми молиёти исломӣ ба вуқӯъ пайваст, то низоми молиявии ҳамаҷонибаи худро аз бахши бонкӣ, бозори сармоя то бахшҳои такафул пешниҳод намояд.

Ҳамагӣ дар як муддати кӯтоҳ, низоми молияи исломӣ шоҳиди таҳаввулоти қобили мулоҳиза шуд ва ҳоло яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи низоми молиявии ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад.

Дурнамои рушди молияи исломӣ дар кишварҳои ҷаҳон қисме аз онҳоро ба ваҷд ва қисми дигарро ба ҳаяҷон меорад. Аз ҷумла дар ИДМ дар доираи қонунгузорӣ таъмини фаъолияти бонкҳои исломӣ дар ҳудуди ин кишварҳо таҳия шуда аст.

Соҳаи молияи исломӣ - яке аз соҳаи босуръат пешраванда дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта дар даҳсолаи охир бо суръати афзоиши солонаи дороиҳои 20-25% афзоиш меёбад. Молияи исломӣ нақши худро дар соҳаҳои нави иқтисодӣ васеъ намуда истодааст ва бо назардошти олимони соҳа гардиши дороиҳои он то соли 2025 беш аз 4,5 трилион доллар мерасад.

Рушди молияи исломӣ дар баъзе кишварҳои собиқ шӯравӣ низ ба назар мерасад. Ҳукумати Қазоқистон ва Қирғизистон, бо шинос шудан бо дурнамои ин соҳа , мутобиқгардонии қонунгузориро ба талаботи молияи исломӣ мутобиқ намудаанд . Дар Озарбойҷон бошад, айни замон рушди қонунгузории махсус ба итмом расида истодааст ва дар базаи Бонки байналмилалии Озарбойҷон лоиҳаи пилотӣ оид ба ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми молияи исломӣ нисбат ба кишварҳои дигари собиқ Шӯравӣ суст рушд кардааст. Дар ҷумҳурӣ қонун дар бораи фаъолияти бонкии исломи аз соли 2014 (Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, с. 2014, №7, к. 2, мод. 405) қабул шудааст. Ҳоло дар мамлакат танҳо як бонк «Тавҳидбонк» ҳамчун аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон амал мекунад. Тоҷикистон дар ин ҷода, яъне роҳ ба сӯи бонкдории исломӣ ва истифодаи молияи исломӣ қадамҳои нахустин мегузорад. Бинобар ин, дар мамлакат «Тавҳидбонк» аллакай соҳиби иҷозатнома буда барои анҷом додани амалиёти бонкии исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии мамлакат фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Чи гунае, раиси бонки миллии Тоҷикистон қайд намудааст: “Ба фаъолият шурӯъ кардани аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон барои низоми бонкии мамлакат рӯйдоди муҳим арзёбӣ гардида, саҳифаи наверо дар рушди бонкдории исломӣ дар мамлакат боз намуда инчунин барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва кушодани бонкҳои нав бо принсипи бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард”. Дар воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заёда аз 90 фоизи аҳолии онро мусулмонон ташкил медиҳанд ташкил намудани бонки исломӣ, ба истифода додани молия ва сармоя аз рӯи принсипҳои исломӣ ва ҷалби маблағҳои хориҷӣ аз кишварҳои аъзои конфронси исломӣ ба маврид буда он метавонад барои ҳалли масъалаҳои иқтисодб ва иҷтимоии ҷомеа дар оянда нақши назаррас дошта бошад.

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкориҳои бевосита дар соҳаи бонкдорӣ бо кишварҳои пешрафта муносибатҳои зич дошта, барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои манфиатовари бисёрҷониба ҳамеша омода мебошад. Аз ҷумла ҳамкории Корпоратсияи исломии рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зиёд кардани имкониятҳои молиявии ташкилотҳои молиявии маҳаллӣ, аз қабили ширкатҳои лизингӣ ва бонкҳо тавонистааст хатҳои маблағгузорӣ боз намояд ё дар ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ кӯмак расонад.

Инчунин Корпоратсияи исломии рушд ва сохторҳои марбутаи Бонки исломии рушд илова бар ин, тибқи лоиҳаҳои хеш ба содиркунандагони молу маводи дохилӣ ва соҳибкорони

хурду миёна барои пӯшонидани эҳтиёҷоти молиявии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати онҳо маблағгузорӣ пешниҳод менамояд. Маблағгузории соҳибкории хурду миёна аз тариқи бонкҳои маҳаллӣ ва истифодаи захираҳои ба нақша гирифтаи ташкилотҳои молиявии исломӣ (Ширкати лизинги исломӣ, Бонки исломии рушд ва Хазинаи исломии дастгирии соҳибкории хурду миёна) анҷом дода мешавад.

Ҳамкории Бонки Исломии Рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ густариш хоҳад ёфт. Барои пешбурди иқтисоди Тоҷикистон ва роҳандозии лоиҳаҳои ҷадид ва афзалятнок Бонк саҳмгузорӣ хоҳад кард.

Бонки Исломии Рушд соли 1975 таъсис дода шудааст. То имрӯз дар ҳаҷми 120 млрд доллари амрикоӣ сармоягузорӣ кардааст. Бонк дар башхҳои гуногуни иқтисодиёт, иҷтимоиёти кишварҳои аъзо ва ғайриаъзои мусулмонӣ, дар бахшҳои гидроэнергетика, бунёду навсозии роҳҳо, тандурусӣ, бахши обрасонӣ ва ғайра сармоягузорӣ менамояд. Дар ин соҳа низ бо Тоҷикистон ҳамкориҳои зич дорад.

Дар айни замон, танзим ва рушди саноати молияи исломӣ дар ин кишвар хеле муҳим аст.

Ин низом дар кишварҳои пешрафтаи Араб, кишварҳое, ки манбаҳои саршори нафту газ доранд ҳукм фармо мебошад. Сабаби асосии пешрафти иқтисоди ин кишварҳо, маблағҳои калоне мебошад, ки аз ҳисоби фурӯши нафту газ ба даст меоянд. Дар Ҷумҳурии мо низ имконият вуҷуд дорад, то ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Исломӣ ба роҳ монда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди низоми молиявии исломӣ ба рушди низоми молиявии давлат дар маҷмӯъ мусоидат менамояд. Ин на танҳо ба агентҳои нави иқтисодӣ ва дастрасии онҳо ба бозори молиявӣ роҳ мекушояд, балки боиси қисми зиёди агентҳоро аз хизматрасонии молиявии анъанавӣ ба исломӣ мегузаронад ва он ба васеъ намудани доираи хизматрасониҳои молиявӣ оварда мерасонад.

Дар маҷмӯъ ин рақобатро дар бозори молиявӣ пурзӯр намуда тақсимоти самаранокии сармояро дар иқтисодиёт ба роҳ мемонад . Рушди низоми молияи исломӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷиро аз Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки ба рақобати солим дар бозорҳои молиявии ҷаҳон фаъолият мекунанд, ба роҳ мемонад. тақвият хоҳад кард.

Имрӯз низоми бонкдории исломӣ дар рушди худ ба мушкилоти зиёде дучор мешавад:

- зиёд шудани ташкилотҳои молиявӣ ва таъсисёбии ташкилотҳои нав дар робита бо рушди бонкҳои исломӣ зарурат ба кадрҳои соҳибихтисосро меорад. Имкониятҳои имрузаи муассисаҳои таълимӣ, ки тарбияи мутахассисонро ба ин соҳа равона мекунанд, ҷавобгуи ин талабот шуда наметавонад. Дар робита бо ин, ташкилотҳои молиявии исломӣ бояд барои тарбияи мутахассисони соҳа аз ҳисоби қувваи худ пурра истифода намоянд. Зеро барои муваффақияти механизми ин соҳа таъсис додани вазифаҳои кадрӣ, ҳавасмандиҳои молиявӣ, муҳити солими корӣ ва ғайраҳо зарур мебошад.

- сарфи назар аз таваҷҷӯҳи афзоянда ба бонкҳои исломӣ, ҳанӯз он дар марҳилаи аввали рушд қарор дорад. Баромадан ба бозорҳо бо баланд бардоштани рақобат аз тарафи бонкҳои анъанавӣ бо пешниҳоди маҳсулоти бонкии исломӣ (тавассути кушодани «тирезаҳои исломӣ») ба роҳ монда мешавад.

- мавҷуд набудани алтернативаи самараноки бозори асъори анъанавии байнибонкӣ, ки фаъолияташонро дар мувофиқи принсипҳои шариат ба роҳ мемонанд, ба мушкилоти ҷиддии идора намудани пардохтпазирии институтҳои молиявии исломӣ оварда мерасонад. Имкониятҳои маҳдуд барои сармоягузорӣ, мувофиқи принсипҳои ислом аз тарафи бонкҳо, дар навбати худ, боиси беасос баланд шудани воситаҳои арзишӣ мегардад.

-кор дар асоси принсипҳои ислом ба ташкилотҳои молиявии исломӣ хатарҳои иловагиро нисбат ба дигар соҳаҳои умумии бонкӣ ба вуҷуд меорад. Чунин намуди хатарҳо ба монанди хатари риояи принсипҳои шариат, хатарҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд. Бо назардошти васеъ гардидани Институти низоми бонкдории исломӣ, вазифаи идоракунии хатарҳо дар муассисаҳои молияви исломӣ на танҳо идораи ин хатарҳо, балки рушди муътадили соҳаи бонкиро бояд таъмин намояд.

-дар шароити ҳозира, ягон стандартҳои ягонаи ҳисоботи молиявӣ ва базаи меъёрию ҳуқуқӣ барои ташкилотҳои молиявии исломӣ вуҷуд надорад. Дар натиҷа, дар баъзе кишварҳо мутобиқи стандартҳои ташкилоти аудиторӣ ва муҳосибӣ барои ташкилотҳои молиявии истифода менамоянд.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки низоми бонкдории исломӣ дорои механизми мураккаб мебошад, ки ҳанӯз марҳилаҳои муайяни рушди худро дар оянда татбиқ менамояд. Вале, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, он муассисае мебошад, ки фаъолият ва қобилияти худро дар давраи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ нишон додааст.

Бо назардошти масъалаҳои ҷойдошта ва ҷалби маблағгузории дарозмӯҳлат ба соҳаи иқтисодиёт ва инчунин сатҳи пасти низоми бонкдории Исломӣ дар ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаҳои рушди институтҳои молиявии Исломӣ бениҳоят пешомадҳои хубро доро мебошад. Манфиатҳои асосии рушди иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз бонкдории исломӣ барои рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни иқтисод чунин буда метавонад:

- ҳавасманд намудани фаъолияти корхонаҳо бо роҳи ҷалби захираҳои молиявии озоди давлатҳои Исломӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ;

- рушди фаъолияти институтҳои молиявиро тавассути афзоиши намудҳои нави мол ва баланд бардории сатҳи бозоргирии онҳо бо таъсири мутақобилаи фаъоли институтҳои хориҷии исломӣ мусоидат намудан;

- рушди ояндаи бизнес бо роҳи ҷалб намудани маблағгузорони наве, ки услуби беҳтаринро оид ба технологияи иҷроиши амалиётҳои бонкӣ доро бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Алишоев Х.Х. Исламская экономическая мысль и практические аспекты её использования в постсоветском пространстве. - Душанбе: «Ирфон», 2013.- С. 236.
2. Беккин Р.И. Исламская экономика. Краткий курс. – М: АСТ:Восток-Запад, 2008.-288с.
3. Механизмы финансирования, используемые в исламском банковском деле // Банковское право. — 2007. — № 4. 0,4 п.л.
4. “Islamic Capital Market Fact Finding Report” , Report of the Islamic Capital Market Task Force of the International Organization of Securities Commissions, http://www.iosco.org.
5. “Islamic Financial Services Industry Development: Ten-Year Framework”, A joint initiative of the Islamic Research & Training Institute, Islamic Development Bank & Islamic Financial Services Board.



***Гадоев А.Ф. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***
***Абдрукаримзода Ф. - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***


## ҶАМЪИЯТҲОИ ШАБАКАВИИ МАҶОЗӢ ДАР ТАҲКИМБАХШИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Рушди ҷаҳони муосир бо таъсис ва такмил ёфтани фазои иттилоотӣ муносибат дорад. Замонҳои пештара фазои ҷуғрофии ҷаҳонӣ давра ба давра фарҳанг ва тамадунҳои мухталифи халқиятҳоро муттаҳид намуда буд. Ҳоли ҳозир фазои иттилоотӣ тамадунҳои мухталиф, арзишҳои маданию иқтисодии халқиятҳои гуногун ва таърихҳоро ба ҳам муттаҳид месозад.

Шабакаи саросарии Интернет имкониятҳои номаҳдудро дар ташкили намудани ҷамъиятҳои мухталиф ба корбарон пешниҳод кардааст. Технологияи иттилоотии муосир, тавассути Инернет пайдо намудани одамон бо шавқу ҳавас ва назари якхеларо ба кори ниҳоят осон табдил додааст. Шиносоӣ ва муоширaт дар Интернет нисбатан хеле ҳам одӣ роҳандозӣ гардидааст ва шахс ҳангоми муошиpати шабакавӣ худро нисбатан озод ва роҳат ҳис менамояд. Дар навиштани ҷавоб ё назари худ таъсири берунаро эҳсос намкунад.

Ин омилҳо ба пайдойиш ва рушди теъдоди ниҳоят зиёди ҷамъиятҳои Интернетӣ сабаб гардидаанд. Инчунин технологияҳое, ки тавассути онҳо ҷамъиятҳои маҷозӣ сохта мешаванд

(форумҳои торнигор, блогҳо ва платформаҳои блогнависӣ, викҳо, чатҳо, рӯйихати пешниҳодкуниии иттилоот ва ғайра) дар пайдокунӣ ва истифодабарӣ ниҳоят осонанд ва ба корбари дилхоҳ имконият медиҳанд, ки ҷамъиятҳои худро дошта бошанд.

Ба ҷамъияти маҷозӣ таърифи аниқ ва саҳеҳ пайдо намудан ниҳоят душвор аст. Баинобар ҳамин ҳам кӯшиш мекунем ба он таърифи нисбатан саҳеҳ пайдо намоем. Ҷамъияти маҷозӣ гуфта гурӯҳи одамон мебошад, ки онҳо бо алоқамандӣ ва иртиботи компютерӣ дар сохтан ва идоранамудани муносибатҳои муҳими иҷтимоӣ шавқу ҳаваси беандоза зиёд доранд.

Муттаҳидсозии гурӯҳҳо ҳамчун ҷамъиятҳои маҷозӣ аз ҷанбаҳои асосии зерин вобаста аст:

- баҳрабардории муштараки фазои on-line, ки ба иштирокчиён имконияти муошират муҳайё мекунад;
- коркард ва дастгирии муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар фазои on-line;
- ташкили ҳисси мансубият ба гурӯҳҳои ватандӯстона, тавассути иртиботи on-line;
- мавҷудияти сохторҳои гурӯҳ, ки алоқамандиҳоро мусоидат менамояд;
- муайянсозии рӯйихати ҳад ва эҳтиром ба арзишҳои гурӯҳ.

Албатта се ҷанбаи муҳими ҷамъият ин мансубият, фардият ва завқу ҳавас ба шумор меравад.

*Мансубият* – ин ҳиссиёте мебошад, ки иштирокчии ҷамъият аз аъзошавиаш ба гурӯҳ пайдо мекунад. Масалан, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд, ки худро узви комили кишвар ҳисоб намуда бо мансубияташ ба миллати тоҷик ифтихор дошта, арзишҳои халқашро эҳтиром ва ҳифз намояд. Аъзошавӣ ба ҷамъиятҳои ватандӯстона боиси ифтихори аъзоён мебошад ва бо ин роҳ мансубият ва садоқати худро нишон медиҳанд..

Узвият ба ҷамъиятҳои маҷозӣ доимо ба сифати иртиботи шабака вобастагӣ дорад. Иртиботи доимии иштирокчиёни гурӯҳ дар реҷаи on-line ва конфронсҳо имконият медиҳад, ки аъзоёни фаъоли гурӯҳ бо ҳамдигар дӯстӣ пайдо намоянд.

*Фардияти* узви ҷамъият барои муайянсозии шахсияти ӯ истифода мешавад. Аслан дар ҷамъиятҳои маҷозӣ фардиятро барои суроғ намудани аъзои ҷамъият истифода мебаранд ва он ба шахсияти воқеъии инсон метавонад ягон умумият надошта бошад.

*Завқу ҳавас* аксар ҳолатҳо ҳад ва сарҳади ҷамъияти виртуалиро ифода мекунад. Зеро ҷамъиятҳои маҷозӣ аз дигар омилҳо ба монанди мавқеъи ҷуғрофӣ ва ғайра вобастагӣ надорад. Гурӯҳ ё ҷамъиятҳои дар асоси завқу ҳавас бунёд гардида меъёрҳои ахлоқиро муайян месозанд. Табиатан ин меъёрҳо ва ҳади одоби иштирокчиён бо мурури замон мукаммал мегарданд ва баъдан бо пайдо шудани зарурият қоидаҳо ва шартҳои махсуси аъзошавӣ ба ҷамъият истифода шуданаш мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ҷамъияти маҷозӣ *(virtual community)* – ин маҷмӯи иртиботҳо байни одамон мебошад, ки одамонро бо ҳамдигар аз рӯйи умумияти мақсадҳо (шуғл, нуқтаи назар, соҳаи таваҷҷӯҳ, касбу кор, таълим, ва ғайра) гирд меорад ва алоқамандиро дар фазои маҷозӣ ташкил мекунад. Мафҳумҳои "ҷамъияти шабакавӣ", "ҷамъияти маҷозӣ" ё "ҷамъияти маҷозии шабакавӣ" як маъниро ифода мекунанд.

Калимаи "маҷозӣ" аз забони лотинӣ "virtualis" гирифта шуда маънои "имконпазир; ҳамин хел ё ҳамин тариқ, ки дар шароити муайян пайдо мешавад"-ро дорад. Ҳамин тавр мафҳуми "маҷозӣ" ба тимсол ва модел мансубият дорад, ки ба корбарон ҳамчун ҳақиқӣ менамояд, лекин дар асл дар фазои монитори компютеру воситаҳои мувофиқи иртиботӣ мавҷуд нест ва он танҳо бо таъминоти махсуси барномавӣ таҳия гардидаанд.

Ҷамъиятҳои шабакавии маҷозӣ ба категорияҳои сохторҳои иҷтимоии худ ба худ танзимшаванда ва худрушкунанда мансубанд. Қоидаи асосии муайянкунии хосиятҳои рушди низоми иҷтимоии кибер-фазоҳо, дар майл намудани онҳо ба пуррагӣ ва зиёдшавии эътимоднокии равандҳои иртиботӣ мушоҳида мешаванд.

Барои ҷамъиятҳои шабакавии маҷозӣ хосиятҳои зерин мувофиқат менамоянд.

*1. Транссендентнокӣ* (transcendence - берун аз ҳадди маҳдудиятҳо, даркнашаванд). Гурӯҳҳои иҷтимоии маҷозии ҷамъиятҳои шабакавӣ маъмулан аз ҳадҳои маҳдудкуниҳои

фазогӣ, вақтӣ, ташкилӣ ва технологӣ берун мебароянд. Шабакаҳои телекоммуникатсионии саросарӣ ба иштирокчиёни ҷамъиятҳо имконияти ташкил намудани равандҳои иртиботиро ҳам баробар (синхронно) ва ҳам нобаробар (асинхронно), мусоидат менамоянд.

*2. Мушоҳида нашудани маҳдудиятҳои расмӣ ба теъдоди максималии иштирокчиён*. Технологияи компютерии шабаквии муосир мусоидат менамояд, ки дар кори гурӯҳҳо миқдори номаҳдуди корбарон ширкат варзанд, ки мавқеъи ҷуғрофии иштирокчиён ихтиёрӣ мебошад.

3. *Мавҷуд будани шаҳодатномаи иттилоотии дохилигурӯҳӣ*. Иштирокчиёни ҷамъиятҳо ё гурӯҳҳо ба ғайр аз узвияташон дар гурӯҳҳо инчунин метавонанд дар ҷамъият дорои мақоми махсус бошанд. Дар иттиҳодияҳои Интернетӣ одам метавонад дорои шахсияти маҷозӣ бошад, ки аз шахсияти воқеъии он тафовут дошта бошад.

**Ҷузъҳои ҷамъиятҳои маҷозии шабакавӣ.**

*Блог.* Блог ин сомонае мебошад, ки монандӣ ба маҷалаи интернетӣ ё рӯзномаи on-line дорад. Онро инчунин рӯзномаҳои шабакавӣ низ мегӯянд. Мазмуни асосии блог – навиштҳои мухтасари аҳамияти замони муайянро дорад, ки бо тартиби баръакс аз навишти охир оғоз мешавад ва мазмуни он матн, расм ё объекти чандрасонаӣ буда метавонад. Блогҳо аслан оммавианд ва ба хонандагони беруна ҳавола мешаванд, ки хоҳишмандон метавонанд бо муаллифи блог масъалагузорӣ намуда фикру андешаҳои худро дар шарҳи он ҷойгир намоянд. Маҷмӯи ҳамаи блогҳоро дар Интернет фазои блогҳо мегӯянд. Шахси блогнависро маъмулан блогер мегӯянд

*Чат (Чат - Ҷойи виртуалии вохӯриҳо дар Интернет)* – воситаи мубодилаи пайғомҳо тавассути шабакаи компютерӣ дар реҷаи вақти ҳақиқӣ мебошад, ки чунин муоширатро таъминоти барномавии махсус мусоидат менамояд. Хусусияти фарққунандаи ин муошират аз дигар намуд муоширатҳо маҳз дар мавҷуд будани иртиботи on-line зоҳир мегардад. Таҳти мафҳуми чат одатан муошират тудаи одамон дар як вақт дар назар дошта мешавад, ҳол он ки мубодилаи иттилоотии “як ба як” низ тавассути таъминоти барномавии махсус иҷро карда мешавад (ICQ, QIP, Skype ва ғайра). Дар баробари чатҳои торнигор инчунин вақтҳои охир видео-чат ва телечатҳо байни корбарон маҳбубияти хоса доранд.

*Форум* – сомонае мебошад, ки ба корбарон имкониятҳои нисбатан фарох ва васеъро дар муошират ва муҳокимаи мавзӯҳои мухталиф пешниҳод менамояд ва аз муоширатҳои блог ва чат фарқ дорад. Ҳар як форум дар алоҳидагӣ ба мавзӯи муайян бахшида шудааст, ки дар он насбати мавзӯ муҳокимаҳои оммавӣ сурат мегиранд. Кори форум дар таҳияи мавзӯи корбар дар бахшҳо ва муҳокимаҳои минбаъдаи мавзӯҳо сурат мегирад. Муошират дар форум аз чат бо мавзӯҳои ҷудогона ва иртибот дар вақти дилхоҳ ё мавқуф тафовут дорад. Форумҳоро мунтазам дар гирифтани машваратҳо оиди хадамотрасониҳои техникӣ, баҳрабардории воситаҳои техникӣ, илм, маориф, варзиш ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

*Шабакаи иҷтимоӣ* – шабакаи маҷозиест (виртуалӣ), ки воситаи таъминоти хизматрасониҳо буда алоқамандиро байни корбаронро мувофиқи соҳаи таваҷҷӯҳашон ба захираҳои иттилоотии дар сомонаҳои шабакаи саросарӣ ҷойгирбуда, ташкил менамояд. Ҷузъи анъанавии шабакаҳои иҷтимоӣ низоми дӯстон ва гурӯҳҳо ба шумор меравад. Ҳоли ҳозир теъдоди корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ниҳоят зиёд мебошанд. Корбарон ҳатто тавассути телефонҳои ҳамроҳ бо шабакаҳои иҷтимоӣ иртиботи иттилоотӣ намуда кушиш менамоянд аз дӯстони маҷозии худ ҷудо нашаванд. Шабакаҳои иҷтимоии муваффақ: Facebook, Twitter, My Space, YouTube, Classmates, Linkedln, Friendster, Вконтакте, Одноклассники, Мой круг, RuSpace, Мой мир, Мир тесен, Rambler Планета ва ғайра мебошанд.

Тамоюли афзалиятноки рушди ҷаҳони муосир дар мукаммалгардонии ҷамъиятҳои ватандӯстона арзёбӣ мешавад. Зиёдшавии аҳамияти равандҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки як қатор хусусиятҳои рӯзмаро дар таҳкимбахшии худшиносии миллиро қайд намоем.

1. Дар доираи фазои иттилоотӣ, сатҳи сифатан нави фазои вақтии иртиботи иттилоот байни ҷавонон ба даст омадааст. Зиёдшавии суръат ва ҳаҷми равандҳои иттилоотӣ дар тамоми олам бо тағйиротҳо дар соҳаи иҷтимоӣ, худшиносии миллӣ ва самтҳои фарҳангию иқтисодӣ вобаста аст.

2. Хусусияти ҷамъиятҳои маҷозии ватандӯстона дар рушд ва таҳкимбахшии худшиносии миллӣ ҷавонон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир дуруст ва мақсаднок истифода бурдани шабакҳои маҷозӣ яке аз самтҳои афзалиятноки нигоҳдории амнияти миллӣ ба шумор рафта, сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллиро муайян менамояд. Зарурат ва муҳиммияти таъмини амнияти иттилоотӣ бо дарназардошти ду тамоюлот асоснок карда мешавад: якум, вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои компютерӣ ва тавсеаи шабакаи интернет; дуюм, вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ. Ба ибораи дигар, чи қадаре ки технологияҳои иттилоотию компютерӣ рушд намоянд ва миқёси истифодабарии интернет васеъ гардад, ҳамон қадар хавфу хатари ба амал баровардани ҷангҳои иттилоотӣ ва зиёд шудани ҳуҷумҳои иттилоотӣ меафзояд. Дар мавриди тамоюлоти дуюм воқеият ин аст, ки дар кишвар чи қадаре ки пешрафти техникию технологӣ ба амалояд ва дар заминаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин гардад, ҳамон қадар хавфи ба амал омадани ҳуҷумҳои кибернетикӣ меафзояд. Танҳо доштани дониши амиқи истифодаи ТИК метавонад манфиатҳои милиро аз ҳаргуна ҳуҷумҳои иттилоотӣ эмин нигоҳ дорад.

## АДАБИЁТ


1. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С., Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотӣ дар сайёҳӣ. Васоити таълимӣ. –Душанбе, 2018. Бебок, -256с.;
2. Шарапов Д.С. Технологияи интернет дар сайёҳӣ. -Душанбе, Бебок, 2013,
3. Қурбонов А. Ҳукумати электронӣ - рушди идорасозӣ ё таҳдид ба амнияти кишвар? Дастрасӣ: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=11533.
4. Меликов У. Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. 102 саҳ.
5. http://www.hukumat.tj/podsource/taj/somonaho
6. Баглацкий Е. Инновационный ресурс эффективности производства. [Электронный ресурс]. Режим доступа – http://www.kapital-rus.ru/index.php/articles/article/177920 (дата обращения 11.08.2015).



***Кенжаева Р.Х. – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана***


## ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Проблема продовольственного обеспечения в научном плане изучалась с начала XX века многими учёными, а их теоретические исследования с использованием экономических методов управления сохраняют актуальность для функционирования аграрного сектора в условиях рыночных отношений. При некоторых различиях в подходах к определению продовольственной безопасности общим является требование поддержания на необходимом уровне продовольственного снабжения населения, который обеспечивает устойчивое экономическое развитие в обществе.

На пороге третьего тысячелетия мировое сообщество старается заглянуть в будущее, уделяя особое внимание нерешённым задачам, среди которых особое место принадлежит продовольственной проблеме и перспективы её решения определяется развитием производительных сил в сельском хозяйстве. В широком смысле к продовольственной проблеме обычно относят производство, распределение, обмен и потребление продовольствия в мире и в отдельных странах. В узком смысле продовольственная проблема – это обеспечение продуктами питания населения, его различных классов и социальных групп.

Среди многих аспектов продовольственной проблемы один из наиболее важных – вопрос о том, как и в какой степени можно обеспечить продовольствием население. А в более узком понимании – вопрос о том, в какой степени и в каких формах распространены голод и

недоедание. В обобщённом виде оценка состояния продовольственной безопасности населения определяется:

- физической доступностью продовольствия, под которой понимается наличие продуктов питания на всей территории страны в каждый момент времени и в необходимом ассортименте;

- экономической доступностью продовольствия, состоящей в том, что уровень доходов независимо от социального статуса и места жительства гражданина позволяет ему приобретать продукты питания, на минимальном уровне потребления;

- безопасностью продовольствия для потребителей, т.е. возможностью предотвращения производства, реализации и потребления некачественных пищевых продуктов, способных нанести вред здоровью населения.

Продовольственная безопасность любого государства будет достигнута, если:

- население страны обеспечено экологически чистыми, полезными для здоровья продуктами питания отечественного производства по научно-обоснованным нормам с учётом пола, возраста, условий труда, природно-климатических условий и национальных традиций;

- цены на эти продукты питания доступны всем гражданам, многодетным семьям, пенсионерам независимо от национальной принадлежности и профессии;

- созданы стратегические запасы продовольствия на случай стихийных бедствий, войны или других чрезвычайных обстоятельств. Этот запас позволит избежать голода в стране при введении нормированного распределения продуктов в течение не менее пяти лет;

- аграрный сектор развивается устойчиво и имеет резервы, позволяющие наращивать производство продовольствия для увеличения запасов на случай стихийных бедствий или войн;

- наука находится на уровне высших мировых достижений и обеспечивает все сферы жизнедеятельности новейшими образцами техники, технологиями, поддерживает и улучшает генофонда, а также даст достоверные прогнозы развития общества в будущем.

К современным критериям продовольственной безопасности относятся доля расходов на продовольствие в общих расходах отдельных групп населения, территориальная доступность продуктов (измеряемая путём сравнения уровня розничных цен на одинаковые товары в разных регионах страны), уровень «удобства» продовольствия, степень «натуральности» и доброкачественности продуктов, влияние качества продуктов на состояние здоровья и продолжительность жизни, в том числе продуктов, полученных с помощью методов генной инженерии и биотехнологии.

В современном обществе многие специалисты в области биотехнологии, видят в распространении высокоурожайных генетически модифицированных продуктов – решения продовольственных проблем. Многие исследования доказывают опасность «генетического заражения» других культур и организмов, в том числе человека.

Генетически модифицированные продукты таят в себе более глубокие экономические, политические и социальные опасности. Они представляют реальную угрозу для «третьего мира», так как вытесняют его традиционную продукцию с рынков развитых стран. Это ведёт к повышению доли развивающихся стран в мировом импорте зерновых, усилению их зависимости от крупных стран-экспортёров и ухудшению экономического положения стран «третьего мира».

Решение продовольственной проблемы связано не только с увеличением производства продуктов питания, но и с разработкой стратегий рационального использования продовольственных ресурсов, в основе которых должно лежать понимание качественных и количественных аспектов потребности человека в питании.

В организме человека пища обеспечивает энергетику и в пищевых продуктах выделяют шесть основных групп веществ: вода, белки, жиры, углеводы, витамины и минералы. Единицей измерения количества этих элементов в продуктах обычно служит грамм веса, а для элементов, обеспечивающих энергопотребность, используется единица теплотворной способности (килокалория).

Международные организации определили медицинское нормы питания людей и также понятия голод и недоедание. По оценкам Организации ООН по продовольствию и сельскому хозяйству (ФАО) и Всемирной организации здравоохранения (ВОЗ), примерная норма питания для одного человека должна составлять 2400 – 2500 ккал в день. Этот показатель можно несколько варьировать в зависимости от пола, возраста, вида труда, природно-климатических условий и некоторых других факторов. Недоедание наступает тогда, когда он опускается ниже 1800 ккал, а явственный голод – когда он подходит к 1000 ккал в день. Питание, при котором недостаёт не только калорий, но и белков, витаминов и микроэлементов, называют неполноценным, или же его можно назвать скрытым (хроническим) голодом. В странах с недостаточным обеспечением продовольствия первоочередной задачей является удовлетворение энергетических потребностей организма. В неразвитых странах она является причиной различных болезней, характеризующихся отставанием физического и умственного развития, снижением сопротивляемости организма к инфекционным заболеваниям и прочих. Недостаточное питание является причиной высокой смертности (особенно детской и материнской).

Для экономически развитых стран явление голода и недоедания не так характерно, так как эти страны производят и потребляют более ¾ мирового продовольствия, хотя в них проживает до 15% населения Земли. В большинстве этих стран средняя калорийность питания превышает 3000-3500 ккал в сутки.

В связи с этим в последнее время в мире больше людей переедают и имеют лишнюю массу тела и в результате повышается их восприимчивость к болезням, понижается работоспособность и сокращается продолжительность их жизни. Общее число переедающих оценивается в 600 млн. человек, в том числе в США в эту категорию попадают 100 млн. человек в возрасте от 20 лет и старше. Эта же проблема имеет место в Великобритании и некоторых других европейских странах.

К показателям продовольственной безопасности относятся: уровень сельскохозяйственного производства; степень самообеспеченности продовольствием; наличие переходящих запасов; уровень потребления критически важных продуктов и степень доступности продовольствия для наиболее бедной части населения.

Понятие продовольственной независимости обусловлено питания в достаточных для страны количествах. Продовольственная зависимость возникает, в результате низкой эффективности аграрного сектора экономики и поэтому Мировой банк ввёл различия между хронической и временной продовольственной зависимостью.

Страна, регион, группа населения, семья испытывают хроническую продовольственную зависимость, если в течение длительного времени потребление пищевых продуктов недостаточно по причине невозможности приобретения (нехватка денежных средств) или производстве необходимого количества продовольствия.

Временная продовольственная зависимость наступает при нарушениях стабильности доступа к продовольствию ввиду роста цен на продукты питания, неурожаев, падения уровня доходов.

К хронической и временной зависимости продовольствием добавили категорию потенциальной продовольственной зависимости, при которой государство уязвимо со стороны внешних кризисных явлений и потрясений, таких, как экономические кризисы, ухудшение конъюнктуры продовольственных рынков, торговые войны между главными конкурентами. В этих случаях продовольственная зависимость может из потенциальной превратиться во временную или хроническую.

В развитых странах не существует единых критериев продовольственной безопасности, включая желательный уровень самообеспеченности. Их обоснование зависит от экономического потенциала страны, от природно-климатических условий, от уровня развития науки и техники, от традиций в питании и т.д.

Таким образом, переход к рыночным отношениям в условиях дефицита продовольствия должен стимулировать развитие отечественного производства и

рациональное реформирование аграрной сферы должно стать приоритетным направлением преобразований национальной экономики, формирования системы продовольственной безопасности. Обоснованная аграрная стратегия и проводимая на её основе модернизация аграрного сектора обусловят создание предпосылок к стабильному развитию аграрного производства, которое способствует росту экономики, повышению уровня продовольственной независимости.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ведин И.Н. Аграрная реформа и формы хозяйствования // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2004. - №3.- с.7-11.
2. Зволинский В. Продовольственная безопасность и земельные отношения в России// Международный сельскохозяйственный журнал. - 1996. - №5.- с.21-27.
3. Жоголева Е.Е., Пролыгина Н.А. Анализ региональной продовольственной безопасности. // Достижения науки и техники. - 1997. - №2.- с.7-9.
4. Каюмов Н.К. К вопросу об угрозах экономической безопасности Таджикистана. - 2006. - №1.- с.103-120.



***Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р. - Донишгоҳи байналмиллалӣ сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## ДОРОИҲОИ НИЗОМИ БОЗОРИ СУҒУРТА: ҲОЛАТ ВА РОҲҲОИ ТАНЗИМИ ОН

Бозори суғурта гуфта доираи махсуси муносибатҳои пулиеро меноманд, ки дар он ҷо суғурта ҳамчун ифодагари манфиати иқтисодию молиявӣ дар асоси тақозо ва арза ҳамчун хизматрасонӣ харид ва фурӯш мешавад. Бозори суғурта ҷои бавуҷудой ва тақсими фонди суғурта буда, таъминкунандаи ҳифзи суғуртавии ҷамъият аст. Дар заминаи муносибатҳои суғуртавӣ на танҳо фондҳои суғурта ба миён омада тақсим мешаванд, балки ҳимояи суғурташавандагону ҷамъиятро тахмин менамоянд.

Субъектҳои бозори суғурта муассисаҳои суғуртаи дорои шаклҳои гуногуни моликият мебошанд, ки ба суғурташавандагону суғуртакунандагон хизмати суғуртавӣ мерасонанд.

Суғурта ҳамчун хизматрасонӣ дар шароити бозор таъминкунандаи мувозинату устувории инкишофи иқтисодиёт мебошад.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2021 дар бозори суғуртаи кишвар ҳамагӣ 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолият намуданд, ки аз онҳо 2 ададро ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД ва КВДС) ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил доданд. Шумораи онҳо нисбат ба нуҳ моҳи соли 2020 бинобар сабаби ба бозори суғуртаи кишвар воридшавии ду адад ташкилотҳои навтаъсиси суғуртавӣ ҶДММ “ДС суғурта” ва ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” зиёд гардиданд. Филиалҳои иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи кишвар бошад, дар давраи ҳисоботӣ 72 ададро ташкил намуда, нисбат ба нуҳ моҳи соли гузашта 5 адад кам гаштаанд. Раванди мазкур аз ҳисоби кам гардидани филиалҳои ғайрифаъоли КВД “Тоҷиксуғурта” ба амал омадааст. Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти ҶДММ “Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила” вобаста ба риоя накардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо роҳи бекор кардани иҷозатнома қатъ гардид. Ҳамчунин, бинобар сабаби ҷавобгӯ набудани фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии суғуртавии “Тоҷиксармоягузор” ба талаботи қонунгузории соҳаи суғурта ва роҳ додан ба камбудиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла таъмин нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, №121 аризаи корхона оид ба тамдид намудани мухлати амали иҷозатнома рад карда шуд.

Дороиҳои иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар нуҳ моҳи соли 2021 ба 529,2 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26,8 фоиз зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан дар натиҷаи зиёд гардидани дороиҳои ҶСП “Суғуртаи аввалини миллӣ” дар

ҳаҷми 69,6 млн. сомонӣ, инчунин аз ҳисоби ба бозори суғурта воридшавии ташкилоҳои суғуртавии ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” ва ҶДММ “ДС суғурта” ҳамагӣ дар ҳаҷми 34,0 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта**

*(бо адад)*

| | *9/2020* | *9/2021* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 17 | 2 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 0 | 1 |
| **Ҳамагӣ:** | **18** | **19** | **2** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 72 | -5 |

Дар маҷмӯъ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи ҳисоботӣ ба 2,2 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро ташкил намуд.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳи соли 2021***




Дар нуҳ моҳи соли 2021 уҳдадориҳои тавозунии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ба 194,8 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,3 фоиз (6,6 млн. сомонӣ) кам мебошад.

Маблағҳои худии (Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд) низоми суғуртаи кишвар дар нуҳ моҳи соли 2021 ба маблағи 334,5 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 54,9 фоиз (118,6 млн. сомонӣ) зиёд мебошад. Ин раванд дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, аз тарафи дигар ҷиҳати иҷро гардидани уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ бевосита мусоидат менамояд. Қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда ба санаи 30 сентябри соли 2021 232,6 млн. сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 89,2 фоиз (ё 109,7 млн. сомонӣ) афзоиш ёфтааст.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




Сабаби асосии афзоиши мазкур ин ба бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани 2 ташкилоти суғуртавии навтаъсис (ба маблағи 22,0 млн. сомонӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ иҷро гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 "Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" ба ҳисоб меравад.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар давраи ҳисоботӣ ба 1 348,7 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба нуҳ моҳи соли 2020 ба миқдори 194,4 ҳазор адад (16,8 фоиз) афзоиш ёфтааст. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷӯҳи аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба суғурта бештар шуда, маърифатнокии суғуртавӣ низ дар кишвар то андозае баланд шуда истодааст. Нобобаста аз ин, мақоми назорати суғуртавиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти баланд бардоштани огоҳии мардум оид ба суғурта чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамин тариқ, дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли 2021 ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ), ки яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи инъикоскунандаи фаъолнокии ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад, ва сарчашмаи асосии даромади онҳо низ маҳсуб меёбад, 215,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,2 млн. сомонӣ ё ба андозаи 22,9% фоиз афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоишёбии мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар фаъолияти ҶДММ "ТС Бима" – 27,7 млн. сомонӣ, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"- 13,1 млн. Сомонӣ, КВД "Тоҷиксуғурта" – 4,4 млн. сомонӣ ва ҶДММ ТС "Боварӣ" – 3,4 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021***




Суръати афзоиши ҳиссаи мукофоти суғурта бо пули нақд харочоти аҳолӣ дар давраи таҳлилшуда аз 113 фоиз то 125 фоизро ташкил дод, вале худи нишондиҳандаҳо ба фикри мо хеле паст буда, суръати афзоиши ҳиссаи пардохтҳои суғуртавӣ дар даромади пулии аҳолӣ аз 82,3 фоиз то 90 фоизро ташкил дода қаноаткунанда намебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти соҳаи рушди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро баррасӣ кунем.

1. Таҳлили заминаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ дар соҳаи суғурта нишон дод, ки дар марҳилаи ташаккул ва рушди бозори суғурта равишҳо ва принсипҳои умумӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти самараноки он таъмин ва тезонидани ҳамгироӣ ба бозори ҷаҳонӣ суғурта шавад. Дар навбати худ, барҳам додани суғуртаи монополия, рушди соҳибкории хурду миёна, низоми молиявӣ, аз ҷумла бахши бонкӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба рушди минбаъда ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии суғурта мусоидат мекунанд.

Дар лоиҳаҳои қонунҳое, ки бозори суғуртаро танзим мекунанд Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳо инъикос наёфтаанд ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ, талабҳо ва имкониятҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ ташкилотхои суғуртавй, ҷойгиркунии активҳо. Чӣ хел натиҷа, ин дар сусттараққикарда инъикос меёбад инфраструктураи бозори суғурта ва дахолати давлат, хусусан назорати суғуртавиро талаб мекунад..

2. Системам ҷамъовариро такмил додан лозим аст ва коркарди маълумоти оморӣ бо ин мақсад татбиқи арзёбии боэътимоди фаъолият бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барои ба вучуд овардани базаи мукаммали ахборот ва таъмини ошкорбаёнии сектори сугурта зарур аст ташкили шабака барои ҳамаи иштирокчиёни бозори суғурта, ки ба нишондихандахо бахои ҳақиқӣ дода шавад дар соҳаи суғурта.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти миёнаравӣ хеле суст инкишоф ёфтааст, ки ин натиҷаи маҳдуд кардани фаъолияти брокерҳо бо Қонун «Дар бораи суғурта» мебошад. Маҳз брокерҳои суғуртавӣ вазифаи муҳими фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани саводнокии суғуртаи аҳолиро иҷро намуда, дар рушди бозори суғурта саҳм мегузоранд. Аз ин рӯ, як нуктаи муҳими ташаккул ва рушди муассисаҳои суғурта бояд соддагардонии раванди иҷозатномадиҳӣ ва аз байн бурдани маҳдудиятҳои шадид дар соҳаи брокери суғурта бошад.

4. Иқтидори суғурта имкон медиҳад, ки ташкилотҳои намудҳои гуногуни моликият ба манбаи дохилии дарозмуддати сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар табдил ёбанд.

Барои муайян кардани заминаҳои рушди бозори суғурта ҳамчун омили беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ бояд методологияи баҳодиҳии сифатии шароит ва иқтидори суғурт дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад.

Дурнамои рушди бозори суғурта рушди инфрасохтори бахши сугуртаро нишон медиҳад, ки дар онҳо бояд шаклҳои гуногуни муассисаҳои суғуртавӣ, аз чумла ташкилотҳои актуари, ташкилотҳои суғуртаи мутақобила, сохторҳои миёнарав пайдо шаванд.

Барои рушди бозори суғуртаи мутақобила таблиғи ин намуди хизматрасониҳои суғуртаро вусъат додан, корҳои фаҳмондадиҳӣ барои манфиатҳои аҳолӣ ва ташкилотҳо, ширкатҳои суғуртавии алоҳида, ва тарғиби маҳсулоти суғуртаро ҳамчун шакли самарабахши ҳифзи суғуртавӣ дар молу мулки ахолӣ ва субъектхои хоҷагӣ зарур меояд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»; Душанбе-23 июли соли 2016, №1349
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», шаҳри Душанбе 13 декабри соли 1997 № 517
3. Ҷабборов А., Алимов К.К., Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Душанбе «Ирфон»- 2016. - 316 с.
4. Акобиров Ҳ.Н., Ашӯров Ғ.Д. «Суғурта». Дастури таълимӣ – Душанбе, «Шарқи озод» 2006.- 156 с.
5. Акобиров Ҳ.Н., ОдинаевД. Н., Молия, китоби дарсӣ Душанбе-2011 - 312 с.
6. Алинчев В.В. Страхование валютных рисков, банковских и экономических коммерческих кредитов. –М. ЮКИС, 1993.
7. Шаропов Н., Буриева М., Ҳомидов А., Фаъолияти суғурта.Душанбе, 2010. - 156 с.
8. Шахов В.В. введение в страхование. Экономический аспект –М. Финансы и статистика, 1992. - 317 с.
9. Сафаров М. Суғуртаи чист? - Душанбе. «Шарқи озод», 2002. - 237 с.
10. Мирзоев И., Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. - 254 с.
11. Сафаров М., Мавқеи суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон», Душанбе 2005. Нашриёти ИПП ОО «Вергуль». - 318 с.
12. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Ятимов Х.М., Молия, муомилоти пул ва қарз. Душанбе-2006. - 278 с.
13. Раҳимов З.А., Сафаров М., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х., Васоити таълимӣ аз фанни «Суғурта». Душанбе,2008. - 254 с.
14. Рахимов З.А., Рузиев А.Т., Джураев Ш.Дж.,Учебное пособие «Социально – экономическая сущность страхования и его роль в рыночной экономики Таджикистана». – Душанбе, 2009. - 273 с.
15. Улугходжаева Х.Р., Рахимов З.А., Обидов Ф.С. «Финансы». Душанбе 2009 сол. 256 саҳ.
16. Нарзиев М.Ф., Тоиров М.И. Бозори коғазҳои қиматнок (васоити таълимӣ). – Душанбе, 2014. - 256 с.
17. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х. Бозори коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014. - 268 с.
18. Ҳасанов А., Миразизов А. Молия ва қарз. – Душанбе, 2010. - 354 с.
19. Ҳисоботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта. Душанбе-2015 сол.
20. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе-2008. 445 саҳ.
21. Маҷаллаи молия ва ҳисобдор Вазорати молияи ҶТ. – 2021. - №12
22. Нарзиев М.Ф., Тоиров М.И. Бозори коғазҳои қиматнок (васоити таълимӣ). – ДСХ, «Соҳибкор». - Душанбе 2013. - 256 с.
23. Алимардонов Ӯ. Молия (воситаи таълимӣ). – Душанбе: ҶДММ «Азия-Принт». – 2014. - 292 с.

*Маҳмадова М.Ш. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*Маҳмадова Ф.Ш. – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## ТАШКИЛИ РАВАНДИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Қарз ва муносибатҳои қарзӣ бо нақши беназири он, ки натанҳо дар гардиши хоҷагидорӣ, дар иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ, балки инчунин дар кулли ҷомеаи инсонӣ мебозад. Бинобар ин таҳлили он бо роҳи мантиқии пай дар пай мушаххасгардонӣ ва ҷудокунии мафҳум, мазмун ва асосҳои механизми қарздиҳӣ аз низоми умумӣ ба роҳ монда мешавад. Дар бораи қарз дар шароити муосири иқтисодӣ дар бисёр тадқиқотҳо фикру ақидаҳои бомуваффақ баён гаштаанд, ки байни онҳо ба фикри мо наздиктаринашон ақидаҳои Лапидус М.Х., Букато В.И. ва Бабич А.М. мебошанд, ки шарти баргардонидашавиро ҳамчун хусисияти хоси қарз меҳисобанд, ки онро аз категорияҳои молия фарқ мекунонад ва қарзро ҳамчун категорияи алоҳида ҷудо мекунад; ғайр аз ин ақидаи баръакс мавҷуд аст, ки қарзро ба шумораи категорияҳои дар зери тасарруфи категорияҳои молия, ба сифати категория хусусӣ қарордошта, шомил менамоянд. Баргардандагиро В.А.Челноков ҳамчун аломати моҳиятии қарз дида баромадааст, лекин оиди дигар хислати он – пардохтпазирӣ ёдрас намешавад. Эҳтимол меравад, ки ин бо сабаби таъсири хусусиятҳои иқтисодиёти марказонидашуда ба вуҷуд меояд. Аммо муносибатҳои иқтисодии мавҷуда ва майл ба фоида, ҳамчун натиҷаи дилхоҳ фаъолияти иқтисодӣ, ба мустаҳкамшавии аҳамияти пардохтпазирии қарз оварда мерасонад, ки он маънои иқтисодии мавҷуд будани муносибатҳои қарзӣ мебошад.

Оид ба моҳияти қарз шумораи зиёди таърифҳо ҷой доранд, ки яке аз паҳнгаштатаринашон онро ҳамчун шакли ҳаракати фонди қарзӣ (Г.А. Швартс, И.В. Левчук, В.И. Рибин) таъриф додааст. Таърифи бештар анҷомдодашуда ва пурратар аз тарафи Лаврушин О.И. пешкаш гаштааст: «…аз тарафи қарздор ба қарзгиранда додани арзиши қарзӣ барои истифода бо ибтидои баргардандагӣ ва барои манфиати эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ мебошад. Инчунин аз ҷониби Обидов Ф.С. таърифи қарз пешниҳод шудааст: «Қарз шакли табдилёфтаи фонди қарзӣ ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ буда, мустақиман бо муомилоти пул ва муносибатҳои молиявӣ алоқаманд мебошад».

Оиди муносибатҳои қарзӣ Ш. Раҳимзода ақидаи хешро чунин иброз намудааст: «Муносибатҳои байни қарздиҳандаю қарзгиранда оид ба гирифтан, истифода кардану баргардонидани қарзро муносибатҳои қарзӣ меноманд».




Расми 1. Нақшаи амалишавии низоми қарзӣ.

Асосҳои муносибатҳои қарзӣ зарурияти таъмини пешрафти истеҳсолоту қонеъ гардонидани талаботи дигари қарзгирандагон мебошанд. Қарз мафҳуми заминавӣ буда, асоси иқтисодии механизми қарздиҳиро дар қатори тарз, шакл ва усулҳои ташкили муносибатҳои қарзӣ муайян менамояд. Ба фарқияти умумии низом ва механизм ишора намуда, мо низоми

қарзиро ба таври маҷмӯи се элемент тасаввур мекунем: 1) муассисаҳои қарзӣ; 2) доираи муносибатҳои қарзӣ(объекти низоми қарзӣ); ва 3) воситаи алоқамандии субъект ва объекти низоми қарзӣ, яъне шакл ва тарзи истифодаи қарз дар амалия – механизми қарзӣ.

Нуқтаи назари бештар диққатҷалбкунанда аз тарафи В.И. Рибин пешниҳод гаштааст. Ӯ низоми қарзиро ба иқтисодӣ ва ташкилӣ ҷудо мекунад. Низоми ташкилиро ӯ ҳамчун маҷмӯи муассисаҳои қарзӣ тассаввур карда, ба низоми қарзии иқтисодӣ ӯ «…маҷмӯи шаклҳо ва намудҳои муносибатҳои қарзии ба ҳам алоқаманд ва механизми қарздиҳӣ» –ро шомил намуда, истифода ва ташаккули фонди қарзиро тавсиф додааст.

Ақидаи иқтисодчиёнро оиди механизми қарзӣ ба се шакл (тип) вобаста ба хислати таърифдиҳии мафҳуми мазкур ҷудо намудан мумкин аст: асосӣ (базисный), болосохтӣ, ва асосӣ-болосохтӣ. Ба ақидаи мо, механизми қарзӣ элементи болосох мебошад, чунки онро ҳамчун шакли шуури сиёсӣ ва ҳуқуқии гуногун дида баромадан мумкин аст. Муносибатҳои истеҳсолӣ мазмуни қарз буда, механизми қарзӣ шакли дохилии ташкили он мебошад.

асосӣ ва қонунҳои иқтисодӣ, ки дар соҳаи қарз амал мекунанд, асоси воқеии механизми қарзӣ мебошанд. Асоси иқтисодии механизми қарзӣ – ҷараёни моддии истеҳсолот ва гардиш, ки хусусияти он дар гирдгардиши фондҳо зуҳур меёбад.

Агар асоси воқеӣ алоқаи механизми қарзӣ ва звеноҳои онро, аз ҷумла механизми қарзиро бо поя (базис) равшан намояд, пас асоси иқтисодёт хусусияти амалишавии ин алоқамандиро муайян менамояд.

Мафҳум ва асоси механизми қарзиро муайян намуда, мафҳуми «механизми қарздиҳӣ»–ро аз мафҳуми «механизми қарзӣ» ҷудо менамоем. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ қариб ки ҷудокунии ин ду мафҳум, таҳлили алоқамандии онҳо, таносуб ва тобеияти онҳо ба назар намерасад. Ба ҳар сурат аз ҳамаи манбаҳои мавҷудаи замони муосир танҳо якчандтои онҳоро ёдрас шудан мумкин аст, ки дар онҳо маҳз оиди мафҳуми механизми қарзӣ мулоҳизаронӣ шудааст. Ба инҳо В.И. Рибин, Н.И. Валентсев ва В.А. Челноковро дохил намудан мумкин аст.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло қайдгардида мо вазифаҳои механизми қарздиҳии бонкиро дар замони муосир ба ду қисмат ҷудо менамоем:

1) Вазифаи азнавтақсимкунӣ;
2) Вазифаи ҷойивазкунии пулҳои ҳақиқӣ бо амалиётҳои қарзӣ.

Бояд қайд намуд, ки моҳияти қарз дар вазифаи азнавтақсимкунии худ зуҳур гашта, бояд амалишавии муайяни низоми муносибатҳои қарзиро таъмин намояд. Дар ин низом бояд объект, субъект ва механизми баҳамтаъсири онҳо мавҷуд бошад. Лекин набояд фаромӯш кард, ки инҳо объект ва субъекти муносибатҳои қарзӣ нестанд, балки унсурҳои мушаххаси зуҳури қарзро дар вазифаи азнавтақсимкунии арзиш дар назар доранд. Бинобар ин мо сохтори зерини механизми қарзиро пешкаш менамоем (расми 2).




Расми 2. Нақшаи механизми қарзӣ

Унсурҳои ишорагашта ба ҳам алоқаманд мебошанд ва хусусияти яке дигареро муайян менамояд. Шаклҳои қарз бо худ зуҳуроти нисбатан умумии вазифаи азнавтақсимкуниро ифода менамоянд, принсипҳо бошанд, қоидаҳои ибтидоии истифодаи шакли муайяни қарзро дар амалия инъикос менамоянд.

Инак, мувофиқи мазмуни принсипҳои қарздиҳӣ ва талаботҳои мантиқӣ, мо ба хулосае омадем, ки унсурҳои зерини механизми қарздиҳии бонкиро номбар намоем:

1.Қарзгиранда (қарздор);

2.Обекти қарздиҳӣ;

3.Усули қарздиҳӣ;

4.Шароити қарздиҳӣ:

4.1.Шартҳои асосии қарздиҳӣ (андозаи қарз; фоизи қарз; мӯҳлати пӯшонидани қарз (пардохт); таъмини қарз; назорат дар ҷараёни қарздиҳӣ;

4.2.Шартҳои ташкилии қарздиҳӣ;

5.Омилҳои тавакали қарзӣ ва баҳодиҳии онҳо.

Дар адабиёти иқтисодӣ дигар ақидаҳо низ оиди муайянкунии сохтори механизми қарздиҳӣ мавҷуданд. В.А. Челноков ба сифати механизми қарздиҳӣ инҳоро ҷудо намудааст: «намудҳои қарзҳои бонкӣ; намудҳои суратҳисобҳои қарзӣ; доираи объектҳои қарзшаванда (хароҷотҳои истеҳсолӣ); дараҷаи иштироки қарз дар гирдгардиши воситаҳо; баҳодиҳии объектҳои қарзшаванда ва хароҷотҳо; андозаи қарзҳои пешкашшаванда; самти асъори қарз; тарзҳои рӯйпӯш шудани воситаҳои пешкашшуда; андозаи нақшавии қарз барои корхонаҳо ва муассисаҳои бонк» [5].

Дар мадди аввал, қайд намудан зарур аст, ки нуқтаи назари В.А. Челноков, ба ақидаи мо, амалишавии механизми қарздиҳиро дар шароити идоракунии қатъии марказонидашудаи иқтисодӣ инъикос кардааст. Ин дар баёни ҳар як элемент ба назар расида, гузаронидани таҳлили сохторро мушкил мегардонад ва ношоямии онро дар шароити муосир нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, мазмун ва сохтори механизми қарздиҳии овардашуда ба талаботҳои принсипҳои системавии зерин ҷавобгӯ аст: томияти низом, ҳамалоқамандии унсурҳои он, вобастагӣ ба шароити амалашавӣ (дохилӣ ва берунӣ), имконияти дида баромадани унсурҳои таркибӣ дар алоҳидагӣ ва сохтани аксари тамсилаҳои механизми бонкиии қарздиҳие, ки ин механизмро аз ягон ҷиҳат тавсиф мекунад ва хусусияти ин ё он унсурҳои таркибиро инъикос мекунад. Бояд қайд кард, ки хусусияти яке аз унсурҳои механизми бонкии қарздиҳӣ ба ташкили дигар унсурҳои он талаботҳои муайян мегузорад. Ҳамин тариқ, гуногуннамудии механизми қарздиҳӣ хусусияти хос доштани унсурҳои алоҳидаи механизми қарздиҳиро, бе халалдор сохтани сохтори он дар назар дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи бонкҳо ва  фаъолияти бонкӣ (19 майи соли 2009№524).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон (14 декабри соли 1996 № 383).
3. Обидов Ф.С., Худойназаров Д.А, «Пул, қарз, бонк», Душанбе, 2010 –110с.
4. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Душанбе -2018. 513саҳ.
5. Челноков В.А. Кредит и кредитный механизм в условиях перестройки. М.: Финансы и статистика. 1989. - с.54
6. www.nbt.tj – сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон
7. www.abt.tj – сомонаи  Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон.

*Ҳабибуллозода М.Ҳ. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар дар қатори дигар масъалаҳои мубрами рушди иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар, инчунин муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ, шуруъ аз қисмати ҳаёти дохилӣ то муносибатҳои манфиатбори тарафайн бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Зикр гардид, ки дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад.

Ҳамзамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш доданд, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президент чораҷӯи намоянд. Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими асосҳои иниститутсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амали намудани "ҳукумати электронӣ" таъсис дода хоҳад шуд [9].

Татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсинӣ дар Тоҷикистон пас аз солҳои 2000 - ум шуруъ гардида то кунун заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Новобаста аз оне, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ паркҳои зиёди технологӣ, донишгоҳҳо, марказҳои омӯзишӣ мутахассисони зиёдро дар ин самт омода менамоянд, масъалаи норасоии мутахассисони касбӣ дар раванди истифодаи васеи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ба назар мерасад. Масъалаи дигар назорати давлатӣ аз болои истифодабарандагони шабака ва суръати пасти интернет мебошад. Назорати давлатие, ки барои таъмини ҳуқуқии соҳа равона карда шудааст номукаммал буда дар он принсипи ягонаи идораи шабакаи интернет роҳандозӣ нагардидааст. Дар ҳоли таҳқиқ эътимод пайдо менамоем, ки бандҳои дар ин санадҳо ва қонунҳо дарҷ гашта ҳуқуқи истифодабарандагони интернетро пурра кафолат намедиҳанд. Яке аз санадҳои муҳиме, ки масоили дастрасӣ ба хизматрасониҳои интернети баландсуръат ва арзонро кафолат медиҳад Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 мебошад. Мақсад аз гузаронидани таҳлил низ дар ҳамин аст, ки монеаҳои ҷойдоштаро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намоем.

Шабакаи интернетро майдони васеъи пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ унвон намудан аз имкон дур нест. Зеро таҳқиқи ҳамаҷонибаи корҳои илмии дар ин соҳа ба итмом расонидашуда нишон медиҳанд, ки имрӯз тавассути шабакаи интернет зиёда аз 50 ҳазор намуд хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод мегардад. Даромади кишварҳои мутараққии ҳавзаи G20 аз ин ҳисоб ба 20 трн. доллари ИМА рост меояд. Мавқеи аз ҳама намоёнро миёни ин мамлакатҳо Ҷумҳурии мардумии Чин ва Иёлоти Мутаҳидаи Амрико соҳиб мебошанд. Ин кишварҳо рушди минбаъдаи кишварашонро бо истифода аз барномаи рақамӣ ё ин, ки иқтисодиёти рақамӣ роҳандозӣ намудаанд. Зиннаи аввалаи рушди ин мамлакатҳоро татбиқи технологияҳои иттилооотию коммуникатсионӣ ва дастгоҳҳои махсуси пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои электронӣ ташкил медиҳанд. Дар кишвари мо мувофиқи оморҳои расмӣ шумораи дастгоҳҳои пайвасткунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба 6,28 млн. мерасад.

Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар давоми солҳои 2011 – 2017, млн. нафар.

Мушоҳида менамоем, ки дар соли 2016 суръати тағйирёбии истифодабарии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам шудааст. Аз таҳили чуқури ин намуди хизматрасонӣ ҳаминро қайд намудан мумкин аст, ки тағйири шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ нисбат ба соли 2011 -1% - ро ташкил дода дар соли 2017, 6287119 нафар мебошад. Дар зинаҳои баъдӣ ин шумора ба дараҷаи кофӣ афзоиш ёфтааст. Натиҷаи афзоишро дар он мушоҳида намудан мумкин аст, ки қисми зиёди аҳолӣ аз ин намуди

алоқаи мобилӣ васеъ истифода менамоянд. Дар корхонаҳо бошад ба ин намуди дасгоҳҳо хизматрасониҳои корпоративӣ пайваст карда шудааст, ки нисбат ба дигар намуди хизматрасониҳои ширкатҳо арзонтар мебошад. Аммо ба ақидаи мо ин намуди хизматрасонӣ ба таври самаранок истифода бурда намешавад [3, с. 330].

Ҷадвали 1.

| Солҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | Тағйирот соли 2017/2011 бо ҳисоби (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи истифода - барандагони алоқаи мобилӣ | 6,324 | 6,528 | 7,537 | 7,999 | 8,489 | 9,000 | 6,287 | 99,00 |

**Сарчашма:** Базаи маълумотҳои Google, Public Data дар асоси маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ Захираи электронӣ: https://www.google.com/publicdata/explore (Вақти даромад 10.05.2019); Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2016. - С. 328- 330; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2017. - С. 330

Раванди рушди босуръати иқтисодиёти рақамӣ нишон медиҳад, ки ташаккули минбаъдаи бозори хизматрасониҳои электронӣ аз шумораи истифодабарандагони интернет ва татбиқи хизматрасониҳои электронӣ вобаста аст. Аз ин рӯ дар идомаи таҳқиқот шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2011 то 2017 пешниҳод карда мешавад.

Дар давмои як даҳсоли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ислоҳоти ҷадид дар бахши татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ шурӯъ гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зинаи дуюми бозсозӣ яъне саноатикунонии босуръати мамлакат амалан оғоз намуда рушди минбаъдаи кишварро танҳо аз ҳисоби истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва нерӯи зеҳнии қавӣ роҳандозӣ намуд. Ҳадафҳои роҳандозӣ гардида боис гардиданд, ки дар бозори хизматрасониҳои электронӣ низ тағйироти куллӣ ба амал ояд. Агар дар солҳои 1997 дар ин бозор ҳамагӣ як оператори интернет ва як ширкати алоқаи мобилӣ амал менамуданд, ҳоло бошад шумораи ин ширкатҳо ба 13 адад расиданд ва 134 аз технологияи пешқадами пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои электронӣ истифода менамоянд.

Шумораи истифодабарандагони интернет дар давоми солҳои 2015 то 2019 млн. нафар.

Натиҷаи таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки шумораи истифодабарандагони интернет дар давоми солҳои муаянгардида  аз соли 2019 нисбат ба соли 2015, 2,2 маротиба тағйир ёфтааст. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 ба 2581220 нафар рост меояд. Мушоҳида мешавад, ки миқдори корбарони интернет дар соли 2015 нисбат ба соли 2016, 2851871 нафар зиёд аст.

Омили асосии кам шудани истифодабарандагони интернет дар давоми солҳои 2016 ва 2017 аз навбақайдгирии симкортҳои алоқаҳои мобилӣ мебошад, ки дар асоси қарори Ҳукумтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шудааст. Ҳангоми таҳлили муқоисавии шумораи истифодабарандагони интернет муайян гардидааст, ки қисми зиёди истифодбарандагони шабака барои пайвастшавӣ ба интернет аз телефонҳои мобилӣ ва планшет исифода менамоянд, ки онро «интернети мобилӣ» ном мебаранд. Таҳлили муқоисавӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 нишон медиҳад, ки шумораи истифодабарандагони интернет 2555177 ҳаз. нафар зиёд гардида дар соли 2019, бошад 2581220 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад [3, с. 481].

Назари мо низ дар ин аст, ки мувофиқи таҳлилҳо ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии пешрафта арзиши интернет давра ба давра камгардида ҷойи онро дигар намуди хизматрасониҳои электронӣ мегиранд. Аз он ҷумла: хизматрасониҳои электронии бонкӣ, молиявӣ, системаҳои электронӣ андозситонӣ умуман ҳамаи намуди хизматрасониҳои электронӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо дар назар дошта шудааст.

Ҷадвали 2.

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Тағйирот соли 2019/2015 бо ҳисоби (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи истифода барандагони шабакаи интернет* | 2851871 | 2347477 | 2514451 | 2555177 | 2581220 | 2,02 маротиба |
| ***пешгӯӣ***** | | | | | | |
| Солҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет | 2607264 | 2633307 | 2659350 | 2685393 | 2711436 | |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2016. - С. 328-330; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2017. - С. 330; **коркарди муаллиф

Асосан дар бозори хизматрасониҳои электронӣ намудҳои зиёди хизматрасониҳо дар шакли электронӣ пешниҳоди истеъмолкунандагон гардонида мешавад. Яке аз хизматрасониҳое, ки дар идомаи таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор мегирад хизматрасонӣ тавассути сомонаҳо мебошад. Дар шароити имрӯза мушаххас арзёбӣ намудани мавқеи сомонаҳои давлатӣ дар раванди тиҷорат, молиёт, идора, тарғиб, саломатӣ баланд баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Зеро маҳз тавассути ин сомонаҳо амалҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ аз он ҷумла тарғиботӣ анҷом дода мешавад, ки аз фаъол будани хизматрасониҳо дар намуди виртуалӣ шаҳодат медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала то имрӯз нигоҳи густурдаи илмӣ анҷом дода нашудааст. Дар таҳқиқоти мазкур ба чунин ақида меоем, ки сарчашмаи даромади аксар корхонаҳои тиҷоратӣ маҳз аз ҳамин ҳисоб зиёд мешавад.

Дар раванди таҳқиқи васеи ҳолати имрӯзаи рушди хизматрасониҳои электронӣ ва интернет дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин монеаҳо муайян карда шудаанд:

- арзиши баланди хизматрасониҳое, ки тавассути интернет пешниҳод карда мешавад;
- боваринок набудани хизматрасониҳои электроние, ки тавассути интернет пешниҳод мегардад;
- мақсаднок истифода нагардидани афзалиятҳое, ки шабакаи интернет барои истифодабарандагон фароҳам овардааст;
- номувофиқ будани хизматрасонӣ барои истифодабарандагони алоҳида вобаста ба намуд, ва имконияти қонеъгардонии талаботи аҳолӣ;
- васеъ истифода нагардидани хизматрасониҳои электроние, ки тавассути шабакаи интернет роҳандози гардиданд.

Барои ҳалли чунин монеаҳо бояд чораҳои зерин амалӣ гардонида шаванд:

1. фароҳам овардани имконияти дастрасии арзон ба интернет;
2. ба талаботи муосир ба роҳ мондани хизматрасониҳои ҷадиди электронӣ, ки тавонад талаботи истифодабарандагони гуногунро таъмин намояд;
3. мақсаднок истифода бурдани хизматрасониҳои электронӣ, ки тавассути шабакаи интернет пешниҳод карда мешавад: хизматрасониҳои электронии бонкӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва ғайраҳо;
4. дар ҳолати пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ба назар гирифтани имкониятҳои ҷуғрофӣ: ҷойгиршавии аҳолӣ махсусан минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ;

Ба ақидаи мо дар ҳолати пурра амали гардидани ҳадафҳои пешниҳодгардида метавон рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои электрониро, ки аз омилҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, таъмин намуд.

**АДАБИЁТ**


1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, [Электронный ресурс] // URL: http:// Режим доступа: tajikngo.tj /ru/component/ k2/item/download/ 228.html (дата обращения: 03.09.2017г).
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе - 26 январи соли 2021Постановление Правительства Республики Таджикистан о «Правилах предоставления услуг Интернет на территории Республики Таджикистан», №389 от 08.08.01 г.
3. Статистический ежегодник Республики Таджикистан Душанбе: АСПРТ, 2017. - 481 с.
4. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе: АСПРТ, 2016. - С. 328-330
5. Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник. - Душанбе: АСПРТ, 2016. - 520 с.
6. Тулиев М.С. Учет, анализ и аудит в эпоху цифровой экономики в постсоветском пространстве: инновационные перспективы развития. // Под редакцией И.В. Сафоновой, Х.Ш. Нурмухамедовой, А.А. Мирзоалиева/ Коллективное монография. - Душанбе: ООО «Пилтан» 2018, - 268 с.
7. Ҳабибуллоев М.Ҳ. Проблемы формирования и перспективы развития рынка электронных государственных услуг в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. Душанбе: Сино , 2017, с.130-133
8. Қодиров Д.Б., Ҳабибуллоев М.Ҳ. Бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои рушд (монография) Душанбе: матбааи Соҳибкор «Ирфон», 2019 с. – 215 саҳ. ҷ.ч. 13,4


***Ғафуров С.Х. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИНДУСТРИАЛӢ-ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Мафҳуми инноватсия барои ҷомеаи илмӣ ва доираи фаъолияти иқтисодию иҷтимоии кишвар мафҳуми нисбатан нав арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ яке аз ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллии кишвар табдил ёфтааст.

Яке аз ҳадафҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ин таъмини устуворнокии иқтисодиёти миллӣ дар заминаи фаъолияти самараноки инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Чуноне, ки аз ҳадафҳои Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеояд нақши марказии фаъолияти инноватсионӣ ин пурзур намудани иқтисодиёти миллӣ дар заминаи истифодаи самараноки захираҳои табии мавҷуда маҳсуб меёбад.

Боназардошти таъмини рушди устувори кишвар интихоби принсипҳои илман асоснокшудаи заминавии тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро дар назар дорад. Равиши муназзами таҳияи СМР-2030 ба се принсипи асосии рушди минбаъда асос ёфтааст:

(1) **превентивӣ (тадбирнокӣ),** яъне пешгирии (коҳишдиҳии) осебпазирии рушди оянда;

(2) **индустриалӣ,** яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

(3) **инноватсионӣ,** яъне рушд дар асоси навовариҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар. [12]

Аз аҳдофи болоовардашуда гуфтан мумкин аст, ки инкишофи фаъолияти инноватсионӣ яке аз мақсадҳои асосии Ҳукумати кишвар мебошад. Аз ин рӯ таҳқиқи ин масъала дар шароити муосир зарур арзёбӣ мегардад. Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамеша дар мадди назари олимони ватаниву хориҷӣ қарор доштааст.

Истилоҳи «инноватсия» ба таври фаъолона дар иқтисодиёти давраи гузариши карордошта, барои ифодаи хусусияти стратегияи инноватсионӣ ва барои ифодаи як қатор мафҳумҳои ба ҳам монанд аз қабили "фаъолияти инноватсионӣ", "ҷараёни инноватсионӣ", "раванди инноватсионӣ», "менеҷменти инноватсионӣ" ва ғайра, истифода мегардад. Дар адабиёти илмӣ яккатор нишонаҳои баҳодиҳии инноватсия ва таърифҳо оиди инноватсия мавҷуданд.

Оиди вожаи инноватсия ва пайдоиши он як қатор назарияҳои гуногун мавҷуданд. Истилоҳи инноватсия аз калимаи англисии «innovation» гирифта шуда, маънои навоварӣ, навгонӣ ва навҷорисозиро дорад ва дар амал ба кор гирифта шуда, арзишафзоиро дар худ касб мекунад. Гарчанде, ки мафҳуми инноватсия дар пажӯҳиши олимони асри XIX пайдо гардида бошад ҳам, аммо дар таҳқиқоти олими австро-америкоӣ Й. Шумпетр дар аввалҳои асри XX сифатан мафҳуми навро ба худ касб намуд. Ба ақидаи Й. Шумпетр " инноватсия –ин ҷорӣ намудани тағйирот ё навгонӣ ба мол ё маҳсулоти нав бо мақсади қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон, ихтирои воситаҳои истеҳсолӣ ва эҷоди бозори ягона дар соҳаи саноат мебошад". Шумпетр чунин мешуморад, ки инноватсия сарчашмаи асосии бадастории фоида мебошад [15].

Шумпетер панҷ шакли тағйиротҳоро дар навҷорисозӣ пешниҳод намудааст, ки мо онҳоро дар шакли расми 1 тасвир менамонем.

Гуфтан ба маврид аст, ки на ҳамаи навгониҳо ва ё тағйиротҳоро инноватсия ҳисобидан мумкин аст, инноватсия он аст, ки сифату самаранокии соҳаи мавҷударо ба маротиб боло барад.

Дар айни замон оиди инноватсия таърифи ягонае мавҷуд нест ва олимони ватаниву хориҷӣ мафҳуми инноватсияро аз нуқтаи назари гуногун шарҳ додаанд. Аз ин рӯ мо тасмим гирифтем, ки таҳқиқоти якчанд олимони ватаниву хориҷиро матраҳ намоем.

Ба ақидаи Афонин " ...Навоварӣ ва ё навҷорисозӣ ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ буда, нуқтаи охирини он ин тавлиди ин ё он мол ва маҳсулот мебошад, ки арзишро ба миён меорад [1].

Аз нуқтаи назари Лапин Н.В. " ... инноватсия –ин маҷмӯи чорабиниҳое навоваронае мебошад, ки бо мақсади қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон ва таъмини бозор бо мол ва маҳсулотҳои хусусияти навгонӣ дошта мебошад" [7].

Ба ақидаи Уткин Э.А. "... инноватсия – ин объекте мебошад, ки дар натиҷаи пайвастани назарияҳои илмӣ ва татбиқи онҳо дар раванди истеҳсолот, мол ё маҳсулоти нав тавлид меёбад, мебошад" [13].

Тибқи ақидаи Санто Б "... инноватсия ҳамчун раванди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ маҳсуб ёфта, унсури муҳими манфиаторандаи бахши иқтисодӣ мебошад" [11].

Гохберг Л.М. чунин мешуморад, ки " ...инноватсия-ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфтаи технологӣ, ки дар амал истифода гардида, муносибатҳои нави иҷтимоиро ба миён меорад" [3].

Ф. Никсон ақида дорад, ки "... инноватсия-ин маҷмӯи фаъолияти техникӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ мебошад, ки боиси пайдошавии технологияҳои нав ва такмилёфта дар бозор мегардад" [9].

Тибқи назарияи Мединский В.Г. " ...инноватсия ҳамчун раванди технкийӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсулот ( хизматрасонӣ)-и нав замина гузошта, тавассути татбиқи навовариҳо амалӣ карда мешавад" [8].




**Расми 1. Намудҳои навоварӣ ба ақидаи Й. Шумпетр**

Ҳамин тариқ тибқи ақидаи Бердникова Л.Ф. инноватсия ин "...натиҷаи ниҳоии навовариҳо дар шакли маҳсулот, хидмати нав,инчунин технологияҳое беҳтаре мебошад, ки ҳангоми татбиқи раванди инноватсионӣ ба даст оварда шудааст. Инноватсия тағйироти ночизи берунаи маҳсулотро ( намуд, ранг, дизайн ва ғайра), ки ба хусусиятҳои маҳсулот ба қадри кофӣ таъсир намерасонанд, дар бар намегирад" [2].

Солҳои охир олимони ватанӣ масъалаҳои фаъолияти инноватсиониро дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва истифодаи самараноки он ҷиҳати рушди корхонаҳои саноатии кишвар дида истодаанд. Ҳар яке аз онҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки назарияҳои хешро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти миллӣ бо роҳи истифодаи чораёнҳои инноватсионӣ пешниҳод намоянд.

Тибқи назарияи Комилов С.Ҷ. ва Алиева Г.Ш. "...Инноватсияро ҳамчун динамикӣ ва ҳам статикӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар нуқтаи охирин, инноватсия бояд, ҳамчун натиҷаи ниҳоии давраи тадқиқот ва истеҳсолот дар натиҷаи навоварӣ ва қонеъ кардани талаботи муайяни инноватсионӣ арзёбӣ карда мешавад" [5].

Ҷумаев У.М. "...инноватсияро ҳамчун мафҳуми умумии иқтисодӣ шуморида, чунин меҳисобад, ки дар раванди истифодаи оқилонаи чараёни инноватсионӣ, заминаи муфид баҳри рушди секторҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ муҳайё гардида, натиҷаи дилхлҳ ба даст меояд" [4].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" "...инноватсия –ин навоварӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадаме асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад" [6].

Аз таърифи дар Қонун дарҷгардида бармеояд, ки и нноватсия фарогири тамоми соҳаҳо буда, такондиҳандаи сатҳии рушднокӣ мебошад.

Аз назарияҳои олимони дар боло овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти инноватсионӣ дар шароити муосир яке аз фишангҳои асосии инкишофи иқтисодиёт гардидааст. Фаъолияти инноватсионӣ самаранокии худро замоне муайян мекунад, ки мол ё

маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ тавлидёфта заминаи соҳибкориро муҳайё мекунад, яъне дар бозор истеъмолкунандаи хешро дармеёбад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки на ҳамаи навгонӣ ё тағйирот навоварӣ буда метавонад, навоварӣ он аст, ки сифату самаранокии соҳае, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ истифода гардидааст, боло барад. Тибқи ақидаҳои олимон ва муҳаққиқон инноватсия ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

-технологӣ

-иҷтимоӣ

-хурокворӣ

-мудирият

-бозорёбӣ

Аз намудҳои инноватсия мушоҳида намудан мумкин аст, ки инноватсия хусусияти универсалӣ дошта, метавонад барои дилхоҳ соҳа заминаи инкишофро фароҳам орад. Аз ин рӯ қайд намудан ба маврид аст, ки масъалаи рушди фаъолияти инноватсионӣ имрӯзҳо дар зери таваҷҷӯҳи Ҳукумати кишвар қарор гирифтаанд. Баҳри муҳайё намудани заминаи инкишофи фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ силсила ҳуҷҷатҳое қабул гардидаанд, ки бозгӯйи талошҳо баҳри инкишофи соҳа мебошанд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” (Қарори ҲҶТ аз 30 майи соли 2017 таҳти №1415)

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ дар бораи паркҳои технологӣ” ( Қарори ҲҶТ аз 21 июли соли 2010, таҳти № 629)

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. – Душанбе: ООО «Контраст». 2016. – С.87.

4. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ( Қарори ҲҶТ аз 30 апрели соли 2011 таҳти № 227).

5. Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ( қарори ҲҶТ аз 03 марти соли 2014 таҳти № 144)

Бояд тазаккур дод, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ ин гузаштан аз кишварӣ агросаноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ мебошад. Бо ҳамин мақсад бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардид. Бо мақсади амалисозии ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар лоиҳаи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, №159 тасдиқ гардид.

Асос дар илми иқтисодӣ пеш аз ҳама барои гирифтани фоида муддати вақти кам қулай ва муфид аст. Аз ин рӯ техгология ҳамчун унсур дар ин ҷараён баромад намуда, заминасози манбаи даромаднокӣ мегардад. Қисми муҳими низоми танзими давлатии саноат ин сохтори ташкилӣ, яъне мақомтҳои идоракуние, аз рӯи нишонаҳои соҳавӣ, функсионалӣ ва ҳудудӣ таъсис дода шудаанд, ба ҳисоб мераванд. Танзими соҳавӣ инкишофи инноватсионии соҳаи муайян ва назорати давлатиро аз болои ҳолати он таъмин менамояд. Соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои таркибии он, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои таркибиаш ва дигар мақомоти дахлдори давлатии соҳавӣ танзим карда мешаванд.

Хуллас гуфтан ба маврид аст, ки масоили таҳқиқи фаъолияти инноватсионӣ ҳамеша мавриди омӯзиши олимон қарор дошт. Имрӯзҳо дар кишвари азизи мо низ ин масъала мавриди назари олимон гардидааст ва дар ин замина як қатор рисолаву мақолаҳои илмӣ чоп ва пешкаши хонандагон гардидааст.

**АДАБИЁТ**


1. Афонин И.В. Инновационный менеджмент: учеб. пособие. – М.: Гардарики, 2005. с.18.
2. Бердникова Л.Ф. Интеллектуальный потенциал в инновационном развитии современной организации/ Л.Ф. Бердникова// Вектор науки Тольяттинского

государственного университета. – Тольятти: Тольяттинский государственный университет, 2012. - №4.- С. 220-223
3. Гохберг Л.М. Статистика науки и инноваций. Краткий терминологический словарь. М., 1996. - с.45.
4. Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан// Автореф.дисс. на соиск. Уч. Степ. Канд. Экон. наук. – М., 2010 с.
5. Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Основы инновационного менеджмента. Душанбе: ТГНУ, 2004, с. 6.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” ( Қарори ҲҶТ аз 30 майи соли 2017 таҳти №1415)
7. Лапин В.Н. Социальные аспекты управления нововведениями. Таллин, 1981, с.21.
8. Медынский В.Г. Инновационное предпринимательство. М.: ИНФРА-М, 1997, с.8.
9. Никсон Ф. Инновационный менеджмент. М.: Экономика, 1997, с. 23.
**10.** Паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе, 22.12. 2017
11. Санто Б. Инновация как средство экономического развития. М.: Прогресс, 1990, с.14.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030. –Душанбе: ООО «Контраст». 2016. – С.87.
13. Уткин Э.А. Инновационный менеджмент. М.: Акапис, 1996, с.17.
14. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития.- Монография. Душанбе: Ирфон, 2007, С.25-26
15. Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.: Прогресс, 1982, с.67.

***Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р. - Донишгоҳи байналмиллалии сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ

Мавқеи сазовори худро бозори суғурта дар зерсохтори бозории мамлакат бояд пайдо намояд. Ҳангоми мавҷуд будани системаи босуботи кафолатҳои молиявӣ дар ҷумҳурӣ муассисаҳои суғуртавӣ, зарари аз офатҳои табиӣ, садамаҳо, сӯхторҳо ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдошт расонидашаванда, ки метавонанд ба қуввaҳои истеҳсолии ташаккулёбанда таъсири манфӣ расонида, дар соҳаҳои иқтисодиёт монеа ворид созанд, бояд ҷуброн карда шавад.

Принсипҳои ташкили фаъолияти суғуртавӣ дар рӯзҳои мо ба шартҳои умумии иқтисоди бозоргонӣ асос ёфтаанд. Бозори суғурта ин муҳити махсуси иҷтимоию иқтисодии соҳаи муайяни муносибатҳои иқтисодист, ки дар он объекти хариду фурӯш моли махсус - ҳифзи суғуртавӣ мебошад. Асоси объективии инкишофи бозори суғурта ин зарурати таъмини раванди бетанаффуси такрористеҳсол бо роҳи расонидани кӯмаки пулӣ ба зарардидагон дар ҳолати сар задани ҳодисаҳои пешбининашудаи ногувор мебошад.

Шартҳои зарурии ташаккули бозори суғуртавӣ ин мавҷудияти талаботи ҷомеа ба хизматҳои суғурта ва мавҷудияти суғуртакунандагони қодири ин талаботро қонеъкунанда мебошанд. Ғайр аз ин яке аз шартҳои асосии ташаккули бозори суғурта назорати давлатӣ аз болои фаъолияти суғуртавӣ мебошад, зеро мутобиқи хусусият ва мавқеи махсуси худ дар ҷамъият фаъолияти суғуртавӣ бояд нисбат ба намудҳои дигари фаъолият бештар ба назорати давлатӣ ниёзманд бошад.

Шарти ҳатмӣ ва ногузири ташаккули бозори суғурта инчунин рақобати муттамадини байни муассисаҳои суғуртавӣ ба шумор меравад, яъне рақобат барои ҷалби суғуртавшавандаҳо, сафарбар кардани маблағҳо ба фондҳои суғуртавӣ, маблағгузории судманди онҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии баланд.

Вобаста ба ҳаҷми талабот ва пешниҳодот ба хизматҳои суғуртавӣ бозорҳои суғуртаи миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқиро метавон фарқ кард. Бозори миллии суғурта ин доираи

фаъолияти муассисаҳои суғуртавӣ дар мамлакати алоҳида аст. Тамоми фаъолияти суғуртавӣ дар бозори миллӣ дар доираи қонунгузории суғуртавии миллӣ анҷом мепазирад, ки назорати он ба дӯши мақомоти давлатии назорати суғуртавӣ вогузор шудааст.

Амалиёти муосири суғуртавии байналхалқӣ аз рӯи аломатҳои ташкилию ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд.

**Расми 3. Таснифи амалиёти байналхалқии суғуртавӣ**




Звенои аввалини бозори суғурта муассисаи суғуртавӣ мебошад. Маҳз дар ин ҷо раванди ташаккулёбӣ ва истифодаи фонди суғуртавӣ оғоз меёбад, як муносибат ташаккул ёфта, муносибати дигари иқтисодӣ пайдо мешавад, манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ ба ҳам мепайванданд, хуллас дар муассисаи суғуртавӣ «чараёни суғурта» сурат мегирад.

Муассисаи суғуртавӣ шакли ҷамъиятии таърихан муайяншудаи амалкунии фонди суғуртавӣ буда, сохтори махсусро, ки бо бастани шартномаи суғуртавӣ ва иҷрои он машғул аст, ифода мекунад. Ба муассисаи суғуртавӣ ягонагии техникию ташкилӣ ва мустақилияти иқтисодӣ хос аст.

Гузариши иқтисоди миллӣ ба бозор нақш, сохтори ташкилӣ ва мавқеи муассисаи суғуртавиро дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ба таври назаррас муайян мекунад.

Бахри фаъолият дар бозори суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2020, чунин номгӯи муассисаҳои суғуртавӣ иҷозатнома доранд:

| МУАССИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ |
|---|
| 1. Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта»; |
| 2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии «Муин»"; |
| 3. Корхонаи воҳиди давлатии Ширкати давлатии суғуртавии «Тоҷиксармоягузор»; |
| 4. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии «МЕҲНАТ»"; |
| 5. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти суғуртавии «Ориён Иншуранс» («ORIEN INSURANCE»); |
| 6. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии «Имдод»"; |
| 7. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти суғуртавии «Лондон-Душанбе»"; |
| 8. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртаи «Эсхата-суғурта»"; |
| 9. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти суғуртавии «Кафил»"; |
| 10. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти суғуртавии «М-ПОЛИС»"; |
| 11. Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен–Суғурта»; |
| 12. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ташкилоти суғуртавии Итминон»; |
| 13. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ташкилоти суғуртавии Зарафшон»; |
| 14. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғуртаи Наҷот»; |
| 15. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғуртаи миллӣ»; |
| 16. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ташкилотии брокерии суғуртавӣ - Ариё». |

**Муассисаҳои суғуртавии дорои иҷозатнома, дар соли 2020 аз рӯи намуд ва номгӯи суғурта, ки дар бозори суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.**

**Ҷадвали №1**

| № | Номгӯи муассисаҳои суғуртавӣ | Номгӯи суғуртаи | | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|
| | | **ҳатмӣ** | **ихтиёрӣ** | |
| 1. | КВД «Тоҷиксуғурта» | 13 | 23 | 36 |
| 2. | КВД ШДС «Тоҷиксармоягузор» | 2 | 29 | 31 |
| 3. | ҶДММ «ТС “МУИН”» | - | 14 | 14 |
| 4. | ҶСП ТС«Ориён-Иншуранс» | - | 11 | 11 |
| 5. | ҶДММ «ТС Меҳнат» | - | 13 | 13 |
| 6. | ҶСП «ТС Лондон-Душанбе» | - | 11 | 11 |
| 7. | ҶДММ «ТС Эсхата Суғурта» | - | 8 | 8 |
| 8. | ҶСП ТС «Кафил» | - | 11 | 11 |
| 9. | ҶСДММ «Спитамен Суғурта» | - | 12 | 12 |
| 10. | ҶСП «ТС М-Полис» | - | 8 | 8 |
| 11. | ҶДММ «ТС ИМДОД» | - | 6 | 6 |
| 12. | ҶДММ «ТС “ИТМИНОН”» | - | 10 | 10 |
| 13. | ҶДММ «ТС Зарафшон» | - | 3 | 3 |
| 14. | ҶДММ «Суғуртаи Наҷот» | - | 2 | 2 |
| 15. | ҶДММ «Суғуртаи миллӣ» | - | 1 | 1 |
| 16. | ҶДММ «Ташкилотии брокерии суғуртавӣ – Ариё» | - | - | - |
| **Ҳамагӣ:** | | **15** | **162** | **177** |

**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Шумораи шартномаҳои басташуда дар бозори суғурта.**Ҷадвали № 2

| Шаклҳои суғурта | Шумораи шартномаҳои басташуда | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2019** | **Фарқият** | **%** |
| Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | 2 540 | 2 602 | - 62 | - 2,4 |
| Суғуртаи ҳатмӣ | 458 045 | 458 953 | -908 | - 0,2 |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 1 375 648 | 1 340 916 | 34 732 | 2,5 |
| **Ҳамагӣ** | **1 836 233** | **1 802 471** | **33 762** | **1,8** |

**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Умуман дар соли 2020 Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» амру дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020 ва нишондодҳои Сарвари давлатро дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои дар наздамон гузошташуда ва иҷрои нақшаҳои пешбинигардида, роҳнамои фаъолияти худ намуда, иштироки фаъолона дар маъракаву ҷашнҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла 22 - солагии Ваҳдати миллӣ, 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чорабиниҳо бахшида ба истиқболи 29 - солагии Иҷлосияи XVI - уми таърихӣ ва гузоштани саҳми муносиб дар ғанӣ гардонидани Буҷети ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба сомон расонид.

**Воридоти ҳаққи суғуртавӣ барои солҳои 2019- 2020**

**Ҷадвали №3**

| Шаклҳои суғурта | Воридоти ҳаққи суғуртавӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2019** | **Фарқият** | **%** |
| Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | 1 048,6 | 987,7 | 60,9 | 5,8 |
| Суғуртаи ҳатмӣ | 60 891,2 | 54 960,5 | 5 930,7 | 9,7 |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 172 262,8 | 179 896,5 | - 7 633,7 | - 4,4 |
| **Ҳамагӣ** | **234 202,6** | **235 844,7** | **- 1 642,1** | **- 0,7** |

(хаз.сомонӣ)

| Шаклҳои суғурта | Ҳаққҳои ба азнавсуғуртакунӣ додашуда | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2019** | **Фарқият** | **%** |
| Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | - | - | - | - |
| Суғуртаи ҳатмӣ | - | - | - | - |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 82 508,5 | 111 393,1 | - 28 884,6 | - 35 |
| **Ҳамагӣ** | **82 508,5** | **111 393,1** | **- 28 884,6** | **- 35** |

(хаз.сомонӣ)

| Шаклҳои суғурта | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2019** | **Фарқият** | **%** |
| Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | 150,2 | 197,2 | - 47 | - 31,3 |
| Суғуртаи ҳатмӣ | 1 435,9 | 2 832,1 | - 1 396,2 | - 97,2 |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | 9 032,1 | 8 522,3 | 509,8 | 5,6 |
| **Ҳамагӣ** | **10 618,2** | **11 551,6** | **- 933,4** | **- 8,8** |

**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Қайд намудан ба маврид аст, ки нақшаи воридшавии ҳаққи суғуртавии соли 2019 ва семоҳаи чоруми соли 2020 дар сатҳи ҷумҳурӣ пурраву барзиёд ва сифатнок иҷро гардид.

**Ҳиссаи муассисаҳои суғуртавӣ нисбати воридоти ҳаққӣ суғуртавӣ дар соли 2019 (бо %)**

**Диаграмаи №1.**




**Манбаъ: Маълумоти омории Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон**

Аз диаграма бар меояд, ки мавқеи Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати воридоти ҳаққи суғуртавӣ 43,0 фоиз ва нисбати пардохти товони зарар бошад 90,0 фоизро ташкил менамояд.

Дар иҷрои нақшаи воридоти ҳаққи суғуртавии соли 2018 саҳми Дастгоҳи марказии Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта», филиалҳо дар вилоятҳои Хатлон, Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Ваҳдат, Хуҷанд, Қайроққум, Конибодом, Исфара, Панҷакент, Қурғонтеппа, Норак, ноҳияҳои Ашт, Фирдавсӣ, Сино, И.Сомонӣ, Шоҳмансур, Рудакӣ, Турсунзода, Файзобод, Шаҳринав, Ҳисор, Ёвон, Б Ғафуров, ва Шуробод назаррас буд, чунки нақшаи воридшавии ҳаққи суғуртавиро пурраву барзиёд ва сифатнок иҷро намуданд.

Воридшавии ҳаққи суғуртавӣ бо намудҳои суғурта чунин аст: ҳатмии амволи муассисаҳои кишоварзӣ 630,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии мусофирон 6 миллион сомонӣ, ҳатмии ҳодисаҳои нохуш 590,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт 33 миллион сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии вакилони халқ 15,0 ҳазор сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ 545,0 ҳазор сомонӣ, суғуртаи ҳатмии давлатии Президент 20,0 ҳазор сомонӣ, ҳатмии сӯхтор 650,0 ҳазор сомонӣ; ихтиёрии амволи шахсони ҳуқуқӣ 2 миллиону 530 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии амволи шаҳрвандон 5 миллиону 30 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳаёт 1 миллиону 30 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳодисаҳои нохуш 4 миллиону 870 ҳазор сомонӣ, ихтиёрии ҳавопаймоҳо 100,0 ҳазор сомонӣ ва ихтиёрии тиббӣ 210,0 ҳазор сомонӣ.

Пас аз пешниҳоди ҳисоботҳои муҳосибӣ ва оморӣ ҳаққи суғуртавии ҳисобкардашуда ва воридгардида муқоиса карда шуда, нақшаи номгӯҳои ҳатмии суғурта ба истиснои суғуртаи ҳатмии мусофирон, дар соли ҷорӣ ва ҳар як семоҳа аниқ карда шуда, ба филиалҳо хабар дода мешавад.

Татбиқи пурраи тавсияҳои ҳисоботи мазкур ва лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо ба мунтазам зиёд шудани саҳми бозори суғурта дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ, баланд шудани сатҳи ҳифзи суғуртавии субъектҳои соҳибкорӣ ва шаҳрвандони мамлакат ва амалӣ намудани механизми таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар заминаи таҳияи мақолаи илмии мазкур тавсияҳои омодашуда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зерин раво менамоям:

а) фароҳам гардидани муҳити боэътимод ва устувори суғуртакунонӣ;

б)таъмини истифодаи ҳаддалимкони суғуртакунонӣ, ҳамчун сарчашмаи захираҳои сармоягузорӣ;

в)таъмини боэътимодӣ ва устувории молиявии низоми суғуртакунонӣ;

г)инкишофи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ;

д)баланд бардоштани дараҷаи самаранокии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ;

е)рушди муносибатҳои тарафайни бозорҳои суғуртаи миллӣ ва байналхалқӣ;

ё)мутобиқ гардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ ба талаботи санадҳои муосири соҳавии байналхалқӣ;

ж)зиёд шудани номгӯи хизматрасониҳои суғуртавӣ ва шумораи ширкатҳои суғуртавии ватанию хориҷӣ;

з) таъмини ҳавасмандгардонии шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидор ва ширкатҳои суғуртавӣ.

к) зарарнок фаъолият намудани шуъбаҳо, аз ҷумла шуъбаҳои «Тоҷиксуғурта»;

л) сатҳи зиёди хароҷотҳо барои пешбурди кор ё дафтардорӣ;

м) норасогии рекламаҳо тавассути ахбори умум: телевизион, радио, маҷаллаву рузномаҳо;

н) нарасидани мутахасисони соҳаи суғурта дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла муҳосибони касби дар фаъолияти суғуртагузорӣ ва ғайраҳо.

Хулоса, афзоиши талаботи дохила ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди бозори суғурта барои таъсис ёфтани ширкатҳои бонуфузи ватанӣ ва рақобатпазир гардидани онҳо дар бозори суғуртаи давлатҳои минтақа мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»; Душанбе-23 июли соли 2016, №1349.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», шаҳри Душанбе 13 декабри соли 1997 № 517.
3. А. Ҷабборов., Алимов К.К., Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Душанбе «Ирфон»- 2016. 316 саҳ.
4. Акобиров Ҳ.Н., Ашӯров Ғ.Д. «Суғурта». Дастури таълимӣ – Душанбе, «Шарқи озод» 2006.156 саҳ.
5. Акобиров Ҳ.Н., ОдинаевД. Н., Молия, китоби дарсӣ Душанбе-2011сол. 312 саҳ.
6. Алинчев В.В. Страхование валютных рисков, банковских и экономических коммерческих кредитов. –М. ЮКИС, 1993сол.
7. Шаропов Н., Буриева М., Ҳомидов А., Фаъолияти суғурта.Душанбе- 2010. 156 саҳ.
8. Шахов В.В. введение в страхование. Экономический аспект –М. Финансы и статистика, 1992г. 317 саҳ.
9. Сафаров М. Суғуртаи чист? Душанбе. «Шарқи озод» 2002с. 237 саҳ.
10. Мирзоев И., Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. Душанбе 1999 сол. 254 саҳ.
11. Сафаров М., Мавқеи суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон», Душанбе 2005. Нашриёти ИПП ОО «Вергуль». 318 саҳ.
12. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Ятимов Х.М., Молия, муомилоти пул ва қарз. Душанбе-2006сол. 278 саҳ.
13. Раҳимов З.А., Сафаров М., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х., Васоити таълимӣ аз фанни «Суғурта». Душанбе–2008 сол. 254 саҳ.
14. Рахимов З.А., Рузиев А.Т., Джураев Ш.Дж.,Учебное пособие «Социально – экономическая сущность страхования и его роль в рыночной экономики Таджикистана». Душанбе 2009 сол. 273 саҳ.
15. Улугходжаева Х.Р., Рахимов З.А., Обидов Ф.С. «Финансы». Душанбе 2009 сол. 256 саҳ.
16. Нарзиев М.Ф., Тоиров М.И. Бозори коғазҳои қиматнок (васоити таълимӣ) Душанбе 2014, 256 саҳифа.
17. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х. Бозори коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе 2014, 268 с.

***Нидоев П.Ф., Усмонова С.А. - Донишгоҳи байналмиллалӣ сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## ТАШАККУЛЁБИИ АНДОЗҲО ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ АНДОЗБАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои нави бозорӣ талаб намуд, ки системаи нав ва мукаммалтари андозбандии корхонаҳою ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ташкил дода шавад. Ба ҳар ҳол, таҷрибаи мамлакатҳои саноати инкишофёфта дошта ба мо аҳамияти калон дорад, лекин мо набояд системаи андозбандии ягон мамлакатро пурра нусхабардорӣ намоем. Ҳар як мамлакат дорои хусусиятҳои хос мебошад ва ин хусусиятҳо метавонад ба шароити ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоию фарҳангӣ мутобиқ нашавад.

Аҳамияти калонро ҳамчунин омӯзиши таърихи таҷрибаи мамлакати худамон дорад ва он таҷрибаҳое, ки натиҷаи мусбӣ оварданду ба шароитҳои имрӯза мутобиқ мебошанд дар намуди аввала ва ё тағйирдода аз нав ҷорӣ карда шаванд.

Мақомоти андоз аз рӯи моҳияти кори худ ва иҷрои вазифаҳое, ки бар дӯши кормандони он гузошта шудаанд, фарогири ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ва ҳамаи самтҳои фаъолият мебошанд. Масъалаҳое, ки ба андозбандӣ алоқамандандӣ доранд, бисёр доманадоранд ва

баррасии онҳо дар доираи як мақолаи илмӣ  имконнопазир нест. Ва омӯзиши масъалаҳои глобалии танзими иқтисодиёт тавассути андозҳо, дар илми иқтисодӣ нақши муҳимро дошта, таҳлилу баррасии он дар шароити имрӯза хело мубрам мебошад.

Дар шароити муосир андозҳо фишанги пешбарандаи иқтисодӣ ва ё садди роҳи рушди иқтисодӣ мегарданд. Масъалаи таъсири андоз ба иқтисодиёт ва рушди он дар шароити муосир, хусусан дар ҳимояи иқтисоди миллӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, танзими иқтисодҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хело ҳассос гардида истодааст. Инчунин танзими андозҳо барои баланд шудани нархҳо, хеле нақши зиёд дорад ва айни замон, ки муаммоҳои таваррум ба иқтисоди миллӣ таҳдид доранд, ба ҳисоб нагирифтани саҳми онҳо, ҳангоми таҳлили болоравии нархҳо, боиси зиёд гардидани таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ ба иқтисод мегардад. Дар робита ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ироз намуданд, ки "Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истиснои ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад ва сохторҳои марбута дар давоми як моҳ тартиби татбиқи имтиёзи мазкурро муайян намоянд. Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шавад" [1].

Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, мӯҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд.

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд.

Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

Мутобиқи кодекси андози навтаҳрир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои умумидавлатӣ ва андози маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои дахлдор бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур андозсупорандагон низоми андозбандии махсусро истифода мебаранд.  Андозҳои умумидавлатиро мутобиқи нақшаи зерин дида меборам.

Ба андози маҳаллие, ки бо Кодекси мазкур муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешавад, андоз аз молу мулк дохил мешавад [2].

Ҷиҳати барқарор сохтани низоми фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғоз намудани раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ, амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ ва минбаъд таъмин намудани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ бисёр тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд.

Дар натиҷаи татбиқи сиёсати самарабахши молияи давлатӣ, аз ҷумла дар самти таъмини суботи молиявӣ, такмили низоми андозбандӣ ва баланд бардоштани самаранокии идораи молияи давлатӣ ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам афзоиш ёфт.

**Нақшаи 2.**




Дар идомаи ин раванд, соли 2022 даромади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 19,4 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ сол ба сол зиёд шуда, соли 2022 ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 43,8 фоиз баробар мегардад.

Илова бар ин, бо дарназардошти фароҳамсозии омилҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда, аз ҷумла корхонаҳои нассоҷии дар ихтиёри давлат қарордошта низоми идоракунии корпоративӣ роҳандозӣ ва бо ҷалби бахши хусусӣ фаъолияти самараноки онҳо ҳарчи зудтар таъмин карда мешавад.

Ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият медиҳад, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд.

Дар робита ба ин, замини тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи замин, инчунин, шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда мешаванд.

Инчунин, бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шаванд.

Дар замми ин, бо мақсади дастгирӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ, бахусус, хушксолӣ ва обхезӣ, паҳншавии бемории КОВИД–19 дар ду соли охир ва пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо кишоварзони мамлакат дар соли 2021 аз пардохти андоз аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, яъне андози ягона озод карда шуданд.

Таъкидҳои Пешвои миллат оид ба танзими андозҳо ҷиҳати таъмини барномаҳои давлатии рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, хело саривақтӣ буда, дар ин самт ҳамзамон оид ба таҷдиди назар намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дастур дода шуд, ки айни замон комиссияи байнивазоратӣ вобаста ба он кор карда истодааст.

Дар заминаи дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ташаккулёбии низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили устувори минбаъдаи он пешниҳод менамоем.

- Азнавсозии сохторӣ ва функсионалии кормандони андоз;
- Гузаронидани машваратҳо бо агентони андоз доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз;
- Таъмини назорати самарабахши иҷрои қонунгузории андоз дар асоси принсипи андозбандӣ;
- Амали гардонидани назорат оиди ба таври нақшагии хазинадорӣ иҷронамудани буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, яъне амалӣ намудани назорати ҳаррӯза оиди иҷроиши буҷети давлатӣ;
- Ба назорати қатъи худ гирифтани органҳои давлатии ҳокимият оиди бо пурраги ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ (воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ) ва таъмини иҷроиши онҳо;
- Такмил додани шакл ва усулҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ, пеш аз ҳама беҳтар намудани фаъолият ва муносибати органҳои амволи давлатии ҷумҳуриявӣ;

Бо амалӣ гардидани масъалаҳои мазкур дар баробари дасгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими муносибатҳои андозӣ дар низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2020
3. Улуғоджаева Х.Р. Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе «Ирфон» 2005.
4. Улуғхоҷаева Х.Р. Налоги и налогообложение Республика Таджикистана. «Ирфон» 2003.
5. Ҳуқуқи андоз» китоби дарси ш.Душанбе «Қонуният» 2003.



***Усмонова С.А. - Донишгоҳи байналмиллалӣ сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


# МУАЙЯН НАМУДАНИ МАНБАИ АНДОЗ АЗ ФОИДАИ БАЪЗЕ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

Рушди устувори соҳибкорӣ кафили инкишофи боэътимоди иқтисодиёт ва паст гардидани шиддати таъсири буҳрон буда, барои афзун шудани буҷети давлатӣ хуб мусоидат мекунад. Соҳибкорӣ ҳамчун қувваи пешбаранда, нерӯи созанда ва муҳаррики иқтисодиёт эътироф шуда, тавассути он шуғли аҳолӣ, истеҳсолоту хизматрасонӣ ва баландшавии сатҳу сифати зиндагии мардум таъмин мегардад.

Имрӯз ҳазорҳо нафар соҳибкорони инфиродӣ дар асоси патент фаъолият карда, то андозае дар рушди иқтисодиёт ва ғанӣ гардидани буҷети мамлакат саҳм гузошта истодаанд. Бо вуҷуди ин, тавре аз маълумоти аз мақомоти андоз расида бармеояд, дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ҳанӯз ҳам камбудиҳо ҷой дошта, воридоти андозҳо аз ҳисоби патент кифоя нест.

Да мақолаи мазкур бобати муайян намудани манбаи андоз аз фоидаи баъзе андозсупорандагон масъалаҳои зеринро дар низоми андоз дида мебароем.

Тибқи маълумоти аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастомада ба ҳолати 1 апрели соли 2018 дар мақомоти ҳудудии андоз 97086 нафар соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст у аз ин ҳисоб ба буҷети кишвар 53,4 миллион сомонӣ маблағи андозҳо ворид гардидааст. Дар қиёс, шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4758 адад ва маблағи воридоти андозҳо ба андозаи 6,6 миллион сомонӣ зиёд ҷамъоварӣ шудааст.

**Нақшаи №1**




**Вазъи воридоти андозҳо**

Аммо воридоти андозҳо аз ҳисоби патент дар се моҳи имсол ҳамагӣ 90,4 фоиз иҷро гардидааст халос. Воридоти андозҳо аз ҳисоби патент дар ВМКБ 65,5 фоиз, вилояти Хатлон 96,0 фоиз, вилояти Суғд 99,2 фоиз, шаҳри Душанбе 80,0 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 79,9 фоиз таъмин карда шудаанд. Бахусус, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб, Бохтар, Восеъ, Хуросон, Панҷ, Кӯлоб, Фархор, Темурмалик, Исфара, Деваштич, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Ваҳдат, Турсунзода, Варзоб, Рашт, Ҳисор, Лахш, Нуробод, Рӯдакӣ, Сангвор, Тоҷикобод, Файзобод ва Шаҳринав аз уҳдаи иҷрои ҷамъоварию вориди буҷет сохтани маблағи андозҳо аз ҳисоби патент баромада натавонистанд.

Сабабҳои таъмин нагардидани иҷрои воридоти андозҳоро аз ҳисоби патент роҳбарияти Кумитаи андоз дар сатҳи зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, ба роҳ намондани назорат оид ба пардохти саривақтии маблағи патент дар ин самти фаъолият аз ҷониби кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз ва пурра ба қайд нагирифтани шахсони воқеии ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғулбуда маънидод карданд.

**Афзоиши бақияи қарзи андоз.** Масъалаи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент то ҳол роҳи ҳалашро наёфтаю ташвишовар боқӣ мондааст. Ҳарчанд бобати дарёфти роҳҳои дурусти ин масъала аз ҷониби Кумитаи андоз ба мақомоти ҳудудии андоз мактубҳои дастурию тавзеҳотӣ ирсол гардидаанду дар ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ ҳам дар ин самт таъкиду супоришҳо шудаанд, боз ҳам бақияи қарзи андоз аз ҳисоби патент дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои мамлакат рӯ ба афзоиш аст.

Тибқи маълумоти барномаи компютерии «Баҳисобгирии андозҳо- Патент» (Тафсири 3) дар кишвар (бе дарназардошти ВМКБ) маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) ба ҳолати 1 апрели соли 2018-ум 33,3 миллион сомониро ташкил медиҳад. Маблағи изофапулиҳо нисбат ба аввали сол, дар маҷмӯъ, ба андозаи 225,6 ҳазор сомонӣ ва маблағи қарзи андозҳо ба андозаи 1,1 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Аз натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки шумораи андозсупорандаҳои маблағи патентașонро сари вақт пардохтнакарда афзуда истодаанд ва маҳз ҳамин омил ба зиёд гардидани бақияпулиҳо ва соҳибкорони бефаъолият мусоидат менамоянд.

Мувофиқи махзани маълумоти барномаи компютерӣ дар семоҳаи аввали соли 2018 аз шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (79753 нафар), бе дарназардошти ВМКБ, дар мақомоти ҳудудии андоз 32974 нафар ё 40,9 фоизи соҳибкорон маблағҳои патенти худро ба тариқи афзоянда пардохт накардаанд.

Нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки дар се моҳи аввали соли равон маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, дар вилояти Суғд 11 ҳазор нафар, вилояти Хатлон 9 ҳазор нафар ва шаҳри Душанбе 7,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Ҳолати азнавбақайдгирии соҳибкорон

Хотиррасон мешавем, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, № 45 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда баъзе аз номгӯи намудҳои фаъолият хориҷ ва дар таҳрири нав қабул карда шуданд, ки ин зарурати гузаштани азнавбақайдгирии соҳибкоронро ба миён овард.

Натиҷагирии ҳолати гузариши соҳибкорон аз рӯи гурӯҳҳои 9 ва 10 номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент нишон дод, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз, ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ бо иштироки кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз ва ирсоли мактубҳои дастурӣ гузариши соҳибкорон аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи зарурӣ таъмин нашуда истодаанд.

Мутобиқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 апрели соли 2018 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи умумии соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро гузаштаанд (бо дарназардошти субъектҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳои мазкур фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштаанд), 34892 нафар ё 91,5 фоиз мебошад. Тафовути шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 3232 ададро ташкил мекунад. Ин нишондиҳанда дар ВМКБ 81,8 фоиз, вилояти Хатлон 90,4 фоиз, вилояти Суғд 97,3 фоиз ва шаҳри Душанбе 86,5 фоиз аст.

Нишондиҳандаҳои шумораи бештари соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд (аз 10 нафар зиёд), асосан, дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Бохтар, Вахш, Кушониён, Хуросон, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Панҷ, Шаҳритус, Ёвон, Кӯлоб, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, Хуҷанд, Панҷакент, Спитамен, Истаравшан, Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Шоҳмансур, Сино, Фирдавсӣ, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва Рӯдакӣ ба назар мерасад.

**Рафти қатъгардонии фаъолият.**Тибқи тағйиру иловаҳо бо дарназардошти пурра аз номгӯи намудҳои фаъолият дар гурӯҳи 37 («Чаронидани чорво»), гурӯҳи 41 («Хизматрасонии боркашонҳо дар фурудгоҳи ҳавоӣ, истгоҳи роҳи оҳан ва терминал»), гурӯҳи 43 («Хизматрасонӣ оид ба мубодилаи асъор дар нуқтаҳои махсусгардонидашудаи статсионарӣ») ва гурӯҳи 48 («Фаъолияти байторӣ») хориҷ гардидани намудҳои алоҳидаи фаъолият, ҷиҳати қатъ намудани фаъолияти соҳибкории онҳо бояд чораҷӯиҳо амалӣ карда мешуд.

Зикр бояд кард, ки соҳибкорони дар гурӯҳҳои мазкур бақайдгирифташуда 214 нафарро ташкил медиҳанд ва рафти қатъгардонии фаъолият низ аз рӯи ин гурӯҳҳо дар мақомоти ҳудудии андоз то ҳол пурра ба охир расонида нашудааст. Мутобиқи маълумоти аз Феҳристи ягонаи давлатӣ бадастомада ба ҳолати 1 апрели соли 2018 алҳол фаъолияти 117 нафар қатъ гардонида шудаасту халос, ки он 54,6 фоизи шумораи умумии соҳибкорони фаъолияташон қатъгардидаро ташкил медиҳад.

**Дастгирии соҳибкорон ва рушди ҳунарҳои мардумӣ.** Ёдрас менамоем, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, № 60 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда бо мақсади ҳавасмандӣ, дастгирии соҳибкорони инфиродӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, номгӯи намудҳои фаъолият оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳои ниёзи мардум дар хона аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод пешбинӣ гардидаанд.

Мутобиқи маълумоти аз Феҳристи ягонаи давлатӣ расида то ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур дар ин гурӯҳҳо зиёда аз 600 адад соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта

шуда буданд ва бояд гуфт, ки ҷиҳати барҳам додани фаъолияти соҳибкории онҳо аз ҷониби Кумитаи андоз ба мақомоти ҳудудии андоз ва шуъбаю бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мактубҳо низ ирсол шудаанд.

Вазифаҳо. Бояд гуфт, ки баъзе масъалаҳои андозбандӣ бо патент, вазъи воридоти маблағи андозҳо аз ҳисоби патент, афзоиши бақияи қарзи андоз, ҳолати азнавбақайдгирии соҳибкорон, рафти қатъгардонии фаъолияти соҳибкорон ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти соҳибкорони дар асоси патент амалкунанда кур фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштаанд), 34892 нафар ё 91,5 фоиз мебошад. Тафовути шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 3232 ададро ташкил мекунад. Ин нишондиҳанда дар ВМКБ 81,8 фоиз, вилояти Хатлон 90,4 фоиз, вилояти Суғд 97,3 фоиз ва шаҳри Душанбе 86,5 фоиз аст.

Нишондиҳандаҳои шумораи бештари соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд (аз 10 нафар зиёд), асосан, дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Бохтар, Вахш, Кушониён, Хуросон, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун , Абдураҳмони Ҷомӣ, Панҷ, Шаҳритус, Ёвон, Кӯлоб, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, Хуҷанд, Панҷакент, Спитамен, Истаравшан, Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Шоҳмансур, Сино, Фирдавсӣ, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва Рӯдакӣ ба назар мерасад.

**Рафти қатъгардонии фаъолият.**Тибқи тағйиру иловаҳо бо дарназардошти пурра аз номгӯи намудҳои фаъолият дар гурӯҳи 37 («Чаронидани чорво»), гурӯҳи 41 («Хизматрасонии боркашонҳо дар фурудгоҳи ҳавоӣ, истгоҳи роҳи оҳан ва терминал»), гурӯҳи 43 («Хизматрасонӣ оид ба мубодилаи асъор дар нуқтаҳои махсусгардонидашудаи статсионарӣ») ва гурӯҳи 48 («Фаъолияти байторӣ») хориҷ гардидани намудҳои алоҳидаи фаъолият, ҷиҳати қатъ намудани фаъолияти соҳибкории онҳо бояд чораҷӯиҳо амалӣ карда мешуд…

Зикр бояд, кард, ки соҳибкорони дар гурӯҳҳои мазкур бақайдгирифташуда 214 нафарро ташкил медиҳанд ва рафти қатъгардонии фаъолият низ аз рӯи ин гурӯҳҳо дар мақомоти ҳудудии андоз то ҳол пурра ба охир расонида нашудааст. Мутобиқи маълумоти аз Феҳристи ягонаи давлатӣ бадастомада ба ҳолати 1 апрели соли 2018 алҳол фаъолияти 117 нафар қатъ гардонида шудаасту халос, ки он 54,6 фоизи шумораи умумии соҳибкорони фаъолияташон қатъгардидаро ташкил медиҳад.

**Дастгирии соҳибкорон ва рушди ҳунарҳои мардумӣ.** Ёдрас менамоем, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, № 60 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда бо мақсади ҳавасмандӣ, дастгирии соҳибкорони инфиродӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, номгӯи намудҳои фаъолият оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳои ниёзи мардум дар хона аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод пешбинӣ гардидаанд.

Мутобиқи маълумоти аз Феҳристи ягонаи давлатӣ расида то ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур дар ин гурӯҳҳо зиёда аз 600 адад соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шуда буданд ва бояд гуфт, ки ҷиҳати барҳам додани фаъолияти соҳибкории онҳо аз ҷониби Кумитаи андоз ба мақомоти ҳудудии андоз ва шуъбаю бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мактубҳо низ ирсол шудаанд.

**Вазифаҳо.** Бояд гуфт, ки баъзе масъалаҳои андозбандӣ бо патент, вазъи воридоти маблағи андозҳо аз ҳисоби патент, афзоиши бақияи қарзи андоз, ҳолати азнавбақайдгирии соҳибкорон, рафти қатъгардонии фаъолияти соҳибкорон ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти соҳибкорони дар асоси патент амалкунанда дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 14 апрели соли 2018 баргузор шуда буд, низ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шуданд, ки барои гузариши соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда вобаста ба тағйиру иловаҳои воридшуда ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 чораҳои иловагӣ андешанд.

Инчунин, таъкид шудааст, ки шуъбаю бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати дар муҳлати кӯтоҳ қатъ кардани фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар гурӯҳҳои озодшуда ба қайд гирифта шудаанд, чораҷӯӣ намоянд.

Умед дорем, мақомоти ҳудудии андоз камбудиҳои ҷойдоштаро рафъ месозанд, корро дар самти пешгирии афзоиши бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент самарабахш ба роҳ мемонанд ва барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои корӣ кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд.

Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҳар кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварию вориди буҷет сохтани андозҳо масъалаест, ки пешорӯи кормандони мақомоти ҳудудии андоз қарор дорад.

Чуноне ба назар мерасад, масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз гардидааст.

Вақте дар Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон аз хусуси бақияпулиҳои қарзи андоз аз ҳисоби молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон пурсон шудем, сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии нозироти андоз Муҳиддин Воҳидов гуфт, дар ҳақиқат, дар ноҳия баъзе шахсоне ҳастанд, ки ҳарчанд дар ширкату корхонаҳои хурду бузург фаъолият менамоянду маблағҳои калони молию пулиро дар ихтиёр доранд, аммо, бино бар баланд набудани ҳисси шаҳрвандиашон, андозҳои муқаррарнамударо сари вақт пардохт намекунанд. Мавсуф, инчунин, изҳор кард, ки аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон мутобиқи талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи чунин нафарон барои иҷро накардани уҳдадориҳои андозиашон огоҳинома ирсол гардидааст ва онҳо бояд дар муҳлати 10 рӯз аз санаи қабули огоҳинома маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқули худро ба буҷети давлат пардохт кунанд. Дар сурати дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардани талаботи огоҳиномаи ирсолшуда нисбати онҳо чораҳои таъсиррасонӣ ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо андешида мешавад.

Аз шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон рӯйхати шаҳрвандонеро пешниҳод кардаанд, ки бақияпулиҳои андозаашон аз ҳисоби молу мулки ғайриманқул рӯз аз рӯз афзуда, дар пардохти маблағҳои қарзи худ саҳлангорӣ мекунанд. Номи чанд нафари онҳоеро, ки ба суроғаашон аз ҷониби нозироти андози ноҳия огоҳинома ирсол шудааст, дар ҷадвали зерин меорем.

**РӮЙХАТИ ШАҲРВАНДОНЕ, КИ АЗ АНДОЗҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНКУЛ ДАР НОЗИРОТИ АНДОЗ ДАР НОҲИЯИ ЁВОН БА САНАИ 01.05.2018 ҚАРЗДОР МЕБОШАНД**

| **№** | **Ном ва насаби соҳибмулк** | **Суроға** | **Маблағи қарз** (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Нурова Саодат | кӯчаи Р.Раҷабов | 3867 |
| 2. | Олимов Шамсиддин | кӯчаи М.Турсунзода | 470,20 |
| 3. | Каримов Иброҳим | кӯчаи А.Ҷомӣ | 509,80 |
| 4. | Мирзомуродов Абдулло | Ҷ\д Чоргул, деҳаи Қулобод | 850 |
| 5. | Рафиев Абдусалом | Ҷ\д Чоргул, деҳаи Сабзазор | 600 |
| 6. | Аминов Мансур | Ҷ\д Г.Юсуфова, деҳаи Тутбулоқ | 1128 |

Хулоса, таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки соҳибкории хурд ва миёна яке аз таҳкурсиҳои мустаҳками босуръат пеш бурдани иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Имрӯз саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар рушди иқтисодиёт ва ғанӣ гардидани буҷети кишвар хеле назаррас аст. Аммо, чуноне ки аз маълумоти мақомоти андоз расида бармеояд, дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда ҳоло ҳам камбудиҳо ҷой доранд, ки онҳо метавонанд танҳо бо воситаи татбиқи низоми муосири андоз баррасӣ гарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Маълумотномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2018 (КА ҲҶТ)
2. Кодекси андози Ҷумхурии Тоҷикистон Душанбе: «Ирфон», 2012;
3. Дастурамал дар бораи «Хисоб ва пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард» Душанбе, 2012
4. Исломов Т.С. Таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии системаи андозбандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009
5. Улуғхоҷаева Х.Р. Андоз ва андозбандии ҶТ. Китоби дарсӣ. -Душанбе,2009 с.



***Хоркашов И.С., Нодиров Ф.М. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## МОРАТОРИЯИ САНҶИШИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ НАВБАТӢ

Дар Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат омадааст, ки “... корҳоро доир ба ҷалби маблағҳои имтиёзнок тақвият бахшида, дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шавад.

Дар ин раванд, ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми электронии пайгирии муроҷиати сармоягузорон дар доираи «Равзанаи ягона» ва таҳияи тартиби роҳандозии ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳамаи сатҳҳои мақомоти давлатӣ бояд чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шавад”.

Масъалаи ба таъхир андохтани санҷиши субъетҳои фаъолияти соҳибкорӣ ё ин ки моратория, маҳз дар доираи амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ба роҳ монда мешаванд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи амалӣ намудани Стратегияи миллии рушд барои давраи то 2030 қарор дорад. Бинобар ин, Ҳукумати кишвар барои дар амал татбиқ намудани Стратегияи мазкур аз тамоми усулу воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ истифода менамояд.

Дар байни ин усулу воситаҳои дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ пеш аз ҳама мораторияи санҷиши субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкориро номбар намудан мумкин аст. Ҷараёни пешниҳод намудани имтиёзҳои мухталиф ба субъектҳои хоҷагидории кишвар бинобар баланд бардоштани нақши онҳо дар низоми иқтисодӣ якчанд давраҳоро дар бар мегирад. Аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 21 феврали соли 2018, №1505 мебошад.

Мораторий ба санҷишҳои субъектҳои соҳибкорӣ гуфта, муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳоеро меноманд, ки дар асоси Қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ бинобар санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дода шудааст.

Ба ибораи дигар дар давраи моратория як қисм ё ин ки қисми бештари ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар бахши санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ боздошта мешаванд.

Моратория аз истилоҳи лотинии moratorius гирифта шуда, ба маънои ба таъхир гузоштан, аз ҷумла ба таъхир гузоштани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ фаҳмида мешавад.

Мораторияи субъектони соҳибкориро моратории махсус гуфтан мумкин аст, чунки танҳо ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дода мешавад. Субъекти соҳибкории истеҳсолӣ – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиеро меноманд, ки ба истеҳсоли молу маҳсулот машғул мебошад. Санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ як намуди фаъолияти мақомоти давлатии санҷишӣ буда, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки давраи мораторий ба санҷишҳо – муҳлате мебошад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар ин ҷо якчанд фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар намудан мумкин аст:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990 “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ”;
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2019, № 1181 “Дар бораи ворид намудани тағйириру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990”;
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022 “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ”, ки мувофиқи он ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ то 1 январи соли 2023 мораторий эълон карда шудааст.

Барои татбиқ намудани имтиёзи зикршуда, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиеро, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд, ба шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод менамояд.

Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ рӯйхати пешниҳодшударо баррасӣ намуда, барои ворид намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ қарор қабул мекунад.

Субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ дар асоси қарори шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи қабули қарор ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид карда мешавад.

Шакли феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва тартиби пешбурди онро шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ менамояд.

Дар давраи татбиқи мораторий ба санҷишҳо амали муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ боздошта мешавад:

- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» ва ғайраҳо.

## АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»

***Раҳимов С.Х. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## ТАЪСИРИ РАҚАМИКУНОНӢ БА РУШДИ ИНДУСТРИЯИ САЙЁҲӢ

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар ҳама самтҳои фаъолият боиси дигаргуниҳои амиқи бизнес-ҷараёнҳо ва дар натиҷа ба тағйирот дар низомҳои идоракунии сайёҳӣ дар ҳама сатҳҳо оварда мерасонад. Тағйироти куллӣ муқарраротҳи бунёдии ташкили менеҷмент дар сайёҳиро низ фаро мегирад, ки омӯзиши илмиро талаб мекунанд. Чунин таҳқиқотҳо барои асоснок кардани стратегия ва амалияи рушди сайёҳӣ дар шароити рақамисозӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи самтҳои алоҳидаи сайёҳӣ заруранд.

Таъсири рақамикунонӣ ба сайёҳӣ бояд дар якчанд сатҳҳо баррасӣ карда шавад: сатҳи мега-, макро-, мезо- ва микроиқтисодиёт. Сатҳи мегаиқтисодӣ ба сатҳи сайёҳии байналмилалӣ мувофиқат мекунад, ки ба он технологияҳои нави рақамӣ, аз қабили Big Data, зеҳни сунъӣ, Интернети ашё (IOT), технологияҳои мобилӣ ва ғайра таъсир мерасонанд [3].

Дар асри XXI фаъолияти ширкатҳои сайёҳиро бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Барои рақобатпазир будан ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ҳатмӣ аст. Дар чунин ҳолатҳо турагентҳо ва туроператорони хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд намудҳои нави хизматрасониро таҳия ва истифода баранд, ки на танҳо ба сайёҳон писанд оянд, балки беназир бошанд. Барои ин ташаккул додани чунин хадамотҳои нави истеъмолӣ зарур аст:

-хизматрасонии ҳамаҷониба тавассути васеъ намудани доираи хизматрасониҳои иловагӣ;

- такмил додани дастгирии пас аз фурӯш ба харидор;

– ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии хизматрасонӣ.

Дар бораи бастабандии динамикӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки он як конструктори универсалии сайёҳии инфиродӣ мебошад, ки ба мо имкон медиҳад, то дар тӯли якчанд дақиқа фармоиш кунед, хидматҳоро пардохт кунед ва чиптаҳоро бо шартҳои имтиёзнок харидорӣ намоем. Бо шарофати пешниҳодҳои махсуси интиқолдиҳандагон ва меҳмонхонаҳо, нарх дар маҳсулоти сайёҳӣ одатан нисбат ба хидматҳои алоҳида дар срмонаҳои ширкатҳои таъминкунанда арзонтар аст.

Таҳқиқот дар самтҳои танзими давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо назардошти таъсири технологияҳои рақамӣ, масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи миллӣ, ташаккули сиёсати давлатии маблағгузорӣ лоиҳаҳои инноватсионии сайёҳӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои миллӣ ва барномаҳои рушди сайёҳӣ маҳсуб меёбад [2]. Барои такмил додани менеҷменти сайёҳӣ дар сатҳи мегаиқтисод зарур аст, ки рӯйхати асосноки нишондиҳандаҳои махсус таҳия карда шавад, то имкон диҳанд, ки таъсири рақамисозӣ ба фаъолияти сайёҳӣ баҳодиҳии объективӣ фароҳам оранд.

Сатҳи мезоиқтисодӣ ба низомҳои сайёҳӣ дар сатҳи кластерҳо ва дестинатсияҳо мувофиқат мекунад. Масъалаҳои асосӣ аз нуқтаи назари менеҷменти сайёҳӣ омӯзиши таъсири рақамикунонии сайёҳӣ ба рушд ва идоракунии системаҳои сайёҳии минтақавӣ, таъсири фаъолияти сайёҳӣ ба иқтисодиёти минтақа, рушд ва идоракунии сайёҳии минтақавӣ мебошанд. Дар кишвари мо барномаҳои рушди сайёҳӣ ба консепсияи равиши кластерӣ асос ёфта, дар баробари ин асосноккунии илмии назарияи кластер дар соҳаи сайёҳӣ рушди амиқ ва ҳамаҷониба бо дарназардошти рушди рақамикунонии иқтисодиёт зарур аст. Омӯзиши истифодаи усулҳои омӯзиш дар ташаккул ва идоракунии кластерҳо ва мавзеъҳои сайёҳӣ

таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад [3, с.96]. Ин самти таҳқиқоти илмӣ муҳим ва ояндадор аст, зеро он эҷоди методологияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташаккул ва идоракунии кластерҳои сайёҳиро дар бар мегирад.

Дар замони муосир ткхнологияҳои рақамӣ ба инфраструктураи сайёҳӣ бештар ҷорӣ карда мешаванд. Pricewaterhouse Coopers омодагии шаҳрҳои бузурги ҷаҳонро барои қабули технологияҳои оянда тавассути арзёбии омодагии инфрасохтори онҳо таҳқиқ кардааст. Сингапур (62% омода), Лондон (59%), Шанхай (55%), Москва ва Ню-Йорк (53% ҳар кадом) дар рейтинги омодагии бузургтарин шаҳрҳои ҷаҳон ба татбиқи технологияҳои рақамии оянда дар ҷои аввал мебошанд. [4, с.67]. Дараҷаи рақамикунонии фарҳанг ва сайёҳӣ аз рӯи мавҷудияти дӯконҳои бисёрфунксионалӣ ва истгоҳҳои оқилона дар кӯчаҳо, замимаҳои мобилӣ барои сайёҳон, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар фурудгоҳҳо ва осорхонаҳо арзёбӣ гардида, ҷойҳои аввалро Барселона, Сингапур, Шанхай, Маскав гирифтанд.

Микросатҳи сайёҳиро корхонаҳои алоҳидаи сайёҳӣ-саноатӣ ифода мекунанд. Масъалаҳои мубрами таҳқиқи шаклу усулҳои нави ташкили саноати сайёҳӣ дар иқтисодиёти рақамӣ, тағйир додани хатарҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, бо назардошти рақамикунонӣ, таъсири рақамикунонии равандҳои бизнес ба фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба эътибор гирифта мешаванд.

Рақамикунонии иқтисодӣ боиси пайдоиши навъҳои нави корхонаҳои саноати сайёҳӣ, аз ҷумла ширкатҳои виртуалӣ, сохторҳои шабакавии дар фазои тақсимшуда мегардад. Мутобиқшавӣ дар ташкили тиҷорати рақамии сайёҳӣ нақши марказӣ мебозад, зеро ширкатҳо барои иваз кардани иерархияи сохторӣ бо шабакаи дастаҳои дорои салоҳияти зарурӣ ҳарчи зудтар рақобат мекунанд [5, с.198].

Таъсири рақамисозӣ ба тағирёбии талабот ва рафтори истеъмолкунандагон, дастгирии хуби иттилоотӣ, ки тамоми маълумоти барои сайёҳ заруриро дар бар мегирад, аҳамияти махсус дорад. Тибқи омор, технологияҳои рақамӣ барои сайёҳон ҳам ҳангоми интихоби макони сайёҳӣ ва ҳам ҳангоми сайру саёҳат хеле муҳиманд. Ҳангоми ба нақша гирифтани сафар 80% сайёҳон видеоҳо ва аксҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашршударо меомӯзанд, ки ба макони интихобшуда марбутанд, 86% сайёҳон алоқаи мобилиро ҳангоми сафар чизи асосӣ медонанд, 73% сайёҳон бар ин боваранд, ки билетҳои саворшавӣ ва чиптаҳои электронӣ саёҳатро хеле содда мекунанд, 75% сайёҳон саёҳатҳои худро дар сомонаҳо мегузоранд, 37% сайёҳон ҳангоми сафар ба хидмати консерж дар смартфон ниёз доранд, 69% мехоҳанд миқдори максималии имконпазирро дар бораи макони таъиншуда гиранд; ба ҳисоби миёна сайёҳон ҳангоми сафар аз 17 замимаи гуногуни мобилӣ истифода мебаранд [6, с.140].

Масъалаҳои омӯзиши таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ташаккул ва пешбурди хизматрасониҳои сайёҳӣ, рақобатпазирӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунии сайёҳӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар бахши сайёҳӣ, ки ба нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонанд, мубрам мебошанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки равандҳои бизнесро дар соҳаи сайёҳӣ ба куллӣ тағйир медиҳанд, аҳамияти хоса дорад. Самтҳои нави рушди сайёҳии рақамӣ технологияҳои блокчейнро дар бар мегиранд, ки пойгоҳи маводҳои тақсимшударо амалӣ мекунанд, ки дар он дастгоҳҳои нигаҳдории маълумот ба сервери умумӣ пайваст нестанд. Дарояндаи наздик технологияҳои blockchain аз ҷониби агентиҳои сайёҳии онлайн, муҳаррикҳои ҷустуҷӯии мега, GDS, ширкатҳои ҳавопаймоӣ истифода хоҳанд шуд, ки боиси тағйироти куллӣ дар равандҳои бизнес дар соҳаи сайёҳӣ мегардад.

Дараҷаи кунунии рушди таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ ба тамоми соҳаи бизнеси сайёҳӣ ва тамоми ҷузъҳои бозори сайёҳӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити ҷомеаи инноватсионии иттилоотию коммуникатсионӣ нақшаи ҳамкории ҳама субъектҳои бозори сайёҳӣ, аз ҷумла истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ тағйир меёбад. Иттилоот ба муҳимтарин манбае табдил ёфтааст, ки афзалиятҳои истеъмолкунандагонро ташаккул дода, ҷолибияти ҳам маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳам макони сайёҳиро муайян мекунад [7, с.33].

Хусусияти фарққунандаи бизнеси сайёҳӣ дар шароити рақамикунонӣ аҳамияти хоси қисмати иттилоотӣ, миқдори зиёд ва гуногунии љараёнҳои иттилоотӣ, бо зарурати навсозии доимӣ, суръати баланди мубодилаи иттилоот байни ҳамаи субъектҳои хоҷагидор мебошад. Дар байни ҳамаи иштирокчиёни бозори сайёҳӣ робитаҳои иттилоотӣ вуҷуд доранд. Маълумоте, ки барои истифодабарандагони ниҳоӣ (сайёҳон) пешбинӣ шудааст, ҷои махсусро ишғол мекунад, зеро маҳз ҳамин ҷузъи дастгирии иттилоотии фаъолияти сайёҳӣ дар муайян кардани ҷолибияти сайёҳӣ ва интихоби сайёҳон нақши калидӣ мебозад. Ин ба хусусиятҳои хоси маҳсулоти сайёҳӣ ва зарурати пешниҳоди маълумоти ҳамаҷониба дар бораи самтҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшуда вобаста аст. Ба назар чунин мерасад, ки сифати таъминоти иттилоотии сайёҳӣ омили муҳимтаринест, ки ба сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсири мустақим мерасонад. Мундариҷаи таъминоти иттилоотии фаъолияти сайёҳӣ аз бисёр ҷиҳат симои мавзеъҳои сайёҳиро муайян намуда, ҷолибияти онҳоро барои сайёҳон ташаккул медиҳад.

Дараҷаи кунунии рушди таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ ба тамоми соҳаи бизнеси сайёҳӣ ва тамоми ҷузъҳои бозори сайёҳӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити љомеаи инноватсионии иттилоотию коммуникатсионӣ нақшаи ҳамкории ҳамаи субъектҳои бозори сайёҳӣ, аз љумла истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ тағйир меёбад [8, с.436].

Мубодилаи мундариҷа, афкор, таҷриба ва маълумоти дахлдори ВАО, ҷустуҷӯи на танҳо барои шахсони дорои манфиатҳои якхела, балки барои худи объектҳои ин манфиатҳо (сайёҳӣ, варзиш ва ғайра) амалҳои асосии корбарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ, тадриҷан ба ташкил ва ташаккули гуруҳҳо ва ҷамъиятҳои тематикии ширкатҳо ва брендҳо оварда расонд.

Бо истифодаи васеъи технологияҳои рақамӣ, маркетинги васоити ахбори иҷтимоӣ (SMM, Маркетинги иҷтимоӣ) ба як муҳимияти хеле маъмул табдил ёфтааст.

Дар шароити рақамисозӣ рушди сайёҳӣ бо афзоиши рақобат байни ҳамаи иштирокчиёни бозори сайёҳӣ тавсиф мешавад. Рақобатпазирии инноватсионӣ, ки аз ҷумла, дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ зоҳир мегардад, ки асосан тамоюлҳои асосии рушди сайёҳро муайян мекунанд, аҳамияти хоса дорад. Масалан, афзоиши як қисми сайёҳии ташрифӣ дар саросари ҷаҳон маҳз бо пайдоиши имкониятҳои нави иттилоотӣ ва технологӣ алоқаманд аст, ки ба сайёҳон имкон медиҳанд, ки хидматҳои сайёҳӣ, аз ҷумла манзил, чиптаҳои нақлиётӣ, иҷораи мошин ва ғайраро мустақилона фармоиш кунанд.

Дастгирии иттилоотии бизнеси сайёҳӣ маҷмӯи махзани иттилоотӣ оид ба фаъолияти сайёҳӣ ва технологияҳои махсуси иттилоотӣ мебошад, ки барои коркарди он пешбинӣ шуда, фаъолияти самараноки бизнеси сайёҳӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунии сайёҳиро таъмин менамояд.

Дар шароити рақамисозӣ ва ҷаҳонишавии бозори сайёҳӣ нақш ва аҳамияти мубодилаи иттилоот байни ҳамаи иштирокчиёни бозори сайёҳӣ меафзояд. Ин пеш аз ҳама ба ҷараёнҳои иттилоотӣ дахл дорад. Барои таъмини рақобатпазирии ширкати сайёҳӣ бояд як фазои иттилоотӣ таъсис дода шавад: таъминкунанда – фурӯшандаи маҳсулоти сайёҳӣ. Сифат ва аҳамияти дастгирии иттилоотии бизнеси сайёҳӣ ба сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ мустақиман таъсир мерасонад, зеро ҳама гуна номувофиқатӣ ё нодурустии маълумоти аз ҷониби истифодабарандаи ниҳоӣ гирифташуда, масалан, дар бораи иншооти ҷойгиркунӣ, хидматҳои иловагӣ, метавонад ба таассурот ва таҷрибаи сайёҳӣ, ки сайёҳ қабул мекунад, таъсири манфӣ расонад.

Илова бар ин, дар шароити муосир сифати маҳсулоти сайёҳӣ на танҳо бо сифати хизматрасониҳои асосӣ, балки бо мављудият ва сатҳи таъминоти иттилоотию коммуникатсионӣ муайян карда мешавад.

Дар айни замон, маҳз дастгирии иттилоотии тиҷорат ҳамчун манбаи стратегии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва самти баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар сайёҳӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ (сатҳи макро, мезо ва микро) ба ҳисоб меравад. Бизнеси сайёҳӣ як қатор технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ истифода мебарад, ки имкон медиҳад тиҷорат

бо истифода аз телекомуникатсияи мобилӣ анҷом дода шавад, масалан, имкон дорад, ки тавассути ҳавопаймо ба ҳар гӯшаи ҷаҳон занг занед.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бехатарӣ ва сифати хизматрасонии сайёҳонро беҳтар мекунад, зеро ташкил, идоракунӣ ва назорати ҳамлу нақли ҳавоӣ бо истифода аз системаҳои электронӣ амалӣ карда мешавад, ба нақша гирифтани хатсайр ва ҷадвал, назорат ва таҳлили пайдарпаии парвозҳо ва ба идоракунии ҳайати кормандон кӯмак мерасонад. Дар маҷмааҳои меҳмонхонаҳо сатҳи баланди хизматрасониро бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки фармоишҳои электронӣ, калидҳои электронӣ ва дигар технологияҳо, ки сифати хизматрасониро беҳтар намуда, дар айни замон оптимизатсияи шумораи кормандонро фароҳам меоранд, таъмин кардан мумкин нест. Технологияҳои иттилоотии шабакавӣ самти актуалӣ ва ояндадори рушди дастгирии иттилоотиро ифода мекунанд. Онҳо мубодилаи иттилоотро байни истифодабарандагони алоҳидаи системаҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарорӣ, имконияти мубодилаи захираҳои иттилоотии паҳншуда, аз фондҳои махсуси иттилоотӣ гирифтани маълумотнома, ҳуҷҷатӣ ва дигар маълумотро таъмин мекунанд.

Хулосаҳо. Солҳои охир соҳаи сайёҳии муосир бинобар таҳия ва татбиқи системаҳои нави иттилоотӣ ва технологияҳои соҳаи сайёҳӣ дигаргуниҳои хеле ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Фаъолияти бомуваффақияти ҳар як ширкатро дар бозори тиҷорати сайёҳӣ бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ амалан ғайриимкон аст. Хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи маҳсулоти сайёҳӣ чунин системаҳои иттилоотиро талаб мекунанд, ки маълумотро дар бораи мавҷудияти воситаҳои нақлиёт, имконияти ҷойгиркунии сайёҳон ҳарчи зудтар таъмин намуда, зуд фармоиш кардани ҷойҳоро таъмин кунанд, чиптаҳо, ҳисобномаҳоро пешниҳод кунанд, ҳисоббаробаркуниро таъмин кунанд. Илова бар ин, технологияи иттилоотӣ як атрибути зарурии кафолати сифати хизматрасонӣ ба сайёҳон мебошад, зеро корбарони ниҳоӣ ба дастгирии иттилоотии хидмати гирифташуда, аз ҷумла пайвасти доимӣ ва боэътимоди интернет, мавҷудияти алоқаи мобилии гуногун талаботи хеле баланд доранд. Инро метавон тавассути васеъ истифода бурдани технологияҳои компютерии муосири коркард ва интиқоли иттилоот дар сайёҳӣ ба даст овард.

Дар айни замон, ҳамлаи электронӣ ба тиҷорати анъанавии сайёҳӣ вуҷуд дорад. Идораҳои электронии сайёҳӣ ба ҳар касе, ки корти кредитӣ дорад, имкон медиҳад, ки роҳхат харанд, парвоз ё меҳмонхона фармоиш диҳанд, чиптаҳоро ба чорабиниҳои фароғатӣ харидорӣ кунанд ва дар ҳар гӯшаи ҷаҳон иҷораи мошинро фармоиш диҳанд. Ҳамин тариқ, технологияи компютерӣ эҷод ва истифодаи каналҳои нави маркетинги электрониро барои пешбурд ва маркетинги маҳсулоти сайёҳӣ ба вуҷуд овард.

Ҳамин тариқ, таъсири рақамисозӣ ба афзоиши рақобат дар сайёҳӣ, суръатбахшии ҷаҳонишавӣ ва тағирёбии рафтори истеъмолии сайёҳон таъсир мерасонад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм (АМОҶТ с. 1999, № 9, мод. 228; с. 2005, №12, мод. 641; с.2009, №5, мод. 337; с.2012, №12, қ.1, мод.1016, с.2013, №12, мод.902 )

2 . Бухгалтерский учет в отраслях народного хозяйства: учеб. пособие. / О. В. Зинкевич, С. А. Левицкая, И. П. Нагавичко и др. – Ровно: НУВГП, 2006. – 268 с.

3. Кальченко Е.М. Оценка влияния факторов развития предприятий туристической сферы/О.М. Кальченко // Научный вестник ЧГИЭУ. – 2013. – №3 (19). – С. 94-101

4. Кармелюк Г. Экономико-математическое моделирование туристической отрасли Украины / Г. Кармелюк // Галицкий экономический вестник. – 2012. – №2 (35). – С. 62-70.

5. Лэндел М.А. Проблемы и перспективы развития рекреационно-туристической сферы и ее регионов / М.А. Лендел // Научный вестник Ужгородского университета. Серия ―Экономика‖. – 2013. – Вып. 1(38). – С.196-199

6. Папп В.В. Воздействие индустрии туризма на социально-экономическое развитие региона (на примере Закарпатской области) / В.В. Папп // Устойчивое развитие экономики. – 2015. – №3 [28]. – С. 138-146

7. Стратегическое развитие туристического бизнеса: монография/Т.И. Ткаченко, С.В. Мельниченко, М.Г. Бойко и др.; под общ. ред. А.А. Мазаряки. – М.: Киев. нац. торг.-эконом. ун-т, 2010. – 596 с.
8. Mehdi Khosrow-Pour. Encyclopedia of Information Science and Technology, Fourth Edition (10 Volumes). IGI Global, June, 2017. — 8104 с.

***Нидоев П.Ф., Усмонова С.А. - Донишгоҳи байналмиллалӣ сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУОСИРИ АНДОЗҲО ДАР НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки механизмҳои андоз ба инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, динамика ва сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимоти он имкониятҳои калони таъсиррасониро доранд. Ҷамъовариҳо ва пардохтҳои андозӣ сарчашмаи асосии ташкилёбии буҷети давлат ба ҳисоб меравад, чунки барои ҳар як давлат барои иҷро намудани вазифаҳои худ фонди воситаҳои пулӣ зарур мебошад ва ба мо маълум аст, ки сарчашмаи асоситарини воридоти захираҳои молиявии давлат ин аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҳисоби ин воситаҳо барномаҳои давлатию иҷтимоӣ ва таъминоти сохторҳои идоракунии давлатӣ таъмин карда мешаванд.

Имрӯз мутобиқ ба маълумотҳои мақомотҳои давлатӣ дар соҳаи андоз якчанд омилҳои гуногунро вобаста ба масъалаҳои андозӣ дар мақолаи мазкур рӯи варақ меорем: Нақшаи 1.




Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020 дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣПешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, ҷиҳати таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020», таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз маҷлиси ҷамъбастии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, чораҷӯӣ намуданд. Бо вуҷуди тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳо аз ҷониби мақомоти андоз, дар нимсолаи якуми соли 2020 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ таъмин нашуд. Иҷрои нақша ба андозаи 92,9% таъмин гардида, ба ҷойи 5 млрд 259,9 млн сомонӣ ба буҷети давлатӣ 4 млрд 887,4 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 372,5 млн сомонӣ кам мебошад. Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 104,4%, вилояти Хатлон 100,3%, вилояти Суғд 100,9%, шаҳри Душанбе 100,2% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон, ки воридоти маблағҳо аз ин ҳисоб ба буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шуда буд, 58,0% таъмин гардид. Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ дар 4 шаҳру ноҳия иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таъмин нагардид, аз

ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар ҳамагӣ 84,2%, Левакант 80,6%, Турсунзода 80,0% ва Рӯдакӣ 89,3% иҷро шуд, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 45,3 млн сомонӣ ворид нашуд.

**Сабабҳои таъмин нашудани нишондиҳандаҳо.** Сабабҳои таъмин нашудани нишондиҳандаҳо масъалаи таъмини нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи ҷамъоварии андозҳо омилҳои гуногунро дар худ таҷассум менамоянд.

Ҷадвали 1.

| ПАСТШАВИИ АНДОЗҲО ДАР СОЛИ 2020 | | |
|---|---|---|
| **№** | **Номгӯи андозҳо** | **фоиз ва даромад (млн.сом.)** |
| 1. | иҷрои нақшаи андоз аз фоида, | 86,5% |
| 2. | андоз аз арзиши иловашуда | 86,0%, |
| 3. | андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 96,7%, |
| 4. | андози тибқи низоми содакардашуда | 85,0%, |
| 5. | андоз аз воситаҳои нақлиёт | 89,8%, |
| 6. | андозҳо аз молу мулки ғайриманқул | 90,7% |
| 7. | аз ин ҳисоб ба буҷет, ворид нагардид | 380 млн сомонӣ |
| 8. | аз ҷумла аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда ворид нагардид | 175 млн сомонӣ |

Мутобиқи ҷадвали 1 таъмин нагардидани нишондиҳандаҳои пешбинишуда аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои номбурда мутаносибан ба таъмини сифатноки иҷрои нақша таъсири манфӣ расонид ва дар ин давра, иҷрои нақшаи андоз аз фоида 86,5%, андоз аз арзиши иловашуда 86,0%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 96,7%, андози тибқи низоми содакардашуда 85,0%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 89,8%, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул 90,7%-ро ташкил дод, ки аз ин ҳисоб ба буҷет, дар маҷмӯъ, беш аз 380 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда зиёда аз 175 млн сомонӣ ворид нагардид.

Омили дигаре, ки таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ба он вобаста мебошад, ин бо дарназардошти дар аксари давлатҳои ҷаҳон ва минтақа ба миён омадани ҳолати фавқулода вобаста ба паҳншавии **беморӣи сироятии коронавирус**, ки натиҷаи онро дар ҷадвали навбатӣ дида мебароем:

Ҷадвали 2.

| **№** | **Таъсири беморӣи сироятии коронавирус дар таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозбандӣ** |
|---|---|
| **1.** | *нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳо* |
| **2.** | *коҳиш ёфтани хизматрасониҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурӯдгоҳҳо* |
| **3.** | *коҳиш ёфтани ширкатҳои хизматрасонӣ ба ҳамин соҳаҳо* |
| **4.** | *коҳиш ёфтани ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо* |
| **5.** | *фаъолият накардани аксар бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ, хизматрасонӣ* |
| **6.** | *коҳиш ёфтани гардиши савдои чакана* |
| **7.** | *ногувор шудани вазъи молиявии баъзе аз корхонаҳо* |

Мутобиқи ҷадвали 2 беморӣи сироятии коронавирус таъсирашро бевосита ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ расонида истодааст, ҳамчунин, вобаста ба ин ҳолати бавуҷудомада, нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳо, коҳиш ёфтани хизматрасониҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурӯдгоҳҳо ва ширкатҳои хизматрасонӣ ба ҳамин соҳаҳо, ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, фаъолият накардани аксар бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ, хизматрасонӣ, коҳиш ёфтани гардиши савдои чакана ва ногувор шудани вазъи молиявии баъзе аз корхонаҳо мебошад, ки дар натиҷа нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи қисми даромади буҷети давлатӣ таъмин нашуд.

Сабаби дигаре, ки дар ин давра ба таъмин нашудани иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ таъсир расонид, ин дар сатҳи зарурӣ афзоиш наёфтани музди меҳнат ва шумораи коргарон дар баъзе корхонаю ташкилотҳо мебошад, ки манбаи андозбандии андоз аз

даромад ва андози иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупорандагон, дар нимсолаи якуми соли 2020 музди миёнаи моҳонаи онҳо 5,4 фоиз (85 сомонӣ) афзоиш ёфтааст, аммо шумораи коргарони корхонаю ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ дар миқёси ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 1,1 фоиз ё 3378 нафар кам шудааст, ки барои таъмини иҷрои нақшаи андози даромад аз шахсони воқеӣ, ки дар соли 2020 бо афзоиши 12,4 фоиз қабул шудааст, нокифоя мебошад. Дар натиҷаи дар баъзе субъектҳои хоҷагидор кам гардидани музди миёнаи маоши моҳона ва кам афзоиш ёфтан ё афзоиш наёфтани шумораи коргарон дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби андоз аз даромад ба буҷети давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 96,5 млн сомонӣ кам маблағ ворид шуд. Бо сабаби пурра таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ва мутаносибан, кам шудани маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба иншооти муҳими давлатӣ ва сармоягузориҳо, воридоти маблағи андозҳо коҳиш ёфта, боиси дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷет гардид. Бақияи қарзи андозҳо – мушкили рӯз, бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 июли соли 2020 маблағи умумии 997,7 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2020 ба андозаи 417,4 млн сомонӣ зиёд гардидааст. Сарфи назар аз чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз андешидашуда, маблағи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 июли соли 2020 нисбат ба аввали сол аз ҳисоби КВД "Ширкати Алюминийи тоҷик" 12,0 млн сомонӣ, ҶДММ "Талко Ресурс" 13,3 млн сомонӣ, ШСХК "Барқи тоҷик" 11,6 млн сомонӣ, ҶСК "НОБ Сангтуда -1" 65,8 млн сомонӣ, ҶСК "НБО Роғун" 48,0 млн сомонӣ, ҶСП "Сомон Таҷҳизот" 7,3 млн сомонӣ, ҶСК "Тоҷиктелеком" 9,3 млн сомонӣ, ҶДММ "Талко Флюорит" 28,0 млн сомонӣ, КВД "ММЭР" 5,4 млн сомонӣ, КВД "Фулузоти нодири Тоҷикистон" 7,6 млн сомонӣ, фурудгоҳҳо ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ 36,0 млн сомонӣ ва дигар корхонаҳо зиёд гардидааст. Дар нимсолаи аввали соли 2020 аз тарафи мақомоти андоз дар мавриди зиёда аз 4890 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар маҷмӯъ, ба маблағи умумии 490,0 млн сомонӣ 7400 адад қарор қабул шудааст, ки аз ин 4530 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай ба маблағи 452,0 млн сомонӣ, 10 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 5,8 млн сомонӣ ва 2860 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 33,0 млн сомонӣ мебошад. Дар ин давра аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 344,0 млн сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2019 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2020 идома дошт, 66,6 млн сомонӣ ворид карда шудааст. Дар натиҷа, маблағи умумии ба буҷет воридшуда 410,8 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба андозаи 112,0 млн сомонӣ ё 37,5 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарорҳои қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба андозаи 2940 адад ё 65,0 фоиз зиёд аст. Ба мақомоти ҳудудии андоз бори дигар таъкид карда шуд, ки ба масъалаи кам кардани қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, дар мавриди шахсоне, ки ба пайдоиши бақияи қарзи ин намуди андоз роҳ додаанд, тибқи талаботи қонунгузорӣ, чораҳои иловагӣ андешанд.

Бартараф намудани масъалаҳои овардашуда бо роҳҳои зерин ҳаллу фасл карда мешавнд, ки онҳоро дар нақшаи зерин дида мебароем.

**Корҳои назоратӣ – самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз.** Дар нимсолаи якуми соли 2020 дар натиҷаи беҳтар намудани корҳои назоратӣ зиёда аз 8960 адад андозсупоранда барои ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба онҳо ба сифати ҷазо ба маблағи умумии 66,8 млн сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин карда шудааст. Аммо аз ҳисоби ҷаримаҳои таъингардида ба буҷети давлатӣ ҳамагӣ 55,8 млн сомонӣ ворид шудааст, ки 83,5 фоизи ҷаримаҳои татбиқшударо ташкил медиҳад.

Маблағи бақияи ҷаримаҳои маъмурии ба ҳолати 1 январи соли 2020 татбиқшуда 28,7 млн сомониро ташкил дода буд ва аз ин маблағ дар нимсолаи якуми соли 2020 ба буҷет ҳамагӣ 5,7 млн сомонӣ ворид шудааст, ки аз фаъолияти нокифояи мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Накшаи 2.




**Корҳои фаҳмондадиҳӣ - воситаи пешрафти соҳа**. Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳанд, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо ҳамчун самти афзалиятноки фаъолият ба пешрафти соҳа мусоидат карда истодаанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон дар мавзӯъҳои дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридшуда, тартиби дуруст пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда, андоз аз фоида, рафти таъмини иҷрои талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андозбандии андоз аз суди саҳмияҳо, андозбандӣ дар манбаи пардохт ва ба иҷора додани қитъаҳои замини таъиноташон кишоварзӣ, татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020, №1544 “Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар масъалаҳои марбут ба маъмурикунонии андоз, дар маҷмӯъ, 474 семинар– машварату вохӯриҳо баргузор карда шуданд, лекин ба ҳар ҳол масъалаҳои таҳкими фаъолияти кормандони мақомоти андоз мебояд дида баромада шавад.

**Гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз.**

Гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андозро мо дар ҷадвали зерин дида мебароем.

**Ҷадвали 3.**

| БА ТАРТИБИ ЭЛЕКТРОНИИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ АНДОЗСУПОРАНДАГОН | | |
|---|---|---|
| № | Шаҳру ноҳияҳо | Фоизнокии гузариш ба низоми ХЭА |
| 1. | Ваҳдат | 20,7 |
| 2. | Рашт | 31,4 |
| 3. | Муъминобод | 30 |
| 4. | Нуробод | 19,7 |
| 5. | Рӯдакӣ | 18,8 |
| 6. | Сангвор | 22,2 |
| 7. | Хоруғ | 28,6 |
| 8. | Ванҷ | 10,7 |
| 9. | Дарвоз | 11,7%, |
| 10. | Ишкошим | 2,8% |
| 11. | Мурғоб | 4,7% |
| 12 | Рошткалъа | 16,8 % |

Таҳлили гузариши андозсупорандагон ба тартиби тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз гувоҳӣ медиҳад, ки дар баъзе мақомоти ҳудудии андоз гузариши андозсупорандагон ба ин намуди пешниҳоди ҳисобот то ҳол дар сатҳи паст қарор дорад.

Мутобиқи ҷадвали 3. дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат – 20,7%, Рашт – 31,4%, Муъминобод - 30%, Нуробод – 19,7%, Рӯдакӣ - 18,8%, Сангвор - 22,2%, Хоруғ – 28,6%, Ванҷ – 10,7%, Дарвоз – 11,7%, Ишкошим - 2,8%, Мурғоб - 4,7%, Роштқалъа – 16,8 %-и андозсупорандагон ба тартиби электронии пешниҳоди ҳисобот гузаштаанду халос. Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз мебояд тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андоз ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ", ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26 январи соли 2013, №2-ф тасдиқ гардидааст, ҷиҳати гузариши андозсупорандагон ба пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ чораҷӯӣ намоянд.

**Масъалаҳои маъмурикунонии андоз** аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андози тибқи низоми содакардашуда, масъалаҳои инвентаризатсияи молу мулки ғайриманқул ва андозбандии иҷораи молу мулки ғайриманқул, Масъалаҳои назорати мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои накдӣ, гузаронидани хариди назоратӣ, риояи қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ, масъалаҳои гузаронидани муоинаи хронометражӣ. Дар ин замина пешниҳоди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2020, №21/27- 135 сод. "Дар бораи иҷрои банди 23 Нақшаи чорабиниҳои соҳавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳои ҷойдоштае, ки дар изҳороти Бюрои Департаменти давлатии ИМА дар мавзӯи "Фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон барои соли 2018" дарҷ гардидааст.

Оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишуда Кумитаи андоз мебояд қарорҳои дахлдор қабул менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2020
3. Улуғоджаева Х.Р. «Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон » ш. Душанбе «Ирфон» 2005.
4. Улуғхоҷаева Х.Р. «Налоги и налогообложение Республика Таджикистана». «Ирфон» 2003.
5. «Ҳуқуқи андоз» китоби дарси ш.Душанбе «Қонуният» 2003



***Одинаев Ш.О. - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ***


## СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Доираи сармоягузорон, ки мумкин аст субъектони фаъолияти сармоягузориро ташкил диҳанд, дар асоси қонунҳо махсусан санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки барои танзими муносибатҳои алоқаманд бо маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ва ба ғайр аз ин муносибатҳои шаҳрвандии хусусияти ҳуқуқӣ доштаанд, пешбинӣ шудаанд. Субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки бевосита дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ ҷалб шудаанд.

Субъектони фаъолияти сармоягузорӣ мувофиқи қонунгузорӣ инҳо мебошанд (расми 1):
- сармоягузорон;
- фармоишгарон;
- пудратчиён;
- истифодабарандагони объектҳои сармоягузоришаванда.




**Расми 1. Субъектони фаъолияти сармоягузорӣ**

Субъекти асосии фаъолияти сармоягузорӣ ин сармоягузор мебошад. Дар зери мафҳуми сармоягузор шахси ҳуқуқӣ ва воқеиеро фаҳмидан мумкин аст, ки он тибқи меъёрҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ амал карда, ба объектҳои аҳамияти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва стратегидошта, сармоягузорӣ мекунад.

Сармоягузорон ҳамчун субъектони маркази ҷараёни сармоягузорӣ ваколат ва ҳуқуқҳои бештарро нисбат ба дигар субъектони ҳуқуқии сармоягузорӣ дорад.

Ваколат ва ҳуқуқҳои сармоягузорон инҳоянд [4]

- Мустақилона муайян ва амалӣ намудани ҳамаи амалиётҳо оид ба маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар асоси қонунҳои амалкунандаи марбут ба соҳа;
- Ҳуқуқи мустақилона идора намудани даромади дар натиҷаи ба роҳ мондани фаъолияти сармоягузорӣ ба дастомада;
- Ҳуқуқи ба иҷрорасонии аз нав маблағгузорӣ аз ҳисоби фоидаи амалиётӣ (фондҳо), яъне маблағи ҷудошударо дар иншоотҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳудуди кишвар.

Уҳдадориҳои сармоягузорон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ” дақиқ нишон дода шудаанд.

Уҳдадории умумӣ барои ҳамаи субъектон - ин риоя намудани қонунҳо, ҳифзи муҳити атроф ва самаранок истифодабарии сарватҳои таббиӣ, инчунин риоя намудани шартҳои пешбинӣ намудаи Кодекси меҳнат мебошад.

Вобаста ба мансубияти миллӣ ва бо мақсади муайянкунии хусусиятҳои ба танзимдарории фаъолияти сармоягузорӣ сармоягузоронро ба сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ҷудо менамоянд.

Ба сармоягузорони хориҷӣ дохил мешаванд [3, с. 33]:

- Давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои маъмурӣ – ҳудудӣ дар шахсияти муассисаҳои масъулиятдоштаи онҳо;
- Ташкилотҳои байналхалқӣ;
- Шахсони ҳуқуқии хориҷӣ;
- Шаҳрвандони хориҷӣ;
- Шахсони воқеӣ, ки дар хориҷ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд.

Ба хусусиятҳои хоси ҳуқуқии сармоягузор мансуб буда метавонад:

1. Сармоягузор дар тартиботи ҳуқуқиаш неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро дорад, ки қобилияти гардиширо дорост ва ҳамчун сармояор қонунан маҳдуд нашудааст. Бинобар ин сармоягузор ҳуқуқ дорад, мустақилона оиди сармоягузории арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ хулоса барорад. Ин хусусиятро метавон мустақилияти молиявии сармоягузор номид.

Дар вақти мустақилона қабул намудани қарор оиди сармоягузорӣ баъзан мушкилотҳо пеш меоянд, ки ҳалли онҳо аз мақоми махсус доштаи субъекти мавҷудбуда вобаста аст.

Қонунгузорӣ имкониятҳои истифодабарии воситаҳои шахсӣ, қарзӣ ё ҷалбшавандаи бо мақсади сармоягузорӣ истифода бурда мешударо ба назар гирифтааст.

Ба воситаҳои шахсии сармоягузоор даромад, маблағи истеҳлок, фондҳои махсус, маблағи ҷалбшуда ва амонатҳои шаҳрвандон, ки дар ихтиёри шахсони ҳуқуқӣ мебошад, метавонанд дохил шаванд.

Ба воситаҳои ҷалбшуда ва қарзҳо (заёмҳо) метавон, маблағҳоеро дохил намуд, ки таъиноти муайян ва мақсадноки истифодабариро доранд. Сармоягузор воситаҳои истеҳсолиро ҳамчун сармояи шахсӣ истифода мебарад ва уҳдадор мешавад, ки маблағи дар шартнома нишондодашударо дар муҳлат ва фоизаш баргардонад. Инчунин сармоягузор воситаҳои ҷалбшударо низ метавонад истифода барад [6, с. 43].

Ҳамин тавр, ҷалбнамоии воситаҳо бо роҳи баровардани қоғазҳои қиматнок дар байни шахсони муайян (ҶСП) ё байни тамоми ҷамъият (ҶСК), низ яке аз ҳуқуқҳои инвестор ба ҳисоб меравад.

2. Озодии сармоягузорӣ. Барои амалӣ шудани маҷмӯи ҳуқуқҳо бояд сармоягузор ҳуқуқҳои муайян ва коршоямро донад, гарчанде ки он шахси воқеӣ, ҳуқуқӣ ё ягоне мақомоти салоҳиятдор бошад ҳам. Давлат нисбати ин мақсадҳо салоҳияти маҳдуди ҳуқуқӣ дорад, ки барои қабули қарор оиди интихоби объекти фаъолияти сармоягузорӣ имконият медиҳад.

3. Ҳуқуқи соҳибияти объекти сармоягузоришаванда ва истифодабарии он тибқи мақсадҳои дар шартнома ва оиннома нишондодашуда.

4. Ҳуқуқи сармоягузор ба мустақилона иҷро кардани фаъолият баҳри амалӣ намудани сармоягузорӣ. Сармоягузор метавонад бо хоҳиши худаш вазифаҳои ҳамаи субъектҳои ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро якҷоя кунад. Сармоягузор ҳуқуқ дорад намояндаи комилҳуқуқ тибқи шартнома бо дигар субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ доштани сармоягузориро ҷудо кунад.

5. Ҳуқуқи назорат ва муқоиса бо мақсади истифодаи инвеститсия ё мақсаднокии истифодаи объект.

Инчунин дар қатори инвестор субъектони фаъолияти сармоягузорӣ метавонанд, фармоишгарон, пудратчиён (иҷрокунандагон) ва истифодабарандагони объекти сармоягузоршаванда бошанд.

Фармоишгар – ҳамчун муттаҳид ва беҳтарсозандаи маблағҳои инвесторон барои сармоягузориҳои муштарак пешбинӣ шудаанд. Сармоягузорон метавонанд, дар нақши амонатгузорон, фармоишгарон, кредиторон, харидорон ва ҳатто метавонанд иҷрокунандаи вазифаи дигар иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ (ҳамчунин таҳиякунандаи сохтмон – лоиҳакаш) бошанд. Дар ҷараёни сармоягузорӣ иштирокчиён ва фармоишгарон, ки метавонанд, сармоягузоон ва ҳатто дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ, сармоягузорони ваколатдор бошанд, лоиҳаи сармоягузориро дар амал тадбиқ намоянд.

Мустақилияти фармоишгар, меъёри ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳаҷм ва андозаи онҳоро саҳмгузор муайян намуда дар шартнома қайд мекунад. Фармоишгар дар чорчӯбаи шартномаи сармоягузорӣ то амали шудани лоиҳа амал мекунад. Ин метавонад ба охиррасии объекти нав ва ба комиссияи қабул супоридани он, фоида аз фурӯши қоғазҳои қиматнок ё ба кор андохтани объект пас аз таҷдиду барқароркунӣ бошад.

Хусусияти мавқеи фармоишгар дар он аст, ки ӯ дар асоси шартнома дар доираи салоҳиятнокӣ намояндаи сармоягузор амал мекунад ва бояд мустақилона уҳдадориҳои доштаашро иҷро кунад, ҳуқуқи соҳибиятро дар чорчӯбаи барномаи сармоягузорӣ ба даст меорад, агар ин тухфа барои иҷрои уҳдадориҳо набошад.

Субъекти дигар фаъолияти сармоягузорӣ пудратчиён (иҷрокунандагони кор) мебошанд. Пудратчӣ – ин шахси ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ буда, корҳоро аз рӯи шартномаи пудратӣ ё шартномаи давлатӣ, ки бо фармоишгарон дар алоқамандӣ бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд, амал мекунанд. Пудратчӣ барои иҷрои фаъолияти ҷории худ бояд литсензия (иҷозатнома) дошта бошад.

Вазифаи пудратчиён шароити ҳуқуқии сармоягузориро аз нуқтаи назари ҷалбкунии онҳо барои иштирок дар амаликунонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ доир ба иҷрои супоришҳои алоҳида, корҳои аниқ, пешниҳодкунии хизмат ё дастрас намудани маҳсулоти зарурӣ, ашёи хом ва маводҳо баҳогузорӣ намудан зарур аст. Пудратчиён нисбат ба фармоишгарон масъулияти

камтар доранд. Фармоишгар тамоми рафти амалишавии ҷараёнҳои сармоягузориро, ки сармоягузор ваколатдораш намудааст, то ноил гаштан ба мақсад иҷро мснамояд, аммо пудратчӣ вазифаи аниқро ба иҷро мерасонад. Шартномаро бо пудратчиён метавонанд, ҳам фармоишгарон ва ҳам сармоягузорон банданд.

Субъекти навбати истифодабарандаи объектҳои сармоягузоришуда мебошад, ки ба сифати он сармоягузорон ва ё дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ, давлат ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ, ки барои таъсис додани объекти фаъолияти сармоягузорӣ равона шудаанд, низ баромад карда метавонанд.

Симои истифодабаранда ҳамчун субъекти фаъолияти сармоягузорӣ дар он сурат пайдо мешавад, ки агар манфиатнокии истифодабарии объект аз дониши касбӣ, таҷриба, доштани иҷозатнома вобастагӣ дошта бошад.

Субъектони номбаршудаи фаъолияти сармоягузорӣ – сармоягузорон, фармоишгарон, пудратчиён ва истифодабарандагони объекти сармоягузорӣ, иштирокчиёни асосии ҷараёнҳои сармоягузорӣ мебошанд [5, с. 34].

**Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ.**

Дар натиҷаи баррасӣ намудани объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дида мешавад, ки онҳо ду хусусият доранд. Аз як тараф онҳо ҳамчун захираҳои сармоягузорӣ маблағи даромади истифоданашуда барои истеъмолотро инъикос менамоянд. Аз тарафи дигар бошад, сармоягузорӣ гузоришоришоти муайяни маблағҳоро ба объекти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият, афзоиши арзиши моликияти асосӣ муайян мекунад.

Ба сифати объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ инҳо баромад мекунанд [4]:

- молу мулки ғайриманқул;
- қоғазҳои қиматнок;
- моликияти зеҳнӣ;
- дороиҳои навтаъсис ва модернизатсияи фондҳои асосӣ;
- интиқоли пулӣ нақд;
- маҳсулоти илмӣ - техникӣ;
- дигар объектҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориро дар онҳо манъ накардааст.




**Расми 1. Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ**

Объекти фаъолияти сармоягузорӣ дороҳои моддӣ (бино, иншоот, таҷҳизот), молиявӣ (пулӣ) ва ғайримоддӣ мебошанд, ки субъектони фаъолияти сармоягузорӣ ба онҳо маблағгузорӣ мекунанд. Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ мумкин аст дороиҳои навтаъсис ва модернизатсияи фондҳои асосӣ, амонатҳои мақсадноки пулӣ, қоғазҳои қиматнок, маҳсулоти илмӣ – техникӣ, ҳуқуқи моликият ва ҳатто ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ва дигар навъҳои моликият бошанд.

Объекти дар асоси лоиҳаи сармоягузорӣ сохташуда, метавонад, бо шартнома ба инвестор барои барқароркунии истифодаи мақсадноки объект, тақсими хароҷоти нигоҳдорӣ

ва фоидаи ба дастомада аз истифода дода шавад. Истифодабарандагони объекти фаъолияти сармоягузорӣ метавонанд, шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва давлат бошанд.

Объекти сармоягузори воқеӣ аз рӯи хусусияташ гуногун мешавад. Объекти маъмулии маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ мумкин аст, хароҷот ба қитъаҳои замин, бино ва таҷҳизот бошад. Ғайр аз ин бояд ба хароҷотҳои гуногуни хариди корхона, ҳатто пайдоиши хароҷотҳои бешумор, ки баъди давраи дарозмуддат фоида меоранд, аҳамият дод. Чунин хароҷотҳо метавонанд, сармоягузори барои тадқиқотбарию такмилдиҳии маҳсулот, таблиғ, шабакаи фурӯш, аз нав ташкил кардани корхона ва омӯзиши кормандон бошанд.

Вазифаи асосӣ ҳангоми интихоби самти сармоягузорӣ муайян кардани самаранокии иқтисодии маблағҳои гузошташаванда мебошад. Аз рӯи ҳар як объект лоиҳаи муайян ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, объектҳои сармоягузори воқеӣ инҳо мебошанд [7, с. 88]:

1. Дар сохтмон, навсозӣ ва васеъсозии корхона, бино, иншоот (фондҳои асосӣ);
2. Комплексҳои сохтмонӣ ё таҷдиди объектҳо, ки барои ҳалли як масъала (барномаҳо) равона карда шудааст;
3. Барномаҳои сатҳи минтақавӣ ё дигар сатҳҳо;
4. Воридоти техникаи нав дар фаъолияти истеҳсолӣ.

Сармоягузори мумкин аст, ҳамчун сикли пурраи илмӣ – техникӣ ва истеҳсолӣ барои тайёр кардани маҳсулот (захираҳо, хизматҳо) ҳамчун элементи онҳо: тадқиқотҳои илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ, васеъ ва таҷдид намудани фаъолияти истеҳсолӣ, ташкили истеҳсолоти нав ё барориши маҳсулоти нав ё такрорӣ ва ғайра, баромад кунад.

Объекти сармоягузори воқеӣ чунин тасниф мешавад [5, с. 38]:

- масоҳати лоиҳа;
- самти лоиҳа;
- самаранокии истифодабарии маблағҳои гузошташуда.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ нақши асосиро субъект ва объекти он мебозанд, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои гузошташуда сарчашмаи асосӣ ба ҳисоб мераванд.

**АДАБИЁТ**


1. Бочаров В.В. Методы финансирования инвестиционной деятельности предприятий, 1998. – С. 76-86
2. Воронцовский А.В. Анализ и обоснования инвестиционных решений на рынке; Проблемв теории и практики управления. М.: Эксмо – 2012. – С. 54-77
3. Курбонова Ф.Х. Основные направления инвестиционного обеспечение развития деятелности в регионах Республики Таджикистан // Российский экономический интернет журнал №4(01.10.13-31.12.13). – С. 33-34
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, ш.Душанбе: АМОҶТ – 15.03.2016. - №1299. – С 1-4
5. Мозгляков Е.В. Методологические основы формирования системы показателей для оценки инвестиционной привлекательности промышленного предприятия. - Вестник экономической интеграции. - 2012, № 4 (48), - 34-35
6. Фархутдинов И.З. Международное инвестиционное право: теория и практика применения. М., 2007. с.43-49
7. Шарп У., Александер Г., Бэйли Дж. Инвестиции. Инфра – М, 2001-2006 гг. - С. 88-90

*Абдулхайров Ф.М., Раҳимов Р.С. - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ НОУСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ

Масъалаи идоракунии корпоративӣ дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир, махсусан дар бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода дар яке аз Паёмҳои навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри андешидани чораҳои мушаххас дар низоми бонкӣ, алалхусус дар самти коҳиш додани хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ изҳори андеша карда буданд. Бояд таъкид кард, ки идоракунии корпоративӣ мафҳуми нав аст, ки ба истилоҳи низоми бонкӣ солҳои охир ворид карда шудааст [1, с. 1].

Бахши бонкӣ дар рушди иқтисоди ҳар як кишвар нақши муҳим дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши бонкӣ босуръат рушд карда, ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар маҷмӯъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 13 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 18 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 4 адад ташкилоти қарзии хурд ва 27 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд [6].

Идоракунии корпоративӣ – ин низоми муносибатҳои ташкилӣ иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунӣ байни субъектони муносибаҳои иқтисодӣ мебошад, ки манфиаташон бо фаъолияти ширкат алоқаманд аст. Вазифаи асосии идоракунии корпоративӣ – таъмини кори корпоратсияҳо ба манфиати соҳибмулкони онҳо, яъне саҳҳомоне мебошад, ки ба корпоратсияҳо захираҳои молиявиро гузоштаанд. Масъалаи идоракунии корпоративиро муҳаққиқони зиёде таҳлил кардаанд. Аммо маҳз тадқиқотҳои А. Берли ва Г. Минза онро ба соҳаи алоҳидаи илм ҷудо намуданд. Дар асари илмии худ «Корпоратсияи муосир ва моликияти хусусӣ» (с. 1931) онҳо аввалин маротиба масъалаи ҷудошавии назорат аз болои моликият дар корпоратсияҳо омӯхтанд. Қайд кардан зарур аст, ки идоракунии корпоративӣ танҳо ҳамон вақт мумкин гашт, ки ҷудошавии моликият аз идоракунӣ ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, диққати иқтисодчиён ба ин масъала дар солҳои 80-ум – солҳои муттаҳидшавии оммавӣ ва фурӯбариҳои ширкатҳо, тамоюли иҷтимоӣ гирифтани меъёрҳои низомҳои ҳуқуқӣ махсусан зиёд шуд.

Идоракунии корпоративӣ ин низоми робитаҳои дутарафа байни менеҷерон ва соҳибон (саҳҳомон ва дигар тарафҳои манфиатдор) оиди масъалахои таъмини самаранокии фаъолияти ширкат ва таъмини манфиатҳои соҳибмулкон ва дигар тарафҳои манфиатдор мебошад [3].

Бонкҳои тиҷоратӣ, ки ҳамчун як муассисаи молиявӣ амал мекунанд ва яке аз миёнаравони асосии бозори сармоя мебошанд, дар рушди иқтисодиёти кишвар, нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа ва нигоҳ доштани нуфузи байналмилалии давлат нақши муҳим доранд. Ҳоло бахши бонкии ватанӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бо суръати баландтар рушд мекунад. Ҳамзамон, набояд бубинем, ки солҳои охир хавфи фаъолияти бонкӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон боз ҳам афзоиш ёфтааст. Ин алалхусус аз кам шудани ҳиссаи сармояи саҳҳомӣ дар дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, афзоиши бемаҳдуди ҳаҷми қарзҳои чакана ва зиёд шудани ҳузури давлат дар сармояи бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аст.

Яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани устуворӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ такмили минбаъдаи низоми идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки имкон медиҳад заминаҳои зарурӣ барои арзёбии муносиби хавфҳо, баланд бардоштани шаффофияти бонкҳои тиҷоратӣ ба даст оварда шаванд. Сатҳи баланди идоракунии корпоративӣ ба ташаккули эътимоди шаҳрвандон ва корхонаҳое, ки пасандозҳои худро дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷойгир мекунанд ва бонкҳо ба мизоҷон-қарзгирандагони худ дар бозори байнибонкӣ, сармоягузорон дар бозори коғазҳои қиматноки қарзӣ ва бозори саҳҳомӣ мусоидат мекунанд.

Таърифҳои идоракунии корпоративӣ зиёданд, баъзе муҳаққиқон ҳангоми баррасии мундариҷаи идоракунии корпоративӣ аксар вақт ба баъзе хусусиятҳои хоси ба модели

муайяни идоракунии корпоративӣ хос равона карда мешаванд. Дигарон мафҳуми идоракунии корпоративиро бо татбиқи он танҳо дар сохторҳои саҳҳомӣ, ки ҷудоии манфиатҳои соҳибон ва вазифаҳои идоракунӣ ба назар намоён аст, рабт медиҳанд. Дар таърифҳои идоракунии корпоративӣ, аксари муаллифон нуқтаҳои зиёди тавсифкунандаи ҷанбаҳои муҳими идоракунии корпоративиро надоранд, ё онҳо ҳадафи идоракунии корпоративиро нишон намедиҳанд [3].

Аммо, аксар таърифҳои идоракунии корпоративӣ як қатор унсурҳо, хусусиятҳо ва равишҳои муштарак доранд, аз ҷумла:

- идоракунии корпоративӣ ин системаи муносибатҳо мебошад, ки бо сохторҳо ва равандҳои муайян тавсиф карда мешаванд;
- иштирокчиёни инфиродии муносибатҳои корпоративӣ манфиатҳои гуногун (баъзан ҳатто мухолиф) доранд;
- ҳамаи ҷонибҳои системаи идоракунии корпоративӣ бояд дар идоракунии ширкат ва назорат аз болои фаъолияти он ширкат варзанд;
- системаи муносибатҳои корпоративӣ бояд ба таъмини тақсимоти одилонаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамаи субъектҳои марбут ба он равона карда шавад.

Низоми бонкӣ, ҳамчун соҳаи муҳимтарин, ки манфиатҳои иқтисодии ҳамаи субъектҳои хоҷагии халқро фаро мегирад, дар рушди муносибатҳои сармоягузорӣ, амонатгузорӣ, пардохт ва муомилоти байни агентҳои иқтисодӣ нақши бузург дорад.

Аз маълумоти ҷадвали 1 бар меояд, ки дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2021 22 414,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 ба 3 892,7 млн. сомонӣ ё 14,8 фоиз асосан аз ҳисоби воситаҳои асосӣ, аз ҷумла гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва коғазҳои қиматнок коҳиш ёфтаанд. Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 11 970,4 млн. сомониро ташкил карда, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 1 087,8 млн. сомонӣ ё 10 фоиз зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби қарзҳо ба шахсони воқеӣ ба амал омадааст. Дар ҳамин сана қарзҳои ғайрифаъол (яъне қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 1 606,8 млн. сомонӣ ё 13,4 фоизи сандуқи қарзиро ташкил доданд, ки нисбат ба охири соли 2020 вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии маҷмӯӣ ба андозаи 10,0 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 1.**

Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Сохтор | 31.12.2020 | 31.12.2021 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ) | 69 | 63 | -6 |
| Бонкҳо | 19 | 14 | -5 |
| Бонкҳои анъанавӣ | 18 | 13 | -5 |
| Бонкҳои исломӣ | 1 | 1 | 0 |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 50 | 49 | -1 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 18 | 18 | 0 |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 5 | 4 | -1 |
| Фондҳои қарзии хурд | 27 | 27 | 0 |
| **Воҳидҳои сохтории ТҚМ** | **1 935** | **1 852** | **-83** |
| Филиалҳо | 356 | 295 | -61 |
| Равзанаи бонкии исломӣ | 2 | 2 | 0 |
| Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1241 | 1204 | -37 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | 338 | 353 | 15 |

***Сарчашма:*** *Муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ соли 2021 № 12 (316) тартиб додаанд.*

Дар соли 2021 аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1 486,3 млн. сомонӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шудааст, ки ба 92,5 фоизи қарзҳои мазкур

баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба охири соли гузашта ба 2,3 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзҳои ғайрифаъоли холис (бо назардошти тарҳи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир) ба 120,5 млн. сомонӣ баробар буда, дар таркиби сандуқи қарзӣ (холис) 1,1 фоизро ташкил медиҳад [2].

**Ҷадвали 2.**

Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)

| Гурӯҳбандии қарзҳо | 31.12.2020 | 31.12.2021 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (маҷмӯӣ), аз ҷумла | 10 882,5 | 11 970,4 | 1 087,8 |
| Фаъол | 8 336,7 | 10 363,6 | 1 733,8 |
| Ғайрифаъол | 2 545,8 | 1 606,8 | -939,0 |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол | 23,4% | 13,4% | -10 б.ф. |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) | 2,9% | 1,1% | -1,8 б.ф. |

***Сарчашма:*** *Муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ соли 2021 № 12 (316) тартиб додаанд.*

Маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ 17 339,0 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 1 792,7 млн. сомонӣ ё 9,4 фоиз асосан аз ҳисоби амонатҳо ва барои пардохт ба бонкҳои берун аз қаламрави Тоҷикистон кам шудаанд. Меъёри пардохтпазирии ҷории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2021 ба 87,7 фоиз баробар гардида, нисбат ба талаботи муқарраршуда (30 фоиз) 57,7 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Амонатҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад дар санаи ҳисоботӣ 10 159,3 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2020 ба 1 254,9 млн. сомонӣ ё 11 фоиз коҳиш ёфтаанд. Ҳиссаи амонатҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо асъори хориҷӣ дар санаи ҳисоботӣ 44,5 фоизро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд шудааст. Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2021 ба 5 075,7 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба охири соли 2020 ба 2 100,0 млн. сомонӣ ё 29,3 фоиз асосан аз ҳисоби бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор кам шудааст.

Меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2021 23,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12 фоиз) 11,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2021 бо фоида, ба маблағи 108,4 млн. сомонӣ ҷамъбаст шуда, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 266,9 млн. сомонӣ коҳиш ёфт. Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ 0,5 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) 2,1 фоизро ташкил кардааст [2].

Дар асоси ҷойгоҳ, нақш ва аҳамияти идоракунии корпоративӣ дар ҳаёти иҷтимоии мардум ва давлат, идоракунии корпоративӣ ба маънои васеи калима низом, воситаи муассири ташаккул ва танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар раванд мебошад истеҳсол ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ ва дар таҳким ва рушд додани он дар айни замон бисёр субъектҳои ин муносибатҳо манфиатдоранд: соҳибон, менеҷерон, кормандон, таъминкунандагони таҷҳизот, ашёи хом ва мавод, харидорони маҳсулот, сармоягузорон ва кредиторон, бонкҳо , ширкатҳои суғурта, ҳукуматҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ ва ғ.

Аксарияти саҳмиядорон аз ҷиҳати дараҷаи таъсир ба менеҷмент дар ташкилот ва расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда имкониятҳои бештар доранд. Дар кишварҳое, ки заминаи сусти қонунгузорӣ доранд, саҳмдорони калон шудан барои сармоягузорон низ муфид аст, зеро як қисми калони саҳмияҳо ҳамчун воситаи муҳофизат кардани сармояи онҳо аз мусодиравӣ хизмат мекунанд. Дар баробари ин, тамаркузи моликият дар байни саҳмдорони калон баъзан на танҳо боиси вайрон шудани манфиатҳои саҳҳомони калон мегардад, балки метавонад боиси вайрон шудани худи принсипҳои идоракунии корпоративӣ гардад, вақте ки саҳмдорони калон метавонанд ширкатҳои вобаста ба онҳоро истифода баранд.

Идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ роҳи идоракунии фаъолияти як ташкилоти қарзии инфиродӣ аз ҷониби Шӯрои директорон ва менеҷмент мебошад, ки ба масъалаҳои гузоштани ҳадафҳои корпоративии ташкилот, идоракунии фаъолияти ҷорӣ бо назардошти манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор, риояи фаъолияти корпоративӣ ва рафтор бо қонунгузории амалкунанда, инчунин ҳимояи манфиатҳои амонатгузорон.

Идоракунии корпоративӣ ин идоракунии умумии фаъолияти иқтисодии бонки тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, он аз тарафи маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои директорон ва дигар шахсони манфиатдор ба роҳ монда мешавад.




**Расми 1.** Идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ.

***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Дар шароити имрӯзаи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ, бояд ба омилҳои институтсионалии идоракунии корпоративӣ аҳамияти ҷиддӣ дод, зеро танҳо бо фароҳам овардани омилҳои муносиби институтсионалӣ ташаккули модели муосири миллии иқтисодии корпоративӣ, ки қодир ба ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодӣ мебошад, сурат гирифта метавонад.

Масъулияти асосии шӯрои директорон ҳимояи манфиатҳои саҳмдорон ва ба ҳадди аксар расонидани сарвати онҳо мебошад. Онҳо бояд сатҳи менеҷментро таъмин кунад, ки афзоиши арзиши корпоративиро кафолат диҳад. Дар солҳои охир тамоюли доимо назаррас ба баланд шудани накши Шӯрои директорон дар идоракунии корпоратсия мушоҳида мешавад. Ин пеш аз ҳама дар назорати вазъи молиявии корҳо зоҳир мешавад. Натиҷаҳои молиявии корпоратсия дар маҷлисҳои шӯрои директорон, чун қоида, на камтар аз як маротиба дар як семоҳа баррасӣ карда мешаванд.

Аъзои шӯрои директорон ҳамчун намояндагони саҳмдорон барои вазъи корҳои корпоратсия масъуланд. Онҳо метавонанд дар ҳолати муфлисшавии корпоратсия ё амалҳое, ки ба манфиати худ бар зарари манфиатҳои саҳҳомони корпоратсия равона шудаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида шаванд.

Ҳайати микдории шӯрои директорон дар асоси ниёзҳои идоракунии муассир муайян карда мешавад ва шумораи камтарини он мутобиқи қонунҳои давлат метавонад аз як то се нафар бошад.Шӯрои директорон аз ҳисоби аъзоёни дохилӣ ва берунӣ мустақили ҷамъияти саҳҳомӣ интихоб карда мешавад. Аксарияти шӯрои директоронро директорони мустақил ташкил медиҳанд. Аъзои дохилӣ аз маъмурияти корпоративӣ интихоб карда мешаванд ва ҳам директорони иҷроия ва ҳам менеҷерони ширкат мебошанд. Директорони мустақил шахсоне мебошанд, ки ҳеҷ манфиате дар ширкат надоранд. Онҳо намояндагони бонкҳо, дигар ширкатҳо бо робитаҳои наздики технологӣ ё молиявӣ, ҳуқуқшиносон ва олимони маъруф мебошанд.

Вазифаи асосии шӯрои нозирон интихоби менеҷерҳои ширкатҳо ва назорат аз болои кори онҳост. Доираи ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, ки ба салоҳияти шӯрои нозирон вогузор шудааст, ба таври возеҳ муайян карда шудааст ва хариди ширкатҳои дигар, фурӯши як қисми дороиҳо ё барҳамдиҳии корхона, баррасӣ ва тасдиқи тавозунҳо ва ҳисоботи солона , муомилоти калон ва ҳаҷми дивидендҳо.

Дар айни замон, маҷлисҳои саҳмдорон хусусияти расмӣ доранд, зеро саҳмдорон барои иштирок дар идоракунии корпоратсия имкониятҳои маҳдуд доранд, зеро бори асосии идоракунии воқеии корпоратсия ба зимаи шӯрои директорон меафтад, ки одатан ба зиммаи онҳо гузошта мешавад, бо вазифаҳои асосии зерин:
- ҷолибияти инвеститсиониро меафзояд;
- барои ҷалби сармоягузорони дарозмуддат кӯмак мерасонад;
- барои кам кардани арзиши қарздиҳӣ имкон медиҳад;
- арзиши бозории ширкатро зиёд мекунад.
- таъин ва назорат аз болои фаъолияти маъмурият;
- тазорат аз болои фаъолияти молиявӣ;
-таъмини мутобиқати фаъолияти корпоратсия ба қонунҳои амалкунанда.




**Расми 2.** Омилҳои институтсионалии идоракунии корпоративӣ
***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Баъд аз муайян намудани омилҳои институтсионалии идоракунии корпоративӣ, муқаррар намудани модели идоракунии корпоративӣ қадами дуввум барои такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Аз натиҷаи омӯзиши маводи илмӣ баровардани хулосаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

1. Муайян карда шуд, ки ба роҳ мондани низоми идоракунии корпоративӣ паҳлуҳои зиёди мусбӣ дорад, аз ҷумла, афзоиши сармоягузориҳо, ворид намудани қарзҳои дарозмуддат ва коҳиш додани фоизи он, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти бонкӣ, саривақт пешгирии хавфҳо, дуруст пешкаш намудани ҳисоботҳо, зиёд намудани даромади бонк, афзоиши обрӯю эътибори бонк дар ҷомеа ва ғ. Ҷорӣ намудани идоракунии корпоартивӣ дар ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Барои боз ҳам тақвият додани низоми корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар қабули Кодекси идоракунии корпоративӣ аз ҳама зарур ҳисобида мешавад.

**Ҷадвали 3.**

Моделҳои асосии идоракунии корпоративӣ

| | |
|---|---|
| АНГЛО-АМРИКОӢ | Афзалияти бевоситаи ҳуқуқи саҳмдорон, назорат тавассути бозори қоғазҳои қимматнок. Қонеъгардонии манфиатҳои молиявии саҳмдорон, шакли динамикии идоракунии корпоративӣ. |
| КОНТИНЕНТАЛӢ | Бонкҳо ва намояндаҳои онҳо дар Шӯрои директорон нақши асосӣ доранд. Ташкили фаъолияти идоракунӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои анъанавӣ, миллӣ ва муосири фаъолияти меҳнатӣ. |
| ОЛМОНӢ | Нақши ҳалкунандаи саҳмгузорон дар банақшагирии стратегӣ. Устуворӣ дар идораи корпоративӣ. |
| ОСИЁӢ-ҶОПОНӢ | Се принсипи ин модел:<br>-сиёсати таҳияшудаи саноатии давлат;<br>-ислоҳоти маҳсулноки соҳаи кишоварзӣ;<br>-бахши молиявӣ ба сифати низоми ёридиҳанда. |

***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

2. Ошкор карда шуд, ки яке аз масъалаҳои калидии рушд ва такмили идоракунии корпоративӣ дар кишвар ин аз ҷониби роҳбарони бонкҳои тиҷоратӣ риояи дурусти принсипу механизмҳои идоракунии корпоративӣ ба ҳисоб меравад. Зеро бе риояи ин принсипу қойдаҳо бонки тиҷоратӣ метавонад ба муфлисшавӣ роҳ диҳад, дар бозори рақобат ҷойи худро наёбад ва аз тарафи дигар бонкҳо пахш карда шавад, даромади кофӣ барои фаъолияти бонк нагирад, мутахассисони хубро аз даст диҳад, боварии мизоҷон ва саҳмгузоронро аз даст диҳад ва дар оқибат аз фаъолият бозмонад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдулхайров Ф.М. “Пути совершенствования корпоративного управления в коммерческих банках Республики Таджикистан” Паёми ДМТ, ISSN 2413-5151. 2022 №1 с 89-95.
2. Бюллетени омори бонкӣ соли 2021
3. Заварихин Н.М. Совершенствование корпоративного управления в коммерческом банке / Н.М. Заварихин, М.Н. Останкин // Деньги и кредит. – 2007. -№2.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021, шаҳри Душанбе, 2021(http://www.prezident.tj)
5. OECD Principles of Corporate Governance. — OECD, 1999.
6. https://www.nbt.tj



***Ғафоров З.Б. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## УСУЛҲОИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ: ИСТИФОДА АЗ БАРНОМАҲОИ МУОСИР

Дар тамоми давраҳои таърихи тамаддуни ҷаҳон иттилооти саҳеҳ, пурра ва эътимоднок ҳамеша қадр карда мешуд ва «моли» қиматбаҳо ба ҳисоб мерафт. Дар даврони мо, ки ҳаҷми иттилооти қабул ва коркардашаванда бемайлон ба боло рафта истодааст, қурби он боз ҳам зиёдтар афзудааст. Дар баробари ин, инсон доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки иттилооти интиқолшаванда сари вақт, бе таҳриф, мувофиқи муқаррарот, ба макон ва соҳиби аслиаш рафта расад. Ҳалли ин масъала, ки ба масъалаи ҳифзи иттилоот ё амнияти иттилоотӣ дохил мешавад, ҳамеша яке аз масъалаҳои рӯзмарра шумурда мешавад. Рушди раванди иттилоотонии ҷомеа ва татбиқи пурра ва комили компютер дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон проблемаи амнияти иттилоотиро боз ҳам ба дараҷаи болотар бардоштааст. Акнун ҳалли ин проблемаро баҳисобгирии маҷмӯи шароитҳои нави гардиши иттилоот, эҷод ва истифодаи

захираҳои иттилоотӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ муҳити иттиллоотӣ ном гирифтаанд, ҷустан лозим аст. Муҳити иттилоотӣ маҷмӯи васоит, шароит ва методҳои дар базаи системаҳои компютерӣ фаъолияткунанда мебошад, ки барои эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ равон шудааст.

Барои ҳифзи иттилооти саҳеҳ, мукамал ва иттилооти баландарзиш мафҳуми криптография ва стеганография мавҷуд аст.

Ба мо маълум аст, ки агар мафҳуми криптография аз дуруст намудани маълумот иборат бошад, стеганография бошад умуман мавҷуд будани маълумотро махфи нигох медорад. Созандагони алгоритми криптографи кушиши ба харҷ доранд, ки аз дасти вайронкорҳои худ маълумотҳои худро эмин нигоҳ доранд. Созандагони алгоритми стеганографи дар он ташвишанд, ки ба душманон муяссар нашавад, ки оиди мавҷудияти маълумот хабардор шаванд. Роҳҳо ва усулҳои ҳархелаи махфи доштани иттилоот аз истифодабарии шир то реаксияҳои мураккаби химияви маълум мебошанд.

Яке аз методотҳои машҳур дар давраи ғуломдори ин буд, ки муи сари як ғуломро гирифта мактубро ба сари пусти он навишта, баъд муи сарашро расонида ғуломро ба суроғаи лозима мефиристоданд. Баъд боз муи сари ғуломро гирифта мактубро мехонданд.

Дигаре аз паҳншудатарин методҳои стеганографӣ ин истифодаи сиёҳии маҳфинависӣ мебошад. Матне , ки бо ин гунна сиёҳи навишта шудааст, танҳо ҳангоми гармкунӣ, равшании баланд ва ошкории химиявӣ маълум мешавад. Ин сиёҳи дар асри 1 мелодӣ аз тарафи Филон Александрийский ихтироъ шуд. Онро дар асрҳои миёна ва асри нав истифода мебурданд. Мисол: дар хатҳои ревалютсианерон аз маҳбас. Дар курси адабиёти мактабҳои советӣ методи Владимир Илич Ленинро меомӯхтанд, ки ӯ дар рӯи қоғаз бо шир менавишт. Шир ҳангоми дар болои алоб гарм кардани ҳамун қоғаз пайдо мешавад. Боз сиёҳии маҳфинависӣ бо пигментҳои ноустувори химиявӣ вуҷуд дорад , ки матни бо ин сиёҳи навишташуда монанди рукаи оддӣ мебошад. Вале баъд аз як чанд вақт пигментҳо бухор мешавад, ки аз навишта ҳеҷ чиз намемонад. Дар вақти Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ микронуқтаҳоро истифода мебурданд.

Барои пешрафту таракиёти стеганография дар аксар давлатҳо ба криптография махдудият чори намуданд. Мисол: Барои интиколи калидҳо ба давлатҳо аз системаи шифрҳои истифодабаранда кайд ва криптосистема талаб карда мешуд. Лекин методи стеганография ба ин махдудият дохил намешавад ва усулҳои самаранок истифодаи он вуҷуд дорад. Баъди ба Япония ҳамла намудани ШМА макомоти «сензура» то 15000 коркунон доштааст, ки ҳар руз то 1 млн. хатро аз назар мегузарониданд; гуш намудани гуфтугуи телефони, дидани газетаҳо, журналҳо, кинофилмҳо; барои бастани роҳи алокаи стеганографи «сензура»-и Амрико фиристодани маълумот бо почта, бозиҳои шохмот бо почта фиристодашаванда, фиристодани кроссвордҳо, расмҳо, варакаҳои газета, маълумотҳо оиди бофтан ва духтани куртаҳо; акидаи куҳнаи истифодабарии микронуктаҳо бо воситаи КФ. Ҳеҷ кас ба хаёлаш ҳам намеояд, ки дар ҳуҷҷати электрони бо воситаи Интернет фиристодашуда яке аз нуқтаҳо нуқта набуда, балки маълумоти махфи мебошад. Бо воситаи лавозимотҳои махсуси барномави ин микронуқтаҳо якчанд маротиба калон карда маълумоти махфи хонда мешаванд. Дар моҳи марти соли 2000 мактаббачаи 17-солаи амрикои алгоритми руст намудани «хабар» дар генни молекулаи ДНК-ро сохта тавонист. Вай дар озмуни олимони чавон технологияи воридоти хабар ба генни ботартиби молекулаҳои ДНК бо матни «Вторжение 6-го июля: Нормандия намоиш дод. Боз яке аз соҳаи истифодабарии стеганография ҳимояи ҳуқуқи муаллифи аз дастрасии беиҷозат ба ҳисоб меравад. Ба тасвири графикии компютерҳо махсус аломатчаҳо гузошта мешавад, ки он ба чашм ноайён мебошад, бо ёрии лавозимотҳои махсуси таъминоти барномави он шинохта мешавад.

Стеганография ҷои криптографияро нагирифта, онро пурра менамояд. Агар вайронкорҳо рамзҳоро кушоянд, ҳам лекин онҳо боз ба як намуди дараҷаи химоя дучор мешаванд.

**Микронуқтаҳо** – ин фоторасмҳои микроскопие мебошад , ки дар тексти хат мепайванданд.

**Криптография** – методи иттилооти махфӣ карда шуда бо истифода аз рамзҳо барои ҳимояи иттилоот, ки шаклаш дигаргун карда шудааст, пешбинӣ шудааст.

**Криптоанализ** – методи кушодани рамзҳо ва шифрҳо мебошад. Рамзгузории иттилоот – ин бо мақсади интиқол, нигоҳ доштан ва таҳлили иттилоот ба ҷо оварда мешаванд. Шифрҳо бошад бо мақсади махфӣ доштани иттилоот кор фармуда мешаванд.

**Стеганография** аз калимаи юнони гирифта шуда маъноаш steganos – махфи (секрет, тайна), graph навиштачот ё ин ки навиштаҷоти махфи мебошад.

Дар замони имрӯза дигар муи сари ғуломро гирифтан ва дар руи қоғаз бо ҳарбатҳои мева ё ин, ки шир навиштан шарт нест. Имрӯз ба мо барномаҳои муосири компютери имкон медиҳад, барои ҳифзи иттилооти саҳеҳ, мукамал барномае тартиб диҳем то ин, ки иттилооти мо бехавф бошад.

Яке аз алгоритми методҳои криптографиро дар забони барномасозии С++ тартиб медиҳем. Барномаи тартибдодашудаи мо методи криптографии Сезар мебошад, ки ин метод ҳамчун рамзбандии ғеҷондан (ҷунбонӣ) машҳур буда, яке аз соддатарин методҳои рамзбандӣ ба ҳисоб меравад.

Методи Сезар чунин методи ивазкунӣ ба ҷо оварда мешавад, ки ҳарфи матни дуруст ба ҳарфи матни рамзбандишаванда иваз карда мешавад.

Модели математикии рамзи СЕЗАР.

Агар ҳар як ҳарфи алфавитро рақамбандӣ кунем, аз 0 сар карда, баъд рамзбандӣ ва рамзкушоиро бо ёрии модули арифметикӣ нишон дода мешавад.

$y = (x+k) \bmod n$

$x = (y-k+n) \bmod n$ ,

дар ин ҷо X – ҳарфи алфавити дуруст, У – ҳарфи алфавити рамзбандишаванда, N – шумораи ҳарфҳои алфавит, к – калид.




Барномаи рамзбандӣ бо методи Сезар дар С++

Чихеле, ки аз расм маълум аст дар барномаи сохташуда матни навишташуда рамзбанди карда шудааст. Муҳимияти ин барнома дар он аст, ки матни лозимаро аз файл гирифта рамзбанди намуда ва боз ба файл равона кунад.

## АДАБИЁТ


1. Месси Дж. Л. «Введение в современную криптологию». // ТИИЭР, т.76, №5, Май 88 – М, Мир, 1988. - с.24-42.
2. Диффи У. Первые десять лет криптографии с открытым ключом. // ТИИЭР, т.76, №5, Май 88 – М, Мир, 1988, с.54-74.
3. Спесивцев А.В. Защита информации в персональных компьютерах. – М., Радио и связь. 1992. – 149 с.
4. Жельников В. Криптография от папируса до компьютера. – М., ABF, 1996.
5. Ульман Д. «Введение в системы базы данных» Москва: Лори 2000с. 374с.

6. Дейт К. «Введение в системы базы данных» Киев, диалетика 1998г., 784с.
7. Абрамов А.И., Зима П.Г. Программирование на языке Бейсик. М., Наука, 1991.
8. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» Душанбе

***Расулов С.Ғ. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***
***Абдуллоев Э. - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ВАСЕЪГАРДОНИИ ДОИРАИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Асри XXI барҳақ қарни технологияҳои компютерӣ ва телеиртиботҳои электронӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ин, аксаран онро садаи «рақамӣ» меноманд. Муқовимат нишон додан ба компютеронии ҷамъият кори бемантиқ аст ва модоме ки чунин бошад, талабот ба мутахассисоне, ки технологияҳои иттилоотиро хуб медонанд, дар тамоми ҷаҳон рӯз аз рӯз бештар мегардад. Истифодаи воситаҳои иртибот ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ дар тайёр кардани мутахассисон ҷои махсусро ишғол мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ аллакай оламро тағйир додаанд ва дар минбаъд дигаргунсозии он нақши калидиро бозида истодаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамомиимкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад. Дар ин равандяк нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ намояд. Зеро ҷомеае, ки дар он сатҳи маърифати мардум баландаст, ҳар гуна рафтори эҳсосотӣ ва дасисаву иғво натиҷа намедиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд. Барои ин, мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву иртиботиро беҳтар гардонем.

Таҳти истилоҳи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ (ТИИ) мо маҷмӯи методу воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, ҳифз, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот (таҷҳизоти компютерӣ, таъминоти барномавӣ, технологияҳои телеиртиботӣ, воситаҳои мултимедӣ ва Интернет)-ро мефаҳмем, ки дониши одамонро васеъ мекунанд, имкониятҳои онҳоро дар идоракунии равандҳои техникӣ ва иҷтимоӣ инкишоф медиҳанд.

Дар замони муосир компютер дар ҳамаи соҳаҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Ҳоло ба муҳассилин доштани дониш ва маҳорати дастӣ тасвирнамудани нақшаҳо кофӣ набуда, онҳо бояд аз муассисаҳои таълимӣ ба омӯзиши асосҳои графикаи компютерӣ шурӯъ намоянд. Самаранок роҳандозӣнамудани ин раванд аз омӯзгорони дониши хуби компютерӣ дошта, вобастагии зиёд дорад.

Самарабахшии таҳсилро бо роҳҳои гуногун баланд бардоштан мумкин аст: аз ҳисоби такмили ихтисоси омӯзгорон; аз ҳисоби такмили методикаи таълим ва ғайра. Вале як ҷанбаи дигари баланд бардоштани самарабахшии таҳсилот мавҷуд аст: бо шаклҳои нави таълим муҷаҳҳаз сохтани равандитаълим. Технологияҳои компютерӣ, ки дар назди ҳар як омӯзгор уфуқҳои нави имкониятҳои тадриси фанро боз мекунанд, аз ҷумлаи чунин шаклҳо ба ҳисоб мераванд. Вақте ки сухан дар бораи сохторбандии дарс, таҷзияи он ба унсурҳои аудиобасарӣ

(аудиовизуалӣ), намоиши аёнии маводи машғулият дартахтаи интерактивӣ, ки шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фан назаррас баланд бардоранда меравад, истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим нисбат ба дигар шаклҳои таълим афзалиятҳои баҳснопазир дорад.Дарсҳое, ки ба тарзи анъанавӣ гузаронида мешаванд ё дарсҳои ҳамгиро ба истифодаи рӯнамоиҳои мултимедӣ ва маҳсулоти барномавӣ донишро чуқур мекунанд, самарабахшии таълим ва сатҳи зеҳниро баланд мебардоранд, дар донишҷӯён малакаҳои худомӯзӣ, худташкилкуниро ба вуҷуд меоранд, ҳалли вазифаҳои амалиро сабук менамоянд, ба омӯзгор ба ихтисори вақте, ки барои дар тахта бо бӯр навиштану расм кашидан сарф мекунад, имконият фароҳам меоранд. Истифодаи воситаҳои техникаи таълим ба сафарбаркунии иқтидори зеҳнии шахсият мусоидат мекунад: маърифатӣ, маънавию ахлоқӣ, эҷодӣ, иртиботӣ ва зебоишиносӣ. Алҳол низоми маориф дар тамоми ҷаҳон дар баробари зарурати истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣқарор доранд. Барои он ки тамоми ин иқтидор бо натиҷаи аҳсан амалӣ гардад,зарур аст, ки омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ба қадри кофӣ тахассусманд ва босалоҳият бошанд.

Имрӯз донишҷӯ бояд ба ваҳдату гуногунии олам нигоҳи томи ба иҷтимоият нигаронида дошта бошад. Дарс шакли ташкилии раванди таълиму тарбия буд ва мемонад, ки ба таҳияи низоми донишу маҳоратҳо на танҳо оид ба фанни мушаххас, балки тамоми раванди маърифатӣ низ имконият медиҳад.

Баланд бардоштани сифати саводнокии компютерии таълимгирандагон яке аз масъалаҳои калидии маорифи муосир ба ҳисоб меравад. Ба раванди таълим усулҳои нав, нисбатан мукаммали тадрису таълимро ҷорӣ кардан, оқилона воситаҳои таълими техникаро ҷалб намудан лозим аст. Баланд бардоштани самарабахшии таълими фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз истифодаи ТИИ вобастагии бевосита дорад.

Раванди инноватсионии таълим, бо истифодаи технологияҳои компютерӣ дар муҳити таълимӣ алоқаманд аст. Компютеронии раванди таълим бо воситаҳои техникаи муосири таҳсилотӣ муҷаҳҳаз кардани муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад, ки ба истифодаи мусоиди таъминоти иттилоотии раванди таълим бо ёрии компютер нигаронида шудааст.

Дар робита ба донишҷӯ, компютер метавонад вазифаҳои сершуморро иҷро кунад: Омӯзгор; Мутахассис, Шарики фаъолият; Воситаи фаъолият; Донишҷӯён метавонанд компютерро мутобиқи ниёзҳои шахсии худ дар марҳилаҳои гуногуни кор ва бо сифатҳои гуногун истифода бубаранд.

Бо назардошти имкониятҳои иҷрои вазифаҳои омӯзгор, компютер дар ҷараёни кори мустақилона ва вазифаи хонагӣ, ё ҳангоми мустақилона омӯхтани мавзӯҳо бо мақсади мустаҳкам кардани дониш аз ҷониби донишҷӯёни ақибмонда истифода бурда мешавад. Пеш аз омодагӣ ба лексия, муаллим микдори зарурии слайдҳоро дар компютер дар барномаи «Power Point» аз барномаи «Office» ва ба ин монанд гирифта таҳия карда, маълумоти видеоиро дар бораи онҳо бо унсурҳои садоӣ ва аниматсионӣ илова мекунад. Табиист, ки ин талабот дараҷаи тахассусии муаллимонро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Муаллим бояд дар сатҳи зарурӣ дониши техникаи компютериро дошта бошад ва дорои малакаи кор бо нармафзор бошад. Шарти муҳим барои гузаронидани лексияи интерактивӣ ин мавҷудияти синфхонаҳои махсус мебошад, ки бо таҷҳизоти компютерӣ ва воситаҳои ҳозиразамони намоиши оммавии маводи таълимии визуалӣ ва садоӣ муҷаҳҳаз шудааст. Ҳангоми муаррифии лексия, муаллим баъзан маълумотро дар слайд ҳамчун тасвир нишон медиҳад. Ин ба беҳтар шудани сатҳи донишомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯён мусоидат мекунад. Масалан, ҳангоми гузаштани мавзӯи дарсии «Хатсайрҳои сайру саёҳатӣ дар Тоҷикистон» аз фанни «Асосҳои сайёҳӣ», дар қатори истифодаи маълумотҳои матнӣ дар саҳифаи презентатсионӣ, гузоштани расмҳо, аксҳо, ҷадвалҳо, гузоштани наворҳои аудиоӣ ва видеоии мувофиқ ба мавзӯи дарсӣ, дарсро хело ҷолиб ва таъсирбахш мегардонад. Баъзе олимону донишмандони соҳаи педагогика бар ин назаранд, ки нақши захираҳои таълимии рақамӣ бештар дар раванди кори мустақилонаи беруназсинфии донишҷӯён барҷаста ва назаррас аст. Дар стандартҳои нави коркардшудаи таълимӣ ба кори мустақилонаи донишҷӯ нисбат ба вақти умумии низом вақти зиёдтар дода шуда аст. Масалан дар таълими баъзе фанҳо 24 соат лексия, 24 соат КМРО

ва 24 соат КМД муайян карда шуда аст. Ин нишондиҳандаҳо омӯзгоронро водор месозад, ки ба таври васеъ аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ истифода намуда, маводҳои матниро тариқи презентатсияҳои қолиби дорои маълумотҳои матниву, рақамӣ, расму наворҳои аудиоӣ, видеоӣ, инчунин бо истифода аз таҷҳизотҳои аёнӣ дар раванди дарсҳо истифода намоянд. Аз ҷумла, мо метавонем дар раванди гузаштани фанни «География» дар мавзӯи «Харитаи маъмурии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» на танҳо аз маводи презентатсионии омодагашта, балки аз харитаи дар девор насбшуда низ истифода намоем. Ба донишҷӯён саволҳои мухталиф, ба мисли ба андешаи Шумо Вилояти Хатлон дар кадом минтақаи Тоҷикистон воқеъ аст? Минтақаи ҷануб, шимол, шарқ, ғарбро вобаста ба мавқеъи ҷойгиршавиатон дар синфхона нишон диҳед. Аз харита онро нишон дода метавонед ё не? Ва саволҳои зиёди дигари ба мавзӯ алоқамандро истифода бурдан мумкин аст. Ҳамин тавр, технологияҳои иттилоотӣ дигар воситаи такмили низоми маориф нестанд, балки барои ташкили низоми нави донишҳо ва сохторҳои ниҳодии онҳо хизмат менамоянд. Ҳамчунин барои беҳтар гаштани сифати таълим мусоидат менамоянд. Аз ин хотир, барои қонеъ кардани ниёзҳои донишҷӯён барои гирифтани дониш, омӯзгор бояд технологияҳои иттилоотии таълимиро азхуд кунад ва бо назардошти рушди онҳо, фарҳанги иттилоотии худро доимо такмил диҳад. Технологияи иттилоотӣ барои донишҷӯ имконият медиҳад, ки дар бозори меҳнат ва вобаста ба касби ояндаи худ рақобатпазир бошад, малака ва усулҳои омӯзиши фанҳои ихтисосиро бо истифода аз технологияҳои иттилоотии касбӣ ба даст оварда дониши худро дар ин самт мустаҳкам намояд.

## АДАБИЁТ


1. Аюлов А.М. Электронное обучение как новая парадигма в системе высшего образования. - Вестник КарГУ. Серия педагогика ‶ 2016 - №1 ‶ С. 12-117.
2. Арзуманова Н. В. Использование современных информационных технологий в образовательном процессе. - Известия Российского государственного педагогического университета им. А. И. Герцена ‶ 2009 - № 113 ‶ С. 86-90.
3. Ахметова А. Г. Создание информационной образовательной среды Университета: опыт и проблемы. - Вестник Университета ‶ 2013 - №15 ‶ С. 350-353.
4. Ашуралиев М.И. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Методҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ” ш.Душанбе ДССХ 2021. С. 11-14.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риѐзию техникӣ барои солҳои 2010–2020» аз 27 феврали соли 2010 № 89.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар таҷлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил, 1 сентябри соли 2016. н. Данғара. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/12908#murghob (санаи истифодабарӣ: 11.03.2020).
7. Юсупов С.М. Формирование графической культуры студентов высших технических учебных заведений посредством графических дисциплин (на примере подготовки инженеров горной отрасли) [Текст]: Дис канд. пед. наук: С.М. Юсупов– Душанбе, 2019. – 196 с.


***Одинаев Ш.О. - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ***

# ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТЕРМИНАЛҲОИ НАЗДИСАРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир барои рушди иикҭисодиёти милли накши терминалҳои наздисарҳадӣ хело муҳим аст. Вобаста ба ин омузиши фаъолияти терминалҳои наздисарҳадӣ тақозо менамояд, ки мавқеъи онро барои дар раванди боркашони байни минтақахои ҷумҳури ва берун аз он бо назардошти истифодабарии онхо ба роҳ монда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ мутобиқи қарори Ҳукумати кишвар аз 2 майи соли 2007 № 212 "Дар бораи убури транзитии

воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ" ташкил карда мешаванд.

Терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ объектҳои махсусгардонидашуда оид ба танзим ва хизматрасониҳо вобаста ба фаъолияти воситаҳои байналмилалии автомобилӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз мақсади асосии ташкили фаъолият ва истифода намудани терминалҳои наздисарҳадӣ аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд;

- истифодаи самараноки роҳҳои автомобилгард, нақбу кӯпрукҳо, нигоҳ доштани ҳама намуди ифрасохтор, аз он ҷумла воситаҳои алоқа, шабакаҳои барқӣ ва коммуникатсияҳои ба онҳо вобаста;

- ташкил ва пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасониҳо ба интиқолдиҳандагони ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ва воситаи нақлиётӣ;.

- барасмиятдарории борҳои воридотию содиротӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

- ҳимояи бозори дохилии хизматрасонии нақлиётӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки терминалҳои наздисарҳадӣ бевосита дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудаaанд. Сохтмон ва ташкили терминалҳои наздисарҳадӣ дар асоси нақшаҳое, ки ҷавобгӯи меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалии сохтмон ва меъморӣ мебошанд, анҷом дода шудааст.

Дар Точикистон терминалҳои наздисарҳадӣ аз ҳисоби маблагузории ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, қарзҳои бонкӣ, грантҳо ва дигар манбаъҳои маблагудокуниҳое, ки муайян кардааст, бунёд карда шудаанд.

Ба вазифаҳои асосии терминалҳои наздисарҳадӣ дохил мешаванд:

- қабули воситаҳои нақлиёти хориҷӣ ва ватанӣ ба ҳудуди терминали наздисарҳадӣ;
- бақайдгирии воридоту содироти воситаҳои нақлиёт;
- таъмини истгоҳҳои муваққатӣ барои нигоҳдории воситаҳои нақлиёт;
- ташкили санҷиши ҳолати техникӣ ва санитарии воситаҳои нақлиёт;
- ташкили раванди борфурорӣ ва боркунӣ;

Аз таҳлилҳо бар меояд,ки ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ тариқи 18 терминали сарҳади давлатие, ки аз онҳо 7 адади он мақоми байналмилалӣ ва 11 адади дигар мақоми дуҷонибаро доранд, дар доираи муқаррароти 9 конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷумла, дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ:

1.Дӯстӣ (н.Турсунзода)- Сариосиё (Ӯзбекистон)
2.Қарамиқ (н. Лахш)- Қарамиқ (Қирғизистон)

Дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон:

3.Қизил-Арт (н.Мурғоб) - Саритош (Қирғизистон)
4.Кулма (н.Мурғоб) – Қаросу (ҶХ Хитой)

Дар вилояти Хатлон:

5.Панҷи –Поён (н.Ҷайҳун) - Шерхонбандар (Афғонистон)
6.Айвач (н. Шаҳритуз) - Ӯзбекистон

Дар вилояти Суғд:

7.Гулистон (н. Исфара) -Баткент (Қирғизистон)
8.Овчи Қалъача (н.Б.Ғафуров)- Лайлак (Қирғизистон
9.Фотеҳобод (н. Мастчоҳ) - Ойбек (Узбекистон)
10.Патар (н. Конибодом) - Андархон (Узбекистон)
11.Маданият (н.Ҷ. Расулов) - Қарагач (Қирғизистон)
12.Саразм (ш.Панчакент)- (Узбекистон)
13.Хаштяк (н.Спитамен)- (Узбекистон)
14.Навбунёд (н.Айни)-(Узбекистон)
15.Равот (ш.Конибодом)-(Узбекистон)

16.Зафаробод (н.Зафаробод)-(Узбекистон)

17.Хаватог (н.Зафаробод)- (Узбекистон)

18.Уротеппа(н.Истаравшан)-(Узбекистон)

Раанди баррасии масъалаҳои воридоту содирот ва убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилали дар асоси харитаҳои технологӣ танзим карда мешавад.

Зери мафҳуми убури транзитӣ гузариши воситаҳои нақлиёти як давлат тавассути қаламрави давлати дигар ба давлати сеюм фаҳмида мешавад.

Хатсайрҳои ҳаракат ва убури транзитии воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қарор "Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байлалмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди термималҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ" муайян карда шуда, бо Харитаҳои технологии мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

Дар раванди баҳодиҳии хатсайрҳои ҳаракат ва убури транзитии воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави кишвар зарур аст,ки нишондиҳандаҳои воридоту содироти воситаҳои нақлиётӣ дида баромада шавад. Дар ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои воридот ва содироти воситаҳои нақлиётӣ аз рӯи гузаргоҳҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2020 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои воридот ва содироти воситаҳои нақлиётӣ аз рӯи гузаргоҳҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № б\т | Шумораи воситаҳои нақлиётӣ | солҳо | | Тагийрёбӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2020 с. воридот | 2019 с. | 2020 / 2019 | Тагйирёби (+;-) |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | | | | | |
| 1 | Дӯстӣ (н. Турсунзода) | | | | |
| | Воридот ,адад | 12420 | 14815 | 83,8 | -2395 |
| | Содирот, адад | 11198 | 13827 | 81,0 | -2629 |
| 2 | Қарамиқ (н. Лахш) | 1085/1029 | 3525/3435 | 30,8/30,0 | -2440/-2406 |
| ВМКБ | | | | | |
| 3 | Қизил-Арт (н. Мурғоб) | 55/54 | 638/585 | 8,6/9,2 | -583/-531 |
| 4 | Кулма (н. Мурғоб) | 2741/2315 | 5722/4984 | 47,9/46,4 | -2981/-2669 |
| Вилояти Хатлон | | | | | |
| 5 | Айвоҷ (н.Шаҳртус) | 1075/1086 | 5796/5698 | 18,5/19,1 | -4721/-4612 |
| 6 | Панҷи Поён (н.Ҷайҳун) | 10913/10988 | 12836/12987 | 85,0/84,6 | -1923/-1999 |
| Вилояти Суғд | | | | | |
| 7 | Гулистон (н. Исфара) | 6661/6194 | 15081/13986 | 44,2/44,3 | -8420/-7792 |
| 8 | Овчи Қаълача (н. Б.Ғафуров) | 2/0 | 31/0 | 6,5/0 | -29/0 |
| 9 | Фотеҳобод (н. Мастчоҳ) | 11249/10412 | 7589/7637 | 148,2/136,3 | 3660/2775 |
| 10 | Патар (н.Конибодом) | 1524/1497 | 7297/7464 | 20,9/20,1 | -5773/-5967 |
| 11 | Маданият (н. Ҷ Расулов) | 6222/6239 | 4892/5083 | 127,2/122,7 | 1330/1156 |
| 12 | Саразм (ш.Панҷакент) | 1721/1977 | 9224/11978 | 18,7/16,5 | -7053/-10001 |
| 13 | Хаштяк (н. Спитамен) | 3079/402 | 3514/3283 | 10,8/12,2 | -3153/-2881 |
| 14 | Навбунёд (н.Айнӣ) | 1271/1315 | 4224/3771 | 30,1/34,9 | -2953/-2456 |
| 15 | Равот (ш.Конибодом) | 1322/1089 | 3237/3534 | 40,8/30,8 | -1915/-2445 |
| 16 | Зафаробод (н. Зафаробод) | 540/383 | 2932/2759 | 18,4/13,9 | -2392/-2376 |
| 17 | Хавотог (н.Зафаробод) | 0/0 | 20/22 | 0/0 | -20/-22 |
| 18 | Уротеппа (ш.Истаравшан) | 5/0 | 235/204 | 2,1/0 | -230/-204 |

Аз таҳлилҳои ҷадвали 1-ум хулоса бармеояд,соли 2020 бо сабаби ба миён омадани бемории Covid-19 воридот ва содироти автомобилҳо дар маҷмӯъ, яъне ҳам боркаш ва

мусофиркаш нисбат ба соли 2019 қариб дар тамоми гузаргоҳҳои сарҳадӣ кам гардидааст. Танҳо ин нишондиҳанда дар гузаргоҳи сарҳадии Фотеҳободи н. Мастчоҳ ва Маданияти н. Ҷ. Расулови вилояти Суғд каме зиёд гардидааст. Дар гузаргоҳи Овчи Қалъачаи н. Б. Ғафуров бошад дар соли 2021 умуман ягон-ягон воситаи нақлиёти воридот гардидааст.

Дар ҷадвали 2 Нишондиҳандаҳои асосии нақлиёти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки мувофиқи он ҳаҷми воридот ва содирот дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 тамоюли коҳишёбӣ дорад. Масалан соли 2020 шумораи автомашинаҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда 58,2%-и соли 2019, мутаносибан ҳаҷми бор 73,5%, мусофиркашонӣ дар ҳамин самт 21,7% ташкил доданд, ки хеле нишондиҳандаи паст мебошад. Чи хеле дар боло зикр намудем ин пеш аз ҳама вобастагӣ дорад ба беморechи Covid-19.

Ҷадвали 2.

Нишондиҳандаҳои асосии нақлиёти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2020

| № б\т | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Иҷроиш | | с.2019 нисбат ба с.2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2019с.** | **2020с.** | +/- | % |
| 1 | **Воридот-шумораи автомашина** | адад | 101608 | 59185 | -42423 | 58,2 |
| | -ҳаҷми бор | тонна | 911755,0 | 669957,0 | -241798,0 | 73,5 |
| | -ҳаҷми мусофирбарӣ | мусофир | 165357 | 35857 | -129500,0 | 21,7 |
| 2 | **Содирот-шумораи автомашина** | адад | 101237 | 56178 | -45059 | 55,5 |
| | -ҳаҷми бор | тонна | 1080370,0 | 817888,0 | -262482,0 | 75,7 |
| | -ҳаҷми мусофирбарӣ | мусофир | 171176 | 35062 | -136114,0 | 20,5 |
| 3 | **Транзит-шумораи автомашина** | адад | 621 | 339 | -282,0 | 54,6 |
| | -ҳаҷми бор | тонна | 9457,0 | 5310,0 | -4147 | 56,1 |
| | -ҳаҷми мусофирбарӣ | мусофир | 189 | 288 | 99,0 | 0 |
| 4 | **Шумораи автомашинаҳои ҶТ** | Фоиз (%) | 46,2 | 42,5 | -3,7 | 92,0 |

Хулоса аз таҳлилҳо бармеояд, ки натиҷаи фаъолияти терминалҳои наздисарҳадӣ дар соли 2020 қонеъкунанда набуда вобаста ба эътидол омадани вазъи санитариву эпидемиологии давлатҳои дуст ва бо омода гардидани маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки яке аз ҷузъҳои асосии содиротии мамлакат мебошад бояд корҳо дар самт назаррас карда шаванд.Бунёди терминалҳои замонавии наздисарҳади ва дохили ба мо имкон медиҳад, ки мо молу маҳсулоти ватании худро бе мушкили чи дар дохили кишвар ва ё бурун аз он ба истеъмолкунандагон бурда расонем. Дар шароити рушди нақлиётӣ - экспедитсионӣ тағироти фаъолиятӣ терминал бо дар назардошти гуногунии сатҳи хизматрасонӣ ба муштариён аз ҳисоби истифодабарии усулҳои пешқадам ва омӯзиши бозори хизматрасонии нақлиётӣ – экспедитстонӣ ба вуҷуд меояд, ташкилотҳои боркашон бо истифодабарии усулҳои логистикӣ, усули зуд бурда расонидани бор, маҷмааи хизматрасониҳои нақлиётӣ – экспедитстонӣ хизматрасони ба муштариён ва дигар технологияи бурдарасонии бор ба муштариён таъмин буда руз аз руз бештар мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007 № 212 "Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ”
2. Отчет о работе Министерство транспорта Республики Таджикистан.- Душанбе:Минтранс,2020. -120 с.

3. Транспортная логистика. Учебник/Под общ.Ред.Л.Б.Миротина.-М.: Изд-во «Экзамен», 2003

***Раҳмонов А.Р. - Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе***
***Ибрагимова М.К. - Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе***

## НАҚШИ ТАЪМИНОТИ ПУЛИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ

Маврид ба зикр аст,таъминоти пулии иқтисодиёт (монетизатсияи иқтисодиёт) ҷузъи таркибии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ мебошад. Солҳои охир масъалаи мазкур дар ҷомеаи муосир мавриди баҳсу музокира қарор гирифта, барои муайяннамоии ҳолати таъминоти иқтисодиёт бо пул тарзҳои мухталиф истифода гашааст, ки ин раванд боиси зарурияти таҳқиқоти омори-иқтисодӣ вобаста ба вақтро талаб мекунад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ ин ҳолат монетизатсияи иқтисодиёт ифода ёфтааст, ки ҳамчун таносуби нишондиҳандаи васеъи ҳаҷми пулӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ муаян карда мешавад. Мутобиқи методикаи ҳисоб коэффисенти монетизатсия ду нишондиҳандаи калидӣ дорад, яъне ММД-и номиналӣ ва унсури пули ($M_4$).

Сохтор ва миқдори нишондиҳандаҳои ҳаҷми пул дар мамлакатҳо гуногунанд ва аз сатҳи ташкили низоми молиявӣ-қарзӣ, ҳамзамон рушди бозори пули мамлакат вобаста аст. Масалан, дар Англия панҷ унсури пулӣ, Фаронса бошад даҳ, Олмон се, дар ҷумҳурии мо бошад панҷ агрегати пулӣ истифода мегардад. Бояд қайд намоем, ки мутобиқи ақидаи иқтисодчӣ оморшиносӣ рус ЛаврушинО.И ҳаҷми (массаи) пул ҳамчун воситаи муомилот ва ҳаракати он тибқи таснифоти оморӣ дар самтҳои ҷудогона сурат мегирад [6, с. 49].

Барои андозагирии сатҳи монетизатсия унсурҳои пулӣ ҳамчун миқдори пули дар муомило тистифода мегарданд. Қобили қайд аст, ки унсурҳои зикргардида ҳамчун нишондиҳандаи ҳаҷмии умумӣ ва сохтори нишондиҳандаи ҳаҷми пул, ки аз якдигар бо дараҷаи ҷалби дороиҳои молиявӣ ва сатҳи бозоргирии онҳо ҷудогона тафовутпазиранд. Худи унсури пулӣ ҳамчун нишондиҳандаи оморӣ–ин ҳамаи дороиҳои молиявӣ, ки дар иқтисодиёти кишвар ба сифати пул истифода мегашта мебошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо динамикаи унсурҳои пулии мамлакатро дар ҳашт соли охир дида мебароем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи унсурҳои пули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020**

| Унсурҳои пулӣ | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $M_0$ | 4144 | 4054 | 4591 | 7588 | 10950 | 11810 | 15 332 | 18 058 |
| Суръати афзоиш | 1,21 | 0,97 | 1,13 | 1,65 | 1,44 | 1,07 | 1,29 | 1,17 |
| $M_1$ | 4789 | 4885 | 5403 | 8728 | 12258 | 13081 | 16 697 | 20 010,3 |
| Суръати афзоиш | 1,17 | 1,02 | 1,10 | 1,61 | 1,40 | 1,06 | 1,27 | 1,20 |
| $M_2$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |
| Суръати афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_3$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |
| Суръати афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_4$ | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22 155 | 26 139,9 |
| Суръати афзоиш | 1,19 | 1,07 | 1,18 | 1,37 | 1,21 | 1,03 | 1,18 | 1,17 |

**Сарчашмаи маълумот:**Блютени омори бонкӣ № 12. Солҳои 2015 2019 ва 2020.

Зимнан қобили қабул аст, ки нишондиҳандаҳои зерин мутобиқ ба меъёрҳои назарявӣ аз он ҷумла «қоидаи пул»-и М. Фридмен бояд суръати афзоиш аз 10 % боло бошанд, ки ин меъёрро низ ба ғайр аз соли 2014 мушоҳида кардан мумкин аст [2, с. 236].

Унсури пулии М3, ки таҳлили динамикаи он дар ҷадвал оварда шудааст, дар мамлакати мо унсури асосӣ барои муайян кардани сатҳи монетизатсия истифода мегардад, ки сатҳи ноустувории тағйирёбии ин унсури пулӣ мушоҳида мегардад, ки таъсири бевосита ба сатҳи иқтисод мерасонад.

Сатҳи монетизатсия инъикоскунандаи қобилияти низоми молиявӣ тағйирдиҳии сармоя барои иштирок дар раванди истеҳсолот мебошад. Сатҳи баланди монетизатсия ба фароҳамоварии шароит ва устувории рушди иқтисодиёт, инчунин баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин дар солҳои охир устувории тамоили афзоиши сатҳи таъминоти пули иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад, хусусан дар соли 2020 коэффициенти мазкур ба 31,7% баробар гаштааст, ки дар муқоиса бо соли 2013 10,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки новобаста аз афзоиши сатҳи монетизатсия қимати ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи миёнавазни сатҳи байналмилалӣ (50%) пастар буда тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бояд ба (33,2%) зиёд карда шавад [1, с. 79].

Динамикаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ва яккатор нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи ин равандро, ки барои асоснок намудани гуфтаҳо бо рақамҳои омори расмӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019**

(млн,сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулии (М4) | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22155 | 26139,9 |
| ММД | 40524.5 | 45605.2 | 48401.6 | 54471.1 | 61 093.6 | 68844 | 77 354 | 82543 |
| Сатҳи монетизат-сия бо % | 20,9 | 19,9 | 22,2 | 27,1 | 29,1 | 27,2 | 28,6 | 31,7 |
| **Намояи нархҳои истеъмолӣ бо %** | 3,7 | 7,4 | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 3,8 | 0,3 | 9,4 |
| **Суръати рушди иқтисодиёт бо %** | 7,5 | 7,4 | 6,4 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 | 7,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷ.Т. соли 2019, Тоҷикистон:30-соли истиқлолият маҷмӯаи оморӣ, ва Бюллетени омори бонкӣ 2019 сол саҳ.82 ва 2020 сол с. 12, 14, 22.

Бо ақидаи мо нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи динамикаи чараёни монетизатсия бузург арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар доираи музокираи илмӣ алоқаманд бо натиҷаи сатҳи монетизатсия, афзоиши сусти он, дар як сатҳ қарор доштани сатҳи таварум ва суръати рушди иқтисодиёт боиси пайдоиши мубоҳиса барои ҳалли масъалаи мазкур гаштааст.

Инчунин дар се соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти паст кардани сатҳи таварум то андозаи 3% пайдо гашт. Бо назардошти тамоили манфӣ қайд кардан бамаврид аст, ки пастшавии суръати афзоишии ММД ба назар мерасад.

Монетизатсияи иқтисоди Тоҷикистон дар ҳаҷми 2-3 маротиба пасттар назар ба давлатҳои рушд карда, ҳамзамон давлатҳои Аврупои Ғарбӣ баназар мерасад. Суръати зиёдшавии манетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор ёфта, ба андозаи 2% дар як сол афзоиш ба назар мерасад, ки ин низ бо назардошти таварум ба назар гирифта мешавад. Аз тарафи дигар истифода аз ҷадвали суръати миёнасолонаи ҳаҷми пули васеъ 1,17%, сатҳи таъминоти пули иқтисодиёт 25,5% ва рушди иқтисодиёт ба 7,2% рост меояд.

Бо ин васила зарурати афзоиши суръати монетизатсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15-20 сол ба миён ояд, ки ин нишондиҳанда бояд ба андозаи 80%-таъмин карда шавад. Сатҳи баланди коэффисиенти монетизатсия дар давлатҳои Чин, Ҷопон, Фаронса, Британияи Кабир, хулоса дар ҳамон давлатҳое, ки дар сарҳадоти онҳо марказҳои молиявии байналмилалӣ фаъолият доранд, ба назар мерасад. Дар сохтори ҳаҷми пули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 ҳиссаи воситаҳои нақдӣ бояд аз ҳисоби рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва пулҳои электронӣ кам гарданд. Муаммои қайдгашта аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки ҷиҳати он РизоқуловТ.Р. қайд менамояд: «Воқеан дар дигар давраҳо дар рушди иқтисодиёт ин муаммо вуҷуд дошт ва ин муаммои бартарафнашаванда дар сохтори низоми сиёсати пули то ҳол боқи мондааст, яъне ҳиссаи пулҳои нақд дар сохтори ҳаҷми пул ҳамзамон нисбатан баланд аст» [12, с. 74].

**Динамикаи сатҳи тавварум, коэффисиенти монетизатсия ва суръати бозафзоиши ММД дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019.**

**Диаграммаи 1.**




Вазни қиёсии ҳаҷми пули нақд дар соли 2000 ба 81, 2% рост меомад, ки то ҳол ҳарчанд камтар ҳам шуда бошад, ҳоло ҳам мувофиқа ба давлатҳои дигар аз он ҷумла Чин баланд мебошад, бояд қайд кард,ки дар Британияи Кабир вазни қиёсии ҳаҷми пули нақди дар муомилот буда ҳамагӣ 3%-ро ташкил медиҳад, ки аз рушди босуботи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ин мамлакат ва таъминоти беҳамтои захираҳои молиявии корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Аз тарафи дигар масъалаи муҳими таҳлили корреляциятсионӣ ва регрессионӣ дар таҳқиқоти таъсиррасонии омилҳо ба рушди иқтисодиёт (У) ин баҳои робитаи миқдории байни аломатҳо мебошад. Муқаррар намудани робатаи зичи омилҳо–нишондиҳандаи сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул (Х), ҳаҷми пулҳои нақд ва омили натиҷавӣ, ки ба сифати нишондиҳандаи он, дар таҳқиқоти мазкур рушди иқтисодиёт қабул шудааст, ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ҳисобкуниҳо чунин муодилаи регрессияи хаттӣ ҳосил карда шуд: $У=1,522х-3043,0+М_0$.

Аз диограммаи мазкур бар меояд, ки ҳангоми пулҳои нақд дар муомилот зиёд гардад рушди иқтисодиёт руй ба коҳишёбӣ мениҳад, ва дар баробари ин бояд хотиррасон намуд, ки омили дигар (пандемия) низ таъсири худро расонидааст.

Ҳарчанд нишондиҳандаҳо ҷиҳатҳои манфиро дар даҳсолаи охир пайгирӣ менамояд, бояд қайд намуд, ки дар дар ин давра лағшиши мусбӣ баназар низ мерасад , бамонадӣ: дар як сатҳ қарор ёфтани тавварум, таъмини интенсивии бозафзоиши ҳаҷми пул бо суръати афзоиши басанда ва ғ. Қобили қабул аст, ки бар зами таъсиррасонии омилҳои ғайримонетарӣ сатҳи бо

пул таъмин гаштани иқтисодиёт баробар ба 31,7 % буда, ки ин нишондиҳанда нисбати давлатҳои тараққикарда чи тавре дар боло қайд намудем ҳоло ҳам кам аст.

**Муодилаи регрессияи хаттӣ дар асоси нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия ва рушди иқтисодиёт дар солҳои 2012-2020. Диаграммаи 2**




**Сарчашмаи маълумот:** Дар асоси ҷадвали 2 таҳия ва аз тарафи муллифон ҳисоб карда шудааст.

Хулоса алоқаманд бо ин гуфтаҳо ба яккатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои хешро муттамарказ менамоем, ки аз он ҷумла ба муаммоҳои методологии динамикаи баҳодиҳии сатҳи монетизатсия дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дохил мешавад:

1. Зарурияти интихоби нишондиҳандаи мувофиқи миқдори (унсур) пули дар муомилот буда ва танзими унсурҳо вобаста ба раванд.
2. Зарурияти интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаҳои калидии иқтисодиёт вобаста ба вақт.
3. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии сатҳи монетизатсия, истифода аз таҳлилҳои намуда, зарурияти танзими унсурҳои пулӣ вобаста ба ҳолати бозорӣ ва бозоргирӣ дар давраи муаян.
4. Банақшагирӣ вобаста ба танзими унсурҳои пулӣ ва тавассути он метавонанд, самти рушди ояндаи сатҳи монетизатсия ва устувории иқтисодиёти миллиро дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ муайян намоянд.
5. Таҳияи ташабуссҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд баҳри татбиқи бовари ба хизматрасонии бонкӣ.
6. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳо дар муҳити дохилӣ ва берунӣ.

## АДАБИЁТ


1. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. (Бахши молиявӣ) саҳ.
2. Илларионов А.Н. Реальный валютный курс и экономический рост. «Вопросы экономики», №2 2002 г..
3. Блютени омори бонкӣ 12 (270) 2017г. с.18
4. Блютени омори бонкӣ 7 (276) 2019г. с.15-17.
5. Блютени омори бонкӣ 12 (305) 2020г. с.14-22.

6. ЛаврушинО.И. Основы денежно кредитный политика: проблемы и решения // Банковские услуги, 2002, № 3.
7. Омори солонаи ҶТ соли 2019 саҳ. 14.
8. Тоҷикистон: 30 –соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.
9. Тураева М.О. «Сиёсати пулию-қарзӣ» Стратегияи развития Таджикистан саҳ. 89.
10. Финансы. Денежное обрашение. Кредит: Учебник /по редакции професора Г.Б. Полияка , 2003 С.31-45.
11. Ризокулов. Т.Р Проблемы инфляции в экономике Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2006.
12. Ризокулов Т.Р «О некоторых монетарных факторах макроэкономической нестабильности в условиях становления рыночной экономики» Стратегия и развития Таджикистан. – 2008. – С. 93

***Худойқулова Ё.К. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## РУШДИ ИҚТИСОД: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИ ОН

Рушди иқтисод аз нигоҳи нишондиҳандаи микро ва макроиқтисодӣ нишондиҳандаи нисбатан мураккаб буда, ҷанбаҳои гуногуни иқтисод, иҷтимоию, сиёсӣ, қонунгузорию давлатдорӣ ва омилҳои психологию иҷтимоиро дар бар мегирад. Моҳият ва мазмуни рушди иқтисоди воқеӣ дар омӯзиш, дарк ва аз нигоҳи тоза ҳаллу фасл ва маънидоду таҷдид намудани зиддияти асосии иқтисоди бозорӣ - зиддияти байни захираҳои маҳдуди истеҳсолӣ (иқтисодӣ) ва тақозои беинтиҳои ҷамъият зуҳур мугардад. Он дар асоси ҳар чӣ бештар афзун гардонидани имконияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии он ва ҳамаҷониба густариш додани талаботи ҷамъиятӣ ҳаллу фасл карда мешавад, рушди иқтисодӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии кулли иштирок-чиёни муносибатҳои иқтисодӣ дар як давраи муайян сурат мегирад. Бо ибораи дигар, рушди иқтисодӣ ҳамчун раванди муозин ва ботафсили ташкил ва ташаккули даромади воқеӣ дар иқтисод ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, даромади аҳолӣ, маҳсулоти умумии миллӣ, маҳсулоти умумии дохилӣ, даромади миллӣ.

Тарзи аввалро ҳисобу китоб, асосан, барои муайян кардани нерӯ ва қудрати иқтисодии мамлакат, суръатафзоии он дар давраҳои наздик ва оянда ва тарзи дуввум - таҳлили ботадриҷ тағйирёбии сатҳ ва дараҷаи некӯаҳволии шахс, аҳолӣ, ноҳия, мамлакат ва ғайра истифода карда мешавад.

Усули дуввум бештар дар назарияи рушди иқтисод афзалият дорад. Аз ин ҷихат таҳти рушди иқтисод ҳамон вазъ ва холати иқтисоде, ки қодир бошад, суръати афзоиши даромади миллиро нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ таъмин намояд, мефаҳманд. Суръати афзоиш рушди иқтисодӣ, одатан бо воситаи суръати афзоиши МУД-и воқеӣ дар ифодаи фоиз муайян карда мешавад.Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки давраи ҷой надоштани суръ¬ати афзоиш, маънои пурра қатъ гардидани фаъолияти хоҷагидориро надорад. Иқтисод дар ин давра - давраи санҷиш, тоза кардани раванди истеҳсолот аз воситаҳои монеъдиҳанда, пур кардани ҷои холии муносибатҳои истеҳсолии меросмонда, ба ҳам мутобиқгардонии тақозо ва арзаи кулл ва ғайра ташкил меёбад. Пастравии суръати афзоиш ин ҳам як шакли санъати ташаккули пешравӣ мебошад, ки барои давраиояндаи рушд замина ва шароит муҳайё менамояд. Тибқи ақидаи Й.Шумпетер давраи пастравӣ бӯхрон яке аз воситаҳои варшикастагӣ (хонахаробшавӣ) ва бунёдкоронаи (эҳсоси) иқтисод мебошад. Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз низоми бонкӣ вобаста мебошад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи

бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд.

Асосан се шакли рушди иктисодиро аз хамдигар фарқ мекунанд: эсктенсиви, интенсиви ва омехта.

**Рушди иктисодии экстенсивӣ** – ин афзоиши хачми МММ аз хисоби истифодаи омилхои иловагии истехсолот мебошад. Дар холати чой доштани ин шакли рушди иктисоди, афзоиши махсулот дар асоси афзоиши коргарон ва зиёд кардани иктидори истехсолот ба даст меояд, аммо истехсоли махсулот ба сари хар як коргар бетагир мемонад.

**Рушди иктисодии интенсивӣ**– ин афзоиши хачми мачмуи махсулоти милли аз хисоби истифодаи самаранок ва мукаммал намудани омилхои истехсолот (хусуан техника ва технология) мебошад. Аз чумла истифодаи кувваи кори тахассуснок, захирахои камхарч ва технологияи пешкадам ба таъмини чунин рушди иктисоди мусоидат мекунанд.

**Рушди иктисодии омехта** –ин афзоиши хачми МММ аз хисоби зиёд намудани шумораи омилхои истехсолот ва такмили техникаю технология мебошад.

Мохияти асосии рушди иктисоди дар принсипи акселератор ифода меёбад, яъне бо афзоиши МММ даромади аҳоли, пасандоз ва маблаггузори зиёд шуда, боиси бори дигар афзоиш ёфтани хачми истехсолот мегарданд.Дар адабиётхои иктисоди мафхумхои сарчашмахо ва омилхои иктисодиро аз хамдигар чудо мекунанд. Ба сарчашмахои рушди иктисоди захирахои иктисоди ва ПИТ дохил карда мешаванд. Захирахои иктисоди (захирахои табии, мехнати, модди, молияви) мачмуи омилхои истехсолотро ифода менамоянд. Ба омилхои истехсолот мехнат, замин (бо канданихои фоиданок) ва сармоя дохил мешаванд. Хар яке аз ин омилхо хусусияти ба худ хос дошта ба рушди иктисоди таъсири худро мерасонанд. Сарчашмаи дигари рушди иктисоди ин прогрессии илмию техники, яъне такмили технология ва шаклхои идоракунии истехсолот мебошад. Бо истифодаи техникаю технологияи нав, усулхои нави идоракунии истехсолот мебошад. Бо истифодаи техникаю технологияи нав, усулхои нави идоракунии истехсолот, истифодаи навоварихои илмию техники, истехсоли махсулоти милли зиёд мешавад, яъне рушди иктисоди ба вучуд меояд. Ба рушди иктисоди омилхои гуногун таъсир мерасонанд, ки онхоро ба омилхои арза, омилхои такозо ва омилхои манфи таксим кардан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Иохин В.Я Экономическая теория; Учебник. - М.Юрист, 2000
2. Попов А.И Экономическая теория:Учебник-Питиер 2006
3. Кузнецов, М. М. Социально-экономические предпосылки вовлеченности стран в процесс глобализации мирового хозяйства / М. М. Кузнецов // Ученые записки Таврического национального университета им. В. И. Вернадского. Серия «Экономика и управления
4. Экономическая теория / под ред. Е. Н. Лобачевой. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: 2012
5. Паёми призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021
6. Попов А.И. Экономическая теория:Учебник-Питиер 2006


***Юсупова З.И. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

## ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ-МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир раванди ташаккули фарҳанги идоракунӣ, донишҳои идоракунӣ бояд ба ҷойгиршавии иҷтимоии шаҳрвандон, қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии онҳо ва пайваста баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шавад. Омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ ҳангоми батанзимдарорӣ ва банақшагирии оила аҳамияти муҳим пайдо менамояд ва яке аз фишангҳои асосии инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

Вобаста ба ин ҳолат, баҳои комилан мувофиқи тамоюли инкишофи равандҳои иҷтимоӣ ва муайян намудани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо зарур аст. Дар баъзе минтақаҳои

кишвар суръати нисбатан баланди зиёдшавии табиии аҳолӣ дида мешавад, ки тафовути минтақавӣ дар хусусияти равандҳои демографӣ бо дигаргуншавӣ ва тағйирот дар тарзи ҳаёт, инчунин, хусусиятҳои этникӣ, ки бо одат ва анъанаҳои миллӣ дар муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ дошта мешаванд, вобастагӣ доранд [4, с. 5].

Яке аз мушкилоти асосие, ки имрӯзҳо дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, ин ҳолати номувозинии тақозо ва арзаи қувваи коргарӣ дар он ба шумор меравад, ки, пеш аз ҳама, номувофиқати ҳайати касбӣ ва тахассуснокии кормандонро нисбати ҷойҳои кории озод ифода менамояд. Ҳолати номувозиниро дар бозори меҳнат як қатор сабабҳо ба вуҷуд меоранд, ки муҳимтаринашон ихтилоф байни ҳаҷм ва сохтори ҷараёнҳои воридот ва хориҷи қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат, дар муддати кӯтоҳ ба талаботи тағйирёбанда ба кадрҳои баландихтисос ҷавоб дода натавонистани механизми бозорӣ, давомнокии раванди омодасозии кадрҳои баландихтисос; набудани танзими самаранок ва муассири давлатӣ оид ба тайёр намудани шумораи зарурии кадрҳои баландихтисос ба шумор мераванд [3, с. 171].

Аз тарафи дигар, бозори меҳнат дар шароити вобастагии сахт ба дараҷаи музди меҳнат амал мекунад, яъне талабот ба қувваи корӣ бо талаботи маҷмуӣ танзим карда мешавад ва рафтори одамон аз манфиатҳои иқтисодии шахсӣ вобаста аст. Олимон собит кардаанд, ки рушд ва фаъолияти бозори меҳнат бо ҳолатҳои номутавозунӣ алоқаманд аст, ки дар ниҳоят сабаби бекорӣ мегардад. Агар дар бозори меҳнат баробарӣ вуҷуд надошта бошад, пас бозор дар шароити каср ё зиёдатии захираҳои меҳнатӣ фаъолият дорад.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ шумораи аҳолӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Дар маҷмӯъ, дар давраи солҳои 2011-2020 он ба 1506.6 ҳазор нафар ё худ ба 19,3% афзуд. Афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ва суръати пасти рушди иқтисодӣ нишондодҳои шадиди демографиро афзунтар мегардонад. Чунончи, соли 1989 ба 100 нафар одами синни қобили меҳнат агар 175 нафар синни ғайриқобили меҳнат рост ояд, дар соли 2019 ба 100 нафар 152 нафар рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки дар мамлакат давра ба давра аҳолии синни ғайриқобили меҳнат кам шуда истодааст. Тағйирёбии миқдори аҳолиро, дар маҷмӯъ, дар давраи омӯхташуда бо ёрии нишондиҳандаҳои миёнаи қаторҳои динамикӣ муайян кардан мумкин аст [2].

Тибқи пешгӯиҳо шумораи мутлақи аҳолии ҷумҳурӣ дар соли 2025 ба 12,1 млн. нафар, то соли 2050 ба 18,7 млн. нафар ва то соли 2060 ба 21,1 млн.нафар баробар хоҳад шуд. Тамоюлҳои дар боло зикршуда, дар навбати худ ба афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат асос мегузоранд. Қобили зикр аст, ки тақрибан 47-50%-и аҳолиро захираҳои меҳнатӣ ташкил медиҳанд, шумораи онҳо дар соли 2025 ба 5,8 млн. нафар, то соли 2050 ба 9 млн. нафар ва то соли 2060 зиёда аз 10млн. нафар наздик хоҳад шуд [5]. Иқтидори пешгӯишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин солҳо оё ба таъсиси пурраи шумораи ҷойҳои корӣ, тайёрии касбӣ ва ба ҷои кор таъминшавии аҳолии қобили меҳнат мусоидат мекунад, норавшан аст. Бинобар сабаби таъмин набудан бо ҷойҳои кории доимӣ, дуруст фаъолият накардани суъбектҳои хоҷагидорӣ, корхонаву ширкатҳо, паст будани сатҳи музди меҳнат, инчунин риоя нагардидани сиёсати одилонаи ҷобаҷогузории кадрҳо ва қонеъ нагардидани ниёзҳои иҷтимоӣ аксари аҳолии фаъоли иқтисодӣ рӯ ба муҳоҷират меоранд.

Мувофиқи ҳисобҳои Бонки ҷаҳонӣ то соли 2025 болоравии муҳоҷират дар иқтисоди ҷаҳон ба афзоиши маҷмӯи даромадҳои ҷаҳон дар ҳаҷми 365 млрд. доллари ИМА оварда мерасонад, ки аз он 162 млрд.доллари ИМА ҳамчун даромади муҳоҷирон, 143 млрд.доллари ИМА ба манфиати давлати содироткунандаи қувваи корӣ ва 51 млрд. доллари ИМА ба манфиати воридкунанда баробар аст. Ин пешгӯӣ нишон медиҳад, ки то чӣ андоза муҳоҷирати меҳнатӣ ба сарчашмаҳои рушд, аз ҷумла ба ҳолати тараққиёти сармояи инсонӣ ва буҷети давлатӣ саҳмгузоранд [6]. Пешгӯии Фонди Гэллап дар ин ҷода нишон медиҳад, ки 80%-и аҳолии кишварҳои мутараққӣ нисбатан ба кишварҳои тараққикарда куч мебананд ва танҳо 13 % ба кишварҳои тараққикарда муҳоҷират менамоянд. Бо мақсади вусъат додани шуғли аҳолӣ ва кам кардани шумораи бекорон, хусусан, дар байни ҷавонон, аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ ва маорифу тандурустӣ ҳама сола на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз мақсад дорад,

ки то соли 2030 бо истифода аз тамоми имконоту захираҳои мавҷуда маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ба ҳар сари аҳолӣ то 3 баробар афзоиш дода, сатҳи камбизоатиро беш аз ду бароба ркоҳиш диҳад ва ҳиссаи аҳолиидорои даромади миёнаро аз 22 то 50 фоиз зиёд намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бисёр масъалаҳои муҳиму аввалиндараҷа аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастгирии соҳибкорӣ, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тарбияи кадрҳо, боло бурдани фарҳанги ҷомеа, зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия, зиёд гардидани музди меҳнати ҳадди ақал ва ғайраҳо пайваста аҳамияти хоса зоҳир менамояд [1].

Дар Стратегияи миллӣ афзалиятҳои зерин оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ муайян гардидааст [5]:

➢ ташаккули низоми самараноки танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, хусусан аз нигоҳи таъмини ҳуқуқи башар ва рушди ҳамкориҳо;

➢ рушди шакл ва усулҳои самарабахши идоракунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа, ки бо вусъатёбии озодии иқтисод, риояи ҳуқуқҳои инсон, рушди дутарафа ва бисёртарафаи муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманд аст;

➢ рушди иқтидори муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба баландбардории тайёрии касбӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, фаъолнокшавии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷараёни рушди иқтисоди миллӣ сафарбар шудааст;

➢ вусъатёбӣ ва пурзуршавии нақши шарикиятҳои хусусӣ ва давлатӣ дар самти тайёркунӣ ва ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар.

Бояд зикр намуд, ки дар Стратегия чораҳои мушаххас баҳри татбиқи ислоҳот дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, ба монанди афзалиятҳо, азхудкунии бозорҳои нави корӣ, ҳимояи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат ба ташаккули тайёрии босифати касбии муҳоҷирони меҳнатӣ ба мавридзикр шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамасола ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ маблағҳои зиёд ворид мегарданд, ки ин сарчашмаи беҳсозии вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Пас аз баррасии ин масъалаи мубрам, мо ба хулосае омадем, ки агар ба масоили зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоем, пас дар низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ пешравӣ ё воқеан рушдро мунтазир хоҳем гашт:

➢ такмилдиҳии қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ;

➢ такмилдиҳии системаи мониторинг ва пешгӯинамоии вазъи (конъюктураи) бозори меҳнат;

➢ боназардошти ташаббускорӣ, қобилияти зеҳнӣ ва хизматҳои назаррас ҳавасмандгардонии аҳолии фаъоли иқтисодӣ;

➢ баландбардории сифату шароити ҷойҳои корӣ;

➢ тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба байни корхона- корфармо ва муассисаҳои таълимӣ дар тайёр намудани кормандони соҳибтахассус.

Дар охир метавон хулоса намуд, ки дар самтҳои зикргардида фаъолияти ҳам муассисаҳои таълимӣ ва ҳам корхонаҳои хурду бузург боз ҳам беҳтар хоҳанд гашт. Дар сурати боз ҳам ташкили бештари ҷойҳои нави корӣ, ташкили озмунҳо, курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, баргузории конфронсу семинарҳо идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар кишвари мо такмил хоҳад ёфт. Ин ҳам бошад ба сатҳи камшавии муҳоҷирати меҳнатӣ ва бекорӣ таъсири мусбӣ хоҳад гузошт.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12. 2019. // [Захираи электронӣ] -Тарзи дастрасӣ: http://president.tj/node/21975 (Санаи воридшавӣ: 14.02.2022с).
2. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (чопи расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. - С.149

3. Одиназода К.С. Модели таъмини мувозинати дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Одиназода К.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. - №2. –С.171-182
4. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Одинаев М.А., Обидов Ф.С., Амонова Д.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№5. – С. 5-12
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030// [Захираи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://mmk.tj/system (Санаи воридшавӣ: 02.03.2022с)
6. An Analysis of the Labor Market for Anesthesiology / L. Daugherty, R. Fonseca, K.B. Kumar, P. Michaud // RAND Health Technical Report. – 2020.

***Джураева Х.Х.*** **- Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ И ПРОСТРАНСТВЕННОЕ РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕГИОНЕ

В современной экономической системе и деловой практике изучению роли регионального разнообразия в развитии национальной экономики, в том числе предпринимательства, уделяется не достаточного внимания. Для этого есть две основные причины. Первая причина –когда не придают особого значение региональной экономики, а вторая причина состоит в том, что до сих пор не достаточно разработаны модели и мало исследованы проблемы региональной экономики.

Поскольку национальная экономика Таджикистана является неотъемлемой частью мировой экономики, где термин «регион» используется в большей степени, мы считаем методологически правильным представление объективных возможностей развития в различных формах. управление в структуре экономики региона [1]

Необходимо нужно обратить внимание на очень важное обстоятельство с точки зрения терминологии и его роль в использовании потенциала ресурсов в данной области, в зависимости от ее доступности и характеристик. Это первое. Во-вторых, в научной литературе проблемы регионов рассматриваются с трех сторон: микроэкономическая, геополитическая, территориальное воспроизводство.

Микроэкономический подход, необходим для того, чтобы экономика Республики Таджикистан и все составляющие ее прошедшие эволюционное развитие структуры, стали единой системой отношений, которая бы способствовала бы развитию национальной экономики. Микроэкономический подход, позволяет решать задачи экологического, характера, позволяет обеспечить продовольственную безопасности способствует сокращение бедности в стране.

Геополитический подход характерен для определенного территориального единства соседних стран Центральной Азии, которое возникло после распада СССР и создало такие экономические сообщества, как СНГ, ШОС, Евразия и другие, со своим общим рынком. Новая экономическая интеграция азиатских стран позволило создать единое экономическое поле с общими рыночными, валютными и бизнес-правилами [2].

А территориально-воспроизводственный подход выражен общностью территории всей страны, которое образует суверенное государство. Существуют две интерпретации содержания территориально-репродуктивного понимания региона.

Первый - чисто географический. Под ним понимается экономико-географическое территориальное разделения труда, имеющим свои отраслевые направления. В этом случае регион приобретает односторонний характер естественного образования. В Таджикистане это называют народнохозяйственными комплексами и т. д.

Вторая интерпретация региона происходит из понимания репродуктивного процесса, который описывается не прямой линией и не кривой, а спиралью и включает в себя все чередующиеся фазы: производство, распределение, обмен, потребление. В данном случае ссылка - это рынок. В данном случае в региональной экономике существую два понятия, такие как «эндогенный» и «экзогенный». При эндогенном процессе производство и потребление осуществляется толь в одном регионе страны, а при экзогенном производство осуществляется в одном регионе, а потребление в другом. На основе анализа эндогенных и экзогенных процессов, можно говорить об особенности определенного региона, способности региона кооперировать с другими регионами страны и обретать некоторую самостоятельность в действиях.

В настоящее время, рыночная экономика позволяет планировать определенные отрасли экономики региона. В Хатлонской области это прежде всего торговля и сельское хозяйство, так как большинство населения живет на селе и заняты личным хозяйством. Данная область хоть и отстает от Согдийской области по многим социально-экономическим показателям, но однако нужно отметить, что Хатлонская область имеет все необходимые средства производства и способна в ближайшие года стать промышленным центром экономики Республики Таджикистан

Динамичное развитие регионального рынка имеет двойное влияние на развитие Хатлонской области. Во-первых, многие отрасли регионального предпринимательства, преодолели трудности, возникаемые в период создание свой деятельности. Во-вторых, производственные процессы протекают неравномерно, что негативно отражается на экономике региона. В результате этого, появляется новый экономический процесс, который обеспечивает развитие различных форм предпринимательства в регионе.

В современное время, формирование и функционирование предпринимательства теоретически отражено в работах экономистов, свидетельствующих о роли отдельных регионов в достижении продовольственной самообеспеченности. Самообеспеченность регионов достигается только в том случае, если между регионами страны будет единая политика взаимодействия и взаимопомощи. Регион должен обладать некой самостоятельностью в принятии решений в области привлечения инвестиций в регион, в преумножении собственных ресурсов, в разработке региональных программ, специально предназначенных данному региону, за счет собственных сил улучшать инфраструктуру региона, повышать уровень жизни населения и предоставить предпринимателям необходимые льготы для развития этой сферы [3].

В случае большинства регионов республики (горных и высокогорных), например, труднодоступных мест, где более суровые климатические условия, развитие предпринимательства замедляет свой темп, так как становиться трудным обмен товаров между регионами страны. В республике Таджикистан таким регионом, является ГБАО и дальние ее районы Ишкашим и Мургаб. В Хатлонской области, особенно в летний период преобладает высокая атмосферная температура, что иногда также негативно отражается на сельскохозяйственном производстве [4].

С другой стороны, регионы Республики Таджикистан разнообразны, что соотношение между сравнительными издержками, то есть стоимостью товаров в обмен на обмен, будет достаточным для определения желательности обмена экономической деятельностью. Это еще более убедительно, если по историческим причинам уже были сделаны крупные инвестиции и созданы значительные производственные мощности промышленной и социальной инфраструктуры в старых развитых регионах.

В связи с этим, в региональной экономике, существуют различные формы предпринимательства, которые путем взаимодействия между собой, способствуют развитию конкуренции, как одной из главных факторов развития экономики в целом.

С исследовательской позиции надо признать, что за последние годы в сфере предпринимательства, такие проблемы как специализация производства, кооперирование, комбинирование, концентрация производства играющий особую роль в развитии

национальной экономики и в частности в развитии предпринимательства в регионе, с учетом различных направлений предпринимательской деятельности. Поэтому считаем необходимым на социально-экономическую сущность вышеназванных экономических категорий и их функциональной задачи в условиях рынка остановится более подробно, ибо они в совокупности являются неотъемлемой части предпринимательской деятельности [5].

Региональное предпринимательство по нашему мнению – это комплекс всех форм предпринимательства, направленных на производство, выполнения работ или оказания услуг и доведение всего этого до конечного потребителя.

Отношения собственности на средства производства пронизывают все сферы экономических отношений — производства, обмена, распределения и потребления материальных благ и обусловливают распределение средств производства и распределение людей в структуре общественного производства - классовую структуру общества. Можно сказать, что производственные отношения подчеркивают материальные ценности в предпринимательской деятельности.

В экономических исследованиях большое значение имеют как общие характеристики производственных отношений, сложившихся в данной области исследования, так и их региональные особенности: соотношение различных слоев (классов) населения, слоев в конкретных регионах и территориях.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Джураева Х.Х. Государственная поддержка и развитие предпринимательской деятельности в регионе. Республиканская научно-практическая конференция на тему «Достижения в сфере труда, миграция и занятости населения в период независимости» посвященной 30-летию Независимости Республики Таджикистан. Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан
2. Рахмонов Э.Ш. Предпринимательство и развития экономики// Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2001. - №3.
3. Низомова Т.Д. Проблемы развития малых предприятий в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2002. - № 3. – С.67–79.
4. Регионы Республики Таджикистан. Статсборник. – Душанбе, 2019. - 204 с.
5. Орипов Р.А. Региональные особенности эффективности сельского хозяйства. – Душанбе, 2003. 20 с.



***Каримов Б.Ҳ. – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

***Бобохонова Ш.Х. - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***


## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОШАВИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муосири бо энергияи электрикӣ таъмин намудани соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва аҳолии мамлакат амал менамояд, ки дар асоси омӯзиши таърихи он заминаҳои ташаккул ва хусусиятҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муайян мегарданд.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ маҷмӯи амалиётеро ифода менамояд, ки бо харид ва фурӯши энергияи электрикӣ, хизматрасониҳо оид ба интиқол ва тақсим кардани энергияи электрикӣ, хизматрасониҳои технологии бо амалкунии боэътимоди шабакаи электрикӣ ва дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои сифатии таъмини энергияи электрикӣ, хизматрасониҳо оид ба фурӯши он, баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергияи электрикии ба истеъмолкунандагон пешкашшаванда алоқаманд мебошанд.

Таърихи соҳаи электроэнергетика нисбатан нав аст. Имрӯз тасаввур кардан мушкил аст, ки ҳамагӣ 200 сол пеш инсоният аз энергияи электрикӣ огаҳ набуд. Тавре маълум аст, ба корбурди оммавии энергияи электрикӣ ба сифати маҳсулоти дар соҳаҳои мухталифи

фаъолияти инсон истифодашаванда ихтироъкориҳои олимони физик ва соҳибкорон дар асри XIX боис шудаанд. Дар соли 1831 физики англис Майкл Фарадей муҳаррики тавлидкунандаи ҷараёни электрикиро, ки бо буғ кор мекард, ихтироъ намуд [9, с. 114].

Ҷолибияти тиҷоратии энергияи электрикиро аввалин шуда соҳибкорони америкоӣ арзёбӣ намуда ва ба он эътибор додаанд. Дар оғози солҳои 1880 якчанд нафар молиячиёни америкоӣ, ки аз ҳангомаи атрофи фурӯзонаки электрикӣ илҳом гирифта буданд, оид ба сохтмони нерӯгоҳи тавлидкунандаи энергияи электрикӣ тасмим гирифтанд. Онҳо бо ширкати Edison Electric Light (муассисон Томас Алва Эдисон – ихтироъкори аввалин фурӯзонаки электрикӣ ва аввалин нерӯгоҳи истеҳсолкунандаи энергияи электрикӣ ва Ҷон Пирпонт Морган – соҳибкор, бонкир, молиячӣ) шартнома баста, соли 1882 дар маҳаллаҳои Пёрл-стрит ва Манхэттени шаҳри Ню-Йорк нерӯгоҳи барқиро бо иқтидори 90 кВт ба кор даровarданд. Ҳамин тавр, аввалин бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ арзи ҳастӣ намуд, ки «ба 85 нафар харидорони дорои 400 адад фурӯзонак хизматрасонӣ мекард» [9, с. 118].

Қайд бояд кард, ки аввалин бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар шароити рақобат ташаккул ёфтааст. Дар оғози арзи ҳастӣ намудани худ низомҳои таъмини энергияи элеектрикии истифодаи оммавӣ бо вуҷуди беназирӣ ва умумияти энергияи электрикӣ чун мол рақибони зиёд доштанд. Онҳо ба ғайр аз таҳвилкунандагони газ, инчунин бо нерӯгоҳҳои электрикии худмухор рақобат мекарданд. Бештари соҳибкорон сармояи худро ба нерӯгоҳҳои электрикии худмухтор, ки барои бо энергияи электрикӣ таъмин намудани корхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва манзили сарватмандон истифода мешуданд, сафарбар мекарданд.

Дар солҳои 1890 гурӯҳҳои мухталифи олимон ва ихтироъкорон муҳаррик (генератор)-ҳо ва дастгоҳҳои табдилдиҳанда (трансформатор)-хое сохтанд, ки ҷараёни барқи тағйирёбандаро ҳосил намуда, онро табдил медоданд. Ин комёбиҳои илмӣ-техникӣ асоси таҳияи низоми сифатан нави таъминоти электрикии истифодаи умум дар намуди низоми умумии технологии электроэнергетикӣ гардиданд, ки дар он муҳаррики ҷараёни тағйирёбанда дар нерӯгоҳи марказӣ барқро ҳосил менамуд, ки сипас ба ҷараёни электрикии шиддати баланд табдил дода шуда, ба зеристгоҳҳои маҳаллӣ дода мешуд ва дар он ҷо барои мутобиқ шудан ба эҳтиёҷоти мардум табдил дода мешуд. Акнун «истеъмолкунандагони ниҳоят мухталиф ба истифодабарии энергияи электрикӣ (ки дар бозор харида мешуд) барои ҳадафҳои гуногуни равшанидиҳӣ, таъмини кори муҳаррикҳои электрикӣ, гармкунӣ, дигар эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва маишӣ шуруъ карданд» [1, с. 16].

Хусусияти муҳими фарққкунандаи рушди бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ин аст, ки аз оғози ташаккули худ дар охири асри XIX то имрӯз дар он воситаҳои танзимкунии давлатӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Бар асари омилҳои зиёд, бо вуҷуди аз ибтидо хосияти рақибона доштан, ин соҳаи соҳибкорӣ то охири асри XX ҳамчун соҳаи фаъолияти соҳибкории ба қавле «барои ҷамъият муҳим», ё инҳисорӣ баррасӣ мешуд. Дар ин соҳаи фаъолият дахолати танзимкунандаи мақомоти давлатӣ алайҳи механизми рақобати озод муфид ва босамар эътироф мешуд. Дар натиҷаи ин раванди ҳамкории рақибонаи таҳвилкунандагон ва харидорони энергияи электрикӣ таҳриф шуда, тавассути амалҳои мақомоти давлатии танзимкунанда бо иштироки бевоситаи субъектҳои инҳисорӣ, ки ҳуқуқи таҳвили энергияро дар минтақаи хизматрасонии худ ба даст овардаанд, танзим карда мешуд. Ҳамин тавр, рушди муносибатҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ чун намунаи возеҳи таърихи «сиёсати иқтисодии ба маҳдудкунии рақобат нигаронидашуда» [6, с. 263] баромад мекунад. Ҳадафи чунин тадбирҳои маҳдудкунандаи рақобат, бешак ба гурӯҳҳои муайяни субъектҳои бозор пешкаш намудани афзалиятҳо тавассути ҳимояи онҳо аз амалҳои рақибони дигар мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо чунин танзимкунӣ барои ташаккули нархҳои инҳисорӣ шароит фароҳам меоварад. Дар ҳолатҳои дигар ин рух намедиҳад ва дар натиҷа «вазъе ба миён меояд, ки аксари сармоядорон, соҳибкорон, фермерҳо ва коргарон ба он соҳаҳои саноат, ки он ҷо онҳо нафъи бештар оварда метавонанд, роҳ дода намешаванд» [6, с. 263].

Танзими давлатии нарх (тариф)-ҳои энергияи электрикӣ ба ҳукумат имкон медиҳад, ки ба ин васила ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат таъсир расонад. Сиёсати нарх

дар соҳаи электроэнергетика аз ҷониби ҳукумат ба сифати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, механизми рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти минтақаҳо ба кор бурда мешавад. Вазифаи асосии соҳаи энергетикаи Ҷумњурии Тоҷикистон «самаранок инкишоф додани соҳаи энергетика, таъмин намудани талаботи кишвар бо энергияи электрикӣ ва таъмини бехатарии энергетикии кишвар мебошад» [8, с. 50].

Дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муносибатҳои бозорӣ танҳо дар он доираҳое амал мекунанд, ки худи давлат онҳоро муқаррар мекунад. Дар ин маврид вазифаи муҳими ҳар як давлат – дарёфти он ҳадди таъсири худ мебошад, ки барои амалкунии босамари бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ зарур аст. Давлат қоидаҳои амалкунӣ ва рушди бозор, тартиби бастан ва иҷрои шартнома ва қарордодҳоро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва умуман ҷамъиятро дар самти пешкаш ва истеъмол намудани энергияи электрикӣ ҳимоя мекунад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳо электроэнергетика соҳаи появии иқтисодиёт ба шумор меравад. Фаъолияти боэътимод ва босамари соҳаи электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини зиндагии муътадили аҳолӣ мебошад.

Тавре таърихшинос А.Қ. Ҳусайнов қайд мекунад, дар таърихи пайдошавӣ ва рушди электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон се марҳилаи асосӣ ҷудо карда мешавад [7, с. 48]:

1) аз оғози солҳои 30-юм то охири солҳои 50-уми асри XX, - замони ғалабаи пурраи сотсиализм дар Иттиҳоди Шӯравӣ;

2) аз оғози солҳои 60-ум то солҳои 90-уми асри XX, - айёми комёбиҳои назарраси таърихӣ дар рушди электроэнергетика;

3) аз оғози солҳои 90-уми асри XX то имрӯз, ки бо рукуди Иттиҳоди Шӯравӣ ва пойдоршавии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Аз ин бармеояд, ки заминаҳои пайдошавӣ ва рушди соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо омӯзиши асарҳои илмии ба таҳқиқи электроэнергетикаи даврони Иттиҳоди Шӯравӣ алоқаманд метавон таҳқиқ намуд.

Муаллифон А.И. Гришенко ва П.С. Зиноватний низ таърихи таъминоти энергияи электрикиро ба се марҳила ҷудо мекунанд, ки заминаҳои пайдошавӣ ва рушди соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи дуюми ҷудонамудаи онҳо (тамоми давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ – солҳои 1917-1991) рост меоянд [3, с. 9]. Маҳз дар ҳамин давра соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт ҷудо гардида, рушд кардааст.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби давлат инҳисор шуда буд. Бино бар ин, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ба маънии асил дар мамлакат вуҷуд надошт. Электрикониӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ дар асоси нақшаҳои директивӣ дар шароити набудани ягон хел рақобат ба ҷо оварда мешуд.

Дар раванди ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ҳамаи мамлакатҳои пасошӯравӣ бо мушкилоти муайяне дучор гардиданд, чунки ин бозор аз дигар намудҳои бозор ба куллӣ тафовут дорад. Хусусиятҳои энергияи электрикӣ чун мол, шароити технологии истеҳсол ва истеъмоли он, ҳамчунин иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида асари хуро ба амсилаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мегузоранд [5, с. 48].

Иқтисоддонҳо амсилаи бозори комилро, ки барои истифодабарӣ дар шароити хизматрасониҳои электроэнергетикӣ низ тавсия дода мешавад, ба таври басанда таҳқиқ намудаанд. Вале ин амсила бо моли абстрактӣ сарукор дорад. Дар амалия бошад, бозори комил дучор намеояд, вале вайро метавон чун амсилаи идеалӣ барои дарки механизмҳои умумии бозорӣ истифода бурд. Дар бозорҳои воқеӣ намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо ҷой доранд, ки ба ташаккули нархҳо дар асоси қоидаҳои бозори комил монеа мешаванд. Дар чунин шароит зарурат барои таҳия намудани усулҳо, қоидаҳо ва тарзҳои махсусе ба миён меояд, ки ба иштирокчиён барои бо қоидаҳои бозор фаъолият кардан имкон диҳанд. Бино бар ин, ҳангоми

бунёд намудани бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таҳия намудани тарзҳои хосаи тиҷорат зарур аст, ки хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро баҳисоб гиранд.

Тавре маълум аст, дар оғози солҳои 1980, дар шароити электриконии саросарии тамоми соҳаҳои фаъолият ва муҳити зисти инсон, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ тамоюли нави баландшавии назарраси нархи барандагони энергия ва тарифҳои хизматрасониҳо дар соҳаи таъмини энергияи электрикӣ мушоҳида мешуд. Тамоюли нав дар тағйирёбии нархҳои хизматрасониҳои электроэнергетикӣ вокуниши номатлуби истеъмолкунандагон ва мақомоти давлатии танзимкунадаро ба миён овард. Акнун мақомоти давлатии барои танзими раванди таъминот бо энергияи электрикӣ ваколатдор дар раванди ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкур масъалаҳои самаранокии таъмини энергияи электрикӣ ва танзимкунии давлатӣ дар ин соҳаи муҳими иқтисодиётро аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ мекарданд.

Арзёбии интиқодии самаранокии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки дар шароити низоми барои он замон анъанавии танзимкунии давлатӣ амал мекард, инчунин ангезаҳо барои баланд бардоштани самаранокии бозори мазкур ба он оварданд, ки бо гузашти қариб 100 сол пас аз аввалин аҳдҳои хариду фурӯши энергияи электрикӣ тасаввурот оид ба мақбул будани истифодабарии рақобати бозории озод дар соҳаи электроэнергетика ташаккул меёбад. Тибқи тасаввуроти мазкур рақобати озод барои беҳгардонии раванди таъмин намудани истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо дар соҳаи мазкур мусоидат мекунад. Зимнан бояд қайд кард, ки то он замон «дар аксари соҳаҳои фаъолияти инсонӣ аллакай муносибатҳои рақибона ба ҳукми анъана даромада, дар амалия босамарии хуро собит карда буданд» [1, с. 20].

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бо ҳаҷми васеи худ ва ҷараёнҳои бузурги сарватҳои молиявӣ фарқ мекунад, ки ба соҳаи мазкур хосияти устувории сохторӣ медиҳанд ва ба ин васила сатҳи ҷолибияти соҳибкорӣ дар он баланд аст. Маҳсулоти дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ пешниҳодшаванда ягона буда,

**АДАБИЁТ**


1. Афанасьев В.Я., Кузьмин В.В. Конкуренция на электроэнергетическом рынке // Деловой журнал Neftegaz.ru. – 2016. - № 9 (57). – С. 20-28
2. Афанасьев В.Я., Кузьмин В.В. О развитии конкурентных отношений на электроэнергетических рынках / В.Я. Афанасьев, В.В. Кузьмин // Вестник университета. - 2015– - № 5. – С. 16-28
3. Грищенко А.И., Зиноватный П.С. Энергетическое право России: правовое регулирование электроэнергетики в 1885—1918 гг. / А.И. Грищенко, П.С. Зиноватный. - М.: Издательство «Юрист», 2008. – 280 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” [Сарчашмаи электронӣ] / / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. - № 5 / Низоми дастрасӣ: URL: http://mmk.tj/content/
5. Максимов Б.К. Теоретические и практические основы рынка электроэнергии / Б.К. Максимов, В.В. Молодюк. - М.: Издательство МЭИ, 2008. - 291 с.
6. Мизес Л. Человеческая деятельность: трактат по экономической теории / Л.Мизес / Пер с 3-го испр. англ. изд. А.В. Куряева. – Челябинск: Социум, 2005. – 877 с.
7. Хусайнов А.К. Формирование и развитие топливно-энергетического комплекса Таджикистана (1929-2010 гг.) / А.К. Хусайнов / Дисс. на соис. уч. степ. докт. истор. наук. - Душанбе, 2018. - 370 с.
8. Хушвахтзода Қ.Х., Холназаров, М.Б. Таҳлили самаранокии рушди электроэнергетика ва таҳдидҳои дохилии бехатарии энергетикӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, М.Б. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 2. – С. 49-55
9. Хьюман Л. Энергосистемы общего пользования Америки: прошлое, настоящее и будущее / Л. Хьюман / Пер. с англ. – М., 1994. – 511 с.

*Тошматов Р. – Таджикский институт физической культуры имени Сайидмуъмина Рахимова*

# ОСОБЕННОСТИ И ОРГАНИЗАЦИЯ ГОРНОГО-СПОРТИВНОГО ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Анализ данных статистического и эмпирического характера свидетельствует об увеличивающемся интересе к туристскому продукту Таджикистана и благоприятных тенденциях расширения рынков сбыта и роста количества туристов. В связи с тем, что традиционные районы мирового туристского рынка достигли рекреационной емкости и возникла необходимость расширения и обновления списка территорий, посещаемых туристами, у Таджикистана появляется возможность войти в систему международного туризма и занять там свое достойное место. Сегодняшний Таджикистан – это страна гор с абсолютными высотами от 300 до 7495 метров над уровнем моря. 93 процента территории республики составляют горные хребты, относящиеся к горным системам Тянь-Шаня, Гиссаро-Алая и Памира и разделенные плодородными и богатыми землями Зеравшанской, Ферганской, Гиссарской и Вахшской долин. Около половины территории республики расположено на высоте более 3000 метров над уровнем моря. Исключительное разнообразие растительного и животного мира обусловлено сложным рельефом и большой амплитудой высот горных систем [1]. Таджикистан – край мощных ледников, высочайших вершин, стремительных бурных рек, уникальных по своей красоте озер, редких животных и неповторимой растительности. Поэтажный горный ландшафт определяет неповторимость и своеобразие природы республики, роскошь ее форм и видов, появившихся благодаря разнообразию климатических зон [2-3]. В Таджикистане можно за час-полтора полета из арктического холода вечных снегов Памира можно попасть в знойную жару Вахшской долины. На базе заповедников «Зоркул», «Ромит», «Мозкуль», «Дашти Джум», тринадцати существующих государственных природных заказников и на территории Таджикского Национального парка природные ландшафты, неповторимая экология и памятники природы сохранили свой первозданный вид [4-5]. Нечасто встречающиеся и исчезающие виды животных и растений, которые занесены в Красную книгу, такие как горный архар (Марко Поло), винторогий козел, пятнистый бухарский олень, бухарский горный баран уреал, Тянь-Шаньский бурый медведь, снежный барс, индийский горный гусь, полосатая гиена и другие также сохранены. На территории Таджикистана водится более 10000 видов экономические науки насекомых, 84 вида млекопитающих, более 365 видов птиц, 49 видов рептилий и около 52 видов рыб. Флора республики богата более 5000 тысяч видов высших растений, в том числе и эндемиков. Территория Таджикского Национального парка покрывает 60 процентов Горно-Бадахшанской автономной области республики и 18 процентов территорий страны, что охватывает 2,6 миллиона гектаров. В последние годы руководством Национального парка осуществляются меры по улучшению экологической обстановки в высокогорных районах Памира и развитию инфраструктуры экологического туризма [4]. Наличие памятников культуры и истории, природнорекреационные ресурсы Таджикистана обуславливают специфичность имеющегося национального туристского продукта, реализация и продвижение которого на международных рынках туристских услуг делает возможным поток иностранных туристов в республику.

**Горный туризм** — один из видов спортивного туризма. В это понятие многие объединяют разные виды активного отдыха: сплав по горным рекам, скалолазание, экологический туризм — экспедиционные походы для ознакомления с животным и растительным миром, изучения горных пород. Однако в общем случае горный туризм — это преодоление маршрутов, проходящих в гористой местности на высоте более 3000м над уровнем моря.

Параметры, по которым определяется сложность горного маршрута — протяжённость пути в километрах, продолжительность в днях и сложность перевалов. Существует 6

категорий сложности, причем внутри одной категории маршруты также могут сильно отличаться и требовать разные уровни подготовки.

Для походов невысокой сложности туристам необходима хорошая физическая форма и специальная походная одежда, для экстремальных маршрутов понадобятся профессиональные навыки и специальное снаряжение.

С этой позиции важнейшими видами международного туризма в республике рассматриваются:

- горно-спортивный туризм, альпинизм, экологический туризм;
- горнолыжный спорт, парапланеризм, рафтинг;
- санаторно-курортное лечение и отдых;
- историко-познавательный и этнографический туризм;
- интерохота;
- экотуризм.

Туристский потенциал историко-культурного наследия и рекреационных ресурсов позволяет Таджикистану успешно войти в международный рынок туризма и достигнуть значительного развития туризма в стране, что создаст условия устойчивому росту доходов населения и занятости, увеличению притока инвестиций в национальную экономику и стимулированию развития смежных с туризмом отраслей [7-8].

Правительство страны с целью развития международного туризма в Таджикистане приняло решение об упрощении визового режима для туристов из 80 стран, которым для въезда в республику на данный момент документы оформляются в течение трех рабочих дней [9]. Величественный и царственный Памир, известный во всем мире как «Крыша мира» является одним из самых известных нагорий земного шара с абсолютными высотами от 2800 до 7000 метров над уровнем моря и находится на территории Таджикистана [5- 12].

Альпинистские маршруты на одни из самых высоких горных пиков Исмаили Самани и Евгений Корженевский, расположенных на высоте более 6000 метров над уровнем моря, пещеры, природные ландшафты, минеральные источники кремнекислых и углекислых, холодных и термальных вод являются здесь богатыми туристскими ресурсами [3-14]. Каждый год в стране проводятся Международные альпинистские экспедиции, где альпинисты из разных стран мира совершают восхождения на самые высокие горные вершины республики. Альпинисты со всего мира стремятся покорить пик Исмаила Самани (7495 метров) – высотный полюс Памира.

Большинство ученых и исследователей Памира оценили его как край сложнейших этнографических, географических и исторических загадок Азии и беспримерных контрастов [15-16]. Уникальный и специфический рельеф способствует развитию треккингов различной категории сложности и туристских походов, занятию специальными видами спорта, такими как альпинизм в сочетании с охотой и фотоохотой, скалолазание, рафтинг, горный туризм, парапланеризм, горнолыжный спорт, сноубординг, спелеотуризм и другие виды экстремального туризма [1].

Памир богат озерами, которые имеют самое разное происхождение. Наиболее крупными из них являются Зоркуль, Каракуль, Шоркуль, Рангкуль, Булункуль и озеро Сарез, образовавшееся в 1911 году в результате землетрясения. В регионе Памир-Алая, в диапазоне высот от 3200 до 5000 метров, находится сосредоточение 1450 озер и 220 рек, что является 83% общей площади зеркала озер страны. Соленое озеро Каракуль с наибольшей глубиной 236 метров, которое расположено на высоте 3914 метров над уровнем моря, – самое большое озеро Памира [8]. Принято считать, что оно образовалось в ледниковый период, и дно озера с некоторыми его берегами на многие километры покрыты вечной мерзлотой. На территории республики функционирует приблизительно 200 источников термальных и минеральных вод, на базе которых развивается лечебнорекреационное и санаторно-курортное направление туризма. Самыми известными из них считаются: курорт «Ходжа оби гарм», санатории «Шаомбари», «Зумрад», «Оби гарм», «Хаватаг» и «Гарм Чашма», где предоставляются услуги по лечению болезней органов дыхания, сердечно-сосудистой системы, мочевыводящий

системы, костно-мышечной системы, заболеваний желудочно-кишечного тракта, желчевыводящих путей и печени, кожных и гинекологических заболеваний.

На горячих источниках санаториев «Гармчашма», «Башор» и «Шохдара» образуются известковые отложения натечной формы, называемые травертинами, которые славятся своей красотой на источнике Гармчашма в 35 километрах от города Хорог. Этот горячий Источник Гармчашма заметен издалека из-за исключительной белизны травертинов и находится на высоте 2325 метров над уровнем моря. На протяжении тысячелетий люди считали, что вода, бьющая из скал на склоне Шахдаринского хребта Памира, является святой. Исследования же, проведенные учеными в начале прошлого века, объяснили природу целительных свойств воды. Однако паломники, продолжающие приходить в Гарм Чашму, и по сей день считают эту воду святой, и им не важно, чем вызывается ее целебный эффект.

Помимо горячих источников, в Гарм-Чашме имеются и холодные минеральные источники (Хосгуни, Чурш, Зунд) с карбонизированной питьевой водой (нарзан), которую используют в качестве столовой лечебной воды. Близ горячих источников была построена здравница – знаменитый одноименный санаторий Средней Азии – «Гарм Чашма», где можно навсегда избавиться от кожных и гинекологических заболеваний, а также болезней опорно-двигательного аппарата, сердечнососудистой системы и органов дыхания. Памирский ботанический сад, который расположен на высоте 2320м над уровнем моря недалеко от города Хорог является уникальным памятником природы на Памире. Этот сад есть настоящее зеленое чудо на фоне бесплодных склонов. В нем собраны со всех континентов свыше 20000 растений, среди которых есть редкие и необычные виды растений как амурское пробковое дерево, австрийская сосна и уникальные коллекции роз с чистыми тонами и несравненными ароматами.

Таким образом, Таджикистан, обладая уникальными природными ресурсами и древней культурой, имеет огромный нереализованный потенциал для развития туризма на международном и региональном рынках [8-22]. И чтобы почувствовать и увидеть экзотику и колорит Азии, стоит побывать в Таджикистане, не спеша пройтись по тенистым историческим улочкам старых городов, обязательно посетить его разнообразные и богатые базары с роскошным изобилием фруктов и овощей, попить ароматный зеленый чай в чайханах с национальным ажурным орнаментом, побеседовать с людьми, попытаться вникнуть в их культуру, быт, традиции и познать мудрость, добродушие, гостеприимство и величие этого народа.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Еров Дж., Сайфуллоев Р. Основы туризма. Душанбе: Ирфон, 2014
2. Апанасюк Л.А. Проблемы этнокультурного воспитания и миграционные процессы // Альманах современной науки и образования. Тамбов. 2007. №1. С. 28- 29
3. Апанасюк Л.А., Даниэль Д.Б. Преодоление ксенообии в процессе организации социально-культурного взаимодействия студентов-мигрантов // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. 2013. №4 (26). С. 193-198
4. Апанасюк Л.А., Киреева И.А. Технология межкультурного сотрудничества: теория и методология: монография: Изд-во ВУиТ. Тольятти, 2012. - 156 с.
5. Абдуваитов Х., Ашуров Р. По Искандеркулю: Туристические маршруты Таджикистана, Душанбе. «Ирфон», 1990
6. Афзалов Г., Касиров К., Ахмадов Х. 60 лет заповеднику «Тигровая балка». МФ «Универсал - 3», Душанбе, 1998.
7. Канаев Е.А. Таджикистан край туризма Душанбе: Ирфон, 1980. – 168 с.
8. Бортникова Т.Г., Апанасюк Л.А. Формирование навыков межкультурного взаимодействия. Saarbrucken, 2012

***Кадырова М.И. – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана***

# МОДЕЛЬ СПЕЦИАЛИСТА В СФЕРЕ ТУРИЗМА И ЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ

Главной целью деятельности туризма в XXI веке является создание благоприятной организационно-правовой и экономической среды для сферы туризма, формирование конкурентоспособного рынка туристических услуг на основе эффективного использования природного и историко-культурного потенциала Таджикистана, обеспечение ее социально-экономических интересов и экологической безопасности.

В связи с этим меняется характер профессиональной деятельности, ее структура, содержание, принципы, техническая база и организационные формы, а также структура, условия и требования к подготовке специалистов сферы туризма.

Эта сфера стремительно развивается, поэтому прогнозируется потребность в высококомпетентных специалистах, которые должны обеспечить соответствующую теоретическую и практическую основу для развития данной сферы деятельности. Все очевиднее становится то, что профессионально, следовательно, и эффективно, заниматься туризмом без специального образования сложно, а в сфере обслуживания потребителей туристических услуг просто невозможно. Компании, гостиничные сети, туристические комплексы, в штате которых нет квалифицированных менеджеров, которые владеют современными знаниями и навыками управления финансами, гостиничным менеджментом, техникой и технологией обслуживания, туроператорской деятельностью, системами бронирования туристических услуг, международными стандартами обслуживания и т.д., в перспективе обречены на отставание и крах во все более жесткой конкурентной гонке.

Использование потенциала туризма практически невозможно без надлежащего научного и кадрового обеспечения. На это, ориентирует и Всемирная туристическая организация.

Туристические услуги строятся на принципах современного гостеприимства, где выдвигаются определенные требования к подготовке кадров для туристическо-гостиничного сервиса. Для успешного решения всего многообразия задач по обслуживанию гостей персонала туристских учреждений необходимо овладеть профессиональными знаниями и постоянно их совершенствовать.

Одной из проблем является низкий уровень услуг из-за непрофессионализма кадров. Туристическим заведениям не хватает хорошо подготовленных специалистов, которые бы умели применять полученные теоретические знания на практике. Очевидно, что только специалист с высоким уровнем профессионализма сможет быть конкурентоспособным на туристическом рынке, способным к активной работе, постоянному самосовершенствованию, способным глубоко анализировать рыночную ситуацию. В качестве источника профессиональной подготовки, обновления знаний и переподготовки кадров важно систематически учитывать тенденции, возникающие на рынке труда, а также в сферах экономики, права, гостиничного хозяйства, менеджмента и т.д.

*Анализ последних исследований и публикаций.* На сегодняшний день вопросы развития туристического образования рассмотрены в работах ученых: определены философские и культурологические аспекты профессиональной подготовки кадров для сферы туризма (Х.М. Мухаббатов, Т. С. Назарова, И.В. Обидов, Б. Саймон, Г.К. Селевко).

Обобщая зарубежные научные работы педагогов, психологов, философов, экономистов, социологов, историков, географов, можно выделить следующие направления исследований, такие как:

- общие вопросы становления и развития туристического образования (П. Гамбл, Ф. Гоу, Э. Шафер, Д. Эванс);

- проблемы стандартизации в сфере туристического образования (В. Сведлов, Г. Кибеди, П. Ботт, А. Халл, А. Шаде);

- вопрос качества профессиональной подготовки кадров для сферы туризма (Д. Банк, Л. Берри, К. Витт, В. Цайтхалм, Р. Хилл).

Но, социальная значимость процесса совершенствования профессиональной подготовки специалистов для сферы туризма, недостаточная теоретическая и практическая разработанность проблемы обуславливают актуальность и выбор темы статьи.

*Целью данной статьи* является определение модели специалиста туристической индустрии и его профессиональной компетентности.

Человек и профессия - это два взаимосвязанных явления, нормальное взаимодействие которых положительное как для общества, так и для самого человека как индивидуума и профессионала.

Однако, люди одной профессии с различным успехом решают поставленные перед ними задачи. Одна из основных причин этого - в их различных индивидуальных способностях и недостатках, имеющих значение для профессии.

*Результаты исследования.* Для каждого мыслящего человека профессиональная деятельность - это целая жизнь, то, к чему она стремится, о чем мечтает; то, что она изучает, познает, осваивает, осознает и затем преобразует. Профессиональная деятельность поглощает большую часть жизни человека и является ее своеобразным источником существования. Именно в этой деятельности человек начинает познавать себя.

Семушина Н. Г. отмечает, что, двигаясь по этому пути, человек должен преодолевать на каждом этапе кризисы профессионального становления. Одним из таких критических моментов является становление профессиональной компетентности и, как результат, профессионализма[8].

Профессионализм - целостное личностное образование, включающее в себя целый комплекс особенностей человека. Профессионализм - степень соответствия характеристик личности и подготовленности к успешному осуществлению профессиональной деятельности, возможности достигать высоких результатов при ее осуществлении.

Неотъемлемой частью профессионализма является профессиональная компетентность работника.

«Компетентный» в своем деле человек (от лат. Competents - соответствующий, способный) означает «знающий, что является признанным знатоком в каком-либо вопросе, авторитетен, полноправен».

Профессиональная компетентность - качество, свойство или состояние специалиста, обеспечивает вместе или отдельно его физическое, психическое и духовное соответствие потребностям, требованиям определенной профессии, специальности, специализации, стандартам квалификации, занимаемой или служебной должности.

Стандарты квалификации предполагают, что минимальные конкретные требования к знаниям, умениям и навыкам могут быть предъявлены претенденту на служебную должность при трудоустройстве на работу, или особе, которая занимает определенную должность в процессе трудовой деятельности.

Составляющие профессиональной компетентности - набор конструктов (составляющих), которые соответствуют стандартам квалификации по данной специальности и определяющей профессиональной компетентности специалиста[2].

Селевко Г.К. выделяет такие конструкты (составляющие) на основе которых формулируются главные общие качества, необходимые специалисту-профессионалу[7]:

1. *Духовна компетентность.* Понимание смысла и цели жизни, иерархии идеалов, отношение к профессиональной деятельности в условиях данного вида труда.

2. *Психологическая компетентность.* Наличие способностей, знаний, умений и навыков эффективного самоуправления психикой, ее организации в условиях физической и социальной среды деятельности. Наличие способностей, знаний, умений и навыков эффективного управления психикой подчиненных в условиях данного вида труда.

3. *Общие физическая компетентность.* Наличие способностей, знаний, умений и навыков эффективного самоуправления физическим состоянием организма и управления физическим состоянием организма подчиненных.

4. *Интеллектуальная компетентность.* Наличие научно-специальных знаний, умений, навыков по конкретной специальности, специализации, служебной должности.

5. *Технологическая компетентность.* Наличие умений и навыков физической деятельности по специальности, работы с техническими средствами деятельности в системе «Человек-машина» в условиях данного вида труда.

6. *Социальная компетентность.* Наличие способностей, знаний, умений и навыков эффективного взаимодействия как в роли подчиненного с руководителями, так и в качестве руководителя с подчиненными. Наличие способностей, знаний, умений и навыков управления трудовым коллективом, формирования и поддержания нормального социально-психологического климата в коллективе.

Из представленных выше конструктов можно выделить группу составляющих подготовленности работника к занятию определенной должности:

- профессиональная образованность;
- профессиональное мастерство (обучаемость);
- профессионально-психологическая подготовленность.

Таким образом, компетенция - это круг полномочий должностного лица (или человека как личности), в рамках которого он должен обладать необходимым знанием, опытом, и иметь право на принятие соответствующих решений.

Личность профессионально компетентного специалиста туризма представляется в его внутренней целостности, где профессиональное и личностное тесно связаны системой ценностей. Любые профессиональные знания, прежде чем воплотятся в деятельности, наполняются ценностным содержанием, становятся внутренним убеждением специалиста, частью его оценочных и понятийных категорий, установок, поведенческих стереотипов. Профессионально значимые индивидуальные качества выступают как атрибут, в котором внешние характеристики и требования создают индивидуальную значимость специалиста. Исходя из этого, можно определить следующие составляющие профессиональной компетенции специалиста туризма:

- интеллектуальная;
- практическая;
- ценностно-ориентационная;
- эмоционально-чувственная.

Формирование профессионально компетентного работника отрасли туризма требует развития всех компонентов личностного потенциала будущего специалиста - познавательного, ценностного, творческого, коммуникативного, социального, что обусловливает формирование основного мотива развития потенциала личности - потребность в самодиагностике, саморазвитии и самореализации.

Общая структура стандартов по туризму в Таджикистане имеет четкую схему, которая определяет весь комплекс требований к работникам секторов индустрии туризма:

- наименование основных должностей;
- необходимый уровень образования;
- должностные обязанности, соответствующие тому или иному квалификационному уровню;
- перечень ключевых навыков и знаний, необходимых для выполнения должностных обязанностей.

Все перечисленные требования даются для трех квалификационных уровней персонала. В соответствии с этим каждый стандарт предусматривает требования для специалистов 1-го, 2-го уровней (младшего и квалифицированного персонала), а также 3 го уровня (управленческого персонала) [4].

К 1-му квалификационному уровню специалистов туристической индустрии относятся: оператор по бронированию, по выездному, въездному и внутреннему туризму; специалист по сопровождению; референт, секретарь, кассир, курьер.

К 2-му квалификационному уровню специалистов туристической индустрии относятся: менеджеры по направлению, бронированию и продажам, маркетингу, по работе с клиентами, связям с общественностью, визовому обеспечению и кадрам.

К 3-му квалификационному уровню соответственно относят управленцев в туризме.

Таким образом, подготовка специалистов сферы туризма является политическим, экономическим, социальным и культурологическим требованием общественного развития, имеет глубокий системный многоплановый характер, является продолжением лучших исторических традиций педагогической мысли на современном этапе развития общества.

Цель подготовки профессиональных кадров туризма - формирование духовности, высоких морально-этических качеств личности будущего специалиста, который должен иметь глубокие теоретические знания и необходимые навыки практической деятельности для решения психологических, социальных и экономических конфликтов, порожденных научно-технической революцией.

*Выводы и перспективы дальнейших исследований.* В результате изучения этого вопроса удалось выявить наиболее общие требования к модели современного специалиста туристической индустрии, а именно: профессиональная компетентность, высокий уровень подготовки в области менеджмента, осведомленность в теоретических вопросах туризма и экономики, умение самостоятельно и оперативно принимать верные решения на основе инновационных процессов и новейших тенденций развития бизнеса; отношение работника к делу, его личной ответственности, умение работать в коллективе, выполнять дополнительные функции по собственной инициативе, гибкость в понимании своих функциональных обязанностей, участие в принятии решения, готовности к переменам и т.п. А это в свою очередь требует определенного комплекса компетенций, которые обеспечат гибкость универсального работника, наличие в его профессиональной подготовке социальной составляющей и определения резерва компетенции.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Мухаббатов Х.М. Социально-экологические проблемы Таджикистана// Развитие горных регионов: проблемы и перспективы: Материалы семинара. - Душанбе: Ирфон,2012. -С. 13-21
2. Назарова Т.С. Педагогические технологии. Новый этап эволюции // Педагогика. - 2011. - № 3
3. Обидов И.В. История народного образования в Таджикистане. - Душанбе, 2012. -185 с.
4. Развитие горных регионов: проблемы и перспективы: Материалы семинара. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 62 с.
5. Саймон Б. Общество и образование / Общ. ред. и предисл. В. ***Я.*** Пилиповского. - М.: Прогресс, 2011. - 197 с.
6. Сапожников А. Мухаббтов Х. Заказники Тадикистана. –Д ушанбе,1989
7. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие. - М.: Народное образование, 2013. - 276 с.
8. Семушина Н.Г. Стандарты уровней профессионального образования, их значение для разработки содержания подготовки специалистов. - М.: НИИВО, 2012. - Вып. 1. - 153 с.
9. Чижова С.Е. Профотбор туристско-экскурсионных кадров в условиях полного хозрасчета. - М.: ЦРИБ «Турист», 2013. -7 6 с.
10. Чудина Л. А. Содержание, методы и формы деятельности учебной фирмы в процессе профессиональной подготовки специалистов туристского бизнеса: Дис.... канд. пед. наук. - М., 2009. - 176 с.

11. Шишов С.Е.Шафиев Р.М. Социально-экономические аспекты развития образования в новых условиях хозяйствования. - М.: РАО Институт профессионального самоопределения, 2013. - 21 с.

***Исоева П. - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода***

## ХУСУСИЯТИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Таҳкими равандҳои ҳамгироии инсоният дар соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, технологӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва дигар соҳаҳои фарҳанг биниши нави муаммои сайёҳиро ташаккул медиҳад. Инсони муосир ҳадди аққал ба дониш оид ба фарҳангҳои маъмул ниёз дорад ва ӯ дигар наметавонад дар доираи фарҳанги худ боқӣ монад. Ҳатто ӯ фарҳанги худро тарк накарда, тавассути системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ метавонад бо унсурҳои фарҳангҳои «дигар» сару кор дошта бошад. «Бархӯрд» бо фарҳангҳои дигар тавассути низоми мураккаби муносибатҳои байни фарҳангҳои гуногун, аз ҷумла фарҳангҳои анъанавӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, гуногунрангии фарҳангҳо ҳамчун аломати ҷудонопазири воқеияти муосир дар айни замон ҳам шарти асосӣ ва ҳам натиҷаи рушди босуръати сайёҳӣ мебошад. Гуногуншаклии фарҳангҳо, пеш аз ҳама, аз мавҷудияти нуқтаи назари мухталифи одамон нисбати воқеияти инсонро иҳотакунанда шаҳодат медиҳад. Хоҳиши ошкор кардани «монанд набудан» асоси таваҷҷӯҳи самимии намояндагони як фарҳангро ба фарҳанги дигар ташкил медиҳад. Эътирофи гуногунрангии фарҳангҳо ва ҳуқуқи ҳар яки онҳо ба мавҷудияти комил ва рушд яке аз заминаи таъсири мутақобилаи (ҳамбастагии) фарҳангҳо мебошад.

Гуногунрангии фарҳангӣ ин эътирофи ҳуқуқ ба мавҷудият, эҳтиром ба ҳам монанд набудану гуногунҷинсии одамон, урфу одатҳо, арзишҳои фарҳангӣ, эътиқод, забонҳое мебошад, ки биниши яктарафа, ягона ҳақиқатҳои дуруст ва ғояҳои мутлақро эътироф намекунад.

Дар ҷаҳони муосир муаммои мазкур хеле муҳим аст, зеро равандҳои ҷаҳонишавӣ то ҳаддалимкон муттаҳид мекунанд ва ҳамзамон фарҳангҳои маҳаллиро ҷудо месозанд. Аз ин рӯ, дар баробари таҳқиқоти фарҳангшиносии муосир, омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи таъсири мутақобилаи фарҳангҳо дар шароити динамикаи пуршиддати равандҳои глобалӣ-маҳаллӣ, аз ҷумла хусусиятҳо ва принсипҳои онҳо бояд ҷойи муҳимро ишғол бикунад. Инчунин зарур аст, ки ба таҳқиқи ин муаммо аз нуқтаи назари асосноккунии фалсафӣ ва фарҳангшиносии гуногуншаклии фарҳангҳо ва самаранокии таъсири мутақобилаи онҳо бояд рӯ биоварем. Консепсияҳои фарҳангҳо ва тамаддунҳои маҳаллӣ аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, бар хилофи ғояи ягонагии раванди таърихӣ, муносибати эволютсионистӣ ба фарҳанг таҳия шудаанд.

Ба сифати чунин консепсияҳои асосӣ, албатта, назарияи намудҳои фарҳангӣ-таърихӣ, ғояи гуногунрангии фарҳангҳо ва принсипи ошкоро будани ҳар як гурӯҳи этникӣ ва ҳар фарҳанг барои ҳамкорӣ баромад мекунанд.

Ақидаи гуманитарии ватанӣ яке аз аввалинҳо дар илми ҷаҳон буд, ки ба моҳият ва сифати мусбати гуногунии фарҳангӣ таваҷҷӯҳро ҷалб кард.

Яке аз мавзӯъҳои нисбатан ҷолиб, ки Н.Я. Данилевский онро омӯхтааст, ин муаммои шаклҳои таъсири мутақобилаи фарҳангии миллатҳо, таъсири онҳо ба ҳамдигар аст, ки онҳоро ӯ сарфи назар аз сарбаста эълон кардани ташкилаҳои фарҳангӣ-таърихӣ эътироф накарда наметавонад: «Тамоми таърих собит месозад, ки тамаддун аз як намуди фарҳангӣ-таърихӣ ба дигараш намегузарад; аммо аз ин барнамеояд, ки онҳо бе ягон таъсир ба якдигар боқӣ мемонанд - танҳо ин таъсир интиқол нест; балки усулҳое мебошанд, ки бо онҳо тамаддун паҳн мешавад» [2, с. 83] Мувофиқан, Н.Л. Данилевский он усулҳоеро таҳлил мекунад, ки бо онҳо тамаддун интиқол дода мешавад. Ҳамчун шаклҳои асосии таъсири мутақобили тамаддунҳо ба ҳамдигар ӯ зеринро ҷудо мекунад:

1) «аз нав кӯчондан» ё мустамлика;

2) «пайванд кардан» ё ассимилятсия;

3) «нурии маъданӣ».

Ҳамин тариқ, Н.Я. Данилевский тақсимоти бебозгашти халқҳоро дар асоси хусусиятҳои физиологӣ ба сатҳи баландтар ва поёнтар зери танқид мегирад. Муқоисаи холисонаи мардумон, собит мекунад ӯ, имконияти таснифоти онҳоро аз рӯи дараҷаи такмилдиҳии ташкилӣ инкор мекунад, онҳо «намудҳои этнографӣ мебошанд, ки ба якдигар, ҳамчун пасттарин ба баландтарин итоат намекунанд, балки танҳо аз ҳамдигар бо гуногуният фарқ мекунанд.

Ба замми ин ӯ тори ягонаи рушди башариятро рад намуд. Ба ақидаи Ӯ пешравӣ на дар он аст, ки ҳама дар як самт ҳаракат бикунанд (дар ин маврид, он ба зудӣ қатъ мешуд), балки гузаштан аз тамоми майдоне мебошад, ки фаъолияти таърихии инсониятро дар тамоми самтҳо ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳеҷ ягон тамаддун наметавонад ифтихор бикунад, ки нуқтаи баландтарини рушдро дар муқоиса бо пешиниён ё ҳамзамонони худ дар тамоми ҷанбаҳои рушд бигзаштааст.

Мисолҳои мавҷуда як хаёл ҳастанд, зеро таърих ба як қатор фарҳангҳои мустақил, беназир ва пӯшида тақсим мешавад, ки тақдири маҳз инфиродӣ доранд.

Идеяи фарҳангҳои пӯшида (сарбаста) бо нӯги тези худ бар зидди маҳдудияти музофотии худии салтанати ғарбӣ равона шудааст. Ҳадафи танқиди ӯ –ин маҷбур кардани одамон барои дарк кардани баробарқиматӣ ва асолати тамоми фарҳангҳои бузург мебошад, ки умуман дар олам вуҷуд доранд. Файласуф рушди эволютсиониро (таҳаввулиро) комилан инкор мекунад, аммо шабеҳияти фарҳангҳои алоҳида истисно карда намешавад. Азбаски ҳар як фарҳанг падидаҳои таърихӣ –рамзҳои маънавиёт(ҷон)-и худро эҷод мекунад, вай ба рушди умумии инсоният дар дарки амиқи раванди мазкур мусоидат мекунад.

Дилхоҳ қабул кардан ҳамеша дар доираи ду қоида ба амал меояд [1 ]- интихоб ва бознигарӣ. Фарҳангҳои нав ҳамеша шикастапораҳо, унсурҳои қадимаро дар бар мегиранд, аммо маънои аслии онҳо ҳамеша нодида гирифта мешавад. Маҳз ҳамин лаҳзаро файласуфи рус Н.А. Бердяев ҳамчун ду принсипи рушди фарҳанг дар маҷмӯъ муайян кардааст: консервативӣ ва эҷодӣ. «Бидуни анъана. бидуни идомат фарҳанг имконнопазир аст» – навиштааст ӯ. Ҳамин тариқ, дар ҳолати таъсири мутақобили ду ё зиёда аз он фарҳангҳо, ин принсипҳои «худӣ» ва «бегона»-и қабулкунӣ мебошанд.

Дар навбати худ, А. Тойнби, яке аз бузургтарин муаррихон ва фарҳангшиносони асри XX, инчунин таърихи инсонро ҳамчун як раванди ягона инкор карда, аз он ҷараёнҳои гуногуни гетерогениро ҷудо мекунад ва онро бештар ҳамчун як дастаи хатҳои мувозӣ (параллел) ва аз ин рӯ хатҳои ба ҳам ноалоқаманди рушд нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ, тамаддун маҷмӯи бисёр тамаддунҳои алоҳидаи пӯшида ё маҳаллӣ мебошад. Ҳар яке аз онҳо як маҷмааи пӯшида ва арзишманди таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд. А. Тойнби қувваи пешбарандаи рушди ҳама гуна маҷмааи таърихӣ ва фарҳангиро ақаллиятҳои эҷодӣ, элита ва ҳомилони хаёлии зарби зиндагӣ меҳисобид.

Вай бар он ақида аст, ки тамосҳои байни тамаддунҳо дар вақт ва фазо рух медиҳанд: азбаски ҳама тамаддунҳо замонавӣ ҳастанд, онҳоро дар замон ва фазо аз рӯи принсипи шабеҳияти таърихӣ, масалан, Спартаи қадимӣ ва Олмонро дар ибтидои асри XX муқоиса кардан мумкин аст. Тибқи назарияи мазкур, эҳтимол, аз тамосҳои этнофарҳангӣ (мафҳумҳо дар бораи иртиботи мустақим ва ғайримустақими фарҳангҳо, минтақаҳои иртиботӣ ё ареалҳо - минтақаҳо ва ғайра) даст кашидан лозим меояд. Аммо, хулосаи олим оид ба нотакрорӣ ва баробарарзишии ҳамаи тамаддунҳоро ба пуррагӣ қабул карда, қайд кардан лозим аст, ки тамосҳои этнофарҳангӣ ҳеҷ гоҳ танҳо ба як самт ҳаракат намекунанд.

Онҳо ҳамеша дуҷонибаанд, ҳарчанд сатҳи таъсири як тамаддун ба тамаддуни дигар метавонанд гуногун бошанд. Ҳамин тариқ, таҳияи назарияи тамоси байни тамаддунҳо ҳанӯз пурра ба анҷом нарасидааст [4]

Чи тавре, ки дар консепсияҳои дар боло зикршуда нишон дода шудааст, таъсири мутақобила ва ба ҳам асари мутақобила доштани фарҳангҳо на ҳамеша ҳамчун раванди мусбат

баррасӣ гардида, аз ҷониби муаллифон дуруст қабул карда мешавад, эҳтимолан аз сабаби хусусияти объективӣ қабул кардани онҳо зарурати ҳаддал имкон кам кардани ин таъсирҳо қайд карда мешавад.

Пас, аз ин рӯ, ҳар як фарҳанг дар замони худ таъсири фарҳангҳои ҳамсояро аз сар гузаронидааст ва дар навбати худ, дар таърихи онҳо нишонае гузоштааст. Ҳамин тариқ, пӯшидагии фарҳангҳо нишонаи рушди муваффақонаи онҳо нест. Пӯшидагӣ ба кам шудани имкониятҳои татбиқи хосиятҳои он оварда мерасонад.

Дар ин хидмат ба миллаташон халқҳои гуногун, агар онҳо ҳамчун душман бархӯрд накунанд ҳам, онҳо ҳанӯз ҳам наметавонад дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар бошанд. Аз рӯи принсипи миллӣ, хидмати миллати худро ҳамчун ҳадафи баландтарин гузошта, ҳар як халқ бо ҳамон худро ба танҳоии ахлоқӣ маҳкум мекунад, зеро ин ҳадаф бо ҳадафҳои халқҳои дигар наметавонад умумӣ бошад. Дуруст аст, ки принсипи миллатҳо метавонад дар шакли дигар пешниҳод шавад: он метавонад на ҳамчун ифодаи худхоҳии халқ (ҳуввияти миллӣ), балки ҳамчун талаботи адолати байналмилалӣ бошад, ки аз рӯи он ҳамаи миллатҳо ба зиндагӣ ва рушди мустақилона ҳуқуқи баробар доранд. Дар ҳақиқат, миллат ҳадафи олие нест, ки мо бояд ба он хидмат бикунем, балки нерӯи зинда, табиӣ ва таърихист, ки худи он бояд ба ғояи баландтарин хидмат бикунад ва бо ин хидмат барои дарк кардан ва асоснок намудани мавҷудияти худ имкон бидиҳад» [3].

Маҳз дар ошкорӣ ва таъсири мутақобила роҳи шукуфоии муштараки ҳар як фарҳанг дида мешавад.

Ҳамин тариқ фарҳанги халқи дилхоҳ ягон чизи яхкарда намебошад. Он бояд ба шароити тағйирёбанда ҷавобгӯ буда, дар айни замон вазифаи худтанзимкунии ҷамъиятро анҷом бидиҳад. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамкорӣ аксар вақт чун усули самарабахш ба тамоюлҳои нав дар ҳаёти ҷомеаи мазкур баромад карда метавонад.

Ба ҳар як марҳилаи рушди тамаддун, инсоният дар маҷмӯъ хусусиятҳои хоси дониш ва азхудкунии олам мувофиқат мекунад. Тағйирот дар ҳаёти ҷомеа, ки ҷаҳонӣ номида мешаванд, хусусиятҳои асосии замони ҳозираро ифода мекунад ва дарки дахлдори ҷаҳонбиниро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, гуногунрангии фарҳангҳо ва ҷаҳонишавӣ нақши сайёҳиро ҳамчун воситаи муколамаи мустақими байни фарҳангҳо ва халқҳо боло мекунанд ва ҳамзамон як намуди он - сайёҳии фарҳангиро, ки аҳамияти он дар ҷомеаи муосир торафт меафзояд, қайд мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Бердяев Н.А. Философия неравенства. -М.: ИМА-Пресс. 1990.- 117 с.
2. Данилевский Н.Я. Россия и Евиопа. - СПб.: Изл-во С-Петеобуо. ун-та. 1995. – 83 с.
3. Соловьев B.C. О народности и народных делах России / Хрестоматия по культурологии Том 1. Самосознание мировой культуры. Под ред. И.Ф. Кефели, В.Т. Пуляева, В.П. Сальникова, СВ. Степашина — СПб.: ООО «Издательство «Петрополис», Санкт-Петербургский университет МВДРоссии, 1999. - С.285 - 286
4. Этнические фактры в жизни общества. - М.. 1991. - С. 23-24



***Абдалимова Н.А. - Институт экономики и демографии НАНТ***


## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННЫХ ТЕОРИЙ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА И ЕГО РАЗВИТИЕ

Обращаясь к анализу теории человеческого капитала, заметим, что она базируется на указанном положении А. Смита о сходстве между процессами формирования физического и человеческого капиталов. Вслед за А. Смитом Г. Беккер, Т. Шульц и др. с микроэкономических позиций обосновали тот факт, что накапливаться, становиться запасом могут не только материально-вещественные активы, но и способности людей. Навыки, умения, знания, производственный опыт людей благодаря накоплению могут превращаться в долговременный капитальный актив, способный приносить доход. Человеческий капитал - «есть мера воплощенной в человеке способности приносить доход» [8, с. 303].

Таким образом, навыки, умения, знания в соответствии с теорией человеческого капитала становятся капиталом на том основании, что:

а) обладают свойством накапливаться через процесс инвестирования (отвлечения определенных средств в ущерб текущему потреблению);

б) подобно физическому капиталу обеспечивают своему владельцу получение дохода в виде более высокой заработной платы.

Вместе с тем человеческий капитал представляет собой особую форму капитала. «Аналогии между человеческим и физическим капиталом, - отмечает Л. Туроу, - интересны и волнующи. Однако сходства не должны затемнять для нас особенностей человеческого капитала. Человеческий капитал нельзя анализировать точно так же, как и физический капитал. Различия должны быть ясно поняты» [112, с. 121].

Отметим лишь некоторые наиболее существенные особенности человеческого капитала.

1. Основополагающая специфическая черта человеческого капитала состоит в неотделимости его от личности носителя. В отличие от различных видов материально-вещественных и финансовых активов (оборудования, недвижимости, ценных бумаг) он не может быть предметом купли- продажи. Продаются и покупаются лишь услуги человеческого капитала. Поэтому человеческий капитал обладает минимальной степенью ликвидности. Можно утверждать, что человеческий капитал - самый неликвидный актив, обладающий предельной, наименьшей (близкой к нулю) ликвидностью.

По этой причине для инвестиций в человеческий капитал практически не существует рынка, за исключением некоторых особых случаев. К примеру, в рыночной экономике имеют место:

а) капитализация заработков - выплата единовременных сумм при подписании контрактов между спортсменами и клубами, актерами и театрами и т. д.;

б) студенческие займы.

При этом и в первом, и во втором случае человеческий капитал не передается другому лицу, а обменивается на определенное долговое обязательство, которое владелец человеческого капитала должен погасить за счет своего будущего труда.

2. Большая длительность инвестиционного периода. Если у физического капитала инвестиционный период составляет, как правило, 1,5-2 года, то у образования, к примеру, как основной формы инвестиций в человеческий капитал 12-20 и более лет [3, с. 26].

3. По причине низкой ликвидности инвестиции в человека сопряжены с большим риском. Степень риска и неопределенности последних значительно превышает рискованность капиталовложений в физический капитал по целому ряду причин, в том числе больших затрат на организацию и контроль над кредитами из-за свободы перемещения индивидов из одного места в другое, длительности периода возврата кредита, изменения конъюнктуры рынка труда, болезни и смерти т. д. Более того, риск, связанный с вложениями в человеческий капитал, практически не страхуем.

4. В отличие от физического капитала, доходность которого медленно снижается по мере его накопления, доходность от инвестиций в человеческий капитал, наоборот, сначала возрастает, но лишь до определенного уровня, ограниченного верхним пределом трудоспособного возраста, после чего начинает более резко снижаться.

5. Исходя из того, что человеческий капитал является неликвидным активом, покупатель, приобретая право на использование услуг человеческого капитала, вступает в контакт со свободной личностью, права которой он обязан соблюдать. Из этого вытекает большая насыщенность рынка труда (человеческого капитала) институциональными структурами - системой трудового законодательства, службами государственного регулирования занятости, профсоюзами и т. д.

Согласно теорий человеческого капитала нематериальные инвестиции в человеческий капитал подразделяются на следующие формы.

1. Наиболее важной формой инвестиций являются расходы на образование, накопление производственного опыта, повышение уровня знаний, умении и навыков человека.

2. Большое значение имеют расходы на поддержание здоровья - профилактику заболеваний, медицинское обслуживание, улучшение жизненных условий, отдых, увеличение продолжительности трудовой жизни, повышение трудоспособности.

3. Расходы на миграцию и поиск информации о ценах и доходах, способствующие повышению мобильности, перемещению рабочей силы туда, где труд лучше оплачивается.

4. Расходы на рождение и воспитание детей - естественное воспроизводство человеческого капитала в следующем поколении.

По последнему пункту, а именно, по вопросу о включении расходов на содержание детей в состав вложений в человеческий капитал нет единства мнений. Так, например, Дж. Кендрик относит к инвестициям в человеческий капитал расходы на физическое формирование человека до возрастной границы в 14 лет. В доказательство этого положения он приводит тот очевидный аргумент, что затраты на воспитание детей в структуре общих расходов семей и общества конкурируют не только с потреблением родителей, но и с их сбережениями, приводя к снижению последних. Значит, расходы на воспитание детей существенно снижают объем ресурсов, используемых в альтернативных видах инвестиций [6, с. 37].

Кроме того, по мнению Дж. Кендрика, в инвестиции на воспитание детей должны включаться расходы на воспитание всех детей безотносительно к тому, войдут или нет, они в состав совокупной рабочей силы.

Это положение наилучшее обоснование получило у Г. Беккера, который считает, что в процессе становления человеческого капитала индивида происходит накопление его физического и интеллектуального капитала в семье путем воспитания и школьного образования. Следовательно, именно семья несет издержки по воспитанию детей. Эти издержки должны рассматриваться как инвестиции, поскольку уменьшают текущие затраты на потребление родителей. Дети, в трактовке Г. Беккера, выступают в качестве «благ длительного пользования» [1, с. 109].

Отметим, однако, что изложенный подход имеет достаточно много возражений. Точка зрения, которую разделяет, в частности, У. Боуэн, состоит в том, что поскольку люди не являются рабами в современном обществе, постольку нельзя расходы на содержание детей включать в состав человеческого капитала [10, с. 38]. «Если, - отмечает У. Боуэн, - отвлечься от тренировки человеческого ума, издержки по формированию человеческого капитала в основном связаны с его физическим формированием. Однако многие преследующие эту цель расходы являются в то же время важнейшими статьями потребления, так что, если люди не являются рабами, то приравнивание подобных расходов к инвестициям и попытка оценить приносимый ими доход бессмысленна за незначительными исключениями» [10, с. 39].

Большой вклад в формирование концепции вложений в человеческий капитал на разных уровнях - домашнего хозяйства, фирмы и государства - внесло, введенное Г. Беккером, различие между общим и специфическим человеческим капиталом [1, с. 109].

Расходы по финансированию общего образования (школьного обучения), в основном, берет на себя государство в связи с тем, что существуют большие различия в материальной обеспеченности семей и в количестве детей в них.

Финансирование профессионального образования (профессиональной подготовки), которое увеличивает производительность труда обучающихся, и в будущем будет компенсировано приростом доходов, осуществляетсялибо фирмами, либо самими работниками. Поэтому при анализе производственной подготовки выделяются общие и специфические инвестиции в человеческий капитал.

В процессе специальной профессиональной подготовки работники приобретают знания и навыки, пригодные лишь для той фирмы, где они были получены. Как правило, к таким фирмам принадлежат монополисты, которые практически полностью ограждены от конкуренции других предприятий. Следовательно, специфический капитал - явление

неконкурентного рынка труда. Текучесть кадров в таких фирмах значительно ниже, а заполнение вакансий происходит не за счет найма на рынке труда, а, в основном, за счет внутренних продвижений по службе.

Инвестиции в специфический человеческий капитал получили название неперемещаемых. «Человеческий капитал, - отмечает Л. Туроу, - создается фирмами, ибо они часто выступают в качестве самых эффективных производителей этого капитала» [12, с. 90].

В процессе общей профессиональной подготовки работники приобретают профессию и квалификацию, которым можно найти применение во множестве фирм. Это, как правило, фирмы, действующие на высоко конкурентном рынке труда и поэтому постоянно сталкивающиеся с угрозой переманивания работников.

Г. Беккер показал, что издержки по общей профессиональной подготовке перекладываются на самих работников, которые на время обучения соглашаются на более низкую заработную плату, поэтому им же достается и доход от нее. В противном случае, если бы ее оплачивали фирмы, то при увольнении таких работников, последние лишались бы своих вложений.

Это различие между общим и специфическим человеческим капиталом позднее стало основой для разработки современной теории фирмы [4, с. 115].

Экономическая эффективность инвестиций в человеческий капитал, в частности, в образование оценивается в теории человеческого капитала через показатель нормы отдачи. Чем больше ее величина, тем выгоднее инвестиции в образование.

Обоснование нормы отдачи основано на ряде микроэкономических методологических принципов.

1. Прежде всего, предполагается, что различия в заработках адекватно отражают различия в производительности.

2. Индивиды как потребители заинтересованы в максимизации доходов всей жизни, а не какого-либо отдельного периода. Поэтому подобно другим рыночным субъектам (например, фирмам) при инвестировании своих средств в образование, они ведут себя рационально, взвешивают соответствующие выгоды и издержки, максимизируя свое благосостояние.

Известно, что многие выгоды (эффекты) образования не поддаются количественному измерению, поэтому их величина определяется, в основном, как разность в заработках лиц, имеющих различную образовательную подготовку.

Такая методика подсчета доходов на капитал, вложенный в человека, обусловлена тем, что в структуре заработной платы в связи со значительным ростом инвестиций в человеческий капитал возрастает та доля, которая является продуктом человеческого капитала, а не труда.

Известно, что люди склонны оценивать выше определенную сумму денег или набор благ в настоящее время, чем в будущем. А поскольку выгоды и затраты осуществляются в самые разные периоды времени, постольку индивиды должны соотнести «сегодняшнюю» ценность ожидаемых выгод с «сегодняшней» ценностью затрат. Иначе говоря, сравнению подлежат дисконтированные (приведенные к одному моменту времени) величины выгод и издержек.

Будущий доход приводится к настоящей оценке через ставку дисконты. Дисконтированная сумма будущих доходов и составляет величину примененного человеческого капитала.

Рациональный инвестор будет вкладывать средства до того момента, пока предельные выгоды покрывают предельные затраты. В состав последних включаются:

а) «потерянные заработки», то есть заработки, которые обучающиеся могли бы получить, если бы работали (на них приходится примерно 60% издержек образования);

б) прямые расходы на обучение;

в) затраты труда самих учащихся.

Однако следует отметить, что трудовые усилия учащихся до сих пор почти не учитываются в экономических моделях. В то же время Т. Шульц, к примеру, оценивал их как значительную часть затрат в процессе образования.

3. Принцип альтернативного выбора. Индивиды подобно обычным предприятиям сопоставляют ожидаемую предельную норму отдачи от инвестиций в человеческий капитал с доходностью альтернативных вложений капитала (процентной ставкой по банковским вкладам, *ДИВИДЕНДАМИ* по ценным бумагам и т. д.). Решение принимается ими в пользу экономически более целесообразного проекта.

Как правило, норма отдачи от инвестиций в человеческий капитал выше, чем в капитал физический. Так, норма отдачи для начального образования в США равна 50-100%, среднего образования - 15-20%, высшего образования - 10-15% [5, с. 6]. В других развитых странах в 60-70-е гг. XX в. норма отдачи в высшем образовании находилась на уровне 10-15%, с середины 70-х гг. произошло ее снижение до 5-8% и она оставалась на данном уровне в 80-е гг. С начала 90-х гг., по данным С. А. Дятлова, наблюдается тенденция к ее росту [3, с. 72].

Норма отдачи от инвестиций в человеческий капитал выступает регулятором распределения инвестиций не только между различными видами образования, но и между системой образования и всей экономикой.

Довольно значительное внимание в теории человеческого капитала уделено проблеме распределения. Стремясь определить влияние уровня образования, производственного опыта, природных способностей и т. д. на рост заработной платы сторонники теории человеческого капитала основное внимание сосредоточивают на персональном (личном) аспекте распределительных отношений.

Считается, что высокая степень зависимости между уровнем образования индивида и его заработной платой свидетельствует о более высокой производительности его труда. В то же время, и на это надо обратить особое внимание, уровень заработной платы отражает эффективность (производительность) более квалифицированного труда лишь при определенных условиях.

Производительность труда, безусловно, является определяющим фактором дифференциации заработной платы. Следовательно, образование, опосредствованно, через производительность труда, также выступает таким фактором. Однако корреляционная зависимость между производительностью труда и заработной платой обнаруживается только тогда, когда не су- шествует противодействующих проявлению данной закономерности факторов, то есть если на рынке труда существует совершенная конкуренция.

В реальной действительности, как известно, рынок труда, как и все другие рынки, подвержен влиянию тенденций монополизации и бюрократизации, в результате чего происходит перераспределение доходов в пользу социально-профессиональных групп, обладающих монополией на какой- либо вид деятельности. Это явление получило в литературе название «ролевого присвоения».

Если у управляющих, возглавляющих таблицу показателей абсолютных размеров получаемых доходов, фактическая заработная плата превосходила реальный вклад в рост производства более чем в 2 раза, то у неквалифицированных рабочих, замыкающих таблицу доходов, она была, наоборот, более чем в 2 раза ниже реального вклада в производство.

У квалифицированных рабочих заработная плата также была в 2 раза ниже реального вклада. И только у специалистов расхождение в сторону завышения реальной заработной платы по сравнению с их вкладом было минимальным - примерно 12%.

Таким образом, теория человеческого капитала, основанная на неоклассических методологических принципах, предполагает совершенно конкурентные рынки труда.

Исследуя зависимость между оплатой труда и инвестициями в образование, необходимо указать ещё на один фактор - накопленный работай- ками опыт. Практика показывает, что в каждый момент времени самую низкую эффективность имеют только что вступившие в общественное производство лица, хотя и отличающиеся более высокой подготовкой. Это свидетельствует о том, что производственный опыт, накопленный

индивидами, имеет большую экономическую значимость, поскольку он определяет производственный результат. Накопление опыта происходит одновременно с основной деятельностью, не требует специальных затрат, а поэтому кажется экономически даровым.

Вместе с тем именно образование в огромной мере влияет на накопление опыта. Проведенные на базе данных переписей населения США исследования свидетельствуют о том, что возрастание дохода во всех группах происходило быстрее с повышением уровня образования, чем с увеличением возраста (опыта).

Темп повышения доходов с возрастом был почти одинаковым для групп с различным уровнем образования и находился в пределах от 220 до 250 % за время работы. Исключение составили лишь лица с законченным высшим образованием. В то же время различия в доходах работников, связанные с уровнем образования, существенно превосходили различия по накопленному опыту. Они достигали 530 % [5, с. 187].

С появлением теории человеческого капитала традиционная модель неоклассического рынка труда, включающая в себя теорию спроса на труд, основанную на принципе предельной производительности, и теорию предложения труда, состоящую из моделей выбора между работой и досугом, была дополнена Г. Беккером в середине 70-х гг. моделью инвестирования в человеческий капитал (распределения личных доходов).

Не вдаваясь подробно в детали данной модели, отметим лишь, что она основана на стандартном аппарате кривых спроса и предложения на инвестиции в человеческий капитал.

Модель распределения личных доходов, разработанная Г. Беккером, выявила два момента.

Во-первых, показала, что в долгосрочном периоде имеются существенные различия в оплате труда работников, имеющих более высокий уровень образования, по сравнению с работниками, не обладающими таковым (чем больше инвестиции в человеческий капитал, тем больше разница в оплате).

Во-вторых, если человеческие инвестиции являются инструментом перераспределения доходов между собственниками физического и человеческого капитала, то образование как их важнейшая форма может рассматриваться в качестве своеобразного уравнителя. Увеличение накопления человеческого капитала, более высокие темпы его роста способствуют более равномерному распределению доходов.

Однако точную количественную определенность взаимосвязи между уровнем образования и доходом основоположникам теории человеческого капитала установить не удалось, поскольку индивиды различаются и по многим другим параметрам - полу, возрасту, общественному положению, уровню одаренности, воспитанию, ценностной ориентации. Если Э. Дени- сон в начале 70-х гг. XX в. предположил, что примерно около 3/5 различий в личных доходах обусловливаются различиями в уровне образования, то во второй половине 80-х гг. Г. Беккером было установлено, что последними объясняется только до 1/3 общего неравенства в личных доходах [2, с. 177].

Необходимо заметить, что в целях исследования возрастающей роли человеческого капитала в экономическом росте и накоплении общественного богатства за рубежом было разработано несколько макроэкономических моделей [9, с. 50]. При этом акцент делается, как правило, лишь на образовании.

Подводя итог, можно утверждать, что возникновение теории человеческого капитала, вне всякого сомнения, имеет большое теоретическое и практическое значение.

Проведенный анализ западной и отечественной традиций исследования человеческого капитала позволяет сделать ряд выводов.

Во-первых, такие базовые экономические категории как труд и рабочая сила нуждаются в пересмотре и уточнении. В условиях инновационной экономики они становятся слишком узкими, и вследствие этого, не вполне применимыми для выражения роли человека в современном экономическом развитии.

Во-вторых, категория «человеческий капитал» требует дальнейшей углубленной разработки.

В-третьих, исходя из того, что для объяснения современных процессов, происходящих в инновационной экономике, не вполне приемлемы как неоклассическая модель, так и материалистическая модель, существовавшая в отечественной науке, представляется, что в процессе исследования необходимо оставаться в рамках широкой социально-экономической традиции, поскольку нельзя не согласиться с К. Поланьи: «Экономический порядок обычно бывает функцией от социального, причем второй обеспечивает первый».

В то же время, делая поворот в сторону большего учета социальных факторов, на наш взгляд, нельзя умалять значение экономической эволюции. Экономическую и социальную составляющие общественного прогресса необходимо исследовать во взаимодействии и взаимосвязи, поскольку человеческое общество возникло в результате их взаимного развития.

В соответствии с таким подходом человек выступает в инновационной экономике не только как средство, но и как конечная цель, как результирующий итог социальной и экономической сфер общественного развития. Социально-экономический прогресс, как отмечает А. И. Ракитов, это прогресс человека для человека, движение человека к своей высшей исторической цели - свободной, творческой самореализации.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Беккер Г. Человеческий капитал. Главы из книги// США: ЭПИ, 2013. № 11-12. – с.109-119
2. Денисон Э. Исследование различий в темпах экономического роста. -М.: Прогресс, 2011. – с.177-180
3. Дятлов С.А. Теория человеческого капитала: Учебное пособие. - СПб.: Изд-во СПбУЭФ, 2006. – 26 с.
4. Капелюшников Р.И. Экономический подход Гэри Беккера к человеческому поведению// США: ЭПИ, 2013. №11. – с.115-119
5. Капелюшников Р.И., Албегова И. М., Леонова Т. Т., Емцов Р. Г., Найт П. Человеческий капитал России: проблемы реабилитации// Общество и экономика, 2013. № 9-10. – с. 6
6. Кендрик Дж. Совокупный капитал США и его формирование. - М.: Прогресс, 1978. – с.37-38
7. Марцинкевич В.И., Соболева И. В. Экономика человека: Учебное пособие для вузов. - М.: Аспект-Пресс, 2005. – с.187
8. Фишер С., Дорнбуш Р. Экономика: Пер. с англ. со 2-го изд. -М.: «Дело ЛТД», 2013. – с.303.
9. Цыренова Е.Д. Совокупный человеческий капитал нации (формирование и функционирование его на макро-, мезо-, микроуровнях). Учебное пособие. - Иркутск: Изд-во ИГЭА, 2006. – с. 50-53
10. Экономический рост в условиях монополистического капитализма: проблемы и противоречия. - М.: Наука, 2005. – с.39
11. Thurow L. Investment im Human Capital. - Belmont, 1970. – p. 121
12. Thurow L. Investment im Human Capital. - Belmont, 2010. – p. 90



***Арбобов Х.М. - Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ***
***Арбобов М.Қ. - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***
***Раупов А.О. - калони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***


## МУХТАСАР АНДАР ҒИЁСИДДИН ҶАМШЕДИ КОШОНӢ ДАР ТАЪРИХИ ИЛМ

Ғиёсиддин Ҷамшед ибни Масъуд ибни Маҳмуд Кошонӣ табиб, риёзидон ва ахтаршиноси овозадори форс-тоҷик соли 790 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба соли 1380-и Масеҳӣ дар Кошони Эрон ба дунё омада, 11 рамазони соли 832 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 22 июни соли 1429 Масеҳӣ дар Самарканд вафот кардааст. Дар навиштаҳои аврупоӣ “Кошонӣ”-ро аз арабишудаи “ал-Кошонӣ” гирифта, дар шакли “ал-Кошӣ” навиштаанд ва бар ҳамин асос дар навиштаҳои ғарбӣ «ал-Кошӣ» (al-Koshi) ба кор рафтааст. Набояд фаромӯш кард, ки риёзидони дигаре бо

номи Коши дар таърихи риёзиёт маъруф аст, ки ӯ Огюстен Луи Коши (1789-1857)-и фаронсавӣ мебошад.

Бино бар маълумоти андӯхтаи Абулқосими Қурбонӣ, Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ дар соли 824 аз зодгоҳаш Кошон равонаи Самарканд шуда буд. [5, с. 5 ва 9]. Кошон дар ҷанубии Теҳрон дар масофаи дусад километр, дар қисмати ғарбии дашти кавир бар нимароҳи Теҳрон – Исфаҳон қарор дорад. Дар охири қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ, (охири асри 14 милодӣ) яъне дар солҳои таваллуд ва кӯдакии Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ ин шаҳр ҳамчун дигар шаҳрҳои Эрон таҳти тасаллути Темури ланг ва сипас писараш Шоҳрух қарор дошт. Дар ин даврон хотираи кушторҳо, вайрониҳо ва тирарӯзиҳои аҳди ҳамлаи муғул зинда шуд ва дар пайи он ҷунбишҳои кӯчак ва бузурги маҳаллӣ ҳамчун ҳуруфия ва нуқтавия оғоз гардид. Темур аз як сӯй шаҳрҳои ободеро, ки фатҳ мекард, вайрон месохт ва аз сӯйи дигар мекӯшид то шаҳрҳои Осиёи Миёна, махсусан маркази қудрати худ - Самаркандро обод кунад. Бо ин сиёсат бисёре аз хунармандон ва донишмандони Байнаннаҳрайн, Осиёи сағир, Сурия, Эрон ва Ҳиндро асир кард ва ба Мовароуннаҳр бурд. Ҳамин тавр, иддаи зиёде аз донишмандон ва санъатгаронро дар пойтахти худ – Самарканд гирд овард. Чунин буд, ки дар давраи ӯ Самарканд равнақи бисёр ёфт.

Пас аз Темур, писараш Шоҳрух идораи Самарқанд ва тамоми Мовароуннаҳрро ба писари худ Улуғбек (набераи) Темур) супурд ва худ дар Ҳирот ҳукумат мекард. Улуғбек, ки зери назари Сарой Хотун – ҳамсари Темур аз тарбияти хубе бархӯрдор буд, чиҳил сол бар сарзамине васеъ фармонфармоӣ дошт. Модараш Гавҳаршод ба сохтани биноҳои бошукӯҳ шавқманд буд ва ба ҳамроҳи шавҳари худ Шоҳрух дар тармими харобаҳои Темур кӯшид ва чандин мадраса ва масҷидро обод кард, ки аз ҷумла, масҷиди Гавҳаршоди Машҳад низ сохтаи онҳо буд. Бародари Улуғбек, Бойсунқур дар китоби дӯстӣ ва ташвиқу ҳимояти аҳли илму ҳунар шӯҳрате фавқуллода ёфт. Дар чунин муҳити хонаводагии мусоиде, Улуғбек низ бо шавқ ба ободонӣ ва тарвиҷи илму таҳқиқ парварда шуд. Ӯ ҳам ба монанди бобояш Темури ланг сиёсати тақвият ва такомули Самаркандро бо шеваҳои мусолиматомезтар дар пеш гирифт. Маҳз бо дастгириву сарпарастии молии ӯ дар Самарканд мактаби илмие бунёд карда шуд, ки дар таърихи илм бо номҳои “Мактаби илмии Самарканд” ва ё “Мактаби илмии Улуғбек” сабт шудааст. Дар “Мактаби илмии Самарканд” донишмандони зиёде аз Хуросону Мовароуннахр ва ҳатто Руму Ҳинд фаъолият мекарданд, ки маъруфтаринҳояшон Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, Қозизодаи Румӣ, Алӣ Қушчии Самаркандӣ, Муиниддин Кошонӣ ва Ҷалолуддин Устурлобӣ буданд. Улуғбек ҳамчун пуштибони дониш ва ҳунар гоҳ-гоҳе ба фаъолиятҳои нуҷумии донишмандони замонааш ширкат меварзид ва аз тамошояш ҳаловат мебурд.

Додгарӣ ва илмпарварии Улуғбек дар канори маҳорати фаннӣ ва ҳунарии устодону ҳунармандони Эрону Мовароуннаҳр дар тӯли қарнҳое побарҷо буда, ки дасти замона бисёр коххоро ба “кӯҳ” табдил кардааст. Улуғбек пас аз сохтани мадрасаи Самарканд яке аз донишмандони барҷаста ба номи Муҳаммад Хофиро мударриси он мадраса кард. Ин шахс зоҳири жӯлида ва фақиронае дошт, вале Улуғбек вақте аз ӯ суолоте кард ва ба мизони дониши вай пай бурд, ӯро ба гармобаи дарбор фиристод ва ҷомаҳои фохир пӯшонид ва дар рӯзи ифтитоҳи мадраса ҳамроҳи навад тан аз донишмандони Самарканд бар сари дарси ӯ ҳозир шуд. [3, с. 40].

Муаллифи «Зубдат-ут-таворих» - Ҳофизи Абрӯ [7, с. 744] оғози мадрасаро соли 823 ҳиҷрӣ ва Абулқосими Қурбонӣ [6, с.8] соли 824 аз тарафи Улуғбек бо дасти устоҳои Шероз, Кошон ва дигар мамолик (манотиқи Мовароуннаҳр – А.К.) дар самти шимолу шарқии шаҳри Самарканд, бар фарози теппае бо номи “Кӯҳак” ки имрӯз «Чӯпонота» ва бино бар нишондоди Баҳром Шермуҳаммадиён [2] «Чӯпонато» ва наздикии рӯдхонаи “оби раҳмат” воқеъ аст, бино шудааст.

Улуғбек барои тарроҳӣ ва сохти расадхона ва баҳрабардорӣ аз он гурӯҳе аз донишмандони машҳур аз ҷумла Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, Салоҳиддин Мӯсо ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд Қозизодаи Румӣ (1360-1437), Алоуддини Алӣ ибни Муҳаммади Кӯшчии Самаркандӣ (ваф. 1474), Муиниддин Кошонӣ ва дигаронро ба Самарканд даъват кард. Мавзӯи даъвати ин донишмандон ба Самаркандро таснифи «Зиҷ»-и ҷомеъи Саидӣ дар дебочаи

«Зиҷ»-и худ чунин овардааст: «…Султони шаҳид Мирзо Улуғбек – Аноруллоҳ бурҳонаҳу дар Самарканд пешниҳоди иморати расад кард ва касоне ки дар ин илм моҳир буданд мисли Мавлоно-ул-муаъзам, Носиби роёт-ул-фазл ва-л-ҳакам, Мавлоно салоҳ-ул-миллат ва-д-дин Мӯсо ал-муштаҳир ба Қозизода ва ҷаноби Мавлоно муаъзам Ғиёс-ул-миллат ва-д-дин Ҷамшед, ки дар илми ҳандаса ва ҳисоб ва аъмоли нуҷумӣ беназири замон буда ва устод Ҷалолуддин Устурлобӣ, ки машҳури рӯзгор буда аз мамолик талбида ва тарбияти олоти расад карда ва дигар афзал-ул-мутаахирин қутб-ул-муҳандисин Мавлоно Алӣ Қӯшчӣ тайибуллоҳ мазҷиа…» [6, с. 5].

Эҳтимолан маншои даъвати Кошонӣ ба Самарканд ин буда, ки вай қаблан зиҷеро, ки дар Кошон тадвин карда буд ба номи Шоҳрухи Темурӣ (падари Улуғбек) мулаққаб ба Ҳоқон, ки ҳокими Ҳирот буд, зиҷи Ҳоқонӣ хонданд ва онро ба Мирзо Улуғбек амири Самарканд тақдим карда буд. Дар ин бора марҳум Муҳит Таботабоӣ чунин овардааст:

«Қозизодаи Румӣ ки яке аз донишмандони кишвари Рум (Осиёи Сағир) буд ва барои мулоқоти Мирзо Улуғбеки Темурӣ фармонравои Мовароуннаҳр аз роҳи Ироқ озими Самарканд шуд, дар зимни мусофират чун ба шаҳри Кошон расид, рӯзе барои ёфтани ҳамзабоне риёзидон дар кӯй ва барзан ва бозори ин шаҳр мегашт. Иттифоқан бар ҳуҷраи кӯчаке гузашт, ки марде кӯтоҳқомат он ҷо нишаста буд ва дар китобе назар мекард ва дар перомуни худ миқдоре китоб ва кура ва устурлоб ва абзорҳои дигаре нуҷумӣ гузошта буд. Қозизода ба карина дарёфт, ки ин мард бояд риёзидон ва ситорашинос бошад. Бағоят хушнуд гашт ва барои кашфи ин маънӣ аз дар даромад ва бар ӯ салом кард ва пурсид: Мавлоно, инҳо чист? Марди кӯтоҳ посух дод: Мехоҳӣ чӣ кунӣ? Қозизода гуфт: Мехоҳам бихарам. Пурсид: Чӣ мехоҳӣ бихарӣ? Гуфт: Харидори устурлоб ҳастам. Дубора пурсид: Чи гуна устурлобе ба кори ту меояд? Қозизода як қисм устурлобро ном бурд. Марди ҳуҷранишин гуфт: Ман ин устурлобро ба касе мефӯрушам, ки бо он битавонад ҷайби (синуси – А.К.) як дараҷаро истихроҷ кунад ва ба мушкилоти ман дар фанни ҳайат ва риёзӣ посух гӯяд. Қозизода аз истихроҷи ҷайб ва посухи пурсишҳои он мард оҷиз омад ва худ аз ӯ суолотеро роҷеъ ба мушкилоти ҳайат ва нуҷум кард ва ҷавоби якоякро саҳеҳ ва сареъ шунид. Аз хушӣ тунд ва маълумоти фаровони ӯ ҳайрон шуда номашро пурсид ва донист Ғиёсиддини Ҷамшед аст. Пайванди дӯстӣ дар миёна баста шуд ва чун Қозизода ба Самарканд расид ва донист Улуғбек дар садади тартиб додани расад ва тадвини зиҷи тозае аст, ба ӯ гуфт: Барои анҷоми ин кор, танҳо касеро ки шоиста медонам як марди панҷваҷабӣ аст, ки аз замин то осмонро хуб медонад. Улуғбек чун аз ҳоли Ғиёсиддин огоҳ шуд, кас фиристод ва ӯро аз Кошон ба Самарканд хост ва кори расадро ба ӯ вогузор кард. [6, с. 2].

Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, ки қабл аз сафараш ба Самарканд “Батлимуси сонӣ” лақаб гирифта буд, пеш аз рафтан ба Самарканд осоре дар нуҷум таълиф карда ва шахсан ба расад мепардохта дар нусхаи ноқисе аз як зиҷи худ, ки дар китобхонаи «Остони қудси разавӣ» мавҷуд аст ва марҳум Таботабоӣ онро зиҷи тасҳилот дониста, ва ба гумони муаррихи илм ва шарқшиноси маъруф профессор Эдвард Стюарт Кеннеди (1912-2009) қисмате аз зиҷи ҳоқонӣ аз ӯст, мегӯяд:

«Се хусуф расад кардем дар балдаи Кошон ва авсоти Қамар аз он истихроҷ кардем…Аммо васати хусуфи саввум дар шаби ҳаждаҳуми шаҳревармоҳи қадим санаи ситу сабъину сабъмонаи (776) яздиҷурдӣ (= 809-810 ҳиҷрӣ) буда…» [5, с. 20]

Кошонӣ пас аз рафтан ба Самарканд дар эҷоди расадхона ва тадвини зиҷ нақши асосӣ дошт ва чунон ки Абдулалии Бирҷандӣ дар шарҳи Зичи Улуғбек овардааст: «Асли расади Самарканд аз осори табъи латифи ӯст» ва худи Кошонӣ дар номае ки аз Самарканд ба падараш навишта, ишора кардааст, ки: «Бинои иморати расад ба ваҷҳе ки ин банда шарҳ дода фармуданд». Хондамир муаррихи қарни нуҳӯми ҳиҷрӣ ҳам дар «Ҳабиб-ус-сияр» роҷеъ ба Улуғбек мегӯяд:

Мавлоно Муиниддини Кошӣ, ки дар ин ҷо аз ӯ ном бурда шуда ба навиштаи марҳум Муҳит Таботабоӣ хоҳарзодаи Ҷамшеди Кошонӣ буда, ки ба ҳамроҳии вай аз Кошон ба Самарканд рафта ва дар кори расад мушорикат дошта ва осоре аз Кошонӣ ба хатти зебои ӯ боқӣ мондааст. (5, с. 7; 6, с. 6)

Бинои расадхонаи Самарқанд дар соли 825 (ё 827) ба поён расид. Кошонӣ 5 то 7 сол пас аз шурӯъи кори расад, яъне то замони маргаш дар соли 832 дар он ширкат дошт. Зиҷи Улуғбек 9 сол пас аз марги Кошонӣ, яъне дар соли 841 омода шуд. Улуғбек дар муқаддимаи ин зиҷ аз ҳамкорон ва дастёрони хеш ёд карда ва бо ситоиш ва эҳтиром аз Кошонӣ ном бурдааст. [3, саҳ. 31].

Ойдин Сойийлӣ дар китоби “Расадхона дар ислом”-и худ [9] мегӯяд, ки расадхонаи Самарқанд дар нахустин расадхонаҳои Аврупо таъсир доштааст.

Аз корҳои муҳими Кошонӣ ихтироъи касрҳои даҳӣ аст, ки солҳои баъд аврупоиён зоҳиран мустақил аз ӯ онро ихтироъ карданд. Вай ду қарн пеш аз Кеплер дар илҳоқҳои аввал ва дуюми нузҳат-ул-ҳадоиқ мадори Моҳ ва Уторидро байзӣ (эллипсшакл – А.К.) донистааст. Кошонӣ миқдори «π»-ро бо диққати камназире ҳисоб кард ва синуси зовияи як дараҷаро бо истифода аз равиши такрори ҷолибе барои ҳалли муодилаи дараҷаи саввум бо диққати чашмгире тайъин кард. Вай ҳамчунин ду абзори нуҷумӣ бо номҳои «Табақат-ул-манотиқ» ва «Лавҳи итисолот» ибдоъ кард. Бино бар маълумоти андӯхтаи тарҷумон ва шореҳи рисолаи “Мифтоҳ-ул-ҳисоб”-и Кошонӣ ба забони русӣ донишманди маъруфи шӯравӣ, риёзидон, муаррихи илм ва шарқшиноси шинохта Борис Абрамович Розенфелд (1917-2008), Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ бузургтарин риёзидон ва ахтаршиноси садаи понздаҳуми милодӣ буд ва офаридаҳои ӯро дар баъзе аз заминаҳо бояд намунае аз ҳадди камоли дониш дар садаҳои миёна донист. Равишҳои олӣ, ки Кошонӣ дар мусоҳибаҳои худ ба кор мебурд ва техникаи устодонае, ки дар баровардҳо ва арзёбиҳои ӯ дида мешуд, таваҷҷӯҳи хоси донишмандони замони моро ба худ ҷалб кардааст. [8].

Пажӯҳишгари олмонӣ Пул Локки менависад: «Ӯро риёзидоне шинохтаам ҳушманд ва мухтареъ ва наққод ва соҳибафкори амиқ ва воқиф бар осори риёзидонони пешин, ки ба хусус дар фанни муҳосиба ва ба кор бастани равишҳои тақрибии муттабаҳр ва чирадаст будааст». [5, с. 11]. Профессор Кеннедӣ таърихнигори барҷастаи риёзиёт ва нуҷум низ ӯро муҳосибе забардаст мешуморад, ки дар ин фан маҳорати хориқулода дошт.

Ҳар ҷо ки номи Кошонӣ ба миён ояд аз пешиниёни ӯ Улуғбек ки амири додгар ва донишдӯст ва ҳунарпарвар буд низ ба эҳтиром ёд мешавад. Аммо замона подоши ӯро ба некӣ надод. Абдулатиф писари Улуғбек ҳукумати Балхро, ки падар ба ӯ дода буд лоиқи шаъни худ надонист ва бар ӯ шӯрид ва дар соли 853 бар ӯ даст ёфт ва амр дод ӯро куштанд. Пас аз марги Улуғбек расадхона ҳам аз фаъолият бозмонд ва Алии Қушчӣ ягона шогирд ва дастёри вай Самарқандро тарк кард ва дар Истамбул паноҳ ёфт ва соли 879 дар ҳамон ҷо даргузашт.

Бояд гуфт, ки поёни кори Кошонӣ ҳам фоҷиабор анҷом ёфт. Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ дар субҳи рӯзи чаҳоршанбе нуздаҳуми рамазони 832 ҳиҷрии қамарӣ баробар бо 10 тири 808 ҳиҷрии шамсӣ ва 22 июни 1429 милодӣ дар маҳалли расадхонаи Самарқанд, ки худ тарроҳ ва сарпарасти он буд, дар синни 49-солагиаш кушта шуд. Ин таърих дар саҳифаи охири нусхаи хаттии «Мифтоҳ-ул-ҳисоб» мавҷуд дар китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон ва дар сафҳаи аввали нусхаи хаттии «Зиҷ»-и Хоқонӣ мавҷуд дар девони Ҳинд (Лондон) чунин омадааст:

«Вафоти мавлонои аъзам Мавлоно Ғиёсиддин тайибуллоҳ мазҷаъа дар аввали рӯзи чаҳоршанбе нуздаҳуми шаҳри рамазон-ул-муборак-и санаи 832 ҳиҷрия хориҷи балдаи Самарқанд ба мавзеъи расад». Ҳамчунин дар нусхаи хаттӣ ба шумораи 102 мавҷуд дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ ки шодравон Таботабойӣ онро зиҷи тасҳилоти Кошонӣ дониста дар ҳошияи яке аз сафҳот омадааст:

«Тавфи-ул-мулло ал-махдум-ал-аъзам Ғиёс-ул-миллат ва-д-дин Ҷамшед тайибуллоҳ мазҷаъа ва тобсароҳ ҷаъл-ал-ҷаннат мово ва мисвоҳ ва ҳува мусаннифи ҳаза-л-зиҷ фи сабоҳ явм-ул-арбоъ тосеъ ашара мин рамазон санати 832 хориҷи балдати Самарқанд ба мавзеъи расад».

Муҳит Таботабойӣ эҳтимол додааст, ки ин навишта дар ҳамон рӯзи марги Кошонӣ, ба дасти хоҳарзодаааш Муъиниддини Кошонӣ дар ҳошияи зиҷҷи вай сабт шуда бошад.

Дар мавриди чигунагии марги Кошонӣ абҳоме вуҷуд дорад. Гуфтаанд, ки чун пешрафт ва маҳбубияти Кошонӣ дар дарбори Улуғбек ҳисодати атрофиёнро барангехта ва манофеъи

онохро ба хатар андохта буд кӯшиданд то назари Улуғбекро нисбат ба ӯ баргардонанд. Аз сӯйи дигар чун Кошонӣ аз истиғнои табъ ва озодагии хоси донишмандони асил бархӯрдор буд, алорағми нигаронихои падар ки бозихои рӯзгорро беҳтар мешинохт дар рафтори худ бо Улуғбек бепарво буд ва мулоҳизаи одоби роиҷи чоплусони дарбориро намекард. Улуғбек қалбан аз вай розӣ набуд ва ба мулоҳизаи ниёзе ки ба илм ва кори вай дошт бо ӯ мадоро мекард. Як нишонаи ин амр он аст, ки гарчи Кошонӣ дар рисолаи «Ватар ва ҷайб»-и худ синуси як дараҷаро дарёфт муҳосиба карда ва дар муқаддимаи «Мафотеҳ-ул-ҳисоб»-и худ ки онро ба Улуғбек тақдим карда аз ин рисола ном бурдааст. Улуғбек дар муқаддимаи «Зиҷҷ»-и худ, ки баъд аз фавти Кошонӣ бе он ки ишорае ба Кошонӣ бикунад тақаддам дар муҳосибаи синус як дараҷаро ба худ нисбат додааст.

Амин Аҳмади Розӣ дар тазкираи «Ҳафт иқлим» [1] навиштааст: «Оварданд, ки чун Мирзо Улуғбеки Курагон ҳиммат бар бастане расад гумошт, Мавлоно Ғиёсиддини Ҷамшедро бо эъзоз ва эҳтиром талаб дошта мусоҳибаташро мулозим гирифт, ва чун Мавлоно дар одобу русуми хидмати подшоҳон бисёр орӣ афтода буд, ҳаройина он чӣ одоб ва равиши мулозимат буда бошад аз ӯ ба вуқӯъ намепайваст ва ҷаноби Мирзо аз ин раҳгузар ҳамвора мукаддар буда, изҳори озурдагӣ мефармуд, аммо бинобар он ки муомилаи зиҷ бе вуҷуди Мавлоно самти иҳтимом намепазируфт, билзарура дар тараҷҷуъи суханони талхи Мавлоно собир буда, ҳамеша ба забон меоварда ки ин муҳим кай сурати инсиром ёбад то ман аз атвору гуфтори ноҳинчори Мавлоно Ҷамшед халос шавам ва баъзе боиси фавти Мавлоноро аз ҷониби Мирзо Улуғбек медонанд [1, с. 460].

Ин суханон 170 сол пас аз даргузашти Кошонӣ ва 150 сол пас аз қатли Улуғбек навишта шуда, баъзе аз таърихнигорон воқеияти нақши Улуғбкро дар марги Кошонӣ чунин тафсир медиҳанд, ки муғарризон а чоплусон барои иҷрои мақсадҳои палиди худ Кошониро ба чашми Улуғбек бад нишон медоданд. Аз тарафи дигар, худи Кошонӣ ки тундмизоҷ (холерик) буда, баҳри музаффарияти адолат ба ҳеч созиш ризо намешуд ва аз суханони худи Улуғбек ҳам ки мегуфт: “кай кори расад ба охир мерасад, ки ман аз гуфтори ноҳинҷори Кошонӣ халос шавам”, боиси супориши ӯ бар қатли Мавлоно Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ гардид. Як нуктаи муҳим қобили тазаккур аст, мардуми тундмизоҷ одатан раҳмдил ва беғараз мешаванд, як" “руккагӯӣ” мекунанду ба дил намегиранд, вале фикр намекунанд, ин рафторашон ба дили баъзеҳо кинаву адоватро бедор ва абадӣ месозад. Суханони Аҳмади Розӣ дар мактубҳои навёфтаи Кошонӣ ба номҳо “Аз Самарканд ба Кошон”, “Номаи Кошонӣ ба падараш” собит гардидаанд. Билохира, поёни кори худи Улуғбек чунин анҷом ёфт, ки ба дастури фарзанди худ дар синни 55-солагиаш кушта шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. – Теҳрон. - 460 с.

2. Баҳром Шермуҳаммадиён. Адабиёти шифоҳии Самарканд // Гоҳномаи мардумгиёҳ, соли аввал, шумораи 1, Душанбе, 1372.

3. Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. Бадое-ул-вақоеъ, тасҳеҳи А.Болдирев, Бунёди фарҳанги Эрон, 1349, ҷилди 1.

4. Ғуломҳусайн Садри Афшор. Кошонӣ ва расадхонаи Самарканд, нашрияи Оштӣ бо риёзиёт, соли саввум, шумораи 1, обони соли 1358.

5. Қурбонӣ, Абулқосим. Кошонинома. таҳқиқ дар аҳвол ва осори Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ риёзидон ва мунаҷҷими бузурги Эрон. - Теҳрон, 1350 (1972), чопи дуюм.

6. Муҳит Таботабоӣ, Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, маҷаллаи омӯзиш ва парвариш, соли 10, шумораи 3, хурдоди 1319, саҳ. 2.

7. Ҳофизи Абрӯ. Зубдат-ут-таворих. Тасҳеҳи Саидкамоли ҳоҷӣ Саид Ҷаводӣ, Теҳрон, 1372, ҷилди 2.

8. Джамшид Гиясэддинал-Каши. Ключ арифметики трактат об окружности. Перевод с арабского Б.А.Розенфельда, комментарии А.П. Юшкевича и Б.А. Розенфельда. Москва - 1956. – С. 244-254

9. Aydin Sayilli. The observatory in Islam and its plase in the general history of the observatory. – TTKT, 1960. (7). C. 38

*Ҳасанзода А.Х., Арбобов Х.М. - Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ*
*Арбобов М.Қ. - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

# ИДОРАНАМОИИ РУШДИ ҶАРАЁНҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ

Муносибгардонии системаи педагогӣ аз истилоҳи лотинии «optimfm» - беҳтарин, муносиб ибтидо ёфта, маънои аз имкониятҳои зиёд интихоб намудани вариантҳои беҳтаринро дорад. Дар чунин системаи мураккаб динамикӣ, сернақшагӣ, иерархӣ, ҳамчунин педагогӣ, ҳазорҳо имконияти созмони вариантҳо, ҷараён ва ташкили фаъолияти таълимию тарбиявӣ, ноилшавӣ ба мақсади гузашташуда вуҷуд дорад.

Дар шароити мушаххас фақат яке аз онҳо беҳтарин шуда метавонад. Ҷустуҷӯи он – вазифаи умдаи муносибгардонӣ аст. Он бо роҳи муқоисаи вариантҳо ва арзёбии алтернативӣ ҳал карда мешавад.

Идоранамоии бошукуҳи иннноватсияҳо қобилияти роҳбари мактабро доир ба иҷроиши босифати ҷузъи ҷумҳуриявӣ аз тарафи ҳар як омӯзгор пешбинӣ менамояд. Риоя накардани талаботҳои ҳади ақал ба барномаҳои таълимӣ, хавфи кандашавӣ, вайроншавии низоми муҳити ягонаи таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вайроншавии бартарии рушди иқтидори зеҳнӣ ҳамчун шарти бехатарии миллӣ, аз даст додани баробарарзишии ҳуҷҷатҳое, ки ба хатмкунандагони муассисаҳо дода мешавад, ба миён меорад [1, с. 40]. Муассиса, намудҳои гуногуни нақшаҳои таълимиро, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, истифода мебарад. Аммо ҳангоми дилхоҳ интихоб, роҳбари мактаб ӯҳдадор аст, ки омӯзиши фанҳои таълимиро бо ҳаҷми на камтар аз ҳаҷми дар қисмати нақшаи таълимии заминавӣ пешбинишуда, ба инобат гирад. Баъд аз он ки роҳбар вазъиятро дар муассиса ҳаматарафа таҳлил намуд, муайян менамояд, ки кадом натиҷаҳои фаъолияти муассисаро беҳтар кардан лозим аст ва муносиб гардонидани шароити педагогӣ хело муҳим буда, дар ӯ албатта талабот дар интихоби асосноки ақидаҳо, ки бо ёрии онҳо метавон бадастории натиҷаро беҳтар намуда, ба миён гузорад.

Дар таҳти мафҳуми муносибгардонӣ сатҳ ва дараҷаи мувофиқи системаи рушди таълим ба он мақсадеро, ки баҳри ноилшавии он барпо карда шудааст, фаҳмидан мумкин аст. Ноилшавӣ барои як шароити педагогӣ қариб ҳеҷ вақт дар шароити дигари педагогӣ ҷой надорад, барои ҳамин ҳам фаҳмиши муносибгардонӣ ин имконро надорад, он фақат ба муносибати интихоби вазифа шароит муҳайё месозад. Дар ин лаҳза дақиқ тасаввур кардан зарур аст, ки чигуна шароитҳои педагогӣ бояд муносиб гардонда шавад, кадом параметри низоми рушди таълим бояд ба комёбии зиёди мақсади гузошташуда мувофиқ ояд.

Принсипи оптималӣ – муносиб ё беҳтарин дар китоби Дидактикаи муосири Академики АТТ, М. Лутфуллозода дарҷ гардида, ба миён гузошт, ки ҷараёни комёбӣ на фақат як беҳбудӣ, балки ба чандин комёбии дигар ноил гардад. Ӯ дар ин ҷо қайд менамояд, ки асосҳои муносибгардонии оқилона ва сарфакорона истифода бурдани меъёри ҳамаи унсури раванди омӯзиш пайваста тақвият мехоҳад. Он имкон фароҳам меорад, ки вақти кам сарф шуда, натиҷаҳои муфид ба даст оварда шавад. Аз ин андешаҳо чунин бармеояд, ки моҳияти гуманистии он хело бузург аст[3, с. 318].

Бинобар ин, дар ин ҷода бояд майли назариявӣ ва амалиро фарқ кард. Фаҳмиши синоними мафҳуми «оптималӣ» - ин мувофиқгардонӣ дар назария ҷанбаи ҳисоб, муқоисаи рамзҳоро ифода мекунад. Дар ҷанбаи амалӣ муносибгардонӣ инноватсия, азнавташкилкунии низоми мазкурро мефаҳмонад. Интихоби ақида барои он ҳатмӣ мебошад, ки барои ноил гаштан ба ин ё он мақсад, ин ё он натиҷаҳо метавон воридотҳои инноватсионии гуногунро, ки ҳар яки аз онҳо паҳлуҳои пурзур ва суст доранд, интихоб намуд. Чунин метавонад, ки мантиқи ақидаронӣ возеҳ аст, аммо дар амалияи воқеӣ вай аксар вақт тоб намеорад. Ба ҷойи муносибати асоснок ба интихоби ақидаҳо, мо мебинем:

- дар баъзеҳо – кушиши қариб ки бе ягон интихоб ворид кардан, азхуд намудани қариб ҳама он чизе ки қаблан набуд, он чизе ки дар ягон ҷой шунидаанд, дидаанд (мусалам аст, ки дар бораи чунин муассисаҳо мегуянд, ки онҳо «хело тез» рушд намуда, барои фаъолияти дуруст фурсат надоранд);

- дар дигарон – кушиши санҷидан, ҳама чизи навро пайи ҳам аз худ намудан, то бо чунин тарз барои муассисаи худ мувофиқро дарёфт намоянд. Ин қариб ки куркурона кор кардан мебошад (санҷишҳои куркурона ва албатта – хатогиҳои зиёд);

- дар сеюмин – кушиши тақрибан аз худ намудани он чизе, ки муассисаҳои ҳамсоя, барои тоб овардан ба рақобат дар мубориза барои гурӯҳи хонандагон, барои фикри хуби падару модар, роҳбарони идораҳои таҳсилоти минтақаи худ истифода менамоянд

- дар чорумин – кушиши бо кадом арзише ки набошад, аз муд қафо намонанд ва дар қуллаи он ҷой дошта бошанд, возеҳ мушоҳида карда мешавад ва аз ин лиҳоз онҳо бо вайрон намудани сарашон ба дараҷаи муассисаи инноватсионӣ ва бевосита бо номи додашудаи мушкил кушиш менамоянд;

- панҷумин – барои роҳандозӣ қабул намудани дилхоҳ тавсия, дилхоҳ фармоиши идораҳои маҳалии таҳсилот, ки ба азхуднамоии ин ё он ақида дахл доранд, омода мебошанд [7, с. 38].

Дарк кардан душвор нест, ки ҳамаи ин муносибатҳо ба воридотҳои нав дар муассиса сарфамҳои зиёд, ба мисли ӯҳдадории зиёди хонандагон ва омӯзгорон, паст шудани азхуднамоии фанҳое, ки кори «таҷрибавӣ» дар бар намегирад, оварда мерасонад ва боз азхуднамоии бесаводона аз омӯзгороне, ки ба фаъолияти мазкур машғуланд, тамоми қувва ва вақтро мегирад, ки ин ба вайроншавии шароити педагогӣ оварда мерасонад.

Аммо агар ба роҳбар ҳамаи ин муносибатҳо хос набошанд, вай зарарнокии онҳоро дар намуди, ақидаи маҳз барои рушди муассисаи худ муносиб бударо асоснок қабул менамояд.

Ҳамчунин, дар навбати худ ҳалли вазифаҳои муносибгардонӣ аз интихоби мақсаднок сар мешавад. Маҳаки муносибгардонӣ – ин аломатест (нишондод), ки дар асоси он имконпазирии вариантҳои инкишофи раванд ва интихоби беҳтарини онҳоро арзёбӣ мегардонанд. Талаботи мантиқ истодагарӣ мекунад, ки меъёр фақат аз як мазмуну нишондод иборат бошад, дар педагогика ин ҳамеша ҳалли комплексӣ мегирад, чунки ба инкишофи сабабҳои ҷудогонаи раванд, ки аз ҷараёни шароити педагогӣ сар мешавад, имкон намедиҳанд.

Барои ба мақсад расидан роҳбар на танҳо бояд аз худ, балки аз мақоми дигарон – иҷрокунандагон, амалисозон равад. Бениҳоят муҳим аст, ки маҳз худи онҳо дар ҷӯстан иштирок намуда, барои азхуднамоӣ ақидаҳои навро интихоб кунанд ва баҳо диҳанд.

Дар акси ҳол кори онҳо ҳавасмандии зарурӣ надошта, дар тарзҳои идора кардани инноватсияҳо дар мактаб ягон азнавсозӣ намешавад.

Таҳлили адабиёти махсус ва таҷрибаи фаъолияти муассиса аз ташаббуси нокофии истифодаи навовариҳои педагогӣ дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ шаҳодат медиҳанд.

Ҳади ақал метавон ду сабаби амалӣ нагаштани инноватсияҳои педагогиро ҷудо намуд.

Сабаби якум аз он иборат аст, ки инноватсия одатан аз санҷиш ва апробатсияи зарурии касбӣ намегузарад.

Сабаби дуюм дар он аст, ки ворид намудани воридотҳои нави педагогӣ қаблан на дар сатҳи ташкилӣ, на дар сатҳи техникӣ ва аз ҳама асосиаш на дар муносибати инфиродию психологӣ омода карда намешавад.

Тасаввуроти мушаххас доир ба таркиб ва маҳакҳои инноватсияҳои педагогӣ, маҳорати тарзи ворид намудани онҳо, ба омӯзгорони алоҳида ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ барои холисона баҳо додан ва пешгӯйи намудани вориднамоии онҳо имконият медиҳанд.

Саросемагӣ дар вориднамоии инноватсияҳо на як маротиба муассисаро ба он оварда расонид, ки воридотҳои наве, ки аксар вақт аз боло тавсия шудаанд, бо сипарӣ гаштани чанд муддат (на он қадар дуру дароз) фаромуш мешаванд, ё бо фаромоиш маън карда мешаванд.

Яке аз сабабҳои асосии чунин вазъият дар муассиса мавҷуд набудани муҳити инноватсионӣ-ваъзияти муайяни маънавию психологӣ, ки бо маҷмуи чораҳои хусусияти

ташкилотӣ, методӣ ва психологӣ дошта мустаҳкам шудаанд ва ворид намудани инноватсияҳоро дар раванди таълим дар муассиса таъмин менамоянд, мебошад.

Мавҷуд набудани чунин муҳити инноватсионӣ бо аз ҷиҳати методӣ тайёр набудани омӯзгорон маълумотнокии нокифояи онҳо оид ба моҳияти навовариҳои педагогӣ возеҳ гардида, ба муносибгардонии шароитҳои педагогӣ монеа эҷод менамояд.

Мавҷуд будани муҳити хуби инноватсионӣ дар ҳайати педагогӣ зарифи муқовимати омӯзгоронро ба навовариҳо паст намуда, барои бартараф кардани қолабҳо дар фаъолияти касбӣ кумак менамояд. Муҳити инноватсионӣ дар муносибати омӯзгорон ба инноватсияҳои педагогӣ ба таври воқеӣ тасвир мешавад.

Инчунин, муносибгардонро дар ҷойи дигар Академики АТТ Лутфуллозода М. раванди омӯзиш номида, меъёрҳои онро ба таври зайл баён намудааст:

а) Мазмун, сохт ва мантиқи муфидона ва босифати вазифаҳои омӯзиш, тарбия ва инкишофи хонандагонро мувофиқи талаботи барномаҳои давлатии таълимӣ (акнун стандарти давлатӣ меноманд) дар сатҳи имконияти зиёди таълимии ҳар як хонанда таъмин мекунад;

б) Ба мақсади гузошташуда ноилшавӣ бидуни сарфи зиёди вақти ҷудокардаи нақшаи таълимии амалӣ барои машғулиятҳои синфӣ, ҳамчунин барқарор шудани муассиса ва меҳнати гигиенӣ барои машғулиятҳои корҳои мустақилонаи хонандагон ва омӯзгорон таъмин карда мешавад, то ки якбора далелҳои хасташавӣ ба омӯзгорон ва хонандагон бояд огоҳонида шавад» [3, 318 с.].

Дар боло мисолҳо нисбат ба иддае аз муассисаҳои таълимии «инноватсионӣ» нишон дода шуда буд, ки натиҷаҳо бо роҳи меҳнатталабии омӯзгорон ва хонандагон ҳосил мегардад. Сарбории дарозмуддат ба пастшавии қобилияти меҳнатӣ, бадшавии саломатӣ меорад. Талаботи меъёри муносибгардонӣ ҳаммаънои беҳтарин буда, онро ҳамчун раванди самарабахши таълиму тарбия шуморидан мумкин аст, он бидуни сарбории омӯзгорон ва хонандагон ҷорӣ мегардад ва дар ҳамин лаҳза натиҷаҳои зиёд ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тавр, барои сифати асосии меъёри муносибгардонии раванди таълими инноватсионӣ ду нишондоди бо ҳам робитадор қабул карда мешавад:

1. Дар шароити ҳозира гирифтани имкониятҳои зиёди (комёбиҳои воқеӣ) натиҷаҳои маълумот, тарбия ва инкишофи хонандагон;
2. Риояи муайни сарфкунии вақти барқароршудаи мустақилияти хонандагон зери роҳнамоиҳои омӯзгор.

Асосҳои методологии муносибгардонии рафтори системанок, ки дида баромадани ҳамаи қисматҳои шароити педагогиро дар ягонагии қонунмандии робитадорӣ талаб мекунад, ба назарияи умумии идоракунии системаҳои мураккаб риоя менамояд.

Муносибгардонӣ ба «андозаи» маърифатӣ асосонида мешавад. Он ба муқобили муболиғакунии ин ё он қисми шароити педагогӣ, аз будаш зиёд ё камкунии суръати фаъолият, мураккабии омӯзиш ва ғ. мебарояд, вале фақат интихоби маҳаки андоза ва истифодабарии онҳоро талаб мекунад.

Ба асосҳои талаботи методологии муносибгардонии системаи педагогӣ инҳо дохил мешаванд:




Талаботи аз ҳама охирин нишон медиҳад, ки дар қисман муносибгардонӣ нисбат ба системаи педагогӣ чанде пас беҳтаргардонӣ намешавад: тағйирёбии шароит, пайдошавии далелҳои нав баробарвазнии барқароршударо вайрон мекунад ва ҳамаашро аз нав сар кардан лозим меояд. Дар ҳамин аст абадияти мухолифатҳои раванди педагогӣ аз оне, ки қувваи ҳаракатдиҳандаи раванди он тавлид меёбад.

Муносибгардонии амалӣ аз он сар мешавад, ки нисбат ба муайян кардани меъёри баҳо дар сатҳи таълимгирифта, бомаърифатшуда, инкишофёфтаи хонандагон ва тамоми муассисаи таълимӣ ноил шуда бошад. Ҳамчун дар воқеъ вай аз имконияти объективӣ поёнтар меравад (агар ин сатҳ ҳамаро қонеъ гардонад, муносибгардонӣ шуда наметавонад: ин ба мақсад расидан аст, аммо беҳтар кардани дигар чиз нест). Сипас имконпазирии дараҷаи инкишофи натиҷагирӣ банақша гирифта мешавад (хонанда аниқ чӣ тавр метавонад нағз хонад, худро идора кунад). Баъд аз ин, татбиқ намудани чорабиниҳои системаи таълимӣ – тарбиявӣ, таъмини майл ба дигаргуниҳои пешбинишуда ва ба истифодаи самарабахши технологияи инноватсионӣ такя бояд намуд. Дар ҷамъбаст муқоисакунии шароитҳои педагогӣ ва натиҷаҳои ноилшуда ба имконияти муносибгардонӣ, муқоиса кардани сарфакунии вақт барои корҳои мустақилонаи хонандагон (хондани китобҳои иловагӣ ва мутолиаи он дар раванди дарс) зимни меъёрҳо, кӯшиши омӯзгор ва хонандагон хулосабарорӣ шуда, натиҷа нисбат ба сатҳи муносибгардонӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Зери назарияи олимони педагогика (Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Нуров А., Раҳимов Х. ва диг.) муносибгардонӣ (оптимизатсия) тавассути системаи услубҳо амалӣ карда мешавад, ки он аз қонуният ва принсипҳои сидқан аз раванди таълиму тарбия ҷоригашта дорои хусусияти чорабиниҳои дақиқ мегардад [2; 6; 8].

Нақшаи 1




Дар ин асос, бояд қайд намуд, ки услуби мутобиқгардониро педагоги шинохта Шарифзода Ф. чун фаъолияти робитадори якҷояамалкунандаи омӯзгорон ва хонандагоне, ки

пешакӣ барои гирифтани имкониятҳои зиёд дар вазъияти кунунии омӯзиши самарабахш зимни риоя кардани гигиенаи муайяни барқароршудаи сарфакунии вақт (ё ҳатто кам аз он), яъне бидуни меҳталабии омӯзгорон ва хонандагон меномад [8].

Васоити технологияҳои инноватсионӣ бошад, дорои имкониятҳои муайяни дидактикие мебошанд, ки ба амалисозии заминаи шиддатноки раванди таҳсилот, ташкили услубҳои ба рушди шахсияти омӯзандагон равонашуда, амалисозии фаъолияти азхуднамоӣ, ки натиҷадиҳии мустақилонаи донишҳои маълумотдиҳандаро ба миён меорад, мутамарказонида шудааст. Ба онҳо мансуб мебошанд:

- гуфтугӯи интерактивии миёни истифодабарандагон ва воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии он технологияҳое мебошад, ки ба он ҳар як дархости истифодабаранда дар низом амали ҷавобиро ба миён меорад, ё ки баръакс, луқмапартоӣ ва реаксияи истифодабарандаро талаб менамояд;

- визуаликунонии компютерии маълумоти визуалӣ оид ба манбаи омӯхташаванда, ҷараёни (пешниҳоди наворӣ дар экран; манбаъ ва қисмҳои таркибии он, ё ки тарҳи он, раванд ё ки тарҳи он, аз ҷумла шакли пӯшида дар олами воқеӣ; тафсири графикии қонуниятҳои раванди омӯхташаванда) ;

- ҳамроҳии аудиоии маълумот нисбат ба маводи пешниҳодгашта;

- автоматикунонии равандҳо, таъминсозии иттилоотӣ-методӣ, идоракунии фаъолияти таълимӣ ва назорат аз болои натиҷаҳои азхудкунӣ.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои дар боло овардашуда гуфта метавонем, ки далели муҳим он аст, ки фарқияти тағйироти дар доираи татбиқсозӣ ва рушди технологияҳои инноватсионӣ баамаломада дар собиқа амсоли худро надоштанд, аммо дар соҳаи маориф ин технологияҳоро дар шакли дермонӣ ва он ҳам на ба шакли фаъолона истифода мебаранд, ки муносибгардонии шароитҳои педагогӣ метавонад фаъолгардонии ҷараёни инноватсиониро таъмин намояд.

Дар ин асно, ба он бояд эътибор дод, ки муносибгардонӣ раванди педагогиро, аз як тараф, бо шароити мавҷуда, ки фарқ мекунад, мувофиқ мегардонад, вале аз дигар тараф, худаш шароити нав барпо мекунад ва ба он раванд мутобиқшавиро талаб менамояд. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна мухолифат нест, ҳамин тавр ҳарду раванд бо алоқамандии ҳамдигар амал мекунанд. Агар имрӯз мо ба воқеият мутобиқ шавем, он гоҳ он ба вазъият вобастагӣ дорад, на ба мо. Аммо педагог ҳамавақт мекӯшад, ки онҳо баҳри аёнии раванд беҳтарин бошанд. Чунин талабот муносибгардонии тағйирнопазир аст.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти баъдидонишгоҳии касбӣ»- Душанбе, 2004. – 40 с.
2. Лутфуллоев М. Дарс. - Душанбе, 1995. - 93 с.
3. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001. – 318 с.
4. Луфуллозода М., Бобизода Ғ., Андешаҳои перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе, 2001. – 146 с.
5. Махмудов М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмудов – М.: Педагогика, 1975. – 368 с.
6. Раҳимов Х., Нуров А., Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров - Душанбе, – “Ирфон”, 2020.- С.84-107.
7. Руднев Е.Н. Ваколат, стратегия ва амалҳои амалӣ // Е.Н.Руднев Директори мактаб. – 2006. - №8. – 38 с.
8. Шарифзода Ф. Мушкилоти актуалии педагогикаи муосир. Қ. 2. – Душанбе: Ирфон, 2010.- 328 с.
9. http://edu.tltsu.ru/sites/sites_content/site1238/html/media
10. http://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-01/dissertaciya
11. http://persev.ru/bibliography/uchenie-ip-pavlova-i-nekotorye-voprosy-pedagogiki.

## МУНДАРИҶА

**БАХШИ I. ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**........ **3**
**Асрорзода У.С. , Баҳронов Ш.Ю.** Методикаи аудити дохилии дурустии ҳисобузамкунӣ ва пардохт кардани андозҳо........ **3**
**Хоркашов И.С., Алиева Л.Ю.** Методикаи таҳлили самаранокии дар истеҳсолот истифодабарии сарватҳои моддӣ........ **9**
**Каримов Б.Ҳ., Нуров Б.А.** Мукаммалгардонии раванди татбиқи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ва аудиторӣ........ **13**
**Абдурахимов А.А.** Применение современных методов обучения в преподавании дисциплины «бухгалтерский (финансовый) учет»........ **17**
**Бобоев М.У.** Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии бизнес........ **20**
**Маъдиев С., Раҳмонова С., Файзалов Ш.** Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун функсияи ташаккулдиҳии имкониятҳои молиявӣ дар шароити индустриаликунии мамлакат........ **24**
**Каримов Б.Ҳ., Алиева Л.Ю.** Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии истеҳсолоти бофандагӣ........ **27**
**Қодирова Г.Т.** Заминаҳои ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ........ **33**
**Бобомуродов Б.Э., Муҳаммади М., Толибова Ҳ.** Ақидаҳои олимон оид ба илми баҳисобгирии муҳосибӣ........ **38**
**Ғаниев У.Ф.** Методикаи таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ........ **41**
**Миршарипов Э.Қ.** Аҳамияти баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ........ **48**
**Каримиён М.Б.** Дигаргуниҳо дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи кодекси андози нави Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **51**
**Маҳмадова М.Ш., Маҳмадова Ф.Ш.** Ташкили корҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **56**
**Ҳафизов А.З.** Татбиқи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ........ **58**
**Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б.** Тартиби гузаронидани аудити дохилии воситаҳои асосӣ........ **63**
**Ҳоҷиева Ш.А.** Таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба таъминоти иттилоотии равандҳои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ........ **72**
**Ғуломова З.З., Назаров М.Х.** Низоми аудити дохилӣ дар корхонаҳои бахши хусусӣ.. **76**
**Оқилов Ф.М., Исупов А.Қ.** Санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **80**
**Акрамова Ҳ.А., Дустмуродов А.Х.** Масъалаҳои эътироф, баҳодиҳӣ ва фарсудашавии дороиҳои ғайримоддӣ тибқи СБҲМ........ **82**
**Бобомуродов П.Х., Файзов М., Абдуллоева Д.** СБҲМ: таъйинот, заминаҳои ташакул ва рушди он........ **85**
**Ғайбуллоева Д.А.** XBRL-формат дар низоми баҳисобгирии молиявии ташкилотҳои тиҷоратӣ........ **89**
**Назаров М.Х.** Накши аудити дохилӣ дар низоми идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхона........ **93**
**Оев А.Д.** Рушди асосҳои институтсионалии фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **97**
**Раҷабов С.Р., Қурбонов С., Қурбонов Т.** Тартиби истифодаи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи СБҲМ дар корхонаҳо........ **100**

**Соличонов Ҳ.И.** Технологияи банақшагирии санҷиши аудитории ҳисобикуниҳо бо буҷет доир ба андозҳо....... 104
**Файзализода М.М.** Асосҳои ташкилию методии таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ....... 107
**Саидов Р.Н., Гулобова Н.С.** Такмили асосҳои методологии аудити дохилӣ....... 112
**Мирзозода А.Д.** Оид ба масъалаҳои мубрами фарсудашавӣ ва тартиби аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосии моликияти давлатӣ....... 116
**Ҳукматов Д.Ч.** Самтҳои рушди назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ....... 122
**Ғуломова З.З.** Моҳият ва принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ....... 124
**Нуров Б.А.** Баҳодиҳии самаранокии аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибии ташкилоти аудиторӣ....... 129
**Мусулмони А., Давлатов Р.Ч.** Баъзе масоили татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муҳосибот....... 133
**Бобиев И.А., Ҳайдаров П.Я.** Низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Федератсияи Россия....... 135
**Шоймардонов Ҳ.Қ., Ҳусайнова Н.Н., Асомудинов Ф.Н.** Баҳисобгирӣ ва таҳлили сармояи худӣ дар ташкилотҳои қарзӣ....... 139
**БАХШИ II. НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ....... 145**
**Давлатзода М.Х., Ғуломова З.З.** Сайёҳӣ чун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон....... 145
**Бобохонова Ш.Х.** Ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....... 149
**Рустам Абдуқаюм**. Шаклҳо ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ....... 153
**Обидов Ф.Ф.** Основные факторы и ресурсы развития регионов в пространственном аспекте....... 156
**Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р.** Бозори суғурта ва таҳлили фаъолияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....... 161
**Алишоев Х.Ҳ., Юсупова З.И.** Дурнамо ва мушкилоти молияи исломӣ дар ҷаҳони муосир....... 169
**Гадоев А.Ф., Абдрукаримзода Ф.** Ҷамъиятҳои шабакавии маҷозӣ дар таҳкимбахшии худшиносии миллии ҷавонон....... 171
**Кенжаева Р.Х.** Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в современных условиях....... 174
**Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р.** Дороиҳои низоми бозори суғурта: ҳолат ва роҳҳои танзими он....... 177
**Маҳмадова М.Ш., Маҳмадова Ф.Ш.** Ташкили раванди қарздиҳии бонкӣ дар замони муосир....... 182
**Ҳабибуллозода М.Ҳ.** Хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ....... 185
**Ғафуров С.Х.** Ҷанбаҳои консептуалии идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ....... 188
**Нидоев П.Ф., Бобоёрова М.Р.** Рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ....... 192
**Нидоев П.Ф., Усмонова С.А.** Ташаккулёбии андозҳо дар низоми муосири андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон....... 197
**Усмонова С.А.** Муайян намудани манбаи андоз аз фоидаи баъзе андозсупорандагон.. 200
**Хоркашов И.С., Нодиров Ф.М.** Мораторияи санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳошияи Паёми навбатӣ....... 205
**Раҳимов С.Х.** Таъсири рақамикунонӣ ба рушди индустрияи сайёҳӣ....... 207

**Нидоев П.Ф., Усмонова С.А.** Баъзе масъалаҳои муосири андозҳо дар низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ **211**
**Одинаев Ш.О.** Субъект ва объекти фаъолияти сармоягузорӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ **215**
**Абдулхайров Ф.М., Раҳимов Р.С.** Идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ноустувории молиявӣ........................................................................................ **220**
**Ғафоров З.Б.** Усулҳои ҳифзи иттилоот: истифода аз барномаҳои муосир................... **225**
**Расулов С.Ғ., Абдуллоев Э.** Васеъгардонии доираи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим........................................................................................ **228**
**Одинаев Ш.О.** Таҳлили фаъолияти терминалҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ **230**
**Раҳмонов А.Р., Ибрагимова М.К.** Нақши таъминоти пулии иқтисодиёт дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ........................................................................................ **234**
**Худойқулова Ё.К.** Рушди иқтисод: моҳият ва хусусиятҳои идоракуни он.................... **238**
**Юсупова З.И.** Таҳлили равандҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......... **239**
**Джураева Х.Х.** Особенности формирования и пространственное развитие предпринимательства в регионе........................................................................................ **242**
**Каримов Б.Ҳ., Бобохонова Ш.Х.** Заминаҳои таърихии пайдошавии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ........................................................................................ **244**
**Тошматов Р.** Особенности и организация горного-спортивного туризма в Республике Таджикистан........................................................................................ **248**
**Кадырова М.И.** Модель специалиста в сфере туризма и его профессиональная компетентность………………………………………………………………………….... **251**
**Исоева П.** Хусусияти рушди сайёҳӣ дар шароити муосир............................................ **255**
**Абдалимова Н.А.** Анализ современных теорий человеческого капитала и его развитие........................................................................................ **257**
**Арбобов Х.М., Арбобов М.Қ., Раупов А.О.** Мухтасар андар Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ дар таърихи илм........................................................................................ **263**
**Ҳасанзода А.Х., Арбобов Х.М., Арбобов М.Қ.** Идоранамоии рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ дар шароитҳои педагогӣ........................................................................................ **268**

# МАВОДИ

**КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ»**
**(26 марти соли 2022)**

# МАТЕРИАЛЫ

**РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «РАЗВИТИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И АУИТА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ»**
**(26 марта 2022 года)**

Ба чопаш 19.03.2022 имзо шуд
Гарнитураи Times New Roman
Нашриёти “Соҳибкор”